E-mail: ziyozoda@gmail.com



Душанбе 1991 «Ориёно»

ББК 86.38
К 43

ТАҲИЯИ САИДБЕГИ МАҲМАДУЛЛОҲ, АЪЛАМИЁН МАХДУМИ АБДУССАТТОР, САИДИЁН ИСМАТУЛЛОҲИ АҲРОР, АМРИДДИНИ ҶАЛОЛ

Муҳаррир
Мӯҳтарами Ҳотам
Муҳаррири масъул
Саидбеги Маҳмадуллоҳ

Сармуҳаррир *Амриддини Ҷалол*

Қасас-ул-анбиё.— Душанбе, «Ориёно», 1991.

К 43

«Қасас-ул-анбиё» ҳикоятҳои ва ҷолибтарин китобест, ки аз рӯзгори пайғамбарон ҳикоят мекунад. Ҳама пайғамбарон ваҳйи Худованд бар ростиву дурустӣ ва некиву покӣ гирифта, онро бар уммати худ талқин намудаанд. Асар баробари қимати таърихӣ дошта саршори панду андарзҳои тарбиявию ахлоқӣ низ мебошад.

ББК 86.38

ISBN 5-7012-0086-8

0403000000—213
022(01)—91 бе эълон

© «Ориёно» Душанбе 19[illegible]



Аввалу мо халақаллоҳу — Нуру Муҳаммадин (с)

Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим

ЗИКРИ ПАЙДОИШИ КОИНОТ ВА НУРИ МУҲАММАДӢ(С)

Ал-ҳамду лиллоҳи рабб-ил-оламин ва-л-оқибату ли-л-муттақин ва-с-салоту ва-с-салому ало расулиҳи Муҳаммадин ва олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин.

Аммо баъд: Ривоят мекунад Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни Озари Бухорӣ ба асноде, ки ӯро буд аз имомулмуттақин Ҷаъфари Содиқ *(разияллоҳу анҳу)* ва ӯ аз падари хеш Муҳаммад ибни Алӣ ва ӯ аз падару ҷадди хеш сайиди шабоби аҳл-ил-ҷанна имом Зайнулобидин ибни Ҳусайн*(а)* ибни Абитолиб *(каррамаллоҳу ваҷҳаҳу)*. Гуфт, ки рӯзе пеши Расул *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* нишаста будам, ки Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ *(раз)* даромаду бинишаст ва гуфт: «Ё Расулуллоҳ, *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам, фидока би абӣ ва уммӣ*, маро хабар деҳ: аввал чизе, ки Худои азза ва ҷалл биёфарид, чӣ буд?» Пайғамбар *(с)* гуфт: «Аввал чизе, ки биёфарид, Нури ман буд, ба ҳазор сол, ки як рӯзи он ҷаҳон ҳазор соли ин ҷаҳон аст. Ва он Нури ман ба кудрати Худои азза ва ҷалл мерафтӣ ва тавоф мекардӣ, то ҷумла осори азамати Худои таъолоро мушоҳада кардӣ. Пас мар Худои азза ва ҷаллро тасбиҳу саҷда кардӣ, чандон ки Худои таъоло хост». Ва ба қавли дигар ривоят кардаанд аз Ибни Аббос *(раз)*, ки дувоздаҳ ҳазор сол мегашт ва тавоф мекард ва Худои аззаву ҷаллро ба покиву ягонагӣ ёд мекард.

Ва гуфт: «Пас Худои таъоло он Нурро ба чаҳор қисм гардонида, аз як қисм Аршро биёфарид ва аз як қисм Қаламро биёфарид ва аз як қисм Биҳиштро биёфарид ва аз як қисм муъминонро биёфарид. Ин чаҳор қисмро боз чаҳор қисм кард. Аз қисми аввал азизу мукаррамтар маро биёфарид, ки Расу-

лам(с) ва аз қисми дуввум Аклро биёфарид ва дар сари муъминон ниҳод. Ва аз қисми савум Шармро биёфарид ва дар чашми муъминон ниҳод. Ва аз қисми чаҳорум Ишқро биёфарид ва дар дили муъминон ниҳод. Пас фармон омад Қаламро, ки бар соқи Арш бинвис: **Ло илоҳа иллаллоҳ Муҳаммадун расулуллоҳ,** *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам.* Чаҳор садсола менавишт, то нима навишта шуд: **Ло илоҳа иллаллоҳ.**

Овардаанд, ки чун Қалам бинвишт: **Ло илоҳа иллаллоҳ,** гуфт: «Донам, ки Ту бе мислу бе назирӣ ва бе вазирӣ. Набиштам **Ло илоҳа иллаллоҳ,** то намедонам, ки ин номи кабир, ки бо номи туст, номи кист». Аз Ҳаққ чалла ва ъало хитоб омад, ки номи ҳабиби ман ва баргузидаи ман аст. Бинвис: **Муҳаммадун расулуллоҳи.** Аз ҳайбати хитоби Ҳаққ сари Қалам шигофта шуд. Пас навишт: **Муҳаммадун расулуллоҳи (с).** Ин суннат бимонд то рӯзи қиёмат, ки то сарашро бишигофанд ва бинвисанд.

Пас Аршро биёфарид ва дар вай ҳаждаҳ ҳазор бурҷ бино кард, дар ҳар бурҷ ҳаждаҳ ҳазор рукн падид овард ва ба ҳар рукн ҳаждаҳ ҳазор кунгура пайдо кард ва ба ҳар кунгура ҳаждаҳ ҳазор қандил, чандон тавил, ки агар ҳафт табақаи осмону замин ва он чи дар миён аз ману шумост, дар як қандил ниҳанд, ӯ ҳамчунон намояд, ки гӯё ангуштарӣ дар миёни биёбоне ниҳодаанд. Пас чаҳор фариштa биёфарид: яке бар сурати одамӣ ва яке бар сурати шер ва яке бар сурати кургас ва яке бар сурати гов. Ва ҳар фариштa чунон, ки пойҳои эшон ба Таҳтуссаро фуру рафта ва китфи эшон дар зери Арш. Ва ҳар қадаме, ки бардоранд, ба ҳафтҳазорсола роҳ буд.

Он гоҳ фармон омад аз Ҳаққ таъоло, ки дароед ва Аршро бардоред. Ҳар чаҳор фариштa даромаданд ба-д-ин азамат, ки зикр кардам. Қувват карданд, натавонистанд. Нидо омад, ки қуввати ҳафт осмону ҳафт замин ва ҳар чи дар миёни он аст, ба шумо ҳар яке додам, баргиред. Натавонистанд, оҷизу мутаҳайиру фуру монданд. Ҳаққ таъоло илҳом дод эшонро, то бигӯянд: **«Субҳона зӣ-л-мулки ва-л-малакут. Субҳона зӣ-л-иззати ва-л-азамати ва-л-ҳайбати ва-л-қудрати ва-л-камоли ва-л-ҷамоли ва-л-ҷалоли ва-л-кибриёи ва-л-ҷабарут. Субҳона зӣ-л-мулки-л-ҳаййил-лазӣ ло яному ва ло ямут, субуҳун, қудусун, раббуно ва рабб-ул-малоикати ва-р-рух»** бар забон ронданд. Аршро бардоштанд ба қудрати Ҳаққтаъоло.

Ва Абдуллоҳ ибни Аббос (*раз*) гуфтааст, ки чун фариштагон ин тасбиҳ гуфтанд: **«Субҳоналлоҳ ва-л-ҳамду лиллоҳ ва ло илоҳа иллаллоҳ валлоҳу акбар. Аллоҳу акбар ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳи-л-ъалий-ил-азим»,** Аршро бардоштанд ба қудрати Худои таъоло. Ҳам ба-д-ин тасбиҳ Биҳишт

ва фариштагонро биёфарид, то гирд ба гирди Арш даромадаанд ва тавоф мекарданд ва омурзиш мехостанд бандагони Худои азза ва ҷаллро. Қавлуҳу таъоло: **Ал-лазина яҳмилуна-л-ъарша ва ман ҳавлаҳу юсаббиҳуна би ҳамди раббиҳим ва юъминуна бихи ва ястағфируна ли-л-лазина оману Раббано васиъта кулла шайъи-р-раҳматан ва илман фағфир ли-л-лазина тобу ва-т-табаъу сабилака вақиҳим ъазоба-л-ҷаҳим.**[а]

Он гаҳ дар зери Арш донаи Марворид биёфарид ва аз он Марворид Лавҳи Маҳфузро биёфарид. Баландии вай ҳафтсадсола роҳ ва паҳноии вай садсола роҳ, гирдогирди вай ҳамаи ба ёқути сурх ороста шуд. Ба қудрати Худои таъоло он гоҳ Қаламро фармон омад, ки **Уктуб илмӣ фӣ халқӣ ва мо ҳува коинун ило явм-ил-қиёмати.** Фармуд, ки бинвис илми ман дар халқи ман то рӯзи қиёмат. Аввал навишта бар Лавҳи Маҳфуз: **Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Аноллоҳу ло илоҳа илло ано, ман истаслама ва би қазой ва ясбиру ъало балой ва яшкуру ъало нуъамой, катабтуҳу ва баъастуҳу маъа-с-садиқина. Ва ман лам ярзӣ би қазой ва лам ясбир ъало балой ва лам яшкур ъало нуъамой, фалиятлуба раббан сивой ва яхруча мин таҳта самой.** Пас Қалам бинвишт илми Худо дар халқи Худои таъоло, ҳар чи хоста буд то рӯзи қиёмат: миқдори барги дарахте бичунбад ё фуруд ояд ё барояд ва мисли ин ҳама навишта шуд ба қудрати Худои таъоло. Пас Лавҳи Маҳфуз бар худ бичунбид ва гуфт: **«Ал-ҳамду лиллоҳи мам-мисли»**, пас мисли ман кист, ки илми Худои аззаву ҷалл бар ман мактуб шуд Нидо омад, ки **Ямҳуллоҳу мо яшоу ва юсбиту ва ъиндаҳу Уммулкитоби**[б]. Ки маҳв кунам он чи хоҳам ва исбот кунам он чи хоҳам.

Абдуллоҳ ибни Аббос (*раз*) гӯяд: «Он чи Қалам навиштааст, тағйиру табдил напазирад, магар чаҳор чизро: **ар-ризқ ва-л-ачал ва-с-саодат ва-ш-шақоват.** Ин чаҳор чиз дар азал сабт рафтааст».

Он гаҳ Худои таъоло нидо кард ба-д-он Марворид ва гуфт: **Вассиъ**, яъне — фарох шав! Марворид боз шуд ба фарохии ҳафт осмону ҳафт замин ва он Курсӣ аст. Қавлуҳу таъоло: **Васиъа курсийюҳу-с-самовоти ва-л-арз**[в] Он гаҳ дар зери он Курсӣ донаи Марворид офарид. Овардаанд, ки Марвориде, ки болои вай понсадсола роҳ аст ва паҳноии ӯ понсадсола роҳ. Пас Ҳаққ таъоло ба назари ҳайбат тарафи вай нигарист. Марворид бар худ биларзид ва об гашт. Он гаҳ чаҳор бол

[а] Қуръон: 40, 7, (ин чо ва баъд: аркоми аввал шумораи Сура, аркоми сонӣ шумораи оят аз Қуръони мачид).

[б] Қуръон: 13, 39.

[в] Қуръон: 2, 255.

офарид: якс Сабо, дувум Дабур, савум Чануб, чаҳорум Шимол. Пас хар чаҳор бодро фармон омад, то чаҳор гӯшаи он Об даромаданд ва мавҷхо аз он Об бархост ва аз рӯи мавҷ кафе бархост. Пас Оташро биёфарида фармон дод, то ба рӯи ин Об бирафт. Ва Дуде баромаду бар хаво муаллак биистод дар миёни Курсиву Об. Пас Худои таъоло амр кард, то он Дуд ҳафт пора шуд. Ва як пора об гашт ва як пора мис гашт ва як пора оҳан ва як пора сим ва як пора зар ва як пора марвориду ёкути сурх гашт.

Аз Об Осмони аввал биёфарид ва аз Мис — Осмони дувум ва аз Оҳан — Осмони савум ва аз Сим — Осмони чаҳорум ва аз Зари сурх — Осмони панчум ва аз Марворид — Осмони шашум ва аз Ёкут — Осмони ҳафтум биёфарид. Он гах ҳар осмонро аз якдигар поисадсода роҳ чудо кард. Пас Худои таъоло ба қудрати комилаи хеш аз кафи он Об тали сурх падид овард, то он чо, ки имрӯз Хонаи Каъба аст. Пас фармон дод Чабраил (а) ва Микоил (а) ва Исрофил (а) ва Азроил (а)-ро, то чаҳор гӯшаи талро гирифта бозкашиданд. Худои таъоло ин заминро аз тали сурх офарид. Қавлуҳу таъоло: **Халақал-арза фӣ явмайни.**[а] Яъне: ҳаман замин дар ду рӯз офарид.

Ва дар хабар аст аз Абдуллоҳ ибни Салом *(раз)*, ки рӯзе ба имтиҳон пеши Расул *(с)* омад ва гуфт: Ё Расулаллоҳ! Худои аззаву ҷалл ин заминро аз чӣ офарид?

Гуфт: Аз каф.

Гуфт: Каф аз чӣ офарид?

Гуфт: Аз мавҷ.

Гуфт: Мавҷ аз чӣ офарид?

Гуфт: Аз об.

Гуфт: Об аз чӣ офарид?

Гуфт: Аз донаи марворид.

Гуфт: Он донаи марворид аз чӣ офарид?

Гуфт: Аз торикӣ.

Гуфт: Саддакта, ё Расулаллохи *(с)*.

Боз пурсид: Қарори замин аз чист?

Гуфт: Аз кӯхи Қоф.

Гуфт: Кӯхи Қоф аз чист?

Гуфт: Аз зумурради сабз. Ва сабзии осмон аз он аст.

Гуфт: Саддакта, ё Расулаллохи *(с)*.

Гуфт: Болои кӯхи Қоф чӣ микдор аст?

Гуфт: Поисадсола роҳ аст.

Гуфт: Гирдогирди вай чанд аст?

Гуфт: Ду хазор сол роҳ аст.

Гуфт: Аз он сӯи кӯхи Қоф чист?

[а] Қуръон: 41, 9.

Гуфт: Ҳафт замин аст аз мушк.
Гуфт: Аз он сӯй чист?
Гуфт: Ҳафт замини дигар аст аз кофур.
Гуфт: Аз он сӯй чист?
Гуфт: Ҳафт замини дигар аст аз сим.
Гуфт: Аз он сӯй чист?
Гуфт: Ҳафтод ҳазор алам аст, зери ҳар алам ҳафтод ҳазор фариштаанд; нидо мекунанд: Одам *алайҳиссалломро* ба ин тасбиҳ Ҳақтаъоло офаридааст. Ва тасбиҳи Одам ин аст, ки **Ло илоҳа иллаллоҳ Муҳаммадун расулуллоҳ** (*с*).
Гуфт: Саддақта, ё Расулаллохи (*с*).
Гуфт: Аз он сӯй чист?
Гуфт: Море аст, ки дарозии ӯ ду ҳазор сол роҳ аст ва ин олам дар миёни ҳалкаи ӯст.
Гуфт: Саддақта, ё Расулаллохи (*с*). Замини ҳафтум чои кист?
Гуфт: Чои фариштагон. Ва замини шашум чои Иблису фарзандонаш ва замини панҷум чои девон ва замини чаҳорум чои морон ва замини савум чои газандагон ва замини дувум чои паррён ва замини аввал чои одамиён.
Гуфт: Саддақта, ё Расулаллохи (*с*). Зери замини ҳафтум чист?
Гуфт: Гове. Ва ин ҳафт замин дар миёни ду қуруни вай аст.
Гуфт: Снфати он гов чист?
Гуфт: Чаҳор ҳазор қурун дорад, ки аз қурун то қуруни дигар ионсадсола роҳ аст.
Гуфт: Пои гов бар чист?
Гуфт: Бар муҳраи пушти моҳӣ.
Гуфт: Моҳӣ бар чист?
Гуфт: Бар обе, ки қаъри он чиҳилсола роҳ аст.
Гуфт: Об бар чист?
Гуфт: Бар бод.
Гуфт: Ӯ бар чист?
Гуфт: Бар зулмат.
Гуфт: Зулмат бар чист?
Гуфт: Бар дӯзах.
Гуфт: Дузах бар чист?
Гуфт: Бар санги сиёҳ.
Гуфт: Санг бар чист?
Гуфт: Бар фарқи фариштa.
Гуфт: Пои фариштa бар чист?
Гуфт: Бар ҳаво.
Гуфт: Ҳаво бар чист?
Гуфт: Бар қудрати Худои таъоло.

Гуфт: Қудрат бар чист?

Гуфт Расулуллоҳ(*с*): Қудрати ӯ бепоён аст аз он ки пурсиш аз ӯ набошад. Ва ӯ дар ғайри макон аст, зеро ки қудрат сифати ӯст ва аз ҷой муназзаҳ аст.

Гуфт: Саддақта, ё Расулаллоҳи(*с*).

Абдуллоҳ ибни Аббос, *разияллоҳу анҳумо,* гӯяд, ки Худои таъоло дар миёни ҳар осмон нуре офаридааст, аз он нур фариштагони бешумор. Ва эшонро илҳом дода ва тасбиҳу такаддусу таҳмиду таҳлил мекунанд ва аз Худои аззаву ҷалл як соъат наёсоянд. Ва агар як соъат аз зикри Худои таъоло гофил бимонанд, филҳол бисӯзанд. Ва гуфтаанд, ки баъзе аз эшон ба сурати говон ва баъзе ба сурати каргасон ва баъзе ба сурати морон ва баъзеро ниман боло барф ва ниман зерин аз оташ, тасбиҳ мекунанд. Ва тасбиҳи эшон ин аст: **Субхона ман алафа байна-с-салҷи ва-н-нори,** яъне: пок аст Худои таъоло, ки созгорӣ дод ба миёни барфу оташ, ки на оташ барфро гудозад ва на барф оташро мекушад.

Ва баъзе аз он фариштa дар қиём ва баъзе дар рукуъ ва баъзе дар суҷуд ва баъзе дар қуъуд то рӯзи қиёмат як соъат аз тоъат наёсоянд. Чун рӯзи қиёмат шавад, забон ба узр бикшоянд, ки **Субҳонака мо ъабаднока ҳаққа ъибодатика,** яъне: эй Худо, напарастидем туро чунон ки ҳаққи парастидан турост. Пас Худои таъоло ин ҳафт рӯзро биёфарид. Ба рӯзи якшанбе ҳомилони Аршро биёфарид ва ба рӯзи душанбе ҳафт табақаи осмон офарид ва ба рӯзи сешанбе ин ҳафт табақаи замин офарид ва ба рӯзи чаҳоршанбе торикӣ биёфарид ва ба рӯзи панҷшанбе манфаъати замин ва он чи дар ваяст, биёфарид ва ба рӯзи одина офтобу моҳтобу ситорагонро биёфарид ва ҳафт фалакро гардон кард.

Ва дар шаш рӯз ҳама оламро биёфарид. Қавлуҳу таъоло: **Халақа-с-самовоти ва-л-арза ва мо байнаҳумо фӣ ситтати айёмин.**[а] Ва як рӯзи он ҷаҳон ҳазор соли ин ҷаҳон аст. Қавлуҳу таъоло: **Ва инна явман ъинда раббика ка-алфи санатин миммо таъуддуна.**[б] Худои таъоло қодир бувад, ки ин чандин ҳазор махлуқотро ба як турфатулъайн биёфаринад, валекин бандагони худро меомӯзонад, то дар кор сабр кунанд, ки **Ас-сабру мифтоҳ-ул-фарақи,** яъне сабр калиди ҳама кушоишҳост.

Пас Худои таъоло Сарорро биёфарид ва ин Саро замин аст аз гили тар. Ва Абдуллоҳ Ибни Аббос (*раз*) гуфт: «Саро сангии сабз аст». Худои таъоло дар зери Саро Дӯзахро биёфарид ва ӯро мутеъи Молики Дӯзах гардонид. Ва нуздаҳ фариштa биёфарид ва эшонро дар амру наҳйи Молик гардонид. Қав-

---

[а] Қуръон: 25, 59.Ниг. низ 32, 4 ва 50, 38.

[б] Қуръон: 22, 47.

л у ҳ у т а ъ о л о: **Ъалайҳо тисъата ъшара.**[в] Аз он фариштагон ҳар яке ҳафтод ҳазор даст доранд ба ҷониби рост ва ба ҷониби чап ҳафтод ҳазор даст ва бар ҳар дасте ҳазор каф ва бар ҳар кафе ҳафтод ҳазор ангушт ва бар ҳар ангуште ҳафтод ҳазор аждаҳо ва бар сари ҳар аждаҳо як мор аст ва дарозии он ҳафтодҳазорсола роҳ аст ва бар сари ҳар море як каждуме. Чун яке аз он каждум агар яке захм дӯзахиёнро бизанад, ҳафтод сол аз дарди он биғалтанду фарёд кунанду биноланд. Ва дастҳои дигар, ки ба ҷониби чапи эшон аст, бар сари ҳар ангуште амуде аз оташ доранд, ки аз он амудҳо яке дар Арасоти қиёмат бияфгананд, ҳама махлуқот аз деву париву одамӣ хоҳанд, ки он амудро аз ҷой бичунбонанд, харгиз натавонанд ва оҷиз шуда қосир оянд.

Пас ин нуздаҳ фариштаро ба-д-ин сифат, ки гуфтам, фармон омад, ки дар Дӯзах шавед. Гуфтанд: «Худовандо! Аз ҳайбати оташ наметавонем рафт». Нидо омад, ки Ҷабраил (а) хотаме аз Биҳишт биёварад ва ба-д-он хотам навиштааст: **Ло илоҳа иллаллоҳ Муҳаммадун расулуллоҳ** (с). Он хотам бар пешонии ҳар фариштa ниҳад, то доғи Аҳмадӣ бар пешонӣ падид ояд.

Овардаанд, ки Ҷабраил *алайҳиссалом* хотам аз Биҳишт оварда, доғ бар пешонии ҳар фариштa ниҳод ва он нуздаҳ фариштa ба баракати Муҳаммади Мустафо *(с)* баякбор дар Дӯзах шуд. Аз он замон то рӯзи қиёмат дар Дӯзаханд. Эшонро аз оташи Дӯзах ҳеч аламе намерасад ва касе, ки Доғи Аҳмадӣ бар пешонӣ дорад, алами оташ ба-д-ӯ намерасад. Муъмине, ки ҳафтод сол доғи Аҳмадӣ бар дили вай навишта буд, ки **Улоика катаба фӣ қулубиҳиму-л-имона.**[а] аҷаб аст, ки оташи Дӯзах вайро бисӯзад.

Пас Дӯзахро ҳафт дар биёфарид. Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Лаҳо сабъату абвобин ли кулли бобим-минҳум ҷузъум-мақсумун.**[б] Табақаи аввал Ҷаҳим ва дувум Ҷаҳаннам ва савум Сақар ва чаҳорум Саъир ва панҷум Лазӣ ва шашум Ҳовия ва ҳафтум Ҳутама.

Дар хабар аст, ки рӯзе Ҷабраил*(а)* пеши Муҳаммад*(с)* ин оятро овард: Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Фа халафа мин баъдиҳим халфун азоъу-с-салота ва-ттабаъу-ш-шаҳавоти фа-савфа ялқавна ғайян.**[в] Дар он вақт замин бичунбид ва куҳҳо биларзид ва овоз баромад, чунон ки рангу рӯи муборакн Пай-

---

Маъзарат мехоҳем, ки бо сабаби тағйири андозаи китоб тартиби алифбои ҳуруфи ишоравӣ низ тағйир ёфта. Аз ин рӯ муроҷиат мутаносибан сурат гирад. **(Идора).**

[в] Қуръон: 74, 30.
[а] Қуръон: 58, 22.
[б] Қуръон: 15, 44.
[в] Қуръон: 19, 59.

гомбар *(с)* тағайюр гашт. Ва гуфт: «Эй Ҷабраил!*(а)* Ин чӣ овоз аст?» Ҷабраил*(а)* гуфт: «Ё Расулаллоҳ*(с)!* Бидон, ки пеш аз Одам *алайҳиссалом* ҳафт ҳазор сол санге аз канораи Дӯзах раҳо шуда буд ва он санг сездаҳ ҳазор ман аст. Имрӯз ба қаъри Ҳутама расид. Овозе, ки ба самъи муборак гузашт, аз он санг буд. Акнун понздаҳ ҳазор сол аст, ки он санг фуру мешуд, то имрӯз ба қаъри Ҳутама расид». Ҳазрат фармуданд, ки ё Ҷабраил*(а)*, он ҷои кист? Гуфт: «Ҷои мунофикон аст». Қавлуҳу таъоло: **Инна-л-мунофиқина фӣ-ддарки-л-асфали мин-ан-нор.**

Ва дари шашум ҷои мушрикон ва дари панҷум ҷои бутпарастон ва дари чаҳорум ҷои муғон ва дари савум ҷои тарсоён ва дари дувум ҷои ҷуҳудон ва дари аввал ҷои осиён аст аз уммати ту. Қавлуҳу таъоло: **Инна-л-лазина оману ва-л-лазина ҳоду ва-с-собиина ва-н-насоро ва-л-маҷуса ва-л-лазина ашраку.**[а] Ин шаш гурӯҳ дар Дӯзах бошанд. Ва аз дар то дари дигар ҳафтодҳазорсола роҳ аст. Пас Худои таъоло бифармуд, то ҳазор сол оташро битофтанд, то сурх шуд ва ҳазор соли дигар битофтанд, то сафед гардид ва ҳазор соли дигар битофтанд, то сиёҳ шуд. Акнун ҳам сиёҳ аст. Пас табаке сангиро биёфарид, ситабрии ӯ понсад сол рох аст. Ва он сангро бар Дӯзах пӯшонид то рӯзи қиёмат. Пас санги дигар дар зери Дӯзах биёфарид. Пас фариштаро фармон омад, то дар зери он санг дарояд ва қадами он фариштаро бар пушти наша ниҳод. Пас моҳӣ биёфарид, то аз Арш фуруд омад ва шоҳаки онро бар он санг ниҳод ва сар бозгардонид, чунон ки занби вай аз соқи Арш ҷудо нашудааст ба қудрати Аллоҳ таъоло.

Он гоҳ аз Фирдавси аъло говеро фиристод бо ҳафтод ҳазор шох, пой бар пушти моҳӣ ниҳод ва шохҳо дар замин сахт карда. Гов хост, то ба худ бичунбад. Худои таъоло пашаро биёфарид ва омад дар бинии гов ва ӯро газид. Гов биларзид ва аз он дард қарор гирифт. Акнун он паша дар бинии гов аст то рӯзи қиёмат, ки ҳеч гоҳ аз бими он натвонад чунбид. Ва агар он гов бичунбад, олам зеру боло баргардад. Ва шарҳи он дар қиссаи Абдуллоҳ ибни Салом мастур аст.

Пас Худои таъоло регро биёфарид ва бодро фармон шуд, то регро даргардонад, то ҳама рег сахт шуд. Пас як нима бар замин бимонд ва як нима зери замин фуру шуд. Пас оташе биёфарид бедуд. Пас Худои таъоло париёнро аз он оташ биёфарид. Қавлуҳу таъоло: **Ва-л-ҷонна халақноҳу мин каблу мин нори-с-самум.**[б] Ва он гоҳ ҷаҳон аз парнён пур гашт. Ҳам бар эшон пайғамбаре фиристод, номи вай Юсуф, то эшон-

---

а Қуръон: 22, 17.
б Қуръон: 15, 27.

ро шариат биёмӯзонид. Парнён вайро куштанд ва даст ба фасоди ҳам ниҳоданд ва пой аз ҳадд берун бурданд, то он ки Ҳақтаъоло Азозилро бо фариштагон фиристод, то эшонро халок сохт ва чаҳон аз эшон холӣ гашт. Валлоху аълам.

ЗИКРИ АЗОЗИЛ АЛАЙҲИЛЛАЪНА.

Ҳазрати субҳонаҳу ва таъоло ду сурат дар Дӯзах биёфарид: яке ба сурати шер, дувум ба сурати гург. Эшон аз дарғаҳи Дӯзах ба Сичин баромаданд ва низ ҳар ду чуфт гаштанд ва ба ҳам чамъ шуданд. Худои таъоло Азозилро пайдо кард, Азозил дар Сичин ҳазор сол Худои таъолоро сачда кард. Он гаҳ бар Замин омад, ба ҳар табака ҳазор сол Худои таъолоро сачда кард, то бар замини Дунё омад. Пас ӯро ду пар дод Худои таъоло аз забарчади сабз, то бар осмони аввал шуд. Ҳазор сол Худои таъолоро сачда кард. Хошиъаш ном карданд. Боз парид, ба осмони дувум шуд. Ҳазор сол ибодат кард ва аҳли осмон ӯро Обид ном карданд. Баъдаҳу ба осмони савум расид, ҳазор сол сачда кард мар Худойро. Аҳли осмони савум ӯро Солиҳ ном ниҳоданд. Ва ҳамчунин бар осмони чаҳорум рафт, ҳазор сол Худои аззаву чаллро сачда кард, Валияш ном карданд. Баъдаҳу бар осмони панчум рафт, ҳазор соли дигар мар Худойро сачда кард — Азозил ном ниҳоданд. Баъдаҳу бипарид бар осмони шашум, ҳазор сол сачда кард. Боз бипарид, бар осмони ҳафтум шуд, ҳазор сол сачда кард, то дар ҳама кавну макон ба сачда бигаравид. Ва як кафи даст аз Замину Осмон бокӣ намонд, ки ӯ он чо ибодат накард. В-он гаҳ бар Арш шуд, шаш ҳазор сол Худойро сачда бар як макон кард. Чун сар аз сачда бардошт, ҳочат хост ва гуфт: «Худовандо! Маро бар Лавҳи Маҳфузи худ мутталиъ гардон, то сунъи ту бубинам ва ибодат зиёда кунам».

Фармон омад Исрофил *алайҳиссаломро*, то вайро аз Лавҳи Маҳфуз мутталиъ гардонад. Чун ӯ бар Лавҳи Маҳфуз расид, чашмаш бар хатте афтод, ки дар он навишта буд, ки як банда Худои аззаву чаллро ҳаст, ки шашсад ҳазор сол Худойро сачда кунад, окибат ба сабаби як сачда, ки накунад, Худои аззаву чалл ӯро кофир гардонад ва ибодати шашсад ҳазор солро нобуд карда, номи ӯ Иблис кунад. Ва вай ба ҳукми Худои таъоло махзул гардад ва мардуд шавад. Чун хат бидид, он чо биистод ва шашсад сол бигрист. Аз Худои таъоло нидо омад, ки ё Азозил, касе, ки фармон набарад ва тоати ман накунад, сазои вай чист? Гуфт: «Худовандо! Ҳар ки фармони худованди худ набарад, сазои ӯ лаънат бувад». Нидо омад, ки хатте бинвис ва нигаҳ дор.

Абдуллоҳ ибни Аббос (*раз*) гӯяд: Аз он рӯз, ки ин сухан рафт, дувоздаҳ ҳазор сол буд то вақти лаънати Азозил. Мегуфт: **А ло лаънатуллоҳи ман мо атоъаллоҳа.** Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло фармуд, то вайро дар Биҳишт баранд. Ҳазор сол хазинадори Биҳишт буд (ҳар рӯзе ҳазор сол ба соли инчаҳонӣ буд). Пас дар Биҳишт минбаре ниҳод аз нур, то бар он минбар шуд. Дувоздаҳ ҳазор сол ваъз мегуфт Ҷабраил (*а*), ва Микоил (*а*) ва Исрофил (*а*) ва Азроил (*а*) ва ҷамиъи малоика дар пои минбари вай менишастанд ва ваъзу мавоиз меомӯхтанд, то кор ба ҷое расид, ки фариштагон ба якдигар гуфтанд: «Агар аз мо гуноҳе ба вуҷуд ояд, Азозилро шафиъи худ гардонем, Худои аззаву ҷалл гуноҳи мо афв кунад». То рӯзе назари фариштагон бар он хат афтод ва ҷамиъ ба гиря даромаданд ва зорӣ мекарданд.

Азозил мегуфт: «Шуморо чист?» Гуфтанд: «Дар Лавҳи Маҳфуз навишта аст, ки аз миёни мо якеро мағрур кунад». Гуфт: «Ман аз Худои таъоло мехоҳам, то ӯро ба ман бахшад». Ҳама хомӯш шуданд.

Азозил рӯзе гуфт: «Эй бори Худоё! Бар рӯи Замин париён фасод мекунанд. Маро сипоҳ деҳ, то ба эшон ҳарб кунам!» Ҳукм шуд, то бо чаҳор ҳазор фариштa бар Замин бирав ва бо париён ҳарб кун, баъзеро бикуш, баъзеро ба кӯҳи Қоф бияндоз, то рӯи Замин аз эшон пок гардад! Он гоҳ Азозил бо фариштагон дар Замин омад. Пас Хитоби Кибриёӣ даррасид, ки ё фариштагон, ман бар Замин халифа хоҳам фиристод! Фариштагон гуфтанд: «Худоё! Халифа хоҳӣ офарид, ки дар Замин фасод кунад ва хуни ноҳақ резад, чунон ки париён карданд!» Қавлуҳу таъоло: **Ва из қола раббука ли-л-малоикати иннӣ ҷоъилун фӣ-л-арзи халифатан қолу а таҷъалу фиҳо ман юфсиду фиҳо ва ясфику-д-димоа ва нахну нусаббиҳу би ҳамдика ва нуқаддису лака қола иннӣ аъламу мо ло таъламун.**[а] Гуфтанд: «Мо туро тасбиҳу тахлил мекунем». Ниндо омад, ки эй фариштагон, ман он донам, ки шумо намедонед. Ман аз миёни шумоён Иблисро донам ва аз одамиён чун Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ро донам ва шумо надонед! Ҳама сар фуруд оварда, хиҷил гаштанд.

Пас Ҷабраил (*а*)-ро ҳукм шуд, ки қабзае хок аз рӯи Замин баргиру биёр. Ҷабраил (*а*) он ҷо, ки имрӯз Хонаи Каъба аст, фуруд омад. Замин дар зери акдоми ӯ биларзид ва гуфт: Э Ҷабраил (*а*), чӣ хоҳӣ?» Гуфт: «Як қабзаи хок аз ту хоҳам гирифт». Замин Ҷабраил (*а*)-ро савганди Худо дод, ки аз ман хок барнадорӣ. Ман метарсам, ки аз ман халифа пайдо ку-

[а] Қуръон: 2, 30.

над ва аз вай фарзандони ӯсӣ шаванд ва муставҷиби Дӯзах гарданд ва ман токати азоби Худои аззаву ҷалл надорам.

Ҷабраил (а) бозгашт ва гуфт: «Малико ту донотарӣ. Замин маро савганди ту дод, наёвардам. Агар фармоӣ, биёварам!». Фармон омад, ки ӣ Микоил(а), бирав бар Замин ва қабзае хок биёр! Чун Микоил(а) биёмад, Замин боз савганд дод. Микоил(а) бозгашт ва гуфт: «Малико, маро савганди ту дод, натвонистам овард!» Пас Исрофил(а)-ро фармон омад, ӯро низ савганди азим дод. Бозбирафт ва гуфт: «Маро ҳам савганд дод, наёвардам». Пас Азроил(а)-ро фармон омад, ки аз Замин қабзае хок биёр! Чун бар Замин омад, Замин ӯро ҳам савганд дод. Гуфт: «Эй Замин! Ту маро савганди хамон кас медихӣ, ки маро фармудааст. Ман нофармонии ӯ намекунам». Даст фароз кард ва аз ҳама рӯи Замин қабзае хок баргирифт ва биёварду гуфт: «Худоё, ту донӣ, инак овардам, савганди ӯ ёвар надоштам аз бими фармони Ту!»

Ҳақ таъоло гуфт: «Ё Азроил!(а) Ман аз ин хок халифа хоҳам офарид ва туро бар ҷони эшон мусаллат гардонам, то ҷони инҳоро ту қабз кунӣ!» «Азроил(а) гуфт: «Бандагони ту маро душман доранд». Гуфт: «Ё Азроил!(а) Ғам мадор, ман Худовандам, ҳар якеро сабабе созам, то эшон ба он сабаб машғул шаванд ва туро душман надоранд. Якеро алам диҳам ва якеро таб ва якеро ба об ғарқ кунам ва якеро ба қатл ҳалок кунам».

Нидо омад фариштагонро, то он хок фурӯ кунанд миёни Маккаву Тоиф ва бисириштанд Пас абре баромад ва оби рахмат биборид, чунончи дар ду сол он хок гил ва ба ду соли дигар салоба ва ба ду сол фихор ва ба ду соли дигар сурат шуд, чунон ки Худои таъоло хост. Пас рӯзе Иблис бо ҳафтод ҳазор фариштa бар сари Одам расид ва Одамро дид, ки бар хок афтодааст. Ба чашми ҳақорат нигоҳ кард. Малоик гуфтанд, ки ё Азозил, рӯзе ин мушти хок халифа хоҳад буд. Гуфт: «Бале, агар Худои карим ин суратро дар фармони ман кунад, ӯро ҳалок кунам ва агар маро дар фармони ӯ кунад, сар аз мутобааташ битобам».

Дар хабар аст аз Абдуллоҳ ибни Аббос(раз), ки чун Иблис ба қолиби Одам *алайҳиссалом* дар шуд, то ба нофаш расид, оташ аз он ҷо бадар омад, бӯйзу адовати он дучанд шуд. Оби даҳан бар қолиби Одам *алайҳиссалом* андохта бирафт. Ҳаққ таъоло Ҷабраил(а)-ро фиристод, то оби даҳони Иблисро аз колбуди Одам(а) баргирад. Ва аз он оби даҳони ӯ саг офарид ва аз гили Одам дарахти хурмо.

Абдуллоҳ ибни Аббос(раз) гӯяд, ки ҷони Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* дар қандил

Арш тасбиҳ мекард. Пас қатрае арақ аз он қандил бичакид ва бар Замин омад, ба-д-он мавзиъ, ки акнун турбати мунаввари мутаҳҳараи ҳазрати Хотамуланбиё аст.

Боз фармон омад: Ё Ҷабраил(а), он хокро баргир ва бо мушку анбар муанбар сохта, дар пешонии Одам *алайҳиссалом* бимол! Лиҳаза нури Одам(а) аз молиши он хоки атромез пайдо шуд. Ва чиҳил рӯз баромад, чун вақти хилқати руҳи Одам(а) буд, фармон омад аз Рабби ҷалилу ҷаббор, ҷалла ва ало: «Ё Ҷабраил ва Миконл ва Исрофил ва Азроил, алайҳим ассалом, биравед ҷони Одам(а)-ро биёред ва дар қолиби ӯ бирасонед!» Бо ҳар яки он ҳафтод ҳазор фариштa ҷони Одам(а)-ро дар табақе аз нур ниҳоданд ва табақпӯше аз нур бар вай афганданд ва ба сари Одам(а) ниҳоданд. Ва он табақпӯш аз сари ҷон баргирифтанд, то ҷумлаи малоики ҳафт осмон ба назораи ӯ даромаданд, то ҷони Одам *алайҳиссалом-ро* дар қолаб бубинанд.

Фармон омад, ки **Айюҳо-р-руҳ-удхул фӣ ҳаза-л-ҷасади,** эй ҷони Одам (а), ба тани Одам (а) дар шав! Ҳафт бор гирди қолаби Одам *алайҳиссалом* баромад ва гуфт: «Малико, ман ҷисми нуроиам ва дар ин қолаби касифи зулмонӣ чи гуна андар шавам? «Нидо омад, ки эй рӯҳи Одам(а), **удхул карихаи ва ухруҷ кариҳан,** яъне ба карохатӣ дар ин шав ва ба карохатӣ берун ой аз ин! Он гаҳ ҷони Одам *алайҳиссалом* ба бинӣ даршуд ва гирди димоғ бигашт. Чун Одам *алайҳиссалом* чашм боз кард, ҷон ба ҳалқи Одам(а) фуру шуд ва аз ҳалқ ба сина шуд, то ба ноф расид. Ва он гил бо гӯшту пӯсту устухон ва рагу пай шуд. Ба қудрати Худои таъоло Одам(а) даст бар Замин зад ва хост, ки бархезад. Фариштагон гуфтанд, ки ин банда шитобзада хоҳад шуд, ҳанӯз ниман тани ӯ гил аст мехоҳад, ки бархезад. Қавлуҳу таъоло: **Хуликал-инсону мин ъаҷалин.**[а] Яъне: офарида шуд инсон шитобзада. Одам алайҳиссалом бар тани худ менигарист ва медид, ки Худои таъоло ӯро аз чӣ офаридааст.

Чун ҷони Одам(а) ба каъб расид, монанди ҳаво дар рагу гӯшту пӯсти Одам(а) мегашт ва наменишаст, Худои таъоло фариштаро фиристод, то димоғи Одам(а)-ро бихорад ва пешонӣ бимолад, то ҷони Одам(а) дар гӯшту пӯсту раги ӯ карор гирад. Чун чунон карданд, дарҳол атса баромад. Одам ба илҳоми Худои таъоло гуфт: **Ал-ҳамду лиллоҳи рабб-ил-ъоламин.** Ҷавоб аз Ҳазрати Иззат расид, ки **Ярҳамукаллоҳу,** яъне Худои таъоло бар ту раҳмат кунад! Лоҷарам бар ҳама мусулмонон воҷиб шуд, ки чун атса зананд, гӯянд: **Ал-ҳамду лиллоҳи рабб-ил-ъоламин,** ҷавоби ӯ бигӯянд: **Ярҳамукаллоҳу.** Пас фар-

[а] Қуръон: 21, 37.

мон омад, ки ё Ҷабраил(а), он атсаро баргир ва нигаҳ дор, ки мурод аз он сирре аст! Ва бандае аз он атса хоҳам офарид, ки Исӣ(а) ибни Марям (раз) хоҳад буд.[б]

Чун Одам *алайҳиссалом* бархост, Ҳақтаъоло бифармуд, то аз Фирдавс тахташ оварданд, чиҳил мил, мукаллал ба зару ҷавоҳир ва ҳуллаву тоҷе аз зари сурх. Ва бифармуд, то ҳулла дарпӯшад ва тоҷ бар сар ниҳад ва бар тахт нишинад. Чун бар тахт шуд, нуре аз пешонии вай падид омад. Он Нури Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* буд, ки то ба Арш битофт. Пас фармон омад, ки ҳама фариштагон Одам *алайҳиссалом*ро саҷда кунанд. Ва он саҷдаи таҳиййат буд, на саҷдаи ибодат. Қавлуҳу таъоло: **Ва из кулно ли-л-малоикати-сҷуду ли Одама фа-саҷаду илло Иблиса.**[в] Ҳама як бор дар саҷда шуданд, магар Иблис, *алайҳиллаъна.*

Чун фариштагон сар аз саҷда бардоштанд, Иблисро истода диданд, донистанд, ки вай саҷда накардааст. Дигар бор дар саҷда шуданд. Саҷдаи аввал амр буд, дувум — шукр. Аз Ҳаққтаъоло нидо омад, ки эй Азозил, туро аз ин саҷда кӣ боздошт? Кавлуҳу таъоло: **Қола ё Иблису мо манаъака ан тасҷуда лимо халақту би-ядайя а-стакбарта ам кунта мин ал-ъолина. Қола ано хайрум минҳу халақтанӣ мин норин ва халақтаҳу мин тин.**[а] Иблис гуфт: «Ман беҳтарам аз ӯ, ки ман аз оташи нуроният ва ӯ аз хоки зулмонӣ аст, ки нуронӣ зулмониро чӣ гуна саҷда кунад?» Дигар бор гуфт: «Ман хидмати ту кардам, дигареро чун саҷда кунам?» Ҳаққтаъоло гуфт: **Қола фа-хруҷ минҳо фа-иннака раҷимун. Ва инна ъалайка-л-лаъната ило явм-ид-дин.**[б] Яъне фармуд: «Берун рав аз ин, ба дурустӣ, ки ту аз рондагонӣ ва лаънати ман бар туст то рӯзи қиёмат».

Уламо дар ин боб қавлҳо гуфтаанд. Баъзе гуфтаанд: «Ҳақтаъоло фармуд: Берун рав аз имон» ва баъзе гуфтаанд: «Берун шав аз сурати фариштагон ба сурати Иблис. Ва ба хашми Худои аззаву ҷалл сурати вай бигашт, чашми вай ба сина омад. Ва хашм чунон асар кард, ки ҳар ки ӯро бидидӣ, бидонистӣ, ки аз ҷумлаи рондагон гашт».

Даҳон ба узр бикшод ва бигуфт: «Малико! Донистам, ки маро маъзул аз баҳри Одам(а) кардӣ. Ин ҳама балоҳо дар миён чӣ буд?» Гуфт: «Ба хатти хеш нигар!» Чун хат боздид, навишта буд, ки ҳар банда, ки фармони Худои худ набарад, сазои ӯ лаънат бувад. Рӯи хатти худ дид, навмед шуд. Қав-

---

[б] Асли пайдоиши Исо (*а*) ибни Марям (*раз*) аз атсаи Одам (*а*) аст.
[в] Қуръон: 17, 61; 2, 34.
[а] Қуръон: 38, 76.
[б] Қуръон: 15, 34—35.

Гуҳу таъоло: **Қола рабби фа-анзирнӣ ило явми юбъасуна.**[4] Гуфт: «Э бори Худоё! Маро аз даргохи худ бирондӣ, маро муҳлат дех то рӯзи киёмат». Гуфт: «Муҳлат додам». Қавлуҳу таъоло: **Қола фа-иннака мин-ал-мунзарина. Ило явм-ил-вакт-ил-маълум.**[5] Муҳлат додам то рӯзи қиёмат. Гуфт: «Малико! Хочати дигар дорам, ки дар дунё аз чашми халқ махбуб гардонӣ ва дар гӯшту пӯсти Одаму одамизода роҳ диҳӣ». Гуфт: «Додам».

Чун муроди вай хосил шуд, дар камини одамиён машғул шуд: Қавлуҳу таъоло: **Қола фа-би-ъиззатика ла-уғвиянна-ҳум ачмаъина. Илло ъибодака минҳум-ул-мухласина.**[6] Гуфт: «Ба иззати ту, ки эшонро аз роҳ бибарам, мутеъи ман шаванд ва бо ман дар Дӯзах оянд, магар он бандагон, ки туро холис парастанд ва дар пан ҳавову нафс нараванд». Ҳақтаоло чавоб дод: **Қола фа-л-ҳаққу ва--л-ҳаққа ақулу. Ла-амлаанна чаханнама минка ва мимман табиъака минҳум ачмаъин.**[7] Фармуд мар Иблисро, ки ба ҳаққи ман, ки Худоям, Дӯзахро пур аз туву мутобиъони ту кунам.

Пас фармон омад, то тахти Одам *алайҳиссалом* фаришта-гон бар фарқи худ баргирифтанд ва бар аҳли осмон арз карданд. Пас фармон омад, то тахти Одам алайҳиссаломро ба Фирдавс баранд ва он чо ниҳанд. Худои таъоло ҳама чиз Одам *алайҳиссаломро* дод, аммо орому қарор намегирифт, зеро ки ҳар касро орому қарор ба чинси худ аст. Ва дар он ҳамчинси ӯ касе набуд. Худои аззаву чалл хост, ки ӯро чуфте бувад, ки бечуфт чуз Худо касе нест ва бе мислу бе монанд ва бе хочат. Чун дид, ки Одам *алайҳиссалом* дилтанг шуд, Ҳақтаъоло хоб бар Одам (а) гумошт, то хоб дидан Одам *алайҳиссаломро* бигрифт, на хуфта ва на бедор.

Пас Чабраил(а) ба амри Ҳақтаъоло биёмад ва як устухон аз паҳлуи чапи Одам(а) бикашид, чунон ки ҳеч аламе ба Одам(а) нарасид. Агар аламе будӣ, ҳаргиз занонро дар дили мардон чойӣ набудӣ. Пас Ҳавворо аз устухони паҳлуи чапи Одам (а) биёфарид. Он гоҳ сурати Ҳавво бидид ва ҳар некӯиву малоҳат ва ҳусне, ки дар занони олам хоста буд, чумла ба Ҳавво дод. Ва сиёҳии мӯйҳое, ки чумла занони оламро хаст, дар мӯи Ҳавво ниҳода, зиракиву мастурӣ дар дили Ҳавво бахшид. Ва меҳру шафқати Ҳавворо дар дили Одам(а) ниҳод. Он гоҳ Ҳавворо хулла аз Биҳишт пӯшонид ва точе бар сараш ниҳод ва бар тахти заринаш ниҳод. Ва Одам(а)-ро бедор кард ва Ҳавворо ба Одам(а) чилва дод.

Чун Одам(а) Ҳавворо дид, бекарор шуд ва хост, ки даст

---

[4] Қуръон: 15, 36.
[5] Қуръон: 15, 37—38.
[6] Қуръон: 38, 82—83.
[7] Қуръон: 38, 84—85.

ба вай дароз кунад. Нидо омад, ки ё Одам(а), ба хуш бош, ки бе никоҳ бо вай суҳбат натавон кард! Одам(а) Ҳавворо аз Ҳақтаъоло бихост. Худои таъоло вайро ба зани ба Одам(а) дод. Бифармуд, то пардаҳо бастанд ва ҳаҷлаҳо оростанд ва табақҳои зару марвориду ҷавоҳир нисор карданд. Фариштагони ҳафт осмон дар зери дарахти Тубо ҳозир омаданд. Ҳақтаъоло ҳаҷлаҳо бардошт ва ба худии худ бар худ сано гуфт: **Ал-ҳамду саноӣ ва-л-кибриёу ридоӣ ва-л-азамату изорӣ ва-л-халқу куллуҳум абидӣ ва амоӣ ва анбиёӣ ва русулӣ ва авлиёӣ ва Муҳаммадун ҳабибӣ ва расулӣ ва халақту-л-ашёа ли-ястадиллу биҳо ъало ваҳдониятӣ ашҳаду малоикатӣ ва суккону самовотӣ ва ҳамалату аршӣ иннӣ қад завваҷту умматӣ Ҳавво би бадиъи фатратӣ ва разиъи қудратӣ Одама би сидоқи тасбиҳӣ ва танзиҳӣ ва таҳлилӣ ва тақдисӣ ва ҳия шаҳодатун ан ло илоҳа иллаллоҳ ваҳдаҳу ло шарика лаҳу Ё Одаму ва ё Ҳавво ухуло ҷаннатӣ ва куло мин самаратӣ ва ло такрабо ҳазиҳи-ш-шаҷарата фатакуно мин-аз-золимин Ва саломун ъалайкумо ъ раҳматӣ ва баракатӣ.**[a]

Пас Одам *алайҳиссалом* забони сано бикушод ва Худо аззаву ҷаллро сано гуфт: **Субҳоналлоҳи ва-л-ҳамду лиллоҳи ва ло илоҳа иллаллоҳи валлоҳу акбар ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳи-л-ъалий-ил-азим.** Чун Худованди таъоло хутбаи Одам(а)-ро тамом кард, фариштагон табақҳои зару марворид нисор карданд ва гавҳар афшонданду шодӣ карданд Чун Одам(а) дигар бор қасди Ҳавво кард, фармон омад: «Ё Одам, (а) кобини Ҳавво бидеҳ, то бар ту ҳалол шавад!». Гуфт: «Малико! Ман чӣ Кобини Ҳавво бидиҳам, ҳар чи хаст, аз они туст». Амр шуд: «Ё Одам, (а) кобини Ҳавво он аст, ки дах бор дуруд бар Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* бифирист!» Дар хотири Одам (а) гузашт, ки Худои таъоло маро амр мефармояд, ки дах бор бар ӯ салавот бифирист, он чӣ кас бошад ва аз фарзандони ман аст, маро муояна кун! Нидо омад, ки ба нохуни дасти худ нигар. Одам (а) нигарист. Сурати ҳазрати Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* зоҳир гашт. Меҳри фарзандиву шафқати падарӣ дар дили Одам (а) пайдо шуд ва бар вай ошиқ гардид ва дах бор бар вай салавот фиристод ва ба рисолати ӯ имон овард.

Пас нидо омад: «Ё Одам, (а) ин дуруд, ки дах бор хондай, ба даргоҳи ман чандон қадр дорад, ки ҳама оламу оламиён ва Ҳавво бар ту ҳалол кардам!» Ва барои рафтани Одам (а) дар Биҳишт нидо омад, ки Биҳишт бар ту ва бар иёли ту халол кардам, дар ӯ қарор гир! Қавлуҳу таъоло: **Ё Одаму-**

[a] Қиёс шавад бо: Қуръон: 2, 35 ва 7, 19.

скун анта ва завчука-л-ҷанната.[б] Гуфт: Е Одам! Сокин шав ту ва зани ту дар Биҳишт. Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва куло минҳо рағадан хайсу шиътумо ва ло тақрабо ҳазиҳи-ш-шаҷарата фатакуно мин-аз-золимин.**[в]

— Аз хама дарахтони мева бихӯред ва аз он як дарахт махӯред, агар бихӯред, аз зиёнкорону ситамгарон бошед.

Овардаанд, ки бехи он дарахт аз сим буд ва шохҳо аз зар ва барги он аз забарҷади сабз. Чун Одам (а) он дарахтро бидид, бар вай ошиқ шуда гуфт: «Малико! Ин неку дарахт аст». Ҳиндо омад: «Ё Одам, (а) ин дарахт туро бахшидам, аммо бояд, ки гирди он магардӣ ва мева аз он нахӯрӣ!». Гуфт: «Малико! Чун маро бахшидӣ, аз хӯрдани он чаро боздорӣ?» Гуфт: «Ё Одам! (а) Ту меҳмони хонаи манӣ ва он дарахт аз они туст. Баъид бувад, ки меҳмони хонаи ман бошӣ ва таъом аз они худ хӯрӣ». Аз як сӯ ҳидо омад, ки ё Одам, гандум махӯр ва аз як сӯ фармон омад, ки ё гандум, дар пеши Одам (а) худро ҷилва дех. Боз фармон омад, ки ё Одам (а), сабр кун ва як сӯ фармон омад, ки ё сабр, гирди Одам (а) бигард ва аз як сӯ ҳидо омад, ки ё Иблис, бо Ҳаво ҷаҳд кун.

Қазо гуфт: «Малико, чаро?». Гуфт: «Зеро ки маро дар ин сиррест, ки аз ин бӯстон ба зиндон кашам, то мартабаи беш падидор шавад. Ва ё Намруд, ту оташ кун, ё оташ, ту масӯз! Е Иблис ту талқин кун, ё Иброҳим ту сабр кун!» Боз гуфт: «Малико, чаро?» Гуфт: «Зеро ки маро дар ин сиррест, ки то оташ ба райҳон бадал кунам, то дар хилқат дӯсти ман пайдо шавад». Чунин ҳидо омад, ки ё муъмин, аз маъсият дур бош ва ё Иблис дар назари эшон ҷилва дех; ё дунё, дар дили банда ширин бош, ё банда, аз дунё дур бош! Гуфт: «Малико, чаро?» Ҳидо омад, ки маро дар ин амр сиррест: ҷафоро ба вафо мубаддал кунам, то раҳмату мағфирати ман пайдо шавад дар рӯзи қиёмат. Ҳидо омад, ки ё Молик, осиро ба Дӯзах бар ва оташро ба Биҳишт бадал кун, то рӯзи қиёмат кудрати ман пайдо шавад.

Ва дар Биҳишт чор чиз нест: гуруснагӣ ва бараҳнагӣ ва ташнагӣ ва офтоб. Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Инна лака ал-ло таҷуъа фиҳо ва ло таъро. Ва аннака ло тазмау фиҳо ва ло тазҳо.**[а] Гуфт: «Е Одам! Ҳушёр бош аз кайду макри Иблис, ки душмани шумост». Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Фа қулно ё Одаму инна ҳаза ъадуввул лака ва ли завҷика фа ло юхриҷаннакумо мин ал-ҷаннати фа ташқо.**[б] Чун Одам (а) дид, ки дарҳои Биҳишт устуворанд, бар худ эмин гашт, ки Иблис дар Дунё аст ва ман дар Биҳишт, бо ман чи кор кунад. Як дарахт дар Биҳишт аст, ки

[б] Қуръон: 2, 35.
[в] Қуръон: 2, 35.
[а] Қуръон: 20, 118—119.
[б] Қуръон: 20, 117.

маро наҳӣ кардааст, ки аз он дарахт нахӯрам, аз қайди вай эмин бошам.

Иблис қасди эшон кард. Се номи Худои таъоло медонист, бихонд. Ба-д-он номҳо аз ҳафт табақаи Осмон даргузашт, то ба дари Биҳишт расид. Ва тасаввур кард чи ҳила сохта, дар Биҳишт равам. Товус аз Биҳишт бар кунгура нишаста буд. Якеро дид, ки нсмҳои аъзам мехонад.

Товус гуфт: «Ту кистӣ?» Гуфт: «Ман фариштаам аз фариштагони Худои аззаву ҷалл». Гуфт: «Ин ҷо чаро нишастай?» Гуфт: «**Анзуру-л-ҷанната**», яъне назар мекунам Биҳиштро, мехоҳам, ки дар Биҳишт оям. Товус гуфт: «Маро фармон нест, ки касеро дар Биҳишт гузорам, то Одам *алайҳиссалом* дар Биҳишт аст». Гуфт: «Агар маро дар Биҳишт роҳ диҳӣ, чунон дуъо омӯзам, хар кӣ он дуъоро бихонад, вайро се чиз бувад: яке он ки пир нашавад, дуввум — саркаш набошад, савум он ки ҳаргиз ӯро аз Биҳишт берун накунанд». Иблис он дуъо бихонд. Товус низ бихонд. Аз кунгура дар Биҳишт парид, хар чи аз Иблис шунида буд, бо мор гуфт. Мор аз он битарсид ва дар накушод. Ва сар аз Биҳишт берун кард ва гуфт: «Ту кистӣ, ки дуъо мехонӣ?» Гуфт: «Ман фариштае аз чумлаи фариштагонам». Мор гуфт: «Он дуъо маро биёмӯз!» Гуфт: «Ба шарти он ки маро дар Биҳишт роҳ диҳӣ». Мор гуфт, ки маро фармон нест, ки касеро дар Биҳишт роҳ диҳам. Иблис гуфт: «Ман қадам дар Биҳишт наниҳам, аммо дар даҳони ту оям ва дар Биҳишт берун нашавам». Мор даҳон боз кард, Иблис алайҳиллаъна дар даҳони ӯ шуд, мор ӯро дар Биҳишт бурд ва дари Биҳишт бубаст. Иблис гуфт: «Ё мор, маро пеши он дарахт бубар, ки Одамро аз он наҳӣ кардаанд». Чун Иблисро наздики он дарахт бурд, Иблис дар даҳони мор навҳаву зорӣ оғоз кард. Аввал касе, ки ба нифоқ бигрист, Иблис алайҳиллаъна буд. Ҳурону ғилмон гирд омаданд, ки ҳаргиз инчунин гиря нашнида буданд. Аҷаб омад, ки аз даҳони мор мегиряд.

Ҳавво пурсид, ки чаро гиря мекунӣ. Гуфт: «Аз баҳри он ки шуморо аз Биҳишт берун хоҳанд кард». Гуфт: «Чаро?» Гуфт: «Аз баҳри он ки шуморо аз ин дарахт наҳӣ кардаанд ва ҳар кӣ аз ин дарахт нахӯрад, вайро аз Биҳишт берун кунанд». Қавлуҳу таъоло: **Ё Одаму ҳал адуллука ъало шаҷарати-л-хулди ва мулки-л-ло ябло.**[а]

Гуфт: «Ман туро роҳ намоям ба дарахте, ҳар кӣ аз он бихӯрад, мулкӣ ҷовид ёбад». Он гаҳ савганди Ҷалла ва ъало хӯрд, ки ман рост мегӯям ва шуморо бадӣ намехоҳам, балки насиҳат мекунам. Қавлуҳу таъоло: **Ва қосамаҳумо иннӣ лакумо ламина-н-носиҳин. Фа даллоҳумо би ғурурин.**[б]

[а] Қуръон: 20, 120.

[б] Қуръон: 7, 21—22.

Аввал касе, ки савганди дурӯғ хӯрд, Иблис буд. Пас Ҳавво ба ӯ-он савганд фирефта шуд ва ба дарахт даст андохта, се дона гандум гирифт. Як дона худ бихӯрд ва ду дона назди Одам *алайҳиссалом* овард.

Ва Маъюз *алайҳиссалом* дар тафсири худ оварда, ки чун Ҳавво гандум аз хӯша боз кард, ҷой сурх гашт ва як қатра хун аз он чакид. Нидо омад, ки эй Ҳавво, ба иззату ҷалоли ман, ки Худоям, турову духтарони туро то рӯзи Қиёмат дар хар моҳе як бор хунолуда кунам, то доди дарахти хеш аз туву духтарони ту ситида бошам.

Чун Одам *алайҳиссалом* дар Биҳишт бар тахт биншаст, гандум наздики Одам *алайҳиссалом* омад, худро бар вай ҷилва дод, чунон ки ширинии вай дар дили Одам *алайҳиссалом* бияфзуд. Ва тахтро гуфт: «Ё тахт, маро аз ин ҷо бубар! Худои аззаву ҷалл маро аз хӯрдани ин гандум нахй кардааст». Тахт Одам *алайҳиссаломро* дувоздаҳ ҳазор сол роҳ бурд. Чун фуруд омад, дигар бор гандум пеши Одам (а) худро ҷилва дод, чунон ки Одам *алайҳиссалом* бинишастӣ, гандум ба қийяи ӯ баромадӣ ва агар бар пой хостӣ, понсадсола роҳ, ки болои Одам (а) буд, гандум ба болои ӯ бар шудӣ.

Дигар бор гуфт, ки ё тахт, маро аз ин ҷо низ бубар ва тахт вайро бардошт ва даҳчанди он ба дигар ҷой бибурд. Чун фуруд омад, дигар бор гандум баромад. Ва овардаанд, ки се мартаба тахт чунин мерафт ва чун фуруд омадӣ, гандум бо тахт низ фуруд омадӣ. Пас тахт ба сухан омад ва гуфт: «Ё Одам (а), магар Худои таъоло такдир кардааст, ки балое бар сари ту ояд, вагарна сиву шаш ҳазорсола роҳ аз Биҳишт бурдаам. Дигар аз хукми Худои таъоло кучо биравам?

Назм:

Чу омад қазо, ӯ накардаш ҳазар,
Қазо барнагардад ба ақлу басар.
Бар он ч-аш Худованд ронда қалам,
Расад бар сари банда на бешу кам.

Чун Ҳавво наздики Одам (а) омад ва он ду дона гандум пеши вай даровард, Одам (а) гуфт: «Ин чист?» Гуфт: «Аз он дарахт аст, ки Худои аззаву ҷалл нахй кардааст». Ҳавво гуфт: «Як дона ман хӯрдаам ва ду дона наздики ту овардаам». Гуфт: «Чи лаззат дорад?» Гуфт: «Бо ҳаловату ширинӣ аст». Одам *алайҳиссалом* гуфт: «Ман нахӯрам». Ҳавво гуфт: «Ман хӯрдам, ту намехӯрӣ?» Гуфт: «Маро бо Худои таъоло аҳд аст, ки аз ин дарахт нахӯрам». Қавлуҳу таъоло: **Ва лақад ъаҳидно ило Одама мин каблу фа насия ва лам нажид лаҳу ъазман.**[а]

[а] Қуръон: 20, 115.

Ҳавво чун аз хӯрдани он донаҳо аз Одам (а) ноумед шуд як қадаҳ хамр аз Биҳишт биёвард, ба Одам *алайҳиссалом* дод. Одам *алайҳиссалом* он хамр хӯрд ва аҳди Худои аззаву ҷалларо фаромӯш кард ва ду донаи гандум аз Ҳавво бигрифту бихӯрд. Ва ҳануз ба ҳалқи Одам (а) нарасида буд, ки тоҷ аз сар парид ва аз тахт афтод ва ҳар ду барахна шуданд. Қавлуху таъоло: **Фа бадат лаҳумо савъотуҳумо ва тафиқо яхсифони ъалайҳимо мин варақи-л-ҷаннати ва ъасо Одаму Раббаҳу фа ғаво.**[б]

Чун Одам *алайҳиссалом* ва Ҳавво гандум бихӯрданд, ҳар ду барахна шуданд, ки ба ҷуз аз барги дарахт барои пӯшидани худ намеёфтанд. Чун қасди барги дарахтони Биҳишт карданд, ҳама дарахтон аз эшон сар бозкашиданд. Наздики дарахти анҷир рафтанд, аз вай барг хостанд. Анҷир сар фуруд оварду гуфт: **«Хузу миннӣ варақан»**, яъне аз ман барг биситонед, то авратони хешро бипӯшед. Барг аз анҷир гирифтанд ва аврати худҳо пӯшониданд. Аз дарахти уд овоз омад, ки назди ман оед. Ҳар ду назди ӯ шуданд. Дарахти уд сар фуруд овард, ҳар дуро аз баргҳои худ пӯшонид. Нидо омад, ки эй дарахти анҷир, ба-дин шафқат, ки ту кардӣ ва лифу хаста аз ту гирифтам ва туро лаззат додам, чунон ки ҳар ки туро дар даҳан кунаду бихояд ва агар ҳафтод бор бихояд, дар ҳар бор лаззате дигар аз ту ёбад. Ва эй дарахти уд, туро азиз гардонидам пеши фарзандони Одам (а), ки туро бисӯзанд ва аз ту манфаъат гиранд.

Баъд аз он аҳли Биҳишт бонг баровардаанд, ки Одаму Ҳавво осӣ шуданд ва Одаму Ҳавво гирди Биҳишт мегарданд чун девонагон. Нидо омад аз ҳазрати Иззат, ки ё Одам (а). Ҷавоб надод, то се бор нидо омад. Пас Ҷабраил (а) гуфт: **«Инна раббака юхотибука»** — Худои таъоло туро мехонад. Гуфт: **«Лаббайка, Бори Худоё, аз ту шарм медорем»**. Қавлуху таъоло: **Ва нодоҳумо раббуҳумо а лам анҳакумо ъан тилкумо-ш-шаҷарати ва ақул-лакумо инна-ш-шайтона лакумо ъадуввум-мубин.**[а]

Гуфт: «Шуморо наҳӣ накарда будам аз ин дарахт, балки насиҳат кардам, ки Шайтон душмани шумо аст, эмин мабошед?» Одаму Ҳавво хуруш баровардану бигристанд ва гуфтанд, қавлуху таъоло: **Қоло раббано заламно анфусано ва ил-лам тағфир лано ва тарҳамно ланакунанна мина-л-хосирин.**[б]

Бори Худоё, бар ин тани хеш зулм кардем ва ситам намудем, агар ту моро наёмурзиву набахшӣ, мо аз зиёнкорону махрумон бошем.

[б] Қуръон: 20, 121.
[а] Қуръон: 7, 22.
[б] Қуръон: 7, 23.

Ниdо омад аз Парвардигор — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Қолаҳбиту баъзукум ли баъзин ъадуввун ва лакум фи-л-арзи мустақаррув-ва матоъун ило ҳин.**[а]

Фармон омад ба Ҷабраил *алайҳиссалом,* ки Одам (а) ва Ҳавво ва мору товус ва Иблисро ба Дунё бирасон. Ҷабраил (а) назди Одам (а) омад ва гуфт, ки фармон чунон аст, ки аз Биҳишт бадар равед. Одам (а) биларзид ва зор-зор бигрист аз фироқи Биҳишт. Пас парешон гашт, даст дароз кард, пораи чӯбе ба ҷиҳати мисвок бардошт ва он пораи чуб пушт ба пушт мерафт, то асои Мӯсо (а) шуд.

Аввал Одам (а), паси ӯ Ҳавво, баъд аз он Товусу мору Иблиси лаъин берун омаданд. Одам (а) ба Сарандеб ва Ҳавво ба Хуросон ва мор ба Исфаҳон афтод. Ӯро чаҳор дасту по мисли шутурон буд ва Худои таъоло аз ӯ дасту по бозгирифт, то ба шикам равад, барои хӯрдани ӯ хок бошад. Ва товус ба Систон омад ва Иблис ба кӯҳи Дамованд афтод. Ва чун Одам (а) ба Сарандеб афтод ва бар хатои худ дувист сол навҳаву зорӣ мекарду мегирист ва ба қавли дигар сесад сол, чунон ки аз оби чашми ӯ рудҳо равон шуд ва бар канори рудҳо хурмову қаранфул ва ҷавзи бӯёр рӯиданд. Ва аз оби чашми Ҳавво ҳинову вусмаву сурма пайдо шуд. Ва ҳар чи аз қатароти ашки эшон ба дарё афтод, марворид гашт, ки духтаронаш мерос мегиранд.

Рӯзе Ҷабраил (а) пеши Одам (а) омад ва гуфт: «Ё Одам, пеш аз он ки туро ҳодисаи марг расад, ҳаҷҷ кун!» Одам (а) марг шунида тарсид, бархосту рӯй ба Қаъба ниҳод ва ҳар чо, ки қадам ниҳод, то имрӯз деҳе аст ва ҳар чо, ки манзил кард, то имрӯз дар он чо шаҳрест аз баракати қадами Одам *алайҳиссалом.*

Ва баъзе аз уламо овардаанд, ки аз Сарандеб то Макка сӣ қадам шуд. Чун ба наздики Қаъба расид, фариштагон пеш омаданду гуфтанд: «Ё Одам (а), ду ҳазор сол аст, ки мо ин чоро тавоф мекунем». Ва он вақт Қаъбаро Байтулмаъмур ном буд ва аз даруну буруни вай зоҳир буди. Болои он хайма дид аз забарҷади сабз ва танобҳо аз зари сурх. Ва меҳҳои ӯ он чо буд, ки имрӯз сутунҳо аст ва он сутунҳо аз чумлаи ҳарам. Ва ҳар сайде, ки андарунаш равад, куштани вай ҳаром аст.

Ва чун Одам *алайҳиссалом* ба дашти Арафот расид, бар Ҷабали Раҳмат нишаст, то бисёяд. Ҳавворо дид, ки аз сӯи Ҷидда меояд. Бархост ва дар канор гирифт ва ҳар ду зор-зор бигристанд, чунон ки аз гирян онҳо фариштагон низ бигристанд. Пас ҳар ду сар ба сӯи осмон карданд, Худои таъоло ҳичобро аз пеши чашми эшон бардошт, то ба Арш нигаристанд.

[а] Қуръон: 7, 24.

Қавлуҳу таъоло: **Фа талаққо Одаму мир-раббиҳи калимотин фа тоба ъалайҳи.**[а]

Одам *алайҳиссалом* ба соқи Арш нигарист, навишта дид: Ло илоҳа иллаллоҳ Муҳаммадун расулуллоҳ. Одам (а) гуфт: «Ё Рабб, ба ҳаққи он ном, ки ҳамроҳи номи туст, гуноҳи маро афв кун ва маро бубин!» Дарҳол Ҷабраил (а) биёмаду гуфт: «Ё Одам (а), Худоят салом мерасонад ва мефармояд: «Ба иззату ҷалоли ман, ки Худоям, агар ин шафиъ, ки ба Дунё овардӣ, дар Биҳишт ҳам ёд меовардӣ, туро ба Дунё намефиристодам».

Дар ахбор омадааст, ки Мӯсои Калимуллоҳ дар муноҷот гуфт: **Ё рабби ҳал ли-л-ҷаннати ҳитонун Қолаллоҳу таъоло ли-л-ҷаннати ҳитонун Қола ли-л-ҷаннати ҳарросун Қолаллоҳу таъоло ли-л-ҷаннати ҳарросун Фа қола кайфа дахала Иблису ва ғарра Одама Қолаллоҳу таъоло Ё Мусо ло тасъал ан қазоӣ ва қадарӣ.** Мӯсо (а) гуфт: «Ё раббӣ! Биҳишт девор дорад ё на?» Гуфт: «Дорад». Гуфт: «Дари Биҳиштро дарбон ҳаст ё на?» Гуфт: «Ҳаст». Пас Мӯсо *алайҳиссалом* гуфт: «Иблис чӣ гуна дар Биҳишт рафт ва Одамро бифирефт?» Худои таъоло гуфт: «Ё Мӯсо (а), аз қазову қадари ман мапурс! Он қазову қадари ман буд, ки Иблис Одамро бифирефт». Қавлуҳу таъоло: **Фа даллоҳумо би ғурурин.**[а]

Чун Одам *алайҳиссалом* ҳаҷ кард, ба Ҷабраил *алайҳиссалом* фармон омад, ки Одамро ба водии Аммон бубар ва пари хеш бар пушти Одам *алайҳиссалом* бимол. Чун Ҷабраил (а) ба водии Аммон омада, пари хеш бар пушти вай бимолид ва зурриёти Одам (а) аз миёни пушт падид омаданд, чунон ки ҳама олам аз зурриятҳои ӯ пур гашт. Гуфт: «Ё Ҷабраил! (а) Ин ҳама зуррият чист?» Гуфт: «Ин ҳама фарзандони ту хоҳанд буд». Одам *алайҳиссалом* гуфт, ки ин ҳама чандин ҳазор халқ дар Дунё чӣ гуна хоҳанд гунҷид, ки рӯи Замин аз эшон пур шудааст, агарчи ҷисми ҳар як аз зарра бештар нест?» (Ва дар араб мурчаро зарра хонанд).

Нидо омад: «Ё Одам! Пеш аз он ки ман эшонро биёфаридам, тадбири кори эшонро кардаам». Гуфт: «Худоё, тадбири кори эшон чист?» Нидо омад, ки ё Одам! (а) Баъзеро дар аслоби падарон ва баъзеро дар арҳоми модарон ва баъзеро бар рӯи Замин ва баъзеро дар зери Замин бидорам. Одам *алайҳиссалом* гуфт: «Малико! Ин фарзандон бар тафовутанд, баъзе мусулмонон ва баъзе кофирон ва баъзе тавонгарон ва баъзе фақирон ва баъзе шодмон ва баъзе ғамгин. Агар ҳама яксон будандӣ, чӣ будӣ?» Ҳақтаъоло гуфт: «Ё Одам (а)! Ман

[а] Қуръон: 2, 37.
[а] Қуръон: 7, 22.

дӯст медорам, ки бандагон маро шукр гӯянд, зеро ки шод ба ғамгин нагардад ва шукр гӯяд ва тавонгар ба дарвеш нагардад ва шукр гӯяд, мутеъ ба осӣ нагардад ва шукр гӯяд».

Он гаҳ фармон омад зуррияти Одам (а)-ро, ки саф бар саф кашанд аз Машриқ то ба Мағриб. Пас саф баркашиданд. Онҳо, ки бар рости Одам буданд, ҳама муъмин. Ва дар саффи аввал анбиё буданд, ҳама дар паси Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*. Ва онҳо, ки дар чапи Одам (а) буданд — кофирон ва дар пеши эшон чабборону мутакаббирон буданд. Аз Ҳакқ таъоло нидо омад, ки **А ласту би раббикум.**[б] Яъне: нестам парвардигори шумо ҳама? **Қолу бало.**[в] Яъне: ҳама гуфтанд: Оре, ҳастӣ ту парвардигори мо. Нидо омад, ки сачда кунед! Онҳо, ки бар дасти рости Одам (а) буданд, сачда карданд ва онҳо, ки бар дасти чап буданд, накарданд.

Дигар бор нидо омад, ки Усчуду, яъне сачда кунед! Онҳо, ки бар дасти рост буданд, баъзе сачда карданд ва баъзе накарданд; онҳо ки ба дасти чап буданд, баъзе сачда карданд ва баъзе накарданд. Одам (а) гуфт: «Аз ин бандагон ачоиб дидам, ки бар рости мананд, ҳама аввал сачда карданд ва охир баъзе накарданд; он ки бар дасти чапанд, аввал сачда карданд ва охир баъзе накарданд». Нидо омад, ки ин қавм, ки бар рости туанд, муъминон ва саффи аввали эшон пайғамбаронанд. Ва он қавм, ки бар чапи туанд, кофиронанд ва саффи аввали эшон мутакаббирону чабборонанд. Аммо он қавм, ки ба аввалу охир сачда карданд, муъмин зоянду муъмин миранд ва он қавм, ки ба охир сачда накарданд, муъмин зоянду кофир миранд, *наъузу биллоҳи минҳо*. Ва он қавм, ки ба аввалу охир сачда накарданд, кофир зоянду кофир миранд, *наъузу биллоҳи минҳо*. Ва он қавм, ки ба охир сачда карданд, кофир зоянду муъмин миранд. **Ҳоулои фӣ-л-ҷаннати ва ло аболӣ ва ҳоулои фӣ-н-нори ва ло аболӣ.** Ё одам! (а) Он қавм, ки бар дасти рости туанд, Биҳишт чои эшон аст ва маро бок не. Ва онҳо, ки бар дасти чапи туанд, Дӯзах чои эшон аст ва маро бок не. Ё Одам! (а) Аз тоати эшон маро суд нест ва аз маъсияти эшон маро зиён не.

Пас фаришторо фармон омад, ки ахднома бинвис. Чун аз навиштан фориғ шуданд, нидо омад, ки ахдномаро дар даҳон гир. Чун дар даҳон гирифт, фармон омад, ки санг шав. Дархол сурати санг шуд. Акнун онро Ҳачари Асвад гӯянд ва ба рукни рости Каъба ниҳодаанд. Хочиён онро бӯса медиҳанд. Ва дар рӯзи қиёмат он санг фаришта шавад ва ахднома бозкунад.

б Қуръон: 7, 172.
в Қуръон: 7, 172.

Ҳар кӣ бар ин аҳд буда бошад, ӯро ба Биҳишт фиристад. Ва ҳар ки хилофи он карда бошад, ӯро ба Дӯзах баранд.

Ва Ҳақтаъоло бо пайғамбарони хеш мисоқ кард. Қавлуҳу таъоло: **Ва из ахазаллоҳу мисоқа-н-набийина ламо отайтукум-мин китобив-ва ҳикматин сумма ҷоакум расулун мусаддиқуллимо маъакум ла-туъминуннна биҳи ва ла-тансуруннаҳу қола а-қрартум ва ахазтум ъало золикум исрӣ.**[а] Ва чун аҳди пайғамбарон қарор гирифт, Ҳақтаъоло гуфт: «Ба шумоён Муҳаммади Расул (с) мувофиқ ояд. Имон оред ба вай ва ёрӣ диҳед ӯро ҳама пайғамбарон, ки ба номи нубувват бошанд. Ва Муҳаммад Расулуллоҳ (с) худ хонд ва гуфт: «Охир хоҳад омад ба шумо расули ростгӯву росткор, то имон оред ва он чи ӯ бигӯяд, бовар доред, ки расули барҳақ аст. **Қолу ақрарно.**[б] Гуфтанд; Мо иқрор кардем ва ба рисолати вай муқирр омадем. **Қола фашҳаду ва ано маъакум мин-аш-шоҳидин.**[в] Малики ҷалла ва ало гуфт: «Шумо гувоҳ бошед ба рисолати якдигар, то ман Худованд бар шумо гувоҳ бошам». Гуфт: «Ё Одам! (а) Ту бар Шис (а) гувоҳ бош ва ё Шис (а), ту бар Идрис (а) гувоҳ бош ва ё Идрис (а), ту бар Нуҳ (а) гувоҳ бош ва ё Нуҳ (а), ту бар Иброҳим (а) гувоҳ бош ва ё Иброҳим (а), ту бар Исмоил (а) гувоҳ бош». Ва ҳамчунин то ба рӯзгори Исо *алайҳиссалом*. Ва гуфт бо пайғамбарон, ки шумо ҳама ба рисолати пайғамбари охириззамон гувоҳ бошед, вайро нусрат диҳед ва ба вай имон оред ва қавми хешро васият кунед, то нусрат диҳанд вайро.

ЗИКРИ ҚАБУЛИ ТАВБАИ ОДАМ АЛАЙҲИССАЛОМ

Чун тавбаи Одам (а) ба шафоъати Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* қабул гардид, нидо омад, ки ё Одам, ба Сарандеб рав ва Ҳавворо бо худ бубар, то насл аз ту пайдо шавад. Ва Одам (а) ба Ҳиндустон омад ва қарор гирифт. Рӯзе Ҷабраил (а) биёмад, ҳафт пораи оҳан овард, то ӯро оҳангарӣ биёмӯзонад. Муҳтоҷи оташ шуданд, нидо омад, ки эй Ҷабраил (а), оташ аз Молики Дӯзах биситон. Чун оташ оварда ба Одам (а) дод, дасти Одам (а) бисӯхт, бар замин афганд. Аз ҳафт табақаи замин гузар карда боз ба Дӯзах шуд. Ҳафт бор оварданд, боз ба Дӯзах шуд. Нидо омад, ки эй Ҷабраил (а), бо ҳафт дарёи раҳмат барор, то бар замин қарор гирад.

Дар хабар аст аз Қаъабулахбор, ки Ҷабраил (а) аз оташ овардан оҷиз шуд, нидо омад, ки Одамро бигӯй, то оҳан бар санг занад, аз санг оташ берун ояд, манфаъате гирад Одам

[а] Қуръон: 3, 81.
[б] Қуръон: 3, 81.
[в] Қуръон: 8, 81.

дӯст медорам, ки бандагон маро шукр гӯянд, зеро ки шод ба ғамгин нагардад ва шукр гӯяд ва тавонгар ба дарвеш нагардад ва шукр гӯяд, мутеъ ба осӣ нагардад ва шукр гӯяд».

Он гаҳ фармон омад зуррияти Одам (а)-ро, ки саф бар саф кашанд аз Машриқ то ба Мағриб. Пас саф баркашиданд. Онҳо, ки бар рости Одам буданд, ҳама муъмин. Ва дар саффи аввал анбиё буданд, ҳама дар паси Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*. Ва онҳо, ки дар чапи Одам (а) буданд — кофирон ва дар пеши эшон чабборону мутакаббирон буданд. Аз Ҳаққ таъоло нидо омад, ки **А ласту би раббикум.**[б] Яъне: нестам парвардигори шумо ҳама? **Қолу бало.**[в] Яъне: ҳама гуфтанд: Оре, ҳастӣ ту парвардигори мо. Нидо омад, ки сачда кунед! Онҳо, ки бар дасти рости Одам (а) буданд, сачда карданд ва онҳо, ки бар дасти чап буданд, накарданд.

Дигар бор нидо омад, ки Усчуду, яъне сачда кунед! Онҳо, ки бар дасти рост буданд, баъзе сачда карданд ва баъзе накарданд; онҳо ки ба дасти чап буданд, баъзе сачда карданд ва баъзе накарданд. Одам (а) гуфт: «Аз ин бандагон ачоиб дидам, ки бар рости мананд, ҳама аввал сачда карданд ва охир баъзе накарданд; он ки бар дасти чапанд, аввал сачда карданд ва охир баъзе накарданд». Нидо омад, ки ин қавм, ки бар рости туанд, муъминон ва саффи аввали эшон пайғамбаронанд. Ва он қавм, ки бар чапи туанд, кофиронанд ва саффи аввали эшон мутакаббирону чабборонанд. Аммо он қавм, ки ба аввалу охир сачда карданд, муъмин зоянду муъмин миранд ва он қавм, ки ба охир сачда накарданд, муъмин зоянду кофир миранд, *наъузу биллоҳи минҳо*. Ва он қавм, ки ба аввалу охир сачда накарданд, кофир зоянду кофир миранд, *наъузу биллоҳи минҳо*. Ва он қавм, ки ба охир сачда карданд, кофир зоянду муъмин миранд. **Ҳоулои фӣ-л-ҷаннати ва ло аболӣ ва ҳоулои фӣ-н-нори ва ло аболӣ.** Ё одам! (а) Он қавм, ки бар дасти рости туанд, Биҳишт чои эшон аст ва маро бок не. Ва онҳо, ки бар дасти чапи туанд, Дӯзах чои эшон аст ва маро бок не. Ё Одам! (а) Аз тоати эшон маро суд нест ва аз маъсияти эшон маро зиён не.

Пас фаришторо фармон омад, ки ахднома бинвис. Чун аз навиштан фориғ шуданд, нидо омад, ки ахдномаро дар даҳон гир. Чун дар даҳон гирифт, фармон омад, ки санг шав. Дарҳол сурати санг шуд. Акнун онро Ҳачари Асвад гӯянд ва ба рукни рости Каъба ниҳодаанд. Хочиён онро бӯса медиҳанд. Ва дар рӯзи қиёмат он санг фаришта шавад ва ахднома бозкунад.

б Қуръон: 7, 172.
в Қуръон: 7, 172.

Ҳар кӣ бар ин аҳд буда бошад, ӯро ба Биҳишт фиристад. Ва ҳар ки хилофи он карда бошад, ӯро ба Дӯзах баранд.

Ва Ҳақтаъоло бо пайғамбарони хеш мисоқ кард. Қавлуҳу таъоло: **Ва из ахазаллоҳу мисоқа-н-набийина ламо отайтукум-мин китобив-ва ҳикматин сумма ҷоакум расулун мусаддиқуллимо маъакум ла-туъминунна биҳи ва ла-тансуруннаҳу қола а-қрартум ва ахазтум ъало золикум исрӣ.**[а] Ва чун аҳди пайғамбарон қарор гирифт, Ҳақтаъоло гуфт: «Ба шумоён Муҳаммади Расул (с) мувофиқ ояд. Имон оред ба вай ва ёрӣ диҳед ӯро ҳама пайғамбарон, ки ба номи нубувват бошанд. Ва Муҳаммад Расулуллоҳ (с) худ хонд ва гуфт: «Охир хоҳад омад ба шумо расули ростгӯву росткор, то имон оред ва он чи ӯ бигӯяд, бовар доред, ки расули барҳақ аст. **Қолу ақрарно.**[б] Гуфтанд; Мо иқрор кардем ва ба рисолати вай муқирр омадем. **Қола фашҳаду ва ано маъакум мин-аш-шоҳидин.**[в] Малики ҷалла ва ало гуфт: «Шумо гувоҳ бошед ба рисолати якдигар, то ман Худованд бар шумо гувоҳ бошам». Гуфт: «Ё Одам! (а) Ту бар Шис (а) гувоҳ бош ва ё Шис (а), ту бар Идрис (а) гувоҳ бош ва ё Идрис (а), ту бар Нуҳ (а) гувоҳ бош ва ё Нуҳ (а), ту бар Иброҳим (а) гувоҳ бош ва ё Иброҳим (а), ту бар Исмоил (а) гувоҳ бош». Ва ҳамчунин то ба рӯзгори Исо *алайҳиссалом*. Ва гуфт бо пайғамбарон, ки шумо ҳама ба рисолати пайғамбари охириззамон гувоҳ бошед, вайро нусрат диҳед ва ба вай имон оред ва қавми хешро васият кунед, то нусрат диҳанд вайро.

ЗИКРИ ҚАБУЛИ ТАВБАИ ОДАМ АЛАЙҲИССАЛОМ

Чун тавбаи Одам (а) ба шафоъати Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* қабул гардид, нидо омад, ки ё Одам, ба Сарандеб рав ва Ҳавворо бо худ бубар, то насл аз ту пайдо шавад. Ва Одам (а) ба Ҳиндустон омад ва қарор гирифт. Рӯзе Ҷабраил (а) биёмад, ҳафт пораи оҳан овард, то ӯро оҳангарӣ биёмӯзонад. Муҳтоҷи оташ шуданд, нидо омад, ки эй Ҷабраил (а), оташ аз Молики Дӯзах биситон. Чун оташ оварда ба Одам (а) дод, дасти Одам (а) бисӯхт, бар замин афганд. Аз ҳафт табақаи замин гузар карда боз ба Дӯзах шуд. Ҳафт бор оварданд, боз ба Дӯзах шуд. Нидо омад, ки эй Ҷабраил (а), бо ҳафт дарёи раҳмат барор, то бар замин қарор гирад.

Дар хабар аст аз Каъабулахбор, ки Ҷабраил (а) аз оташ овардан оҷиз шуд, нидо омад, ки Одамро бигӯй, то оҳан бар санг занад, аз санг оташ берун ояд, манфаъате гирад Одам

[а] Қуръон: 3, 81.
[б] Қуръон: 3, 81.
[в] Қуръон: 8, 81.

алайҳиссалом чунон кард. Ҷабраил (а) ӯро оҳангарӣ омӯзонид ва олоти барзгарӣ рост кард. Ҷабраил (а) ҷуфти гов аз биҳишт баровард. Баъзе гуфтаанд, ки ду гов аз айни бақар баромаданд. Пас Ҷабраил (а) аз Биҳишт муште гандум оварда ба Одам (а) дод ва гуфт: «Аз дасти худ зироат карда, кут хӯрӣ». Одам (а) гандумро дар замин пароганда кард ва ҷуфти гов меронд. Гови боло бигардид, Одам (а) чӯб бар гови зерин зад. Гов ба сухан даромада гуфт: «Ё Одам, чаро мезанӣ? Гар туро акл будӣ, ба-д-ин беҳурмати аз Биҳишт берун нагардидӣ». Одам (а) аз гов ранҷида шуд, говонро раҳо кард ва рафт. Ҷабраил (а) пеш омад ва гуфт; «Кучо меравӣ?» Гуфт, ки кучо инак ман биравам, ки гов маро сарзаниш кард. Ҷабраил (а) гуфт: «Ҳар кӣ фармони Худои таъоло набарад, дар ранҷ афтад. Акнун туро ранҷ бояд бурд, то куте ёбӣ». Дигар бор ӯро ба гов ронда овард ва боз гов меронд. Гови зерин бар болоин омад. Чӯб бар гови болоин зад. Гов рӯй ба сӯи осмон карду бинолид. Одам (а) бори дигар говро раҳо кард ва бидавид. Ҷабраил (а) боз пеш омад ва гуфт: «Кучо меравӣ?» Гуфт: «Говон ранҷида, ба Худои таъоло менолиданд ва метарсам». Ҷабраил (а) гуфт: «Ё Одам! Худоят салом мерасонад ва мегӯяд: Ту низ дар Биҳишт рост нарафтӣ ва ман уқубат кардам. Агар ту низ говонро уқубат кунӣ, уқубат набошад. Бозгард ва ба кори хеш машғул шав, ки муҳр бар забони говон ниҳам, то мибаъд сухан нагӯянд. Ба вусъи тоқат эшонро кор фармой, то кори эшон бар ту ҳалол бошад».

Одам (а) дигар бор бар сари кор омад ва ба кори заъф машғул шуд. Ва гандум заъф кард, чун ба бор омад, бигрифту ба бод дод ва пок кард. Ва ин ҳама дар ҳафт соъати рӯз буд. Замин гуфт: «Ё Одам! Маро маъзур дор, ки пир гаштаам, вагарна ман туро зудтар аз ин таъом додаме». Чун Одам (а) гандумро пок кард ва хост, ки бихӯрад, Ҷабраил (а) гуфт: «Аввал гандумро ос карда ва ба об омехта ва ба оташ пухта, он гаҳ бихӯр!» Ҳаво аз даст ос кард ва хамир кард ва пухт. Одам (а) хост, ки бихӯрад. Ҷабраил (а) гуфт: «Ё Одам, (а) сабр кун, то офтоб фурӯ равад. Ту рӯзадор бошӣ!» Чун офтоб фурӯ шуд, Ҳавво нон пеш овард. Як бахш Одам (а) хӯрд ва як қисмат Ҳавво.

Чун рӯзи дигар Одам (а) бархост, холи сиёҳ бар синаи Одам (а) падид омада буд ва бузург мешуд, то ҳафт андом сиёҳранг шуд. Одам (а) битарсид, пиндошт, ки дигар зиллате дар вучуд омадааст. Ҷабраил (а) омад ва гуфг: «Ё Одам, имрӯз таъом махӯр, то сиёҳӣ аз ту биравад ва аз ҷумлаи рӯзадорон бошӣ!» Одам (а) он рӯз таъом нахӯрд ва андак андом сафед шуд. Дигар бор Ҷабраил (а) омад ва гуфт: «Ду рӯзи ди-

Худои таъоло».

Акнун он рӯзро «айёми байз» хонанд ва он сездаҳуму чордаҳуму понздаҳуми моҳ аст. Он се рӯз бар Одам (а) дар ҳар моҳе фариза гашт. Ва баъд аз ӯ бар пайғамбарон то ба ҳазрати Мӯсо (а) бар он амал карданд.

Пас Одам (а) ба Ҳиндустон маскан сохт ва Ҳавво аз вай бор гирифт. Писаре ва духтаре овард. Ва писарро Қобил ном кард ва духтарро Иқлимо. Ва Иқлимо ҷамоле бакамол дошт. Боз Ҳаво бор гирифт, писаре ва духтаре зоид. Писарро ном Хобил ва духтарро ном Оза, лекин ҷамол надошт.

Овардаанд, ки Ҳаво саду бист бор фарзанд оварда ва ба ривояте саду ҳаштод. Ҳар бор писаре ва духтаре оварда. Овардаанд, ки бори Ҳобил дар Биҳишт буд ва таваллудаш дар дунё афтод, аз баҳри он ки Биҳишт ҷои покиву таҳорат аст, на ҷои олудагии хун.

Вақте ки Ҳобил ва Қобил ҳар ду бузург шуданд, Ҷабраил (а) омад ва гуфт, ки ё Одам (а), Худоят салом мерасонад ва мефармояд; Ҳар ду хоҳаронро бадал кун, хоҳари Қобилро ба Ҳобил деҳ ва хоҳари Хобилро ба Қобил деҳ. Одам (а) ҳар дуро бихонд ва пайғоми Худои таъоло пеши онҳо бигуфт. Қобил ибо кард ва гуфт; «Хоҳари ман соҳибҷамол аст, бадал намекунем». Одам (а) гуфт: «Худои таъоло мефармояд». Қобил гуфт; «Эзадтаъоло намефармояд, аммо Хобилро дӯст медорӣ, ба сабаби дӯстӣ ту мефармоӣ». Аввал касе, ки фармони падар набурд, Қобил буд ва он чи ба ӯ расид, аз шумии он буд, ки фармон набурд.

Пас Одам (а) хоҳари Қобилро ба Ҳобил дод ва хоҳари Хобилро ба Қобил дод. Ва Қобил ҳасад бурд ва пеши бародар омаду гуфт: «Хоҳари маро талоқ деҳ, то зани ман шавад». Хобил гуфт: «Ин зан маро падар додааст, ман аз фармони падар хилоф намекунам». Ин қисса ба Одам (а) расид. Ҳар дуро бихонду гуфт: «Бар сари кӯҳи Мино курбонӣ карда бинихед, он гаҳ бингаред, курбонии кадом қабул шавад. Ҳар киро қабул афтад, Иқлимо зани вай бошад». Қобил бузургтар буд ва Хобил хурдтар. Гӯсфанде чанд, ки зайфу нахиф буданд, биёварданд. Ҳар ду гӯсфандро забҳ карданд ва бар кӯҳи Мино ниҳоданд. Қавлуҳу таъоло; **Ватлу ъалайҳим набаа-бнай Одама би-л-ҳаққи из қаррабо қурбонан фа туқуббила мин аҳадиҳима ва лам ютақаббал мин ал-охари.**[а] Ва чун ҳар ду бародар курбон биниҳоданд ва дуъо карданд, ки курбони мо қабул кун, дарҳол оташ ба мисоли Симурғ бедуд биёмад, курбони Хобил бисӯхт ва дар курбони Қобил наяфтод. **Кола ла-ақтуланнака.**[б]

[а] Қуръон: 5, 27.

[б] Қуръон: 5, 27.

Қобил Хобилро гуфт, ки ман туро бикушам, ки курбонии ту қабул омад. **Қола иннамо ятақаббалуллоҳу мина-л-муттақин.**[*] Хобил гуфт: «Қурбони парҳезгоронро Худои таъоло қабул мекунад».

Акнун он куҳи Мино ҷои муноҷоти ҳоҷиён аст ва қурбон он ҷо мекунанд. Дар он рӯзгор ҳоким оташ буд, чи оташ бисӯхтӣ, қабул будӣ. Ва ба рӯзгори Нуҳ *алайҳиссалом* ҳоким киштӣ буд, касони ростгӯ ва дурӯғгӯро фармуд, ки даст бар ӯ ниҳед. Агар киштӣ сокин гардидӣ, ростгӯии ӯ зоҳир шудӣ ва агар бичунбидӣ, дурӯғгӯ шудӣ. Ва ба рӯзгори Юсуф соъ будааст. Даст бар соъ ниҳодандӣ: агар овоз додӣ, дурӯғгӯ будӣ ва агар овоз накардӣ, ростгӯ будӣ. Ва ба рӯзгори Довуд *алайҳиссалом* силсилае буд аз осмон овехта. Хасм дастдарозӣ кардӣ, агар силсила ба дасти одамӣ омадӣ, ростгӯ будӣ ва агар нагирифтӣ, дурӯғгӯ будӣ. Ва ба рӯзгори Сулаймон *алайҳиссалом* ҳоким сӯрохи савмаа будӣ. Хасмро бифармудӣ, ки пойро дар он сӯрох кун; агар пой дар он ҷо намондӣ, ростгӯ будӣ ва агар бимондӣ, дурӯғгӯ будӣ. Ва ба рӯзгори Закариё *алайҳиссалом* ҳоким қалами оҳанӣ буд. Хасмро бифармудӣ, то номи худ аз он навишта, дар об андозад. Агар бар сари об мондӣ, ростгӯ будӣ ва агар ба зери об шудӣ, дурӯғгӯ будӣ.

Чун навбати Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* расид, Ҳақтаъоло ин ҳамаро бардошт. Гуфт: «Ё Муҳаммад! (с) Дар аҳди ту ҳама бардоштам». Ва гуфт: «Ё Муҳаммад! (с) Агар ростгӯ ё дурӯғгӯ бошад, ман донам, ки Худовандам. Агар ростгӯ бошад, ҷазои савоб ёбад ва агар дурӯғгӯ бошад, амали хеш бинад». Қавлуҳу таъоло: **«Ҷазоа бимо кону яъмалуна.**[а]

Пас Хобил ва Қобил пеши падар омаданд. Одам (а) гуфт: «Эй Қобил, дидӣ, ки Иқлимо ҷуфти ҳалоли Хобил аст, ту бар ботилӣ!» Қобил кинаи бародар дар дил гирифт ва нигоҳ медошт, то Хобилро чи гуна кушад. Ва то он замон ҳеҷ кас хуни ноҳақ нарехта буд, магар Қобил. Пас Қобил гуфт: «Ман туро хоҳам кушт, ҷиҳати он ки фарзандони ту хоҳанд гуфт, ки курбони падари мо пазируфт ва курбони падари шумо напазируфт». Хобил гуфт: «Эй бародар, моро аз ин чӣ гунаҳ аст? Агар ту маро бикушӣ, ман даст дароз накунам ва ҳаққи бародарӣ ба ҷо орам. Он бех, ки фардои қиёмат ту маъхуз бошӣ ва ман маъхуз набошам. Ва аз ҷумлаи зиёнкорону ситамгорон бошӣ ва муставҷиби Дӯзах шавӣ». Қобилро хашм зиёдат шуд.

Одам *алайҳиссалом* ба ҳаҷ рафт. Рӯзе Қобил пеши галаи гӯсфандон ба рӯзи шанбе рафт, Хобилро хуфта дид. Дармонд,

---

[*] Қуръон: 5, 27.

[а] Қуръон: 32, 17; 46, 14; 56, 24.

то ӯро чӣ гуна кушад. Иблиси лаъин ба сурати шахсе мор дар даст пеши Қобил омад. Морро аз санг кушт, то ӯро биёмӯзонид ва аз пеши вай нопадид гашт. Қобил ба таълими Иблиси лаъин санг бар сари Ҳобил зад ва ӯро бикушт ва пеши Худои таъоло осӣ шуд ва кофир гардид. Қаргасон даромаданду ӯро хӯрдан гирифтанд. Қобил дармонда, надонист, ки чи кунад ва ӯро бар душаш гирифт ва гирди олам бигардонид. Ва бар ҳар замин, ки хуни Ҳобил чакид, шӯрнок шуд.

Чун Ҳақтаъоло нахост, ки дӯсти худро фазиҳат кунад, калоғро сабаб хост. Қавлуҳу таъоло: **Фа баъасаллоҳу ғуробан ябҳасу фӣ-л-арзи ли юрияҳу кайфа юворӣ савъата ахиҳи.**[6] Ва калоғро Ҳақтаъоло бифиристод, то якдигар мунозаат карданд ва яке дигареро бикушт ва ба чанголу минқори худ заминро биканду мағок кард; ӯро дар он мағок ниҳода, пӯшид. Қобил гуфт; **Ё вайлатаё аъчазту ан акуна мисла ҳаза-л-ғуроби.**[6] Мондаву пушаймон нашуда буд аз куштан, балки аз кашидан, аммо агар аз куштан пушаймон шуда будӣ, тавба кардӣ. Пас ба мисоли калоғ гӯре биканд ва ӯро дафн кард.

Хост, ки ба ватани хеш ояд, Заминро нидо омад, ки ё Замин, Қобилро бигир! Замин то зонуяш бигрифт. Қобил сар ба сӯи осмон карду гуфт: «Ё бори Худоё, Иблис ба ту кофир шуд, ӯро фуру набурдӣ!» Нидо омад, ки эй маъъун, Иблис хуни бародари худ нарехт». Гуфт: «Малико! Падарам гандум бихӯрд, ки ӯро наҳӣ карда будӣ, вайро ҳам ба Замин фуру набурдӣ ва ба Дунё фиристодӣ!» Гуфт: «Эй малъун, падарат раҳм набурид, ту раҳм буридӣ!» Боз фармон омад, ки эй Замин, Қобилро бигир! То ба сина фуру шуд. Қобил мар Худованди аззаву ҷаллро савганд дод, ки аз падари худ шунидаам, ки ин дар Арш навишта дидаам, ки **Ло илоҳа иллаллоҳ Муҳаммадун расулуллоҳ.** Ба ҳаққи он ном бар ман бубахшой!» Нидо омад, ки эй Замин, раҳо кун ӯро! Замин гузошт. Боз Ҳақтаъоло фариштаро ба сурати саворе фиристод ва бар Қобил гумошт, то ӯро ба найза мекушт ва Худои таъоло ӯро зинда мекард ва боз ӯро мекушт. Ҳамчунин то рӯзи қиёмат хоҳад буд.

Чун Одам *алайҳиссалом* аз Макка бозомад, Ҳобилро талаб кард. Пурсид: «Кучост?» Гуфтанд, ки муддатест, ки пайдо нест. Одам (а) дар он фикр буд ва дар хоб намешуд, то шаб даромад. Ӯро хобу карор набуд. Чун вакти субҳ расид, Одам (а) Ҳобилро ба хоб дид, ки мегуфт: «Алғиёс, алғиёс, ё падар!» Одам (а) аз хоб бедор шуд, ба хурӯш омада зор-зор бигрист. Дар ин ҳол ҳазрати Ҷабраил (а) омад ва гӯфт, ки ё Одам! (а) Ҳобилро Қобил бикушт. Одаму Ҳавво ҳар ду ба фарёду фиғон

---

[6] Қуръон: 5, 31.
[6] Қуръон: 5, 31.

бигристанд. Ҷабраил (а) гуфт: «Зорӣ макунед!» Одам (а) гуфт: «Ман аз Қобил безорам». Ҷабраил (а) гуфт: «Худои таъоло низ аз ӯ безор аст». Одам (а) гуфт: «Маро бар турбати ӯ бубар, то ӯро бубинам». Ҷабраил (а) турбати Ҳобилро намуд. Одам (а) гуфт: «Ё Ҷабраил! Агар Қобил Ҳобилро бикушт, хуни ӯ чӣ шуд?» Гуфт: «Замин фуру кашид». Одам (а) гуфт: «Лаънат бар он Замин бод, ки хуни фарзанди ман хӯрд». Замин дарҳол хун биандохт. Одам (а) ва Ҳавво сари қабр боз карданд. Ҳобилро диданд, ки сар кӯфта ва сари мӯй ба хун олуда, рӯй ба рӯи писар ниҳоданду зор-зор бигристанд, чунон ки фариштагони Осмон ба зорӣ омаданд ва бо эшон мегиристанд. Охир Одам (а) Ҳобилро дар тобут ниҳод ва баргирифт.

Ибни Аббос (*раз*) гӯяд, ки Одам чиҳил сол он тобутро гирди олам бигардонид. Ба ҳар водӣ, ки расидӣ, он мавзиъ бар ӯ бигристӣ ва ҳар кӯҳу санг ба мувофақати ӯ навҳа кардӣ. Вухушу туюр низ бо эшон дар гиря мувофақат карданди ва мегуфтандӣ, ки бигрезед аз одамизод, ки эшонро вафо нест, ки бародари худро бикушт. .

Пас Одам (а) ба мақоми худ омад. Ҳобилро дар он ҷо дафн кард ва он гаҳ Одам *алайҳиссаломро* саду бист фарзандон ҷамъ омаданд. Ба ғайр аз Ҳобил ҳеҷ намурда буд. Ҳама фарзанд пеш омада гуфтанд: «Ё падар! Чизе бояд, ки ба-д-ин бозоргонӣ кунем». Одам (а) дуъо кард. Ҷабраил (а) муште зар ва муште сим овард. Одам (а) гуфтанд, ки ин тамоми писаронро намерасонад. Нидо омад, ки зару сим ба кӯҳ дех, то эшон андак-андак ба ҳилат ба даст оранд ва ба-д-ин бозоргонӣ кунанд, то рӯзи қиёмат кам нашавад.

Ва баъд аз ҳазор сол Одам (а) бемор шуд. Аз фарзандон мева хост. Фарзандони Одам (а) ба талаби мева рафтанд, магар Шис бар болини падар биншаст. Одам (а) дар интизори мева буд. Чун онҳоро дер шуд, ба Шис гуфт, ки бар сари ин кух рав ва дуъо кун, то Худои таъоло ба баракати дуои ту маро мева диҳад. Шис (а) гуфт: «Ту падарӣ, чаро дуъо накунӣ?» Гуфт: «Ман аз Худо шарм медорам, ки зиллат аз ман дар вучуд омадааст. Ту гуноҳ накардӣ!» Пас Шис (а) рӯй ба кӯҳ кард, то дуъо кунад. Ҷабраил (а)-ро бо хоне дид, ки бар сари ҳуре аз Биҳишт меояд, аз зари сурх. Дар он табақ гуногун мева буд аз биҳӣ ва анор ва себ ва норинҷ ва туринҷ ва лимун ва рутаб ва анҷиру харбуза овард. Ҳур ниқоб аз рӯй баркашид. Одам (а) гуфт: «Ё Ҷабраил! (а) Ин ҳур кист? Гуфт: «Худои таъоло ин ҳурро аз Биҳишт баҳри Шис (а) фиристод, ки фарзандони ту ҳама ҷуфт омаданд, илло Шис, ки ток омад, то ӯ низ ҷуфте дошта бошад.

Ва баъзе гуфтаанд, ки он ҳур бозгашт ва дар Биҳишт рафт,

то рӯзи қиёмат аз Шис бошад, аммо мусаннифи ин китоб чунин гӯяд, ки Одам (а) он хурро ба занин Шис дод. Ва хур тозизабон буд, чун аз ӯ фарзанд ба вуҷуд омаданд, тозизабон буданд. Асли Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва саллам* аз хур аст.

Пас Одам *алайҳиссалом* меваро ба баъзе фарзандон бахш кард. Ҳар кӣ аз он мева хӯрд, олим шуд. Одам *алайҳиссалом* фарзандонро васият кард, ки ман аз Дунё рихлат кунам, Шис ба чои ман бошад, вайро неку доред, ҳама бо ӯ имон ored. Ҳама бо Шис (а)имон оварданд. Баъд аз он Одам *алайҳиссалом* аз Дунё рихлат кард. Ва фарзандони ӯ дар муфорақат оху зорӣ карданд ва намози ҷаноза намуда, дафн карданд. Ду сол бар сари турбат нишастанд ва баъд аз он мутафарриқ гашта, ба хонаҳои хеш рафтанд.

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ШИС АЛАЙҲИССАЛОМ

Гӯянд, ки Шис *алайҳиссалом* олимтарини фарзандони Одам (а) буд. Ва бузургтар аз бародарон ёздаҳ бародаршарик буданд, аммо коре накардӣ, чун вақти дахл расидӣ, бахши вай ба вай доданди. Чун шаш моҳи охир шудӣ, нафақа ба охир расидӣ, аз Шис ҳама қарз бигрифтандӣ. Ҳама бародарон як сол гуфтанд, ки имсол насиби Шис намедиҳем. Қарз ба ӯ боз бидиҳем, ки ӯ кор бо мо намекунад. Ҳақтаъоло дар он сол Шисро пайғамбарӣ ва китоб фиристод, ки то бародаронро кори шариат омӯзонад Эшонро қарор афтод, то Шисро ҳар сол қисмати ушр доданд, то вай ба иёли худ нафақа кардӣ. Ва тамоми бародарон мутеъи ӯ гаштанд ва ба ӯ имон оварданд. Ва Шис алайҳиссалом низ бар дини пок муддате зиндагонӣ кард ва вайро фарзанде ба вуҷуд омад, Нуш ном. Чун болиғ шуд, Шис *алайҳиссалом* аз Дунё берун рафт. Нуш дини падарро барчой дошт, то муддате басар омад. Ӯ низ бар дини пок бимурд. Аз вай фарзанде бимонд, номи вай Қалтабон. Ӯ низ дини падар гирифт ва ҷумлаи халқро ба-д-он дин хондӣ. Ӯро писар омад, номи вай Маҳлоил, ба сурате, ки дар Дунё мисли ӯ надошт аз Машриқ то Мағриб. Халқуллоҳ омадандӣ, то назорати сурати ӯ карданд ва ҳадияҳо оварандӣ, то ҳашмате дар хонадони Маҳлоил падид омад, ки дар олам касеро набуд.

Ӯро низ фарзандон пайдо шуданд. Пас Маҳлоил бар дини пок бимурд. Писари бузургтари ӯро Язд ном буд ва баъзе гуфтаанд, ки Авс ном буд. Чун падараш аз дунё бирафт, чамоате, ки аз атроф ба зиёрати Маҳлоил омадандӣ ва тухфа оварандӣ, чун ӯро надиданди, бозгаштандӣ ва ҳадияҳо бозбурданди. Иблиси лаъин бар сурати шахсе назди писарони Маҳлоил омад

ва гуфт: «Зоирони Махлоил аз шумо нохушанд». Гуфтанд: «Чаро?» Гуфт: «Аз бахри он ки аз атрофи олам меоянд ва хадияхо меоварданд, чун падари шуморо намебинанд, махрум мераванд». Гуфтанд: «Чӣ кунем?» Гуфт: «Сурат карор кунед, то чун халк оянд, он суратро зиёрат кунанд ва навмед бознагарданд, то аз ин сурат хурмату хашамати шумо барчой бимонад. Ва агар чунин накунед, дар чашми халк хеч иззат наёбед».

Чун Иблиси лаъин ин суханро мукаррар кард, эшон ризо доданд, ки сурати туро нигох бояд дошт. Иблис бар шакли Махлоил сурате тайёр кард ва буркаъи Маҳлоил бар рӯи ӯ гузошт. Халк меомаданд ва зиёрати сурат мекарданд, то як-ду кари хаме бар ин гузашт ва илм аз миён гум шуд. Иблис бар эшон даст ёфт, пеши кавми бузургтарин рафт ва гуфт: «Падари шумо ин сурат мепарастид. Аз бахри равони Маҳлоил шумо низ ин суратро парастиш кунед, то рухи Маҳлоил аз шумо хушнуд шавад ва шуморо давлат афзояд». Пас эшон он суратро хидмат карданд. Ба ин тариқ бутпарастӣ дар олам сурат гирифт. Пас дар миёни он кавм писаре омад, номи он Идрис (а) буд.

КИССАИ ХАЗРАТИ ИДРИС АЛАЙҲИССАЛОМ

Овардаанд, ки ӯро аз касрати хондан Идрис гуфтандӣ ва илми нучум аз муъчизоти ӯст. Ва ӯ бар замин ибодат кардӣ ва ибодати ӯ фариштагон бар осмон бурдандӣ. Қавлуҳу таъоло: **Ва-зкур фӣ-л-китоби Идриса иннаҳу кона сиддиқан-набийян.**[a] Рӯз пироҳан бидӯхтӣ ва ба ҳар сӯзане, ки бидухтӣ, тасбиҳ бигуфтӣ. Ва муздуре нагирифтӣ, то дар соати кор ӯ ба чое расид, ки Малакулмавт ба орзуи тамом аз Хакк фармон хост, ки пеши Идрис (а) биравам. Чун ҳукм гирифт, шабе ба сурати одаме меҳмони вай шуд. Ва ӯ сонмуддаҳр буд. Чун ба шом ҳангоми ифтор расидӣ, таъом аз барои ӯ аз Биҳишт омадӣ Чунон ки вайро боистӣ, бихӯрдӣ ва бокӣ,ки мондӣ, боз ба Биҳишт бурдандӣ. Чун таъом аз Биҳишт омад, нахӯрд ва қадам бар қадам ниҳода, ибодат мекард.

Идрис (а)-ро ачаб омад, зеро ки надонист, ки вай кист. Чун рӯз шуд, Идрис (а) гуфт: «Биё, ба як соат ба назораи кудрати Худои таъоло дар сахро равем, то вакти мо ба ту хуррам шавад!» Малакулмавт гуфт: «Раво бувад». Ҳар ду барҳостанд ва рӯ ба саҳро ниҳоданд, то ба киштзори гандум расиданд. Малакулмавт гуфт: «Аз ин гандуми сӯхта хӯшае чанд бигирему бихӯрем». Идрис (а) гуфт: «Ё ачабо! Имшаб ҳалол нахӯрдӣ ва имрӯз ҳаром хӯрдан мехоҳӣ?» Ва он гоҳ ба боғе

[a] Қуръон: 19, 56.

рафтанд. Ангур диданд. Гуфт: «Биё, то ангур бихўрем!» Пас гуфт: «Раво набвад, ки даст ба мулки ғайр дароз кунам, ки ҳаром бувад». Боз гўсфандро дид. Гуфт: «Биё, гўсфандро бикушем!» Идрис (а) гуфт: «Гўсфанд аз они дигарон аст, куштани ў раво нест».

Пас се рўз бо ҳам буданд. Чун Идрис *алайҳиссалом* ўро дарёфт, ки одамӣ нест, гуфт: «Эй ҷавонмард! Ба иззати он Худой, ки туро офарпдааст, бигўй, ки ту кистӣ?» Гуфт: «Ман Азроил (а)-ам». Гуфт: «Барои чон гирифтани ман омадай?» Гуфт: «На, барои тафарруҷи ту омадаам». Гуфт: «Эй бародар! Чони ҳамаи халкро ту бармедорӣ?» Гуфт: «Бале». Гуфт: «Се рўз аст, ки пеши мо ҳастӣ, бигў чонҳои ҳеҷ касро бардоштӣ?» **Куллаҳо байна ядайя кааннамо-л-хабару байна ядайка,** Гуфт, ки чон ситадан пеши мо ҳамчунон аст, ки нон хўрдани шумо. Ҳар касеро марг ояд, даст дароз карда чони ўро бароварам.

Малакулмавт гуфт: «Ё Идрис, мехоҳам бо ту бародарӣ кунам!» Идрис (а) гуфт, ки ман бо ту он гаҳ бародарӣ кунам, ки талхии чон кандан маро бичашонӣ, то тоат бештар кунам, ки хавфам бештар бувад. Малакулмавт гуфт, ки нофармонии Худои таъоло натвонам кард. Чун илтичо ба даргоҳи Ҳакк ҷалла ва ъало овард, фармон ёфт, ки эй Азроил, чони Идрис бардор, то ба ҳасби ҳукм чонаш бардошт. Малакулмавт тарсида дуъо кард. Худои таъоло Идрис (а)-ро боз зинда гардонид. Бархост ва Малакулмавтро дар канор гирифт. Ҳар ду акди бародарӣ бастанд.

Малакулмавт пурсид, ки эй бародар, талхии чон додан чи тавр дидӣ. Гуфт: «Ҳамчунон ки чонвареро ба зиндагӣ пўст аз сар берун кашанд». Малакулмавт гуфт: «Эй бародар! Ба ҳаққи он, ки воҳид аст дар улуҳияти хеш, ин эҳсону мадоро, ки бо ту кардам, бо ҳеҷ кас накардам». Идрис *алайҳиссалом* гуфт: «Ё Азроил! Хамроҳи худ маро бубар бар дари Дўзах, то дари Дўзахро бубинам ва ҳавфи илоҳӣ бештар аз пештар гирам». Гуфт: «Аз Эзадтаъоло дастуре хоҳам». Чун иҷозат ёфт, Идрис (а)-ро ҳафт табақаи Дўзахро намуд. Идрис (а) гуфт: «Эй бародари меҳрубон! Маро орзуи дидани Биҳишт аст, бинамо, то онро бубинам ва тоат бештар кунам ва шод шавам».

Пас Идрис (а)-ро бар дари Биҳишт бурд. Идрис *алайҳиссалом* гуфт: «Эй бародар! Талхии мавт чашидам ва Дўзахро дидам, чигарам сўхтааст ва дастуре деҳ, то ба Биҳишт равам, шарбати об хўрам». Гуфт: «Аҳд кун, ки берун ой ва мабодо, ки иродаи омадан накунӣ». Гуфт: «Аҳд кардам, ки берун оям».

Чун андарун рафт, ба иҷозати Ҳақтаъоло наълайн дар зери дарахти Тубо ниҳод ва аз баҳри он ки аҳд карда буд, ки берун ояд, чун аз Биҳишт берун омад, гуфт: «Наълайнро гузорида

омадаам, биравам бигирам». Боз дар Биҳишт шуд ва бар тахт нишаст ва Малакулмавт овоз дод, ки эй бародар, таъхир макун, берун биё. Гуфт: «Эй бародар! Ҷаббори олам чунин гӯяд: **Куллу нафсин зоиқат-ул-мавти.**[а] Акнун талхии ҷон кандан ва марг чашидам. Ва фармудааст, ки **Ва им-минкум илло воридуҳо.**[б] Ва ман Дӯзахро дидам. Ва ӯ мефармояд: **Ва мо ҳум минҳо би мухраҷин.**[в] Ҳар кӣ дар Биҳишт рафт, бадар наёяд. Эй бародари ман! Чаро берун оям?» Аз Ҷалили ҷаббор инро омад, ки эй Малакулмавт, даст аз Идрис бидор, ки дар ин такдир кардаам. Идрис (а) талхии марг чашида ва ҳам Дӯзах дида, акнун дар Биҳишт бошад.

Азроил (а) гуфт: **Инна ҳаза-л-ҷанната ҳаромун ъало-л-анбиёи ҳатто ядхулу хотам-ул-анбиёи** (с). Гуфт: «Биҳишт ҳаром бар ҳаман пайғамбарон аст, то он ки Хотамуланбиё (с) дар Биҳишт наравад». Нидо омад, ки эй Малакулмавт, ман Биҳишт аз дӯстони худ дареғ надорам. Аммо дар Биҳишт муқаддам Муҳаммад (с) бошад. Ва ба қавли дигар гуфтаанд: Эй Азроил (а)! То тавофкунандагон тавофи Биҳишт кунанд Ва **рафаъноҳу маконан ъалийян.**[г]

Пас Идрис *алайҳиссалом* дар Биҳишт бимонд. Фарзандон аз фироқи падар мегиристанд. Иблис *алайҳиллаъна* биёмад ва гуфт: «Эй фарзандони Идрис! (а) Магирйед, ман мисли падари шумо сурате созам, то мӯнис шавад ва равони падари шумо шод гардад. Пас Иблис *алайҳиллаъна* бар мисоли Идрис (а) сурате сохт, ки миёни ӯ ва сурати Идрис (а) ҳеҷ фарқе набуд, илло сухан нагуфтӣ. Эшон ҳар рӯз он суратро хидмат кардандӣ, то андак-андак бутпарастӣ дар олам пайдо шуд ва аз Машриқ то ба Мағриб ҷумла бутпараст шуданд. То чаҳорсад сол даромад ва ҳеҷ кас Худои таъолоро намешинохт. Олиму илм дар миёни эшон набуд. Худои аззаву ҷалл Нуҳ (а)-ро миёни эшон пайғамбарӣ дод ва бар эшон фиристод, то инҳоро ба Худои таъоло даъват кунад.

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ НУҲ АЛАЙҲИССАЛОМ

Гӯянд: Нуҳ (а)-ро ном Шукр буд, Нуҳ аз бахри он гӯянд, ки бар қавми хеш навҳаи бисёр мекардӣ. **Фа лабиса фиҳим алфа санатин илло хамсина ъоман.**[д] Ва дар ин муддат ба ҷуз чиҳил марду чиҳил зан имон наёварданд. Нуҳ *алайҳиссалом* аз фармони Худои таъоло ҳар рӯз бар кӯҳ шудӣ ва даъват халкро кардӣ, чунон ки аз ҳукми Худои таъоло нидо аз Шарқ

[а] Қуръон: 3 ,185.
[б] Қуръон: 19, 71.
[в] Қуръон: 15, 48.
[г] Қуръон: 19, 57.
[д] Қуръон: 29, 14.

то Ғарб расондӣ. Ва гуфтӣ, ки **Ло илоҳа иллаллоҳ, Ано расулуллоҳ.** Баъзе ангуштҳо дар гӯш кардӣ ва баъзе аз ҷома сарро пушондӣ ва баъзе гурехтандӣ, то сухани ӯ нашнаванд.

Ҳар гоҳ эшонро даъват кардӣ, ӯро чандон бизаданд, то беҳуш шудӣ. Чун ба хуш бозомадӣ, дигар бор бигуфтӣ: «Эй қавм! Бигӯед, ки Худо яке аст, ман расули Худоям». Ҳамин ки ин бигуфтӣ, бори дигар заданд, то ба вақти туфон рӯзе ӯро бизаданд, чандон ки расан дар гӯлуи муборак андохтанд ва кашида ба хона бурданд, то се рӯз Нуҳ *алайҳиссалом* ба хуш омад. Қавлуҳу таъоло: **Қола рабби иннӣ даъавту қавмӣ лайлан ва наҳоран...**[б] «Худоё! Даъват мекунам қавми хешро шабонгоҳу бомдодон, эшон аз ман мегурезанд ва рӯй аз ман мегардонанд. Илоҳи, тӯ донотарӣ, ки ман даъват мекунам эшонро барои ин ки то эшон ба роҳи рост оянд ва эшон аз ман рӯй гардонида, бар мо ҷафо мекунанд ва туро носазо мегӯянд. Ба ба ҳар рӯз аз ҷафову ситам даст намедоранд».

Рӯзе қавми худро даъват кард, ба Худои аззаву ҷалл хонд, боз вайро чандон бизаданд, ки ҷома пурхун шуд. Зани Нуҳ (а) кофира буд. Гуфт: «Ё қавм! Нуҳ (а) девона аст, чандон мазанед, ки он чи мегӯяд, аз девонагӣ аст, ҳеҷ намедонад». Чун Нуҳ *алайҳиссалом* номи девонагӣ шунид, рӯй ба осмон кард бинолиду гуфт: Раббӣ: **Аннӣ мағлубун фа-нтасир.**[в] Худовандо, ба фарёди ман бирас! Ҷабраил (а) биёмад ва гуфт: «Эй Нуҳ, дуъо кун, ки дуъои туро вақти ичобат аст ва ин қавм ҳаргиз мусалмон нахоҳад шуд. Дарахте бинишон, то бузург шавад». Ва ба қавли дигар шохе аз дарахти Биҳишт оварда ва ба Нуҳ *алайҳиссалом* дод ва Нуҳ (а) бар замин бинишонд. Чун муддати чиҳил сол баромад, дарахт бузург шуд, ки шашсад газ болои ӯ ва чаҳорсад газ паҳни ӯ шуд. Ва дар он чиҳил сол занҳои эшон ҷумла ақима гаштанд, наслҳои эшон мунқатиъ шуд, то он чи монда буд, ба хитоби Худой мухотаб гашт. Ва сабаби ӯ ин буд, ки писарони худ пеши Нуҳ бурданд ва мегуфтанд, ки эй писарон, инро душмани худ дониста, сухани ӯро қабул накунед ва ӯро залилу хор доред, ки ӯ мачнун шудааст.

Чун Нуҳ (а) ин васият бишнид, ноумед шуда ба тазарруъ гуфт: **Рабби ло тазар ъало-л-арзи мин-ал-кофирина дайёран.**[г] Гуфт: «Эй Худои таъоло! Як танро аз ин кофирон бар рӯи замин зинда магзор, то насли ин кофирон бурида шавад». Ҷабраил (а) омад ва гуфт: «Ё Нуҳ! Аз ин дарахт киштӣ тайёр кун!» Гуфт: «Киштӣ чӣ бошад?» Гуфт: «Ин дарахтро бибур ва тахта кун, то ман туро биёмӯзонам». Нуҳ (а) он дарахтро би-

---

б Қуръон: 71, 5.
в Қуръон: 54, 10.
г Қуръон: 71, 26.

тарошида тахта кард. Қавлуҳу таъоло: **Ва-снаъи-л-фулка би аъюнино ва ваҳйино ва ло тухотибни.**[6] Гуфт: «Ё Нуҳ, аз ин тахтаҳо киштӣ бисоз ва аз шоҳҳои ин мех кун!» Қавлуҳу таъоло: **Ва ҳамалноҳу ъало зоти алвоҳин.**[6] Пас Нуҳ (а) дурудгарӣ биёмӯхт ва тахтҳо бардошт. Бар тахтаи аввал номи Одам (а) падид омад, бар тахти дувум — номи Шис (а), бар тахтаи савум — номи Идрис (а) ва бар тахтаи чаҳорум — номи Нуҳ (а), тахтаи панҷум—номи Ҳавво ва бар тахтаи шашум—номи Солиҳ (а) ва бар тахтаи ҳафтум — номи Иброҳим (а) буд, то саду бисту чаҳор ҳазор тахта шуданд, бар ҳар тахта номи пайғамбаре *салавотуллоҳи алайҳим аҷмаъин* буд. Ва бар тахтаи охирин номи ҳазрати Муҳаммади Расулуллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* падид шуд, ки вай хотами анбиё аст.

Ҷабраил (а) таълим мекард ва Нуҳ (а) мех мезад, то киштӣ тайёр шуд, ки вай ҳазор зироъ тул ва чаҳорсад зироъ паҳнои он ва ҳафттабақа буд. Чун киштӣ дуруст шуд, кофирон бар вай механдиданду афсус мекарданд. Қавлуҳу таъоло: **Ва яснаъу-л-фулка ва кулламо марра ъалайҳи малаум-мин қавмиҳи сахиру минҳу қола ин тасхару минно фа инно насхару минкум камо тасхаруна. Фа савфа таъламуна.**[7] Фармон омад: Ё Нуҳ! (а) Ин қавмро бигӯед, ки имрӯз тамасхур мекунед, фардо мукофоти масхарагӣ ба шумо хоҳад расид! Чун ба он қавм гуфт, гуфтанд: «Ё Нуҳ, ба ин хонаи чӯбин ба осмон хоҳӣ парид?»

Чун киштӣ мураттаб шуд, як чӯб ба ҷиҳати бодбон ва чаҳор тахтаи дигар кам шуданд. Нуҳ (а) гуфт: «Ё Ҷабраил (а), чӣ кунам?» Ҷабраил (а) гуфт: «Муҳаммад расулуллоҳ (с) хотами анбиё аст. Акнун чаҳор тахтаи дигар талаб дорӣ, то киштӣ тамом шавад. Бишнав: Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва саллам* бо чаҳор ёр хоҳад буд, ки мартабаи эшон бас азим бувад ва номи онҳо Амирулмуъминин Абубакр ва Умар ва Усмон ва Алӣ *ризвонуллоҳи алайҳим аҷмаин* аст. Бояд, ки чаҳор тахта ба номи чаҳор ёрони пайғамбар (с) битарошӣ. Ва ҳақиқат он аст, то номи Муҳаммади Мустафо (с) бо чаҳор ёрон бар киштии ту набвад, Ҳақтаъоло аз туфон наҷот надиҳад, чунон ки меҳри Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ва чаҳор ёрони ӯ дар дили муъмин набвад, ӯро аз оташи Дӯзах наҷот набошад».

Ҷабраил (а) гуфт: «Ё Нуҳ, дар миёни руди Нил дарахте аст, кассро бифирист, ки он дарахтро бибурад ва биёрад ва аз он чаҳор тахта бисоз!» Нуҳ (а) фарзандони худро фармуд, ки он дарахтро биёранд. Инҳо иҷобат накарданд, арз карданд: Авҷ

[6] Қуръон: 11, 37.
[7] Қуръон: 11, 38—39.
[6] Қуръон: 54, 13.

ибни Анақро бифирист, ки ҳам қувват дорад ва ҳам роҳ нек медонад. Пас Авҷ ибни Анақро бихонд ва гуфт: «Агар фалон дарахт аз рӯди Нил биёрӣ, ман туро сер бигардонам». Гуфт: «Ҳамчунин аҳд кардӣ?» Гуфт: «Кардам». Пас Авҷ бирафт ва он дарахтро аз бехи вай барканда биёвард. Нуҳ се қурс нони чав пеши ӯ ниҳод. Авҷ бихандид ва гуфт: «Ё Нуҳ, ман дувоздах ҳазор нон мехӯрам ва таомҳои дигар чи гӯям, то ҳам сер намешавам, аз се қурс нони чавин чӣ тавр сер хоҳам шуд?»

Чунин овардаанд, ки Авҷ дар умри худ ҳаргиз сер нашуда буд. Нуҳ (а) гуфт: «Агар хоҳӣ сер шавӣ, бигӯ: Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим». Гуфт ва даст дароз кард ва як ним қурс нон бихӯрду чунон сер шуд, ки дигар луқма хӯрдан натавонист.

Нуҳ (а) аз он дарахт чаҳор тахта — аввал аз номи Абубакр ва дувум аз номи Умар, савум аз номи Усмон, чаҳорум аз номи Алӣ *ризвонуллоҳи алайҳим аҷмаин* бисохт ва киштӣ тайёр кард. Чабраил (а) гуфт: «Ба зиёрати Байтулмаъмур бирав, ки онро хоҳанд бардошт». Нуҳ (а) ба зиёрат рафт. Пас аз зиёрати Нуҳ (а) фариштагон Байтулмаъмур бардоштанд ва ба осмони чаҳорум бурданд. Нуҳ (а) бозомад, киштиро тартиб дод: дар табақаи аввал тобути Одам (а) ва дар табақаи дувум — Нуҳ (а) бо одамиён ва дар табақаи савум — мурғон ва дар табақаи чаҳорум — сибоъу даранда ва дар табақаи панҷум сутурон ва дар табақаи шашум — ҳар чинсе ва дар табақаи ҳафтум тухмҳову гиёҳҳову меваҳо.

Чун ҳама бардошта шуд, Чабраил (а) омад ва гуфт: «Ё Нуҳ! (а) Аломати туфон он бувад, ки аз танури пуроташ об барояд». Рӯзе зани Нуҳ (а) нон пухт, аз миёни танури гарми пуроташ об баромад. Бидавид ва ба Нуҳ хабар кард Қавлуҳу таъоло: **Ва фора-т-таннуру қулно-ҳмил фиҳо мин куллин-завҷайни-снайни ва аҳлака.**[а] Чабраил гуфт: «Аз ҳар ҷонваре ҷуфте дар киштӣ бубар!» Нуҳ (а) гуфт: «Баъзе ба Машриқ ва баъзе ба Мағриб, эшонро чи тавр ба киштӣ барам?» Ба ҳукми Худо онҳо, ки аз насли эшон боқӣ мондан манзур буд, ҷамъ омаданд. Нуҳ (а) аз ҳар чинсе дар киштӣ бурд, магар хар, ки дар киштӣ расонид.

Ва ба қавли дигар овардаанд, ки киштии Нуҳ (а) сетабақа буд. Дар аввал парандагон ва дар табақаи дувум Нуҳ (а) ба муъминон ва дар табақаи савум сутурон. Ва аз фарзандони Нуҳ (а) Сому Ҳому Ёфис ҳама дар киштӣ шуданд. Ва Канъон — фарзанди Нуҳ (а) рӯй ба кӯҳе ниҳод ва гуфт, ки ман дар киштии ту нахоҳам омад. Ҳарчанд Нуҳ (а) гуфт: «Эй Канъон,

---

[а] Қуръон: 11, 40.

бе киштӣ ҳалок шавӣ!» Ҷавоб дод: **Кола саовӣ ило ҷабалин яъсимунӣ мина-л-мои.**[б] Гуфт: «Бар кӯҳ шавам, то оби туфон ба ман нарасад ва зарар нарасонад». Нуҳ (а) гуфт: Қавлуҳу таъоло: **Ло ъосима-л-явма мин амриллоҳи илло мар-раҳима ва ҳола байнаҳумо-л-мавҷу фа кона мина-л-муғрақин.**[в] Нуҳ (а) гуфт: «Эй писар, марав, ҳеч кас аз азоби Худо халосӣ нахоҳад ёфт,магар он касе, ки Худои аззаву ҷалл бар вай раҳмат кунад ва муъмин бошад!»

Дувуми моҳи раҷаб буд, ки Замин чун ғирбол шуд. Қавлуҳу таъоло: **Фа фатаҳно абвоба-с-самои би моим мунҳамирин. Ва фаҷҷарно-л-арза ъуюнан фа-лтақо-л-моу ъало амрин қад қудир.**[г] Аз осмон оби гарм биборид ва аз замин оби сард баромад, то чиҳил зироъ болои кӯҳҳо шуданд. Аввал ба Канъон расид, Нуҳро шафқати падарӣ дар дил омад ва ба хаёл гузашт, ки фарзандаш ҳалок мешавад. Рӯй бар осмон кард ва гуфт: «Илоҳӣ, ту ваъда кардӣ, ки аҳли байти туро ҳалок накунам, писарам Канъон ҳалок мешавад». Қавлуҳу таъоло: **Инна-бнӣ мин аҳлӣ ва инна ваъдака-л-ҳаққу.**[д] Худовандо, фарзанди ман аз аҳли байти ман аст ва ба дурустӣ ваъдаи ту рост аст. Нидо омад: **Ё Нуху иннаҳу лайса мин аҳлика иннаҳу ъамалун ғайру солиҳин.**[е] Ё Нуҳ, ӯ аз аҳли байти ту нест, ки имони вай мувофиқи имони ту нашуд.

Мавҷи об даромад ва Канъонро даррабуд ва ҳалок кард. Киштӣ бар об шуд. Ҷабраил (а) омад ва гуфт: Бигӯ: **Бисмиллоҳи маҷроҳо ва мурсоҳо инна раббӣ ла ғафуру-р-раҳим.**[а] Чун хоҳд, киштӣ бар об равон шуд. Фазлаи одамӣ дар киштӣ бисёр муҷтамиъ шуд. Нуҳ (а) ба илҳоми Худо даст бар пешонии пил молид, ҷуфти хук аз бинии ӯ баромад ва фазлаҳое, ки дар киштӣ буд, ҳама дарҳӯрданд. Ва Иблиси лаин даст бар пешонии хук молид, ҷуфте муш аз бинии хук баромад. Нуҳ (а) гуфт: «Ё малъун, туро дар ин киштӣ кӣ овард?» Гуфт: «Он вақт, ки ту харро малъун хондӣ, ман донистам, ки малъун маро мехонӣ, ман дар киштӣ омадам». Пас мушон қасди сурохи киштӣ карданд. Нуҳ (а) ба Худои таъоло бинолид. Ҷабраил (а) омад ва гуфт: «Ё Нуҳ (а), даст бар пешонии шер бимол!» Чун ҷуфте гурба аз бинии шер баромад, дарҳол мушҳоро халок кард. Аз он рӯз гурба душмани мушон аст.

Чун Нуҳ (а) шаш моҳ дар киштӣ буд, аз дувуми раҷаб то дувуми муҳаррам, ки нидо омад: Қавлуҳу таъоло: **Ва кила ё арзу-блаъӣ моаки ва ё самоу ақлиъӣ вағиза-л-моу ва қу-**

б Қуръон: 11, 43.
в Қуръон: 11, 43.
г Қуръон: 54, 11.
д Қуръон: 11, 45.
е Қуръон: 11, 46.
а Қуръон: 11, 41.

зия-л-амру.[б] «Ё Замин, оби хеш фуру бар ва эй Осмон, аз боридан бозой!» Бориш филфавр мавкуф шуд, чунон ки катра об, ба қудрати ӯ, бар Замин набуд.

Магар он рӯз киштӣ дар замини Ҳиҷоз буд, ҳафтод бор гирди Қаъба тавоф кард, рӯй ба сӯи Шом ниҳод ва ҳар чо, ки дар чаҳон кӯҳҳо будааст, сар баровард, то киштӣ бар сари онҳо қарор гирад. Кухи Ҷудий сар фуру афканда буд, то киштӣ бар ӯ қарор биёбад. Фармон омад: **Ва-стават ъало-л-Ҷудийи.**[в] Киштӣ бар сари кухи Ҷудий омад. Нуҳ (а) мокиёнро фиристод, то миқдори об бубинад. Мокиён ба дона чидан машғул шуд, бознаёмад. Ҳақтаъоло қуввати паридан аз ӯ бозгирифт. Нуҳ (а) кабутаронро фиристод, ки хабари об биёранд. Кабутарон бар об нишаста бозомаданд,чуночи сурхии пойи кабутарон аз об тар буд. Нуҳ (а) кабутаронро дуъо кард ва гуфт: «Халқ дӯсти шумо бод!». Он гаҳ Ҷабраил (а) биёмад ва ҳафт дари об бар карду бияфшурд ва ҳафт дарё бар рӯи замин пайдо шуд. Об аз Замин ба дарёҳо фуру шуд ва боқӣ аз замини хушк.

Нуҳ (а) аз киштӣ берун омад ва гуфт: «Эй мурғ, бирав бингар, то чанд об мондааст!» Мурғ фуруд омад ва ба хӯрдани дона машғул шуд ва бознарафт. Аллоҳ таъоло паридан аз вай бигрифт, то рӯзи қиёмат нахоҳад парид. Нуҳ (а) кабкеро фиристод ва кабк дид, ки об бар замин нест, бозпас биёмад ва Нуҳ (а)-ро хабар дод. Нуҳ (а) онро дуъо кард ва қавми худро аз киштӣ берун овард.

Он гоҳ фармон омад, ки бехҳову тухмҳоро дар замин нех, то бирӯяд. Нуҳ (а) ҳама тухмҳоро бидид, магар ангурро надид. Гуфт: «Эй борӣ Худоё! Бехи ангур намеёбам, намедонам чӣ шуд?» Нидо омад, ки Иблис дуздидааст. Нуҳ (а) гуфт: «Эй малъун, бехи ангур биёр!» Инкор намуд. Нуҳ *алайҳиссалом* гуфт: «Худои таъоло мефармояд, ки дуздидӣ». Гуфт: «Оре, медиҳам». Гуфт: «Раво бувад». Тухми ангур овард. Чун бинишонд дар замин, Нуҳ (а) як бор об дод, Иблис *алайҳиллаъна* рӯбоҳеро бикушт, хуни ӯро дар бехи ӯ рехт ва боз шерро бикушт ва хуни ӯро дар бехи ӯ дод, боз хукро бикушт ва хуни ӯ ба ҳамон чо дарандохт. Акнун ки ширинӣ, ки дар ангур аст, аз оби Нуҳ (а) ва сохтани шароб аз оби Иблис. Сабаб ин аст, ки майхора аввал чун рӯбоҳ мутавозиъ бошад ва чун соате барояд, шер шавад ва баъд аз соати чанд мисли хук шуда, касеро набинад ва нашнавад ва нашносад.

Иблиси лаъин гуфт: «Ё Шайхуланбиё! Миннати ту бар ман азим аст, аз ман чизе бихоҳ!» Нуҳ (а) гуфт: «Эй малъун! Дар маъсият шод шудӣ?» Гуфт: «Маъсият накардӣ, ки дуъо ба даргохи Ҳақтаъоло кардӣ, ки чандин ҳазор кас ба куфр ҳалок шу-

---

[б] Қуръон: 11, 44.

[в] Қуръон: 11, 44.

ланд ва дар Дӯзах хамнишини ман хоҳанд шуд». Нуҳ аз тарси ин суҳан сад сол бигирист. Рӯзе гуфт: «Эй малъун! Кадом кор аст, ки фарзандони Одам (а) одати худ кардаанд ва ба-дон сабаб дар Дӯзах хоҳанд рафт?» Иблиси лаъин гуфт: «Чаҳор чиз аст: яке ҳасад, дувум ҳирс, савум такаббур, чаҳорум бухл». Нуҳ шарҳи ин чаҳор чиз пурсид. Гуфт: «Ман ҳафтод ҳазор сол сачда кардам ва ибодати Худои аззаву ҷалл ба ҷо овардам. Чун Одамро биёфарид, ба фариштагон амр омад, ки ҳама фариштаҳо Одамро сачда кунед. Ман ҳасад бурдам ва сачда накардам, то муставҷиби лаънат шудам. Боз Худои таъоло маро фармуд, ки сачда чаро накардӣ. Ман такаббурӣ кардам ва гуфтам, ки ман аз одамӣ бехтарам, ки ӯ аз хоки зулмонӣ пайдоиш ёфтаву ман аз оташи нуронӣ. Ба сабаби ин Худои таъоло аз рондагонам гардонид. Ҳирс омад аз Одам, ки ӯро ба хӯрдани дарахти гандум наҳӣ буд, то ҷовидон дар Биҳишт бошад. Ӯро гандум хӯронидам, ба-д-ин сабаб аз Биҳишт берун шуд ва ба меҳнат гирифтор шуд. Дигар бухл аст. Худои таъоло Биҳиштро бар ҷумлаи бахилон ҳаром кардааст, ки ҳаргиз ҷаннатро набинад».

Иблис ин бигуфту бирафт. Нидо омад, ки ё Нуҳ, аз чӯби киштӣ масҷиде соз. Масҷиде бисохт ва бар кухи Ҷудий деҳе бино кард ва номи он мавзиъ Шамонин хонанд. Он хаштод муъмин аз муъминон, ки бо Нуҳ (а) буданд, бимурданд. Боз фарзандони ӯ Сом, Хом ва Ёфис боқӣ монданд. Чунон ки ин ҳама халқ насли эшонанд. Аҳли Арабу Аҷам аз Сом ва аҳли Хинду Ҳабаш аз Хом ва аҳли Туркистон аз Ёфис будаанд.

Овардаанд, ки Нуҳ (а) хуфта буд. Ҳаво домани ӯ бардошт, Авраташ зоҳир шуд. Хомро назар бар аврат афтод, Хом бихандид ва чун назари Сом бар он афтод, бипӯшид. Нуҳ (а) Хомро нафрин кард, дарҳол рӯи ӯ сиёҳ шуд ва фарзандони ӯ то киёмат сиёҳ бошанд, чун ҳиндуёну ҳабашиён. Ва баъзе гӯянд: Нуҳ (а) Сомро дуъо кард, то фарзандони ӯ пайғамбар бошанд. Ва аҳли туркон аз Ёфисанд. Ва ба қавле умри Нуҳ (а) чаҳордаҳ сад сол буд ва ба қавли дигар як ҳазору бист сол буд. Чун Нуҳ (а) риҳлат аз Дунё барбаст ва тӯшаи охират баргирифт, малоикон пурсиданд: «Ё Шайхуланбиё! Дунёро чӣ гуна дидӣ?» Гуфт: «Ҳамчун сарое, ки аз як дар омадам ва аз як дари дигар берун шудам».

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ҲУД АЛАЙҲИССАЛОМ

Чун фарзандони Сом баъзе ба Куфа ва баъзе ба Яману Хичозу Шому Мағриб мунташир шуданд ва шаҳрҳо бино карданд, Хом ба Хиндустон рафта шаҳрҳо бино кард ва Ёфис ба Тур-

кистон рафт ва он ҷо сукунати худ муқаррар кард. Шаҳр шуд, то ҳама шаҳрҳои ҷаҳон аз эшон обод гашт. Иблиси лаъин ба Ҳиндустон омад ва роҳи бутпарастӣ дар миёни онҳо ниҳод ва аз он ҷо ба Туркистон рафт, инҷоро бутпараст сохта, дар Араб шуд ва эшонро низ гумроҳ кард.

Малике дар Араб буд, ном Ҷурҳум. Чаҳорсад газ қади баланд дошт. Ҳама мардуми Араб мутеъи ӯ буданд. Онро Ҳазрати Мавт гуфтанд. Ва ӯ он ҷо қасрҳову хонаҳо ва бӯстонҳову наҳрҳои равон тайёр сохта буд ва ба қуввату шуҷоат мисли худ надошт. Ва хафтсад сол шуда буд, ки касе аз эшон намурда буд ва инҷо маргро фаромӯш карданд ва Замин аз онҳо ободон буд. Ва илм дар миёни онҳо намонда буд. Рӯзе Иблис назди инҷо омаду гуфт, ки шумо киро мепарастед? Гуфтанд: «Намедонем». Гуфт: «Ман шуморо биёмӯзонам, он ки падарони шумо мепарастиданд, ба шумо намоям». Он қавмро хамроҳ гирифта ба Ҳиндустон омад ва бутпарастӣ муояна кунонид. Инҳо ҳам розӣ шуда, панҷ бутро, ки дар рӯзи тӯфон буданд, бардошта ба мақоми худ бурданд. Қавлуҳу таъоло: **Ва ло тазарунна ваддан ва ло сувоъан-ва ло яғуса ва яъука ва насран.**[а] Ва бутпарастӣ оғоз карданд, то ҳама олам бутпараст шуда. **Аёзан биллоҳи мин золика.** Худои таъоло бар эшон пайғамбаре фиристод, Ҳуд ном. Қавлуҳу таъоло: **Ва ило Ъодин ахоҳум Ҳудан қола ё қавми-ъбудуллоҳа мо лакум-мин илоҳин ғайруҳу.**[б]

Ҳуд *алайҳиссалом* эшонро панд медод ва даъват мекард. Қавлуҳу таъоло: **Ва-зкуру из ҷаъалакум хулафоа мин баъди қавми Нуҳин ва зодакум фи-л-халқи бастатан.**[а] Яъне: ёд кунед Худои аззаву ҷаллро, ки бар шумо баъди Нуҳи пайғамбар халифа фиристод ва фарох рӯзиву қувват гардонид. Ва ёд кунед Худоро, ки валинеъматии шумоҳо аст, ки аз ҷумлаи растагорон бошед.

Бузургони он қавм чаҳорсад газ қад доштанд ва авсати эшон дувист газ ва хурдтарини инҳо ҳафтод газ. Ҷавоб доданд, ки ё Ҳуд, мо даст аз ин бутон барнадорем ва туро ростгӯй нашуморем. Пас Худои таъоло дар миёни эшон қаҳтӣ падид овард. Аз гуруснагӣ оҷиз шуданд. Ҳафдаҳ тан аз миёни хафдаҳ қабила имон оварданд, бокӣ кофир монданд. Гуфтанд: «Ё Ҳуд! Қавлуҳу таъоло: **Қолу а ҷиътано ли наъбудаллоҳа ваҳдаҳу ва назара мо кона яъбуду обоуно.**[б] Худои туро напарастем ва даст ҳам аз Худоёни падарони хеш бознадорем! Агар моро аз азоб метарсонӣ, бигӯ, то биёяд, вагарна мо туро халок кунем!» Ҳуд *алайҳиссалом* ба Худои худ бинолиду гуфт:

[а] Қуръон: 71, 23.
[б] Қуръон: 11, 50.
[а] Қуръон: 7, 69.
[б] Қуръон: 7, 70.

«Худовандо! Маро токати ҷанги эшон нест, маълум мешавад, ки маро халок гардонанд!»

Дар мнёни мехтарон қавми Од ном буд, аз рӯзгори эшон то замони туфон ҳафсад сол буд ва қуввати эшон бехад буд, ки агар пой бар санг заданди, то ба зону ба санг фуру шудандӣ. Хама тоғй шуданду гуфтанд, ки **Ман ашадду минно қувватан.**[1] Фармон омад, ки ё Худ, он ҳафдаҳ танро, ки ба ту имон овардаанд, бар сари кӯҳ бубар. Худ *алайҳиссалом* эшонро бурд ва ба он қавм гуфт: «Ё қавм! Шуморо бод халок хохад кард». Гуфтанд: «Кадом бод бувад, ки бар мо галаба кунад?» Пас Худои таъоло се сол аз эшон борон бозгирифт, то қаҳт бар эшон сахт шуд.

Худ *алайҳиссалом* гуфт: **Ё қавми-стағфиру раббакум сумма тубу илайҳи.**[2] «Ё қавм, омурзиш хоҳед ва ба Худо бозгардед, то шуморо борон диҳад!» Гуфтанд: «Мо тавба накунем». Ва кавмеро фиристоданд, ки то ба Макка рафта, борон хоҳанд. Пас шаш кас аз одиён ихтиёр карданд ва аз эшон ду кас мусалмон буданд, аммо динро пинҳон медоштанд. Номи ҳар ду Мазид ва Яким ва мехтари эшонро Қил гуфтандӣ. Бо ҳафтод тан ҷамъ шуданд ва ба Макка рафтанд. Мазид гуфт: «То бар Худ имон наёред, ҳаргиз борон наёяд». Инкор карданд. Ва Мазиду Яким гуфтанд: «Худовандо! Ин истиҳқоқи раҳмати ту надоранд. Аз ҷумла ҳоҷоти мо раво кун!» Нидо омад, ки чӣ хоҷат доред? Мазид гуфт: «Худовандо! Ман то қиёмат дар Дунё гуруснагӣ накашам». Нидо омад, ки додем. Яким гуфт, ки ман умри ҳафт гуна умри ҳар касе, ки бихоҳам, биёбам ва батнан баъди батнин то сӣ сад сол хуш зиям. Фармон омад, ки додем. Ва Қил гуфт: «Худовандо! Касе аз мо бемор нест, ки аз ту шифо хоҳам ва ё дар миҳнат наем, ки нусрат хоҳам. Бороне аз баҳри қавми одиён мехоҳам. Дар се соат абре падид омад сапеду сиёҳу сурх. Нидо омад: «Ё Қил, ҳар кадом хоҳӣ, якеро интихоб кун!» Қил дар хотир овард, ки дар абри сапеду сурх борон набошад, аммо абри сиёҳ бе борон нест. З-ин абри сиёҳ хост. Нидо омад, ки бирав, абри сиёҳ бо ту биравад. Эшон бирафтанд.

Ваҳб ибни Мунаббиҳ гӯяд, ки дар замини ҳафтум боде аст, ки ӯро **риҳуссақим** гӯянд. Ҳафтод ҳазор занҷир дар он бод бастаанд ва ҳафтод ҳазор фариштa бар он бод муваккаланд. Чун рӯзи қиёмат шавад, он бод раҳо гардад ва куҳҳои сангинро чун пораи абрешим дар ҳаво бубарад ва осмонҳо аз ҳам бозкушояд. Қавлуҳу таъоло: **Ва ҳумилат-ил-арзу ва-л-ҷиболу фа дуккато даккатан воҳидатан. Фа явмаизин вақаъатилво-**

[1] Қуръон: 41. 15.
[2] Қуръон: 11, 52.

қиъату.[а] Нидо омад: Фариштагону муваккалон, бодро бар қавми Од фиристед! Гуфтанд: «Чӣ миқдор ҳукм шуд?» Чандон ки аз бинии гов берун ояд. Гуфтанд: «Худовандо! Олам хароб шуд». Амр шуд: Чандон ки аз сӯрохи сӯзане барояд, раҳо кунед! Чун раҳо карданд, бод ғалаба кард, чунончи абри сиёҳ аз кӯҳ баромад. Қавми Од шод шуданд. Қавлуҳу таъоло: **Қолу ҳаза ъоризум-мумтируно.**[б] Гуфтанд: «Ин абрест, ки бар моён хоҳад борид».

Ҳуд *алайҳиссалом* гуфт: Қавлуҳу таъоло: **Бал ҳува мостаъҷалтум биҳи риҳун фиҳо ъазобун алим.**[в] Яъне ин абр нест, азобе аст, ки таъҷил меояд, раҳмат нест. Дарҳол бод бичунбид. Гуфтанд: «Ё Ҳуд! Ту моро хабари бод додӣ, ки то ба-д-он хунук шавем?» Ҳуд гуфт: «Сабр кунед, то азоби алими Худои таъоло ояд». Ҳафсад ҳазор мард дар миёни се кӯҳ шуданд, чунон ки рохи бод аз як ҷониб беш намонда буд. Ва онҳо ба якдигар нишастанд ва дастҳо бо якдигар оварданд, то ба зонуӣ дар замин фуру шуданд. Ва занону мардону кудакону чаҳорпоён дар миён гирифтанд. Ва гуфтанд: «Аз як ҷониби мо кӯҳ аст ва аз як ҷониб моем, кадом бод дар миёни мо гунҷад?» Чун ба қуввати худ мағрур гаштанд, бонги раъд баромад ва бод қувват гирифт. Аввал кушкҳову қасрҳо аз ҷой барканд ва дар ҳаво бурд. Бод дар зери қадами эшон баромад ва ҳамаро дар ҳаво бурду сарнагун дар замин зад. Қавлуҳу таъоло: **Қааннаҳум аъҷозу нахлин ховиятин.**[г] Яъне: ҳамчун дарахти хурмо бар замин афтоданд. Бод сангу регу хок бар сари эшон меангошт. То як сол зинда буданд дар таҳи хок, бинолиданд. Ва ҳар ки нолаи эшон бишунид, ҳам ҳалок шудӣ.

Ҳуд (а) хатте кашида муъминонро дар он хатт нишонда буд ва он бод аз он саъю тундӣ домани муъмине кач накардӣ, то бидонӣ, ки: **Ман коналлоҳу лаҳу кона-л-куллу лаҳу.** Ҳуд бо муъминон пеши Ҷурҳум рафт ва гуфт: «Азоби Худои таъоло дидӣ?» Гуфт: «Дидам». Гуфт: «Бигӯ: Ло илоҳа иллаллоҳ ва ано расулуллоҳ». Ҷурҳум *лаънатуллоҳи алайҳ* гуфт: «То ҳамаро зинда накунӣ, нагӯям». Дар ин сухан буд, ки бод аз замин зери қадами Ҷурҳуми палид баромад ва ӯро баргирифт.

Пас муддате ба сар омад. Ҳуд *алайҳиссалом* баъди чаҳорсад сол аз Дунё берун рафт ва муъминон навҳа карданду ӯро дафн карданд. Баъд аз он муъминон сад соли дигар дар Дунё буданд ва охир рафтанду авлоди эшон бар дини пок мебуданд. Ва олам аз эшон ободон гашт. Иблис *алайҳиллаъна* дар миёни эшон омад ва гуфт: «Шумо киро мепарастед?» Гуфтанд: «Худои таъолоро, ки Худои осмону замин аст». Иблиси лаъин

[а] Қуръон: 69, 14—15.
[б] Қуръон: 46, 24.
[в] Қуръон: 46, 24.
[г] Қуръон: 69, 7.Ниг. низ 54, 20.

гуфт: «Худойро мебинед?» Гуфтанд: «На». Иблис гуфт: «Аз ин санги бузург буте сохта, хидмат кунед, то рӯзи қиёмат шафиъи шумо хоҳад буд». Он қавм ризо доданд ва санге оварданд, дар миёни водӣ бут сохта ниҳоданд. Қавлуҳу таъоло: **Ва самуда-л-лазина ҷобу-с-сахра би-л-вади.**[а] Он гоҳ ҳар чаҳор рукни он сангро сурох карданд ва нуқра фуру рехтанд. Ва тахте азим ниҳоданд ва курсии аз зари сурх бар он тахт ниҳоданд. Бутеро бар он курсӣ нишонданд.

Пас Иблиси лаъин гуфт, ки ин бутро сачда кунед. Аз гуфтаи Иблис сачда карда кофир шуданд. Ва гунбади азим бар сари он сохтанд ва ӯро маъбуди худ карданд, *наъузу биллоҳи мин золика куллиҳи.* Худои таъоло пашаро бифиристод, то он гунбадро сӯрох карда ва пеши он рафта ва хартум бар сари бут фуру бурд ва бо курсиву санг баргирифт ва дар ҳаво бурд, чунон ки он қавм медид. Ва дар дарёи муҳит андохт. Он кавм мутаҳайир гашта дармонда шуданд ва надонистанд киро парастанд.

Худои таъоло Солиҳи пайғамбарро, ки қиссаи он баъд аз киссаи Шаддоди лаъин хоҳад омад, бар эшон фиристод. Шаддоди лаъин, ки дар аҳди Ҳуд *алайҳиссалом* буд, бино бар он дар ин қисса баён карда шуд.

Ва ин Од ду писар дошт: яке Шадид ва дигар Шаддод. Шадид ҳафсад сол подшоҳӣ кард ва баъд аз вафоти ӯ Шаддоди малъун подшоҳ шуд. Чун хонанда буд, ҳама олам мусаххари ӯ шуданд. Худои таъоло Ҳудро ба даъвати вай фиристод. Ва гуфт, ки Худои таъоло мегӯяд, ки ҳазор сол туро умр додам, то ҳазор ганҷ бар по ниҳодӣ. Ва ҳазор завҷаи хубрӯ хостӣ ва ҳазор лашкар шикастӣ. Ҳама неъмат аз каромати ман буд. Акнун бигӯ: «Худо яке аст», то туро дучандон неъмат бидиҳам. Бар ин неъмат дар рӯзи қиёмат ҳисоб нагирам, ба Биҳишт бирасонам. Чун Ҳуд (а) ин калимот бигуфт, Шаддод *алайҳиллаъна* гуфт: «Маро ба Биҳишт даъват мекунӣ? Ман сифати Биҳишт шунидаам, ман низ дар Дунё Биҳиште бисозам, то бидонӣ, ки маро ба Биҳишти Худои таъоло ҳоҷат нест». Он гаҳ дар мулук вазирону акобирони худро мактуб фиристод, то «дар олам замини ҳомун, ки лоиқи Биҳишт бошад, талаб кунед».

Чунон гӯянд, ки ӯро ҳазор мулку ҳазор шаҳр буданд, ба ҳар мулку шаҳр сад ҳазор мард буданд, ки муддате ба талаби замин дар олам мегаштанд, то дар диёри Араб чиҳил фарсанг заминии ҳомунӣ диданд. Амиронро фармуд, ки се ҳазор устоди пуркор биёред ва ба ҳар устод сад мард диҳанд. Аввал чиҳил газ замин фуру куфтанд ва санги мармар оварданд ва аз атро-

---

[а] Қуръон: 89, 9.

фи олам ганҷҳову хазинаҳо он ҷо бурданд. Аввал деворҳо аз хишти зару сим карданд ва сафҳову сутунҳо аз забарҷаду зумурради сабз карданд. Чунон ки Худои таъоло Ҳазрати Рисолатпаноҳро аз он сутунҳо ва сифати биҳишти Шаддоди лаъин хабар дод, ки дар Дунё ҳеч кас ончунон биҳиште насохта буд. Қавлуҳу таъоло: **Ирама зоти-ил-ъимоди-л-латӣ лам юхлақ мислуҳо фӣ-л-билоди.**[а] Он гах дарахтон сохтанд, ниме аз зару ниме аз сим ва баргҳо аз зумурради сабз, шоххо аз ёкути сурх, дар миёни дарахтон меваҳои гуногун баровардаид. Ва ба ҷои хок мушку анбару заъфарон рехта ва ба ҷои санг гавҳару марҷон дар саҳн андохтанд. Ва аз ширу маю ангубин чӯйҳо равон карданд.

Ва он гах дар дари биҳишт чаҳор майдон сохтанд ва дарахтҳои мевадор нишонданд. Ва дар ҳар майдон сад ҳазор курсии зару сим ниҳоданд ва бар ҳар курсӣ ҳазор хон ва дар ҳар хоне ҳазор гуна таъом карданд.

Ва дар хабар аст, ки ҳар рӯз чиҳил ҳазор харвор аз зару сим дар биҳишт ба кор мебурданд, то ба сесад сол тамом шуд. Вакилонро дар олам фиристода буд, то як дирам сим ҳеҷ кас офарида нагзоранд ва ситонида дар биҳишт фиристандӣ, то ба ҳадде, ки пиразане духтаре дошт, дар гулубанди ӯ як дирам сим буд, аз ӯ гирифтанд. Он духтар мегирист, ки ин як дирам ба ман бигзоред, фоида надошт. Духтар ба Худои таъоло бинолиду гуфт: «Ту мебинӣ, ки чӣ муомала меравад, ба фарёди бандагон бирас ва шарри ин золим аз сари мазлумон рафъ фармо!» Худои таъоло дуъои ӯро иҷобат кард.

Овардаанд, ки духтарону ғуломони хубрӯй аз атрофи олам ба Димашқ, ки ҷои ӯ буд, оварданд ва ҷамъ карданд, то ки дар биҳишт монанди хурону ғилмон дар хидмати худ нигаҳ дорад. То даҳ сол ҷаҳд мекард, ки биҳиштро бубинад. Рӯзе бо дувист ғуломи хосс ба дидани биҳишт бирафт. Чун наздики биҳишт расид, ғуломонро ба чаҳор майдон фиристод ва бо як ғулом хост, ки дар биҳишт равад. Чун ба остонаи биҳишт расид, шахсеро истода дид. Гуфт, ки ту кистӣ? Гуфт, ки ман Малакулмавтам. Гуфт: «Ба чӣ кор омадаӣ?» Гуфт: «То қабзи рӯҳи ту кунам». Гуфт: «Маро муҳлат деҳ, то биҳишти худро як бор бубинам». Гуфт: «Туро ба Дӯзах бояд рафт. Фармон нест, ки биҳишт бинӣ». Гуфт: «Бигзор, то аз асп фуруд оям». Гуфт: «Ҳукм нест». Як пой бар рикоб буда ва як пой ба остонаи биҳишт, ки ҷони вай бардошт ва биҳишт нодида дӯзахӣ шуд.

Баъд аз он Ҷабраил (а) як овоз баланд кард, то лашкару ғуломони ӯ, ки дар он чаҳор майдон буданд, ҳама ҳалок шу-

---

[а] Қуръон: 89, 7—8.

данд. Лукмае таъом нахӯрданд, хамон соат на мулк монду на вазир ва на ғарибу тавонгар. Ҳама як бор ба Дӯзах рафтанд. Мунбаъд Худои таъоло он биҳиштро дар замин фуру бурд ва чунончи ҳеҷ асаре то қиёмат намонд.

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ СОЛИҲИ ПАЙҒАМБАР АЛАЙҲИССАЛОМ

Қавлуҳу таъоло: **Ва ило Самуда ахоҳум Солиҳан қола ё қавми-ъбудуллоҳа мо лакум мин илоҳин ғайруҳу.**[а] Солиҳи пайғамбар (а) қавми Самудро даъват кард ва гуфт: «Бидонед, ки Худои таъоло яке аст». Он қавм гуфтанд: «Далили пайғамбарии ту чист?» Гуфт: «Қавми Ҳуд (а)-ро ба сабаби беимонӣву бутпарастӣ ҳалок кард. Маро баъд аз вай халифа гардонида ба шумо фиристод». Гуфтанд: «Моро муъҷиза намой!» Гуфт: «Чӣ муъҷиза?» Гуфтанд: «Мехоҳем шутури мода аз ин санг берун ояд ва бача орад ва шир диҳад, то бидонем, ки ту расули Худой». Ҷабраил (а) омад ва гуфт: «Ё Солиҳ! Аз ин қавм аҳд гир, то он шутурро бидуни ҳукми Худои таъоло накушанд ва ба ҷуз шири он чизе аз ӯ нахӯранд, ки шираш бар эшон ҳалол аст». Қавм аҳд карданд. Фармон омад, ки дуъо кун, то қудрати мо бубинӣ. Пеш аз ту ин шутурро ба чаҳор ҳазор сол дар ин санг офаридаам, ки то муъҷизаи ту зоҳир шавад ва пайғамбарии ту дуруст гардад.

Солиҳ (а) дуъо кард ва муъминон омин карданд, ногоҳ аз он санг нолаи азим баромад ва биларзиду бишигофт ва шутури мода аз он санг берун омад, ки ҳеҷ шутуре ба хубии ӯ набуд. Дар он санг гиёҳ сабзиданд, ки шутур хӯрда буд. Чун соате баромад, бача овард. Ногоҳ чашмаи обу маргзоре, ки чарогоҳи шутур бошад, падид омад. Ба фармони Худои таъоло шутур дар он маргзор чаридан гирифт. Ва он қавм ҳафт қабила буданд. Эшонро чоҳе буд, ки мардуми ҳафт қабила аз он чоҳ об мехӯрданд ва кам нашудӣ. Ва шутурро шутурбон бар сари он чоҳ овард. Тамоми оби он чоҳ нӯшид.

Солиҳ (а) он қавмро гуфт: «Аз он шутур шир душеду бихӯред!» Ҳафт қабила шир медушиданд ва машкҳо пур мекарданду мебурданд. Худои таъоло бо Солиҳ (а) гуфт, ки бо қавми худ бигӯй, ки чоҳ як рӯз аз они шумо ва як рӯз аз они шутур аст. Он рӯз, ки шир диҳад, об аз ӯ бошад ва он рӯз, ки шир надиҳад, об ба эшон бошад. Қавлуҳу таъоло: **Ҳазиҳи ноқатул-лаҳо ширбун ва лакум ширбу явмим маълумин. Ва ло**

[а] Қуръон: 7, 73 ва 11, 61.

тамассуҳо би суин фа яъхузакум ъазобу явмин ъазим.[а] Солиҳ (а) қавми худро гуфт: «Зинҳор ин нокаи Худои таъолоро озор надиҳед ва илло Худои аззаву ҷалл шуморо азоби сахт кунад». Пас эшон ӯро азиз доштанд ва аз шири ӯ давлати азим ба хам расониданд. Машкҳо намуданд ва равғанҳо ҷамъ карданд ва ба шаҳрҳо бурданд ва тиҷорат карданд ва ҳама аз он тавонгар шуданд. Ва гурзҳои симин сохтанд. Чаҳорсад сол бар ин баромад.

Рӯзе Солиҳ (а) нишаста буд, даҳ тан аз ашроф дар хидмати ӯ буданд. Гуфт: «Ё қавм! Ҳар кӣ дар ин моҳ ба вуҷуд ояд, сабаби ҳалоки қавм буда бошад». Занони он даҳ тан борвар буданд. Дар он моҳ ҳама фарзанд зоиданд. Нӯҳ кас фарзандонро куштанд, яке ба чиҳати бефарзандӣ накушт. Номи он писар Қайдор кард. Чун бузург шуд, марде қавӣ гашт ва нӯҳ кас, ки фарзандони худро кушта буданд, пушаймон шуданд ва гуфтанд, ки сухани Солиҳ дурӯғ буд. Ба-д-ин сабаб аз Солиҳ (а) ва шутури ӯ имон бардоштанд.

Рӯзе Қайдор бо шахсе Мисдаъ ном ва аз ҳар қабила яке ҷамъ омаданд ва шароб хӯрданд ва тадбири куштани нока карданд. Гуфтанд: «Биғлорем, то бар сари чоҳ биравад ва чун барои об хӯрдан сар дар чоҳ фуру кунад, ӯро бикушем». Қавлуҳу таъоло: **Ва кона фӣ-л-мадинати тисъату раҳтин юфсидуна фӣ-л-арзи ва ло юслиҳун.**[б] Дигар рӯз шутур дар чоҳ сар фуру бурд, то об хӯрад. Қайдор як тир ба гардани нока расонид, ки ба-д-он сӯй паррон шуд. Шутур бар эшон ҳамла кард ва ҳама бигрехтанд. Мисдаъ аз пас шамшере бар пойи нока зад, аз пой дарафтод. Дигарон гирди он нока омаданд ва куштанд. Ва бачааш модарро чунон ҳол дид, бигрехт. Ва он қавм аз паси ӯ давиданд. Хостанд, ки ӯро ҳам бикушанд. Бача то ба-д-он санг расид, ки модараш аз он берун омада буд. Он санг боз шуд, то бачаи нока гурехт, дар ӯ пинҳон шуд.

Саъид ибн ал-Мусайяб гӯяд: «Қавми Солиҳ (а) агар шароб намехӯрдандӣ, нокаро ҳаргиз намекуштандӣ. Бар гуноҳи кабира, ки дар вуҷуд омадааст, аз шароб хӯрдан будааст». Ва Сайиди оламиён *саллаллоҳу алайҳи ва саллам* гуфт: «**Ал-хамру умму-л-хабоиса**». Яъне: хамр модари бадиҳо аст.

Чун Солиҳ (а) аз куштани нока хабар ёфт, гуфт: Қавлуҳу таъоло: **Таматтаъу фӣ дорикум салосата айёмин золика ваъдун ғайру макзубин.**[а] Яъне: се рӯзи дигар шуморо беш зиндагонӣ намондааст. Гуфтанд: «Нишон чист?» Гуфт: «Аломат он бувад, ки рӯзи аввал лавнҳои шумо сурх шавад, рӯзи дувум зард гардад, рӯзи сеюм сиёҳ шавад». Чун баъд аз се рӯз ин

[а] Қуръон: 26, 155—156.
[б] Қуръон: 27, 48.
[а] Қуръон: 11, 65.

аломат зоҳир гашт, он касон, ки шутурро кушта буданд, дар хонаи Солиҳ (а) бирафтанд, то ӯро низ ҳалок кунанд. Ҷабраил (а) омад, деворҳо бичунбонид, ҳама аз хонаҳо берун омаданду гурехтанд. Ҷабраил (а) бонг бар эшон зад, ҳама хокистар шуданд.

Ибни Аббос (*раз*) мегӯяд: «Он ҳафт қабила ба Солиҳ (а) гуфтанд, ки ба чӣ чиз ҳалок шавем? Солиҳ (а) гуфт: «Ба як бонги Ҷабраил (а)». Қавми эшон чоҳҳои азим кандиданд ва пёлро дар он чоҳҳо нигоҳ доштанд. Пунба дар гӯш карданд ва ҷомаҳои карос дар сар кашиданд, то он овози Ҷабраил (а) нашнаванд ва аз азоб наҷот ёбанд. Чун ин тадбир карданд, ҳама эмин шуданд. Ҷабраил (а) омад, дар он ҳафт қабила дар шуда бонг кард. Қавлуҳутаъоло: **Инно арсално ъалайҳим сайҳатан воҳидатан фа кону ка ҳашими-л-муҳтазири.**[6] Ба як бонги Ҷабраил (а) чунон гашт, ки хокистар шуданд. Ба қудрати Худои аззаву ҷалл асари он ҳафт қабила намонд ва ҳама ҳалок шуданд. Пас Солиҳ (а) рӯй ба Шом ниҳод, то ба-д-он шаҳр, ки акнун шаҳристони Авҷ хонанд. Он ҷо мақом кард ва бинишаст. Чун муддати вай ба сар омад, рахти ҳастӣ барбаст ва аз дунё берун рафт. Ӯро бар рости масҷиди ҷомеъ дафн карданд. Он боқии муъминон дар он ҷо бимонданд.

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ИБРОҲИМИ ХАЛИЛУЛЛОҲ АЛАЙҲИССАЛОМ

Аммо чун фарзандони Сом ибни Нуҳ аз Арабу Аҷам холӣ шуданд ва баъзеро бод ҳалок кард, баъзе ба бонги Ҷабраил (а) ҳалок шуданд, пас подшоҳ Намруд *лаънатуллоҳи алайҳ* аз мулки Аҷам берун омад. Ва Ибни Қанъон ибни Одам ибни Сом ибни Нуҳ тозизабон буд ва дар Аҷам ӯро Кайковус ибни Кайқубод ибни Манучеҳр ибни Фаридун ибни Ҷамшед хонандӣ. Фа аммо дурусттар он аст, ки Намруд номи ӯ буд. Ва марде бо қуввату шавкату ҳашмат буд. Намруд *алайҳиллаъна* бо моли бисёру сипоҳи анбуҳ биёмад ва Шомро фаро гирифт. Ҳама мутеъи ӯ шуданд. Пас рӯ ба Туркистон ниҳод ва эшонро низ мутеъи худ гардонид. Ва фарзандони Ёфисро мусаххар кард ва бар ҳама подшоҳ шуд. Пас рӯй ба Ҳиндустон ниҳод ва ҳама вилояти Ҳинд гирифт. Ва фарзандони Ҳом ибни Нуҳро мусаххар намуд. Пас рӯй ба сӯи Рум кард ва ҳама олам аз Машриқ то ба Мағриб мусаххар сохт ило мошоаллоҳ.

Пас рӯй ба Куфа ниҳод ва он ҷоро низ гирифт ва мақом сохт, онро мақоми Бобул хонанд. Дар он ҷо бар тахт нишаст.

---

[6] Қуръон: 54, 31.

Пас аз Туркистону Ҳиндустону Руму Мағриб хироҷ ба вай оварданд. Муддати ҳазору ҳафсад сол подшоҳӣ кард. Марди мутакаббир буд. Ҳаргиз рӯй ба осмон намекард. Аз Ҳақтаъоло ҳоҷат нахостӣ. Гуфтӣ, ки ман худоям, *лаънатуллоҳи алайҳи*, Худои осмон чист?

Магар он вақт, ки бо каргасон рӯй сӯи осмон кард ва тир дар камон ниҳод ва мегуфт: «Агар Худои дигар аст, ӯро бикушам». Ва ҳар вақт, ки берун омадӣ, чаҳор пояи тахтро бар чаҳор фил ниҳодандӣ, он гаҳ бар тахт нишастӣ. Ва зери тахт кубба даркашидандӣ аз дебои румӣ ва ба гавҳарҳои тамом ва чавоҳире биёростандӣ. Ва танобҳои вай аз зар бофта буд. Чун рӯз баромадӣ, бар он тахт менишаст ва чаҳорсад курсӣ дар зери тахт биниҳодандӣ, то бар ҳар курсӣ ҷодугареву мунаҷҷиме биншастӣ. Ва амирону ҳоҷибон дар гирди вай даромадандӣ.

Ва гӯянд: Мулки чаҳонро чаҳор малик доштаанд: ду мусулмон ва ду кофир. Аз мусулмонон яке Сулаймони пайғамбар буд ва яке Зулқарнайн ва аз кофирон яке Намруд ибни Канъон, дувум Бахтнаср. Як рӯз Намруд бар тахт нишаста буд ва ҷумлаи ҳашам дар гирди вай буданд. Аз тақдири Ҳақтаъоло ҷодугарону мунаҷҷимон сар фуру афканда, ғамнок нишастанд. Гуфт: «Шуморо чӣ шуда ва чӣ хабар расид, ки чунин дилгиру ғамнок нишастед?» Гуфтанд: «Бақову саъодати худованд бод! Як ситора аз фалак падид омадааст, то имрӯз он ситора ҳаргиз набудааст. Имрӯз аз Машриқ баромада». Намруд гуфт: «Он ситораи чист?» Гуфтанд: «Фарзанде аз салби падар ба раҳми модар хоҳад омад, мамлакати туро зиён карда табоҳ хоҳад кард». Гуфт: «Кай хоҳад омад?» Гуфтанд: «Муддати се шабонарӯз».

Пас фармуд, то ҳар киро дар шаҳре зане болиға бошад, ҳамаро аз шавҳар ҷудо кунанд, то мард бо зан наздикӣ накунад. Ва Намрудро чӯбдоре буд, ба исми Торах, ки ба як даст шамъ ва дигар даст шамшер гирифта, ҳар шаб бар болини вай посбонӣ мекардӣ ва ҳама шаб бедор буд, хоб намекард. Ва онро Озар низ хонандӣ. Дар ҳамон шаб машиййати Аллоҳ шуд, ки хост хуш барояд. Орзуи Торах, ки дар урф Озар аст, ғолиб шуд, ки бо зани худ суҳбат кунад ва низ шавқи нишот дар дили модари ҳазрати Иброҳим бичунбид, ки чи гуна пеши шӯи худ рафта, орзуи дилро бартараф кунад. Ҳарчанд ҳилат кард, муяссар намешуд. Биззарурат ними шаб аз хона берун омад ва ба дари кушки Намруд расид. Дарбонону посбонон ва ҳама мардумонро хуфта дид. Аз эшон даргузашт, то ба пардаи хосс расид. Шавҳари худро бар болини Намруд истода дид, ки ба як даст шамъ ва дигар даст шамшер гирифта, посбонӣ мекунад. Чун назари зану шавҳар якҷо шуд, дар соат ҳавои

мардӣ ғалаба кард. Гуфт: «Ё зан, чӣ салоҳ кунам, ки ҳар ду даст дар банд аст?»

Дар ин асно Худои таъоло бар парӣ фармон дод, ки ба ҳукми эзадӣ дар он соат парӣ омад ва он шамъу он теғ аз вай гирифта, ба ҷои вай истода шуд. Ва ҳар ду марду зан ба рағбати хеш бар болини Намруд ҷамъ шуданд. Иброҳим *алайҳиссалом* аз пушти падар ба раҳми модар омад ва кудрати Худои мақсуд баромад. Ва ӯ бо зан гуфт: «Зинҳор ин сирр бо касе нагӯй ва аз ин ҷо то хона рафтан ба роҳ касе набинад, ки то расво нашавем». Зан аз он ҷо берун омад, ки ба ҷуз Худои таъоло ҳеҷ кас хабар надошт.

Чун рӯз шуд. Намруди лаъин бархост ва дар пешонии ӯ нуре бидид, гуфт: «Ё Озар! Имрӯз рӯи ту некутар аст аз ҳама рӯзҳои дигар». Озар дуъо кард ва гуфт: «Бақову саъодати худованд бод!» Пас Намруди лаъин бархосту бар тахт нишаст. Мунаҷҷимону роҳибонро бихонд, ки китобҳо боз кунанд. Намруди лаъин гуфт: «Бигӯед, ки он омадааст ё на? Гуфтанд: «Ё малик! Қазо кори худро кардааст, ки он кӯдак имшаб ба раҳми модар расидааст». Фармуд: ҳар зане, ки ҳамле дошта бошад, ба вақти вилодат кӯдакро бикушад. Аз ин маънӣ ҳар авврате, ки бордор буд, кудакони ҳама куштанд. Чун нуҳ моҳи ҳамли модари Иброҳим (а) тамом шуд, модари Иброҳим (а) гуфт: «Чӣ кунам, агар хабардор шаванд, фарзандамро бикушанд?» Пас аз шаҳр берун омад. Ғоре дид, ба-д-он ғор фуру шуд. Дарҳол фарзанд аз ӯ ҷудо шуд ва навоҳии он ғор ба нур равшан гашт. Модар бигрист, то чи кунад, ки ӯ кушта нашавад. Ҳеҷ чора надонист, кӯдакро дар карпос печиду биниход. Ва аз он ҷо гирякунон берун омад, ба хонаи худ рафт.

Ҷабраил (а) биёмаду ҳар ду дасти ӯ аз карпос берун карда ва ангушти вай ба даҳони вай ниҳод. Худои аззаву ҷалл аз як ангушти вай шир офарид ва аз як ангушти вай ангубин, то вай мехӯрдӣ ва ба ҳеҷ чизе муҳтоҷ набудӣ. Ҳар ҳафта модари вай омадӣ. Аз зиндагонӣ ва парвариши ӯ аҷаб доштӣ. Чун модараш аз ғор берун омадӣ, санге аз ҳаво даромадӣ ва дари ғор маҳкам шудӣ, чунон ки ҳеҷ кас надонистӣ, ки он ҷо дарест. Чун модараш биёмадӣ, санг аз дари ғор бияфтодӣ, то ҳафт сол баромад.

Рӯзе модари Иброҳим (а) ба наздики вай омад. Гуфт Иброҳим (а): **«Ё уммӣ, ман раббуки?»**, яъне худои ту кист? Гуфт: «Озар, ки нафақа медиҳад». Гуфт: «Худои Озар кист?» Гуфт: «Намруд, ки ӯро мушоҳара медиҳад». Гуфт: «Худои Намруд кист?» Гуфт: «Кавокиб». Гуфт: «Худои кавокиб кист?» Модараш фуру монд. Беш аз ин ҳеҷ бигуфтан натавонист, ва хиҷил шуд. Берун омад ва ба хона рафт. Озарро гуфт: «Набинӣ, ки

он фарзанд чӣ мегӯяд?» Тамоми ҳоли он бо шавҳар гуфт. Шавҳар гуфт: «Ин писар душмани Намруд хоҳад буд, ҳеҷ шакке нест». Эшон дар ин тафаккур буданд, то чӣ кунанд. Чун шаб даромад, Иброҳим аз ғор берун омад. Ба осмон ситорагонро дид, гуфт: «Модарам инро худо мегӯяд». Қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо ҷанна ъалайҳи-л-лайлу раа кавкабан қола ҳаза раббӣ.**[а] Чун соате бигзашт, моҳ баромад: **Фа ламмо раа-л-қамара бозиған қола ҳаза раббӣ,**[б] инро низ худо гуфт. Чун ӯ ҳам даргузашт, Иброҳим (а) гуфт: «Ман гузарандагонро дӯст надорам, ҳар чи раванда бувад, Худоро нашояд». Чун рӯз шуд, офтоб баромад: **Фа ламмо раа-ш-шамса бозиғатан қола ҳаза раббӣ ҳаза акбару.**[в] Магар ин аст худои модари ман, ки бузургтар аст аз ҳама. Офтоб ҳам фуру шуд. Гуфт: «Безорам аз он худои шумо, ки мепарастед». Рӯй ба модару падар ниҳод ва гуфт: Қавлуҳу таъоло: **Иннӣ ваҷҷаҳту ваҷҳӣ ли-л-лазӣ фатара-с-самовоти ва-л-арза ҳанифан ва мо ано мин-ал-мушрикин.**[г] «Ман рӯй овардам ва муқаррар кардам ба-д-он Худой, ки офаридгори осмонҳову заминҳо аст».

Модараш биёмад ва ӯро ба хона бурда гуфт: «Ё Озар, ин кӯдак душмани Намруд хоҳад шуд! Ин фарзанд аз они ман аст». Озар гуфт: «Эй фарзанд! Моро ҷуз Намруд худое нест». Иброҳим (а) гуфт: «Худои осмону замину кавокиб якест ва бечун». Қавлуҳу таъоло: **Қолу а ҷиътано би-л-ҳаққи ам анта мин-ал-лоъибин.**[д] Падар гуфт: «Ё Иброҳим! Ин аз чи мегӯӣ, ё касе бо ту гуфтааст?» Ҷавоб дод: **Қола бар-раббукум раббу-с-самовоти ва-л-арзи-л-лазӣ фатараҳунна ва ано ъало золикум мина-ш-шоҳидин.**[е] Писар гуфт: «Ё падар! Худои осмону замин яке, ин ҳама вай офаридааст ва ман низ гувоҳӣ медиҳам, ки чунин аст». Пас савганд ёд кард: **Таллоҳи ла-акиданна асномакум баъда ан туваллу мудбирин.**[ж] Гуфт: «Ё падар! Ба Худой, ки ман бо бутони шумо коре кунам, ки ҳама дар таҷҷуб монанд». Қавлуҳу таъоло: **Фа ҷаъалаҳум ҷузозан илло кабиран лаҳум лаъаллаҳум илайҳи ярҷиъун.**[з] Ва то магар ин бутонро аз хориву залилии ӯ бубинанд, қавм аз парастиши эшон бозгарданд.

Чун он қавмро ҳар сол ду бор ид будӣ: як рӯз иди Арафот ва як рӯз иди Рӯзӣ. Хостанд, ки ба идгоҳ раванд. Озар гуфт: «Ё фарзанд! Бархез, то ба саҳро равем». Иброҳим (а) гуфт: Қавлуҳу таъоло: **Фа назара назратан фӣ-н-нуҷуми. Фа**

[а] Қуръон: 6, 76.
[б] Қуръон: 6, 77.
[в] Қуръон: 6, 78.
[г] Қуръон: 6, 79.
[д] Қуръон: 21, 55.
[е] Қуръон: 21, 56.
[ж] Қуръон: 21, 57.
[з] Қуръон: 21, 58.

қола инни сақимун. Фа таваллав ъанҳу мудбирин.[б] «Ё падари ман! Дар ин ситорагон нигоҳ кардам, ки ман бемор хоҳам шуд». Ва сухан чанд ба таъвили эшон гуфт, ки эшон надонистанд. Пас қавм ба саҳро берун рафтанд. Иброҳим (а) бардошт табареро ва дар бутхона омад ва даруни бутхона рафта, бутонро дарҳам шикаст. Якеро пой ва якеро даст ва ҳамаро бар ҳам кард ва пора-пора сохт, магар бути бузургтарро. Пас он табарро бар души он бути бузургтар ниҳода, аз бутхона берун омад. Иблиси лаъин чун он ҳаракат бидид, ба саҳро рафт ва пеши онҳо чандон бигрист, ки он шодӣ бар эшон талх шуд. Ҳама аз он ҷо баромаданд ва гуфтанд: «Туро чӣ шудааст?» Гуфт: «Надонед, ки худоёни шуморо зеру забар карда, ҳамаро пора-пора гардонид». Ин мегуфту мехурӯшид ва зорӣ мекард. Он қавм мутаҳайир гашта, ҳама сӯи сутурон давиданд, ки савор шаванд. Сутурон бирамиданд ва даст надоданд. Ваҳшате дар миёни қавм афтод. Ҳама пиёда ба шаҳр омаданд ва гуфтанд: «Кӣ кардааст, бигӯед, то мукофоти он кас бикунем!»

Пас омаданду гуфтанд: **Қолу самиъно фатан-язкуруҳум юқолу лаҳу Иброҳиму.**[в] Шунидем, ки он фитна ҷавоне кардааст, ки ӯро Иброҳим хонанд. Пас Иброҳим (а)-ро биёварданд ва Намруди палид вайро таҳдид карда, ки бутони моро чаро шикаста. Гуфт: «Ман нашикастаам». Марде бар пой хост ва гуфт: «Ман аз ту шунидаам, ки ин бутонро бишканам». Боз рӯй бар Иброҳим (а) карданд. **Қолу а анта фаъалта ҳаза би олиҳатино ё Иброҳиму.**[г] Гуфтанд: «Ин бутонро ту шикастӣ ва ин феълиро туст, эй Иброҳим?» Гуфт: **Қола бал фаъалаҳу кабируҳум ҳаза фа-съалуҳум ин кону янтиқун.**[д] «Ман нашикастаам, магар он бути бузург шикаста бошад». Ҳама гуфтанд: «Ё Иброҳим, бутон сухан нагӯянд ва нашнаванд ва ҳаракат накунанд». Гуфт: «Ё қавм! Касе, ки нагӯяду нашнаваду набинад, вайро худо чун гӯед?» Ҳама сар дар пеши ӯ афкандand ва донистанд, ки рост мегӯяд: **Сумма нукису ъало руусиҳим лақад ъалимта мо ҳоулои янтиқун.**[е] Иброҳим (а) донист, ки аз ҷавоб очиз омаданд, гуфт: **Қола а фа таъбудуна мин дуниллоҳи мо ло янфаъукум шайъан ва ло язуррукум. Уффил-лакум ва лимо таъбудуна мин дуниллоҳи а фа ло таъқилун.**[а] «Ё қавм! Шумо он Худои аззаву ҷаллро ибодат кунед, ки шуморо офаридааст. Дар парастиши бутон ҳеҷ суду манфаъат нест ва ҳеҷ мазаррат аз шумо бознадоранд. Агар ақл доред, дур бошед аз чунин маъбуде ва аз парастидани бутон бозоед».

Чун эшонро ҳеҷ ҳуҷҷат намонд, ба ҳалокати Иброҳим (а)

[б] Қуръон: 37, 88—89.
[в] Қуръон: 21, 63.
[г] Қуръон: 21, 62.
[д] Қуръон: 21, 63.
[е] Қуръон: 21, 65.
[а] Қуръон: 21, 66—67.

машғул шуданд: **Қолу ҳаррикуҳу ва-нсуру олиҳатакум ин кунтум фоъилин.**[6] Гуфтанд: Биёед, то Иброҳимро бисӯзем ва худоёни худро нусрат кунем, *лаънат бар эшон бод!* **Қолу-бну лаҳу бунёнан фа алқуҳу фӣ-л-ҷаҳим.**[a] Намруди лаъин гуфт: Чаҳор девор аз хишт бисозед, чаҳор фарсанг дур бошад ва сад газ боло бувад ва ҷумла девор аз хишти пухта карданд. Пас Намруди лаъин гуфт, ки дар шаҳру вилоят мунодӣ кунанд, ки ҳар ки дӯсти ман аст, ҳезум орад. Ва ҳар кас аз шаҳру русто ба вусъи имкону тоқат ҳезум оварданд, то чаҳор фарсанг ҳезум ниҳода ва то ба атрофи девор ҳезум пур карданд ва оташ заданд.

Оташ чунон боло гирифт, ки ҳар мурғе, ки ба масофаи як фарсанг аз он девор будӣ, аз оташ бисӯхтӣ. Пас очизу мутаҳайир бимонданд, ки Иброҳим (а)-ро дар он оташ чи гуна андозанд. Иблис *алайҳиллаъна* омад ва гуфт: «Чои баланд созед, то ман ҳила кунам». Пас дурудгаронро талаб кард, ки манҷаниқ бисозед ва пеш аз он ҳеч кас манҷаниқ насохта буд ва на дида. Аммо Иблис дар Ҳовия дида буд, ки чун касеро дар Дӯзах меандозанд, ба манҷаниқ карда биандозанд.

Малъун манҷаниқро рост гардонид. Чун тамом шуд, нидо омад: Ё Ҷабраил (а), дарҳои осмон бикшо, то ҷумла малакут ба назораи дӯсти мо оянд, ки чи гуна ба дасти душман додам, то вайро бисӯзанд! Ҷумла малоикон дар суҷуд омаданд ва гуфтанд: Малико, дар ин водии замин як муваҳҳид аст, ки туро мепарастад. Ӯро ба дасти душман додӣ, то вайро азоб кунанд? Нидо омад, ки ё фариштагон: **Ин қола бикум аъянуҳу.** Агар аз шумоён хоҳад, вайро амон диҳед!

Иблис *алайҳиллаъна* манҷаниқро рост кард. Чаҳорсад расан дар вай афканд ва зери Намруди лаъин гуфт: «Пираҳани худ дар вай пӯшон, агар насӯзад, гӯянд, ки аз баракати пираҳани ту насӯхт». Пираҳани Намрудро ба Иброҳим (а) пӯшониданд. Дасту пойи Иброҳим (а)-ро устувор баста, онро дар манҷаниқ ниҳоданд ва чаҳорсад мард якборагӣ қувват карданд. Манҷаниқ аз ҷой начунбид. Падари Иброҳим (а) биёмад ва гуфт: «Як расан ба ман деҳ, то ман низ бикашам, агарчи ин фарзанд аз пушти ман аст, аммо мухолифи дин аст». Як расан бигрифт. Иброҳим (а) чашм боз кард, падарро дид, ки расан ба даст гирифта. Гуфт: «Илоҳӣ, падарам расан мекашад. Мардум шикояти дигарон пеши падар бурданд. Малико, аз ҳама бегона шудам, бо ту ягонаам». Пас чаҳор ҳазор мард дар он манҷаниқ овехтанд, барнахост.

Иблиси лаъин ба сурати парӣ он ҷо биёмад ва гуфт: «Мар-

---

[6] Қуръон: 21, 68.

[a] Қуръон: 37, 97.

думон аз Машриқ то ба Мағриб ҷамъ шуда ин манҷаниқро кашанд, ҳаргиз натавонанд, аз ҷой барнахезад». Гуфтанд: «Чи кунем?» Гуфт: «Ман шуморо ҳилате омӯзам, ки манҷаниқро битавонед кашид. Пас аз он қавм чиҳил марду зан ба ҳаром ҷамъ шавед!» Ба якдигар ҷамъ шуданд. Фариштагон нуфур карданд ва бирафтанд. Пас Иблиси лаъин низ бо эшон ҷамъ шуда манҷаниқро кашид. Аз ҷой бархост, Иброҳим (а)-ро дар ҳаво биандохт. Фариштагони ҳафт осмон ба сачда омаданд ва гуфтанд: «Бори Худоё! Халили туро дар оташ андохтанд». Дарҳол Ҷабраил (а) бо ҳафтод ҳазор фариштa даррасид ва гуфт: «Ё Иброҳим! Агар хоҳӣ, то як пар бар ин оташ занам ва инро дар дарёи муҳит андозам». Гуфт: «Ё Ҷабраил (а) Худои таъоло фармудааст?» Гуфт: «Ҳа». Гуфт: «Ё Ҷабраил! Он чи Худои аззаву ҷалл фармудааст, ҳамон кун!» Боз гуфт: «Ё Иброҳим! Туро чи ҳоҷат аст?» Гуфт: «Ҳоҷат дорам, аммо ба ту на. Ва маро ҳоҷат ба ӯст, ки ҳама олам муҳтоҷи ӯст».

Чун Иброҳим (а) наздик ба оташ расид, дар он ҳол ҷомаи Намруди лаъин бисӯхт ва ҳеҷ офату осеб ба Иброҳим (а) нарасид. Ва дар он ҳол мурғе, ки онро **андалиб** гӯянд, аз ҷой ҷаста, бо Иброҳим (а) дар оташ даромад. Аз Ҳақтаъоло нидо расид: **Қулно ё нору кунӣ бардан ва саломан ъало Иброҳим**,[а] яъне: ё оташ, бар Иброҳим сард бош ва саломат нигаҳ дор! Чун Иброҳим (а) миёни оташ фуруд омад, Худои таъоло дар он ҳол чашмаи об падид овард. Пас Ҷабраил (а) даррасид ва тахте аз нур биёварда ва хилъатҳои Биҳишт дар вай пӯшонид. Ва дар вақти ба оташ даромадан ҳама бандҳо, ки Иброҳим (а)-ро ба-д-он баста буданд, бисӯхт. Чунон чи як мӯй ба қудрати Худои таъоло аз тани ӯ наёзурд. Ва он гаҳ Ҷабраил (а) ӯро бар тахт нишонд. Ва Ҷабраил (а) мутаҳайир шуд дар Иброҳим (а). Гуфт: «Ё бародар, туро чи шудааст, ки мутааҷҷиб менигарӣ?» Ҷабраил (а) гуфт: «Маро аз қудрати Ҳақтаъоло аҷаб омад, лекин бар сабри ту аҷабтар аст, ки дар инчунин ҷой ба ғайри Худои аззаву ҷалл бо касе хоҷат нахостӣ ва на касро ба ёрӣ хондӣ ва ҳеҷ касро сухан нагуфтӣ, то Худои таъоло ин каромат бар ту арзонӣ дошт. Пеш аз ту ин каромат касеро надода».

Ва он дарахтон, ки баъзе сӯхта буданд, ҳама бех бар замин фурӯ бурданд ва шохҳои сабз бароварда мевадор шуданд. Ва аз чаҳор гӯшаи тахт наргису бунафша падид омад. Намруди мардуд бар сари манора рафта, чониби Иброҳим (а) нигоҳ кард. Дид дар миёни гулу райҳон бар тахт нишаста ва дарахтон соя афканда. Гуфт: «Эй дареғо, ранҷи ман зоеъ шуд». Бифармуд, то санги осиёҳо биёваранд ва бар сари Иброҳим (а)

[а] Қуръон: 21, 69.

сангҳо рехтанд. Сангҳо дар ҳаво ба фармони Худои таъоло бистоданд, ҳамчунон ки гӯё абр дар вақти баҳор соя афканад. Пас борон аз он сангҳо боридан гирифт. Ба қудрати Ҳақтаъоло чандон борид, ки оташи Намруд кушта шуд. Намруди лаъинро вазире буд, Хорон ном, ба рафоқати Намруд бар манора буд. Пеши ӯ овоз дод ва гуфт: «Ё Иброҳим, **ниъма-р-раббаббука**, яъне неку Худост, ки ту дорӣ, то туро дар миёни чандин оташ нигоҳ дошта ва ин ҳама каромат бахшид». Намруд гуфт: «Ё Иброҳим! Сахт бузургворе аст Худои ту, ки ӯро мепарастӣ».

Он гаҳ Намруд бозгашт ва ба хона омад ва ҳеҷ касро бор надод. Ва чандин рӯз тадбири ҳамин кард, ки мусулмон шавад, лекин тарсид, ки подшоҳиро зиён дорад. Он гаҳ Иброҳим (а)-ро бихонду гуфт: «Ё Иброҳим! Ман аз барои Худои ту қурбон хоҳам кард». Иброҳим (а) гуфт: «Худои ман қурбонии ту напазирад, то ту мусулмон нашавӣ». Намруд гуфт: «Ман ин қурбон бикунам, хоҳ пазирад ё напазирад». Ва фармуд, то чаҳор ҳазор гов қурбон карданд. Боз Намруд гуфт: «Ё Иброҳим! Ман даҳ хизона зари сурх ва даҳ хизона сим ба Худои ту диҳам, то маро чунин каромат диҳад». Иброҳим (а) гуфт: «Эй малъун, Худои ман он чи диҳад, ба ато диҳад, на ба баҳо! Ҳар чи ту дорӣ аз они ӯст, ту офаридаи ӯстӣ». Иброҳим (а) бозгашт.

Хорон гуфт: «Ё Намруд! Он карокатро Иброҳим аз сабаби оташпарастӣ ёфта». Ва бештар аз ин суханҳо гуфт: «Ин оташ фариштаст, агар хоҳад, азоб кунад ва агар нахоҳад, накунад. Ва габрон *лаъанаҳумуллоҳ* ба ин восита оташпараст шуданд. Ва эшон чанд гурӯҳанд: маздуқиён ва нушервониён ва сосониён». Чун Хорон ин сухан бигуфт, зарраи оташ аз ҳаво дар дидаи ӯ афтод, ӯро барҷой бисӯхт.

Намруди лаъин духтаре дошт. Болои қаср баромада фуру нигарист. Иброҳим (а)-ро ба-д-он равнақ дид, дар миёни оташ бар тахт нишаста ва бар канораҳои вай чашмаҳои об равон шуда ва бар ҳар чаҳор сӯи тахташ гулу наргису бунафша руста, сангҳо чун абр рехта шуда, бар сари ӯ истода. Иброҳим (а) ба ҳазор ном Худои таъолоро хонд ва овоз бароварад. Намруди лаъин диду гуфт: «Ё духтар, Иброҳимро дидӣ?» Гуфт: «Дидам». Гуфт: «Хоронро нигар!» Чун нигоҳ кард, Хоронро дид, ки дар миён муште хокистар шуда. Духтар гуфт: «Эй падар! Иброҳим ба-д-ин каромат ва Хорон ба-д-ин уқубат аст ва худро низ дар чунин бубин. Чӣ хомуш истодай ва намегӯй, ки Худои Иброҳим барҳақ аст?» Намруди лаъин бонг бар духтар зад, ки магӯй ва наздики Хорон шуд.

Пас духтар аз он ҷо фуруд омада, наздики оташ омад ва овоз дод, ки ё Иброҳим, бар ман карам кун, то ба Худои ту

имон орам. Иброҳим (а) имон арз кард ва гуфт: **«Ло илоҳа иллаллоҳ Иброҳим расулуллоҳ».** Чун духтар ин калима бигуфт, муъмина шуд. Гуфт: «Ё Иброҳим! Падарро низ даъват кунам». Гуфт: «Бирав!» Дар хона биёмад ва гуфт: «Ё падар, каромати Иброҳим дидӣ ва ба кудрати Худои Иброҳим чаро имон наёрӣ, ки ман имон овардам?» Намруд гуфт: «Бигиред ва пора-пора кунед!» Чун қасди вай карданд, ки бигиранд, абре даромад ва духтарро баргирифт ва бар канораи кӯҳи Қоф бурд.

Ба кавли дигар омадааст, ки боде даромад ва он духтарро бар канораи кухи Қоф бурд. Он духтар аз он рӯз дар намоз истода, то нафхи сур. Чун халқуллоҳ он бидиданд, ҳар касро хидояти азалӣ буд, пой дар оташ ниҳодӣ ва пеши Иброҳим (а) рафтӣ ва мусулмон шудӣ ва насӯхтӣ.

ҚИССАИ БЕРУН ОМАДАНИ ҲАЗРАТИ ИБРОҲИМ АЛАЙҲИССАЛОМ АЗ ОТАШ

Чун чиҳил рӯз бигзашт, Иброҳим (а) аз оташ берун омад ва рӯй ба Шом ниҳод. То ба шаҳре расид, ки ӯро Хазоинулвачҳ гуфтандӣ. Чун ба шаҳр андар омад, халкро дид ҷомаҳои неку ороста ва рӯй ба майдон ниҳода мерафтанд. Иброҳим (а) гуфт: «Шуморо чӣ будааст ва бо либосҳои гуногун кучо мераведӣ?» Гуфтанд: «Подшоҳ духтаре дорад, ки аз Машриқу Мағриб ба хубӣ ва ҳусну ҷавонии ӯ касе дигаре нест. Ва аз атрофи ҳама олам подшоҳону подшоҳзодагон ӯро мехоҳанд. Зан хеҷ касро қабул намекунад. Мегӯяд, ки ба назари худ бубинам ва писандам, баъд аз он ӯро шавҳар кунам. Ҳафт шабу рӯз аст, ки ҳама халқ ба майдон мераванд ва духтар берун меояд ва дар ин кавм менигарад, аммо ҳеҷ касро писанд намекунад.

Иброҳим (а) ба рафокати эшон рафта ба гӯшае нишаст. Чун рӯз ба чоштгоҳ расид, духтар бо ҳафтод канизак берун омад, тоҷ бар сар ниҳода ва ниқоб бар рӯй кашида ва турунчи зарин ба гавҳарҳо ороста ба даст гирифта биёмад. Ва гирди майдон бигашт. Ҳамаро бидид. Чун наздики Иброҳим (а) расид, нури Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* дар ҷабин паднд омада буд. Дар ӯ нигарист, бар ҷамоли вай ошиқ гашт. Ва он турунчи зарин дар канори ӯ андохт ва аз майдон бирафт ва бар тахт нишаст. Чокарони подшоҳ давиданд. Иброҳим (а)-ро пеши малик дар кушк оварданд. Чун нури ҳазрати Рисолат (с) дар пешонии ӯ битофт, малик он нур дид, рӯ ба духтар кард ва гуфт: «Ҷони падар, неку шавҳар гирифтӣ, валекин чи суд, ки марде ғариб аст».

Пас бузургони шаҳр омада арусӣ карданд ва Сора-хотунро ба зании Иброҳим (а) дода, нисор раҳо карданд. Ва дар хама олам ҳеҷ зане чун рӯи Сора-хотун ва Ҳавво набуд ва нахоҳад шуд, илло мошоаллоҳ.

Чун муддате баромад, Иброҳим (а) қасди Шом кард ва Сора-хотун гуфт: «Ман низ меоям, ки бе ту зиндагонӣ натвонам кард, маро бо худ бубар». Иброҳим (а) гуфт: «Падарат ризо надиҳад». Гуфт: «Падари ман бо вуҷуди ту ба чашми ман қадре надорад. Ва агар раҳо кунад — фабиҳо, вагарна бе дастурии вай бо ту биравам, ки тоқати фироқи ту надорам».

Пас Сора *разияллоҳу анҳо* аз падар дастурӣ хост, то бо Иброҳим (а) аз шаҳр берун равад. Падар иҷозат дод. Пас Иброҳим (а) бо Сора-хотун аз шаҳр берун омад. Ва тақдири Худои таъоло чунин буд, ки дар роҳ мардумон Иброҳим (а)-ро гуфтанд, ки дар Миср малике аст,— тоғӣ, бо занон майле тамом дорад, ба ҳадде ки агар занеро арусӣ бошад, нахуст ӯро пеши худ хонад. Агар завқ бошад, нигоҳ дорад ва илло раҳо кунад. Ва бар ҳар раҳ даҳ мард нишондааст, то ҳар қумоше аз Миср баранд, боҷ биситонанд ва ҳар зане, ки дар корвон бошад, пеши малик баранд.

Чун Иброҳим (а) марде ғаюр буд, ва Сора-хотун некрӯй, ки дар ҳама олам ба ҷамоли вай касе набуд, аз он роҳ рафтан чора набуд. Охир тадбир карда сандуқе биёварданд ва Сора-хотуни некурӯйро дар он сандуқ ниҳод ва қулфаш бар ӯ зад ва бар шутур ниҳод, то дар он шаҳр расид. Бочдорон омаданд, ки хироҷ гиранд. Даст ба сандуқ карданд, то бидонанд, ки чист ва мувофиқи ащё хироҷ гиранд. Иброҳим (а) гуфт: «Сандуқ макшоед, ҳар чи хоҳед, бидиҳам! Агар мехоҳед, баробари сандуқ зар гиред ва агар хоҳед, нуқра». Чун бочдорон ин хадис шуниданд, бар кушодани сандуқ ҳаристар шуданд. Ва бар сандуқ қуфл зада. Қуфлро бардоштанд, занеро диданд, ки офтоб аз рӯи ӯ рашку шармсорӣ мебурд. Ҳаргиз ба ҳусну ҷамоли бай касе набуду набошад, илло мошоаллоҳ.

Пас эшонро пеши подшоҳ бурданд. Чунон ки Пайғамбар (с) фармуд, ки Ашарру халиқатиллоҳи ар-росидин, яъне бадтарини ҳама халқон бочдоронанд. Чун Иброҳим (а)-ро бо Сора-хотун наздики подшоҳи малъун бурданд, аз Иброҳим (а) пурсид, ки ин зан кист? Гуфт: «Хоҳари ман аст», яъне дар мусулмонӣ. Подшоҳ гуфт: «Хоҳарро ба зании ман деҳ!» Гуфт: «Фармон ба дасти зан аст». Зан гуфт: «Маъозаллоҳ, намехоҳам». Подшоҳ бихандиду гуфт: «Вайро ба ҳаммом баранд ва ҷомаҳои некуву хушбӯй ва муаттар пӯшонед!» Ба ҳукми подшоҳ ҳамон карданд ва аз Иброҳим ҷудо сохта, пеши подшоҳ бурданд. Ҳақтаъоло Ҷабраил (а)-ро фиристод, то ҳиҷоб аз пеши чашми

Иброҳим (а) бардорад ва ҳар чи Сора-хотун ба малъун гуфтушунуд бикунад, ҳама ба назари худ бубинад. Чун ҷамоли Сора-хотун подшоҳ дид, даст дароз кард. Ҳамон соъат дасти у хушк шуд. Бар пой хост, ки наздики вай равад, то ба зону дар замин фуру рафт. Ва гуфт: «Ҳеҷ шак нест, ки ин зан ҷодугар аст». Сора *разияллоҳу анҳо* гуфт, ки эй бадбахт, ман ҷодугар наям, валекин катхудои ман дӯсти Худо аст. То бо ман бехурмати накунӣ, ӯ аз Раббулиззат аз баҳри ту дуъо кунад».

Подшоҳ тавба кард. Дарсоъат дасташ дуруст шуд. Чун дар Сора-хотун назар кард, бори дигар касд намуд. Ба ҳарду чашм нобино гашт. Ва гуфт: «Эй зан! Дуъо кун, ки тавба кардам». Чун дуъо кард, нек шуд ва чашм боз кард. Бори дигар ба ғалабаи Шайтон ахд шикаст ва хост, ки боз даст дароз кунад. Дар он соъат ҳафт андом хушк шуд ва чашмҳо кӯр гашт. Боз гуфт: «Ё зан! Дуъо кун, ки тавба кардам». Гуфт: «Эй бадбахт, дуъо аз ман нест, аз катхудои ман аст, ки ӯ дӯсти Худо ҳаст. Агар хохад, туро афв кунад, ё накунад».

Пас бифармуд, то Иброҳим (а)-ро биёварданд. Гуфт: «Ё Иброҳим! Маро бубахш, ки ман бар ту зулм кардам. Акнун тавбаи насуҳ мекунам». Иброҳим (а) гуфт: «Ин аз мо нест, аз Худои мост. Бубинем, ки фармон чист». Дарҳол Ҷабраил (а) омаду гуфт: «Ё Иброҳим! Худои ту ба ту салом мерасонад ва мефармояд, ки то чумла вилояту хизона бар ту таслим накунад, аз вай хушнуд мабош». Иброҳим (а) гуфт: Худои ман чунин мефармояд. Подшоҳ аз ҳама вилоят даст боздошт ва гуфт: «Ин ҳама ба ту додам». Иброҳим (а) дуъо кард, дарҳол неку дуруст шуд, бархосту мамлакатро бо хазина чумла таслим кард.

Ва овардаанд, ки Иброҳим (а) мамлакатро ду нима сохт: як қисмат, ки чониби Канъон буд, худ гирифт ва қисмати дигар ба малик боздод. Пас малик фармуд, ки канизаки некрӯй ва хубсурат биёранд. Минбаъд бар пой хост ва рӯй ба Сора-хотун карду гуфт: «Ё зан! Ман бо ту бехурматӣ кардам ва рӯи туро дида, бадандеш шудам ва ба шукронаи афв ин канизак туро бахшидам, ки хидмати ту кунад. Ва он чи ман аз бадгумониву бадӣ хоста будам, ҳамаро бубахш».

Ва канизак ба исми Ҳоҷара буд. Пас Иброхим (а) бо Сора-хотун ва Ҳоҷара ба он ҳашам рӯй ба Канъон ниҳод. Ва чун Сора-хотун аҳволи хеш бо Иброҳим (а) мегуфт, Иброҳим (а) гуфт: «Ё Сора-хотун, хуш бошу ташвиш мабар! Худои таъоло хичоб аз пеши чашми ман бардошт, то ҳар чи кардӣ, дидам ва ҳар чи гуфтӣ, шунидам». Пас Сора-хотун Ҳоҷарарро бо Иброҳим (а) дод.

Савол: Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* аз Иброҳим (а) фозилтар буд, чаро Раббулиззат

ҳичоб аз миёни Сайиди олам набардошта ва Мустафо *алайҳиссалом*ро покиза Оиша *разияллоҳу анҳо*ро нанамоид?

Ҷавоб: Агар ҳичоб бардоштӣ, то Мустафо (с) Оиша (*раз*)-ро дидӣ, он гаҳ мунофиқонро ҷои таъна будӣ. Ва гуфтанд, ки Пайғамбар (с) медонист, валекин пардаи иёли худ надарид. Ҷаббори олам хост, ки покиза Оиша *разияллоҳу анҳо* ба ваҳйи осмон собиту мутаҳаққиқ шавад, то Оиша-хотунро туҳмат набвад ва мунофиқонро ҷои таъна набошад. Ва Иброҳим (а)-ро ҳичоб бардошт, гуфт: «Иёли хешро нигаҳ дор!» Чун навбат ба Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* расид, гуфт: «Ё Сайид, дур бош, ки ман Оиша (*раз*)-ро нигоҳ дорам». Ин фарқ буд миёни ҳар ду зан, ки посбони яке Халил ва посбони дигаре Раббил ҷалил буд.

ҚИССАИ МАСКАН СОХТАНИ ИБРОҲИМ АЛАЙҲИССАЛОМ

Пас Иброҳим (а) аз ин мулк берун омад ва рӯй ба Байтулмуқаддас овард, ки онро Қалбин хонанд. Чун он ҷо фуруд омад, Ҷабраил (а) биёмаду гуфт: «Чашм бар замин афган, то чандон ки чашми ту бинад, неъмат падид ояд». Иброҳим (а) чашм боз кард, нигарист, ки он ҷо оби равон ва замини нарм ва ҳама дарахтҳо пурмева буданд. Акнун он замин чунон аст. Ҳар дарахте, ки бикоранд, бе об барояд ва тамом шавад.

Сора-хотун он канизак, ки Ҳоҷара ном дошт, ба Иброҳим (а) дод. Ва номи Ҳоҷара ба-д-ин маъно карда буданд. Овардаанд, ки чун малик (касдӣ) Сора-хотун карда, хушк шуд ва тавба пеш оварду гуфт: «Пеши ман канизак ҳаст, ӯро барои хидмат ба ҳамроҳи худ бубаред, чаро ки ҳар вақт қасдӣ ӯ кардам хамчунин дастам хушк мешуд». Ва ин Ҳоҷара *разияллоҳу анҳо*, ҷаддаи Мустафо *алайҳиссалом* буд.

Пас Иброҳим (а) он ҷо маскан сохт ва иморат бино кард. Аз фарзандонн Сом ибни Нуҳ яке он ҷо монда буд. Ба Иброҳим (а) дӯстӣ кард, то деҳҳо бино намуданд. Ва мардум ҷамъ шуданду Иброҳим (а) эшонро шариъат меомӯхт. Ва гуфтанд: Ё Иброҳим! Моро қибла бояд, то Худои аззаву ҷаллро ибодат кунем. Ҷабраил (а)-ро Ҳақтаъоло фармуд, то санге аз Биҳишт биёварад ва он ҷо, ки имрӯз Байтулмуқаддас аст, ниҳод ва гуфт: «Ё Иброҳим! **Ҳаза қиблатука ва қиблату-л-анбиёи мин баъдика.** Ин қиблаи туст ва қиблаи анбиёе, ки баъд аз ту хоҳанд шуд». Дар хабар аст, чиҳил ҳазор пайғамбар аз пушти Иброҳим *алайҳиссалом* омаданд. Аввали эшон Исмоил *алайҳиссалом* ва охири эшон Муҳаммади Расулуллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам.*

Пас рӯй ба-д-он санг кард, ки имрӯз онро Сахратуллоҳ мехонанд. Чун он чо карор гирифтанд ва фарзандон оварданд, фармон омад, ки ё Иброҳим, хез ва наздики Намруд шав, бо лашкар ӯро ба ман хон. Иброҳим алайҳиссалом ба фармони Хақтаъоло дар замини Бобул расид. Пеши Намруди лаъин омад ва гуфт: «Ё Намруд, бигӯ Худо яке аст ва ман, ки Иброҳимам, расули ӯям!» Намруд гуфт: «Ё Иброҳим, маро ба Худои ту ҳеч хочат нест! Инак ҳарби вай месозам, то мулкати осмон аз ӯ биситонам». Иброҳим (а) гуфт: «Эй малъун, ту бар осмон чи гуна меравӣ?» Гуфт: «Тадбири он бисозам».

Бифармуд, то чаҳор каргас оварда парварданд. Ҳар чаҳор каргас чун шутуре шуд. Пас бифармуд, ки тобуте бисозанд ва чаҳор сӯрох дар ӯ кунанд. Аммо дармонд, ки чӣ кунад. Иблиси лаъин биёмад, дар миёни надимони вай бинишаст ва гуфт: «Ин каргасонро ба ҳар чаҳор канора бубанданд. Чун як шабонарӯз гурусна доранд ва болои ҳар каргасон гӯшт бубанданд. Чун касди гӯшт кунанд, ба боло раванд ва гӯшт онҳоро боло бардорад ва туро бо тобут бар ҳаво баранд, то ту ба андак рӯзгоре то бар осмон расӣ. Мулки осмон аз ту гардад. Ва бо худ яке аз хоссони худ низ бубарӣ. Чун як рӯз бар болоӣ равӣ, фурӯ нигарӣ, ҳама кӯҳу кулӯх яксон бинӣ, чун рӯзи дигар бошад, ҳама чун об бинӣ. Дар рӯзи дигар ҳама олам чун дарё бинӣ, бидонӣ, ки ба осмон расидӣ».

Чун Намруди лаъин он чи Иблис *алайҳиллаъна* гуфтӣ, кор мекардӣ, пас Намруд ҳамон кард. Дар тобут шуда бо яке аз хоссони худ ба осмон расид ва тир дар камон ниҳод. Он шахс, ки бо Намруд буд, гуфт: «Эй Намруд! чӣ мекунӣ?» Гуфт: «Тир ба Худои осмон мезанам, то осмон аз ӯ биситонам». Гуфт: «Он Худо, ки ту ӯро тир занӣ, худоиро нашояд. Ин Худоест, ки Иброҳим (а) мепарастад. Ҳама касро маҳҳур кунад ва ту аз ҷумла бадбахтӣ». Пас Намруди палид дар хашм шуд, ӯро аз ҳаво бияндохт. Дарсоъат Ҷабраил (а) ӯро бе ҳисобу китоб дар Бихишт овард. Ӯро дар манзили ӯ ба саломат бирасонид.

Пас Намруд тир ба сӯи осмон барандохт. Нидо омад: «Ё Ҷабраил (а), Тири Намруд бигир ва бар пушти моҳӣ зада сӯи Намруд бияндоз, ки ман он нахоҳам, ки душмани ман маҳрум бозгардад». Пас Ҷабраил *алайҳиссалом* он бигрифт ва пеши моҳӣ биёвард. Моҳӣ гуфт: «Ё Ҷабраил, инро чи хоҳӣ кард?» Гуфт: «Ба фармони Худон таъоло ин тир бар пушти ту занам, то Намруди лаъин аз даргоҳ ноумед наравад». Ва моҳӣ ба Худо менолиду гуфт, ки бегуноҳеро ба тири душман мезанӣ. Нидо омад: «Ё моҳӣ, ба-д-ин ранҷ, ки кашӣ, куштани ту ҳаром шавад!» Пас Ҷабраил (а) тир аз хуни моҳӣ олуда кард ва пеши Намруди лаъин андохт. Чун Намруд тир хунолуда дид, шод

шуд ва гуфт: «Ба мурод расидам». Гӯшт, ки боло буд, зери тобут кард. Каргасон гӯшт дида қасди пишеб карданд.

Намруди лаъин чун фуруд омад, фазаъ дар халқ афтод, ҳама бехуш шуданд ва ба ҳуш бозомаданд. Одамиёни сокинони замин забони мухолиф дошта, чунончи ҳар қавм дигар гирифта буданд, хеч кас забони якдигар надонистанд, то ҳадиси Худои таъоло бо якдигар накунанд.

Ва ба қавли дигар омадааст, ки чун Нуҳ (а) дар он вакт, ки бар кӯҳи Ҷудӣ аз киштӣ фурӯд омаданд, ҳама одамиён хайман буданд, ки дар киштӣ бо Нуҳ (а) буданд, деҳе бино карданд, ки онро Шумонон хонанд. Ва Нуҳ (а) гуфт: «Ҳар як ба чое равед ва обод кунед!» Чун эшон аз якдигар чудо шуданд, Нуҳ (а) дуъо кард то ҳар хона забони дигар донистанд ва хеч кас сухани дигар касро намедонист. Ба-д-ин сабаб мутафарриқ шуда, ба атрофи ҷаҳон рафта, иморату ободонӣ карданд.

Дигар гуфтанд, ки Нуҳ (а)-ро дар киштӣ ба душманӣ гирифтанд ва гуфтанд: «Чун берун равем, Нуҳро ҳалок кунем». Чун аз киштӣ бадар омаданд, Худои таъоло ҳар якеро забоне дод, надонистанд, ки чун гӯянд. Бо Нуҳ (а) бадандешӣ намудан натавонистанд.

Чун Намруди лаъин бар замин омад ва гуфт: «Ё Иброҳим! Худои туро бикуштам, ин тир хунолуда шуда». Лаънати ҷовид ба Намруди палиди дуруғгӯ бодо! Иброҳим *алайҳиссалом* гуфт: «Ё Намруд! Худои аззаву ҷаллро хеч кас куштан наметавонад, валекин ҳамаро ӯ қаҳр кунад ва бар ӯ марг раво нест, ки вай қоҳир аст ва халқ мақҳур, ӯ розиқ аст ва халқ марзуқи ӯ, ӯ холиқ аст ва халқ махлуқи ӯ». Намруд гуфт: «Ё Иброҳим! Лашкари Худои ту чанд аст, ки Худои туро бикушам ва лашкараш ҳама бикушам», лаънатуллоҳи алайҳи, ки чи дурӯғҳои муҳол гуфт. Иброҳим (а) гуфт: «Эй малъун! Лашкари Худои маро кас надонад, магар ҳамон Худой». К а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва мо яъламу ҷунуда раббика илло ҳува**[а].

Намруд гуфт: «Ё Иброҳим! Ман лашкари хеш ҷамъ кунам, ту низ лашкари Худои худ ҷамъ кун, то ҳарб кунам». Иброҳим (а) гуфт: «Ё Намруд! Ту лашкари худ ҷамъ кун, ки Худои ман дар кунфаякун ҷамъ кунад». Намруди лаъин касони худ фиристод. Аз Машриқу Мағриб ва Руму Ҳиндустону Туркистон ҳама мардум як ҷо карда то сӣ сад фарсанг лашкаргоҳ шуд. Ҳафт сол дар ин кор буд, ҳама лашкар дар замини Бобул ҷамъ омаданд. Иброҳим (а) даромад ва гуфт: «Эй Намруд! Аз Ҳақ таъоло шарм дор, ки халқро рӯзӣ медиҳад ва аз ӯ битарс, ба ягонагӣ Худои таъолоро бишнос, чунон ки туро дар Дунё мам-

---

[а] Қуръон: 74, 31.

лакат додааст, дар охират низ диҳад». Гуфт: «Е Иброҳим, маро ба Худои ту ниёз нест!» Иброҳим (а) ба Худо бинолиду гуфт: «Ин малъун бо ту дар ҳарб омадааст, вайро ҳалок гардон!» Ҷабраил (а) омаду гуфт: «Дуъои ту мустаҷоб шуд».

Пас Намруди лаъин ҳафсад ҳазор савори зирехпӯш тайёр кард, бо Иброҳим (а) гуфт: «Агар Худои ту мехоҳад, ки мамлакати Замин аз ман биситонад, бигӯ, ки лашкар фиристад ва бо ман харб кунад!» Иброҳим (а) ба Худои таъоло бинолид. Нидо омад, ки чӣ мехоҳӣ, то бифиристонам. Гуфт: «Худовандо! Халки кавиро нахоҳам, аммо заъифтар аз паша ҳеҷ ҷонваре нест, ки ҳар ҷонваре бихӯрад, бизияд ва паша агар сер шавад, бимирад. Ва фариштагонро ҳукм шавад, ки лашкаре пашаҳо фиристанд». Малоикро ҳукм шуд, ки шумо бар кухи Қоф мувакқалед, аз он сӯрохиҳои кӯҳи Қоф як сӯрох бикшоед. Гуфтанд: «Худовандо! Чандон лашкари пашагон бифиристем?» Фармон омад, ки ба адади ҳафтсад ҳазор савор бар ҳар савор як паша бифиристед, то Намруди лаъин қадри хештан бидонад.

Фариштa дари як сӯрох кушоданд, пашаҳо чун абр дар ҳаво парида наздики замини Бобил расиданд. Аз Ҷалили ҷаббор нидо омад, ки эй пашагон, кути шумо аз ин лашкар фармудем, бар сари рӯзии худ биравед. Иброҳим (а) гуфт: «Е Намруд! Инак лашкари Худои таъоло расид». Чун Намруди лаъин нигарист, ки абри сиёҳ бар ҳаво меояд, сипоҳро фармуд, ки аламҳоро бар ҳо кунед ва кӯсҳо занед. Чунон овози ғулғулаи сипоҳ хурӯшид, ки олам биларзид. Ва чун сипоҳи Худои таъоло даррасид, хурӯши одамиён дар ҷанби хуруши паша ҳеҷ набуд. Ҷаҳон аз фазаъ ва хурӯши паша пур гашт ва хурӯши кӯси лаъин фурӯд омад. Ва бар сари ҳар саворе як паша нишаст ва хартум дар мағзи эшон фуруд карданд ва мағзу гӯшту рагу хун хӯрданд. Аммо ба қудрати Худои таъоло як зарра андоми пашагон низ монда нашуд.

Ва ба қавли дигар омадааст, ки устухон ҳам хӯрдаанд. Аз лашкаргоҳи Намруди лаъин як кас намонд. Ва як аз кӯрланг мехтари пашагон буда. Ғараз, ки ҳар узви вай нуқсон дошт. Аз Ҳазқтаъоло дархост кард, ки ё рабб, ҳалоки ин малъун ба дасти ман гардон, то ин савоб ман барам. Фармон омад, ки додем. Чун Намруди лаъин танҳо баргашт ва ба кушки худ даромад, дар ин тафаккур шуд, ки ин лашкар чи гуна ҳалок шуд ва бо азони як паша ҳарб кардан натавонистем. Ба сарои ҳарами Бобули худ нишаста буд, ки пашан ланг биёмаду ба зонуи Намруди лаъин бинишаст. Намруди лаъин гуфт: «Ё зан! Аз ҳамин ҷонварон буданд, ки лашкари моро ҳалок кардаанд, агарчи заъифанд, аммо яке аз эшонро куштан натавонистем».

Хост, ки он пашаро бигирад, паша барҷасту дар димоғи палид даромад, мағз хӯрдан гирифт. Намруди лаъин дар он миҳнат мепечид ва ҳеҷ чора надошт. Чиҳил шабонарӯз ҳеҷ дармоне натавонист. Агар касе бар сари ӯ чиз мезадӣ, то аз он паша меистодӣ, андак роҳат ёфтӣ. Дӯстони вай лате бар сари вай мезаданд, то як соъат биёсудӣ.

Пас аз чиҳил шабонарӯз фармон омад, ки ё Иброҳим, пеши Намруд рафта, ӯро ба ман хон, то магар дар чунин вақт имон орад. Иброҳим (а) пеши Намруд рафт ва бигуфт: «Бигӯ: **Ло илоҳа иллаллоҳ Иброҳим расулуллоҳ!»** Намруд гуфт: «Кист, ки гувоҳӣ медиҳад, ки Худо яке аст ва ту расули ӯй?» Гуфт: «Ё Намруд, чи дар ин хонаи туст, агар гувоҳӣ диҳанд, пас имон орӣ?» Боз дар ин асно аз фаршу сақф ва сиҳлоҳу олот хама ба забони фасих овоз баровардаанд, ки **Ло илоҳа иллаллоҳи-л-малики-л-ҳаққи-л-мубини ва Иброҳима расулу рабби-л-оламин.** Намруди лаъин гуфт: «Ҳама олоти хонаро бисӯзанд ва дар дарё афгананд». Дигар бор гуфт: «Ё Иброҳим, ин замон, ки мегӯед, ки Худо барҳақ аст ва ту барҳаққӣ?» Гуфт: «Ҳама деворҳову сутунҳои хонаи ту гувоҳӣ диҳанд». Онҳо овоз доданд: **Ло илоҳа иллаллоҳи-л-малики-л-ҳаққи-л- мубини ва Иброҳима расулу рабби-л-оламин.** Бифармуд, то ҳама бикандаанд ва дарҳову сутунҳо бишкананд ва бисӯзонанд. Гуфт: «Ин замон кист, ки гувоҳӣ диҳад?» Гуфт: «Ҷоман ту, ки бар тан дорӣ». Ҷома низ бар ваҳдонияти Худои таъоло гувоҳӣ дод. Пас Намруди лаъин ҷома аз тан оварда бисӯхт. Гуфт: «Ин ҳол кадом ашё гувоҳӣ диҳад?». Ҷабраил (а) омад ва гуфт: «Ё Иброҳим, ҳама кофирон ба вақти марг аз Худои таъоло тарсидаанд, аммо ин кофир мешавад ва рӯзи қиёмат кофиртар хоҳад буд!»

Ва дар хабар омадааст: Дар он вақт, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд *(раз)* сари Абуҷаҳл буридан хост, гуфт: «Ё Абдуллоҳ, мар Муҳаммад (*с*)-ро бигӯ, ки дар ҳамон вақт туро душман медоштам ва дар ин вакт душмантар!». Чун рӯзи қиёмат халқро ҳашр шавад, Билоли Ҳабашӣ (*раз*) бонги намоз гӯяд. Чун он ҷо расад: **Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ** (с), Абуҷаҳл гӯяд: «Муҳаммад (с) расули Худо нест!»

Ин ҳар ду кофиртар шуданд. Пас Ҷабраил (а) гуфт: «Ё Иброҳим! (а). Ин малъун аз ин нафас беш намонад!» Ва дар он вақт паша аз мағз берун омад, дарҳол малъун ҷон дод. Рӯҳи ӯро дар Дӯзах афганданд, то рӯзи қиёмат дар азоб бувад.

Ва дигар овардаанд, ки Намрудро ходиме буд, ки чӯбе ба сари Намруд бизадӣ то вайро қарор будӣ. Чун чиҳил шабона-

рӯз баромад, ходим оҷиз гашт, як чӯби бокувват бардошт, бар сари вай бизад, ду ним шуд. Дарсоъат ҷон дод. Ва он паша чун мурғе бузург шуда буд, дар ҳаво париду бирафт.

ЗИКРИ БОЗОМАДАНИ ИБРОҲИМ АЛАЙҲИССАЛОМ

Чун Намруди лаъин аз Дунё бирафт, касоне, ки аз қавми вай боқӣ монда буданд, бо Иброҳим (а) гуфтанд: «То имрӯз мулки Намруди лаъин хабис буд, акнун туро мулк аз малики безавол аст». Иброҳим (а) гуфт: «Маро бо мулк чи кор аст, малики безавол ӯст, ҷалла ҷалолуҳу ва мо ҳама бандагонем. Ва агарчи Мисру Аҷам ҷои мулук аст, аммо Шом ҷои анбиё аст. Ман ба Шом хоҳам рафт». Эшон гуфтанд; «Мо низ бо ту биёем.»

Вай рӯй ба Шом ниҳод. Ҷое расид, ки онро Раҳия хонанд. Бифармуд, то он ҷо фуруд омаданд ва шаҳри Раҳия бино карданд. Ва аз он ҷо баргашта, бар лаби дарёи Фурот шахре бино карданд ва номи вай Рақия ниҳоданд. Аз он ҷо гузашта ҷое расиданд, ки онро Ҳалаб хонанд. Аз баҳри он онро Ҳалаб ном карданд, ки шабона он ҷо шир душидандӣ. Ва аз Ҳалаб ба Аҳмар омаданд. Аз он ҷо ба Баҳман омаданд. Ва он малик, ки Ҳоҷараро бахшида буд, пеши Иброҳим (а) омад ва мусулмон шуд. Ва ҳар кӣ ба сарой омадӣ, хилъат бахшида, чанд гоҳ меҳмон доштӣ. Пас аз он ҷо ба Димашқ расиданд. Аҳли Димашқ низ пеши Иброҳим (а) омаданд ва дин қабул карданд. То аз он ҷо баромада, ба шаҳри Тиб омаданд. Он қавм рӯй аз Иброҳим (а) бигардониданд ва шаҳрро бо Иброҳим (а) гузоштанд бар кӯҳ рафтанд. Ҳама муслимон дар шаҳр ғанимат гирифтанд. Боз аз он ҷо берун омада, ба Канъон расиданд ва рӯде диданд, ки мерафт. Иброҳим (а) гуфт: «Оби ин рӯд то ҳафт ҷо меравад, аз Сад ва Дақомур ва Хайлам ва Руғум ва монанди ин ҷойҳо. Валекин мардумони он ҷой бадфеъл, чунончи мардон бо мардон сӯҳбат мекунанд ва аз деҳ моли мардум мебаранд. Ин мардумон бар ҳамин феъл бимонданд, ҳалок шуданд. Ва шаҳристонҳо қавми Лут будааст. З-он водӣ даргузаштанд ба Байтулмуқаддас расиданд.

Сора аз шодии Иброҳим (а) дувист динор садақа ба дарвешон дод ва хушҳолу нишот дар он шаҳр афтода, чунончи тақдир рафта буд, ки он шаб Иброҳим (а) бо Ҳоҷара *разиялло-ҳу анҳо* наздикӣ кард. Он нури пешонии Иброҳим (а) ба пешонии Ҳоҷара омад. Бархост ва наздики Сора рафт. Сораро ғайрат омада Ҳоҷараро биёварду ва дар гӯши Ҳоҷара сӯрох кард. Ҳоҷара аз он накутар шуд. Сора гуфт; «Ман вайро ҷафо

кардам, ӯро сурат пайдо шуд. Акнун ҷафо дигар кунам». Вайро хатна кард. Фармон омад: «Ё Иброҳим! Мо бар ҳама занони муъминон суннат кардем, ки суннати Ҳоҷара нигоҳ доранд. Ва мардон низ мувофиқати эшон кунанд, то рӯзи қиёмат ҳамчунин хоҳад буд».

Пас Сора (*раз*)-ро ғайрат зиёда шуд. Гуфт: Ё Иброҳим! Наметавонам дид, ки Ҳоҷарарро фарзанд шавад ва маро набошад. Чун муддати нӯҳ моҳ баромад, Исмоил (а) дар вуҷуд омад. Сораро душвортар шуд ва гуфт: «Ё Иброҳим! Агар Ҳоҷара ин ҷо бошад, ман натавонам буд. Магар аз ин ҷо биравам, вагарна вайро аз ин ҷо бубар, ки меваву ободонӣ набошад ва ман вайро набинам». Иброҳим (а) дармонда шуд. Ҷабраил (а) омад ва гуфт; «Он чи Сора гӯяд, ҳамчунин кун!» Пас Ҳоҷарарро бо Исмоил бар уштур нишонда ва худ бар уштури дигар савор шуда, аз Байтулмуқаддас берун рафт. Ва рӯй ба биёбон ниҳода, то он ҷо расид, ки имрӯз шаҳри Макка аст. Он ҷо фуруд омада, ба Ҳоҷара гуфт: «Ин ҷо бош, то ман бозоям». Ҳоҷара *разияллоҳу анҳо* бинишаст ва фарзандро пеши худ бинишонд.

Иброҳим (а) бо дили бирёну дидаи гирён рӯ ба Шом ниҳод. Чун як-ду соъат шуд, Иброҳим наёмад ва офтоби гарм бар сари Ҳоҷара ва Исмоил тофт ва ин ҷо об набуд. Бар кӯҳи Сафо баромад, ҳеҷ ҷой об надид. Бар кӯҳи Марва рафт, об наёфт. То ҳафт мартаба ба ҷиҳати об бар ин ду кӯҳ мерафт, қатъан об надид. Суст шуд.

Ва дар мазҳаби Имоми Аъзам Абӯҳанифаи Куфӣ раҳматуллоҳ ва ба мазҳаби Имом Шофиъӣ (*раҳ*) ин суннати Ҳоҷара то рӯзи қиёмат бар ҳама ҳоҷиён фарз шуд, ки ҳафт бор бар он ду кӯҳ бояд давид.

Чун Исмоил (а) дар водӣ хобонид, худи Ҳоҷара (*раз*) ба талаби об рафта буд ва об наёфта, лавни рӯй мутағайир гашта, пеши Исмоил (а) омад. Дид, ки аз ташнагӣ пошнаи пои муборак бар замин молида ва аз зери пошнаи вай чашмаи об зоҳир шуда ва равон гашта. Ҳоҷара шод гашт ва ачаб карду гуфт: «Ал-ҳамду лиллоҳи рабби-л-оламин, ки муборак фарзанд аст, ки худои таъоло маро арзонӣ доштааст». Пас аз он об сер бихӯрд ва регу санг оварда биниҳод. Ва он обро баст.

Чунин овардаанд, ки агар Ҳоҷара обро набастӣ, ҳамвора дар вилояти Макка то рӯзи қиёмат об равон будӣ.

Пас таъоме, ки дошт, берун оварда меҳӯрд. Он гаҳ қофила дид, ки аз кӯҳи Сафо баромаданд ва толиби об буданд. Ва чумла мардумону чаҳорпоёни эшон ташна бар кӯҳи Сафо расиданд, зане диданд, ки ба сари чашма нишастааст. Чу инҳо ҳеч вақт об надида буданд, ачаб дошта, наздикии Ҳоҷара *ра-*

эияллоҳу анҳо омаданд ва гуфтанд: «Ту кистӣ ва ин ҷо чӣ мекунӣ?» Ҳоҷара он чи аҳволи худ ва Исмоил (а) ва бар он чашмаи об буд, ҷумла ба эшон гуфт. Гуфтанд: «Агар дастуре диҳӣ, наздики ту бошем ва аз ин чашма об хӯрем ва ҳар сол туро даҳяк диҳем, то моро низ ҳалол бувад». Гуфт: «Раво бошад». Дастуре дод, эшон дар он ҷо хаймаҳо заданд ва шутурон ба чарогоҳ карданд. Муддате дар он ҷо буданд.

Исмоил (а) бузург шуд ва Ҳоҷара, *разияллоҳу анҳо,* пашм бофтӣ ва нафақа аз он ҳосил кардӣ, то рӯзгоре баромад. Иброҳим (а)-ро рӯзе орзуи дидори Исмоил (а) дарафтод. Аз Сора дастуре хост, то биравад ва Ҳоҷарарро бозбинад, ки ӯро чӣ расидааст. Сора гуфт: «Бо ман аҳд кун, ки он ҷо расӣ, аз шутур фуруд наёӣ». Иброҳим (а) аҳд кард. Аз Байтулмуқаддас берун омад ва рӯй ба-д-ин водӣ ниҳод. Чун он ҷо расид, қавми арабро дид, ки уштуру гӯсфандон мечаронанд ва ҷамоъатеро дид, ки баъзе нишаста ва баъзе мегаштанд. Иброҳим (а)-ро намешиносхтанд, Ҳоҷара *(раз)* Иброҳим (а)-ро дида бишиносхт. Пеш омада ӯро ба хонаи хеш бурд, валекин Иброҳим (а) аз уштур фуруд наёмад. Исмоил (а)-ро дид, бузург шуда. Ҳоҷара гуфт: «Ё Исмоил, ин аст падари ту!» Исмоил (а) ба дидори падар шод шуд. Ҳоҷара гуфт: «Аз шутур фуруд ой, то сар бишӯям». Гуфт: «Ман аҳд ба Сора кардаам, ки аз шутур фуруд наёям». Пас Ҳоҷара санге овард, Иброҳим (а)-ро як пой бар санг ниҳод ва биншаст. Ва санг сӯи дигар ниҳод, то пои дувуми Иброҳим (а) ниҳод ва боқии сарро бишуст. Ва ҳар ду қадами Иброҳим (а) бар санг фуру шуд. Акнун мусаллои халқ он санг аст. Қавлуҳу таъоло: **Ва-ттахизу мим-мақоми Иброҳима мусаллан.**[а] Пас Иброҳим (а) эшонро падруд кард, рӯй ба Байтулмуқаддас ниҳод ва пеши Сора бозомад ва меҳмонхона сохт ва халқро даъват мекарду таъом медод.

ЗИКРИ ҚУРБОН КАРДАНИ ИСМОИЛ АЛАЙҲИССАЛОМ

Ривоят кардаанд, ки Иброҳим (а) шабе ба хоб дид, ки мегуфтанд: «Ё Иброҳим, бархезу курбонӣ кун!» Бомдод бархост ва дувист шутур қурбон кард. То се шаб хоб дид. Ҳар рӯз дувист қитъа шутур қурбон дод, то дигар шаб ба хоб дид, ки Исмоил (а)-ро қурбон кун. Чунончи хоби пайғамбарон ба дарачаи ваҳӣ мешуданд, бомдод бархост, бо Сора гуфт: «Маро дар хоб ҳукм шудааст, то фарзандонро қурбон кунам. Ба ҷуз Исмоил фарзанде надорам. Дастурӣ дех, то он ҷо рафта, фармони Ҳақтаъоло ба ҷо оварда, Исмоил (а)-ро қурбон кунам». Со-

---

[а] Қуръон: 2, 125.

ра дастурӣ дод. Пас бар шутур савор шуд, наздики Ҳоҷара омад. Исмоил (а) нӯҳсола шуда буд. Гуфт: «Ё Ҳоҷара, Исмоил (а)-ро ба сар шона кун ва гесувонаш аз мушку анбар омехта соз, сурма дар чашм карда, ҷомаҳон неку вайро бипӯшон, ки ба ҷое меҳмон меравам!» Ҳоҷара *(раз)* ҳамон кард. Иброҳим *алайҳиссалом* корду расан дар остин ҷиҳон ниҳод ва аз пеши Ҳоҷара *(раз)* берун омада равон шуд. Ва Исмоил (а) дар ақиби падар мерафт.

Иблис *алайҳиллаъна* пеши Ҳоҷара омад ва гуфт: «Фарзандро чӣ кардӣ?» Гуфт; «Падараш ба хона меҳмон бурда». Гуфт: «Эй бечора, ӯро барои куштан мебарад!» Ҳоҷара *разияллоҳу анҳо* гуфт: «Маъозаллоҳ, ҳеч падар фарзанди худро бе гунаҳ накуштааст!» Иблис гуфт:«Уро Худои таъоло фармудааст». Ҳоҷара *разияллоҳу анҳо* гуфт: «Агар фармони Худои аззаву ҷалл ҳамчунин аст, ба ризои Худо ман розиям».

Пас Иблиси лаъин наздики Исмоил *алайҳиссалом* омад ва гуфт: «Ин кӯдак аст, ҳеч шакк нест, ки ӯро аз роҳ барорам». Гуфт; «Ё Исмоил, куҷо меравӣ?» Гуфт: «Ҳамроҳи падари худ меравам». Гуфт: «Туро ба куштан мебарад». Гуфт; «Ҳеч падар фарзандро куштааст?» Иблис *алайҳиллаъна* гуфт: «Ӯро Худои таъоло фармудааст». Исмоил *алайҳи-с-салоту ва-с-салом* гуфт: «Агар Худои таъоло фармудааст, пас ҳазор чони ман фидои Ҳақтаъоло бод!» Чун пештар омаданд, Исмоил (а) бо падар гуфт; «Маро куҷо мебарӣ?» Иброҳим (а) гуфт: Қавлуҳу таъоло: **Ё бунайя инни аро фӣ-л-маноми аннӣ азбаҳука фа-нзур мозо таро**[а]. Яъне: эй фарзандам, маро дар хоб чунин фармудаанд, ки туро қурбон кунам. Акнун ту чӣ гӯӣ? Исмоил *алайҳиссалом* гуфт: «Ё падар, дӯстони Худои таъоло ба шаб нахуспанд, ту ҳам агар нахуспидӣ, туро ин хоб дида нашудӣ. Ту даъвои дӯстӣ мекунӣ, туро ба хоб чи кор! Чун бихуфтӣ, хоб дид». Гуфт: Қавлуҳу таъоло: **Ё абати-фъал мо туъмару сатаҷидунӣ иншоаллоҳу мина-с-собирин**[б]. Эй падар, зуд кун он чи Худои таъоло фармудааст, иншоаллоҳу таъоло маро аз чумлаи собирон гардонад, то мутеъи ӯ бошам ва нофармонӣ накунам. Эй падар, зуд бош аз ин ки Иблиси лаъин васваса мекунад ва мехоҳад, ки маро аз роҳ бубарад».

Иброҳим (а) гуфт, ки бар Иблиси лаъин санг зан. Иброҳиму Исмоил (а) ҳар ду ба сӯи Иблис санг андохтанд. Акнун он суннат бар ҳоҷиён аст. Чун ба-д-он ҷо расанд, ҳафт мартаба ҳар яке санг меандозанд.

[а] Қуръон: 37, 102.
[б] Қуръон: 37, 102.

Иброҳиму Исмоил (а) ба ҷое шуданд, ки имрӯз он ҷойро **Мино** гӯянд ва ҳоҷҷон он ҷо қурбон мекунанд. Боз Иброҳим (а) гуфт: «Эй фарзанд! Чӣ мегӯӣ?» Гуфт: «Эй падар! Ҳазор ҷони ман фидои фармони Худои аззаву ҷалл аст. Он чи туро ҳукм шудааст, бикун!» Иброҳим (а) донист, ки Исмоил (а) дар мақоми таслим аст. Гуфт: «Эй писар, ман низ таслим кардам». Қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо асламо ва таллаҳу ли-л-ҷабин**[а]. Исмоил (а) гуфт: «Эй падар! Васият мекунам аввал он ки дасту пои ман муҳкам бандӣ, ки ҷон ширин аст, захми корд ба ман расад ва аз дард худро бичунбонам, мабодо қатраи хун бичакад ва бар ҷоман ту расад, то фардои қиёмат дар дараҷаи оспён бошам ва ман тоқати азоби Худои таъоло натвонам овард. Дуввум он аст, ки рӯи ман бар хок ниҳӣ, то рӯи ман набинӣ ва ман рӯи ту набинам. Мабодо меҳру шафқати падарӣ ва писарӣ бичунбад ва ҳар ду дар қурбон тақсире кунем. Савум он ки чун бозгардӣ, ба ғайри ман дар хона равӣ, саломи маро ба модари дилфигори ман расонӣ ва ҷоман хунолудаи ман ба наздики модари ман барӣ, то вайро аз ман ёдгор бошад, ки фарзанде дигар нест».

Он гаҳ Иброҳим (а) ресмон аз остини худ берун овард ва дасту пои писар муҳкам бубаст ва рӯй бар хок ниҳод. Ва Исмоил (а) гуфт: «Эй падар, дастам бикшо, ки бандаи бигрехтаро ба даргоҳи Худованд дасти баста баранд». Дасташ бикушуд, кордро бар ҳалқи вай ниҳоду бикашид. Корд ба ҳалқ коре накард. Исмоил (а) гуфт: «Магар пушти корд мемолӣ?» Иброҳим (а) бар корд қувват кард, ҳеч набурид. Исмоил (а) гуфт: «Эй падар, сари корд дар ҳалқи ман фуру бубар ва қувват кун, то магар корд бибурад!» Сари корд ба ҳалқи ӯ фуру бурд, теға дар андаруни даста шуд, дастаи корд фуру шуд. Ҳеч набурид.

Иброҳим (а) дар хашм шуд, корд бар замин афканд. Корд ба сухан омаду гуфт: «Ё Иброҳим! (а) Он ки туро мегӯяд бибур, маро мегӯяд, ки мабур. Ту як бор гуфтӣ ва ҳафтод бор аз Ҳаққ таъоло нидо омад, ки эй корд, мабур. Фармони Ҳақтаъоло ба каср аз фармони туст».

Дар ин сухан буданд, ки аз паси пушт овозе баромад. Гӯянда мегуфт: **Аллоҳу акбар. Аллоҳу акбар. Ло илоҳа иллаллоҳ валлоҳу акбар. Аллоҳу акбар ва лиллоҳи-л-ҳамд.** Дар пас нигоҳ кард, Ҷабраил (а)-ро дид, ки меояд ва бонг мекунад. Қавлуҳу таъоло: **Ва нодайноҳу анё Иброҳиму. Қад саддакта-р-руъё инно казолика наҷзи-л-муҳсинин.**[а] Иброҳим (а),

---

[а] Қуръон: 37, 103.
[а] Қуръон: 37, 104—105.

ту хоби хеш рост кардӣ, ба дурустӣ моён ҳамчунин ҷазо медиҳем некӯкоронро. **Ва фадайноҳу би зибҳин ъазим.**[б] Худои таъоло фидои Исмоил (а) гӯсфанд дод, сиёҳу сафед ва баланд. Ва баъзе гӯянд, ки ҳама тан сафед буд, магар сари вай сиёҳ. Дар хабари дигар омадааст, ки он гӯсфандро Ҳобил курбон карда буд. Худои таъоло ду ҳазор сол дар Фирдавс мепарваронид, то ба вақти Иброҳим (а) ба фидои Исмоил (а) бифиристад ва наҷот ёбад.

Пас Иброҳим (а) гӯсфандро қурбонӣ сохта, пӯсти ӯро суфра карда, халқро бар суфра таъом медод. Ва пашми он гӯсфандро Сора бибофт ва гилеме сохт. Ва Иброҳим (а) он гилемро дар тобути сакина ниҳод. Ва чун рӯзе буд, ки он тобутро Ҷабраил (а) бардошт ва назди Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва саллам* бурд ва Пайғамбар он гилемро ба амирулмуъминин Умар ибни Хаттоб *разияллоҳу анҳу* дод, то мураққаъе гирад ва дарпӯшад. Ва ӯ то вақти марг он мураққаъ дошт.

ЗИКРИ БИНО КАРДАНИ ХОНАИ КАЪБАРО ҲАЗРАТИ ИБРОҲИМ АЛАЙҲИССАЛОМ

Чун Иброҳим (а) аз қурбон фориғ шуд, Исмоил (а)-ро ба Ҳоҷара супурд ва шукри Бории таъоло кард ва аз пеши Ҳоҷара равон шуд ва пеши Сора рафт. Чун муддате баромад, Ҷабраил (а) биёмад ва гуфт: «Худоят салом мерасонад ва мегӯяд, ки ба ҷиҳати ман хона дар ин замин бино кун!» Гуфт: «Кучо бино кунам?» Нидо омад, ки ту бар шутуре савор шав, абре пайдо шавад, ҳар кучо биравад, ӯро нигоҳ карда бирав, ӯ ҳар ҷо биистад, он ҷо Каъба бино кун!

Чун абре баромад, Иброҳим (а) бо вай мерафт, то он ҷо расид, ки имрӯз Хонаи Каъба аст. Ва инз гуфтаанд, ки море биёмад, ба андозаи Хонаи Каъба бихуспид, то Иброҳим (а) нишони он бидид ва ба андозаи он Хонаи Каъба бино кард. Ва низ гуфтаанд: Ҷабраил (а) гуфт, ки ба-д-ин миқдор Хона бино кун! Қавлуҳу таъоло: **Ва из бавваъно ли Иброҳима мако-на-л-байти**[а]. Иброҳим (а) гуфт: «Худовандо, санг аз кучо орам?» Нидо омад: Аз панҷ кӯҳ: аввал Лубнон ва дигар аз кӯҳи Ҳамза ва аз Иброкабис ва аз кӯҳи Сафо ва Марва.

Пас Ҷабраил (а) биёмад ва санг меовард ва Иброҳим (а) мениҳод ва Исмоил (а) ёрӣ медод. Ва Иброҳим (а) овозе шунид, ки аввал санг дар михроби масҷид бинеҳ. Чун санги аввал ниҳод, номи Муҳаммади расулуллоҳ (с) падид омад. Дигар

[б] Қуръон: 37, 107.
[а] Қуръон: 22, 26.

овоз омад: Санги дувум ба рукни рости Каъба бинех! Чун биниҳод, номи амирулмуъминин Абубакри Сиддиқ (*раз*) падид омад. Пас санг бар рукни чаҳ биниҳод, номи Умар ибн-ал-Хаттоб (*раз*) баромад ва дар як санг номи амирулмуъминин Усмон *разияллоҳу анҳу* ва дар як санг номи амирулмуъминин Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу*. Маънӣ он аст, ки ҳар касе рӯй ба-д-ин Каъба оварад, намоз бигзорад, бе дӯстии ин панҷ кас намозу дини ӯ дуруст нест.

Пас Хона тайёр шуд. Иброҳим (а) даст ба дуъо бардошт ва гуфт: **Раббано тақаббал минно иннака анта-с-самиъу-л-ъалим.**[б] Худовандо, он чи фармудӣ, ба вусъи тоқати худ ба ҷо овардам ва тамом кардам. Бипазир, ки ту шунавой муддаои ман ва биноӣ бар ҳоли ман ва доноӣ бар хотири ман!» Ва дигар бор даст бардошт ва гуфт: **Раббӣ-ҷъал ҳаза баладан оминан ва-рзуқ аҳлаҳу мина-ссамароти.**[в] Яъне: ин хонаву шаҳрро аз меваҳо рӯзӣ кун, то ҳар кӣ ба ту имон орад, то қиёмат муҳофазат нигоҳ доранд. Омад: Ё Иброҳим! **Қола ва ман кафара фа у маттиъуҳу калилан сумма азтарруҳу ило ъазоби-ннори ва биъса-л-масир.**[а] Яъне: хар он кӣ бар ман кофир шавад, ҳам рӯзӣ диҳам, валекин бархурдории камтар бувад ва чон кофирон Дӯзах аст.

Пас Иброҳим (а)-ро дар хотир омад, ки сабру шукру миннат он Худойро, ки ин Хона бар дасти ман тамом карда шуд. Ҷабраил (а) биёмад ва гуфт: «Ё Иброҳим! Худоят салом мерасонад ва мегӯяд, ки ин ҳама ранҷ бурдӣ ва Хона тамом кардӣ. Пеши ман чандон қадре надорад, ки хароба обод кунӣ». Гуфт: «Худовандо, кадом хароба?» Нидо омад, ки хароба он бувад, то гуруснаро сер кунӣ ва бараҳнаро бипӯшӣ, чандон фазл бувад наздики ман, ки ин Хона бино карда бошӣ ва бар ҳар рукне ҳазор ракъат намоз карда бошӣ. Пас нидо омад: Ё Иброҳим, ҳалқро ба-д-ин Хона даъват кун! Қавлуҳу таъоло: **Ва аззин фӣ-н-носи би-л-ҳаҷҷи яътука риҷолан ваъало кулли зомирин яътина мин кулли фаҷҷин ъамиқ.**[б] Гуфт: «Малико, ман бихонам, кӣ шунавад ва овози ман куҷо расад?» Ҷавоб омад, ки аз ту хондану аз мо шунавонидан, аз халқ ҷавоб додан. Ва ман, ки Худоям, овози ту ба гӯши ҳама халқ расонам, дар аслоби падарону арҳоми модарон.

Иброҳим (а) бар кӯҳ омад ва овоз дод, ки эй фарзандони Одам (а), аз ҳамаи олам ба-д-ин Каъба оед ва рӯ ба-д-ин хона ored! Аз чаҳор сӯи олам овоз шунид ва касро надид, ки хамин гуфт: **Лаббайка Аллоҳумма лаббайка ло шарика лака**

[б] Қуръон: 2, 127.
[в] Қуръон: 2, 126.
[а] Қуръон: 2, 126.
[б] Қуръон; 22, 27.

лаббайка инна-л-ҳамда ва-н-ниъмата лака ва-л-мулка ло шарика лака ё сайидӣ ва мавлоӣ. Иброҳим (а) гирди он Хона водиҳо дид, беобу бе кишту бенабот. Гуфт: «Малико! Ин чо кишт нест, ин фарзандонро ин чо мегзорам ба умеди ту, ба ту меспорам, ки ту розиқӣ». Он гаҳ даст бардошту гуфт: Қавлуҳу таъоло: **Раббано иннӣ асканту мин зуррийяти би водин ғайри зи заръин ъинда байтика-л-муҳаррами.**[в] «Малико, ин Хонаро аз меваҳо рӯзӣ кун, то магар неъмати туро шукр кунанд!»

Пас фармон омад Ҷабраил (а)-ро, ки дувоздаҳ фарсанги замини Макка аз санги хора аст, заминро баркан ва ба Шом бубар. Чун заминро баркандида он чо бурд, ки дарёи Нил барканда буд. Ва аз даҳ фарсанг замин баргирифт, то наздики Каъба овард ва фариштаи он замин бароварда буд, то ҳафт бор тавофи Хонаи Каъба карда ва дар гирди Хона гардонида он чо бурд, ки Ҷабраил *алайҳиссалом* барканда буд, замин бинишод. Ин ноҳияро **Тоиф** хонанд, аз баҳри он ҳафт бор тавофи Хонаи Каъба кардааст. Акнун ҳар ниъмат, ки Маккаро бояд, аз Тоиф ораид ва ба кудрати Худои таъоло зиёдат мегардад.

Пас Иброҳим *алайҳиссалом* бархост ва рӯй ба Шом ниҳод, аз он ки Ҳақтаъоло гуфта буд, ки ин иморат Хонаи Каъба аст, баробари як хароба набуд, ки ободон кунӣ. Иброҳим *алайҳиссалом* меҳмонхона сохт ва ахд кард, ки бе меҳмон таъом нахӯрам. Ва рӯй ба ибодат овард ва халқро таъом медод, то рӯзе Азроил (а) бар мисоли одаме наздики вай омаду гуфт: «Ту кистӣ, ки ман туро намедонам?» Гуфт: «Манам Азроил». Гуфт: «Ба зиёрат омадай ё ба қабзи руҳ? Гуфт: «Ба зиёрат омадаам ва туро муждаи дигар медиҳам, ки Худои таъоло бандаро ба дӯстии хеш гирифт». Иброҳим *алайҳиссалом* гуфт: «Он банда кист ва нишони ӯ чист?» Гуфт: «Нишони он банда он аст, ки мурда ба дасти ӯ зинда шавад». Иброҳим (а) гуфт: «Кошки он ман будаме ё ӯро бидидаме, то бо ӯ дӯстӣ кардаме». Азроил нопайдо шуд.

Овардаанд, ки Иброҳим *алайҳиссалом* чун ба ибодат бинистодӣ, овози хуши вай то як мил бирафтӣ ва мардумон донистӣ, ки Иброҳим *алайҳиссалом* Худойро ибодат мекунад. Рӯзе дар хотири вай бигзашт, кошки ман бидидаме, ки Худои таъоло мурдаро чӣ гуна зинда мекунад. Пас аз Худои таъоло дархост. Қавлуҳу таъоло: **Ва из қола Иброҳиму рабби арини кайфа туҳйи-л-мавто.**[а] Худоё маро бинмо, то мурдаро чӣ гуна зинда мекунӣ. Нидо омад: **А ва лам туъмин.**[б] «Ё Иброҳим, ту намедонӣ, ки ман қодирам бар ҳама чиз?» Гуфт: **Бало ва локи-**

[в] Қуръон: 14, 37.
[а] Қуръон: 2, 260.
[б] Қуръон: 2, 260.

л-ӣн-ятмаинна қалбӣ.[а] Илоҳӣ, маро маълум аст, ки офаринанда[в] миронанда тӯӣ, ҷуз ту дигар нест, валекин мехоҳам чунон кӣ ба дил медонам, ба чашм низ бинам, то якини ман зиёдат шавад. Фармон омад: Ё Иброҳим, ин ҳама ба қудрати ман осон аст, ҳар чи хоҳам, бикунам. Қавлуҳу таъоло: **Фа хуз арбаъатам-мина-т-тайри фа сурҳунна илайка сумма-ҷъалъало кулли ҷабалим-минҳунна ҷузъан сумма-дъуҳунна ятинака саъян ва-ълам анналлоҳа ъазизун ҳаким.**[б] Ва гуфт: Ё Иброҳим, чаҳор мурғ бигир, аввал хурӯс, дувум товус, савум зоғ, чаҳорум каргас.

Савол: Чӣ маънӣ дорад, ки мурғ фармуд, ҷонварӣ дигареро на?

Ҷавоб: Аз баҳри он ки ба ҳукми офариниш мурғ фозилтарин аст аз ҳама ҷонвар, ки онҳо пар надоранд, аммо мурғ бипарад. Ва хурӯсро гирифтан ба ин маъно ҳукм шуд, ки дар шаҳват зиёда аз он дигар нест, то ту низ шаҳватро аз вай омӯхта, нафсро зери пой кунӣ. Ва товусро ба куштан ҳукм шуд ба маъноӣ он ки дар олам аз вай бозинаттар мурғ нест, то ту низ зинату ороиши Дунё зери по ниҳӣ. Ва зоғро аз баҳри он ки дар ҳама олам аз вай ҳаристар ҷонваре нест, то ту низ ҳирси Дунё аз хештан бадар кунӣ. Чаҳорум, каргас аз баҳри он ки дар олам барамалтар аз вай ҳеҷ мурғе нест, то ту низ ҳамеша маргро ёд медорӣ ва амали дароз бигзорӣ. Ва камтар каргасеро понсад сол умр бошад.

Чун Иброҳим *алайҳиссалом* ба ҳукми Худои аззаву ҷалл ҳар чаҳор ҷонварро бигрифт ва бикушт ва сари эшон баргирифт ва дигар пӯсту гӯшту устухон дар ҳован хурд карда ва чаҳор ғулула кард ва чаҳор гӯша биниҳод. Ва сарҳои мурғон бар даст гирифт ва гуфт: «Эй мурғон, ба амри Худо биёед!» Ҳар чаҳор ғулула баякбор дар ҳаво шуданд ва аз якдигар ҷудо гаштанд ва мисоли зарра гашта пеши Иброҳим (а) омаданд. Ва зарраи хурӯс бар сари хурӯс омада ва зарраи товус бар сари товус ва зарраи зоғ бар сари зоғ ва зарраи каргас бар сари каргас омаданд. Ва ҳар як ба сари хеш бипайвастанд ва бар дасти Иброҳим *алайҳиссалом* гӯшту пӯст ва пару боли эшон аз нав бирустанд ва бар дасташ чилва карданд. Ва ба қудрати Худои таъоло ҳар чаҳор якбор зинда шуданд ва аз дасти Иброҳим Халилуллоҳ (а) париданд. Пас ҳар чаҳор мурғ гирди Иброҳим (а) ҳафт шабонарӯз тавоф карданд.

Фармон омад: Ё Иброҳим! (а) Чунон ки Исмоил (а)-ро таслим кардӣ, молу неъматро низ таслим кун, то ман, ки Худо-

---

[а] Қуръон: 2, 260.
[б] Қуръон: 2, 260.

вандам, туро дӯсти худ гардонам ва дӯстии мо муаккад бувад. **Из қола лаҳу раббуҳу аслим қола асламту ли раббил-ъоламин.**[а] Пас Иброҳим *алайҳиссалом* молу неъмат ба дарвешон дод. Чун навад сол аз умри Иброҳим *алайҳиссалом* бигзашт. Дар он овон фарзанде аз Сора (*раз*) наёмад. Бино бар он гӯсоларо килодан зарин дар гардан карда, ба чои фарзанд мепарварид.

Чун Иброҳим *алайҳиссалом* ҳафт шабу рӯз бе меҳмон таъом нахӯрда буд, аз фармони Раббулиззат дувоздаҳ барнои накурӯю хушбӯй ва хушхӯй бар мисоли ғуломон ороста биёмаданд. Ва ба Иброҳим *алайҳиссалом* салом карданд. Иброҳим *алайҳиссалом* пиндошт, ки эшон одамиёнанд, аммо эшон фариштагон буданд. Ҷавоби саломи эшон боздод ва дасти инҳоро гирифта ба хона бурд. Қавлуҳу таъоло: **Ва лақад чоат русулуно Иброҳима би-л-бушро қолу.**[б] Гуфт: «Ё Сора, меҳмонони азизу мукаррамонанд, ҳар чи азиз чизе ҳаст, биёр!» Сора-хотун гуфт: «Ё Иброҳим, ман аз ин гӯсола ҳеч азизтар чизе намедорам, ки вайро ба орзуи фарзандӣ парвардам, вайро қурбон кунам».

Иброҳим *алайҳиссалом* гӯсоларо қурбон намуда, бирён кард ва пеши меҳмонон биниҳод. Ва худ ҳам бо эшон нишаста, сар фуру карда таъом мехӯрд. Ва чунон ки одоби меҳмондорӣ аст, ки вақти таъом хӯрдан меҳмонро нанигаранд, то вайро шарм набвад. Сора-хотун (*раз*) аз даруни парда овоз дод, ки эй Иброҳим, ту таъом мехӯриву меҳмонон таъом намехӯранд. Иброҳим (а) сар бардошт, меҳмононро дид, хомӯш нишаста. Тарсе ба дили ӯ омад ва ба меҳмонон гуфт, ки таъом чаро намехӯред? Гуфтанд: «Бе баҳо таъоми ту намехӯрем!» Гуфт: «Баҳо бидиҳед!» Гуфтанд: «Чӣ диҳем?» Гуфт: «Баҳои таъоми ман он аст, ки аввал **Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим** бигӯед ва ба охир бигӯед: **Ал-ҳамду лиллоҳи рабби-л-сламин».**

Ҷабраил (а) гуфт: **Ё Иброҳим, изал-ла-ттаҳазака халилан.**[в] Яъне: туро Худои таъоло аз ин баҳо дӯст гуфт. Ҷабраил (а) овоз дод, ки эй Иброҳим, матарс, ки мо Ҷабраил ва Микоил ва Исрофил ва Дардоил ва Ақвоил ва дигар фариштагонем. Моро ҳукм шуда, ки аввал пеши Иброҳим (а) биравед, ки ҳафт шабонарӯз рӯзадор аст, чизе нахӯрдааст. Магар аз баҳри шумо рӯза бикшояд ва таъом бихӯрад. Минбаъд аз ин чо ба шаҳристони Лут равем ва Лут — пайғамбари мурсалро аз балои он қавм бираҳонем. Инак пеши ту омада, рӯза кушоёндем ва туро низ башорати фарзанди муборак медиҳем, ки номи ӯ Исҳоқ ва ибни ӯ Яъқуб бувад. Қавлуҳу таъоло: Ва-

---

[а] Қуръон: 2, 131.
[б] Қуръон: 11, 69.
[в] Қиёс шавад бо: Қуръон: 4, 125.

мрлатуҳу коиматун фа заҳикат фа башшарноҳо би Исҳоқа ва мин ворои Исҳоқа Яъқуба.[б] Чун Ҷабраил (а) башорати фарзанд дод, Сора (*раз*) бар пой истода бихандид ва гуфт: **Ё вайлата а алиду ва ано ъачузун ва ҳаза баълӣ шайхан инна ҳаза ла шайъун ъачибун.**[в] «Ман пирам ва шавҳарам низ пир, чи гуна фарзанд шавад, ин аҷаб корест!» Ҷабраил *алайҳиссалом* гуфт: Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Қолу а таъҷабина мин амриллоҳи раҳматуллоҳи ва баракотуҳу ъалайкум аҳла-л-байти иннаҳу ҳамидум-маҷид**[г]. Ё Сора! Аз қудрати Худованд аҷаб мадор! Аз пушти Исҳоқ (а) ҳафтод ҳазор пайғамбарон *салавотуллоҳи алайҳим аҷмаъин* падид оянд.

Сора-хотун аз паси парда овоз дод, ки ин суханро нишон чист? Гуфт: «Бубин!» Устухони гӯсола, ки дар табақ буданд, бар ҳам ниҳод ва гуфт: **Қум би изниллоҳи!**[д] Дарҳол он гӯсола бархост ва пеши модар давида, ҳар ду пистони модар дар даҳон гирифта шир бихӯрд. Ва дигар як шохи чӯби хушки нимсӯхта дар хонаи Иброҳим *алайҳиссалом* буд. Ҷабраил *алайҳиссалом* бар он шох пар молид, дарсоат сабз гашт ва барг берун овард, рутаб падид омад ва аз он рутаб ба Сора-хотун дод, то бихӯрад. Ҷабраил *алайҳиссалом* бо Сора гуфт: «Худои таъоло чуби хушки чандсоларо дарсоат сабз кард ва мева бароварда ва пухта сохт, то бихӯрдӣ. Аз қудрати вай чи аҷаб бувад, ки туро фарзанде диҳад, ки номи вай Исҳоқ ва аз вай фарзанд Яъқуб шавад».

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ЛУТИ ПАЙҒАМБАР АЛАЙҲИССАЛОМ

Пас фариштагон қасд карданд, ки ба шаҳристони Лут раванд. Иброҳим (а) гуфт: «Ман низ бо шумо оям». Гуфтанд, ки мо меравем, ки он қавмро азоб кунем. Ту тоқати дидани азоб надорӣ. Гуфт: «Аз Худои таъоло хоҳам». Иброҳим (а) бар шутуре нишаст ва бо эшон бирафт. Ва чун миқдори ним фарсанг бирафт, бо Иброҳим (а) гуфтанд, ки бинист, туро беш аз ин фармоп нест. Пас Иброҳим (а) аз шутур фуруд омад ва ба ибодат машғул шуд. Ва эшон ба шаҳристони Лут рафтанд. Ва он ҳафт шаҳристон буданд, ки Иброҳим (а)-ро гуфта буданд, ки эшон қавми бадфеъланд. Чунончи мардон бо мардон ҷамъ оянд ва занон бо занон ва роҳ зананд ва моли мардум рабоянд. Дар он вакт Иброҳим (а) гуфта буд: «Ҳар киро ин феъли бад бувад, ҳалок шавад».

б Қуръон: 11, 71.
в Қуръон: 11, 72.
г Қуръон: 11, 73.
д Арабӣ: Бархез ба хости Худой!

Худои таъоло писандид, ки ҳадиси Иброҳим (а) каср нашавад. Пас эшон бирафтанд ва шаш пораи шаҳрро ҳалок карданд ва як шаҳр бимонд, ки онро Садум хонанд. Ва он дигарон, ки бар ботил буданд ва бадфеълӣ карданд,аз аҳли Садум хешӣ намекарданд, то Худои таъоло аҳли Садумро нигоҳ дошт. Ва дар шаҳристон сад ҳазор марди чангӣ буданд. Чун ба шаҳр расиданд, Лут (а) дар ибодатгоҳ бандагӣ мекард. Ва фариштагон ба хонаи Лут пайғамбар (а) омада, бар духтарони Лут салом карданд. Ва духтарон чавоби салом бозоданд.

Ҷабраил (а) гуфт: «Эй духтарон, дар ин шаҳр касе бошад, ки моро имшаб меҳмон дорад?» Гуфтанд:«Дар ин шаҳр ҳеч кас нест, ки меҳмонии шумо бикунад, валекин соъате сабр бикунед, ки падари мо аз ибодатгоҳ барояд ва меҳмонӣ ба ҷо орад». Баъд аз соъате Лут (а) бинёмад ва он дувоздаҳ ғуломи хушбӯю некрӯй ва гесубофтро бар дари хона дида андешид, ки кӯдакони амрад ва соҳибҳуснанд, мабодо ин қавм бадфеълӣ кунанд. Гуфт: **Ҳаза явмун ъасибун**[а], яъне: ин рӯзи душвор аст. Лочор меҳмононро даруни хона бурд ва зани Лут (а) кофира буд. Чун меҳмононро монанди шаби чаҳордаҳум дид, берун давид, қавмро хабар кард. Он қавм ба хонаи Лут (а) омада гуфтанд: «Ё Лут! Ин дувоздаҳ ғулом, ки меҳмони туанд, берун фирист!»

Лут (а) аз бим гуфт! **Ё қавми ҳоулои баноти ҳунна атҳару лакум фа-ттақуллоҳа ва ло тухзуни фӣ зайфӣ а лайса минкум рачулу-р-рашид,**[а] яъне: духтарони худ ба ҳалоли никоҳ шуморо додам. Аз Худои таъоло тарсида, даст аз меҳмонон бардоред, ки духтарони ман аз ин меҳмонон беҳтаранд. Дар мӣёни шумо касе ақл надорад.

Эшон бар сухани Лут (а) илтифот накарданд, то дари хона шикастанд ва мегуфтанд: **Лакад ъалимта мо лано фӣ баноти-ка мин ҳаққин ва иннака ла таъламу мо нурид.**[б] «Ё Лут, мо духтарони туро намехоҳем, ки ба кори мо намеоянд ва ба дурустӣ ки ту медонӣ, ки чӣ мехоҳем, меҳмононро берун гузор!» Лут(а) гуфт: **Қола лав анна лӣ бикум қувватан ав овӣ ило рукнин шадид.**[в] Яъне: эй қавм, агар маро қуввати ёрӣ будӣ, бо шумо ҳарб кардаме, валекин паноҳ ба Худо овардам, то шарри шумо аз меҳмонони ман дафъ кунад.

Фариштагонро фармон чунон буд, ки то се навбат Лут (а) шикоят пеши шумо наорад, ҳамон тавр бошед ва зоҳир нашаведед. Чун Лут (а) дари хона боз накард, ӯро заданд, маҷруҳ сохтанд. Лут (а) пеши меҳмонон омад ва гуфт: «Қуввати ка-

---

[а] Қуръон: 11, 77.
[б] Қуръон: 11, 79.
[в] Қуръон: 11, 78.
[г] Қуръон: 11, 80.

робат надорам, ки шарри ин малъун аз шумо дафъ кунам». Ин мегуфту гиря мекард, то бозаш бизаданд. Ва аз бетоқатӣ пеши меҳмонон ҳамерафт. Навбати савум гуфтанд: **Ё Луту инно русулу раббика лан ясилу илайка**[г], яъне мо расулони Худоем, ки моро ба расулӣ бар ту фиристода, то хешро аз миёни ин қавм берун барӣ, ки имшаб ин қавмро азоб хоҳем кард. Гуфт: «Ё Ҷабраил (а), азоб дар аввали шаб ё дар охири шаб хоҳӣ кард?»

Дар ин сухан буданд, ки малъунон хонаи Лут *алайҳиссалом* биканданд ва аз дар андарун рафтанд ва гуфтанд: **А лайса-с-субҳу би қарибин.**[д] Яъне: эй Лут, субҳ шуд, моро дари хона раҳо накардӣ. Ва хостанд, ки пеши фариштагон рафта, даст дароз кунанд. Ҷабраил (а) бодае бар сӯи эшон дамид, дарҳол эшон тамс шуданд. Ва тамс он бувад, ки чашму биниву даҳон яксон бишавад. Қавлуҳу таъоло: **Фа тамасно аъюнаҳум фа зуқу ъазобӣ ва нузури.**[е] Он қавмро на чашм монда ва на бинӣ ва на даҳон. Фарёд баровардand, ки Лут ҷодугаронро дар хона овардааст.

Гуфтанд: «Ё Лут, бигӯ, ки чашмҳои мо бино кунанд, то тавба кунем! Ҷабраил (а) пар бар рӯи эшон молид, чашму даҳону бинӣ рост шуд. Боз қасди фариштагон карданд. Ҳафт аъзои эшон хушк шуд. Дигар бор фарёд оварданд ва тавба карданд. Ҷабраил (а) пари дигар бар рӯи эшон молид, дуруст шуданд. Ва аз хонаи Лут (а) бозгашта, дарҳои шаҳр бубастанд ва гуфтанд: «Фардо муроди хеш аз меҳмонони Лут биситонем». Ҷабраил (а) Лут (а)-ро гуфт, ки ту бо иёли худ аз ин шаҳр берун рав. Лут (а) гуфт: «Дарҳои шаҳр бастаанд». Ҷабраил *алайҳиссалом* эшонро бар пари худ гирифт ва бар дари шаҳр бурд ва пеши Иброҳим (а) расонид. Ва Лут (а) гуфт, ки занам ин чо мондааст, ӯро бо худ бубарам. Ҷабраил (а) гуфт, ки ӯ кофира аст, ӯро ҳамроҳ мабар.

Пас Лут (а) бо духтарони покдоман наздики Иброҳим (а) расид. Иброҳим (а) чун эшонро дид, бархост ва эшонро наздики худ хонд ва бинишонду бинвохт. Боз Ҷабраил (а)-ро нигоҳ карданд ва диданд, ки парҳо зери замин фуруд кард ва тамоми деҳҳову шаҳрҳои қавми Лут (а)-ро баргирифту дар ҳаво бурд, чунон ки барги дарахте начунбид ва ҳалқан даре наларзид. Кӯдакон андар гаҳвораҳо бедор нашуданд. Чандон бар ҳаво бирафт, ки овози фариштагон ба эшон расид ва аз он қавм ҳеч касро хабар набуд. Иброҳим (а) аз тарс беҳуш гашт. Ҷаб-

---

г Қуръон: 11, 81.
д Қуръон: 11, 81.
е Қуръон: 54, 37.

раил (а) назди ӯ омад ва Иброҳим (а)-ро дар канор гирифту тасалло дод, то ба ҳуш бозомад.

Чун офтоб тулӯъ кард, Ҷабраил (а)-ро амр омад, ки он чи бар пар дорӣ, фуру гардон ва сарнагун дар замин бигяндоз. Пас фуру андохт ва он шаҳрҳои эшон пора-пора гашт. Қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо ҷоа амруно ҷаъално ъолияҳо софилаҳо ва амтарно ъалайҳо ҳиҷоратам-мин сиҷҷилим манзуд**[а]. Қавми Лут (а) хурӯшону фарёдкунон бар замин омад ва он шаҳрҳо пора-пора шуд. Бар гардани ҳар яке тавқ афтода, номи ӯ бар тавқ навишта. Қавлуху таъоло: **Мусаввоматан ъинда раббика ва мо хия миина-з-золимина би баъид**[б].

Иброҳим (а) аз Ҷабраил (а) пурсид, ки қавм то кӯҷо раванд? Гуфт: «Аз табақаи ҳафт замин бигзаранд ва дар Дӯзахи Ҳовия бияфтанд. Ва чун рӯзи қиёмат эшонро дар Арасот ҳозир кунанд ва инсоф карда, боз дар он Дӯзах афганда шаванд». Ин сухан шунида, ҳазрати Халилуллоҳ рӯ ба ибодат оварда, машғул ба Худо шуд.

Ва Иброҳим (а)-и Халилуллоҳро чаҳор фарзанд каромат карда буд: Исмоил (а) аз Ҳоҷара ва Исҳоқ (а) ва Мадоин ва Мидян аз Сора. Ва Исмоил (а)-ро писаре дар вуҷуд омад, номи ӯ Қайдор. Чиҳил газ боло ва ҳафт газ пахно дошт. Подшоҳи чумла араб шуд ва араб мутеъи ӯ шуданд. Ва Исҳоқ (а)-ро ду писар шуд: яке Айс ва дигар — Яъқуб. Ва аз Мадоин Шуъайб омад ва писари Мидян мулуки Аҷам омаданд.

Чун умри Иброҳим (а) ба саду бист сол расид, аҷалаш наздик омад. Иброҳим (а) пайваста аз марг тарсидӣ, аз ин маъно Худои таъоло хост, ки ӯ марг ба рағбати хеш хоҳад. Пире заъифро пеши ӯ фиристод. Чун таъом овард, хӯрдан натавонист. Иброҳим (а) пурсид, ки туро умр чанд аст? Гуфт: «Саду сӣ сол». Иброҳим (а) андеша кард, ки маро дах соли дигар монда, ки ба умри ин шайх бирасам, то маро низ ҳамчунин миҳнат бирасад. Гуфт: «Умри зиёда намехоҳам». Пас ҳар чаҳор писарро ҷамъ карда васият намуд. Қавлуҳу таъоло: **Ва вассо биҳо Иброҳиму баниҳи ва Яъқубу ё банийя инналлоҳа-стафо лакуму-д-дина фа ло тамутунна илло ва антум муслимун.**[а] Гуфт: «Ё фарзандон! Худои таъоло дини гузидае шуморо арзонӣ карда, то аз Дунё биравед ва бар ҳамин дин бошед, ки Худои таъоло ин динро ислом фармудааст ва ман низ шуморо мегӯям».

Исмоил *алайҳиссалом* гуфт: «Ё Халилуллоҳ, Худои таъоло ин нубуввату хилофатро ба ту ба чӣ дод?» Гуфт: «Ба се хис-

---

[а] Қуръон: 11, 82. Нигр. низ: 15, 74.
[б] Қуръон: 11, 83.
[а] Қуръон: 2, 132.

лат, ки дар Дунё ба кор доштем, Худои таъоло ин каромат маро арзонӣ дошт: аввал он ки ғами рӯзӣ нахӯрдам ва нагуфтам фардо чи хӯрам; дуввум, таъом бе меҳмон нахӯрдам; савум он ки чун ду кор пеш омад — яке кори Охират ва яке кори Дунё, аввал кори Охират мекардам, баъд аз он кори Дунё, агарчи маътал мондӣ, охир мекардам. Ба ин се хислат маро хилофату каромат фармуд». **Ва-ттахазаллоҳу Иброҳима халилан.**[6]

Чун васият тамом шуд, зоди қиёмат баргирифт ва рӯй ба сарои боқӣ овард. Вайро дафн карданд ва чанд гоҳ таъзият дошта, ба мақоми хеш шуданд. Исмоил *алайҳиссалом* гуфт бо Исҳоқ (а), ки маро аз падар чизе ёдгорӣ бидеҳ, ки ба тарки падар бар худ нигоҳ дорам. Исҳоқ *алайҳиссалом* гуфт: «Ту бандазодӣ, туро ба мироси падар чи кор аст ва мо озодаем ва авлоди мулукем». Исмоил (а) биранҷид, дарҳол Ҷабраил (а) омад ва гуфт: «Ё Исҳоқ, ту бар Исмоил (а) тафаввуқ маҷӯй, ки Муҳаммади Мустафо (с) — Сайиди олам дар пушти Исмоил *алайҳиссалом* аст ва мӯъминон аз насли вай хоҳанд шуд ва гумроҳону яҳудон аз насли ту. Ин сарзаниш, ки кардӣ, фарзандони ӯ фарзандони туро ба ғорат баранд, асир гиранд ва эшонро ҳалол бошад».

Чун Исҳоқ (а) ин бишнид, чандон бигрист, ки чашмҳои мубораки ӯ нобино гашт. Баъд аз ду сол Ҷабраил (а) биёмад ва гуфт: «Ё Исҳоқ (а), башорат бод туро, ки Худои таъоло мефармояд чаҳор ҳазор пайғамбар аз насли ту хоҳам кард. Яке аз эшон Мусо-пайғамбар (а) бошад, ки ҳафтод ҳазор сухан аз ман бишнавад ва пайваста ӯро Калим хонам. Ва агар хоҳӣ, туро бино гардонам ва агар хоҳӣ, нобино берун биравӣ ва дар рӯзи қиёмат чун чашм боз кунӣ, моро пайваста бинӣ». Исҳоқ (а) гуфт: «Ман биноиро нахоҳам то он рӯз, ки маро дарачан дидор бошад».

Исҳоқ (а)-ро ду фарзанд буд: Айс ва Яъқуб. Чун эшон бузург шуданд, Исҳоқ алайҳиссалом аз Дунё бирафт. Писарон ӯро наздики қабри Иброҳим (а) дафн карданд.

ЗИКРИ ВАФОТИ ҲАЗРАТИ ИСМОИЛ АЛАЙҲИССАЛОМ

Вафоташ ба Макка буд. Ҳар сол аз Макка барои зиёрати падар ба Шом рафтӣ ва Исҳоқ алайҳиссалому дигар бародаронро дидӣ, боз ба Макка шудӣ. Ӯро зане буд аз бузургони Макка. Ӯ дувоздаҳ писар овард. Ва Ҳақтаъоло Исмоил (а)-ро фармуд, то ба замини Мағриб биравад. Ва он чо бутпарастон буданд, ҳамаро ба Худои таъоло хонад. Исмоил алайҳиссалом дар

---

6 Қуръон: 4, 125.

он чо рафта, панҷоҳ сол дар замини эшон даъват кард, то ҳамма муъмин гаштанд. Худои таъоло фармуд: **Ва-зкур фӣ-л-китоби Исмоила иннаҳу кона содиқа-л-ваъди ва кона расулан-набийян. Ва кона яъмуру аҳлаҳу би-с-салоти ва-з-закоти ва кона ъинда раббиҳи марзиййё**[a].

Исмоил *алайҳиссалом* саду сӣ сол бизист ва охири умр ба Макка бирафт. ва Исҳоқ (а)-ро дид, нобино ва фарзанд бароварда, яке Айс ва дигар Яъқуб (а). Исмоил *алайҳиссаломро* духтаре буд, Насима ном, ӯро ба Айс дод. Исҳоқ (а)-ро васият карда, боз ба Макка шуд. Ва баъд аз соле вафот ёфт. Фарзандон ӯро дар паҳлуи Ҳоҷара дафн карданд. Фарзандони ӯ дар олам пароканда шуданд, илло ду писар: Собит ва Қайдон. Ҳар ду ба Макка бинишастанд, бештари Арабу Ҳичоз аз насли эшонанд.

ҚИССАИ ИСҲОҚ ВА ЯЪҚУБ АЛАЙҲИМОССАЛОМ

Вафоти Исҳоқ (а) баъд аз Исмоил (а) буд. Ӯ саду шаст сол умр дошт. Худои таъоло ӯро ба пайғамбарӣ ба аҳли Канъон фиристод. Зани ӯ духтари яке аз меҳтарони Канъон буд. Аз он зан ду писар таваллуд шуданд: яке Айс ва дигаре Яъқуб. Ва Яъқуб аз баҳри он ном карданд, ки дар ақиб омад. Чун ҳар ду бузург шуданд, Айс духтари Исмоил (а)-ро бихост. Исҳоқ а) ба Яъқуб гуфт, ки ту аз канъониён духтар бихоҳ. Модараш гуфт: «Духтари хол ба Шом аст ва ӯ моли бисёр дорад ва ӯро бихоҳ!» Яъқуб (а) тааллул мекард ва зан намехост. Падар Айсро дӯст медошт ва Айс сайёдӣ мекард ва Яъқуб намекард.

Рӯзе Исҳоқ (а) ба охири умр Айсро гуфт, ки маро орзуи гӯшти сайд аст, як бузи кӯҳӣ сайд кун ва бирён карда биёр, то ман бихӯрам ва дуъо кунам, то туро Худои таъоло пайғамбарӣ дихад. Айс тиру камонро баргирифт ва ба сайд рафт. Модари Яъқуб гуфт, ки эй писар, як буз аз галаи худ зуд курбон кун ва бирён карда пеши падари худ ор, то дуъо кунад. Яъқуб зудтар бараи фарбеҳ қурбон карда, пеши Исҳоқ (а) овард. Чун бӯи бирён ба сӯи ӯ расид, гуфт, ки кабоб кӣ овардааст? Модари Яъқуб гуфт, ки Айс овардааст. Исҳоқ (а) чашм пӯшида буд, гуфт: «Биёр! » Яъқуб гӯшти бирён пеш бурд. Чун Исҳоқ (а) бихӯрд ва хуш шуд, модари Яъқуб гуфт: «Дуъо кун он писарро, ки ба фармон зудтар бирён овард». Исҳоқ (а) дуъо кард, ки ё рабб, ин фарзанди ман, ки таъом оварда, ӯро ва фарзанди ӯро пайгамбарӣ дех.

Баъд аз он Айс, ки сайд карда буд, пеши падар овард. Ис-

---

[a] Қуръон: 19, 54—55.

ҳок (а) донист, ки зан ҳила кардааст ва дуъо Яъқубро кард. Исҳок (а) гуфт: «Эй писар, дуъои ту Яъқуб гирифт!» Бар ӯ Айсро хашм омада гуфт: «Ман Яъқуб (а)-ро бикушам!» Исҳок (а) гуфт: «Раво набувад, туро низ дуъо кунам, ки насли ту аз ҳама халқ бештар гардад».

Ба дуъои падараш насли Айс бисёр шуд, то Мағрибу Искандария ва канори дарё бигрифтанд ва олам аз эшон пур гашт. Писаре дошт, номи ӯ Рум. Ба он диёр рафт, ки имрӯз онро Румшаҳри Истанбул хонанд. Он ҷо муқим шуд, он замин ба ӯ мансуб аст. Ва фарзандони ӯ бисёр ҷамъ шуда.

Исҳок (а)-ро вафот даррасид. Айс ӯро дар паҳлуи Сора дафн кард. Пас Яқуб битарсид, ки мабодо Айс маро бикушад. Дар рӯз пинҳон будӣ, ба шаб бурун омадӣ, то ҳам бар ин минвол як сол баромад. Модари Яъқуб гуфт: «Пеши холи худ ба Шом бирав, ки меҳтар аст ва моли бисёр дорад. Ва духтарашро ба васияти падар бихоҳ ва он ҷо бош, то аз ҷон эмин бошӣ!»

Яъқуб дар шаб аз Канъон берун рафт ва қасди Шом кард. Ва аз баҳри шаб баромадан Яъқубро Исроил хонанд. Чун Яъқуб (а) назди ҳол расид, хол ӯро бинвохту гуфт: «Пеши ман бош!» Ва ҳол ду духтар дошт: меҳтар Улиё ном дошт, кеҳтар Роҳил. Аммо Роҳил накурӯй ва хубсурат буд. Яъқуб гуфт: «Роҳилро ба зании ман деҳ, чунончи падари мо васият кардааст, ки духтари ту бихоҳам!» Хол гуфт: «Туро аз моли падар ҳеч надодаанд ва мо моли бисёр дорем, духтарро ба зании ту чи гуна диҳем?» Яъқуб гуфт: «Ё хол! Ман агарчи мол надорам, аммо чандсола шубонии гӯсфандону бузҳои ту мекунам, то музди ман бар ту гирд ояд ва он зар ваҷҳи кобини духтари ту бошад». Хол гуфт: «Кадом духтарро мехоҳӣ?» Гуфт: «Роҳилро мехоҳам». Гуфт: «Раво бошад».

Он гаҳ шарт карданд, ки Яъқуб ҳафт сол шубонӣ кунад, баъд аз он духтарро бидиҳам. Чун ҳафт сол баромад, Яъқуб (а) мутолабаи Роҳил кард ва хол духтари калонро, ки Улиё ном дошт, дар шаб пеши Яъқуб фиристод, агарчи шарт бар духтари кучак карда буданд. Пас рӯзи дигар Яъқуб (а) пеши хол рафт ва гуфт, ки ман Улиёро нахостаам, маро Роҳил бояд дод. Хол гуфт: «Ин зишттар бошад, ки духтари калон дар хона бошад ва духтари кучакро ба шавҳар диҳанд, мардум айб кунанд. Агар Роҳилро мехоҳӣ, пас ҳафт соли дигар шубонӣ кун!»

Дар он замон ду духтар дар никоҳи як кас раво буданд то он вақт, ки Таврот мунзал гашт. Баъд аз он ҳаром шуд, ки мярде ду духтарро ба никоҳ ҷамъ накунад. Ва дар Қуръон ҳамин ҳукми Таврот омад: **Ва ан таҷмаъу байна-л-ухтайни илло**

мо кад салафа,[a] Ин дар дини Иброҳим (а) то замони Мӯсо (а) буд.

Пас Яъқуб (а) ҳафт соли дигар шубонӣ кард. Роҳилро ҳам ба моли бисёр Яъқуб (а)-ро доданд. Ҳар ду хоҳарро зани худ гирифт ва пеши хол бидошт. Ва аз Улиё шаш фарзанд дар вуҷуд омаданд, ба номи Руил ва Шамъун ва Яҳудо ва Ровӣ ва Рубоюн ва Тасхарун. Ва бар ин чанд сол баромад. Роҳилро фарзанде намешуд. Канизаке Зулфӣ ном дошт, ӯро ба Яъқуб бахшид ва аз салби Яъқуб Зулфиро ду писар омаданд. Ва Улиё — хоҳари Роҳилро рашк омад ва ӯ низ канизаке дошт, ба Яъқуб бахшид. Аз ин ҳам ду писар шуданд: яке Ҷоду ном ва яке Сарин ном. Яъқубро ду писар ҳосил гашт. Баъд аз он Роҳилро писаре омад, азим накурӯй. Ӯро Юсуф ном ниҳоданд. Ёздаҳум шуд. Ва падар ӯро аз фарзандони дигар гиромитар медошт. Ва таваллуд шудани Юсуф (а) баъд аз бисту як сол буд, ки Яъқуб (а) пеши хол омада буд.

Чун фарзанду моли бисёр хосил гашт, орзуи модару Канъон дар дил афтод. Сабр аз даст рафт. Аз хол иҷозат хост Мӯчиби хоҳиши ӯ духтарони худро бо моли бисёр ҳамроҳи Яъқуб равон кард. Яъқуб бо ду зан ва бо ду ҳарам ва ёздаҳ писар ва моли бисёр ва чахорпояи вофир рӯй ба Канъон ниҳод. Аммо аз бародар Айс андешанок буд, пайваста метарсид, мабодо ки баъд аз мурури айём ҳам адоват зоил нашуда бошад. Чун наздики Канъон расид, Айс ба шикор омада буд. Яъқуб ӯро аз дур бишнохт. Ба ғуломону хидматгорон гуфт, ки агар ин шахс биёяд ва бипурсад, ки асбобу тачаммул аз они кист, бигӯед, ки Айсро ғуломе буд, Яъқуб ном. Ба Шом рафта буд, аз они ӯст. Ин бигуфт ва аз тарси бародар паси мардум пинҳон шуд.

Чун ба галаи гусфандон расид, пурсид, ки аз они кист? Гуфтанд: аз ғуломи Айс, ки ба Шом рафта буд, номи ӯ Яъқуб. Чун Айс номи Яъқуб шунид, об дар дида овард ва гуфт: «Яъқуб ғулом нест, бародари Айс аст ва гиромӣ аз чон аст». Чӯпонон гуфтанд, ки Яъқуб ба Шом ҳамчунон гуфтӣ, ки ман ғуломи Айсам. Чун Яъқуб аз дур бидид, ки Айс об дар чашм овард, пеш омад ва ӯро дар канор гирифт. Ва ҳар ду якдигарро мулоқот карда, бисёр бигристанд. Он рӯз сари манзил ақомат карданд. Дигар рӯз ба шаҳр рафтанд.

Баъд аз соле Роҳил — модари Юсуф писаре овард, ӯро Бинёмин ном карданд. Ва дар вазъи фарзанд Роҳил ба раҳмати Ҳақ пайваст. Ва Лабно аз хоҳарзодагони худ Бинёминро дӯсти бешумор медошт ва шафқат аз фарзандони худ бештар мекард. Пас Худои таъоло Яъқубро баъд аз ду писар, ки шу-

---

[a] Қуръон: 4, 23.

данд, пайғамбарӣ дод: **Фа халафа мин баъдиҳим халфун**[а]. Ва ба замини Канъон фиристод, халқи бисёр ба ӯ имон оварданд. Чун Айсро бар пайғамбарии Якуб якин шуд, ба ӯ дар миёни як мақом будан натавонист. Яъкубро гуфт, ки ман солҳои бисёр ин ҷо будам, ту ба ғурбат будӣ. Ман низ муддате ба ғурбат меравам, ту ин ҷо бош, ки пайғамбари ин мардумон ҳастӣ.

Айсро фарзандон бисёр буданд, дар ҷаҳон пароканда шуда. Як писар, Рум ном, монда буд, онро баргирифт ва аз Яъқуб рухсат шуда ба замине рафт, ки онро имрӯз шаҳри Рум хонанд. Ва Айс он ҷо бимурд ва писари ӯ бинишаст, аз фарзандон бисёр ҷамъ шуданд. Ва гӯянд, ки дар насли Айс ба ҷуз Айюб пайғамбаре нашуда буд. Магар пайғамбарон аз насли Яъқуб (а) буданд.

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ЮСУФ АЛАЙҲИССАЛОМ

Чун Ҳаққ субҳонаҳу ва таъоло бо Муҳаммади Мустафо (с) худ ҳикоят карда фармуд, ки **Наҳну нақуссу ъалайка аҳсана-л-қасаси**[б], яъне: мо баён фармоем қисса аз баҳри ту беҳтарини қасас. Уламо ихтилоф кардаанд, ки Худои таъоло ин киссаро чаро беҳтарини қиссаҳо хонд. Қавме гуфтаанд, ки ин қиссаи наку тамомтар аз дигар қиссаҳои пайғамбарон аст. Ва қавми дигар гуфтаанд, ки аз баҳри сабри ҷамили Яъқуб (а), ки дар Қуръони мачид мазкур аст, ки сабр беҳтарини хислатҳо аст. Ва дигар гуфтаанд, аз баҳри он ки аввал ҳикоят хобе буд ба таъвили тамом ҳақиқат гашт. Ва сабаби нузули сураи «Юсуф» он буд, ки ҳафт чуҳудро бо амирулмуъминин Умар ибни Хаттоб *разияллоҳу анҳу* баҳс буд. Дар охири мунозара чуҳудон гуфтанд, ки Таврот фозилтару бузургтар аз Қуръон аст. Умар *разияллоҳу анҳу* гуфт: Қуръони шариф беҳтару тамомтар аз Таврот аст. Чуҳудон гуфтанд, ки қиссаи Юсуф дар Таврот мазкур аст ва он беҳтарини қиссаҳост. Аммо дар Қуръон нест. Умар (*раз*) фурӯ монд. Ба хидмати Расулуллоҳ (с) омад ва ҳикояти мунозаран чуҳудон бозгуфт. Расулуллоҳ (с) мутафаккир шуд, ки Ҷабраили амин (а) аз ҳазрати Раббулъоламин дарасид, қиссаи Юсуф биёвард.

Аввал ҳикояти Юсуф чунон буд: Чун Яъкуб аз Шом ба Канъон рафт, он ҷо муқим шуд Роҳил — модари Юсуф дар ҳоли вилодати Бинёмин ба Ҳаққ пайваст. Юсуф панҷсола буд, аз он ёздаҳ бародарон накӯтару соҳибҳусн буд. Ва падараш аз ҳамаи писарон гиромитар медошт ва Бинёминро ширхораро, ки холааш парварид. Яъкубро хоҳаре буд, бузургтар. Рӯзе дар

а Қуръон: 7, 169 ва 19, 59.

б Қуръон: 12, 3.

хонаи Яъқуб омада, фарзандони ӯро ягон-ягон медид. Мехраш ба Юсуф афтод ва ба Яъқуб гуфт, ки туро фарзандон бисёр ҷамъ омадаанд. Як зан дорӣ, тимори ҳама фарзандон наметавонад кард. Юсуф (а)-ро ба ман деҳ, то ман тимории ӯ бикунам.

Яъқуб (а) ба мӯҷиби хоҳиши хоҳари худ Юсуфро бад-ӯ супурд. Чун ба хонаи худ бурд Юсуфро, бағоят тимори ӯ мекард ва ҳар вақт, ки Яъқуб (а)-ро орзуи дидори Юсуф (а) мешудӣ, ба хонаи хоҳар рафтӣ ва Юсуф (а)-ро бидидӣ. То муддате чанд ҳам бар ин бигзашт, меҳри Яъқуб (а) бар Юсуф (а) зиёдтар гашт. Хоҳарро гуфт, ки ман тоқати муфорақати Юсуф (а) надорам. Ӯро ба ман деҳ. Гуфт: «Ман низ аз ӯ ҷудо наметавонам буд». Яъқуб (а) гуфт: «Пас як ҳафта пеши ман бошад, дигар пеши ту». Хоҳар ба-д-ин розӣ гашт ва гуфт: «Ба шарте ки ҳафтаи аввал пеши ман бувад». Яъқуб (а) иҷозат дод.

Иброҳими Халилуллоҳ (а)-ро камарбанде аз давол буд, ки пайваста бар миён мебаст. Чун хоҳар бузург буд, камарбанди давол аз мерос ба ӯ расида буд. Иброҳим (а) вақти қурбон кардан Исмоил (а)-ро ба ҳамон давол дасту по баста буд.

Чун рӯзи ҳафтум ба охир расид, хоҳари Яъқуб ҳилате сохту он камарбанд дар зери ҷоман Юсуф (а) бар миён баст, то Юсуф (а)-ро ба баҳонае бигирад, ки дар миллату дини Иброҳим (а) чунон буд, ки ҳар ки ба дуздӣ гирифтандӣ, дузд ғуломи соҳибн коло будӣ. Пас Яъқуб (а) Юсуф(а)-ро рӯзи ҳафтум дар хонаи худ бурд. Хоҳар дар пай бидавид. Даррасиду гуфт, ки камарбанди Исҳоқро ҷамъе, ки ҳамроҳи ту буданд, дуздидаанд. Ҳамаро талаб карда тафаҳҳус кунед. Чун камарбанд аз миёни Юсуф (а) падид омад, Яъқуб (а) хиҷил гашт. Хоҳар гуфт: «Акнун Юсуф (а) даҳ сол хидматгори ман бошад». Яъқуб (а) иҷозат дод. Баъд аз ду сол хоҳараш вафот кард. Яъқуб Юсуфро ба хона овард. Аз ҳама фарзандон азиз медошт.

Рӯзе Юсуф (а) пеши Яъқуб (а) гуфт, ки ман дӯш хоб чунон дидаам, ки гӯё офтобу маҳтоб ва ёздаҳ ситора аз осмон фуруд омада, пеши ман саҷда карданд. Қавлуҳу таъоло: **Из кола Юсуфу ли абиҳи ё абати иннӣ раайту аҳада ъашара кавкабан ва-ш-шамса ва-л-қамара раайтуҳум лӣ соҷидин**[а].

Яъқуб (а) донист, ки бародарон залил хоҳанд шуд, гуфт: **Ё бунаййа ло таксус руъёка ъало ихватика файакиду лака кайдан.**[б]

Ё писар, хобро бо бародарон магӯй, ки эшон бо ту кайд кунанд.

[а] Қуръон: 12, 4.
[б] Қуръон: 12, 5.

Ва таъбири хоб бо Юсуф гуфт: **Ва казолика яҷтабӣка раббука ва юъаллимука мин таъвили-л-аҳодиси.**[а]

Яъне: Худои таъоло туро баргузида. Ва таъбири хоб биёмузонид: **Ва ютимму неъматаҳу ъалайка ва ъало оли Яъқуба камо атаммаҳо ъало абавайка мин қаблу Иброҳима ва Исҳоқа.**[б]

Яъне: туро аз бародарону фарзандони Яъқуб неъмат диҳад, чунон ки Иброҳиму Исҳоқро дода буд. Ин таъбири хоб бародарон аз чое шуниданд, ҳасад бурданду гуфтанд: **Из қолу ла Юсуфу ва ахуҳу аҳаббу ило абино минно ва наҳну ъусбатун инна абоно ла фӣ залолим-мубин.**[в]

Гуфтанд: Юсуф ва Бинёмин пеши падар аз мо азизтаранд. Мо даҳ бародарем ва эшон ду кӯдак. Гӯё падари мо гумроҳ аст.

Ва ин сухан дар ҳоли кӯдакӣ гуфтанд, ба ҳеч ваҷҳ таъна бар эшон раво нест. Агарчи ҳама бародарони Юсуф (а) охир ба нубувват расиданду баландқадр гаштанд, валекин дар ибтидо ранҷи бародару падар намуданд. Мағфур гаштанд, гуфтанд: **Уқтулу Юсуфа ав-итраҳуҳу арзан яхлу лакум ваҷҳу абикум.**[г]

Яъне: бикушед ё ба чое бибаред, ки ӯро падар набинад. Ва **такуну мин баъдиҳи қавман солиҳин.**[д]

Ва баъд аз он тавба кунед ва мутеъи падар бошед, то Худои таъоло шуморо афв кунад.

Дар миёни эшон бародаре Яҳудо ном буд, ки ҳама дар фармону мутобаъати ӯ буданд. Ӯ гуфт: **Ло тақтулу Юсуфа ва-алқуҳу фӣ ғаёбати-л-ҷубби ялтақитҳу баъзу-с-сайёрати ин куштум фоъилин.**[ж]

Куштан гуноҳи бузург аст, валекин чоҳе ки дар роҳи корвон бошад, дар он чо биандозед, магар корвон ӯро аз чоҳ кашида ба шаҳре дигар баранд. Ва аз назари падар дур афкананд, то шумо аз ӯ бираҳед ва хун бар гардани шумо набвад.

Ҳама гирд омада ҷамъ шуданд. Ва баъзе дар дил доштанд, ки чун ӯро аз пеши падар баранд, бикушанд. Тадбиру маслаҳат карданд, ки ба чӣ тариқ ӯро аз падар чудо сохта, хамроҳи худ ба саҳро баранд ва он чи дар дил аст, ба инсиром расонанд. Ҳар чи падарро гуфтанд Юсуф (а)-ро хамроҳи мо дех, қабул накард. Иттифоқ карданд, ки Юсуф (а)-ро бифиребанд, то худ аз падар иҷозат талабад.

Пас Юсуф (а)-ро гуфтанд: «Туро ҳеҷ орзуи саҳро рафтан ва тафарруҷ кардан нест?» Гуфт: «Агарчи орзу дорам, аммо падар иҷозат намедиҳад». Гуфтанд: «Шафоъат кун, то қабул

[а] Қуръон: 12, 6.
[б] Қуръон: 12, 6.
[в] Қуръон: 12, 8.
[г] Қуръон: 12, 9.
[д] Қуръон: 12, 9.
[ж] Қуръон: 12, 10.

кунад!» Пас Юсуф (а)-ро ба сар шона ва чашмашро сурма кашиданд ва пеши падар бурданд. Падар Юсуфро дар канор гирифт. Юсуф (а) падарро бӯса доду гуфт: «Маро бо бародарон бифирист, то тамошои сахро бикунам ва дилам бикшояд». Падар гуфт: «Наъам». Ин сухан бародарон шуниданд, ки падар «наъам» гуфт. Бо Яҳудо гуфтанд, ки аз падар иҷозати тамом бихоҳ, ки Юсуфро «наъам» гуфт. Яҳудо гуфт, ки бо ман аҳд кунед, ки Юсуфро накушед, ман дастурӣ аз падар бихоҳам. Ҳама бо вай аҳд карданд, ки накушанд.

Ба иттифоқи якдигар ба сӯи падар рафта гуфтанд: **Ё абоно мо лака ло таъманно ъало Юсуфа ва инно лаҳу ла носиҳун**[а].

Яъне: ӯро бо мо бифирист, то ба сахро рафта шодӣ ва айшу нӯшот кунему дили вай низ бикшояд ва хушдил гардад.

Яъқуб (а) гуфт: ман метарсам, ки шумо ҳама бираведу ӯро низ бибаред, ман танҳо монам. **Қола инни ла яҳзунунӣ ан тазҳабу биҳи ва ахофу ан яъкулаҳу-з-зиъбу ва антум ъанҳу ғофилун.**[б]

Яъне: ӯро бибаред, ман танҳо андуҳгин шавам. Ва метарсам, ки шумо аз вай ғофил шаведу ӯро гург бихӯрад.

Ва ин аз баҳри он гуфт, ки дар хоб дида буд, ки гург бар Юсуф ҳамла карда, заҳмат медиҳад. Аз ин маъно ҳамвора ба сабаби Юсуф аз он хоб метарсид. Бародарон гуфтанд: **Қолу лаин акалаҳу-з-зиъбу ва наҳну ъусбатун инно изал-ла хосирун.**[в]

Яъне: ӯро гург бихӯрад, мо даҳ кас ӯро нигоҳ натавонем дошт, бас зиёнкор мардумон моем.

Яъқуб аз фиреби нинҳо иҷозати як рӯз дод. Ба вақти рухсат Юсуф (а)-ро гуфт: «Эй Юсуф, назди ман ой, то туро дар канор гирам. Намедонам, ки боз хоҳем дид ё на». Пас боз ба фарзандон гуфт: «Вайро ба шумо супурдам, вайро саломат ба ман расонед» **Фаламмо заҳабу биҳи.**[г]

Ҳаргоҳ бирафтанд аз Қанъон, миқдори ду фарсанг чарогоҳи гӯсфандони эшон буд, Юсуф ба шодию бозӣ мерафт. Бародарон аз пай даромаданд ва ӯро бизаданд. Юсуф (а) зорӣ мекарду мегирист ва мегуфт: «Чӣ будааст ман чӣ гуноҳ кардаам? Падар маро ба шумо супурдааст ва на бародари шумоам, зинҳор, эй бародарон, ҳаққи неъмати падар нигоҳ доред бар бемодарӣ ва ятимии ман бибахшоед». Ҳарчанд мегуфт фонда надошт. Ва мегуфтанд: «Ту падарро бо фиребу дурӯғ гуфтӣ, ки ман хоб дидаам, ки моҳтобу ситорагон маро саҷда карданд. Магар орзуи ту ин буд, ки мо кеҳтарони ту бошем? Акнун ту-

---

[а] Қуръон: 12, 11.
[б] Қуръон: 12, 13.
[в] Қуръон: 12, 14.
[г] Қуръон: 12, 15.

ро мекушем, то бинигарем, ки ба фарёди ту кӣ мерасад». Юсуф (а) дар пои Яҳудо афтод. Ӯ манъ мекарду мегуфт, ки бар ахд бошед, ки иттифоқ кардаем.

Гуфтанд: «Дар чоҳ бояд андохт». Юсуф (а)-ро бар сари чоҳ бурданд ва барахна карданд ва баста дар далв нишонда, ба чоҳ фурӯ гузоштанд. Юсуф (а) мегирист ва зорӣ мекард ва мегуфт: «Нест касе, ки ба он пири падари ман хабар кунад, ки бародарон чӣ карданд ва бегуноҳ маро дар чоҳ афканданд ва ҳеч раҳме накарданд». Чун Юсуф (а) бар ними чоҳ расид, расане, ки Яҳудо бар даст дошт, бародари бузургтар Шамъун ном, корд бар расан заду бибурид. Мурод он буд, ки фурӯ афтад ва ҳалок шавад. Чун андар он чоҳ як найза об боло буд, Худои таъоло Ҷабраил (а)-ро фармон дод, то ӯро дар ҳаво бигрифт ва нагузошт, ки бад-ин чоҳ афтад ва ба ӯ озоре бирасад. Ва даруни чоҳ зери об санге буд. Худои таъоло сангро низ фармон дод, ки аз об барояд ва дар ҳаво бистад, то Юсуф (а) бар он санг бинишинад.

Ихтилоф кардаанд, ки Юсуф (а) чанд гоҳ дар чоҳ буд. Ва гурӯҳе гуфтаанд, ки ҳафт шабонарӯзӣ буд ва баъзе гуфтанд, ки се шабонарӯз буд ва гурӯҳе гуфтанд, ки як шабонарӯз буд.

Ва гуфтанд: Чун бародарон ӯро дар чоҳ андохтанд, дил бар он ниҳоданд, ки Юсуф (а) ҳалок шуд ва мо аз бало бозрастем. Акнун тариқ он аст, ки тавба кунем ва ба Худои таъоло илтиҷо оварда, хидмати падар кунем, то бошад, ки ӯ аз мо розӣ шавад ва тавбаи моро Эзид таъоло қабул кунад. Чун Юсуф (а) дар чоҳ мегирист ва тазарруъу зорӣ мекард, чон бар ҳалок ниҳода буд. Қавлуҳу таъоло: **Ва авҳайно илайҳи ла тунаббианнаҳум би амриҳим ҳаза ва ҳум ло яшъурун.**[б]

Ҷабраил (а) даррасид ва гуфт: «Ё Юсуф (а), Худои таъоло мефармояд, ки матарс, агарчи бародарон он чи хостанд ва натавонистанд, ба ту кардаанд, аммо ман туро баргузидам ва эшонро асири ту гардонидам.

Баъд аз он ҳама бародарон гуфтанд, ки пеши падар чӣ ҳила созем. Тадбир он аст, ки бигӯем: Ӯро гург хӯрд. Пас наздики гӯсфандон рафта, бузғола бикуштанд ва пироҳани Юсуф (а)-ро ба хун биёлуданду азми рафтанро пеши падар карданд. Қавлуҳу таъоло: **Ва ҷоу абоҳум ъишоан ябкуна. Қолу ё абоно инно заҳабно настабиқу ва таракно Юсуфа ъинда матоъино фа акалаҳу-з-зиъбу ва мо анта би муъмини-л-лано ва лав кунно содиқин.**[а]

Чун шаб даромад, пироҳани Юсуф (а)-ро гирифта, навҳакунон пеши падар омаданд ва гуфтанд: Мо аз пеши галаи гӯс-

---

[б] Қуръон: 12, 15.

[а] Қуръон: 12, 16—17.

фандон рафта будем ва Юсуф (а) танҳо монда буд. Гург биомад ва ӯро бихӯрд ва мо донем, ки ту моро ғайр аз дурӯғ ростгӯ нахоҳӣ донист. Ва ҳарчанд росттар гӯем, ба кизб мансух хоҳӣ кард. Пироҳани хунолуда пеши падар ниҳоданд. Қавлуҳу таъоло: **Ва ҷоу ъало қамисиҳи би дамин казибин.**[б]

Чун Яъқуб пироҳан хунолуда дид, аммо дарида набуд, гуфт: «Аз ин пироҳан бӯи хуни Юсуф намеояд. Он гург бар Юсуф аз шумо меҳрубонтар будааст, ки вайро бихӯрда ва пироҳан надарида. Ин корро ба орзуи якдигар сохтаед. Агар рост мегӯед, гургро биёред».

Бародарон рафтанд ва дар саҳро гургеро гирифтанд ва даҳони вай ба хун олуда карданд ва пеши падар биёварданд. Яъқуб гургро диду гуфт: «Эй гург, он фарзанди дилбанди маро бидаридӣ ва бар тани нозанини ӯ набахшидӣ ва бар пирию заифии ман раҳм накардӣ?» Гург ба амри Ҳаққ дар сухан омад ва гуфт: «Ё Расулаллоҳ, ба ҳаққи он Худое, ки туро расул кардааст, Юсуфро ман нахӯрдаам. Аз он ки гӯшту пӯсти анбиё ва бузургону сайёҳон ҳаром аст. Ва маро як воқеъа расид, ки бародаре доштам, чандин рӯз аст, ки аз ман ҷудо шудааст. Ман дар талаби ӯ аз он вилоят ба ин вилоят мегардам ва сӣ фарсанг давида, то се шабонарӯз ҳеҷ нахӯрдаам. Ва ин ҷо дӯш расида будам, ки бомдод ин ҷамоъат маро гирифтанду даҳон ба хун олуда, пеши ту оварда. Агарчи ғаммозӣ кардан раво нест, аммо ба сабаби бегуноҳию мулоҳазаи пайғамбарии ту карда аз рӯи кор бардоштам ва он чи ҳаққ буд, бигуфтам, аз ин бегуноҳам».

Яъқуб (а) гургро таъом хӯрониду равон кард. Пас рӯй бар фарзандон оварду гуфт: «Ман ӯро ба Худои таъоло супурдам ва аз вай сабри ҷамил мехоҳам». Қавлуҳу таъоло: **Қола бал саввалат лакум анфусукум амран фа сабрун ҷамилун.**[а]

Яъқуб байтулаҳзон бисохт ва дар он ҷо бинишаст ва шабу рӯз пайваста мегирист, то ки ҳар ду чашми ӯ нобино гашт. Рӯзе Ҷабраил (а) биомад. Яъқуб (а) ба ӯ гуфт: «Ё ахӣ Ҷабраил (а), чӣ будӣ, агар Худои таъоло Юсуфи гумгаштаи моро ба ҳифзи хеш доштӣ». Дар ин асно ндо омад, ки нигоҳдошт аз он касон бихоҳ, ки супурдаӣ, на аз мо. Яъқуб (а) донист, ки бар ман итоб омад. Пас Яъқуб (а) ба Ҷабраил (а) гуфт: «Малакулмавт ҳар касеро ҷон қабз кунад, ӯ медонад. Мехоҳам, ки ту аз ӯ бипурсӣ: қабзи рӯҳи ӯ кардаст ё на». Ҷабраил (а) рафту дарҳол бозомад ва гуфт: «Ҷони вай қабз накардааст». Яъқуб (а)-ро таскине ҳосил шуд, аммо аз дарди фироқ зор-зор мегиристу менолид ва сабр мекард.

[б] Қуръон: 12, 18.

[а] Қуръон: 12, 18.

Чунин овардаанд, ки сабаби ҷудо шудани Юсуф (а) аз Яъқуб (а) чунон буд, ки рӯзе Яъқуб (а) қавмеро меҳмон сохта, дарвеше мустаҳиққтар дар хонаи ӯ омад, аз ӯ таъоме хост. Яъқуб (а) ваъда кард, аммо ба машғули коре дигар ғофил монда чизе надод. Дарвеш дуъо кард, ки Ҳаққ таъоло орзуи ту аз ту дур гардонад. Худои таъоло дуъои ӯ иҷобат фармуда, гуфт: Агар таъом ба фақире мерасондӣ, пас ӯро қуввати таъом то чиҳил рӯз будӣ ва ибодат кардӣ. Ба иззати ман, ки ба адади ҳар рӯзе соле аз ту қувват бозгирам. Яъне дар фироқи Юсуф (а) чиҳил сол туро ба ғаму андӯҳи ӯ бидорам. Яъқуб (а) муноҷот кард ва гуфт: «Худовандо, каримию раҳимӣ, илмат муҳит аст, ки ончи кардам, ба ғафлату фаромӯшӣ кардам, на ба қасд».

Дарҳол Ҷабраил (а) омад ва гуфт: «Ё Яъқуб, он чи бар ту биравад, ба сабаби фаромӯшӣ аст. Агар ба қасд будӣ, аҳволи ту аз ин бадтар шудӣ. Ва ба он сабаб кардааст, то ҷаҳониён бидонанд, ки ӯ ҳар чӣ мехоҳад, мекунад ва ҳеҷ касро эътирозе нест».

Овардаанд, ки баъди бараҳна кардану дар чоҳ андохтан Юсуфро ҳуллаи ҳарири Биҳишт дар чоҳ пӯшониданд ва он пироҳани Иброҳим (а) буд, ки мерос аз Исҳоқ (а) ба Яъқуб (а) расид. Яъқуб (а) он пироҳанро таъвиз сохта, бар гардани Юсуф (а) баста, ҳамроҳи бародарон дода буд ва онҳо бараҳна карда, дар чоҳ андохтанд. Ҷабраил (а) ҳамон пироҳан Юсуфро пӯшонид.

Ва ихтилоф кардаанд, ки он замон Юсуф (а) чандсола буд. Баъзе гуфтаанд: ҳаждаҳсола ва баъзе гӯянд: ҳафдаҳсола ва баъзе гӯянд: қавли дуруст он аст, ки дувоздаҳсола буд.

Пас Юсуф (а) се шабонарӯз дар он чоҳ буданд, ногоҳ корвоне аз сӯи Мадоин меомад ва қасди Миср медошт. Роҳ ғалат карда, бар сари ҳамон чоҳ расид ва он чоҳе буд, аз ободонӣ дур ва об низ талху шӯр. Чун Юсуф (а) дар он чоҳ рафт, обаш ширин шуд. Мардуми корвониён ба талаби об мегаштанд. Молик ибни Зағр, ки сари корвониён буд, бо ғуломе Башир ном бар сари он чоҳ рафта, далвро дар он чоҳ афканда. Юсуф (а) ба ҳукми Худои таъоло даст дар он заду бар он нишаст. Далвро ҳар ду кас баркашиданд, ғуломеро диданд, ки ҳаргиз чунин некрӯю соҳибҳусне надида буданд. Чунончи Пайғамбар (с) фармудааст, ки ҳусни одамро ду қисмат кардаанд — як нима ба Юсуф доданду як нима ба халқи ҷаҳон.

Корвониён чун Юсуф (а)-ро ба-д-он сифат диданд, пурсиданд: «Ту кистӣ, фариштаӣ ё одамӣ ё парӣ?» Гуфт: «Одамиям». Бародарони Юсуф (а) ба канори он чоҳ буданд. Чун ғавғо шуниданд, бар сари чоҳ омаданд ва Юсуф (а)-ро дида гуф-

танд: «Ин ғулом аз мо гурехта буд ва худро аз тарси чон дар ин чоҳ афканда». Юсуф хост, ки аҳволи худ бигӯяд, бародараш Шамъун ба забони ибронӣ гуфт: «Агар сухан гӯӣ, туро аз инҷо бозгирем, бикушем». Ӯ хомӯш монду ҳеҷ сухан нагуфт.

Молик ибни Зағр вайро ба миёни корвониён бибурд. Пурсиданд, ки ин кист ва аз кучо овардай? Гуфт: «Бизоат аст». Ва дигар рӯз бародарон пеши корвон рафтанд ва гуфтанд, ки ин ғуломро аз мо бихаред. Молик ибни Зағр гуфт: «Агар бифрӯшед, ман бихарам. Аммо бо ман дираме чанд маъдуд аст носара». Чунон ки Худои таъоло мегӯяд: **Ва шаравҳу би самани бахсин дароҳима маъдудатин ва кону фихи мин-аз-зоҳидин**[a].

Молик ибни Зағр гуфт, ки ба ман ҳаждаҳ дирами мисрӣ бозмондааст ва ҳеҷ чо сарф кардан натавонистаам. Ва ду дирами мисрӣ як дирами канъонӣ мешавад ва хамагӣ нӯҳ дирам мегардад. Юсуф (а)-ро бо ин қимат фурӯхтанд. Аз баҳри он ки ғаразе доштанд, ки ӯро аз падар дур созанд ва илло ба баҳои ӯ мӯҳтоҷ набуданд.

Овардаанд: сабаби бандагии Юсуф (а) он буд, ки рӯзе дар оина менигарист, сурату шакли хешро дида гуфт: «Агар ман банда будаме, қимати ман ҳеҷ кас надонистӣ, ки чанд аст». Овардаанд, ки хусну латофати Юсуф (а) дар он мартаба буд, ки хар гоҳ Юсуф (а) чизе хӯрдӣ, лавни он таъом аз гулӯ берун медидандӣ. Чун чамоли хешро ба-д-ин камол дид, магрур шуда гуфт: «Агар ғулом будаме, ҳеҷ кас дар чаҳон баҳои ман натавонистӣ кард». Аз ин андеша ва гуфтор будӣ аз Ҳазрати Зулҷалол итоб расид, ки эй Юсуф, чун сурати худро бидидӣ, чаро мусаввирро ёд накардӣ ва қимати худ худ кардӣ. Ба иззати ман, ки Худоям, туро дар бандагӣ афканам ва кимати ту ба ту менамоям, то чаҳониён бидонанд, ки кимат он аст, ки ман хоҳам, на он ки худ хоҳӣ.

Ва сабабе дигар он аст, ки подшоҳии Миср бо ӯ муқаддар буд. Чун ӯро бандагону ходимон бисёр шуданд, бидуни кашидани бори бандагӣ ҳоли бандагон нашиносад. Пас Молик ибни Зағр Юсуф (а)-ро бихарид, ба шарти он ки Юсуф (а)-ро дар бандагӣ орад, то нагурезад. Ва хуччате ба-д-ин мазмун, ки Молик ибни Зағр аз писарони Яъқуб ибни Исҳоқ ибни Иброҳим ғуломи ибрӣ, ҳаждаҳ дирам бандаи ачир харид, навишта ба гувоҳии гувоҳони муътабарин ба дасти Молик доданд.

Пас Молик банде ба пои Юсуф (а) ниҳод ва палосе дар бар пӯшонид, болои шутур нишопду бирафт. Чун гӯри модари Юсуф (а), ки дар роҳи корвон буд, он чо расиданд, Юсуф (а)

---

[a] Қуръон: 12, 20.

худро аз шутур фурӯ андохт ва гӯрӣ модарро ба бағал гирифт. Тазарруъ ва зорӣ карда мегирист, ки бародарон инчунин зулм карда бифурӯхтанд ва асиру бечора карданд ва аз хидмати падар дур андохтанд ва аз аҳли ватан чудо сохтанд ва аз зиёрати ту, ки уммӣ, маҳрум гардониданд. Юсуф (а) он чо бимонду корвониён бирафтанд.

Шахсе аз корвониён ақиб монда буд, чун Юсуф (а)-ро бидид, гуфт: «Ё ғулом, он чамоъат, ки туро фурӯхтанд, рост гуфтаанд, ту гурезпой». Ва тапонча бар рӯи Юсуф (а) чунон зад, ки чаҳон дар чашми Юсуф (а) торик шуд. Юсуф (а) сар сӯи осмон кард ва гуфт: «Худовандо, олимю басирӣ, медонӣ ва мебинӣ, ки бар мани мазлуму заифи бечора чӣ меравад».

Баъдаҳу Юсуф .(а)-ро пеш гирифта, то ба корвон расид. Дарҳол боди азими саҳмнок барҳосту абри сиёҳ баромад ва соъиқаю раъду барқ пайдо шуд. Гӯӣ, ки чаҳон ба сар меояд. Корвониён бозмонданд ва оҷиз гаштанду мутаҳаййир ва наздик буд, ки тамом ҳалок шаванд. Гуфтанд: бингаред, ки гуноҳ аз кӣ ба вукӯъ омад, ки ин уқубат аз гуноҳи ӯст. Касе, ки Юсуф (а)-ро тапонча зада буд, гуфт: «Ҳар гоҳ, ки ин ғуломро бизадам, сар ба сӯи осмон карду лабро бичунбонид». Ба истимоъи ин маънӣ аҳли корвон чамъ шуданд ва ба хидмати Юсуф (а) рафтанд ва аз вай узр хостанд. Дарҳол он балою мусибат ба роҳат мубаддал гашт. Пас аз он чо бирафтанд.

Хабар ба Миср расид, ки Молик ибни Зағр ғуломе ба-д-ин сурату сифат меорад. Аҳли Миср тамом ба истиқболи корвон омаданд. Чун бидиданд, зиёда аз он буд, ки шунида буданд. Молик ба хона рафт ва хонаро ба фаршҳои дебо биёрост ва чомаҳои фохира Юсуф (а)-ро пӯшонида, точи зарин бар сараш ниҳод. Ва мунодигарон нидо карданд: Ғуломи некӯрӯю хушхӯй ва хирадманду доно ва фармонбардору шармгиниро ҳар кӣ харидор аст, бихарад. Аҳли Миср ҳама оҳанг карда, муъсиру тавонгар дар пеши хонаи Молик ибни Зағр ҳозир гаштанд.

Юсуф (а) чун машъала бидид ва онҳо ба қимат фурӯ монданд, бо хештан гуфт, ки ин мард дар кори фурӯхти ман азим ғалате мекунад. Чи он рӯз ба дасти бародарон будаму маро медонистанду асли маро шинохтанд, ба ҳаждаҳ дирам бифрӯхтанд. Имрӯз, ки дар миёни ин чамъ касе маро намешиносад, гояти қимати ман панҷоҳ дирам хоҳад шуд, чаро нафурӯшад? Чун қимати худро аз назари худ қатъ кард, Худои таъоло ба вай бознамуду гуфт: «Ё Юсуф, он рӯз қимати худро афзудӣ, қимати худ дидӣ, имрӯз қимати худро бияфкандӣ, бош, то қимати худ бубинӣ, ки чӣ миқдор аст».

Пас Молик Юсуф (а)-ро ба либоси фохира бар курсӣ ни-

шонидӣ ва мунодӣ нидо кард, ки: **Ман яштарӣ ғуломан зарғфан латифан лайса- фӣ-д-дунё мислуҳу**[1].

Юсуф (а) гуфт: «Инчунин бигӯ!» Гуфт; «Чӣ гӯям?» Гуфт: «Бигӯ: **Ман яштарӣ ғуломан заифан ғарибан мазлуман»**[2].

Гуфт: «Инчунин расм набошад». Юсуф (а) гуфт: «Агар чора нест, рост бигӯ». Гуфт; «Чи гӯям?». Гуфт: Бигӯ: **Ман яштарӣ Садиқаллоҳи ибна Сафиаллоҳи ибна З.абиҳаллоҳи ибна Халилаллоҳи»**[3].

Даллол гуфт: «Хомӯш бош, агар мардум инчунин бишнаванд, аз ӯ фирор бираванд ва нахаранд».

Пас мунодӣ мекарданд, то қимати Юсуф (а) ба ҳазор бадра зари сурх ва ҳазор бадра симу ҳазор уқда марвориду ҳазор табла кофур ва ҳазор ҷоман атласи румӣ ва ҳазор касаби мисрӣ ва ҳазор шутури бағдодӣ ва ҳазор аспи тозӣ бо зину лагоми зарин ва ҳазор канизаки рӯмӣ ва ҳазор ғуломи хитой ва ҳазор даста силоҳ расид. Чун ин баҳо муайян шуд, мардуми мисрӣ очиз гаштанд. Азизи Миср аз ин кимат чизе бифузуду ғуломро бихарид ва ба хонаи худ бурда Зулайхоро гуфт, ки Юсуфро ба ин қимат харидам ва ба ту супурдам, азизу некӯ дорӣ, чунончи мардум фарзандонро медоранд. Ва ту ӯро ба тариқи банда надорӣ. Қавлуҳу таъоло: **Қола-л-лазӣ-штароҳу мим-Мисра лн имраатиҳи акримӣ масвоҳу ъасо ан янфаъано ав наттахизаҳу валадан.**[a]

Зулайхо назар бар ӯ андохт, тире аз қабзаи тақдир бар хадафи замири Зулайхо расид ва бар Юсуф (*а*) шефтаю мубтало гашт ва аз ҳамагӣ дилро ба вай машғул гардонид, чунончи шабу рӯз аз дилу ҷон хидмати Юсуф (*а*) мекард ва назар бар он масруф гардонид, то кадом таъом латифу покизатар бошад, ки ба чиҳати Юсуф (*а*) бипазад ва кадом либос фохиратар бувад, ки ӯ бипӯшад ва кадом кулоҳ мурассаътар бошад, то вай бар сари вай ниҳад.

Зулайхо ба-д-ин наск хидмату дилдории Юсуф (*а*) мекард, то ҳафт сол хеч коре ба Юсуф (*а*) намефармуд. Кори вай ҳамин буд, ки асои мурассаъро дар даст доштӣ ва бугзолае чанд ба расми шубонон дар пеш гирифтӣ ва ба эшон бозӣ кардӣ, то ҳам бар ин муддате бигзашт. Тоқати Зулайхо тоқ шуду сабраш ба ниҳоят расид ва корд ба устухон давиду сирри худ хеч кас дар миён наниҳод ва чандон ки лутф ба Юсуф (*а*) пеш кардӣ, Юсуф (*а*) аз вай гурезонтар будӣ. Ва ҳарчанд Зулайхо

---

[1] Кӣ мехарад ғуломи зарифу латиф, ки мислаш дар дунё нест?

[2] Кӣ мехарад ғуломи заифу ғарибу мазлумро?

[3] Кӣ мехарад Садиқуллоҳ ибни Сафиуллоҳ ибни Забиҳуллоҳ ибни Халилуллоҳро?

[a] Қуръон: 12, 21.

сухан бигуфтӣ, Юсуф (*а*) ҷавоб надодӣ, илло ба зарурат. Ҳафт сол пеши Зулайхо буд, ҳаргиз назар ба вай накард ва ӯро надид ва худро аз ӯ нигоҳ медошт. Ва кори Зулайхо танг омаду боз аз ҳад гузашт.

Ва дар ҳамсоягии ӯ зане буд. Рӯзе пеши Зулайхо омаду гуфт: «Ё сайида, хайр аст, ки туро бар қароре намебинам ва он ҷамолу камол туро намондааст?» Гуфт: «Бидон, ки ғуломи ибрӣ дилам бурдааст ва маро асири худ карда ва дар рӯи ман наменигарад ва сухан намегӯяд. Чӣ чора созам?» Пиразан гуфт: «Ё малика, ман тадбире бинамоям ва туро аз ин миҳнату андӯҳ бираҳонам. Аммо дар он кор нақде намоён ва ганҷе шойгон бибояд».

Зулайхо бо истимоъи ин маънӣ калиди ганҷинаю қулфи хазина ҳаволаи пиразан намуд. Пас пиразан маболиғи хатир аз ӯ гирифта, дар кори хеш ҳиммати худ баргумошт, то ба фармудаи пиразан сарои мунаққаш бисохтанд ва бар сақфу фаршу девораш суратҳои Юсуфу Зулайхо ба ҳам нигоштанд, чуион ки андаруни он хона ҳеҷ чое ва маҳалле ғайр аз сурати эшон боқӣ намонда. Он гаҳ хонаро ба ҷомаҳои зарбофту мушаҷҷар биоростанд ва тахти зарини мукаллал ба ҷавоҳири самин биниходанд ва фаршҳо бигустурданд ва миҷмарҳои мурассаъ бидоштанд ва анбару ӯд бисӯхтанд.

Пас Зулайхо ба маъияти Юсуф (а) дар хона омад ва қуфлхо ба дарҳои хона маҳкам дарзад. Чун Юсуф (*а*) нақшҳои гуногун ва ҷомаҳои бӯқаламун мушоҳада кард ва бӯҳои хӯш дар машоми ӯ расид донист, ки ин ҷо бинобар ба роҳ бурдани моро ҳила сохта бошад. Лекин дар хотир бигзаронид, ки агар вуҷудамро пора-пора кунад, ҳаргиз ва ҳароина фармони вай дар ин кори дурозкор набарам ва исмати худ нигоҳ дорам.

Чунин гуфтанд, ки дар нигоҳ доштани исмати хеш Худои аззаву ҷаллро ёд накард ва Ҳаққ таъоло ба васвоси Зулайхо мубтало гардонид. Лекин ба фазлу карами хеш нигоҳ дошт: Қавлуҳу таъоло: **Ва лақад ҳаммат биҳи ва ҳамма биҳо лав ло ар-раа бурҳона раббиҳи.**[а]

Чун Юсуф (*а*) дар хона рафт ва хост, ки назар дар рӯи Зулайхо афканад, то ба сӯи осмон нигоҳ кард, сурати худ бо сурати Зулайхо дид. Пас ба чапу рост хамои нақшҳо ба назар даромаданд. Ночор шуда бар рӯи Зулайхо бинигарид ва ҷамоле хубтар аз хубтар дид. Зулайхо донист, ки фусуну афсонаш кор карда. Гуфт: «Ё Юсуф, чӣ бошад, агар нигоҳе мушфикона ба ман намоӣ ва дили ғамдидаро аз гарди андӯҳ бираҳонӣ?» Гуфт: «Метарсам, ки ба рӯзи Қиёмат ба зумраи нокорон

[а] Қуръон: 12, 24.

машҳур шавам. Ва ман, ки пайғамбарзодаам, феъли шаниъ аз мо ба вуқӯъ омадан аз қабили муҳолот аст». Гуфт: «Тани позанинатро ба огӯши мо деҳ». Гуфт: **Инни ахофу салосилан ва ағлолан фи явм-ил-Қиёмати.**

Яъне: метарсам аз салосил ва ағлол ба рӯзи Қиёмат. Боз гуфт: «Ё Юсуф, дасти хеш ба ман деҳ, то бимолам». Гуфт: «Аз Худои аззаву ҷалл метарсам ва аз азоби Қиёмат меҳаросам». Пас Зулайхо гуфт: «Ё Юсуф, чӣ некӯ аст рӯи ту!» Гуфт: «Ба сӯи мусаввир нигар!» Гуфт: Чӣ зебост мӯи ту!» Гуфт: «Аввал чизе, ки дар гур фурӯ резад, мӯ бошад». Гуфт: «Чаро бо ман насозӣ ва фармони ман набарӣ?» Гуфт: «Аз бахри ду чиз — яке аз тарси Ҳаққ таъоло, ки самиъу басир аст ва дигар ҳаққи Азиз, ки маро некӯ доштааст». Гуфт: «Аз Азиз чизе ба хотир маёр. Ӯро чунон шарбате бичашонем, ки то Қиёмат сар аз болини роҳат барнадорад. Ва туро молики асосулбайти ӯ гардонам. Ва ту мегӯӣ, ки Худои ман карим аст. Он чи ки ганҷинаю гавҳар ва хазинаи лаълу зар ба дастам мавҷуд аст, дар роҳи Худо садақа кунам ва кафора диҳам, то Ҳазрати Самадият аз ту хушнуд шавад ва гуноҳи ту бубахшад». Юсуф (*а*) фармуд: «Худои ман ришват нагирад». Зулайхо инчунин мар ҳуруфот мегуфту илҳоҳ мекард ва мефирефт, Юсуф (*а*) ба суханони вай фирефта намешуд ва мегурехт. Чун сиддиқи пок аз мақолоти ӯ дармонд, ба андеша барафтод.

Дар ин ҷо суоле кардаанд, ки Юсуф (*а*) пайғамбар буд ва пайғамбаронро раво набвад бар зино, ки феъли қабиҳ аст, қасд кунанд ё дар андешаи он афтанд. Аҳли илм ҷавобҳо гуфтаанд: аввал он ки дар он замон ба дараҷаи пайғамбарӣ нарасида буд ва ҳолати шабоб дошт. Пас агар ба иқтизои башарият дар чунин андеша афтод, аҷаб набуд ва дар мизони адл андешаи феъли нокардаро вазне набошад. Ва баъзе бар онанд, ки андеша мекард, ки агар шавҳараш набудӣ, ӯро ба занӣ хостӣ ва дар бистари ҳалол овардӣ.

Ва муфассирон дар лафзи бурҳон, ки дар ояти Каломи мачид вокеъ аст ва Юсуф (*а*) ба дидани он аз он маҳлака халос ёфта буд, ба анвоъ тафсирҳо кардаанд. Баъзе гуфтаанд: бурҳон он буд, ки ҳар гоҳ Юсуф (а) бинобар баста будани дарҳои хонаву дил бар ҳалок ниҳодани Зулайхо оҷизу дармонда шуда, чораҳое аз он маҳлака надошт, ночор танро ба ризои ӯ дод ва назаре бар ӯ бикшод. Аммо ҳафт гирехи маҳкам бар банди шалвори хеш дариҳод, то ба кушодани бандҳо таъхире ва тафвиқе гардад ва дар он мунтазир аз файзи илоҳӣ бошад ва бубинад, ки чӣ ба зуҳур ояд. Зулайхо ба дарёфти ин маънӣ, шодону фарҳон аз ҷой барҷаст ва дасти Юсуф бигрифту мутақозии мубошарат шуда. Ва Юсуф (*а*) банди шалворе, ки кушодӣ

ва дигаре дарлоди. Аммо гӯш бар овози ғайбӣ ва Суруши лорайби медошт ба як. Ногоҳ аз файзи лам язалӣ нидо даррасид, ки: **Ё Юсуф, лав вофақта-л-хатиата ямҳуллоҳу исмака мин дивони-л-анбиё**[1].

Чун Юсуф (*а*) бишнид, бархосту давон шуд. Баъзе гӯянд, ки дархол девори хона шаққ шуду сурати меҳтар Яъқуб (*а*) ро дид, ки ангушт бар лаб гирифта мегуфт: Зинҳор эй писар, **Ҳаза феълун шаниъун**[2].

Ва баъзе гӯянд, ки Ҷабраил (а) биёмад ва бар сулби Юсуф (*а*) хатте баркашид, ба фармони Худои таъоло шаҳват маҳв шуд. Ва қавли аксар бар он аст, ки бародарзодаи Азизи Миср, ки умри ӯ шаш моҳ буд, ба фармони Худои таъоло аз гаҳвора овоз дод: **Ё айюҳа-с-сиддиқ, а тазаннӣ.** Яъне: эй сиддиқ, зино мекунӣ? Ва ин саҳиҳ бошад.

Ва қавли баъзе он аст, ки Зулайхо бути зариноро, ки мепарастид, дар он ҷо нигоҳ дошта буд. Чодаре аз сар кашида, бар у андохт. Юсуф (*а*) ба мушоҳадаи ин маънӣ пурсид, ки чӣ кардӣ? Гуфт: «Ин Худои ман аст, аз вай шарм дорам, ки маро дар ин кор, ки бадтарини афъол аст, набинад». Юсуф гуфт: **«Анти тастаҳӣ мина-с-санами ва ано ло астаҳӣ мина-с-самади».** Яъне: ту шарм дорӣ аз бути бе ҳиссу ҳаракот ва ман аз Худои таъоло шарм намедорам, ки ҳабиру басир аст?

Пас Юсуф (*а*) рӯй бигардониду афтону хезон равон шуд ва давон мерафт. Зулайхо ба муъоянаи ин ҳол даст ба мӯи худ барзад ва рӯи хеш бихарошид ва дар пай давида, бо пироҳан даровехт ва бидарид. Аз фазли илоҳӣ он дари баста ба калиди исмат кушода шуд ва Юсуф (*а*) аз он хона бадар шуду гурехт ва кулоҳ аз сар афтоду мӯй ошуфта шуд ва пироҳан пора гашту Зулайхо сарбараҳна ба дунболи ӯ бидавид.

Ногоҳ Азизи Миср бар сарвақташон расид. Чун Зулайхо Азизро дид, арбадаи дигар оғоз кард, ки инчунин ғуломе дар хона медорӣ, ки ба ман даровезад ва феъли ношоиста хоҳад. Чунончи Худои таъоло дар Каломи маҷиди худ хабар дода: Қавлуҳу таъоло: **Ва-стабақо-л-боба ва қаддат қамисаҳу мин дубурин ва алфаё саййидаҳо лада-л-боби қолат мо ҷазоу ман арода би аҳлика суан илло ан-юсҷана ав ъазобун алим.**[a]

Яъне: давиданд ҳар ду ба дари хонаи Зулайхо. Пироҳани Юсуф (*а*) аз пас дарид. Ва ёфтанд эшон худованди ӯро ба назди дарвоза. Гуфт Зулайхо: «Чӣ бошад ҷазои он кас, ки ба аҳли

---

[1] Эй Юсуф, агар ба хато розӣ шавӣ, Худои таоло номи туро аз девони пайғамбарон пок хохад кард.

[2] Ин феъли разил аст.

[a] Қуръон: 12, 25.

ту андешаи бад кунад, магар он ки ӯро ба зиндон барӣ ё азоб намоӣ?»

Азиз рӯй ба сӯи Юсуф (а) карду гуфт: «Туро ба фарзандӣ қабул кардаму амини худ сохтам, мукофоти он ин бошад, ки ба ман хиёнат кунӣ ва ба назари бад ба аҳли ман нигарӣ?» Юсуф (а) гуфт: «Эй Азиз, Зулайхо бар ман ифтиро мекунад ва маро ба хиёнат мансуб менамояд ва гуноҳи худ бар гардани ман мениҳад. Ман аз инҳо бегуноҳу мубарроам». Чун Зулайхо ба ман даровехт, ман аз вай бигрехтам. Боз дар пайи ман омада, пироҳанам дарид».

Азиз чун ин сухан бишнид, фурӯ монду мутаҳайир монд ва бо худ гуфт: «То ин ғулом дар хонаи ман аст, ҳаргиз аз вай хиёнате надидаам ва дурӯғе нашунида». Пас гуфт: «Бар ин ҳуҷҷате дорӣ, то ман бидонам, ки гуноҳ аз туст ё аз Зулайхо?» Юсуф (*а*) ба ҷониби гаҳвора аз ангушт менамуд, ки аз он тифл бипурс. Азиз гуфт: «Он чи кардӣ, акнун бар ман афсун мекунӣ? Моро яқин шуд, ки гуноҳи туст, ки ҳаргиз кӯдаки шашмоҳа сухан нагӯяд».

Дар он гуфтушунуд буданд, ки бо амри Худо кӯдак ба сухан даромаду гуфт: **Ё Азиз изан миннӣ фаинна лака фи каломи фарҷан.** Чунончи Худои таъоло ба Қуръони маҷид ба-д-ин маънӣ фармудааст: Қавлуҳу таъоло: **Қола ҳия ровадатнӣ ъан нафсӣ ва шаҳида шоҳидум-мин аҳлиҳо.**[а]

Азиз чун ин суханро аз кӯдак бишнид, мутаҳайир гашт. Наздики гаҳвора шуду гуфт: «Чӣ дидӣ, кӯдак?» Гуфт: Қавлуҳу таъоло: **Ин кона қамисуҳу қудда мин қубулин фа садақат ва ҳува мина-л-козибин. Ва ин кона қамисуҳу қудда мин дубурин фа казабат ва ҳува мина-с-содиқин.**[б]

Эй Азиз, агар хоҳӣ, ки бидонӣ гуноҳи кист, пас бингар, ки пироҳани Юсуф (*а*) аз пеш даридааст ё аз пас. Агар аз пеш дарида бошад, Зулайхо ростгӯ ва Юсуф (*а*) дурӯғгӯст ва агар аз пас даридааст, Юсуф (а) ростгӯст ва Зулайхо дурӯғгӯ. Қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо раа қамисаҳу қудда мин дубурин қола иннаҳу мин кайдикунна инна кайдакунна ъазим.**[в]

Чун Азиз пироҳани Юсуф (*а*)-ро аз пас дарида дид, рӯй ба Зулайхо карду гуфт: «Ин кайду макр аз туст ва кайди занон машҳур аст».

Пас Азиз қасд кард, ки Зулайхоро бикушад ва Юсуф (*а*)-ро ба зиндон кунад, ки кӯдак гуфт: «Эй Азиз, ин феъл хирадмандонро сазовор нест. Агар чунин кунӣ, худро расво созӣ. Пас ба Юсуф (а) гуфт: қавлуҳу таъоло: **Юсуфу аъриз ъаи ҳаза вастағфирӣ ли занбики.**[г]

[а] Қуръон: 12, 26.
[б] Қуръон: 12, 26—27.
[в] Қуръон: 12, 28.
[г] Қуръон: 12, 29.

Зулайхо гуфт: «Он чи кардӣ, афв кардам, тавба куну узр бихоҳ».

Овардаанд: дар он замон, ки моҷаро рафт, Ҷабраил (*а*) ҳозир буд. Ҳар гоҳ Юсуф (а) мегуфт: Қавлуҳу таъоло: Ҳия ровадатиҳ ъан нафсӣ.[а]

Зулайхо дар доман овехт. Ҷабраил (а) гуфт: «Ё Юсуф, чаро пардаи касе медарӣ, ки даъвои муҳаббати ту карда бошад. Ҳирадмандону каримон пардаи дӯсти худ надаранд». Юсуф (а) мутаҳаййир гашту гуфт: «Илоҳӣ, маро ноҳақ ба Азиз супурд, то маро бегуноҳ азоб кунад». Ҷабраил (*а*) гуфт: «Надониста, ки вафодории дӯст дӯстро ранҷ кашидан аст».

Ва асҳоби ишорат чунин гуфтаанд, ки Ҷабраил (а)-ро Худои таъоло фармуд, то аз баҳри даридани пардаи Зулайхо Юсуф (*а*)-ро итоб кунад. Агарчи Зулайхо кофира буд, Кариму Раҳими мутлақ раво намедорад, ки Юсуфи сиддик (*а*) пардаи ӯ бидарад. Пас ӯ худ кай писандад, ки пардаи бандаи муъмин дар арасоти Қиёмат бидарад.

Ишорати дигар он аст, ки Ҷабраил (*а*) вафои дӯстро ранҷ кашидан ба ин маънӣ гуфт, ки Худои таъоло туро дӯсти худ хоҳад. Қавлуҳу таъоло: **Ва-л-лазина оману ашадду ҳуббан лиллоҳи.**[б]

Кай раво дорам, ки туро азоб кунам, ҳарчанд ки ту ҷафо кунӣ, ман вафо кунам.

Муҳаққиқон гуфтаанд: Дар вақти сухани Юсуф (а) бо Азиз дар хотираш омад, ки сухани ман дар дили Азиз чаро бовар намешавад ва маро ростгӯ намепиндорад. Ва бо вуҷуди он ки ҳаргиз аз ман дурӯғе нашунидааст ва ҳеҷ хиёнате мушоҳада накарда. Ҷабраил (*а*) гуфт: «Ту надонистай, ки қавли бевафоро рост надоранд ва бевафоро ростгӯ нахонанд. Юсуф (*а*) мутаҳаййир гашту гуфт: «Чӣ кунам?» Ҷабраил (*а*) гуфт: «Ҷавонмардӣ аз ин тифли шашмоҳа биомӯз, ки он чи гуфт, ба тариқи ҳуҷҷату бурҳон гуфт. Ва тавонистӣ, ки бе ҳуҷҷат сухан бирондӣ ва гуфтӣ, ки гуноҳ мар Зулайхорост, лекин кӯдак пардадарӣ накард ва гуфт, ки гуноҳи кист. Аз лутфу карами Эзиди мутаъол кай раво дорем, ки пардаи бандаи муъмин дарида расво кунад, ҳарчанд гуноҳ аз эшон ба вуқӯъ ояд, ба ҳукми худ пардапӯшӣ менамояд».

Ва дар ин маъно ихтилоф кардаанд, ки баъд аз се моҳ ё ҳафт моҳ ин сухан дар афвоҳ афтод ва ба гӯши ҳама халқ бирасид. Гӯянд, ки аз забони Юсуф (а) ба самъи панҷ зан, ки ҳамрозӣ бо Зулайхо доштанд, расида буд. Онҳо Зулайхоро маломат мекарданд. Яке зани соқии малик ва дигаре зани матбахӣ

[а] Қуръон: 12, 26.

[б] Қуръон: 2, 165.

ва дигаре зани хонбардор, чаҳорум зани шаробдор, панҷум зани ҳаҷҷом.

Чун Зулайхо маломати занон бишнид, даъвате бисохту эшонро бихонд, чунон ки Худои аззаву ҷалл хабар медиҳад: Қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо самиъат би макриҳинна арсалат илайҳинна ва аътадат лаҳунна муттакаан.**[а]

Ҳар якеро ҷудогона ба тахте бинишод. Чун занон биомаданду бар он тахтҳо нишастанд, пеши ҳар яке табақи зарини пур аз меваҳои ширину таъомҳои намакин бидоштанд ва ба дасти ҳар яке турунҷею корде барои тарошидан бидоданд. Пас Юсуф (*а*)-ро бо анвоъи ҷомаҳои зарбофту камарбанди мукаллал ба зару ёқут биороста, дар он маҷмаъ овард. Чун чашмҳои занон бар рӯяш афтод, беҳуш гаштанд ва ба ҷои турунҷ ангуштонро калам карданд ва аз сурати ӯ муҳаббаташ дар дили худҳо нигоштанд. Ва бозрафтани Юсуф ба ҳуш омаданду дастҳои худ бурида дида ва ҷомаҳои хунолуда мушоҳада карданд ва гуфтанд: «Маъозаллоҳ, ки Юсуф (*а*) аз башар нест, магар фариштаи карим бошад». Чунон ки Ҳаққ таъоло фармуда, қавлуҳу таъоло: **Ва отат кулла воҳидатим-минҳунна сиккинан ва колати-хруҷ ъалайҳинна фа ламмо раайнаҳу акбарнаҳу ва каттаъна айдияҳунна ва кулна ҳоша лиллоҳи мо ҳаза башаран ин ҳаза илло малакун карим.**[б]

Зулайхо гуфт: «Ин аст аз баҳри вай маломат мекунед ва лаънат раво доред». Гуфтанд, ки бар мо маломат аст ва бар ту ҳеҷ нест, балки бар ту раҳмат воҷиб, ки чунин маъшуқ ёфта.

Боз гуфтанд, ки ҳамеша дар хонаи худ дорӣ ва фирефтан наметавонӣ? Гуфт: «Ман ҷаҳди бисёр кардам ва мекунам, лекин кор намекунад ва гуфтаи ман дар гӯш намеорад». Чунон ки Худои таъоло мефармояд, қавлуҳу таъоло: **Ва лақад роваттуҳу ъан нафсиҳи фа-стаъсама.**[в]

Пас занон гуфтанд: Юсуфро навбати дигар пеш бихон, насиҳате кунем ва панде диҳем, магар туро фармонбардор бошад. Ва гарази эшон буд, ки ба-д-ин ҳилат боз бинанд. Пас бихонданду ба таъзим нишонданд ва ҳама рӯй ба вай оварданду гуфтанд, ки фармони ин сайида чаро намебарӣ ва бо вай чаро намесозӣ? Ва мо метарсем, ки бар ту хашм гирад ва ба зиндон кунад. Юсуф (*а*) гуфт: «Худои таъоло донад, ки зиндонро дӯсттар дорам аз сӯҳбати пурофати шумо». Қавлуҳу таъоло: **Қола рабби-с- сиҷну аҳаббу илаййа миммо ядъунанӣ илайҳи ва илло тасриф ъаннӣ кайдаҳунна асбу илайҳинна ва акум-мин-ал-ҷоҳилин.**[г]

[а] Қуръон: 12, 31.
[б] Қуръон: 12, 31.
[в] Қуръон: 12, 32.
[г] Қуръон: 12, 33.

Дар ин чо саволе кардаанд, ки занони Миср ӯро дида, бехуд шуданду дастҳо буриданд ва Зулайхо бо вуҷуди будани ошиқ ласти ӯ чаро бурида нашуд? Ҷавоб ончунин гуфтаанд: Ҳар он кас, ки ба чизе хӯ карда бошад ва ҳамеша мебинад, аз он ҳеҷ биму хатар надорад. Ва ҳар он кас, ки он чиз надида бошад, бар вай саъбу душвор бувад. Чун Зулайхо бо Юсуф (а) хӯ карда буд, фарсудаи он кор гашт, моҷарои ӯ баркарор бимонду аз чой нарафт. Занони Мисрро дидори аввал буд, волаю мутаҳаййир гаштанду дастҳо буриданд, зеро ки онҳо хӯгир набуданд.

Ишорат андар ин миён он аст, ки Худои таъоло хар муъминро ба дари марг аз дасти фариштагон азоб кунонад ва бими Малакулмавт бичашонад ва андар гӯр саволу чавоби Мункару Накир арз намояд, то рӯзи Қиёмат Забонияро бубинаду натарсад, ки як бор дида бошад. Ҳамчунон ки Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* ба меъроҷ бурданд, аҳволи чумла арвоҳ бар ӯ менамоиданд, Бихишту Дӯзахро пеши вай арз карданд, ки аҳволи рӯзи Қиёмат дида, дилаш машғул ба он нагардад ва аз шафоъат бознамонад.

Ва дар нақл аст, ки чун занони Миср дастҳо бурида, ошиқ гашта фитнаангез шуданд, Зулайхоро рашҳа аз он маълум шуд. Оташи ғайрат сар аз гиребони ишқи Зулайхо барзад. Чун мурғи нимбисмил метапид ва менолиду бо хештан мегуфт, ки ин чи кор буд, ки ман кардам ва бе илтифоти маъшуқ дар дарёи дарду иноб, баҳри ранҷу бало ғӯта хӯрдам ва киштии мурод ба соҳили мақсуд нарасонида ва ағёрро бо худ шарик гардонидам. Ин тариқи хирадмандӣ набуд. Алҳол чораи кор он аст, ки ман ӯро аз чашми ағёр бипӯшам, яъне ба зиндон даркунам.

Дар ин асно Азиз хабаре ёфт, ки мардумон бидонистанд, лиҳаза ғамгин шуда, ба иттифоқи Зулайхо Юсуф (*а*)-ро ба зиндон кард, қавлуҳутаъоло: **Сумма бадо лаҳум мин баъди мо рааву-л-оёти ла ясҷуннаҳу ҳатто ҳин.**[a]

Юсуф (*а*) ҳамчунин тоҷи мукаллал бар сар ниҳоду чомаҳои фохира пӯшид ва камарбанди зарин баста, дар зиндон рафт. Чун муваккалони зиндон он ҳол мушоҳада карданд, пеши Зулайхо кас фиристода истидъо намуданд, ки либоси Юсуф (*а*) ончунин аст, агар фармон шавад, тоҷ аз сар бигирем ва камарбанд аз миёнаш бикшоем. Зулайхо ҷавоб фиристод, ки Юсуф зиндонӣ нест, балки ҳисорӣ аст, ӯро ба ин маъно, ки чашми ағёр бар ӯ наафтад ва аз назари бегонагон маҳфуз бимонад, ба зиндон фиристодаам.

Ишорат андар ин он аст: чун муъмин бар дари марг расад,

---

[a] Қуръон: 12, 35.

амоман шаҳодат бар сару либоси маърифат дар бар ва камарбанди хидмат бар миёну мӯзаи ислом дар пой бошад. Фариштагон гӯянд: «Бори Худоё, нозирӣ, ки ин шахси ба-д-ин хисоли ҳамида ороста чӣ тур чони вай қабз шавад, фармон чист, ки амома аз сараш баргирем ва камарбанд аз миён баркушоем ё ҳамчунон бидорем?» Хитоб ояд, ки вай ҳисорӣ ва зиндонӣ нест, либосҳои ӯ ба вай бигзоред ва бидонед, ки вай хоркардаи мо нест, балки баргузидаи мост.

Андар он қисса омада, ки Зулайхо бифармуд, то зиндонро пок карданд ва ба кунче иморати вофир карданд ва тахти зарин биниходанд ва чомаҳои дебои нафис бар он тахт афкандаид ва анбарҳои гуногун бисӯхтанд, пас Юсуф (*а*)-ро бар он тахт нишонданд. Ва он замон подшохи Миср малик Райён буд ва ин маликро ду гуломи хирадманди бо чоҳ буд, аз сабабе бар эшон хашм гирифта, ба зиндон карда буд. Яке сокӣ ва дигаре матбахӣ. Қавлуҳу таъоло: **Ва дахала маъаҳу-с-сиҷна фатаёни.**[а]

Чун эшонро ба зиндон бурданд ва эшон ҳоли Юсуф мушоҳада карда, дар чамоли вай мутахаййир монданд ва сирату ибодати вай бидиданд, ба наздикаш нишаста, сухан мегуфтанд ва ҳар касе қиссаи худ мегуфт. Чун се рӯз баромад, сокӣ хобе дид, ки гӯё хӯшаи ангур бифишурдӣ ва матбахӣ хобе дид, ки нон бар сар доштӣ ва мурғон аз ҳаво биёмадандӣ ва нон бурдандӣ ва бихӯрандӣ. Дигар рӯз он хобро ба якдигар гуфтанд ва қарор доданд, ки ин хоб ба Юсуф (*а*) бигӯем, то чӣ таъвил кунад. Пас пеши Юсуф рафтанд, таъвил аз хоб чустанд. Юсуф (а) гуфт: «Соате диранг кунед, бигӯям». Қавлуҳу таъоло: **Қола аҳадуҳумо иннӣ аронӣ аъсиру хамран ва қола-л-охару иннӣ аронӣ ахмилу фавқа раъсӣ хубзан таъкулу-т-тайру минҳу наббиъно би таъвилиҳи инно нарока мин-ал-муҳсинин.**[б]

Гуфт яке аз эшон: «Ба дурустӣ ки дидам, ки мешапидам шароб», яъне ангур. Ва дигаре: «Ба дурустӣ, ки дидам, мебардоштам бар сари худ нонҳо, ки аз он мехӯрд чонваре паранда. Огоҳ кун аз таъвили ин хобҳо, ки туро аз некӯкорон мебинем». Юсуф (а) гуфт, қавлуҳу таъоло **Ло яътикумо таъомун турзақониҳи илло наббаътукумо би таъвилиҳи қабла ан яътиякумо золикумо миммо ъалламанӣ раббӣ иннӣ таракту миллата қавмин ло юъминуна биллоҳи ва ҳум билохирати ҳум кофирун.**[в]

Яъне: наёмада бошад шуморо таъом, ки бихӯред. Ман аз таъвили ин хоб огоҳ кунам пеш аз он ки биёяд ба шумо. Ин аз он чизест, ки омӯзонидааст маро Парвардигор, ҳаронна тарк

[а] Қуръон: 12, 36.
[б] Қуръон: 12, 36.
[в] Қуръон: 12, 37.

кардам дини қавмеро, ки намегараванд ба Худо ва ба охират. Эшон кофиранд.

Ва дар қисса чунин омадааст, ки Юсуф (*а*) омад ва ҷавононро дид, ки хирадмандонанд. Хост, ки эшонро ба ислом даъват кунад. Бино бар ин замоне дар таъбири хоб тааммул намуд. Пас ба эшон гуфт, ки Худои таъоло маро аз ин омӯхтааст. Гуфтанд: «Кадом Худойро мегӯй?» Гуфт: «Аллоҳу таъолоро мегӯям». Гуфтанд: «Ту ба кадом динӣ, ки аз ин бутон безорӣ?» Юсуф (*а*) гуфт: «Бар миллати обои хешам». Гуфтанд: «Обои ту кадоманд?» Гуфт: «Падари ман Яъқуб (*а*) ибни Исҳоқ ибни Иброҳими Халилуллоҳ *алайҳимуссалом*. Чунон ки Худои таъоло мефармояд, қавлуҳу таъоло: **Ва-ттабаъту миллата обой Иброҳима ва Исҳока ва Яъқуба мо кона лано ан-нушрика биллоҳи мин шайъин золика мин фазлиллоҳи ъалайно ва ъало-н-носи ва локинна аксара-н-носи ло яшкурун**[а].

Яъне: дар аҳли байти мо касе набудааст, ки Худои таъолоро ширк оварда бошад ба чизе. Ин файзу фазли Худои таъоло бар мо аст ва бар онон, лекин бештари мардум шукр намекунанд.

Пас эшон гуфтанд: «Он чи ки мо мепарастем, чи чизанд?» Гуфт: «Ҳеҷ яке Худойро намешоянд». Гуфтанд, ки пайғамбарзода чӣ гуна банда бошӣ? Гуфт: «Бародарони ҳасадбурда маро бифрӯхтанд». Ҳолӣ хеш ҳама ба эшон гуфт. Он гоҳ эшон гуфтанд, ки моро чӣ фармоӣ, аз дини хеш баргардем ё на? Гуфт: «Ба дили худ андеша кунед, ки кадом дин беҳтар аст?» Чунон ки Худои таъоло мефармояд: **Ё соҳибайи-с-сични а арбобум-мутафаррикуна хайрун амиллоҳу-л-воҳиду-л-каҳҳор**.[б]

Юсуф (*а*) гуфт: «Эй ду ёри неккирдор, моро ба шумо дар зиндон сӯҳбат афтод, бингаред, ки худоёни шумо мутафарриқ ва парокандаанд, ки ҳеҷ нафъу суд наёяд, магар ба парастиши Худованди воҳидулқаҳҳор ва самад, офаридгори замину замон аст. Ва ин бутон аз худ тарошида, ном ниҳода, парастиш мекунед, аз эшон на хайру на шар, на нафъу зарар. Ва ба парастидани ин бутон шуморо ҳеҷ ҳуҷҷате нест ва на падарони шуморо будааст ва на ғайр аз Худой, дигар ҳеҷ касро ҳукми парастидан нест: Қавлуҳу таъоло: **Мо таъбудуна мин дуниҳи илло асмоан саммайтумуҳо антум ва обоукум-мо анзалаллоҳу биҳо мин султонин ини-л-ҳукму илло лиллоҳи амара ал-ло таъбуду илло иёҳу золика-д-дину-л-қаййиму ва локинна аксара-н-носи ло яъламун**.[в]

Ин дин дуруст аст, валекин аксари мардумон намедонанд. Он гоҳ ҳамон ду кас бар дини Юсуф (*а*) имон оварда гуф-

---

[а] Қуръон: 12, 38.
[б] Қуръон: 12, 39.
[в] Қуръон: 12, 40.

танд: «Дине, ки доштем, аз ӯ безор гаштем ва дини Юсуф (*а*) ва обои эшон пазируфтем. Пас мусалмон шудем, акнун хоби моро таъбире кун!» Гуфт: «Эй ёрони суҳбати зиндони ман, он ки ту дар хоб дидӣ, ки хумро пур аз май кардӣ, фардо туро аз зиндон берун баранд ва бинавозанду хилъат ба ту бахшанд. Ва он ки ту дар хоб бар сар нон доштӣ ва мурғон мехӯрданд, туро бар дор кунанд ва мурғон аз каллаи ту мағзе мебаранд». Он гаҳ он мард гуфт, ки ман ҳеч хоб надидаам. Юсуф (*а*) гуфт, қавлуҳу таъоло: **Ё соҳибайи-с-сиҷни аммо аҳадукумо фа ясқӣ раббаҳу хамран ва аммо-л-охару фа юслабу фа таъкулу-т-тайру мир-раъсиҳи қузия-л-амру-л-лазӣ фиҳи тастафтиён.**[а]

Яъне: Худои таъоло қазо ронду ҳукм кард. Ва он касро, ки гуфта буд, ки фардо хилъат меёбӣ, гуфт: «Ҳадиси ман пеши Малик Райён бигӯй, ки чавоне бегуноҳ ба зиндон мондааст, қавлуҳу таъоло: **Ва қола лиллазӣ занна аннаҳу ноҷим-минҳумо-зкурнӣ ъинда раббика.**[б]

Ҳазрати Ҳаққ ҷалла ва ало написандид, ки Юсуф (*а*) моро фаромӯш кард, аз махлуқот начоти хеш бихонд. Аз ин маъно он касро сухани Юсуф (а) то ҳафт сол фаромӯш шуд. Қавлуҳу таъоло: **Фа ансоҳу-ш-Шайтону зикра Раббиҳи фа-лабиса фӣ-с-сиҷни бизъа синин.**[в]

Яъне: пас фаромӯш гардонид ӯро Шайтон ёд кардан назди худованди худ. Пас бимонд Юсуф (*а*) дар зиндон чанд сол. Дар ин ҳам сирре буд, ки бидонад, ки ёрии Худои таъоло хостан аст на аз махлуқот.

Ва овардаанд, ки Ҷабраил (*а*) чанд бор пеши Юсуф (*а*) дар зиндон омада дид, ки Юсуф (а) дуъо мекард. Ва Ҷабраил (*а*) гуфт: «Ин дуъо чаро пештар накардӣ ва аз махлуқ ёрӣ хостӣ? Акнун Худои таъоло ҳукм кардааст, ки ҳафт сол дар зиндон бимонӣ, то чазои он ёбӣ». Гуфт: «Агар Худои таъоло аз ман хушнуд гардад, ба ҳама вақҳ миҳнат бар худ гуворо доштам». Пас фармуд: «Ё ахӣ Ҷабраил (*а*), ту поктарин махлуқӣ, дар зиндон, ки чои палид аст, чӣ гуна кадами ту расид?» Ҷабраил (*а*) гуфт, ки Худои таъоло аз кудуми ту пок гардонидааст. Боз гуфт: «Ё Ҷабраил (*а*), Ҳаққ таъоло ранҷу миҳнати зиндон бар ман чаро ниҳода ва баъди шафқату марҳамат чандин мазаллату хорӣ ба чӣ дод?» Ҷабраил (*а*) гуфт: «Аз худ ихтиёр кардӣ. Надонистӣ, ки бандаро ба ихтиёри худ коре нест ва чаро кори хешро ба ихтиёри Ҳаққ таъоло нагузоштӣ ва чаро гуфтӣ, ки **Рабби-с-сиҷну аҳаббу илаййа миммо ядъунанӣ илайҳи.**[г]

Ва чаро нагуфтӣ: **Ва уфаввизу амрӣ илаллоҳи.**[д]

[а] Қуръон: 12, 41.
[б] Қуръон: 12, 42.
[в] Қуръон: 12, 42.
[г] Қуръон: 12, 33.
[д] Қуръон: 40, 44.

Он гоҳ Юсуф (а) гуфт: **Ҳал ъиндака хабару волидӣ.** Яъне: аз падари ман ҳеҷ хабар дорӣ? Ҷабраил (*а*) гуфт: **Дахала байта-л-аҳзони ва ҳува казимун ва ъумйун.** Яъне: дар байтулаҳзон нишаста ва нобино гашта, ғам фурӯ хӯрд ва ҳеҷ кас намегарояд ва ба ҷуз гиристан коре надорад. Юсуф (*а*) гуфт: «Падарамро чаро мубталои фироқ гардонид?» Ҷабраил (*а*) гуфт: «Ба сабаби дӯстии ту, ки Ҳаққ таъоло написандид аз бандаи хеш, ки ғайр аз ӯ ба махлуке дӯстӣ гирад». Юсуф (*а*) гуфт: «Вайро, ки инчунин ранҷ мерасад, ҳеҷ аҷрею савоб бошад?» Гуфт: «Ҳар рӯз ба вай савоб ва аҷри шаҳиде медиҳанд». Гуфт: «Агар инчунин аст, боке нест».

Овардаанд, ки чун Юсуф (*а*) таъбири хоби он ду ҷавон бинамуд, баъд аз як рӯз Малик Райён он ҳар ду ҷавонро аз зиндон талаб намуд. Соқиро бинавохту хилъат дод ва матбахиро бар дор кард. Чандон бар он дор буд, ки мурғон сару чашму мағзаш бикандиданд. Ва соқиро ба васвосаи Шайтон сухани Юсуф (*а*) фаромӯш гашт. Пас Юсуф (*а*) ҳафт сол дар зиндон бимонд.

Ва баъзе гӯянд: нӯҳ сол шабу рӯз машғул ба ибодат будӣ ва мардумро панду насиҳат медодӣ. Ва Зулайхо ба таъаххуди Юсуф (*а*) шабу рӯз мебуд. Ва он панҷ зан, ки ошиқ шуда буданд, таъоме пеши Юсуф (*а*) бурдандӣ ва вай ҳеҷ нахӯрдӣ ва ба зиндониён додӣ. Ва ноне, ки аз эшон бимондӣ, обгона сохтӣ ва ба эшон бидодӣ. Аввал касе, ки обгона сохт, Юсуф (*а*) буд.

Овардаанд, ки Малик Райён шабе ба хоб дид, ки ҳафт гови фарбеҳ берун омаданд. Пас ҳафт гови лоғар падид шуд. Он ҳафт гови фарбеҳро бихӯрданд. Аммо дар шиками онҳо ҳеҷ зохир нашуд ва шикам бузург нагашт. Пас ҳафт хӯшаи сабзу ҳафт хӯшаи хушк бадар омаданд ва хӯшаҳои хушк бар хӯшаҳои сабз печида, нопадид гардид. Малик аз ин хоб тарсида, бифармуд, ки ҳар кас дар мулки ман мунаҷҷиму муъаббир бошад, ҳозир кунанд. Ба ҳукми Малик онҳо ҷамъ шуданд. Пас он хобро бар эшон арз кард. Ҳама оҷиз омада гуфтанд, ки ин хоби табъӣ аст, инчунин хобро таъбире натавонем кард. Малик Райён фурӯ монд, мутаҳаййир гашт.

Ғуломи соқӣ ҳозир буд, ӯро сухани Юсуф ёд омаду гуфт: «Е айюҳа-л-малик, ҳар ки таъбири ин хоб тавонад кард, ман ӯро мешиносам». Малик гуфт: «Ӯ кадом шахс аст?» Гуфт: «Муддате шуд, ки ману хонбардор дар зиндон будем ва дар он ҷо хоб дидем. Юсуф ном шахсе аст, пеши ӯ хобҳо баён кардем ва таъбир бичустем. Ӯ таъбири хоб он чи кард, ҳамон шуд. Пеши вай маро бифирист, то ман ин хобро ба вай арз карда, таъбире биёрам». Гуфт: «Бирав!»

Соқӣ ба хидмати Юсуф (*а*) омад ва узри бисёр хосту гуфт,

ки ман сухани туро фаромӯш карда будам, акнун маро ёд омад. Юсуф (*а*) гуфт: «Фаромӯшӣ аз ту набуд, аз ҳукму тақдири Парвардигор буд». Он гоҳ гуфт: «Малик хобе дида, маро ба сӯи ту фиристодааст. Таъвиле ба вақҳи аҳсан бифармо». Қавлуҳу таъоло: **Ва қола-л-малику инни аро сабъа бақаротин симонин яъкулуҳунна сабъун ъиҷофун ва сабъа сунбулотин хузрин ва ухара ёбисотин.**[а]

Юсуф (*а*) гуфт: «Таъбири ин хоб он аст, ки ҳафт сол дар чаҳон фарохии тамом буд ва зироъат нек шуд. Баъд аз он ҳафт соли дигар каҳту танги дар пеш ояд ва мардум аз он ба сутӯҳ оянду кишт андак бошад.

Соқӣ бозгашт ва ҳикоят ба малик гуфт. Ва чумла мардум аз шунидани таъвили хоб аҷаб монданд ва мутаҳаййир гаштанд. Пас Малик гуфт: «Чораи ин кор чӣ ҳилат бошад ва мардум дар ин ҳафт сол чи тадбир созанд, ҳам аз вай бояд пурсид». Соқӣ бозомаду гуфт, қавлуҳу таъоло: **Юсуфу айюҳо-с-сиддику афтино фӣ сабъи бақаротин симонин яъкулуҳунна сабъун ъиҷофун ва сабъи сунбулотин хузрин ва ухра ёбисотил-лаъаллӣ арҷиъу ило-н-носи лаъаллаҳум яъламун.**[б]

«Ё Юсуф, Малик аз хоби худ таъбир мехоҳад ва ҳам илочи ҳафт сол мепурсад, ки мардум чӣ тадбир кунанд. Ва Малику чумла мардум аз таъбири хоб дар ҳайрат афтодаанд. Мебояд, ки таъбири қаҳтсол низ бифармой». Юсуф (*а*) гуфт: «Дар ин ҳафт сол фарохии киштзорҳо бисёр намояд ва он чи дар ин солҳо пайдо ояд, хӯшаҳо бо пӯст гирд оранд, то ғалла табоҳ нагардад, кирм нагирад. Ва он ҳафт соли танги ба он ғалла ба фароғат гузаронанд. Пас аз ин ҳафт сол борон хоҳад борид ва меваҳою наботот аз замин падид ояд». Чунончи Худои таъоло мефармояд, қавлуҳу таъоло: **Қола тазраъуна сабъа синина даабан фамо ҳасаттум фа заруҳу фӣ сунбулиҳи илло калилам-миммо таъкулун. Сумма яъти мин баъди золика сабъун шидодун яъкулна мо қаддамтум лаҳунна илло қалилан миммо туҳсинун. Сумма яътӣ мин баъди золика ъомун фиҳи юғосу-н-носу ва фиҳи яъсирун.**[в]

Пас соқӣ биёмад ва он чи шунида буд, пеши Малик бозгуфт. Хама мардуми мисриён ба кифояти суханони вай мутаъаҷҷиб шуданд ва донишаш вайро тасдиқ карданд. Пас Маликро дар дил афтод, ки ин мард вазириро шояд. Аз соқӣ пурсид: «Чӣ гуна аст ва чӣ кор дорад?» Гуфт: «Чавоне аст хирадманд, некухӯй, некӯбӯй, ки сифати вай натавон кард. Ва Азиз ӯро аз Малик ибни Зағр харида, бандаи худ кардааст. Малик гуфт: «Вай-

---

[а] Қуръон: 12, 43.
[б] Қуръон: 12, 46.
[в] Қуръон: 12, 47—49.

ро чаро дар зиндон доштааст?» Соқӣ гуфт, ки чунин мегӯяд, ки ман банда нестам ва бегуноҳам. Бародарон ҳасад карда маро фурӯхтанд. Ва ҳамаи аҳволи Юсуф (*а*) пеши Малик гуфт. Маликро аз ин сухан ачаб омаду гуфт, то амини зиндонро бихонанд. Аз ӯ пурсиданд, ки Юсуф (*а*) чӣ мард асту сирату хислат чи гуна дорад.

Гуфт: «Кори вай корест дуъою тасбиҳу таҳлил. Ва низ тамоми зиндониёнро дарс медиҳад. Ва таъаҳҳуд кунад, чунон ки ҳар чизе, ки ба ӯ бирасад, ҳеҷ нахӯрад ва ҳама ба муҳтоҷон бидиҳад ва ҳаргиз аз вай ҳеҷро озоре нарасида ва пайғамбарзода аст». Малик гуфт: «Таъаҳҳуди вай кӣ мекунад ва чизе барои ӯ аз куҷо меояд?» Гуфт: «Гоҳ-гоҳ Зулайхо ва ғайра занон пинҳон карда, чизе мефиристанд, аммо қабул накунад, зеро ки Азиз вайро ба туҳмати зани худ дар зиндон доштааст». Малик гуфт: «Азизро бихонед!» Чун Азиз омад, Малик фармуд: «Он мардро, ки нишон медиҳад, чаро ба зиндон дошта ва ин сифат, ки вайро мекунанд, ба чӣ далел озор медиҳӣ ва ӯро куҷо харидай?» Гуфт: «Аз Молик ибни Зағр харидаам ва мисли фарзандони хеш дошта. Ман дар ҳаққи вай чунон гумон надорам, ки ҳаргиз аз вай хиёнате шуда бошад ва ё хиёнате ба хонадони ман андешида. Магар ба иҳтимом дар зиндон кардаам».

Малик фармуд аспонро зин кунанд ва ӯро бо изозу икроми тамом биёранд. Соқӣ пеши Юсуф (*а*) рафту гуфт, ки ҳукми олӣ ба-д-ин намат нафоз ёфтааст, ки туро бо изози тамом берун барем. Гуфт: «Боз бирав ва бигӯ, то Азиз аз ман хушнуд нагардад, наравам. Ва аз он занон, ки дар хонҳо дастҳо буриданд, пурсанд, ки ман гуноҳе дорам ё на». Қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо ҷоаҳу-р-расулу қола-рҷиъ ило раббика фа-съалҳу мо болу-н-нисвати-л-лотӣ қаттаъна айдияҳунна инна раббӣ би кайдиҳинна ъалим**[а].

Яъне: он занонро бипурсед, ки кайд аз тарафи кист.

Расул бозомаду гуфт, ки Юсуф (*а*) инчунин мегӯяд. Маликро аз ин сухан бағоят писанд омад. Ва пас бифармуд, ки он занону Зулайхоро хозир кунанд. Қавлуҳу таъоло: **Қола мо хатбукунна из роваттунна Юсуфа ъан-нафсиҳи қулна ҳоша лиллоҳи мо ъалимно ъалайҳи мин суин қолати-мраату-л-Ъазизи-лона ҳасҳаса-л-ҳаққу ано роваттуҳу ъан-нафсиҳи ва иннаҳу ламина-с-содиқин.**[б]

Чун занон омаданд, Малик аз занон пурсид, ки шуморо бо Юсуф чӣ кор будааст, ки бо вай даровезед? Шумо вайро ба хештан хондед ё вай шуморо бихонду қасди шумо кард, рост бигӯед. Занон ба якборагӣ гуфтанд, ки мо ҳаргиз мисли он ба-

---

[а] Қуръон: 12, 50.

[б] Қуръон: 12, 51.

шар надида будем. Чун дар назари мо омада, беҳуш гашта, дастҳои худ буридем. Ва мо ӯро талаб кардем. Якин медонем, ки ӯ бегуноҳ аст. Чун Зулайхо дид, ки ҳол чи гуна аст, бархосту овоз дод, ки ё айюҳо-л-малику, аз эшон чӣ пурсӣ, ҳар гоҳ хасм мункир шавад, аз гувоҳон пурсанд. Ман худ қабул мекунам, ҳар чи кардам, ман худ кардам ва аз Юсуф ҳеҷ гуноҳ содир нагашта ва ӯро бечурм дар зиндон доштa, аз дӯстии ӯ ҳалок гаштам ва навҳаю зории биҷӯр кардам. Он чи карданист, бар ман мекунед, ки сазоворам.

Мардум аз илҳоҳу зории ӯ бимонданд ва ҳама ба гиря даромаданд. Азиз аз мушоҳадаи ҳоли Зулайхо шармандаю хичил гашта занро мутлақа кард ва дар ин ғаму ғусса чандин бар сар бурда, ҷони ширин ба Ҷонофарин супурд. Пас Малик ба дидори Юсуф (а) ҳаристар шуда ва гуфт: «Акнун Юсуфро ҳозир кунед». Чун Юсуф (а) биёмад, Малик вайро бинвохт ва он чи ба Азиз рафта буд, бозгуфт. Юсуф (а) фармуд: «Он чи гуфтам, чиҳати он набуд, ки гарди хичолат ва шармандагӣ бар домани дили Азиз нишинад, балки мақсудам он буд, ки ӯро маълум шавад, ки аз ман хиёнат ба вуқӯъ наёмада, қавлуҳу таъоло: **Золика ли яълама аннӣ лам ахунҳу би-л-ғайби ва анналлоҳа ло яҳди кайда-л-хоинин**[а].

Чунин гуфтаанд, он замон, ки Юсуф (а) мегуфт, ки ман бегуноҳам ва хиёнат накардам, Ҷабраил (а) ҳозир буд ва мегуфт: «Ё Юсуф (а) **а ва ло ҳаммамта**». Яъне: ту қасд накардӣ? Юсуф (а) бигрист ва гуфт, қавлуҳу таъоло: **Ва мо убаррию нафсӣ инна-н-нафса ла аммората би-с-суи илло мо раҳима раббӣ инна раббӣ ғафуру-р-раҳим**[б].

Яъне: ман чурми хешро пок намекунем, зеро ки фармонбардори нафсам, магар Худои таъоло, ки Парвардигори ман аст, бар ман раҳмат кунад.

Ровиёни калом чунин овардаанд, ки Малик Райён Юсуф (а)-ро аз чиҳил забон сухан гуфт, Юсуф (а) ҳамаро чавоб дод. Он гоҳ малик ба Азиз гуфт, ки ӯ дар пеши ман аминтар аз ту ҳаст, қавлуҳу таъоло: **Қола инака-л-явма ладайно макинун амин**[в].

Пас Малик гуфт: «Вазири ман бош». Юсуф (а) гуфт: «Вазорат намехоҳам, ки чизе хайр аз ман ба кас намерасад». Малик гуфт: «Кори Азиз туро медиҳам». Гуфт: «Намехоҳам, зеро ки ҳаққи Азиз бар ман бисёр аст. То вай бар ҷо бошад, шуғли вай карданам некӯ набувад». Малик гуфт: «Чӣ мехоҳӣ?» Юсуф (а) гуфт: «Агар аз гуфтани ман чора нест, маро ҳофизи анбори худ гардон, ки ман он шуғлро некӯ ба ҷо орам ва тавонои

[а] Қуръон: 12, 52.
[б] Қуръон: 12, 53.
[в] Қуръон: 12, 54.

он дорам, ки дар он туро бе дарди сар гардонам ва дар миёни раъият доду адл кунам».

Чун он вақт бар раъият зулм бисёр буд, ки хирочи султон ним аз ғаллот будӣ ва ниман он раъият, лиҳаза Юсуф (а) гуфт: «Агар шавад, то ман ба-д-ин шуғл қиём намоям ва маслаҳати он кор нигоҳ дорам». Малик бифармуд, то он шуғл бар вай тафвиз карданд. Чун Юсуф (а) ба-д-он кор машғул шуд, ҷумла раъият аз вай хушнуд гашт ва ғаллаи беандоза ҷамъ кард.

Чун сол тамом шуд, Маликро сирату тарикати ӯ маълум намуд ва раъиятдории вай зоҳир шуд. Пас вайро бихонду тоҷ бар сари вай ниҳод. Шамшери хеш бар камараш баст ва тахте зарин мурассаъ ба зару ёқут ороста ва бо анвоъи ҷомаҳои пироста биниҳоданд, ки тулаш сӣ газу арзи он даҳ газ буд. Пас Юсуф (а)-ро бар он биншонданд ва рӯи Юсуф (а) ба мисли моҳи шаби чордаҳум метофт. Ҳар кӣ рӯяш бидидӣ, рухи худро дар он рӯй ба тариқи оина менигаристӣ ва аз латофату сифоташ куббаи офтоб хиҷил мегашт ва ҷумла аркаш давлату аъёни салтанат дар хидмат истода, ба тоъати вай машғул гаштанд. Ва тамоми кору бори Миср Малик Райён ба вай таслим фармуд ва дар тамоми мулки Миср ҳукмн ӯ равон гардонид. Пас баъди фавти Азиз тамоми хазоин ба Юсуф (а) таслим карда, худ дар хона бинишаст ва ба ҳеҷ коре тааллуқ намедошт. Чунон ки Худои таъоло хабар медиҳад, қавлуҳутаъоло: **Ва-қола-л-малику-ътунӣ биҳи астахлисҳу ли нафсӣ фа ламмо калламаҳу қола иннака-л-явма ладайно макинун амин**[а].

Яъне: Малик худро аз кор халос сохта, Юсуфро ҳамагӣ амин ва макини худ гардонид. Чун бар мамлакат мусаллат шуд, ба ҷамъ кардани ғалла саъйи тамом мекард ва то ғаллаҳои бешумор ҷамъ намуда анборҳо ниҳода.

Алқисса, он ҳафт сол бигзашт. Ҷабраил (а) омаду хабар дод, ки фалон шаб соати тангию қаҳт нузул мешавад. Юсуф (а) интизори он шаб буд. Чун вақт расид, бифармуд, ки таъомҳои гуногун муҳайё созанд, зеро ки вақти гуруснагии халқ бирасид. Чун балою миҳнат нузул гардид, аз ҷумла шаҳрҳои мусалмонон ва ҳама халоиқ пеши Малик даромаданд ва фарёд мекарданд. «Алчӯъ, алчӯъ!»[б] Хабар ба Юсуф (а) бурданд, ки халоиқ аз гуруснагӣ оҷиз шуданд. Юсуф (а) таъомҳо, ки сохта буд, фиристод, то таскини гуруснагон бигардад.

Дар ин замон, ки қаҳт расид, Зулайхо нолаҳои зор-зор мекард ва ҳар ки номи Юсуф (а) пеши вай мебурд, ӯро дуъо кардӣ ва маблағе зар ба вай додӣ, то ҳар чи дошт, ҳама сарф кар-

---

[а] Қуръон: 12, 54.

[б] Алчӯъ — гуруснагӣ.

да, дарвеш гашт ва ба тазарруъу зорӣ пиру нобино шуд. Ва кораш ба ҷое расид, ки ҳар рӯз канизон дар маҳофа нишондандӣ ва бар сари роҳи Юсуф (а) овардандӣ, то бошад, ки гарди суми асп бар чашмаш расад ва тӯтиёи нобиноии вай гардад. Рӯзгоре чанд ҳамчунин ба сар мебурдӣ ва ба оташи фироқ месӯхтӣ.

Ва кори Юсуф (а) дар подшоҳӣ ба-д-он мақом расид, ки вақте бар асп савор шудӣ, чиҳил ҳазор марди силоҳпӯшу чаҳор ҳазор ғулом бо камари зарин ва ҳазор ҳочиби ақидатоин ба хидматаш будандӣ.

Овардаанд, ки рӯзе ба қазои илоҳӣ гузари Юсуф (а) бар он ҷониб афтод, ки Зулайхо буд. Чун ба-д-он ҷо расид, канизакон Зулайхоро хабар карданд, ки маркаби Юсуф (а) расид. Зулайхо овоз баровард: «Ё карим ибн-ал-карим, ин лаҳза ёрӣ он аст, ки қиссаи пурғуссаи ин заифаи мустаманд бишнавӣ!» Юсуф (а) инони асп бозкашид ва биистоду гуфт: «Ё Зулайхо, ин чӣ ҳол аст ва он ҳусну ҷамоли ту куҷо рафт? Ӯ гуфт: «Ҳама дар роҳи ту харҷ шуд». Гуфт: «Аз он дарди ишқ ҳанӯз чизе боқист?» Гуфт: «Сари тозиёна наздики даҳони ман биёр!»

Юсуф (а) тозиёна пеши даҳони Зулайхо ниҳод. Ва Зулайхо оҳе баровард, ки оташ дар тозиёна афтод ва дуде баромад. Он оташ ба дасти Юсуф (а) расид ва тозиёна аз даст бияндохт. Зулайхо гуфт: «Эй Юсуф, чиҳил сол аст, ки ин оташ дар ҷони ман шӯъла мезанад ва ҷигарам месӯзад. Аммо дуде аз ин оташ берун намегузорам ва ту тоби як шӯъла, ки ба дасти ту расид, тоқати бардошти он надорӣ ва тозиёнаро аз даст андохтӣ.

Чун Юсуф (а) Зулайхоро ба-д-ин ҳол дид, аз асп фуруд омада, пеши Зулайхо бар хок нишаст ва гуфт: «Эй Зулайхо, имон ба Худои таъоло ор!» Зулайхо имон оварду мусалмон шуд. Гуфт: «Акнун чӣ мехоҳӣ?» Гуфт: «Аз Ҳаққ субҳонаҳу ва таъоло талаб кун ҳамон ҷамолу ҷавонӣ ва рӯшноии чашм маро арзонӣ фармояд, то боқии умр дар хидмати ту ба сар барам ва ба тоъати Эзид таъоло машғул шавам ва узрҳои гузашта бихоҳам. Юсуф (а) мутааммил гашт. Ваҳӣ омад, ки ё Юсуф, он чи мехоҳад, бихоҳ, ба иҷобат мақрун аст. Юсуф (а) ду ракъат намоз адо кард ва сар ба саҷда ниҳоду ҳоҷат хост. Ҳанӯз сар аз саҷда барнадошта буд, ки Зулайхо овоз дод, ки ё Юсуф, сар бардор аз он чи хостӣ раво гашт. Чун сар аз саҷда бардошт, Зулайхоро дида бино шуда ва сурати ҷамол зиёдтар аз собиқ гашта. Зулайхо чун худро ба-д-ин ҷамол дида, имон зиёда гашту тарки Юсуф (а) карда, рӯ ба роҳ ниҳода. Юсуф (а) гуфт: «Эй Зулайхо, куҷо меравӣ?» Гуфт: «Касе, ки инчунин

раҳму карам дошта бошад, чаро вайро гузошта, сар ба Юсуф (а) ва ҷамоли вай орам?»

Гӯянд: Юсуф (а) бар Зулайхо даровехт ва Зулайхо аз вай бигрехт. Ҳотиф овоз дод, ки **Ё Юсуф, ҳаза явмун би явмин.** яъне: ин рӯзе ба рӯзе. Зулайхо ба байтулаҳзони худ рафт. Юсуф (а) чандон, ки кас фиристоду талаби никоҳ мекард, иҷобат наменамуд ва қабул надошт, то чиҳил рӯз бар ин бигзашт. Гуфтаанд, ки дар ин чиҳил рӯз Юсуф (а) сӯзу дарди фироқ ба ишқи Зулайхо чандон кашид, ки Зулайхо чиҳил сол накашида буд. Пас Малик Райён ба он касе фиристоду Зулайхоро панду мувоъазат намуд. Он гаҳ иҷобати никоҳ кард, ҳамчунон, ки зифофи салотину мулук ба расми шаръ бошад, зифофи катхудой шуд. Юсуф (а) дар висол расиду Зулайхоро душиза ёфт, яъне норасида.

Чун муддате бар ин баромад, Юсуф (а) холи мозӣ бипурсид. Зулайхо гуфт: «Бидонӣ, ки Азиз марде пир буду ман ҷавон. Он чи одати мардону занон бошад, миёни мо набуд». Ва ба ривояти дигар он аст, ки Эзид таъоло хоста буд, ки Зулайхоро ба Юсуф (а) расонад. Аз ин маънӣ Шайтонро гумошта буд, ки дар миёни Азизу Зулайхо бихӯфтӣ ва Азиз чунон пиндоштӣ, ки ӯ Зулайхост. Пас Юсуф (а) ва Зулайхо бо хам мебуданд, то эшонро ду писар омаданд.

Малик Райён низ пир шуда, дар гӯша нишаст. Тамоми кору бори подшоҳӣ ба Юсуф (а) дод ва подшохии тамому камол бар Юсуф (а) расид. Юсуф (а) халкро бинавохт ва бо лашкар накӯӣ мекарду кут ба эшон мерасонд ва ба қадри ҳоҷат ғалла ба раъият мефурӯхт ва садақа низ ба мухтоҷон медод, то чандин сол гузашту қаҳту тангӣ дар ҷаҳон баргашт, то ба ҳадде ки як ман ғалла ба ду динор расид. Ва аз навоҳиёну атроф халқ рӯ ба Миср ниҳоданд. Аҳли Миср ҷамъ шуда гуфтанд, ки ба дасти ғарибон мафрӯш, ки мо дармондаем. Юсуф (а) гуфт, ки ҳама халкро дар ин ҳақк аст ва мухтоҷанд. Эшонро маҳрум кардан равон нест, агар нафурӯшам, тамоми олам аз гуруснагӣ ҳалок шаванд.

Пас ба қадри ҳоҷат бифрӯхтӣ, то дар дасти ҳеҷ кас нақд аз динору дирам намонд. Ҳама ба хазинаи Юсуф (а) даромад. Чун соли дувум даромад, сутурон ва чаҳорпоён ба ивази ғалла ба Юсуф (а) бидоданд ва дар соли чаҳорум ба сабаби таъом ғулому канизакро ба дасташ фурӯхтанд, то ҳар чи матоъ доштанд, азони Юсуф (а) гашт. Ва дар соли панҷум зиёъ ва ақор бихарид ва дар соли шашум ҳама мардум фарзандону духтарони худро ба изои ғалла ба Юсуф (а) ҳиба намуданд. Чун соли ҳафтум даромад, ҳама мардум вуҷуди худро аҷир гардо-

ниданд ва ҳеҷ касро фарзанде ҳурр намонда, ки ҳама зану мард канизбандаи Юсуф (а) шуданд.

Дар ин ҳол мардум аҷаб бимонданд ва мегуфтанд, ки мо ҳаргиз малик аз ин бузургтар надидем ва подшоҳе ба-д-ин сутург нашунида. Чун Юсуф (а) халқро оҷизу фурӯмонда дид, мутаҳаййир шуду Райён ибни Валидро гуфт: «Мебинӣ, ки Худои таъоло маро чи неъматҳои бузург арзонӣ дошта ва бо ман фазлҳо карда? Акнун ман шукри неъмат ба кадом забон бигзорам, то аз ӯҳдаи шукраш бадар оям?» Райён ибни Валид гуфт: «Рой ройи туст, мо тобеъони туем. Он чи мехоҳӣ, бикун, муборак аст». Гуфт: «Ман ба ризои Худои таъоло аҳли Мисрро озод кардам ва ҳама амлоки эшон бо эшон бахшидам».

Овардаанд, ки Юсуф (а) дар замони қаҳт ҳаргиз сер нахӯрдӣ, ки ба мувофақати халқ бошад. Гуфтанд, ки ҳамаи хазинаҳои Миср ба дасти туст чаро гурусна мебошӣ? Гуфт: «Метарсам, ки мабодо ман сер бихӯраму ҳоли гуруснагон фаромӯш созам ва аз таъбири кори эшон бозмонам. Пас Худои таъолоро чӣ ҷавоб диҳам?»

Чун соли ҳафтум ба охир расид ва шиддати қаҳт ба поён анҷомид, чиҳил рӯз боқӣ монда буд, ки дар анбор ҳеҷ ғалла намонд ва аз анвоъи таъом чизе намонда. Мардуми Миср мустариб гаштанд ва ҳама боз дар сарои Юсуф (а) фарёд мекарданд. Юсуф (а) дар ин кор оҷизу саргардон шуда, нимишабӣ рӯй ба хок ниҳода, тазарруъу зорӣ мекард, ки эй корсози банданавоз ва эй бандапарвари бениёз, бандаҳои ту фурӯ мондаанд, қариб аст, ки ҳалок шаванд, ба фазлу раҳмати беиллати худ ба фарёдашон бирас. Нидо омад, ки эй Юсуфи баргузидаи мо, ғам махӯр, ки ҷамоли туро ғизои эшон сохтам. Пас Юсуф (а) ба саҳро берун шудӣ ва халқро дар саҳро бихондӣ ва худ боло истода, бурқаъ аз рӯи муборак баргирифтӣ, то халқ назораи ҷамоли вай мекардӣ ва аз дидораш халқро таъому шароб ёд наомадӣ, то чиҳил рӯз ҳам бар ин бигзашт. Он гоҳ вақти зироъат расид ва ғалла бисёр гардид ва мардум аз ғамҳои қаҳту балои миҳнат наҷот ёфтанд.

Овардаанд: шахсе кӯдаки нобинои модарзодро пеши Юсуф (а) овард, ки дуъо кунад, то ӯро Ҳаққ таъоло бино гардонад. Юсуф (а) бурқаъ аз рӯй бикшод ва нури ҷамоли муборак бар кӯдаки бебасир бинамуд, дарҳол ба фармони Худои таъоло бино гашт.

Ровиёни ахбор чунин овардаанд, ки чун қаҳт дар мулки Мисру Шом омм гашт, дар мулк ҳеҷ ғалла намонд, илло дар хазинаи Юсуф (а). Мардум аз ҳар тараф барои харидани ғалла рӯй ба Миср ниҳоданд. Ва бар Яъқуб (а) ва писарони вай низ балои миҳнату ранҷи қаҳт расид ва дар тангии таъом ги-

рифтор шуданд. Яъқуб (а) писарони худро гуфт, ки шумоён низ дар Миср рафта, аз пеши Азизи Миср ғалла харида биёред. Гуфтанд: «Фармонбардорем». Гуфт: «Даҳ писар биравед ва Бинёминро пеши ман бигзоред. Бошад, ки маро аз ӯ тасаллӣ гардад».

Ва чун эшон соҳиби шутуру гӯспанд буданд, он чи матоъ аз пашми буз ва ғайра доштанд, бар шутур бор карда, рӯй ба Миср ниҳоданд. Чунон ки Худои таъоло мефармояд, к а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва ҷоа ихвату Юсуфа фа дахалу ъалайҳи фа ъарафаҳум ва ҳум лаҳу мункирун**[а].

Чун наздики Миср расиданд, хабараш ба Юсуф (а) бурданд, ки ҷамоъате аз Канъон барои харидани ғалла омадааст. Фармуд, ки назди ман ored. Чун эшонро назди Юсуф (а) бурданд, бародаронро бишнохт. Баъзе гӯянд: вақте ки эшонро ба дарбор бурданд, Юсуф (а) дар паси парда буд, аз он бишнохт. Гурӯхе мегӯянд, ки Юсуф (а) ба расми мулук тоҷи шоҳӣ бар сар ниҳода ва ҷомаҳои ҳарир пӯшида ва камарбанди зарин дар камар афканда, бар тахти шоҳӣ нишаста буд. Гумон бурданд, ки Юсуф (а) чи гуна бошад. Ва муҳаққиқон гуфтанд, ки эшон бар Юсуф (а) ҷафо карда буданд, ҷафо шинохти маърифат аз дил дур кунад.

Чун Юсуф (а) ба сӯи онон бингарист, эшон ба забони ибрӣ сухан гуфтанд. Юсуф (а) пурсид, ки шумо киёнеду чӣ кор мекунед ва ин ҷо барои чӣ омадаед, ки маро шакли шумоён хуш меояд. Гуфтанд, ки мо аз замини Шом меоем ва пешаи мо шубонӣ аст. Ва коре дар ин ҷо намедорем, магар чун ба вилояти мо тангию қаҳт расидааст, барои харидани ғалла омадаем. Юсуф (а) гуфт: «Гумон барам, ки шумо ҷосусонед, барои таҷассуси шаҳр омадед, ки аҳволи ин мулк маълум карда, ба лушманони ман хабар кунед. Эшон гуфтанд: **«Маъозаллоҳи минҳо**, ки мо даҳ бародарем аз як падар. Ва падари мо пайғамбар ва номи вай Яъқуб (а) аст». Гуфт: «Падари шумо чанд писар дорад?» Гуфтанд: «Дувоздаҳ писар дошт. Яке аз мо хурд буд. Рӯзе бо мо дар саҳро омада, гӯспандонро мечаронид ва аз мо ҷудо шуда ба атрофу акноф мехиромид. Чун мо аз вай ғофил шудем, ӯро гург бидарид. Ва аз модари вай бародарест, ки падари мо барои тасаллӣ ва танҳоии хеш нигоҳ доштааст». Юсуф (а) гуфт: «Ҳуҷҷат бар ростии ин сухан чист ва гувоҳи шумо бар ин кавл кист?» Гуфтанд: «Ё малик, мо дар ин шаҳр ғарибем, касе моро намешиносад, ки гувоҳӣ диҳад».

Юсуф (а) гуфт: «Агар ҳуҷҷат надоред, бародаре, ки пеши падар гузошта омадаед, ӯро биёред, то бубинам, ки рост мегӯед». Гуфтанд, ки падар вайро аз пеши худ дур намекунад. Мо

[а] Қуръон: 12, 58.

чаҳд кунем, бошад, ки биёрем. Юсуф (а) гуфт: «Яке аз шумо ба таври гарав ин чо бошад, то он бародари шумо биёяд». Эшон қарордоди ин маъно ба номи ҳар яке куръа андохтанд. Номи Шамъун баромад, вайро ин чо гузоштанд. Пас Юсуф (а) фармуд, ки ҳар якеро ба як шутур бори ғалла диҳанд ва баҳои ғалла, ки нақдҳою дирамҳо дода буданд, низ дар бори эшон биниханду равон кунанд. Мулозимони подшоҳ хамчунон карданд. Пас Юсуф (а) гуфт, ки агар он бародар ҳамроҳ биёред, шуморо гиромӣ карда, як шутур бор гандуми дигар бидиҳам.

Гуфтаанд, ки он бизоъат дар бори шутури онҳо аз баҳри он ниҳод, ки медонист падарашро ғайр аз ҳамин бизоъат чизе набуд, ки бозфиристад. Гурӯҳе гуфтаанд, ки аз баҳри он ниҳод, ки чун он бизоъат Яъқуб (а) бубинад, бидонад, ки касе таслим накарда; магар Юсуф (а), пасдоштани Шамъунро халал надонад фарзандонро бозбифиристад.

Ба ривояте дигар омадаст, ки чун Юсуф (а) бародаронро дид, хашмолуд гашту хост, ки онҳоро уқубат кунад. Дарҳол аз Ҳазрати Иззат хитоб омад, ки ё Юсуф (а), агар эшон ба ту бадӣ кардаанд, агар ту ҳам мукофот бадӣ куни, пас миёни тую эшон чӣ фарқ бувад. Ва низ дар афв мӯчиби растагории худ аст ва эшонро шиносой ва нишони худ мадеҳ, ки шарманда шуда аз ту ҳоҷат нахоҳанд ва маҳрум бозгарданд. Ва насазад, ки ҳоҷатмандон аз дари бузургону каримон маҳрум раванд. Бигзор, то туро нашиносанд ва далер шуда, ҳоҷат бихоҳанд. Ба мӯчиби хитоб ҳамаро талабидаю пурсида, ки аз кучо омадаанд. Гуфтанд: «Аз Канъон меоем ва фарзандони ҳазрати Яъқуб (а) пайғамбарем». Гуфт: Падари шумо мезияд?» Гуфтанд: «Бале». Гуфт: «Чӣ кор дорад?» Гуфтанд: «Ба чуз ибодати Худои таъоло коре дигар надорад. Худои таъоло дар ҳаволии Канъон ба рисолат фиристодааст ва пири мунҳанӣ шуда ва нобино гашта». Юсуф (а) гуфт: «Чаро нобино шудааст?» Гуфтанд: «Ӯро писаре буд, Юсуф ном. Бо ӯ бағоят дӯстӣ доштӣ ва аз пеши худ лаҳзае дур нагзоштӣ. Он писарашро гург бихӯрд, бино бар ин дар фироқи ӯ чандон бигрист, ки нобино гашт».

Гуфт: «Монанди шумо писарон дошта, ба сабаби фироқи як писар чаро нобино гашт?» Гуфтанд: «Писаре дигар аз модари Юсуф дорад ва шаш духтар. Валекин ҳеч кадом ба хубии он писар нест. Ва аз ҳамон рӯз рӯ ба девор карда навҳаю зорӣ мекунад ва **Ё асафо ъало Юсуф** мегӯяд. Акнун муддате баромад, ки беруни шаҳр маконе сохта «байтулаҳзон» ном ниҳода, шабу рӯз дар он чо мебошад ва ибодат мекунад ва ба фироқи Юсуф (а) мегиряд ва айш бар мо низ талх шудааст.

Юсуф (а) гуфт: «Магар он писар аз шумо чизе ҳунар зиёда медошт?» Гуфтанд: «Оре, сурату ҷамоли ӯ аз ҳама накӯтар буд ва дониюи хирадмандӣ аз ҳама бештар, ки мадҳи он натавон кард».

Юсуф (а) дар дил гузаронид, ки афв кунаму бинавозам, агарчи бар мо ҷафо кардаанд, аз ин ки рост гӯянд. Пас ғуломони худро бифармуд, ки эшон меҳмону ғарибанд ва ҳаргиз ба-д-пи диёр наёмадаанд, қариби мо ҷои эшон муайян кунанд ва таъаҳҳуд ва таъомҳои назиф ва ҷомаҳои латиф намоянд. Пас рӯзи дигар талаб намуда пурсид, ки ба чӣ кор омадаанд. Гуфтанд, ки ба мулки мо қаҳт расидааст ва шунида шуд, ки ба Миср ғаллот арзон бифурӯшанд, ба харидани он омадаем. Юсуф (а) гуфт: «Бизоъате, ки овардаед, биёред, ки баҳои он намуда, фурӯхта шавад». Дарҳол ҳозир оварданд ва қимати он бизоъатҳо дувист динор муқаррар карданд. Аммо касе набуд, ки бихарад. Юсуф (а) гуфт: «Агарчи бизоъати шумо лоиқи хазинаи мо нест, аммо ба муъовазаи он гандум ба шумо бидиҳем. Қавлуҳу таъоло: **Ё айюҳо-л-Ъазизу массана ва аҳлано-з-зурру ва ҷиъно би бизоъатим-музҷотин фа авфи лано-л-кайла ва тасаддақ ъалайно инналлоха яҷзӣ-л-мутасаддиқин**[а].

Юсуф (а) рӯзе чанд эшонро меҳмонӣ карда, бифармуд, то хар якеро хирворе гандум бидоданд. Боз фармуд, агарчи бизоъати шумо қимати дувист динор нест, боз ҳам ба шумо бахшидам. Ва агар бозоед ва он бародари кӯчакро бо худ биёред, то вайро низ хирворе гандум бидиҳам. Ва ман касе аҳли Мисрро ба ин қадар гандум гоҳе надодаам, ки шуморо бахшидаам. Қавлуҳу таъоло: **Ва ламмо ҷаҳҳазаҳум би ҷаҳозиҳим қола-ътунӣ би ахил-лакум мин абикум ало таравна аннӣ уфӣ-л-кайла ва ано хайру-л-мунзилин**[б].

Яъне: борҳон эшон аз гандум пур карданд. Мукаррар гуфт: «Он бародар, ки пеши падар аст, агар биёред, ман аз шумо хар якеро гандум бидиҳам». Гуфтанд: «Аммо аз падар бихохем ва хоҳиш кунем. Агар дастурӣ диҳад, биёрем. Қавлуҳу таъоло: **Қолу сануровиду ъанҳу абоҳу ва инно ла фоъилун**[в].

Пас ҳасби гуфтаи Юсуф (а) бизоъати эшон, ки дувист динор қимат дошта буд, дар бори Яҳудо пинҳон карданд. Қавлуҳу таъоло: **Ва қола ли фитёниҳи-ҷъалу бизоъатаҳум фи риҳолиҳим лаъаллаҳум яърифунаҳо иза-нқалабу ило аҳлиҳим лаъаллаҳум ярҷиъун**[г].

Ровиёни ахбору ҳокиёни асмор чунин овардаанд, ки чун Юсуф (а) бар эшон марҳамату илтифот фармуд, Яҳудо дар гу-

[а] Қуръон: 12, 88.
[б] Қуръон: 12, 59.
[в] Қуръон: 12, 61.
[г] Қуръон: 12, 62.

мон афтоду гуфт: «Магар ин Юсуф (а) бошад, ки чанлин суханон аз мо мепурсидй ва ҳадиси падари мо кард ва овозаш ба овози Юсуф (а) менамояд. Агар чунин набошад, ағлаб ки касе аз аҳли байти мо хоҳад буд!» Бародарон гуфтанд: «Юсуф (а) аз ин мамлакат кй дод ва ин мартабаю хайлу ҳашам аз кучо овард? Юсуф (а) ҳанӯз аз ҷаҳон нопадид шуда бошад. Агар Юсуф будй, пас ба мо чунин некӯй накардй, балки укубат намудй». Яҳудо гуфт: «Агар Юсуф набудй, чаро Бинёминро талаб кардй? Албатта сухани мо рост хоҳад буд, ки ӯ Юсуф (а) аст». Бародарон инкор карда гуфтанд, ки ин ҳадис бигзор. Пас ичозат хоста, аз шаҳр бадар рафтанд ва рӯй ба Канъон ниҳоданд.

Чун расиданд, Яъкуб (а) шод шуд ва аҳли Канъон ҳама шодй карданд. Яъқуб (а) пурсид, ки ҳақиқати аҳволи мусофирй чист? Пас қиссаи роҳу марҳамати Азиз ба шарҳу баст гузориш намуданд. Боз гуфт, ки аз Юсуф (а)-и ман ҳеч хабаре ёфтед? Гуфтанд: «Ачабо, ачабо Юсуфро гург хӯрдааст ва чанд сол баромадааст, аз ҳоли вай хабаре ба кй пурсем ва кучо ёбем?» Гуфтанд, ки Азиз хоҳиши бародар Бинёмин дорад, ки ӯро бубинад, то гандум ба кайлҳо зиёдат кунад ва гар набарем, хеч надиҳад. Яъқуб (а) ба дили худ мегуфт: «Магар Юсуф (а) аст, агар вай набудй, инчунин сухан напурсидй». Пас гуфт: «Муродаш аз Бинёмин чй будааст?» Гуфтанд: «Дидори мо вайро хуш омадааст. Лочарам гуфта, ки ӯро низ бубинад». Яъқуб (а) гуфт, ки шояд қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо рачаъу ило абиҳим қолу ё абоно муниъа минно-л-кайлу фа арсил маъано ахоно нактал ва инно лаҳу лаҳофизун**[а].

Гуфтанд: «Ё падар, Бинёминро ҳамроҳи мо бифирист, то ба чо оварй фармони Азиз. Гандум зиёда орему замони қаҳт аз он ба фароғат гузорем». Яъқуб (а) гуфт: «Аз шумо чй гуна амин бошам? Тарсам, ки кори вай чун кори Юсуф (а) бикунед ва маро андӯҳ бар андӯҳ бифизояд. Дилам ба фиристодани вай ёрй намедиҳад, валекин Ҳаққ таъоло бехтарин нигоҳдор аст. Қавлуҳу таъоло: **Ва ламмо фатаҳу матоъаҳум вачаду бизоъатаҳум руддат илайҳим**[б].

Яъне: чун бор бикушоданд, бизоъати хешро диданд, гуфтанд: «Ё падар, мо дурӯғ намегӯем, инак бизоъати мо дар миёни ғалла пинҳон карда додааст. Агар ин мартаба Бинёминро бибарем, пас маълум аст, ки Азиз бо мо бисёр некӯй кунад ва розй шавад. Бошад, ки ин мартаба таъоми бештар орем». Яъқуб (а) гуфт, ки Бинёминро бо шумо бифристам, агар бо ман аҳд кунед ва савганди Худо дар миён ored, ки вайро са-

---

а Қуръон: 12, 63.

б Қуръони 12, 65.

ломат ба ман расонед ва бо вай ғадре наяндешед, магар аз қазои Худои таъоло гурез набошад: қавлуҳу таъоло: **Қола лан урсилаҳу маъакум ҳатто туътуни мавсиқам-миналлоҳи латаътуннанӣ биҳи илло ан юҳота бикум.**[6]

Пас аҳд карданд ва савганд хӯрданд. Яъқуб (а) гуфт, ки Худои таъоло ба шумо ва гуфтори шумо ҳофизу гувоҳ аст.

Ва андарин кисса чунин овардаанд, ки чун бизоъат бозёфтанд, Яъқуб (а)-ро яқин шуд, ки Юсуф (а) аст. Ва агар инчунин гумон набурдӣ, Бинёминро ба эшон кай фиристодӣ. Он гоҳ, ки ғалла оварда буданд, ҳама ба аҳлу хешон дод ва нисф ба халки Шом. Пас ба фарзандон васият мекард, ки ҷумла бе кибор ба дарвозаи Миср наравед, мабодо касе бо чашми бад нигарад ва бизоъате, ки дар бори шутур ёфтаед, бозбибаред, мабодо, ки ба ғалат дар бори шутур афтода бошад ва шуморо нигоҳ доштани он ҳалол набошад. Пас гуфт: «Шуморо ба Худо супурда, таваккул ба Азза ва Ҷалла кардам». Ва зор-зор бигрист ва аҳли Канъон ҳама бигристанд.

Чун Юсуф (а) чашм дар роҳ дошта, рӯз ба рӯз мешумурд, ки Бинёмин кай расад. Филҷумла эшон баъди катъи масофат ба Миср расиданд ва хабар ба Юсуф (а) бурданд, ки ёздаҳ тан аз канъониён расиданд. Юсуф (а) шод шуд, донист, ки ёздаҳум Бинёмин хоҳад буд. Ва эшон ба мӯчиби ишорат падар ба дарвозаи Миср рафтанд. Қавлуҳу таъоло: **Ва ламмо дахалу мин ҳайсу амараҳум абуҳум**[a].

Ва ҳама дар сарой ҷамъ шуданд ва сарҳангон хамаро бо либоси роҳ пеши Юсуф (а) бурданд. Эшон салом карданд ва дасторе, ки Яъқуб (а)-ро аз мероси Иброҳими Халилуллоҳ (а) расида буд, барои хадияи Азиз ба писарон дода ва бизоъате, ки дар бор пинҳон карда буданд, ҳама пеши Юсуф (а) ниҳоданд. Юсуф (а) чун дастори падар бидид, хушдил шуд, зеро ки медонист, ки ба хар кас он дастор расад, пайғамбар гардад. Пас гуфт: «Бизоъати шумо ҳоҷат нест, нафақаи шумо хохад буд». Ва донист ин бизоъатро падари мо бозфиристода.

Он гоҳ таъомҳои лазиз дар хон биёростанд ва бародароне, ки аз як модар буданд, дар як хон нишастанд ва Бинёмин танхо нишаста, зор-зор мегирист. Юсуф (а) гуфт: «Сабаби гиряи ту чист?» Гуфт: «Маро ҳам бародари хақиқӣ буд. Гӯянд, ки вайро гург хӯрд ва агар вай будӣ, ман танҳо набудаме». Юсуф (а) бо бародарон гуфт, ки Бинёминро иҷозат диҳед бо ман таъом хӯрад. Гуфтанд, ки инчунин илтифот фармоӣ, моро фахре азиму иззати фахим аст.

Юсуф (а) аз барои таъзим дар миёни мардум таъом на-

---

[6] Қуръон: 12, 66.

[a] Қуръон: 12, 68.

хӯрд. Фармуд, то Бинёминро ба хилватсароӣи хосс бурданд. Чун барои хӯрдани таъом нишаст, Бинёминро пеши худ нишонда, никоб аз рӯи муборак барандохт. Бинёмин сурат ва хусни бародари худ дида, бехуш шуда бияфтод. Гулоб бар сари вай афшонданд, то ба ҳуш омад. Юсуф (а) тазарруъ карду гуфт: «Туро чӣ расид, магар иллати саръ дорӣ?» Бинёмин гуфт: «Мо пайғамбарзодаем. Моро саръ набошад, валекин туро дида, аз худ рафтам, ки мисли бародарам моҳ менамоӣ». Юсуф (а) гуфт: «Ё Бинёмин, ғам махӯр, ки ман ҳамон бародари гумшудаи туам». Чун ин сухан бишнид, боз бехуш гашт. Чун ба ҳуш омад, Юсуф (а) аз ҳоли падар пурсид, ки чи гуна аст. Гуфт: «Аз фироки ту дар байтулаҳзон нишаста ва нобино шуда ва зиндагонӣ ба талху ранҷ мегузарад».

Юсуф (а) тазарруъу зорӣи бисёр карда, бехуш гашт. Чун ба ҳуш омад, Бинёминро гуфт, ки таъом бихӯру киссаи мо бишнав, ки бародарон бо ман чӣ карданд: ба чоҳ андохтанд ва бисёр ранҷҳо, ки кашидам ва сахтиҳо, ки дидам. Эзид таъоло муъовазаи он ғаму миҳнат бар ман чунон некӯӣ кард, ки фармонравоии мамлакате дод. Акнун ту ин ҳадисро аз бародарон пинҳон дор, то ки ман ҳилате созам, бошад, ки туро аз эшон ҷудо созам. Пеши худ дорам, бояд ки ғамгин нашавӣ.

Он гоҳ Бинёмин таъом хӯрда берун омад: Қавлуҳу таъоло: **Ва ламмо дахалу ъало Юсуфа аво илайҳи ахоҳу қола иннӣ ано ахука фа ло табтаис бимо кону яъмалун. Фа ламмо ҷаҳҳазаҳум биҷаҳозиҳим ҷаъала-с-сиқоята фӣ раҳли ахиҳи**[а].

Пас эшонро се рӯз меҳмонӣ карданд ва бор бар шутур аз гандум пур карда, ҳар бародарро як шутур гандум бидод. Ва машрабаи Малик, ки мукаллал аз ҷавоҳир буд, Каёнӣ — ғуломеро фармуд, ки он машрабаи бебаҳоро дар бори Бинёмин пинҳон кун. Каёнӣ ҳамчунин кард. Чун борҳо бардоштанд ва як манзил роҳ рафтанд, Юсуф (а) хочиберо бо саворе чанд дар паи эшон давонид, ки тафаҳҳус дар борҳои эшон намоед. Чун саворон расиданд, бонг бар корвон заданд ва гуфтанд: «Шумо дуздидед!» Қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо ҷаҳҳазаҳум биҷаҳозиҳим ҷаъала-с-сиқоята фӣ раҳли ахиҳи сумма аззана муаззинун аййатуҳо-л-ъиру иннакум ласорикун.**[б]

Корвониён гуфтанд: «Чӣ дуздидаем?» Қавлуҳу таъоло: **Қолу ва ақбалу ъалайҳим мозо тафқидун. Қолу нафқиду суввоъа-л-малики ва лиман ҷоа биҳи ҳимлу баъирин ва ано биҳи заъим.**[в]

Ҳочиб гуфт: «Мо мишрабаи малик намеёбем. Ҳар кӣ нишон диҳад ва ё боздиҳад, мар ӯро як шутур бор гандум диҳем!» Ба-

---

[а] Қуръон: 12, 69—70.
[б] Қуръон: 12, 70.
[в] Қуръон: 12, 71—72.

родарони Юсуф (а) гуфтанд, ки мо аҳли ин кор нестем. Ва Худой, ки дар Миср барои дуздӣ наёмада будем. Қавлуҳу таъоло: **Қолу таллоҳи лақад ъалимтум-мо ҷиъно линуфсида фӣл-арзи ва мо кунно сориқин.**[а]

Пас ҳочиб гуфт: «Андаруни борҳои шумо биталабам. Агар мишраба бошад, ҷазои он чӣ бувад? Гуфтанд: «Ҳукми шаръи мо он аст, ҳар ки дузд барояд, бандаи соҳиби коло бошад. Қавлуҳу таъоло: **Қолу фамо ҷазоуҳу ин кунтум козибин. Қолу ҷазоуҳу ман вуҷида фӣ раҳлиҳи фа ҳува ҷазоуҳу казолика наҷзи-з-золимин.**[б]

Он гоҳ борҳои эшон бичустанд, колои масруқа андар бори Бинёмин ёфтанд. Қавлуҳу таъоло: **Фа бадаа би авъиятиҳим қабла виъои ахиҳи.**[в]

Чун мишраба дар бори Бинёмин баромад, бигрифтанд ва назди Юсуф (а) оварданд. Агарчи бародарон чандон қувват доштанд, ки Бинёминро нагузоранд, аммо чун мишраба баромад, ҳеҷ натавонистанд. Пас ба иттифоқи якдигар гуфтанд, ки ҳилаг ҳамин аст, ки пеши Азиз рафта ба ивази Бинёмин як бародар бидиҳем ва Бинёминро пеши падар барем ва илло на, падар якин хоҳад донист, ки воқеъаи Юсуф (а) бар Бинёмин рафт. Ва ҳаргиз сухани моро рост нахоҳад донист. Боз ҳамрохи ҳиҷоб ба даргоҳи Юсуф (а) омаданд ва гуфтанд, ки моро некӯ доштӣ ва бинавохтӣ. Акнун тамаъ дорем, ки ин бародарро ба мо боздиҳӣ, ки аз фазли омми ту дур нахоҳад буд.

Юсуф (а) гуфт: «Ҳукми шаръи шумо ҳаст: хар кӣ ба дуздӣ гирифта шавад, бандаи соҳиби коло бувад. Ва шумо худро пайғамбарзодаҳо ва некмард мегӯёнед, кай раво бошад, ки бародари шумо дуздӣ кунад?» Гуфтанд, ки агар вай дуздӣ кард, ачаб нест, ки бародараш ҳам дуздӣ карда буд.

Дар қисса омадааст, ки агар эшон номи дуздӣ намегирифтандӣ, Бинёминро бозёфтандӣ. Юсуф (а)-ро аз ин сухан азбаски ғам расида, ба андӯҳу малол печида, бо худ гуфт, ки ачаб аст аз инҳо чандин ҷафою ситам бар ман карда, баъидулватан сохта ва боз ба дуздӣ мансуб мекунанд.

Пас бародарон гуфтанд: «Ё Азиз, падари мо пиру нобино аст. Ба муфоракати ӯ ҳалок хоҳад шуд. Якеро аз мо ба ивази ӯ бигир, то зинда бошад, бандагии ту кунад. Ва мо аз вай қавитарем ва хидмати шоиста метавонем кард: **Қола ё айюҳо-л-ъазизу инна лаҳу абан шайхан кабиран фахуз аҳадано маконаҳу**[г].

Юсуф (а) гуфт: **Маъозаллоҳи**[д].

[а] Қуръон: 12, 73.
[б] Қуръон: 12, 74—75.
[в] Қуръон: 12, 76.
[г] Қуръон: 12, 78.
[д] Қуръон: 12, 79.

Ки ман бегуноҳро ба бандагӣ гирам. Оиро хохам гирифт, ки колои мо пеши ӯ баромада бошад. Агар ба гуфтаи шумо иваз кунам, аз ҷумлаи ситамгарон бошам ва ман золим нестам. Нуктаи ишорат андар ин он аст, ки Юсуф (а) гуфт: «Ҷуз ӯро нахоҳам, ки колои худ пеши он ёфтам. Ҳамчунин рӯзи Қиёмат ҳар кас ба Ҳазрати Иззат арзи магфирати хеш хоҳад кард. Ҳаққ таъоло гӯяд, ки дар ҳар банда, ки тавҳиди хеш ёбам, бипазирам».

Алқисса, эшон харчанд ки кӯшиданд ва ҷаҳд карданд, суде надошт. Ноумед шуда бозгаштанд ва ба дарвозаи Миср расиданд ва мегуфтанд, ки моро на рӯи рафтан аст, ва на ҷои нишастан аст, магар сар дар ҷаҳон биниҳем ва ҳар яке ба гӯшае берун биравем. Зеро ки Бинёминро гузошта, ба хеҷ вачҳ пеши падар натавонем рафт. Қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо-стайъасу минҳу халасу наҷийян.**[*]

Боз гуфтанд: Падари мо дасти аҳд гирифта ва савганд муаккад кардааст, то ӯро набарем, ҳаргиз аз ин ҷо наравем. Ва дар ривоят омадааст, ки онҳо қарор доданд, ки агар ба хушӣ боздиҳад, беҳтар ва илло на, ба зӯр аз Азиз бозгирем, ки Эзид таъоло инчунин зӯр ато фармуда, ки ҳар яке ҷанги кишваре тавонем кард. Пас дар ин қазия ҳиросате кунем. Яҳудо гуфт: «Ман танҳо ҳамаро бикушам ва аз лашкари Миср ҳеҷ фикре надорам». Пас тадбири ҳарб карданд ва гуфтанд: «Ҳар яке аз дарвоза дароем ва бонг бар мисриён занем».

Чун Юсуф (а) аҳволи қуввати эшон медонист, бинобар он ки ҷосусе, ки хуфия дар паи эшон равон карда буд, арз намуд, ки онҳо дар ҳарб шуданд. Ба истимоъи ин маънӣ Юсуф (а) чиҳил ҳазор марди силоҳпӯш тайёр карда ва ҳаман аҳли Мисрро фармуд, ки силоҳпӯш бошанд. Ин хабар ба Малик Райён расид, гуфт: «Чӣ афтода ба аҳли Миср?» Гуфтанд, ки канъониён соъ дуздида буданд, индат таҳқиқ дар бори шутури онҳо баромада. Акнун ба мо ҳарб бархостанд. Гуфт: «Ман низ биёям ё лашкар ба мадад бифиристам». Юсуф (а) гуфт: «Ман кофиам, ту дил фориғ дор!»

Пас дигар рӯз ҳар бародаре ба дарвоза даромаданд. Яҳудо бонг бизад, чиҳил ҳазор тан аз аҳли Миср беҳуш шуданд ва Шамъун аз роҳи дигар дарвоза баромад, ҳам бар ин мисл наъра барзад. Чун халқ ончунон диданд, ҳама ҳазимат хӯрда рафтанд. Юсуф (а) дар миёни чиҳил ҳазор савор истода буд. Чун расиданд, ҳама саворон бар якдигар афтоданд ва бародари бузург як санг бар кӯшке зад, ҳама дарҳам шуд, бишикаст. Чун Юсуф (а) донист, ки мисриён тоқати муқовамат надоранд, дас-

---

* Қуръон: 12, 80.

тори Иброҳим (а) берун овард. Ҳама эшон сусту камузр шуданд, то Юсуф (а) хамла оварда, хамаро бигирифт ва шод гашт. Пас Малик сифати мардонагии Юсуф (а) мекард ва аҳли мисриён рамиданд.

Юсуф (а) гуфт: «Шумо надонистед, ки ин чо ҳам мардонанд?» Ҷавоб доданд, ки ҳукми Худои ҷалла ҷалолуҳу аст, вагарна ҳеҷ кас аз лашкариёни Миср марди майдон нестанд. Юсуф (а) касонро фиристода, борҳои эшон бозоварда ва халқ чунон донист, ки эшонро укубат хоҳад кард. Эшон ба якдигар гуфтанд, ки ин Азиз аз аҳли байти мо аст ё аз муъчизаи падарони мо чизе дорад. Яҳудо гуфт: «Суханони ман рост хохад буд, ки ин Юсуф (а) аст». Гуфтанд: «Ин сухан набояд гуфт, зеро кп агар Юсуф (а) будй, бо мо эҳсон намекардй, балки чун моро ба даст овардй, дарҳол бикуштй».

Пас Юсуф (а) эшонро се рӯз ба зиндон дошт, то халқ биёромид. Он гоҳ эшонро бихонду гуфт: «Агарчи муроди малики ман он аст, ки шуморо ҳалок кунад, лекин маро бар шумо раҳм омад, ки шумо мардуми неку боқувватед ва ман мардумони мардро дӯст медорам. Акнун шуморо афв кардам ва озод гардонидам. Ҳар чо ки донед, биравед». Яҳудо гуфт: «Эй бародарон, шумо назди падар биравед ва ман ин чо бошам ва ҳоли киссаи ин чо бигӯед, то чи фармояд. Қавлуҳу таъоло: **Рчиъу ило абикум фа кулу ё абоно инна-бнака сарака**[а].

Пас ба Канъон омаданд. Яъқуб (а) тангдил шуда, касеро бар сари роҳ нишонда буд, ки хабарашон биёрад. Он кас омаду хабар дод, ки фарзандони ту омаданд, валекин аз нӯҳ кас беш нест ва низ борҳо надоранд. Яъқуб (а) андӯҳгин шуда, бисёр зорй кард, ки фарзандон расиданд, хабари Бинёмин ва сеъ гуфтанд. Ва тамоми аҳвол шарҳ карданд ва гуфтанд, ки аз кору инон пурсед, мо бегуноҳем. Қавлуҳу таъоло: **Васъали-л-қарята-л-латй кунно фиҳо ва-л-ъира-л-латй акбално фиҳо ва инно ласодикун**[б].

Яъқуб (а) гуфт: «На ҳамчунин аст, ки шумо мегӯед, аммо ин корест, ки дар миёни худ сохтаед ва ман чуз сабр ҳеҷ нагӯям». Қавлуҳу таъоло: **Қола бал саввалат лакум анфусукум амран фа сабрун ҷамилун ъасоллоҳу ан яътияни биҳим ҷамиъан иннаҳу ҳува-л-ъалиму-л-ҳаким**[в].

Худои таъоло ҳамаро гирд овард, ки ӯ доною ҳаким аст, то баёни харбу ҳоли Азиз ва мардонагии вай сифат карданд. Яъқуб (а) донист, ки Юсуф (а) аст. Умедаш қавитар гашт. Пас рӯй аз эшон бигардониду гуфт: «Вой бар андӯҳи ман». Пас чашм

[а] Қуръон: 12, 81.
[б] Қуръон: 12, 82.
[в] Қуръон: 12, 83.

барҳам ниҳоду макшуф гашт. Пеш аз он агарчи нобино буд, валекин хабари Юсуф (а) ба ҳоли кашф ёфта, чашми муборак боздошт, ки Юсуфро бубинад. Қавлуҳу таъоло: **Ва тавалло ъанҳум ва қола ё асафо ъало Юсуфа ва-бяззат ъайноҳу мина-л-ҳузни фа ҳува казим.**[а]

Чун фарзандон диданд, ки чашмҳо бар ҳам гирифт ва пушт дуто гашту заъфу сустӣ зиёда шуд, зор-зор бигристанд ва гуфтанд: «Юсуфро то ба кай ёд бикунӣ? Метарсам, ки дар ин ғам бимирӣ ё девона шавӣ». Қавлуҳу таъоло: **Қола иннамо ашку бассӣ ва ҳузнӣ илаллоҳи ва аъламу миналлоҳи мо ло таъламун.**[б]

Яъқуб (а) гуфт: «Сабаби хурӯшу нолаи ман ва гиристан ва ҷазаъ кардан ба Худои таъоло чист, шумо намедонед, ки аз раҳмати Вай он чи медонам шумо аз он огоҳ нестед». Чун он вақт хабари Бинёмин расид, оҳе бикарду чашм бар ҳам ниҳод ва пушт чун камон дуто гашт, сустӣ ба узве омад. Ҷабраил (а) гуфт: «Ё Яъқуб, агар ба Худои таъоло нолӣ зуд раҳмат ёбӣ, агар ҷуз вай ба касе дигар нолӣ, суд надорад». Чун аз Ҷабраил (а) инчунин бишнид, он пайғамбари комилулақл буд, умедаш бифузуд, ки Юсуф (а)-ро бозёбад. Аз баҳри он ба фарзандон гуфта буд, ки ман аз Худои таъоло он донам, ки шумо надонед. Қавлуҳу таъоло: **Ва аъламу миналлоҳи мо ло таъламун**[в].

Он гоҳ фарзандонро гуфт: «Бираведу!» Қавлуҳу таъоло: **Ё банийя-зҳабу фа таҳассасу мин Юсуфа ва ахиҳи ва ло тайъасу мир-равҳиллоҳи иннаҳу ло яйъасу мир-равҳиллоҳи илло-л-қавму-л-кофирун**[г].

Дар ин қисса чунин омадааст, ки Яъқуб (а) нопраи фироқи Юсуф (а) бисту панҷ сол месӯхт ва ғайр аз фикри ӯ чизе наяндӯхт. Қавлуҳу таъоло: **Илло ан яшоаллоҳу**[д].

Ҳар гоҳ, ки гуруснаю ташна гаштӣ, зикри Юсуф (а) кардӣ ва рӯзу шаб ғайри Юсуф (а) ҳеҷ нагуфтӣ, то рӯзе Ҷабраил (а) биёмаду гуфт: «Ҳаққ таъоло туро салом мерасонад ва мегӯяд, ки агар беш аз ин Юсуфро ёд кунӣ, то ба вай нарасӣ, номат аз девони пайғамбарон пок кунанд». Пас Яъқуб (а) номи Юсуф (а) ба забон наёварду, то ба Юсуф (а) расид.

Нукта: Агар пурсанд: «Чӣ ҳикмат буд, ки Юсуф (а) касонро фиристода, бародаронро дузд гирифт, ҷавоб он аст, ки бародарон низ ӯро хонда буданд. Қавлуҳу таъоло: **Қолу ин ясриқ фа қад сарақа ахул-лаҳу мин қаблу**[е].

Агар пурсанд, ки Бинёмин бародари азизи вай буда ва ҳеҷ

[а] Қуръон: 12, 84.
[б] Қуръон: 12, 86.
[в] Қуръон: 12, 86.
[г] Қуръон: 12, 87.
[д] Қуръон: 12, 76.
[е] Қуръон: 12, 77.

чафо бар вай накарда, чаро номи дуздӣ бар ӯ ниҳод? Н у к т а: Юсуф (а) номи дуздӣ ба бародари ҳақиқӣ ба ин маъно ниҳод, ки дӯсти азиз буд. Агар номи бадӣ ба мачоз ба дӯсти худ нихода, ҳақиқат бародар бимонад. Баъд аз ин зоҳир шуд ӯ бегуноҳ аст ва ҳеч зиёне ба бародарон расида.

Ҳ и к о я т: Яъқуб (а) чун писаронро рухсат кард, гуфт: «Аз Азиз бародарро талаб кунед ва аз раҳмати Худои таъоло ноумед мабошед, ки ҳеч кас аз карами Вай ноумед набошад, магар кофирон». Писарон гуфтанд: «Биравем, валекин ту нома ба сӯи Азиз бинавис, то вай марди накӯкор асту карим». Пас Яъқуб (а) ба нома навиштан фармуд: **Алҳамду лиллоҳи ано Яъқуб Исроилуллоҳи-бни Исҳоқ Сафиуллоҳ ахи Исмоъил Забиҳуллоҳи-бни Иброҳим Халилуллоҳ актубу ило Ъазизи-р-Райён. Аммо баъд фа инна аҳла-л-байти фӣ-л-арзи мавлиъун би-л-балои аммо чаддӣ Иброҳим фа-бталоҳу-ллоҳи таъоло би-н-нори фа анчоҳу ва аммо ъаммӣ Исмоъил фа-бталоҳу би-з-забҳи ва аммо ано фа кона лӣ қурратуъайнӣ мин чамиъи-л-авлоди вабталонӣ фӣ муфорақатиҳи ҳатто ъумийту ва кона лаҳу ахун ва ҳува маҳбусун би Шомати ъиндака би ъиллати-с-сирқати фаълам ин такуна сориқан ло ибнӣ фа ин фазилта би раддиҳи фа лака ачрун ва-с-савобу ъинда явми-л-ҳисоб.**

Пас ин нома аз падар гирифта, видоъ шуда, ба Миср рафтанд ва номаи Яъқуб (а) ба Юсуф (а) доданд. Чун номаи падар Юсуф (а) бихонд, ба зер, ба руқъа зор-зор бигрист. Ва дархол чавоб бинавишту хуфия фиристод, ки: **Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Китобука васала илайя ва шаррафно биҳи миммо васафта мин ҳузни обоика ва-л-ибтилоҳу би фироқи авлодиҳи ва фаҳимно ъалайҳи ва ъалайка би-с-сабри-л-чамили фа инна ман сабара зафара камо сабару обоика ва зафару.**

Чун нома ба Яъқуб (а) расид гуфт: «Юсуф (а)-ро талаб кунед, ки ман асари Юсуф (а) меёбам». Гуфтанд: «Чӣ гуна меёбӣ?» Гуфт: «Ин чавоби нома сухани дигарон нест, балки сухани пайғамбарон аст». Яъқуб (а) боз нома навишта ҳаволаи қосид намуд. Мазмунаш ин буд, ки фарзандон биравед, назди Азиз бизоред ва тавозуъ кунед, магар фазл кунад ва фарзандони маро боздиҳад, борҳо низ иноят кунад. Қаҳт, гуруснагӣ ба чон расида ва кор душвор шуда ва ҳалқ аз гуруснагӣ ҳалок мешаванд.

Чун нома он чо расид, Яҳудо ҳама бародаронро чамъ карду пеши Юсуф (а) омад ва тазарруъу зорӣ намуду гуфт: «Ё Азиз, ин чо ғариб мондаем. Падарам он чо миҳнат мекашад ва он бизоъатхо, ки оварда будем, бипазирад. Ба-д-он миқдор борҳои гандум бидеҳ ва бародари моро ба садақаи худ бахш ва ҳамаи вилоят бандаи туст, аз бандагии вай чӣ ояд». К а в л у ҳ у т а ъ-

о л о: **Қолу ё айюҳо-л-Ъазизу инна лаҳу абан шайхан кабиран фа хуз аҳадано маконаҳу инно нарока мина-л-муҳсинин**[а].

Чун Бинёминро ҷомаҳои некӯ пӯшониданд ва камарбанди зарин бар миён баставу марворид барандохта, ходимону ғуломон ба хидмат дода ва сарои ҷудогонаро сохта буд ва ҳар рӯз ҳамроҳи худ дар сайргоҳ ба тамошо мебурд ва пайваста ҳадиси падар мекард. Ва Бинёмин хабари Юсуф (а) пеши падар бурдан шитобе медошт ва мегуфт: «Ин вақт подшоҳон хабар кун!» Бино бар ин ба дил гузаронид, ки вақти ошноӣ омад. Ва бародарон низ Бинёминро диданд, ки ҷомаҳои некӯ пӯшида, баробари тахти Юсуф (а) бар курсӣ нишаста, бо якдигар гуфтанд, ки ин Азиз шояд Юсуф (а) аст. Зеро ки инчунин меҳрубонӣ ҷуз бародар набошад. Аммо агар моро уқубат кунад. Бинёминро бигӯем, то моро шафоъат кунад.

Чун Юсуф (а) дид, ки дар андеша афтоданд ва метарсиданд, гуфт: «Шумо худ донед, ки бо Юсуф (а) чӣ кардед». К а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Қола ҳал ъалимтум-мо фаъалтум би Юсуфа ва ахиҳи из антум ҷоҳилун**[б].

Бародарон гуфтанд, ки ту Юсуфӣ? Гуфт: «Бале, ман Юсуфам ва ин бародари ман аст ва Худои таъоло бар ман миннат ниҳодааст ва назди Худои таъоло музди накӯкорон зоеъ нагардад». К а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Инналлоҳа ло юзиъу ачра-л-муҳсинин**[а].

Бародарон ҳадис аз Юсуф (а) шунида, ҳама якбора даръафтоданд ва зорӣ мекарданд ва гуфтанд: «Худои таъоло туро баргузида ва фазл кард. Акнун мо бо гуноҳони худ муқиррем ва тавба кардем. Агар уқубат фармоӣ, сазоворем ва агар афв кунӣ ва бахшӣ аз гуноҳони мозӣ ба карам даргузарӣ, лоиқи онӣ». Пас Юсуф (а) гуфт: **Ло тасрӣба ъалайкуму-л-явма яғфируллоҳу лакум**[б].

Андар ин қисса омадааст, ки ҳар кӣ тавозӯъ кунад, афв ёбад, бар ин далел, ки бародаронро Юсуф (а) ба мулоҳазаи тавозӯъ афв намуд. Ҳамчунин дар рӯзи Қиёмат муъминон зориву тазаруъ кунанд, ки Худоё, қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва ин кунно лахотиин**[в].

Ва моро дар Дунё миҳнат буду дар гӯр резидану саволи Мункару Накир ва андар Қиёмат чандин аҳвол ва фазаъ шавад ва чизе аз тоъат надорем, магар умеди қавӣ ва гуноҳи бисёр дорем. Чи бошад, ки ба фазлу карами худ бечорагони муфлисро биёмурзӣ ва гуноҳи мо афв фармоӣ ва аз оташи Дӯзах озод гардонӣ ва ба Биҳишти анбарсиришт ҷо диҳӣ.

[а] Қуръон: 12, 78.
[б] Қуръон: 12, 89.
[а] Қуръон: 12, 90.
[б] Қуръон: 12, 92.
[в] Қуръон: 12, 91.

Он гоҳ Худои таъоло фармояд, ки шумо худ донед, ки аз маъсияту гуноҳон чӣ кор кардаед. Гӯянд: «Ё Бори Худо, агар афв кунӣ, иноятӣ ту ҳазор дараҷа бар гуноҳ афзун аст». Пас Худои таъоло гӯяд: **Ано раббукуму-л-ҷамилу,** мо некӯ некӯӣ бо шумо кардем, ва ҳидояту маърифату тавҳид додем. Ва Расули ман шариъат бар шумо зоҳир кард, шумо нофармонӣ кардед. Акнун ба подоши он беҳурматӣ ва ранҷҳои фаровон қашед. Пас муъминон гӯянд: «Ту донӣ, мо ба гуноҳони хеш муътариф шудем ва ба раҳмати ту умед дорем. Гуфт, кавлуҳу таъоло: **Яғфируллоҳу лакум.**[2]

Қисса чунон аст, ки Худои аззаву ҷалл ба махлуқ, гӯяд, ки сифати бародарони Юсуф (а) бинед, ки ба забони хеш муътариф ба қусур шуданд. Он гоҳ Юсуф (а) аз сари гуноҳони эшон даргузашт ва афв кард. Ё муъминон, шумо низ гуноҳони хеш мукирру муътариф шудед. Пас ба фазлу карами ман кай сазад, ки шуморо уқубат кунем. Албатта омурзидем ва афв кардем.

Он гоҳ Юсуф (а) ба бародарон гуфт: «Ман шуморо маломату сарзаниш накунам ва аз Худой умеде дорам, ки бар шумо раҳмат оварад. Ғам мадоред, ки ӯ кариму раҳим аст. Чунон ки ман гуноҳони шумо бахшидаам, Худои таъоло низ афв кунад. Алҳол дидори падар намоед, то некӯй муъовазаи он бадӣ бошад ва ҳоли падар сӯхтаву нобино ба чи сабаб гашта?»

Ҷавоб доданд, ки пироҳани ту ба рӯи худ ниҳода мегирист ва нобино шуд. Юсуф (а) гуфт, ки дармони вай ҳам аз пироҳани ман аст. Қавлуҳу таъоло: **Изҳабу би камисӣ ҳаза фа алқуҳу ъало ваҷҳи абӣ яъти басиран ва-ътунӣ би аҳликум аҷмаъин.**[a]

Гуфт: «Ин пироҳан бибаред ва бар рӯи падар афганед, то ба фазли Худои таъоло бино гардад. Он гаҳ ҷумла аҳли байтро биёред». Ва бифармуд, то хон биёростанд ва бо ҳам таъом хӯрданд ва ҷомаҳои қимате ва хилъатҳои некӯ бахшиду гуфт: «Кист, ки аз ин ҷо зудтар хабари мо пеши падари бузургвор барад, магар ӯро ҷазаъ чизе камтар кунад?»

Ва аз бародарони эшон яке бародар, ки номи ӯ Жожпик буд, ҳар рӯз панҷоҳ фарсанг мерафт. Юсуф (а) фармуд, ки бирав ва мужда пеши падар бибар. Пас Юсуф *алайҳиссалом* пироҳанеро, ки аз он оташ ба Иброҳим (а) гулзор шуда буд ва Ҷабраил (а) аз Биҳишт оварда ва он рӯз, ки Юсуф (а)-ро дар чоҳ андохтанд, ҳамон пироҳан дар бозӯи ӯ буд, аз худ ҷудо кард, ба Яҳудо доду гуфт, ки бирав, ин пироҳан ба рӯи падар афган, то ба фазли Худо бино шавад. Ва ҳар гоҳ аз дарвозаи

---

[2] Қуръон: 12, 92.

[a] Қуръон: 12, 93.

Миср берун равӣ, он пироҳан ба мухозии ҳаво бидорӣ, то бӯи пироҳан ба падарам расад. Яҳудо ҳамон кард. Боди сабо дар ин соъат бӯи пироҳани Юсуф (а) ба Яъқуб (а) расонид ва он замон наздики духтарон нишаста буд. Гуфт: «Ман бӯи пироҳани Юсуфи гумшудаи худ ҳамеёбам ва шумо ҳарфи маро ҳарфи девона пиндоред: **Иннӣ ла аҷиду риҳа Юсуфа лав ло ан туфаннидун.**[б]

Гуфтанд: «Ҳанӯз дар дӯстии Юсуф (а) мутаҳаййирӣ?» Чунончи Худои таъоло аз эшон хабар дод: **Қолу таллоҳи иннака лафӣ залолика-л-қадими.**[в] Чун соате баромад, Жожпик даррасид ва овоз дод, ки башорат бод аз Юсуф ва мамлакати ӯ ва аз Бинёмин ва ихвати хеш. Яъқуб (а) бархост ва Жожпикро дар канор гирифт ва гуфт: «Ҳол чист?» Гуфт: Юсуф (а)-ро дар Миср ёфтам, ки подшоҳ аст. Бинёмин ва ҳама бародарон пеши ваянд. Некӯ доштааст. Яъқуб (а) духтаронро гуфт: **А лам акул лакум иннӣ аъламу миналлоҳи мо ло таъламун.**[г] Нагуфтам шуморо, ки бӯи пироҳани Юсуф меояд. Жожпик гуфт: «Эй падар, инак Яҳудо мерасаду пироҳани Юсуф меорад, то ту бар чашми худ молӣ ва бино гардӣ. Ва низ фармудааст, ки аҳли байтро низ бигирем ва ба Миср барем». Яъқуб (а) гуфт: «Некуст, валекин он мужда надодӣ». Гуфт: «Қадом?» Гуфт: «Юсуф (а) бар чи дин аст? Агар аз дини ман баргашта бошад, ӯро нахоҳам. Ин ғам аз он буд, ки мабодо аз дину падарони ман баргашта бошад». Жожпик гуфт: «Бар дини ту ва падарони ту муқим аст». Яъқуб (а) дар саҷда афтод, ҳазор бор гуфт: «Ё Ҳофиз, ё Қодир, ё Рауф, ё Раҳим».

Ва шодӣ дар Қанъон афтод. Ҳама халқ биёмаданду шодӣ карданд. Яҳудо низ расид, расид ва пироҳани Юсуф (а) бар рӯй афганд. Яъқуб (а) бино шуд ва чашмаш рӯшан гашт.

Дар қисса омадааст, ки Яъқуб (а) бӯи пироҳан ёфт ва дигарон наёфтанд. Чи ҳикмат буд, зеро ки ӯ дӯсти хосс буд ва дӯст ҳар чизе ки бошад, бӯи он ёбад. Худои таъоло фармояд, ки ё муъмин, андар ҳама олам ҳеҷ наёфаридам, ки шуморо аз он чизе бӯи ягонагии ман наёяд.

Нукта. Чунин гӯянд, ки чун Яъқуб (а) дӯст буд, пироҳан аз он дарёфт. Ҳамчунин бандаи муъмин низ дӯсти Худои таъолост. Чун бар дари марг расид, бӯи дӯст биёяд ва роҳат бинад. **Фа равҳу ва райҳону ва ҷаннату лағимин.**

Ва дар қисса омадааст, ки чун талхии ҷон кандан кашад, Худои таъоло гӯяд, ки он дӯсти ман аст ва ҳар гоҳ ҷонаш ба ҳалқум расад, башорат диҳанд, то роҳат ба вай расад, то муъ-

---

б Қуръон: 12, 94.
в Қуръон: 12, 95.
г Қуръон: 12, 96.

мин аз он талхӣ халосӣ ёбад. Ва мефармояд, ки эй муъмин ба сабаби маъсияти ғафлат роҳи амру наҳйам надида. Аммо нолону гирён ба дари марг расӣ, пироҳани мағфират ба ту бифиристам, то бар чашми тоъати худ ниҳӣ, дарсоъат бино шавӣ ва ҷои хеш дар Биҳишт бингарӣ.

Алқисса, Юсуф (а) баъд аз рухсати Жожпик се рӯзи дигар бори бародарон бисохт ва аспони некӯ ва ғуломони бисёр ва хазор шутур бори гандум ва дигар чизҳои хӯрданӣ ва аз анвоъи ҷомаҳои пӯшиданӣ ҳар якеро алоҳида-алоҳида дод. Ва барои аҳлу хеш хадия ба Канъон фиристод, то ҷумла ахли Канъонро аз он наспбе бирасид, ки шукронаи бозёфтани падар буд.

Гӯянд: Чиҳил шутур пур аз симу ҷомаҳои нафиси ҷудогона ба амориҳо ато фармуд. Ва як аморӣ мукаллал ба ҷавоҳир барои ахл ва хочибе ҳамроҳ карда бифиристод. Баъд аз чанд рӯз ба Канъон расиданд ва чанде таваққуф карда, аҳли байтро ба Канъон гирифтанд ва ҳаволии Миср даромаданд. Чун Малик Райён ин хабар бишнид, шод гашту гуфт, ки адои шукри ин ки аҳли байти худ ёфтӣ вочиб аст ва чандон мол, ки ҳадия ба ҷамоъат мавоҳиб кардӣ, маро хуш омад ва чандон ки мол мехоҳӣ, аз хазина бардор ва ба шукронаи он мӯхточонро бидеҳ. Пас аз худ ҳам хадияи хосс ба Яъқуб (а) фиристод. Пас Юсуф (а)-ро бифармуд, то ҳама Мисрро ба дебоҳои ҳарир биёростанд ва кӯшкҳои ҷудогона дарсохтанд.

Юсуф (а) маъа ҳочибони боҳушу лашкариёни дебопӯш чира бар сар дошта ду манзил аз Миср берун омад. Чун Яъқуб (а) ба аҳли байт ба Канъон наздиктар омад, хар ҳочиберо, ки медидӣ, мегуфтӣ, ки Юсуф (а) кучост, гуфтанд мо хама бандагони ӯем, то ҳаштод маркаб шутур аз пеши Яъқуб (а) бигзашт. Он гоҳ Юсуф (а) бо ҳашмат ва асбоб расид. Яъқуб (а) дар он аморӣ меомад, ки Юсуф (а) фиристода буд. Юсуф (а) сӯи падар оҳанг кард. Ва дар тафсир аст, ки Малик Райён Юсуф (а)-ро гуфта буд, чун падарро бубинӣ, аз асп фуруд маё, агарчи падари туст, магар мулукро пиёда шудан раво нест. Юсуф (а) миёни ҳукми малик ва ҳурмат доштани падар фурӯ монда ба гузоридани намоз дар масҷиде рафт ва ба хоб шуд. Дар он мешунид, ки гӯянда ӯро мегуфт: «Ҳар кӣ махлукеро дӯст дорад, фармони вай бояд барад, ки махлуқ афв накунад». Юсуф (а) донист ,ки ҳидояти Худост андар ин хикмати аззаву ҷалл.

Пас Яъқуб (а) ба таъзим аз шутур фуруд омада Юсуф (а)-ро дар амории худ гирифт. Ҳар ду зор-зор бигристанд ва ҳама халк гирён шуданд. Ва бародарону лашкариён пиёда шуданд ба Миср омаданд ва зару гавҳар бар эшон нисор карданд.

Ва дар қисса чунин омадааст: Чун Яъқуб (а) дар лашкар

расид ва ҳарчи дар гурӯҳи эшон рояту алам буд ҳама кӯтоҳ гашт ва сари Яъқуб (а) аз ҳама боло шуд, то ҳама халқ бидиданд ва мутаъаҷҷиб шуданд. Ва гӯянд, ки гоҳ Яъқуб (а) бихандид ва Юсуф (а) бигрист ва гоҳ Юсуф (а) бихандид ва Яъқуб (а) бигрист. Ин ҷо ишорати ошиқона аст, зеро ки ошиқ бигиряду маъшуқ бихандад. Пас Яъқуб (а) бо аҳли байти худ дар он кӯшкҳо, ки ба ҷиҳати эшон сохта буданд, фуруд омад. Юсуф (а) модару падари худро бар тахти мукаллал бинишонид. Қавлуҳу таъоло: **Ва рафаъа абавайҳи ъала-л-ъарши ъа харру лаҳу суҷҷадан**[а].

Яъне: бародарон Юсуф (а)-ро таҳият оварданд. Юсуф (а) ба падар гуфт, қавлуҳу таъоло: **Ва қола ё абати ҳаза таъвилу руъёя мин қаблу қад ҷаъалаҳо рабби ҳаққан.**[б]

«Хобе, ки дида будам, ки ёздаҳ ситораю офтобу моҳтоб маро дар хоб саҷда карда буданд. Худои таъоло он хоб рост гардонид». Пас рӯзи дигар тамоми аҳли Миср ҳадияҳо оварданд. Чандон мол ҷамъ шуд, ки аз ҳадди шумору ҳисоби рост даргузашт. Юсуф (а) он ҳама молро ба бародарон дод. Пас Малик Райён барои дидани Яъқуб (а) омад. Худои таъоло ба баракати суҳбати Яъқуб (а) вайро давлати мусулмонӣ каромат кард. Ва сабаби мусулмонии Малик он буд, ки чун ба дидори Яъқуб (а) омад, нуре дид, ки аз сари Яъқуб (а) метофт. Мутаҳаййир шуда, мусулмон шуд. Он гоҳ Яъқуб (а)-ро гуфт: «Ин фарзанди туст?» Гуфт: «Бале». Гуфт: «Ман аз Юсуф (а) бағоят розиям, ки ҳама милкати худ ба-д-ӯ тафвиз намудаам». Яъқуб (а) гуфт: «Ҳама нисори Худост, он чи хоҳад мекунад».

Ва дар ахбор чунин ривоят кардаанд, ки дар сарои Малик ҳафт осиёсанг зари сурх, ҳар яке ба вазни панҷ ҳазор ман буд. Рӯзе як санг бар пои Яъқуб (а) омад. Бархосту аз сари даст гирифта бияндохт. Баъд аз он бародарони Юсуф (а) иморатҳо дар канори Нил барпо карданд ва сукунат варзиданд.

Овардаанд, ки рӯзе Яъқуб (а) ба Юсуф (а) гуфт: «Агар ман намедонистам, ки ту ба Миср монӣ, ту медонистӣ, ки ман дар Канъонам, чаро аз ҳоли худ огоҳӣ надодӣ?» Юсуф сандуқе овард, ки дар он ҳама номаҳо навишта буд. Гуфт: «Ин номаҳоро навишта хостам, ки барои шумо бифиристам. Ҳар бор ки менавиштам, Ҷабраил (а) биёмадӣ ва гуфтӣ: «Ё Юсуф, Худои таъоло мегӯяд, ки ҳанӯз вакт боқист, сабр кун!» Пас Яъқуб (а) гуфт: «Худои таъоло ҳар чи хоҳад, ҳамон кунад».

Ва дар хабар омадааст: Яъқуб (а) аз Юсуф (а) пурсид, ки бародарон бо ту чи карданд? Ӯ ҳеҷ нагуфт. Бародарон назди падар омаданд ва гуфтанд: «Мо бад кардем ва гунаҳгорем, ам-

---

[а] Қуръон: 12, 100.

[б] Қуръон: 12, 100.

мо афв мехоҳем». Қавлуҳу таъоло: **Қолу ё абоно-стағфир лано зунубано инно кунно хотиин**[а].

Яъне: гуфтанд: эй падар, омӯрзиш бихоҳ барои мо. Гуфт, кавлуҳу таъоло: **Кола савфа астағфиру лакум раббӣ иннаҳу ҳува-л-ғафуру-р-раҳим**[б].

Савол: Дар ин чӣ ҳикмат буд, ки Яъқуб (а) омурзиши фарзандон дар он вақт нахост?

Ҷавоб: Дар тафсир чунин овардаанд, ки ваъдаи афв то ба вақти субҳ андохта, зеро ки дуъои субхи саҳар мустаҷоб бувад.

Ва низ худовандони ахбор гуфтаанд, ки Яъқуб (а) мухлат аз баҳри он афганд, ки Худои таъоло омурзиш он вақт кунад, ки хасм розӣ шавад. Яъне аз Юсуф (а) бипурсад, ки аз барадарон розӣ гашта ва хушнуд шудааст ё на. Пас ба иҷозати Юсуф (а) дуъо кард. Баъди чанде Яъқуб (а) даргузашт. Нубувват ба Шамъун расид ва баъзе гӯянд нубувват ба Юсуф (а) буд ва Юсуф (а) акби падар бисту чахор сол бизист. Чун ҳафтоду ҳафт сола шуд, маргаш наздик расид ва гуфт: **Раббӣ қад отайтани мина-л-мулки ва ъалламтани мин таъвили-л-аҳодиси фотира-с-самовоти ва-л-арзи анта валиййи фи-д-дунё ва-л-охирати таваффанӣ муслимав-ва алҳиқнӣ би-с-солиҳин.**[в]

Гуфт: «Парвардигори ман, маро подшоҳӣ додӣ, ва офаридагори замину осмон ва корсози ман дар харду чаҳон туӣ. Маро марг деҳ ба ислом, яъне ба саломати мусулмонӣ аз ин чаҳони фонӣ бадар кун ва дар рӯзи Қиёмат маро боз марги анбиё маҳшур гардон.»

Ва аз барадарон накл аст, ки гуфта буданд, ки чу подшоҳӣ ва мамлакат дорад, ба рӯзи Қиёмат хамрохи мулукон хезад ва аз чамъи анбиё дур монад. Юсуф (а) шунида буд аз ин маъной дуъо кард, ки ба саломатии мусулмонӣ аз дори фано бигзору бо пайғамбарон барангез. Ва он гаҳ Юсуф (а) бимурду барадарон ягон-ягон пайғамбар шуда, восили Ҳақк гаштанд. Эшонро то вакти Мӯсо дувоздаҳ тоифа шуданд. Худои таъоло эшонро асбот хонд. Қиссаи Юсуф (а) ин буд, *валлоҳу аълам.*

ҚИССАИ «АСҲОБИ КАҲФ»

Чунин овардаанд, ки дар Рум подшоҳе буд ӯро Дақёнус гуфтандӣ. Мар ӯро Худои таъоло мамлакати бисёр ва ҳашами бешумор иноят карда буд. Рӯзе пеши вай хабар оварданд, ки фулон подшоҳ бо фавҷи гарону синоҳи бепоён ба қасди вилояти

[а] Қуръон: 12, 97.
[б] Қуръон: 12, 98.
[в] Қуръон: 12, 101.

ту меояд. Дақёнус бо мардони ҷаррор ва ҳижаброни корзор ба мудофаъати душман мустаъид ба ҳарбу қитол гардид.

Алҳосил, подшоҳе ки тохт оварда буд, қушта шуд ва писарони ӯ, баъзе гӯянд шаш ва баъзе гӯянд панҷ ба дасти Дақёнус гирифтор шуданд ва эшонро ба хидмати худ дошт. Ва яке аз он ҷумла хидмате буд, ки ҳар гоҳ ба ҷои заруратӣ рафтӣ, ҷои обдасти ӯ ба об таҳорат додӣ, зеро ки Дақёнус чунон фарбеҳ ва ҷасиму шикамбузург буд, ки даст барои обдасти худаш нарасидӣ. Ва гӯянд, ки Дақёнус даъвои худоӣ ҳам мекард. Бино бар он шоҳзодагон, ки аз Ҳазрати Қарим ба хитоби «Асҳоби каҳф» мухотаб шуданд, чунончи Худои таъоло мефармояд: **Анна асҳоба-л-каҳфи ва-р-рақими кону мин оётино ъаҷабан**[a].

Тадбире мекашиданд, хилате менамуданд, ки чи гуна аз дасти он бадмаст раҳоӣ ёбанду ба талаби Ҳаққ таъоло бишитобанд. Иттифоқо рӯзе Дақёнус ба ҷои заруратӣ рафт ва он ғуломро наёфт, ки мақоми мазкураш бишӯяд. Ночор ҳукм кард, то сад чӯб бизаданд ва бародаронашро низ сад бизаданд ва таъкид намуд, ки оянда аз уҳдаи худҳо ғофил машавед. Чун шаб омад, шоҳзода наздики бародарон омада гуфт, ки ин малъун даъвои худоӣ мекунад ва халқро ба саҷдаи худ мефармояд. Акнун моро воҷиб аст, ки хидмати ӯ накунем. Биёед, бархезему, то пой дорем, бигрезем ва Холиқи осмону заминро биталабем, то бошад, ки роҳи дин биёбем. Гуфтанд: «Некӯ мегӯй ва мо худ дер гоҳ меандешем, лекин сомоне намепазирад ва сурате намебандад».

Ӯ гуфт: «Таъбире он аст, ки чун он лаъин ба бохтани гӯй дар майдон саф кашад, албатта маро ҳамроҳ хоҳад бурд ва ба бохтани гӯй ҳукм фармояд, то моён ба чусту ҷолокӣ лаъбу бозӣ созем, ки ӯро хуш ояду таҳсин кунад. Чун рӯз ба охир расад, гӯй аз майдон берун занем ва шумо низ аспонро ҷавлон кунед ва ба баҳонаи гӯй бохтан дунболи ман гиред, то ба иттифоқи якдигар аспонро ҷавлон дихем, ки ба як част аз чашми эшон ғоиб шавем. Пас аз аспон фуруд оем ва ҷомаҳоро аз бадан барканем ва либоси хокистарӣ бипӯшем ва аспонро сар дода, рӯ ба роҳ нихем. Он гаҳ гумон ба гурехтани мо кунанд, ки якрӯза роҳ рафта бошем.

Бародарон ба-д-ин иттифоқ карданд ва корҳо бисохтанд. Рӯзи дигар дар ҳузури Дақёнус даромаданд ва бар маҳалли худҳо истоданд. Он лаъин калимоти даъвати худоии худ, ки лаънат бар ӯ бод, бар сари тахт нишаста мегуфт. Ҳам дар он асно гурба аз қаср бар вай афтод. Дақёнус битарсид. Эшон ба хотири худҳо гузарониданд, ки агар ин мардуд Худо будӣ, чаро тарсидӣ. Пас маълум шуд, ки ин малъун даъво бар ботил

---

[a] Қуръон: 18, 9.

мекунад. Ҳамон замон Шайтон ба сурати инсон пеши вай омаду гуфт: «Эй малъун, агар даъвои худой мекунй, магасеро, ки аднотаринҳои зй рӯҳ аст, биёфарин, то ман бидонам, ки даъвои ту ҳакк аст. Он малъун ба баҳона пеш омаду гуфт: «Ман зиштгарин чонварро пайдо намекунам». Шайтон гуфт: «Худое, ки инчунин зиштгарин пайдо кардааст, дар он ҳам маслаҳате хаст». Пурсид чй маслаҳате хоҳад буд? Гуфт: «Вақте ки ту ба чои зарур бинишинй, чойи махсусат нишинад. Дасту пойҳо олоида бар риши ту омезад».

Баъд аз ин Шайтон ғоиб шуду ӯ шарманда гардид. Чун рӯзи дигар Дакёнус ба бохтани гӯй рӯй ба сӯи майдон кард, он шоҳзодагон низ ҳасби фармоиши ӯ сармаст ба майдон даромаданд ва гӯйро бирабуданд ва лаъбҳо карданд, чунон ки Дакёнусро хуш омад, ки фардо эшонро ба хилъат сарфароз намоям ва бинавозам. Чун рӯз охир расид, эшон ҳасби ваъда рӯй аз майдон берун бурданд ва ба лаъб машғул буда, оҳиста-оҳиста бозикунон дуртар мерафтанд. Дакёнус эшонро ҳамчунон ба боэй гузошта вақти шом бо ҳочибон ба даргохи худ бозгашт. Эшон фурсатро ғанимат шумурда, ба торикии шаб аспонро шитоб ронданд ва таваккул алаллоҳ намуда, рӯ ба сӯи биёбон ниҳоданд.

Чун рӯзи дигар баромад, аспонро сар доданд ва либосҳо бадал карданд ва ба канори шахр расиданд. Ногоҳ аз посбоне дучор шуданд. Гуфт: «Эй азизон, шумо кучо меравед?» Гуфтанд: «Бо талаби Холики арзу само бурун омадаем». Шубон гуфт: «Он Худой кадом аст?» Гуфтанд: «Худои осмонҳо ва замин аст ва морову туро ва ҳам ҳаждаҳ ҳазор олам офаридааст ва аз мулки адам ба мулки вучуд оварда». Шубонро аз ин суханон якин афзуд ва дарҳол гӯсфандонро гузорида, мулозимони суҳбаташон гардид. Ва ӯро саге буд ҳамроҳи эшон шуд. Гуфтанд: «Сагро бозгардон, зеро ки агар вай бонг кунад, гирифтор оем». Шубон харчанд, ки сангҳо барзад, ҳатто ки захмҳо ба дасту пояш бирасид, боз нагардид.

Саг ба фармони Худои таъоло ба сухан даромад ва гуфт: «Эй азизон, маро мазанед, ки ман он Худойро бишиносам, ки шумо ба талаби вай меравед». Бо истимоъи ин маънй ҳама мутаъаччиб шуданд ва нармдил гаштанд ва сагро бар китфи худхо ниҳоданд ва равон шуданд. Ва ҳама шаб бирафтанд, чун рӯз рушан шуд, ба ғоре дархазиданд ва гуфтанд: «Замоне биёсоем ва мондагии роҳ дур намоем». Пас хоб бар эшон муставлй шуд. Қавлуҳу таъоло: **Фа зарабно ъало озониҳим фил-каҳфи синина ъададо**[а].

Алкисса, Дакёнус эшонро наёфта ғамгин шуда, саворонеро

[а] Қуръон: 18, 11.

ки ба дунболашон фиристода буд, тачассус карда, бар ҳамон ғор расиданд. Ба фармони Худои таъоло даҳони ғор мисли сӯрохии мӯрча гашт ва аз эшон нишоне наёфта, ноумед бозгаштанд. Ва баъзе гӯянд, ки ба канори ғор мурда ёфта буданд, ба фармони сипаҳсолоршон ба ғоре дарандохтанд. Аз он рӯз лақабашон «Асҳоби каҳф» шуд. Ва баъзе гӯянд, ки эшон баъзе писари матбахӣ ва баъзе писари нонпази шоҳ буданд ва малик аз он ҷумла якеро ба омӯхтани ҷоду назди ҷодугари собик, ки пир шуда буд, маъмур намуда. Рӯзе он писар мерафт, дар рох ба роҳибе мулоқӣ шуда. Роҳиб гуфт: «Кучо меравӣ?» Гуфт, ки ба омӯхтани ҷоду меравам. Гуфт: «Ҷоду куфр аст, чаро мусулмон нашавӣ?» Дарҳол мусулмон шуд. Подшоҳ фармуд, ки он кӯдакро ба дор кашанд. Гӯянд, ки панҷ бор бар дор карданд, аммо ба фармони Ҳаққ таъоло саломат бимонд. Писар гуфт: **оманту би рабби-л-ъоламин.** Охираш ӯро ба кайд доштанд ва панҷу шаш писарони дигар, ки ҳамчинси ӯ буданд, бо вай даромехтанд ва машварат намуда, ба ҳилате ӯро халос карда, ба иттифоқи якдигар рӯ ба талаби Худои таъоло ниҳоданд ва ба ғоре даррафтанд.

Алҳосил, сесаду нӯҳ сол хуфта бимонданд. Чунончи Худои таъоло мефармояд, қавлуҳу таъоло: **Ва лабису фӣ каҳфиҳим салоса миатин синина ва-здоду тисъан.**[а]

Ва номи эшон, ки баъзе аз таворих маълум шуда, ин аст: номи аввал **Ямлихо,** номи дуюм **Максаламино** ва номи саввум **Фармонус** ва номи чаҳорум **Мартус** ва номи панҷум **Сартус** ва номи шашум **Хартус** ва номи ҳафтум **Кашфутит** ва номи он саг **Қатмир** буд. Аммо ададашон Худои таъоло хуб медонад, чунончи мефармояд, қавлуҳу таъоло: **Қул рабби аъламу биъиддатиҳим мо яъламуҳум илло қалил.**[а]

Ва баъд аз сесаду нӯҳ сол бедор шуда, бо якдигар гуфтанд, қавлуҳу таъоло: **Қола қоилун минҳум кам лабистум қолу лабисно явман ав баъза явмин.**[б]

Яъне: мо дар хоб як рӯз ё баъзе аз рӯз мондем. Ва боз гуфтанд, қавлуҳу таъоло: **Қолу раббукум аъламу бимо лабистум.**[в]

Гуфтанд: Худои шумо донотар аст, бар он чи, ки дар хоб монданд.

Чун аз хоб бедор шуданд, гуруснагӣ ва ҷӯъ бар эшон ғолиб омад. Ямлихоро ба овардани нон ба бозор фиристоданд ва ду динори рочиулвакти Дақёнус ба вай доданд. Чун ба бозор омад ва он динорро ба дӯкони нонфурӯш дод, ӯ гуфт: Магар мол аз

[а] Қуръон: 18, 25.
[а] Қуръон: 18, 22.
[б] Қуръон: 18, 19.
[в] Қуръон: 18, 19.

ғайб ёфта, зеро ки дар динори ту сачъи Дақёнус мебинам. Солҳо баромадааст, ки ӯ доъии аҷалро лаббайк иҷобат гуфтааст. Шарикам кунӣ ва чизе бидиҳӣ, беҳтар ва илло ба ҳузури подшоҳи замон хоҳам бурд ва ҳама ганҷ аз ту базур бистонам. Ямлихо қиссаи ҳоли худ ба ӯ гуфт. Мардум бар сари мақолоти эшон ҷамъ шуданд ва хабар ба Малик расониданд. Подшоҳ Ямлихоро ба ҳузури худ талабида, аз ҳоли эшон пурсид. Ямлихо гуфт: «Мо аз зулми таъаддии подшоҳ Дақёнус гурехта, ба ғоре дархазида хуфта будем. Чун аз хоб бедор шудем, гуруснагӣ бар мо ғолиб омад, то эшонро дар ғор дошта барои харидани нон омада будам. Подшоҳ мутаъаҷҷиб шуда, ба олимони даргоҳ мутаваҷҷиҳ шуд. Ӯшон муттафиқулкалима ба арз расониданд, ки он чи Ямлихо мегӯяд, мо дар китоби таворих дидаем.

Подшоҳи замон мусулмон буд, шавқаш ба дидорашон афзуду бо шавкати шоҳӣ савор шуда, ҳамроҳи Ямлихо ба наздики ғор расид. Ямлихо гуфт: «Эй подшоҳ, агар ту ба ин шону шавкат назди эшон биравӣ, ағлаб, ки битарсанд ва аз ту сухан нагӯянд. Замоне ин ҷо ба пой бош, то ман эшонро хабари падруд кардани Дақёнус ҷаҳонро бирасонам ва хотирҷамъ созам ва башорат диҳам, ки алон подшоҳ мусулмон аст. Ямлихо ба дастури подшоҳ даруни ғор рафта ва аҳвол ҳама бозгуфт ва хабари подшоҳ бознамуд. Гуфтанд, ки моро ба таъому шароб ҳочате бокӣ намондааст ва бо ҳеҷ кас дар ин олам коре набуд, ки берун равем. Мо худ Худованди хешро ёфтаем. Ин бигуфтанду боз бихуфтанд.

Подшоҳ интизорӣ кашида хост, ки андаруни ғор равад, аммо ба тарафе рохе наёфта ноумед бозгашт ва таассуф хӯрда, дар домани он кӯҳ масҷиде ва работе бино кард. Гӯянд: Чун асҳоби каҳф баъд аз сесаду нӯҳ сол бедор шуда буданд, саг низ бедор шуда, чун эшон хуспиданд, саг низ хуфта. Уламо гӯянд: Худои таъоло фариштагонро бар эшон номзад кардааст, ки паҳлӯ ба паҳлӯ бигардонанд ва бодкаше аз Биҳишт оварда, бод мекунанд ва тобиши офтоб бар эшон наёяд. Чунон ки Худои таъоло хабар фармудааст: қавлуҳу таъоло: **Ва таро-ш-шамса изо талаъат тазовару ъан каҳфиҳим зота-л-ямини ва изо ғарабат тақризуҳум зота-ш-шимоли ва ҳум фӣ фаҷватин минҳу**[а].

Яъне: чун офтоб тулӯъ шавад, аз тарафи дасти рости он ғор меояд ва чун фурӯ шавад, аз дасти чапи он ғор меравад. Бинобар он асари гармою осеби сармо ба эшон намерасад. Хақк таъоло ба фазли хеш то ба Қиёмат нигоҳ хоҳад дошт. Ва гӯянд: қабли Исо (а) дар ғор хазиданд ва баъзе гӯянд дар аҳ-

[а] Қуръон: 18, 17.

ди Исо (а) буданд ва бар Инҷил имон оварда. Аммо аксар ба онанд, ки мазҳабашон ҷуз Худо касеро надонад. *Валлоҳу аълам биссавоб.*

ҚИССАИ ШУЪАЙБИ ПАЙҒАМБАР АЛАЙҲИССАЛОТУ ВАССАЛОМ

Шуъайби пайғамбар (а) аз фарзандони Солиҳ *алайҳиссалом* буд. Ва Ҳазрати Расолатпаноҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ӯро хатиби анбиё хонд. Аз баҳри он ки ҳама умр фасиҳуллисон буд ва қавми худро даъват мекард. Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва ило Мадяна ахоҳум Шуъайбан қола ё қавми ъбудуллоҳа мо лакум мин илоҳин ғайруҳу ва ло танқусу-л-микёла ва-л-мизона иннӣ арокум бихайрив-ва иннӣ ахофу ъалайкум ъазоба явмин-муҳит.**[а]

Яъне: фиристода шуд Шуъайб ба аҳли Мадян.

Пас даъват кард ва гуфт: «Ё қавм, Худойро парастед ва ғайр аз Худои таъоло бутонро напарастед. Ва паймонаҳову тарозуҳо рост кунед. Ман метарсам, ки Худои таъоло шуморо азоб кунад». Кофирон ҷавоб доданд, ки мол аз мост, хоҳ зиёда фурӯшем, хоҳ камтар. Ба вазну кайли мо туро чӣ кор аст? Боз Шуъайб гуфт: «Агар Худойро ба покӣ напарастед ва мизону кайлро рост надоред, шуморо азоб расад, чунончи қавми Нуҳ ва Ҳуд ва Солиҳ ва Лутро расид; қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва ё қавми ло яҷриманнакум шиқоқӣ ан юсибакум мислу мо асоба қавма Нуҳин ав қавма Ҳудин ав қавма Солиҳин ва мо қавму Лутин минкум би баъидин.**[б]

Эшон ҷавоб доданд, қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ё Шуъайбу мо нафқаҳу касирам-миммо тақулу ва инно ла нарока фино заъифан ва лавло раҳтука ла рачамнока ва мо анта ъалайно би ъазиз.**[в]

Гуфтанд: «Он чи ту гӯӣ, намефаҳмем. Ва кош агар қабилаи ту намебуд, мо туро сангсор мекардем». Боз Шуъайб (а) гуфт: «Аз Худои таъоло аззаву ҷалл битарсед ва моро ростгӯю мушфиқи хеш донед. Ҳарчанд ки гуфт, фоида надошт. Чун Шуъайб (а) аз эшон ноумед гашт, ночор бар эшон нафрин кард. Пас Ҷабраил (а) даррасид ва гуфт: Ё Шуъайб (а), наздик аст, ки Худои таъоло азоб бар қавми ту мерасонад. Бархезу аҳли хеш ва касоне, ки имон бар ту овардаанд, баргир ва аз миёни ин қавм берун шав.

Пас Шуъайб (а) ба аҳлу иёли хеш ва мусалмонон, ки ҳазору ҳафтсад тан буданд, баргирифту роҳӣ шуд. Ва кофирон

[а] Қуръон: 11, 84.
[б] Қуръон: 11, 89.
[в] Қуръон: 11, 91.

механдиданду мегуфтанд, ки шумо кучо меравед? Шуъайб (а) гуфт: «Ман ба фармони Худои таъоло меравам, ки ба шумо азоб хоҳад расид». Чун аз шаҳр фарсанге рафта, манзилгоҳ намуданд, Ҷабраил ба ҳукми Худои таъоло даррасиду гуфт: «Азоб ба қавми шумо ба вакти субҳ хоҳад расид».

Чун шаб бигзашту Шуъайб (а) барои намоз бархост ва қавм бағй дар шаҳр ба хонаи худҳо рафта буданд, ки Ҷабраил (а) бонге бар эшон зад ва аз ҳайбати овоз ҳама якбор бимурданд ва чаҳорпоён низ ҳалок шуданд ва оташе аз осмон баромад ва ҳамаро бисӯхт. Пас Шуъайб (а) гуфт: «Ё Бори Худоё, акнун чӣ кунам ва кучо равам ва чи амр аст?» Нидо омад, ки ба хонаи хеш бозбирав. Пас Шуъайб (а) бо қавми хеш даромад ва дид, ки ҳама сӯхтаанд.

Минбаъд бо амри Худои таъоло боз Мадян ободи бисёр шуд ва дарахтон бори дигар сабз шуданд ва баргу бор оварданд. Пас Шуъайб (а)-ро шариъат омад, то дувоздаҳ сол кавми хешро шариъат омӯхт. Пас аз ҳалоки қавми хеш чандон бигрист, ки нобино шуд. Ва дар қисса омадааст, ки Ҷабраил омаду гуфт, ки Худои таъоло мефармояд, ки чаро мегирйӣ? Агар мехохӣ, чашмат боздиҳам ва агар орзуе дорӣ, барорам ва агар бими Дӯзах аст, туро аз Дӯзах эмин гардонам ва агар аз баҳри Дунё мегирйӣ, Дунё медиҳам. Агарчи он доно дар кори бандагони худ донотар аст, аммо хост, ки хоҳиши Шуъайб (а) дарёбад. Шуъайб (а) гуфт: Ё Ҷабраил (а), аз инҳо фориғам, валекин ба орзуи дидори Ҳаққ таъоло мегирям. Ҷабраил (а) гуфт: «Ё Раб, ту донотарӣ, ки Шуъайб чӣ мегӯяд». Нидо омад: Чашме, ки ба орзуи дидори Мо нобино шуд, дармони ӯ чуз дидори Мо набошад ва аз Мо салом ба Шуъайб (а) расон ва бигӯ: ҳамчунон нобино бош, ки ба дидори Мо бирасӣ ва дидори бечуни Мо бубинӣ.

Алқисса, дувоздаҳ сол Шуъайб нобино шуда, пайғамбарӣ кард, то он ки Мӯсо (а) ба-д-ӯ расид ва шарҳи ин дар киссаи Мӯсо (а) мазкур хоҳад шуд. Ва баъд аз рафтани Мӯсо *алайҳиссалом* ҳафт сол бо чаҳор моҳ бизист.

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ЮНУСИ ПАЙҒАМБАР АЛАЙҲИССАЛОМ

Овардаанд, ки Юнус (а) аз авлоди Ҳуд (а) буд. Худои таъоло ӯро дар шаҳри Найнаво ба пайғамбарӣ фиристода буд. Акнун он шаҳрро Димашқ хонанд ва дар он чо қавме буд аз они Самуд. Абӯбакри Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* аз Расул *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* пурсид: «Қавми Юнус (а) чанд буд?» Ҳазрат (с) фармуд: «Саду бист ҳазор лак аз он

оқилу болиғ ва ғайри онҳо нофармон буданд». Чунончи Ҳақ таъоло мефармояд: **Ва арсалноҳу ило миати алфин ав язидуна**[а].

Ва дар қисса чунин омадааст, ки Юнус (а) дар миёни эшон чиҳил сол даъват мекард ва мегуфт, ки эй қавм бигўед: **ло илоҳа иллаллоҳ Юнус (а) расулуллоҳ** ҳаргиз нагуфтандй. Ва мегуфтандй, агар пора-пора кунй, ҳаргиз туро расулуллоҳ нагўем. Он гаҳ Юнус (а) аз эшон навмед гашт ва ғамгин шуд. Ва ин қавм бутпараст буданд. Юнус (а) гуфт, ки Худои таъоло мегўяд: Шумо бутонро чаро мепарастед ва маъбуд медонед ва аз ибодати офаридгори худ ғофил бошед.

Қавми Юнус (а) ба ҳеч вачҳ сухани ў нашниданд ва фармон набурданду биранҷониданд ва озор доданду гуфтанд, ки мо Худоятро намепарастем. Юнус (а) оҷиз гашт ва аз дасти эшон ба дод омада гуфт: «Ё қавм, чун фармони Худои таъоло намебаред, акнун омодаи азоби ў бошед». Гуфтанд: «Азоби ў чи гуна бошад?» Гуфт: «Бар шумо оташи Дўзах фиристад». Гуфтанд: «Раво бошад». Юнус (а) аз Ҳақк таъоло азоб хост. Нидо омад: Чун вақти азоб ояд, бифиристем. Юнус (а) **аз** миёни эшон хашмнок барҳост ва берун рафт. Аз қазои илоҳй **ба** Юнус (а) бисёр ибтило расид, қавлуҳу таъоло: **Ва зо-н-нуни из заҳаба муғозибан фа занна ан-лан нақдира ъалайҳи.**[б]

Нукта: Агар пурсанд, ки Юнус (а)-ро чаро **дар** шиками моҳй бездошт, ҷавоб он аст, ки Худои таъоло **халқро** бинамуд, ки мо ба касе хешй надорем ва аз махлуқот сивои тоъату хидматгорй намехоҳем. Чун ў расул буд, аз фармони Ман рў бигардонид ва бе ҳукми мо ҳичрат кард, ўро ба моҳй додем, то халоиқ бидонанд, ки сазои нофармонй чунин бошад.

Савол: Агар пурсанд, ки Юнус (а) хашм аз кй гирифт: агар гўем бар кофирон гирифт, то чаро ба азоб мубтало шуд ва агар гўем бар Худо гирифт, ки чаро зудтар азоб нафиристод? Пас аз пайғамбарон раво нест, ки ба Офаридгор хашм гиранд. Ҷавобаш ин аст, ки Ҳаққ таъолоро ёд накарда, хашм бар кофирон гирифт. Бинобар Худои таъоло ўро дар бало андохт. Ҳикмат он аст, ки Худои таъоло аз бахри ибрати муъминон пайғамбари худро ба изои андаке ҷурм дар шиками моҳй бездошт. Акнун бояд, ки муъминон ба беризоии Худои таъоло ҳазар кунанд ва он чй ризои ў бошад, розй шаванд, то ҳама вақт хоҳиши дили муъминон ба ҳасби орзу барояд.

Пас Юнус (а) ба канори дарё шуд. Дид, ки мардумон дар киштй убур мешаванд. Вай низ дар он киштй нишаста, се шабонарўз бирафт. Рўзи чаҳорум ба вақти чошт торикй падид

[а] Қуръон: 37, 147.
[б] Қуръон: 21, 87.

омад ва моҳии азим сар аз дарё бароварда, киштиро аз ҳаракат боздошт. Гуфтанд, ки касе дар миёни мо гунаҳгор аст, ӯро тафаҳҳус карда ба-д-ин моҳӣ диҳед, то бозгардад ва мо халосӣ ёбем. Ва агар чунин накунед, пас киштиро бишканад, мо ҳама ҳалок шавем.

Чун Юнус (а) бишнид, бархосту гуфт, ки ман дар миёни шумо гунаҳгорам, маро ба моҳӣ диҳед. Гуфтанд, ки дар ту нишони зоҳидӣ мебинем, ту аз ҳама донотарӣ ва мо аз ту гунаҳгортарем, ба-д-ин моҳӣ туро кай диҳем. Ягон-ягон худро ба моҳӣ арз карданд ва тани хеш ба моҳӣ медоданд. Ҳеҷ касро қабул накард. Юнус (а) гуфт, ки ман ба шумо гуфта будам, ки гунаҳгорам ва моҳӣ маро мехоҳад, зеро ки аз муниби хеш гурехтам. Пас ба номи ҳар яке қуръа андохтанд. Се мартаба ба номи Юнус (а) баромад. Ночор пеши моҳӣ андохтанд. Моҳӣ даҳан боз карда, ӯро фурӯ бурд. Қавлуҳу таъоло: **фалтақамаҳу-л-ҳуту ва ҳува мулим.**[а]

Дар тафсир омадааст, ки моҳӣ дар сухан омад ва гуфт: «Эй пайғамбар, Худои таъоло маро фармудааст, ки туро некӯ дорам ва ҳалок накунам. Акнун Худои аззаву чалл шиками ман зиндони ту кард. Ҳар гоҳ, ки хоҳад, халосӣ диҳад». Боз гуфт: «Е набияллоҳ, дар шиками ман аз дил чои поку покизатар нест, зеро ки ман Худовандро ба дил мешиносам ва тасбиҳи ӯ мекунам. Акнун он дил ибодатгоҳи ту бошад».

Пас эй бандагон, бингаред, ки моҳӣ ибодати Худои таъоло чи гуна адо кунад. Чаро дар ҳама авкот ӯро напарастед ва ибодати ӯ накунед? Муъминон, ки биҳиштӣ ва ягонаи Худои таъоло ва орифанд, ҳаргизу ҳароина дили худро ба маъсият наёлоянд.

Алкисса, Юнус (а) ба дили моҳӣ фуруд омад ва он моҳӣ то чиҳил рӯз даҳан кушода дошт, то Юнус (а) озор наёбад. Зеро ки ӯ ягонаи Худо бувад ва бар ошно хонаи танг нашояд, чиҳил шабонарӯз на таъом хӯрд ва на об нӯшид, магар ӯ зикри таъоло ҳамеша мекард, ҳатто ки қуввате боқӣ намонд. Қавлуҳу таъоло: **Фа лав ло аннаҳу кона мина-л-мусаббиҳина ла лабиса фи батниҳи ило явми юбъасун.**[б]

Пас агар Юнус (а) касиру-т-тасбиҳ ва-т-тақдис набудӣ, албатта ӯ дар шиками моҳӣ то рӯзи Қиёмат бимондӣ. Акнун ин чо ишоратест ба бандагони Худои таъоло, ки Юнус (а) тасбиҳу тақдис дар шиками моҳӣ бихонд, то наҷот ёфт. Пас чи аҷаб аст, ки муъминон низ ба зикр кадам ба кадам буда, аз Дӯзах растагорӣ ёбанд. Ҳикмате дигар ба шиками моҳӣ доштани пайғамбари Худоро он буд, ки моҳиёни дарёро дарду беморӣ мерасид ва аз тасбиҳу таҳлил бознамемонданд. Гуфтанд: «Бори

[а] Қуръон: 37, 142.

[б] Қуръон: 37, 143.

Худоё чун одамиён бемор шаванд, ба илоҷ эшонро шифо дихӣ, чи будӣ агар моро низ доруе фармоӣ, то аз он мароҳим роҳат ба мо расидӣ». Ҳукм кард, ки Юнус (а) дар шиками моҳӣ рафт, ҳар моҳӣ, ки ӯро бибӯяд, аз ҳар дарду беморӣ эмин бошад. Аз баракати Юнус (а) он моҳӣ то рӯзи Қиёмат аз олому аскӯм маҳфуз монд. Ҳар ки ӯро бибӯид, ҳамчунон роҳат ёбад. Ишорати дигар он аст, ки он моҳӣ чиҳил шабонарӯз ба Юнус (а) сӯҳбат дошт. Ҳаққ таъоло ӯро то Қиёмат сабаби роҳати моҳиёни дарё кард.

Пас эй муъмин, ту бар ишқу муҳаббати Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* умри худ даргузаронӣ, чи ачаб ки ба баракаташ аз маразу васвасаи Шайтони лаъин ва тақсири синин роҳат ёбӣ ва аз баракати суҳбати авлоди Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* низ, ки ба ҳасан эътиқод дорӣ ва монанди чон гиромӣ медонӣ, иллатти зиллати беморию маъсият аз ту дур шавад ва аз чумлаи растагорон бошӣ.

Ва аз баракати Юнус (а), ки дар шиками моҳӣ буд, аз бӯи он моҳӣ ҳаман моҳиёни дарёро роҳат расид. Пас Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* аз чумлаи анбиё *алайҳиму-с-салоту ва-с-салом* афзалу беҳтар ва ҷасади шарифи ӯ дар замин аст. Чи ачаб ки агар муъмин он заминро бибӯяд ва бибӯсад, дарсоаът аз шарафи Муҳаммади расулуллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба азоби гӯр нарасад ва роҳат ёбад. Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва мо коналлоҳу ли юъаззибаҳум ва анта фиҳим ва мо коналлоҳу муъаззибаҳум ва ҳум ястағфирун.**[а]

Сабаби дигари дар шиками моҳӣ боздоштан он буд, ки ҳама моҳиёни дарё ба тасбиҳи хеш менозиданд ва мегуфтанд, ки мо мусаббиҳонем ва ба тасбиҳ аз одамиён бештарем. Ҳаққ таъоло хост, ки ба эшон бознамояд, ки дар ниъмати тасбиҳ чандон кимате надоранд ва дар зиндон Юнус (а)-ро бубинанд, ки чи тасбиҳу ибодат дар чои тангу торик мекунад. Чун Юнус (а) дар шикам чунон тасбиҳу ибодат кард, моҳиёни аҳли дарё шарманда шуданд.

Ва Худои таъоло панҷ пайғамбарро ба бало мубтало гардонида буд, ки онҳо дар балову миҳнат тасбиҳу ибодат ҳамекарданд. Ва фариштагонро аз он намоиш ва итоб буд, то дигар бор зикрхои ботил накунанд. Аввал Нух (а)-ро дар балову ранчи қавм гирифтор кард. Дуюм Иброхими Халилуллоҳро ба оташи Намруд мубтало гардонида, дӯстӣ ва якинии эшон ба фариштагон бознамуд. Сеюм, Юсуф (а)-ро ба бандагӣ андохт ва ба ранчи зиндон мубтало сохт ва тоъати вай дар зиндон ба

[а] Қуръон: 8, 33.

фариштагон намуд. Чаҳорум Аюб (а)-ро ба балои кирмон мубтало гардонид ва сабру тоъати ӯро ба фариштагон намуд. Панҷум, Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллямро* шаби меъроҷ бар осмон бурд. Он сидқу муҳаббати ӯ ба фариштагон намудор карду аз ҳама муқарраб гардонид, то онҳо бишиносанд, ки он чи каромати одамиён аст, моро нест.

Омадем боз бар қиссаи Юнус (а). Он моҳӣ ӯро аз ҳафт дарё бигзаронид, то аз ҳама қудратҳои Ҳақ таъоло бидид. Ва он гаҳ баъд аз чихил шабонарӯз гуфт, қавлуҳу таъоло: **Фа нодо фӣ-з-зулумоти ал-ло илоҳа илло анта субҳонака иннӣ кунту мина-з-золимин.**[б]

Яъне: Юнус (а) аз торикиҳо овоз дод, зеро ки дар чаҳор сӯ торикӣ буд: яке торикии зиллат, дувум торикии бими уқубат, савум торикии дарё, чаҳорум торикии шиками моҳӣ.

Алҳосил, Худои таъоло тавбаи ӯро иҷобат фармуд. Чунон чи мефармояд, қавлуҳу таъоло: **фа-стаҷабно лаҳу ва наҷҷайноҳу мина-л-ғамми ва казолика нуҷи-л-муъминин.**[в]

Пас ба ҳукми Худои таъоло Юнус (а)-ро ба канори дарё афганд. Сипас он аз ин торикиҳо баромада, роҳат ёфта, чаҳор ракъат намози шукрона ба ҷо овард ва он намози пешин буд, ки имрӯз аст. Чун Юнус (а) бар гуноҳи хеш муътариф гашту мукирр омад, лоҷарам роҳат ёфт.

Алқисса, Юнус (а) аз миёни қавме, ки баромада буд, Худои таъоло ба эшон азоб фиристод. Ногоҳ диданд, ки оташе аз осмон мисоли кӯҳ ва абри ғализ меомад, бар сари эшон бистод. Ҳама тарсида ба саҳро рафтанд ва се фирқа шуданд: фирқае аз пирону чавонон ва фирқаи дуюм занону кӯдакон ва як фирқа шутурону чаҳорпоён. Пас ҳамаҳо сар барҳна карданд, дар сучуд афтоданд ва аз Ҳақ таъоло зинҳор хостанд. Ҳар гурӯҳе мегуфтанд, ки эй Бори Худоё, мо ҳама тавба бикардем ва пайғамбарро нофармонӣ накунем ва наёзорем. Ва тавба кардем, агарчи мо мустаҳиққи азобем, ин сутурони забонбаста бегуноҳанд, бар эшон раҳмат кун. Чун тазарруъу зорӣ бисёр карданду бигристанд, Ҳақ таъоло ба караму лутфи хеш тавбаи эшонро қабул карда, он балоро бигардонид. Қавлуҳу таъоло: **Фа лав ло конат қарятун оманат фа нафаъаҳо имонуҳо илло қавма Юнуса ламмо ому кашафно ъанҳум ъазоба-л-ҳизйи фӣ-л-ҳаёти-д-дунё ва маттаъноҳум ило ҳин.**[г]

Пас эшон аз азоб халосӣ ёфта, дар талоши Юнус (а) мебуданд. Аз ҳар сӯ мечустанд ва дуъо мекарданд, ки ё Бори Худо, он пайғамбарро ба қавми мо бозрасон. Чун Юнус (а)-ро моҳӣ дар хушкӣ андохт, ҳама узвҳову андоми ӯ нозуку заъиф

[б] Қуръон: 21, 87.
[в] Қуръон: 21, 88.
[г] Қуръон: 10, 98.

гашта буд, ки таъом намехўрд. Ва Аллохи таъоло хамон соъат ба фазлу қудрати хеш дарахти кадуро биёфарид ва хам дар он дам бору барг падид омад. Ва Юнус (а) дар зери сояи он дарахт аз гармои офтоб биёромид ва каду таъом шуд. Пас чихил рўз ба лаби дарё ба зери он дарахт нишаста бимонд ва каду мехўрд ва қуввате ҳосил кард. Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Фа набазноҳу би-л-ъарои ва ҳува сақимун ва анбатно ъалайҳи шаҷаратан мин яқтин.**[б]

Он гоҳ ўро фармон омад, ки ба сўи қавми хеш бозрав, ки он муъминон аз баҳри ту ғамгин ҳастанд ва бар талоши ту мекўшанд. Чун Юнус (а) омад хама кавм ба истиқболи ў омаданд ва мунодӣ карданд ва ба икром бибурданд ва шодиҳо намуданду шариъати Юнус (а)-ро ба феъл гирифтанд. То сию як сол дар миёни эшон буд, то он ки вафот ёфт.

Юнус (а) аз пайғамбарони мурсал буд, чунончи Худои таъоло мефармояд: **Инна Юнуса ламина-л-мурсалин.**[в]

Ва ҷои дигар пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* хабар дод: Қ а в л у х у т а ъ о л о: **Ва ло такун касоҳиби-л-ҳути из нодо ва ҳува макзум.**[г]

Пас эй муъминон бидонед, ки Юнус (а) дар шиками моҳӣ чиҳил рўз буд, бино бар он «Ёри моҳӣ» фармуд. Агар хазрати Абобакр (*раз*), ки чиҳил сол бо Расулуллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* сидқ варзид ва суҳбат дошт ва мисдоқаш фармудаи Худост, қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Из ахраҷаҳу-л-лазина кафару сония-снайни из ҳумо фӣ-л-ғори из яқулу ли соҳибиҳи ло таҳзан инналлоҳа маъано.**[а]

Агар ёри Пайғамбари мо хонем ва имоми муъминон донем, муҷиби комили имон хоҳад буд. Ин буд киссаи Юнус *алайҳиссалом. Валлоҳу аълам биссавоб.*

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ АЮБИ ПАЙҒАМБАР АЛАЙҲИССАЛОМ

Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва Айюба из нодо раббаҳу анни массания-з-зурру ва анта арҳаму-р-роҳимин.**[д]

Бидон, ки Аюби пайғамбар аз чумлаи авлоди Айс буд. Некўкору некўрўй буд. Ватани худ дар Шом дошт ва духтари Афроим бинти Юсуф (а)-ро ба хиболаи никоҳ даровард. Ғарибону заифонро некў доштӣ, то даҳ дарвешро сер накардӣ, таъом нахўрдӣ ва то он ки даҳ каси бараҳнаро ҷома напўшондӣ, худ

б Қуръон: 37, 145—146.
в Қуръон: 37, 139.
г Қуръон: 68, 48.
а Қуръон: 9. 40.
д Қуръон: 21, 83.

ҳаргиз напӯшидӣ. Пеш аз балои кирмон набӣ буд ва баъд аз балои кирмон расул шуд.

Ва дар хабар аст, ки Ҳаққ таъоло ӯро моли бисёру фарзандони некӯрӯй ва аз ҳама чиз фароғат дода буд. Мудом, шабу рӯз ба тоъат машғул буд. Иблиси лаъин гуфт: «Ё Бори Худо, Аюб тоъати ту ба-д-он мекунад ва бо халқи ту некӯӣ менамояд, ки ӯро неъматҳои бешумору фарзандони хубкирдор бахшидӣ ва аз ҳама чиз фароғат додӣ. Ва илло чунин накардӣ. Агар маро бо ӯ мефиристӣ, бидонам, ки чӣ сон ба ибодати ту собитқадам бошад». Ҳаққ таъоло фармуд: «Туро ба вай гумоштам».

Ба қавли дигар онаст, ки фариштагонро бар вай аҷаб омад, ки аҷаб бандаест, ки чанд тоъату бандагӣ менамояд. Фариштагони дигар гуфтанд: «Аюб тоъат ба қуввати он неъмат мекунад, ки Худои таъоло ӯро каромат фармуда ва чашми дуруст дода ва аз фарзандон дил шод дошта. Лиҳозо абадулобод шукронаи он хоҳад кард. Худои таъоло фармуд, ки эй фариштагон, ман он неъмат аз он тамом бигирам, то шумо бидонед, ки ӯ аз баҳри неъмат тоъат намекунад, балки аз барои ризои ман менамояд. Чунончи бандагии ман дар вақти фароғат мекунад, дар ҳаигоми тангӣ низ хоҳад кард.

Қавли дигар он аст, ки ӯ бало аз Ҳаққ таъоло худ хост ва гуфт: «Маро балое деҳ, то дар он сабр кунам ва бар савоби собирон бирасам». Ваҳй омад, ки ё Аюб аз ман офият хоҳӣ, на бало. Гуфт: «Ё Бори Худо, балое, ки аз ту расад, беҳ аз офият хоҳад буд». Пас ба хоҳиши хеш дар бало мубтало гашт.

Қавли дигар он аст, ки мубталоеро гуфт, ки дар ин сабр кун, ки беҳтар аз шукр кардан неъмат аст. Чун инчунин гуфт, Худои таъоло ӯро бар ин мубтало сохт.

Қавли дигар он аст, ки рӯзе яке ӯро гуфт, ки Ҳаққ таъоло туро неъмати бисёр ва некӯии бешумор додааст. Аюб (а) гуфт: «Тоъату ибодат бисёр кардам ва шукри ӯ низ бешумор мекунам». Ин сухан аз ӯ Худои таъоло написандид, бало бар вай гумошт.

Ва дар хабар омадааст, ки аввал нуқсоне ва заволе дар ман падид омад, чунон ки ҳама мол бирафт. Ва баъд аз он фарзандонаш бимурданд. Ва дар он водӣ чиҳил ҳазор гӯсфандон буданд, ҳама бимурданд. Шубон наздики шон омада дид, ки бар муҷалло нишаста ибодат мекард. Гуфт: «Ё пайғамбари Худо, гӯсфандони ту ҳама якбор бимурданд». Гуфт: «Чи кунам, Худой дода буд, боз бурд. Ҳукми ӯ бар бандагон аст, ҳарчи хоҳад бикунад». Бархосту дар намоз шуд. Ва говон дар марғзор бисёр буданд, ногоҳ оташе афтод, ҳама бисӯхтанд. Гуфтанд: «Ё пайғамбари Худо, дар говони ту оташе афтод, ҳама якбор бисӯхтанд». Гуфт: «Чи кунам?» Бархосту дар намоз бинистод.

Ва бори дигар шутурбонон омада гуфтанд, ки эй пайғамбари Худо, чандин ҳазор шутур ҳама якбор сӯхтанд. Гуфт: «Чи кунам, Худои таъоло дода буд, бозбурд». Рӯзи дигар галабонон омада гуфтанд, ки эй пайғамбари Худо, аспони ту ҳама ҳалок шуданд. Гуфт: «Чи кунам, Худои таъоло дода буд, бозбурд». Дигар оташе даромад, фарши хонаву айвон ва таҷаммул, ки дар сарои ӯ буд, ҳама бисӯхтанд. Ӯ намоз мекард. Оташ забона кашид, аз мардум овоз баромад, гуфтанд: «Чӣ ҳол дорӣ?» Гуфт: «Ҳанӯз шукр аст, он чи дода буд, бозгирифт ва он чи аз ҳама бехтар буд, мондааст, яъне динам ба саломат аст». Рӯзи дигар чаҳор писару се духтар, ки дар пеши муаллим дарс мехонданд, муаллим бархосту ба шуғле берун омад, дид, ки хона фурӯ нишаста ва хурдгон дар таи девор шуданду ҳалок гаштанд. Муаллим пеши Аюб (а) омаду гуфт: «Эй пайғамбари Худо, фарзандонат ҳама дар зери девор ҳалок шуданд». Гуфт: «Шаҳид гаштанд». Ва ба дарди фарзандон сабр мекард ва аҳли хонаро панд медод, ки бар мусибати фарзандон сабр кунед.

Ва баъд аз ҳафт рӯз дар ҳолати намоз дарде дар пояш даромад ва омос гардид. Дарсоъат захмҳо афтод, аммо дар ибодат ҳеҷ камӣ наменамуд. Аз сари фарқи муборак то ба қадам ҳама пӯсида гашт. Ҳафт рӯз якчо бимонд ва бархостан натавонист, аммо ибодату тасбиҳ фавт накард. Ва ончунон беморӣ дар пушту бозу саъбтар шуд, ки дар бистарҳо бихуфтӣ ва аз ҷой ҷунбидан натавонистӣ, то чаҳор сол бигзашт. Ҳамчунон шуд, ки дар ҷисми муборак кирм афтод. Пас ҳама мардум, аҳли байту дӯстон рӯ бигардониданд. Ва чаҳор зан дошт, се зан бетоқат гашта, муталлақа гардида буданд, магар Раҳмия, ки дар хидматаш бимондӣ ва гуфтӣ, ки дар неъмат бо ту будам ва дар миҳнат низ бимонаму сабр кунам. Пас ранҷ мекашид ва сахтиҳо медид. Бар ин минвол ҳафт сол ба охир расид.

Ва дар хабар аст аз Расулуллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам*, ки Аюб (а) ҳаждаҳ сол ба миҳнат буд. Чун рӯзгоре баромад, кирмон ғалаба карданд ва гандабӯй аз вай меояд. Чунончи мардумони деҳ мутанаффир шуданд. Гуфтанд, ки аз бемории ту метарсем, ки мабодо ин беморӣ ба мову фарзандони мо бирасад. Ба зиштӣ ӯро аз деҳ берун карданд ва ҳеҷ кас аз ақрабову хеш ба вай илтифот накард, магар ду тан шогирдону эшон, ки Аюб (а)-ро дар палосе печида ва аз деҳ берун оварданд ва зор-зор бигиристанд ва гуфтанд, он иззу ҷоҳ кучо шуда ва он фарзандони нозанин кучо рафтанд. Азизию сардории мо дар мулк буд, аз ҳама бузургтарин будем, имрӯз ба-д-ин хорию зорӣ моро аз деҳ берун мекунанд. Пас Аюб *алайҳиссаломро* биёварданд ва дар деҳи дигар нишонданд.

Чандин рӯз баромад ва аҳли он деҳ низ биёмаданду гуф-

танд: «Ин беморро аз ин ҷо бубаред». Пас аз он ҷо ҳам чоҳ дигар бибурданд. Чунин гӯянд, ки он ҳафт деҳ бибурданд, шогирдон низ оҷиз шуданд ва аз он берӯн бурда, дар майдон соя карда бихобониданд ва баъд аз чанд рӯз ушон низ бирафтанд. Раҳмия бо вай танҳо монд, ки вайро хидмат мекард. Гӯянд, ки Раҳмия ҳар рӯз дар деҳ рафта, кори муздурӣ карда, аз машаққати худ таъом барои Аюб (а) овардӣ. Ба-д-он анвоъ Аюб (а)-ро медошт.

Ва дар қисса чунон аст, ки Раҳмия *(раз)* рӯзе аз рӯзҳо дар он деҳ мегузашт, ки кори муздурӣ карда, таъом ба чиҳати Аюб (а) орад. Ҳеҷ кас бо вай кор нафармуда, ноумед гашта ба ҳуд гуфт: «Чӣ гуна дасти холӣ бозгардам». Басе ғамгин буд, наздики зане кофира рафту гуфт: «Маро чизе бидеҳ, барои бемори худ бибарам ва он чи кори ту бошад, фардо намоям». Гуфт: «Маро ба ту коре нест, валекин мӯи ту маро хуш омада, бурида ба ман бидеҳ, то туро таъом диҳам». Раҳмия бисёр зорӣ карду гуфт: «Бар ман раҳме кун, ки бемораш даст дар мӯй зада мехезад ва ибодат мекунад. Ин мӯйҳои ман асои ваянд, бар мо бубахшой». Он зан кофира бар ин раҳмат накард. Раҳмия *разияллоҳу анҳо* ночор гесӯи худ бурида пеш ниҳода таъом аз вай гирифта равона шуд.

Гӯянд, ки Иблис *алайҳиллаъна* ба сурати пирамарде наздики Аюб (а) омаду гуфт: «Занатро ба бадкорӣ гирифта, мӯяшро бубридаанд». Аюб (а) андӯҳгин шуда бинолид ва зор-зор бигрист. Ва гуфтаанд: дар ин ҳаждаҳ сол ҳаргиз нанолид, аммо дар ин қисса аз рашку дурӯғи Шайтон *алайҳиллаъна* бинолид ва ба Худо савганд ёд карду гуфт: «Агар тандуруст шавам ва қуввати ман бозояд, Раҳмияро сад чӯб бизанам». Аммо уламо мӯй буриданро мусаллам намедоранд.

Ва низ гуфтанд, ки Раҳмия *разияллоҳу анҳо* меомад Иблиси лаъин пеши ӯ омаду гуфт: «Кистӣ, ки чунин андӯҳгин менамой?». Раҳмия гуфт, ки маро беморест, ки начӣи лодаво дорад. Иблиси лаъин гуфт: «Давои ӯ гӯшти хуку шароб аст. Боят, ки бихӯронӣ, то роҳати куллӣ ёбад». Раҳмия наздики Аюб (а) омаду гуфт, ки дар роҳи ман марде пир истода буд ва фармудааст, ки агар доруе бихӯрӣ, беҳтар шавӣ. Гуфт: «Чист?» Гуфт: «Хамру гӯшти хук аст». Аюб ғамнок шуда гуфт: «Ё Раҳмия, маро ба маъсият хоҳӣ андохт». Хашм гирифта савганд хӯрду гуфт: «Агар беҳтар шавам, туро сад чӯб бизанам, ки ин сухан чаро гуфтӣ». Пас ба худои таъоло бинолид, ки ё Бори Худой, бало бар тани ман буд, он гоҳ сабр кардам. Акнун дард бар дил расид, сабр намонд».

Савол: «Агар туро пурсанд, ки чандин сол сабр кард ва охир бинолид, чӣ маънӣ буд. Ҷавоб бар чанд вачҳ аст: Яке он

аст, ки Расулуллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармудааст, ки сабаби нолидани Аюб (а) он буд, ки он ду шогирд ҳаробати вай буданд, наздики вай омадурафт медоштанд, рӯзе пеши вай нишаста, дар миёни якдигар мегуфтанд, ки агар Аюб (а) гуноҳ нанамудӣ, Худои таъоло ӯро ба-д-ин ранҷ мубтало накардӣ. Аюб (а) ин сухан шунида, басе мутафаккиру ғамгин шуда гуфт: «Ё раб, ту медонӣ, ки ман гуноҳ накардаам». Ва вақти дигар он аст, ки рӯзе ду кирм аз бадан фурӯ фитоданд Аюб (а) кирмҳоро бигрифт, боз ба ҷои хеш ниҳоду гуфт: Рӯзӣ бихӯред, то он кирмон дандон фурӯ бурданд ва сахт бигазиданд. Чандон аламу ранҷ ба Аюб расид, ки дар ҳаждаҳ сол нарасида буд. Фарёд бардошту гуфт: **Аннӣ массания-з-зурру ва анта арҳаму-р-роҳимин.**[а].

Дар ин асно Ҷабраил (а) биёмаду гуфт: «Ё Аюб (а) чаро менолӣ?» Гуфт: «Дар ин вакт ба дарди кирмон чунон мубтало будам, ки дар ҳаждаҳ сол надидаам». Ҷабраил (а) гуфт: «Ин ба ихтиёри худ баргирифтӣ ва бар хештан ниҳодӣ, ҳол он ки бандаро дар ҳеҷ умур ихтиёр надода».

Ва гуфтанд, ки рӯзе корвоне бар дари хонаи Аюб (а) бигзашт ва гуфт: «Дар ин хона кист?» Гуфтанд: «Аюб (а), некӯкор аст». Пурсид, ки чаро ба-д-ин дард мубтало шуд, шояд хатое карда бошад? Аюб бишнид ва зор-зор бигристу гуфт: «Рост мегӯяд». Дарҳол абре баромад, аз миёни абр овозе бишнид, ки ё Аюб (а), ин зани мабар ки балои Худои таъоло ҳама некӯ буд. Аюб овоз шунида донист, ки итоб омада, гуфт: «Ё рӯҳуламин!» Ӯ гӯфт: «Рӯҳуламин нестам, фариштаам аз ҷумлаи фариштагон, маро пеши ту ба хитоб фиристодааст». Дигар бор гуфт: **Аннӣ массания-з-зурру ва анта арҳаму-р-роҳимин.**[б]

Худои таъоло гуфт: **Фа-стаҷабно лаҳу факашафно мо бихи мин зуррин.**[в]

Яъне: иҷобат кардам ва он меҳнат аз вай бардоштам. Ва низ гуфт, ки **отайноҳу аҳлаҳу ва мислаҳум маъаҳум раҳматам мин ъиндино ва зикро ли-лъобидин.**[г]

Яъне: ҳарчи аз дарду фитна боз додем ва аҳлу мол ва ғайрихим ато фармудем ба эшон, раҳмати мо буд.

Ва дар қисса чунон омадааст, ки чун он бало баргашт, дарҳол Ҷабраил (а) омаду гуфт: «Ё Аюб (а) **Қум би изниллоҳи таъоло раҳамака ва фарачака мина-л-ъаммн.**[д]

Аюб (а) гуфт: «Ё Ҷабраил (а), ба-д-ин ҳол чи гуна бархезам?» Гуфт: «Пой бар замин неҳ!» Аюб (а) пойи рост бар замин ниҳод. Дарҳол аз зери пояш чашмаи оби соф берун омад ва аз зери пои чап чашмаи дигар. Боз гуфт: «Акнун чисми худ-

---

[а] Қуръон: 21, 83.
[б] Қуръон: 21, 83.
[в] Қуръон: 21, 84.
[г] Қуръон: 21, 84.

ро аз чашма фурӯ шав ва аз об бихӯр ва то аз қудрати Худои таъоло сиҳат ёбӣ». Чун дар чашма фурӯ гашт ва ғута хӯрд, дуруст шуд, чунон гуна баромад, ки гӯё ҳаргиз решу заҳмат бар ӯ набуда. Ва обе аз он бихӯрд, ҳар беморию балое, ки дар вуҷуд буд, ба сиҳҳат мубаддал гашт. Моҳи шаби чаҳордаҳум аз об берун омад. Он гоҳ Ҷабраил (а) ридо аз Биҳишт овард, то бар дӯшаш афганд ва бар болои пуле рафт ва биншаст.

Баъд аз соъате Раҳмияи бечора (*раз*), ки дар он деҳ барои таъом рафта буд, биёмаду шавҳари худро ба ҷои қадим надид. Фарёд бароварду зорию навҳа кардан гирифт, ки во ҳасрато бар мубталоии ман ва вой бар бемори заъифи ман, кошки ман бидонистаме, ки кадом шер туро бихӯрд ва ё гург дарид, то ман низ ҳалок шудаме ва дар миҳнати танҳоӣ намондаме ва агар устухони ту ёфтаме, ба ёдгорӣ бидоштаме. Акнун ҳеҷ чора надорам, чӣ кунам? Қошки ман ҳам бимирам. Аз навҳаю зорӣ ба ҳар сӯ медавидӣ.

Чун Аюб (а) фарёди Раҳмия *разияллоҳу анҳо* шунид, овоз дод, ки эй зан, туро чӣ расидааст, ки зорӣ мекунӣ. Раҳмия сӯи ӯ рафту гуфт: «Ин ҷо беморе буд, акнун ӯро намеёбам. Аз вай ҳеҷ нишоне дорӣ, ки маро хабар диҳӣ, то донам, ки ҳол чи гуна аст?» Аюб (а) гуфт: «Чӣ беморӣ дошт ва чӣ ном дошт?» Гуфт: «Вақте ки сиҳҳату тандуруст буд, мисли ту менамуд ва номаш Аюб (а) пайғамбари Худо буд. Валекин ҳол чунон дошт, ки офтоб аз паҳлӯи ӯ берун тофтӣ, чаро ки кирмон гӯшту пӯст ва рагу устухони ӯ хӯрда буданд ва сахт заъиф ба зоҳир буд». Пас Аюб (а) гуфт: «Ӯро бубинӣ ва нашиносӣ. Ман Аюбам». Раҳмия (*раз*) чун нигоҳ кард, дид, ки ҳамон Аюб (а) аст ва гуна мубаддал гашта. Дарҷасту ба канораш гирифт ва шодиҳо карду гуфт: «Ҳоли ту чист ва чӣ гуна буд ва аз чӣ сабаб некӯ шудӣ?» Аюб (а) тамоми қиссаро бигуфт ва он чашмаро низ ба-д-ӯ намуд. Раҳмия (*раз*) Худои аззаву ҷаллро шукр гуфт.

Пас ба иттифоқи якдигар муроҷаъати хона намуданд. Ҳам дар ин асно Ҷабраил (а) биёмад ва фарзандонаш, ки зери девор мурда буд, ягон-ягон овоз медод ва эшон аз таи девор ба фармони Худои таъоло берун омаданд ва аз он некӯтарин шуданд, ки буданд. Пас ҷое, ки хазинаву асбоб сӯхта буд, диданд, ки хирмани ғалла зари сурх гашта. Ҳамаро бардоштанд, аз он хазина чандон ҳазор афзуд, ки шарҳи он натавон кард. Ва боз ба ҷои чорпоён рафт. Ба адад ҳар якеро музоъаф бозёфт, филҷумла, хар неъмате, ки аз вай рафта буд, Худои таъоло аз он мазид иноят фармуд, ки аҳволи собирин чунин бошад. Пас он заноиро, ки талоқ дода буд, бозоварду аз ҳар яке ду фарзанд Худои таъоло ӯро дод. Қавлуҳу таъоло: **Ва ваҳабно лаҳу**

аҳлаҳу ва мислаҳум маъаҳум раҳматан минно ва зикро лиулил-албоб.[а]

Он гоҳ шариъат омаду Расул гашт. Баъд аз он чиҳилу ҳафт соли дигар бизист. Пас хост, ки Раҳмия (раз)-ро ба мӯҷиби савганди худ аз чӯб бизанад. Ҷабраил (а) омаду гуфт: «Ё Аюб, хуб набуду нек набошад, ки Раҳмияро биранҷонӣ. Ва ӯ мустаҷиби чӯбу захм нест ва аз ҳама занон Раҳмияро дӯсттару азиztар дор. Ҳамчунон ки дар неъмат бо ту буд ва дар миҳнат ҳам мӯнису қарини ту буд. Ва дигарон аз ту алоҳида шуданд ва ӯ аз ту сар боз накард». Гуфт: «Ё Ҷабраил, ман қасам хӯрдаам, ки ӯро сад чӯб бизанам». Ҷабраил (а) як даста гандум, ки ба шумор сад хӯша буд, ба дасти Аюб (а) дод, ки аз ин хӯша ӯро як бор бизан, то сад чӯб зада бошӣ ва барӣ аз савганд ҳам шавӣ. Қавлуҳу таъоло: **Хуз би ядика зиғсан фа-зриб биҳи ва ло таҳнас инно ваҷадноҳу собирин.**[б]

Агар савол кунанд, ки чи ҳикмат буд, ки Аюб (а) бисёр сабр кард ва охир ба ҷазо фоиз гашт ва Худои таъоло лар сифати ӯ **ниъма-л-ъабду иннаҳу аввобун**[в], гуфт, ҷавоб чунин гӯянд: «Аз баҳри ҳар мусалмоне ибрате намуд, ҷаро ки Худои таъоло ба илми қадими худ донист, ки муъминон сабр натавонанд кард. Бино бар он дар бало Аюб (а)-ро мубтало намуд, то ҳамаро мавъизате бошад.

Савол: Агар пурсанд: Дар он ду чашмаи об чи ҳикмат буд? **Ҷавоб** он аст Ҳаққ таъоло ба халқи худ бинамуд, ҳар ки дар бемории гуноҳ мубтало шавад ва сару тан ба оби надомат бишӯяд ва аз гуноҳ ба дилу ҷон пушаймон шуда, тавба кунад, чумла гуноҳу маъсияти ӯ бирезад, чунон ки кирмон аз Аюб (а) фурӯ рехтанд. Дигар ҳикмат он буд, ки Ҷабраил (а) гуфташ ҳам аз он тан бишӯяд ҳам аз он бихӯрад, то халқ бидонанд, ки ҳам ибодат бояд кард ва ҳам шукри неъмати Ҳаққ таъоло ба ҷо бояд овард.

Пас Аюб дар рисолати нубувват чиҳилу ҳашт сол бизист пас аз Дунё берун рафт.

ҚИССАИ ИСКАНДАРИ ЗУЛҚАРНАЙН АЛАЙҲИРРАҲМА

Ровиёни ахбор ва ҳокиёни асмор чунин овардаанд, ки Искандарро Зулқарнайн аз он хонанд, ки аз Қоф то Қоф расида буд ва қарни замона чанд макар раҳ бошад ва гӯшаи ҷаҳонро низ гӯянд. Як гӯшаи ҷаҳон он аст, ки офтоб барояд, дигар

[а] Қуръон: 38, 43.
[б] Қуръон: 38, 44.
[в] Қуръон: 38, 30.

гӯша он ки офтоб фурӯ шавад. Ва ӯ ба ҳар ду гӯшаи ҷаҳон расида буд. Ва низ гӯянд, ки Искандарро Зулқарнайн аз баҳри он хонанд, ки ӯ ду шох дошт. Ва баъзе гӯянд, ки Зулқарнайнро Искандар аз баҳри он хонданд, ки таваллуди вай дар шаҳри Искандария буд.

Ва аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд, ки чун маккиён ба ҳуҷҷати Расули мо (с) барнаёмаданд, Абуҷаҳли лаъин касро бар замини Ясриб пеши ҷуҳудон *лаъанаҳумуллоҳ* фиристода, аз онҳо ёрӣ хост, ки аз миёни мо марде берун омадааст, ки даъвои пайғамбарӣ мекунад. Намедонам, ки рост мегӯяд ё дурӯғ. Бо шумо илми Таврот аст, аз ахборҳои гузашта маро хабар диҳед ва аз кутуби худҳо ёрӣ кунед ва саволҳову ҷавобҳо биёмӯзед, то моён аз вай пурсида бошем, ё шумо биёед. Чун расули маккиён ба Ясриб расид ва паёми Абуҷаҳл расонид, ҷуҳудон масъалаҳои Таврот барчиданд, ки рӯҳ чист ва ҳадиси асҳоби каҳф ва Зулқарнайн чи гуна аст. Руввод шуданд ва наздики Расулуллоҳ (с) омаданд ва саволоте, ки мазкур аст, намуданду гуфтанд: **Ин атайта-л-китоба би мисли мо уто Мӯсо мина-л-китоби ла оманнобика.**

Яъне: агар китоб ба мисли Мӯсои Калимуллоҳ (а) биёварӣ, ки ӯ Таврот аст, мо ба ту бигаравем, чунон ки бар Таврот имон овардем. Расул (с) фармуд, ки фардо бигӯям, аммо нагуфт, ки иншоаллоҳ аз огоҳии Худо бигӯям. Аз ин маънӣ ёздаҳ рӯз Ҷабраил (а) наёмад. Кофирон мегуфтанд, ки Муҳаммад (с)-ро Худои вай фаромӯш кардааст. Ҳазрати Рисолатпаноҳ ин сухан бишнид ва басе ғамнок шуд. Ногоҳ Ҷабраил (а) дар рӯзи одина ба вакти завол биёмад ва аз Ҳазрати аззаву ҷалл ва аъло дуруд расониду гуфт: Қавлуҳу таъоло: **Ва ло такуланна ли шайин инни фоъилун золика ғадан илло ан яшоаллоҳу.**[а]

Яъне: ҳаргиз нагӯй, ки ман чунин кунам, магар бигӯй: иншоаллоҳ. Агар фаромӯш кунӣ, чун ёд шавад, агарчи он вакт гузашта бошад, то ҳам бигӯй: иншоаллоҳу таъоло. Боз гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), Худои таъоло мефармояд, ки он чи кофирон мегӯянд, ончунон нест, ки ман туро душман доштаам, балки онҳо ба феъли худҳо мустаҳиккӣ душманиянд ва низ савганд ёд кардааст, қавлуҳу таъоло: **Ва-з-зуҳо ва-л-лайли изо саҷо мо ваддаъака раббука ва мо қало.**[в]

Яъне: савганди аввали рӯз ва охири шаб, ки нагузошт Парвардигор туро ва на хушнуд шуд аз ту. Пас гуфт, қавлуҳу таъоло: **ва ясъалунака ъани-р-руҳи қули-р-руҳу мин амри раббӣ ва мо утитум мина-л-ъилми-илло қалилан.**[б]

[а] Қуръон: 18, 23—24.
[б] Қуръон: 17, 85.
[в] Қуръон: 93, 1—3.

Бигӯ: эй Муҳаммад (с) мушриконро, ки рӯҳ ба фармони Худои таоло истодааст, чунон ки ӯро ба-д-ин сифат дар Таврот ёд кардем. Пас ҳадиси Зулқарнайнро ёд фармуд, қавлуҳу таъоло: **Ва ясъалунака ъан Зи-л-қарнайни қул саатлу ъалайкум минҳу зикран.**[а]

Яъне: аз Зулқарнайн туро бипурсанд, бигӯ: кариб аст, ки чизе зикр аз он ба шумо мехонем ва киссаи ӯ бигӯем. Қавлуҳу таъоло: **Инно макканно лаҳу фӣ-л-арзи ва отайноҳу мин кулли шайъин сабабан фа атбаъа сабабо.**[б]

Яъне: таҳқиқ, ки ман ӯро қувват дода будам дар замин ва дода будам ӯро ҳар чиз. Пас пайравӣ кард роҳеро, яъне саранҷом сафар намуд, чун Зулқарнайнро шавқе падид омад, ки ободии Дунё то кучост, бубинад. Пас бирасид ба чое, ки Дулдул буд, бозгашт, чаро ки аз ин ҷо на гузори одамӣ, на киштӣ буд. Мулки Худойро ҳадде наёфт, чунончи Худои таъоло мефармояд, қавлуҳу таъоло: **Ҳатто изо балаға мағриба-ш-шамси ваҷадаҳо тағрубу фӣ ъайнин ҳамиатин ва ваҷада ъиндаҳо қавман.**[в]

Яъне: чун расид ба чое, ки ғуруб шуд офтоб дар чашмаи гилу лой ва ёфт наздики он чашма қавмеро. Чун он қавм бехадду ъад буданд, шавкати сикандарӣ дида битарсиданд ва ба тоъати вай омаданд. Пас Худои таъоло фармуд,- қавлуҳу таъоло: **Қулно ё Золқарнайни иммо ан туъаззиба ва иммо ан таттахиза фиҳим ҳуснан.**[г]

Гуфтем: эй Зулқарнайн, ё ки азоб кунӣ ту он қавмро, ё бигирӣ ту дар миёни эшон некӯӣ. Худои таъоло ӯро дар ҳар ду сухан қудрат дод, чунончи ҳар ҳокимро инчунин қудрат додааст. Хоҳанд, ки бар халқ зулм кунанду ном бар сафҳаи ҳастӣ бигзоранд ва хоҳанд, ки зикри хубии худро то қиёми Қиёмат қорӣ доранд ва аз азоби Худои таъоло эмин бошанд. Қавлуҳу таъоло: **Қола аммо ман залама фасавфа нуъаззибуҳу сумма юрадду ило раббиҳи фа юъаззибуҳу ъазобан нукран ва аммо ман омана ва ъамила солиҳан фа лаҳу ҷазоалҳусно ва санақулу лаҳу мин амрино юсран.**[ғ]

Яъне: шахсе, ки зулм кунад, пас албатта азоб хохам кард. Ӯро бозгардонида шавад ба сӯи Парвардигори худ. Пас азоб беҳад хохад кард ӯро ва ҳар ки ба Худо имон оварад ва кори нек бинамояд, пас барои ӯ некӣ аст ва албатта хоҳам кард ӯро аз кори худ осонӣ. Чун ҳоким одил буд ҳаминро ихтиёр кард. Ҳар ки нофармонӣ кард, азоб дод ва ҳар ки ба Худо имон овард, роҳат расонид.

[а] Қуръон: 18, 83.
[б] Қуръон: 18, 84—85.
[в] Қуръон: 18, 86.
[г] Қуръон: 18, 86.
[ғ] Қуръон: 18, 87—88.

Абдуллох ибни Аббос (*раз*) мегӯяд, ки Зулқарнайн то як сол ба ҳама лашкар дар замини Мағриб бимонд ва аҳли он ҷоро ба Худои таъоло хонд ва касе рӯ нагардонид, магар як тан, ки ӯро бикушт ва он ҳар якеро гаравида буданд, бинавохт. Ва дар нубуввати Сикандар ихтилофи бисёр аст. Баъзе гӯянд: аввал подшох буд ва охир набӣ шуд ва ба-д-ин қавл ҳуҷҷат овардаанд, ки агар набӣ набудӣ, Худои таъоло ба хитоби **кулно ё Золқарнайни** чаро мухотаб намуд. Аммо чавобаш чунон гуфтаанд, ки ин ваҳй илҳом буд, чунон ки ба модари Мӯсо (а) намуда буд ба васотати Ҷабраил (а), қавлуҳу таъоло: **Ва авҳайно ило умми Мӯсо ан арзиъиҳи.**[6]

Худои таъоло ӯро мамлакат дод аз Қоф то Қоф ҳама роҳҳо ӯро биёмӯхт, то вай гирди шаҳр мегашт, ҳатто ки ба Мағриб расид. Он ҷо шаҳре буд, ки чаҳор девори рӯин дошт ва ҳеҷ рохе надид. Пас ҳама лашкар гирди ӯ фуруд омаданд ва гуфтанд: Ба чи тадбир дар ин шаҳр биравем? Пас ҳила карданд ва расанҳою камандхо бар он девор андохтанду мардеро бар девор карданд. Ва он мард худро дар он сӯ афганд. Ҳарчанд интизор кашиданд бознаёмад. Қаси дигареро фиристоданд ва бо вай аҳд карданд ва гуфтанд, ки шояд он сӯи девор Биҳишт бошад, худро дар он сӯ нафиганӣ. Ин ҳам бознаёмад. Зулқарнайн андеша кард, ҳар киро бифиристам, бознахоҳад омад.

Аз ин ҷо бигзашту рӯй ба Машриқ ниҳод, то ба ҷазира расид, ки дар он ҷо аксар ҳукамо буданд, аммо чуз киштию заврақ дар он шаҳр рафтан муҳол буд. Чун аз омадани Зулқарнайн аҳли шаҳрро хабар шуд, киштиҳоро беруни ҷазира бурданд. Зулқарнайн бо лашкар бар лаби дарё бимонд. Пас ҳилате карда аз дарё гузашта дар он шаҳр рафтанд ва мардумони он шаҳрро диданд ва хушку лоғар. Пурсид, ки ин чист? Гуфтанд: Ғизоест, ки мо ба ҳикмат сохтаем, ки бихӯрем, ки хосияташ чунин бошад. Пас ҳакимон гирд омаданд ва Зулқарнайнро меҳмонӣ карданд. Ҳар яке ҳикмати худ мегуфт ва ба Зулқарнайн гуфтанд. ки ту ҳам ҳикмати худ бигӯ. Пас ба гуфтани ҳикмат оғоз кард.

Эшон хонҳо ороста карда, пеши Зулқарнайн ниҳода, ҳама чудо шуданд. Гуфт: «Чаро чизе нахӯред?» Эшон сарпӯш аз хон бардоштанд. Зулқарнайн дид, ки тосҳои гилӣ пур аз ҷавоҳиру гавҳару ёқут бар хон ниҳодаанд. Гуфт: «Ин чи тур тавонем хӯрд?» Гуфт: «Ин аст, ки ту мехоҳӣ ва аз баҳри ин омада. Ва аммо аз гуруснагӣ манфаъат накунад ва он чи ғизои мост, туро нашояд. Аз мо чӣ мехоҳӣ?»

Зулқарнайн эшонро ба ҷои худ гузошта, аз он шаҳр берун омад, рӯй ба замини Ҳиндустон. Ва расули худро фиристод

---

[6] Қуръон: 28, 7.

ва гуфт: «Бо ман лашкар бисёр аст, намехоҳам, ки дар шаҳри шумо ба ҷанг дароям, ки ҳама олам хароб хоҳад шуд. Чун расули Зулқарнайн назди подшоҳи Ҳинд расид, гуфт, ки дар тоаъати подшоҳи ман дароед ва расули худро бифиристед. Шоҳи Ҳинд ба таъзиму такрим пеш омада, расуле маъа туҳфа ва ҳадоё равона кард. Чун расули Ҳинд омад, Зулқарнайн гуфт: «Ӯро ба ҷои худ фуруд ored!» Чун биёсуд баъд аз се рӯз ба хидмат бурданд. Зулқарнайн ӯро бидиду сар фурӯ афганд ва низ расул бо банди ангушт дар бинӣ карда боз берун овард. Ва сухан нагуфта аз сарои хос берун шуд.

Хоссони Зулқарнайн гуфтанд, ки расули Ҳиндро дида сар фурӯ афгандӣ ва ӯ ангушт дар бинӣ карда сухан ногуфта дар берун рафт. Дар ин чи ҳикмат буд? Зулқарнайн гуфт: «Ӯро марди дарозқад дидам, сар фурӯ афгандам». Гуфтаанд, ки марди дарозқад беъақлу бетамиз мешавад. Ӯ ангушт дар бинӣ ба ин маъно кард, ки дар ин хайру салоҳ аст. Пас Зулқарнайн гуфт: «Ӯро ба сарои ман фуруд ored ва ҷои некӯтарин бидиҳед, ки ӯ марди бузургу донотар менамояд». Чун фуруд омад Зулқарнайн хубза ва рӯғани говмеш назди ӯ фиристод. Ӯ сӯзане дар миён ниҳода бозфиристод. Сикандар сӯзанаш берун оварда ранги сиёҳ карда, дар он рӯған андохта, бозфиристод. Ва ӯ пораи оина дар он андохта буд ирсол намуд.

Хоссони Зулқарнайн ачаб бимонданд ва аз вай пурсиданд, ки дар ин чӣ ҳикмат буд? Гуфт: «Дар фиристодани хубза ва рӯған ҳикмат он буд, яъне марде ба илму амал оганда, чун нон бо рӯған ҳаст ва ӯ сӯзан аз он ниҳод, яъне гуфт: «Бале, илму ҳикмати ман зиёда аст». Ман сӯзани ӯ сиёҳ кардам, яъне илму ҳикмати ту тираю тор аст ва беқимат аст. Боз расули Ҳинд ӯро ба оина рӯшан карда, яъне илми ман чун оина рушан аст».

Аз ин ҷо рӯй ба Машриқ ниҳод. Ба ҷое расид, ки офтоб бармеояд. Қавлуҳу таъоло: **Ҳатто изо балаға матлиъаш-шамси ваҷадаҳо татлуъу ъало қавми-л лам наҷъал-лаҳум мин дуниҳо ситран.**[а]

Яъне: то он ки расид ба ҷое, ки офтоб тулӯъ шавад. Ёфт онро, ки тулӯъ шавад бар қавме, ки пакардем мо барои он қавм чуз аз офтоб парда.

Ва қавми Шарқро ҳеҷ чизе набуд аз соя. Ва на хона буд ва на девор ва на ҷома, зеро ки дар биёбон ва регистон буданд ва ҳар як бинои хона натавон кард.

Ва киштӣ пунба надоштанд, ки аз он ҷома созанд ва таъомҳо аз шаҳрҳои дигар меоварданд ва сармои саъб низ дар он ҷо буд ва мардону занон ҳама бараҳна, ва шир мехӯрданд ва

[а] Қуръон: 18, 90.

мисли сутурон ба ҳузури якдигар ҷамъ мешуданд. Чун офтоб баромадӣ, дар эшон қувват падид омадӣ ва чун офтоб фурӯ мегаштӣ, сармои сахт мешудӣ. Қавлуҳу таъоло: **Ва қад ахатно бимо ладайҳи хубран.**[б]

Яъне: илми мо муҳит аст ба чизе ки назди Зулқарнайн аст ва медонистам, ки аз кучост.

Худои таъоло аз Мағриб ӯро бардошт ва роҳи Машриқ намуд, то ба-д-он чо расид. Қавлуҳу таъоло: **Ҳатто изо балаға байна-с-саддайни.**[в]

То он ки миёни саддайн расид. Ва он ба ҳадди Машриқ ду кӯҳи баланд аст ва дар миёни ин ду кӯҳ мардуми зоҳидон ва ҳакимон бисёранд. Қавлуҳу таъоло: **Вачада мин дунихимо қавман ло якодуна яфқаҳуна қавлан.**[г]

Ёфт моварои саддайн қавмеро на кариб буданд, ки бифаҳманд суханро.

Пас эшонро ба ҳилате дар дини Худо хонд ва бинавохт ва аз ваъдаю ваъид битарсонид ва умедвор кард. Пас дар миёни он ҳар ду кӯҳ фуруд омад. Баландии ҳар ду кӯҳ азим буд ва роҳе надошт. Ва дар он кӯх аз одамиён ду гурӯҳ буданд, ки ададашон чуз Худои таъоло касе надонад. Эшонро қавми Яъчучу Маъчуҷ хонанд, зеро ки авлоди Яъчуҷ бар як кӯҳ ва авлоди Маъчуҷ бар кӯҳи дигар. Инҳо ду бародар аз фарзандони Ёфис ибни Нуҳ *алайҳиссалом* буданд, ки пас аз тӯфон дар ин чо афтода қарор гирифтанд ва насли онон бисёр гаштанд ва сурати эшон ба сурати одам аст, валекин ба қади боло як газанд ва гӯшхои дароз то ба замин меафтанд ва ҳама бараҳна мисли сутурон дар ҳузури якдигар ҷимоъ кунанд. Чун бихуспанд, як гӯш зеру гӯши дигар боло андозанд. Чун чаҳорпоён саргин афтананд ва ғайр аз кунчид дигар зироъат надоранд. Донаи кунчид муқашшар карда мехӯранд ва ҳеч дине надонанд. Худои аззаву ҷаллро намешиносанд ва адади эшон кам намешавад ва ҳеч кас намемирад.

Пеш аз расидани Зулқарнайн эшон аз кӯҳ фуруд омада бар мусалмонон ва ҳокимони он мулк ситаму фасод мекарданд ва ҳар киро ёфтандӣ, бикуштандӣ ва таъому гӯсфанди мардум аз тару хушк мебурдандӣ. Ва он мусалмонон бо эшон бар намеомадандӣ. Чун Зулқарнайн он чо расид, ба эшон некӯӣ кард ва бинавохт. Ӯшон ҳама мардум пеши Зулқарнайн омада қиссаи хеш бигуфтанд ва зулмҳою фасодҳои Яъчучу Маъчуҷ тақрир карданд: Қавлуҳу таъоло: **Қолу ё Золқарнайни инна Яъчуча ва Маъчуча муфсидуна фӣ-л-арзи фа ҳал начъалу лака харчан ъало ан таҷъала байнано ва байнаҳум саддан.**[д]

[б] Қуръон: 18, 91.
[в] Қуръон: 18, 93.
[г] Қуръон: 18, 93.
[д] Қуръон: 18, 94.

Яъне, гуфтанд: Ё Зулқарнайн, ҳаронна Яъҷуҷу Маъҷуҷ муфсидонанд дар замин, пас бикунем мо барои ту қадре мол бар ин сухан, ки кунӣ ту дар миёни мо ва эшон деворе, ки сӯи мо омадан натавонанд. Пас ҳамеша хирочгузори ту бошем. Қавлуҳу таъоло: **Қола мо макканӣ фиҳи раббӣ хайрун.**[б]

Зулқарнайн гуфт: Аз Машриқ то ба Мағриб Худои таъоло маро мулке додааст, беҳтар аст аз шумо намехоҳам, пас мадад кунед моро аз қуввати бозу. Қавлуҳу таъоло: **Фа аъинунӣ би қувватин аҷъал байнакум ва байнаҳум радман.**[в]

Яъне: ҳама мардумон ёрӣ кунеду мадад диҳед, то ман дар миёни шумо ва инҳо садде кунам, ки эшон ба шумо нарасанд ва заҳмат надиҳанд. Қавлуҳу таъоло: **Отунӣ зубара-л-ҳадиди.**[г]

Яъне: биёред назди ман пораи оҳан.

Бифармуд то миёни он ду кӯҳ бидоштанд. Қавлуҳу таъоло: **Ҳатто изо сово байна-с-садафайни қола-нфуху хатто изо ҷаъалаҳу норан қола отунӣ уфриғ ъалайҳи қитран.**[д]

Яъне: то он ки баробар кард дар миёни ҳар ду кӯҳ. Гуфт: «Бидамед, ҳатто ки гардонанд онро оташ». Гуфт: «Биёреду биандозед бар он миси гудохта». Он гоҳ рӯйину мис оварда гудохтанд ва аз якдигар меомехтанд ва бар сари он садд рехтанд. Ва ба чидду ҷаҳд садди сикандарӣ ба инсиром расониданд ва қавми Яъҷуҷу Маъҷуҷ дар паси садд бимонданд ва он мусалмонон аз шарри эшон халос ёфтанд. Қавлуҳу таъоло: **Фа мо стоъу ан язҳаруҳу ва мо-статоъу лаҳу нақбан.**[е]

Яъҷуҷу Маъҷуҷ аз садд берун омадан ва боло шудан натавонанд ва сӯрохӣ ба ҳеҷ ваҷҳ натавонанд кард. Пас Зулқарнайн гуфт: «Ба қуввати ман набуд, аз раҳмати Ҳаққ таъоло ба инсиром расид, ки шуморо аз балоҳо бираҳондам». Қавлуҳу таъоло: **Қола ҳаза раҳматум мир-раббӣ фа изо ҷоъа ваъду раббӣ ҷаъалаҳу даккоа.**[а]

Ҳаққ таоло ба тасдиқи қавли ӯ ёд кард: **Ҳатто изо футиҳат Яъҷуҷу ва Маъҷуҷу ва ҳум мин кулли ҳадабин янсилуна вақтараба-л-ваъду-л-ҳаққу фа изо ҳия шохисатун абсору-л-лазина кафару.**[ж]

Яъне: чун рӯзи Қиёмат наздик ояд, Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ саддро бишкананд ва берун оянд ва дар рӯи замин пароканда шуда, ҳар чо ки таъоме бошад, бихӯранд. Пас ба ҳукми Худои таъоло Исрофил сур дамад. Нахустин аз овози сур ҳама халқ бимиранд.

б Қуръон: 18, 95.
в Қуръон: 18, 95.
г Қуръон: 18, 96.
д Қуръон: 18, 96.
е Қуръон: 18, 97.
а Қуръон: 18, 98.
ж Қуръон: 21, 96—97.

Ривояти дигар аз амирулмуъминин асадуллоҳи-л-ғолиб Алӣ ибн Абитолиб *каррамаллоҳу вачҳаҳу* он аст, ки Яъҷуҷу Маъҷуҷ ҳар рӯз мекӯшанд, ки саддро шикаста берун оянд, валекин наметавонанд. Ва дар хабар аст, ки ҳар рӯз наздики садд меоянд, аммо олати оҳан надоранд, ки бибуранд. Бино бар он аз забон мелесанд, то фурӯ шудани офтоб. Саддро мисли пӯсти байза сабк карда, мегӯянд, ки фардо бишканем ва берун равем. Аммо иншоаллоҳ нагӯянд ва бомдодон низ биёянду саддро ба равиши қадим мелесанд. Ҳамеша кори эшон ин аст. Ва чун ҳукми Худои аззаву ҷалл берун омадани эшон бошад, фарзанде аз эшон мусалмон хоҳад шуд, дар миёни эшон бузург шуда, бомдодӣ барои лесидани садд ҳамроҳи эшон биёяд. Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим гуфта онро лесидан гираду бигӯяд, ки фардо иншоаллоҳу таъоло хоҳем шикаст, то садд бишканад ва берун оянд. Гӯянд: дарозии садд дувоздаҳ фарсанг аст ва паҳноӣ ӯ як фарсанг. Чунин гӯянд: аввал бурун омадан мӯкаддам ба Шом бувад ва охир ба Балх.

Чун Расулаллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* қиссаи Зулқарнайн ва ғайра саволотро ҷавоб гуфт, ӯшон ғарибу аҷиб бимонданд, ки ҳама рост аст. Ва он чи дар Таврот буд, як ҳарф фурӯгузор нест. Пас ғайри Абуҷаҳл ҳама бар пайғамбарии Расулуллоҳ (с) имон оварданд. Ҳазрати Расул (с) фармуд, ки акнун донистӣ, ки ман рост мегӯям, чӣ мехоҳӣ? Абуҷаҳл гуфт: «Яке соҳир Мӯсо (а) буд ва дигаре тӯӣ. Ҳаргиз ба дини Мӯсо (а) ва дини ту нахоҳам омад». Қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо ҷоаҳуму-л-ҳаққу мин ъиндино**... (то охири оят).*

Пас Зулқарнайн аз он чо рӯй ба Машриқ ниход. Ва чун рӯзгоре баромад, уламоро гирд оварда пурсид, ки дар ҳеч китобе ёфтаед, ки дарозии умру дерии зиндагонӣ дар чӣ чиз аст. Ҳакиме аз миёни эшон бархосту гуфт, ки ман дар васиятномаи Одам (а) ёфтаам: Ҳаққ таъоло чашма офаридааст дар паси кӯҳи Қоф дар торикӣ. Ва оби он чашма рушантар аз шир асту сардтар аз маска. Ва хушбӯтар аз мушк аст. Ҳар кӣ як шурбат аз он об бихӯрад, то аз Худои таъоло марг нахоҳад, намирад.

Пас Зулқарнайн қасди ҷустани об кард. Аз он чо бархост ва уламоро гуфт, ки шумо бо ман биёед. Гуфтанд: «Моро бо хештан мабар, ки қутби доираи заминем, барои офати Дунё натавонем рафт. Пас Зулқарнайн гуфт: «Лобуд аст, ки баъзе аз шумо ҳамроҳи ман бошанд». Боз пурсид, ки аз сутурон кадом зирактаранд. Гуфтанд: аспони модиён, ки нозоида бошанд. Он гоҳ Хизри пайғамбарро муқаддами лашкари худ карда, чаҳор ҳазор савори модиёнро ба эшон супурд. Он гаҳ фармуд, ки

* Қуръон: 10, 76.

ҳар гоҳ дар зулумот равем, бошад ки якдигарро набинем, дар он чӣ тадбир намоем? Ҳукамо фармуданд, ки гавҳари шоҳвор, ки дар хазина дорӣ ҳамроҳи худ бубар. Ҳар гоҳ, ки чунон иттифоқ афтад, ба замин биниҳӣ, то аз рӯшноии он якдигарро бубинед. Он гоҳ гавҳарро аз хазина оварда, ба дасти Хизр *алайҳиссалом* дод ва тоҷу дайҳимро ба яке аз аркони давлат, ки ба салоҳ ороста ва ба фалоҳ пироста буд, супурда, васияте чанд, ки сазовортар аз либоси салтанат бошад, намуда ба ваъдаи дувоздаҳ сол видоъ шуда, қуту тӯшаи дувоздаҳ сол гирифта, рӯ ба сӯи зулумот ниҳод. Ба хини гузаштан аз кӯхи Қоф роҳи рост ғалат карда, то як сол роҳе наёфта дар он бигардиданд.

Ва Хизр *алайҳиссалом* низ роҳе ғалат карда, ба торикӣ даромад ва аз лашкар ҷудо шуд. Пас он гавҳар берун оварда ба замин ниҳода, чашмаи оби ҳаёт ёфта, сару тан шуст ва об бихӯрд, зиндагонии дароз ёфт. Пас Худои таъолоро шукр карда, аз он ҷо ба хатте дигар дар торикӣ бирафт. Боз он гавҳарро бар замин ниҳод, то чунон рӯшной шуд, ки ҳама ҷо возеҳ гашт. Ва лашкар мутафаррик буданд, он рӯшной дида ҳама наздики Хизр (а) омаданд.

Пас Зулқарнайн лашкари худро гуфт, ки ин ҷо бошед, ман пештар биравам. Бошад, ки аҷоибе бинам. Чун пештар рафт, кӯшке пеш омад, ки девораш ба ҳаво бар шудаанд. Андарунаш рафта, ғайр аз мурғон ҳеҷ чиз надид. Мурғон гуфтанд, ки дар ин торикӣ аз бахри чӣ омадӣ? Зулқарнайн гуфт: «Ба талаби обӣ зиндагонӣ омадаам». Пас мурғе бузургтар ба сухан омаду гуфт: «Ё Зулқарнайн, он вақт расид, ки мардон ҳарир пӯшанд ва хопаҳо сохта ба Дунё машғул шаванд». Ин гуфта пари хештан биҷунбонид кӯшкро аз сангу чавоҳир баргирифт. Боз гуфт, ки ҳангоми чангу барбат ва танбур задан ошкоро шуд. Дигар бор биҷунбонид ҳама кӯшкро аз лаълу дур баргирифт. Зулқарнайн тарсид. Мурғе дигар гуфт: «Матарс, ки бо вай Иблис аст». Боз мурғе бузург гуфт, ки фасод ошкоро шуд. Гуфт: «Ло илоҳа иллаллоҳ ба ҷой мондааст ё на?» Гуфт: «Оре, мондааст». Боз пурсид: «Халал ва хиёнат ба ҷой аст ё на?» Гуфт: «Ба холи хеш аст». То мурғ аз он ҷо ба кӯшке дигар бирафт.

Ва баъзе бар онанд, ки мурғе Зулқарнайнро гуфт, ки болои кӯшк бирав. То бар бом бирафт, шахсеро дид бар пой пой ниҳода истодааст ва сур дар даҳан гирифта, чашм бар осмон карда менигарист. Гӯянд: «Ӯ Исрофил (а) буд». Гуфт, ки туро рушноии мулк бас набуд, ки дар торикӣ омадаӣ? Гуфт: «Бад-он омадаам, ки обӣ зиндагонӣ хӯрам, то умрдароз шуда хидмату тоъати Худои таъоло бикунам». Пас санге ба-д-ӯ дод мисли сари гурба ва гуфт: «Туро бедор кардам, ҳирс бигзору бар-

гард». Ва Зулқарнайн ба сӯи лашкари хеш бозгашт ва равон шуд, то дар торикӣ расид ва дар зери пои аспон резаҳои санг бидид, ки мисли лаъли шабчароғ метобанд. Гуфт, ки ин чист? Луқмони Ҳаким ҳамроҳ буд, гуфт: «Ҳар кӣ ин сангрезаро бардораду бубарад пушаймон шавад ва ҳар кӣ набарад ҳам, пашешону пушаймон гардад». Гӯрӯҳе бардоштанд ва гурӯҳе барнадоштанд. Чун ба рушноӣ расиданд, диданд, ки ҳама забарчаду лаълу ёқут ва фирӯза аст. Онон ки бардошта буданд, пушаймон шуданд, ки бештар нагирифтем ва онҳое, ки набардошта буданд, низ пушаймон шуданд, ки чаро набардоштем.

Ҳукаморо пурсид: «Санге, ки Исрофил ба ман додааст, чӣ ҳикмат дорад?» Ҳазрати Луқмон фармуд, ки он сангро дар тарозу ниҳоданд ва сангҳоро, ки оварда буданд, каффаи дигар андохтанд. Санги Искандар ба вазни зиёдат омад. Боз аз Ҳазрат пурсид, ки дар ин таъвил чист? Ҳазрат гуфт, то ҳама сангҳоро дур карданд. Баъд аз он муште хок бар он палла ниҳоданд, пас тарозу рост ду паллаҳо баробар шуданд. Гуфт: «Таъвил он аст, ки Худои таъоло туро мулки чаҳон аз Машриқ то Мағриб дода, сер нашудӣ, магар шиками ту аз муште хоки гӯр сер шавад.

Чун Зулқарнайн ин сухан бишнид, ҳама лашкарро ба рухсат дастурӣ дод. Ва тамоми чамъият пароканда шуд, чо ба чо рафтанд. Ва аз он чо ба ибодати Ҳаққ таъоло машғул шуд, то маргаш фароз омаду бимурд. Ва тобуте аз зари сурх сохта, дар он чо дафн карданд. Ва гӯянд, ки вакти мурдан пайғом ба сӯи модари худ фиристода, васиятнома навишт, ки эй модар, чун номаи ман ба ту расид, ба арвоҳи ман меҳмонии некӯ бисоз ва мардону заноне, ки аз онҳо касе номурда бошад, таъом диҳӣ. Чун васиятнома ба модараш расид, донист, ки Зулқарнайн бимурд. Бигристу мотам карда васият ба чо овард. Ин буд қиссаи Зулқарнайн, *валлоҳу аълам биссавоб.*

ЗИКРИ ФИРЪАВН АЛАЙҲИЛЛАЪНА ВА ПАЙДОИШИ ҲАЗРАТИ МӮСО АЛО НАБИЙИНО ВА АЛАЙҲИ-С-САЛОТУ ВА-С-САЛОМ

Фиръавн, ки номи чаддаш Малик Райён буд ва номи падараш Масъаб ва низ гӯянд, ки номаш Масъаб Валид ибни Райён буд, умри чаҳорсадсола дошт ва дар ин муддат ӯро дарди сари беморӣ хеч набуд ва хеч душман бар вай ғолиб наёмад ва низ ӯро Фиръавн хонанд, ки даъвои худой кард. Аввал тандуруст бӯд. Чун даъвои ботил сохт, Худои таъоло ҳафтоду ду иллат бар чисми ӯ зоҳир гардонид. Ва гуфтаанд: асли ӯ аз Балх буд. Ба саёҳат бархост ва рӯй ба диёри Мағриб ниҳод,

то бирасид ба Бӯшаҳна, ки он ҷо мавлиди Ҳомони лаъин бу[illegible]. Гуфт: «Кучо меравӣ?» Гуфт: «Ба саёҳат меравам». Ҳомон гуфт: «Ман ҳам ба ту биёям». Пас ҳар ду ба Миср расиданд. Вақти харпуза буд. Ба канори харпузазоре расида, чизе хӯрданӣ хостанд. Нигаҳбонон гуфтанд, ки харпуза ба шаҳр баред, аз баҳри мо бифрӯшед, то шуморо меҳмонӣ кунем. Ҳомони палидро он ҷо гузошта, Фиръавни лаъин ба шаҳр омада, харпузаро ба насия фурӯхт, зеро ки аҳли шаҳр гуфтанд: расми шаҳри мо ин аст, ки фардо бидиҳем. Тиҳидаст бозгашт. Фиръавн гуфт: «Ин шаҳри забунон аст. Моро дар ин ҷо бояд буд».

Пас Фиръавн пеши подшоҳи Миср рафту гуфт: «Ман марди ғарибам, маро амале деҳ!» Подшоҳ гуфт: «Чӣ амал мехоҳӣ?» Гуфт, ки хидмати шаҳнагии мақбара бифармо, ки бидуни иҷозати ман аҳаде мадфун нашавад. Подшоҳ фармуд, то маншури он амал ба ӯ доданд.

Пас ба дарвозаи гӯристон рафту нишаст. Ба қазои илоҳӣ дар Миср вабо афтод. Фиръавн аз ҳар ҷаноза дираме зар мегирифт. Ба андак рӯзгоре моле ҷамъ карду ришват ба муқаррабони шоҳ дода, тамоми шаҳнагии шаҳр бигрифт. Ва малики Миср аз ҷоҳилии худ Фиръавни лаъинро ҳар рӯз бештар менавохт ва атояш медод, то ба қазои илоҳӣ вазири Миср бимурд. Подшоҳ визорати Миср ба ӯ дод. Пас Ҳомонро гуфт: «Акнун маро бош, ки даъвои худой бикунам ва халқро парастандаи худ гардонам». Гуфт: «Агар ин даъво хоҳӣ кард, аввал ба тадриҷу тағбир дили мардум ба даст ор!» Гуфт: «Чӣ кунам, эшон ба дини Юсуф (а) устуворанд».

Алҳосил, тадбири ба даст овардани дили махлуқ андешид. Подшоҳро гуфт, ки зиндагонии худованд дароз бод, мехоҳам, ки имсол хироҷ аз раъият нагирам ва аз хазинаи худ бидиҳам. Подшоҳ гуфт: «Ман зиёни ту нахоҳам. Ман худ даст аз хироҷ имсол бозоштам». Гуфт: «Ман нахоҳам, ки ба хазинаи подшоҳ камӣ шавад». Пас шоҳи беъақл гуфт, ки он чи муроди дили туст бикун. Пас Фиръавн дабиронро бихонд, пурсид, ки хирочи Миср чанд аст? Он чи дабирон гуфтанд, ба он миқдор аз хазинаи худ ба рафокати Ҳомон ба хазинаи подшоҳ ҷамъ кард. Баъд аз он бифармуд, то мунодӣ карданд, ки хироҷ имсол ба раъият бахшидам ва илтимос аз шоҳ кардам, ки дигар ду сол хам нагирам. Мардум шод шуда шукру дуъо гуфтанд. Соли дигар ҳамчунин кард, то мардуми Миср аз Фиръавн тавонгар шуда, шабу рӯз дуъо мекарданд.

Пас ба қазои илоҳӣ подшоҳ бимурду писаре надошт, ки ба ҷои ӯ бар тахти шоҳӣ нишинад. Подшоҳро дафн карданд. Се рӯз таъзият доштанд. Рӯзи чаҳорум мардуми шаҳр ва тамоми лашкар аз дабирону козиён ва олимону шайхон ва мутаватти-

нони Миср ҷумла ҳозир шуданд ва ба дари сарои подшоҳ омаданду гуфтанд, ки ба ҷои подшоҳ касеро бояд нишонид. Зеро ки мулки бе малик набошад. Мардумон чун аз Фиръавн некӯӣ дида буданд, ки се сол хироҷ нагирифта буд, аз хазинаи худ мувофики хироҷи Миср ба хазинадор месупурд, ҳама халки шаҳр ба подшоҳии он бадбахт ризо доданд ва лашкариён низ кабул карданд. Гуфтанд, ки аз мамлакати вай хушнудем. Пас Фиръавни лаъинро бар тахти шоҳӣ нишонданд.

Чун Фиръавни палид подшоҳи Миср шуд, Ҳомони лаъинро вазири худ намуд ва гуфт, ки акнун мамолики Миср ба дастам омад, тадбири соиб ва фикри соқиб бинамо, ки халқ ба худои ман икрор кунад ва маъбуди худ донанд. Гуфт: «Уламоро аз дарсу ваъз гуфтан манъ бояд кард, то халқ аз илми дин ҳуҷчатёб нашаванд ва дилшон бидуни илм сиёх шавад ва зангор гирад ва аблаҳу ҷоҳил шаванд. Он гоҳ диншон мундарис гардад ва ҳар фарзанде, ки пайдо шавад, гумроҳтар хоҳад буд. Ҳамин тариқ аз дини худхо баргашта хоҳанд шуд. Пас бифармуд то уламоро аз дарсу ваъз кардан манъ намуданд. Пас чанде баромад, аксари мардумони Миср ҷоҳилу сутуртабъ шуданд.

Он гоҳ Фиръавни лаъин фармуд, ки бутонро парастед. Қавми кибтиён ичобат карданд. Бист сол бар он баромад. Боз гуфт, ки бутонро ман худоӣ додаам. Эшон маъбуди хурду ман бузургам. Чунончи Худои таъоло мефармояд, к а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Фа ҳашара фа нодо фа қола ано раббукуму-л-аъло.**[а]

Яъне: гуфт: Ман худои бузургам ва бутон кеҳтарон.

Ва чиҳил сол бар ин баромад ва гуфт: **Мо ъалимту лакум мин илоҳин ғайри.**[б]

Яъне: намедонам барои шумо маъбуде сивои худ. Пас бутонро бишканед. Қавми қибтиён хама розӣ шуданду маъбудашро ичобат карданд. Эшонро бинавохт, магар қавми Бани Исроил, ки ба дини Юсуф (а) буданд. Бино бар он аз эшон хидмати хама кибтиён ба ивази ҷизя кунонидӣ ва чизе ба касе надодӣ ва он чи ки корҳои шоққа, мисли хезумкашӣ ва саргинафганӣ ва ғайра буд, бар зиммаи онхо намуда, дар дехоту шаҳр барои хидмати тобеъони худ мардумони Бани Исроил мутаъайини кард ва аз занони Бани Исроил парасторӣ кунондӣ ва занони кибтиён низ занони Бани Исроилро корҳои канизӣ фармуданд.

Алҳосил, эшонро пеши қибтиён чизе вакру викор набуд, балки ба шумори одамӣ хам наёварандӣ, магар Осия, ки аз кавми Бани Исроил ба дини Юсуф буд ва ба нексиратию некӯрӯӣ шухраи офокӣ дошту Фиръавн ӯро ба занӣ хоста. Ва баъзе гӯ-

---

[а] Қуръон: 79, 23—24.
[б] Қуръон: 28, 38.

янд, ки Фиръавн ӯро парастандаи хеш дониста, ба хонаи худ ба таъзиму икром медошт. Лекин ба ҳар ҳол дар диндории ӯ шакке набуд. Чунончи расули мо (с) чаҳор занонро бузургӣ ихтиёр кардааст: аввал Марям бинти Умрон, дуввум Бинти Хувайлид, саввум Фотимату-з-заҳро, чаҳорум Осия *разияллоҳу анҳунна.*

Филҷумла Бани Исроил сездаҳ сол дар ранҷу миҳнати он фариқ буданд ва занону мардон парастории бандагӣ мекарданд ва сабр мефармуданд. Дини исломро аз даст надоданд ва шабу рӯз дар тавбаю истиғфор ба сар бурданд ва ба дуъо машғул мемонданд. Овардаанд, ки Фиръавн *алайҳиллаъна* рӯзе маҷлисе ба канори рӯди Нил сохта буд ва мардумон дар пасу пеши ӯ истода. Дар ин асно таъоме ҳозир оварданд. Чандон ки хост, бихӯрду гуфт ба қавм, қавлуҳу таъоло: **А лайса ли мулку Мисра ва ҳазиҳи-л-анҳору таҷри мин таҳтӣ а фало тубсирун.**[а]

Оё нест барои ман мулки Миср ва ин анҳор меравад аз зери ман, оё намебинед? Пас гуфтанд: **Инна ҳаза маликун ъазимун.**

Яъне: ба таҳқиқ ин подшоҳи бузург аст. Чунончи Худои таъоло мефармояд: қавлуҳу таъоло: **Фа-стахаффа қавмаҳу фа атоъуҳу иннаҳум кону қавман фосиқин.**[б]

Яъне: қавме, ки ба таҳқиқ дар тоъати ӯ оянд, фосиқанд.

Пас Эзид таъоло хост, ки вайро бознамояд, ки мулки Ҳаққ таъолои азим турост ва ӯро дар Дӯзах афганад ва қавмашро ҳалок кунад. Ва чаҳорсад сол умр ӯро дода буданд аз баҳри он ки ҳар рӯз он кофир тоғитар буд ва дилаш сахттар гардид. Иттифоқо рӯзе Эзид таъоло ба қудрати комила ва болиғаи хеш рӯди Нилро хушк гардонид. Халқ бар ӯ ҷамъ шуда, аз ҷаҳл гуфтанд, ки агар ту Худои мой, рӯди Нилро равон гардон. Пас ҳафт лак савор ҳамроҳ гирифта ба саҳрои Саъид-ул-аъло равон шуд. Аммо фарсанге роҳ мерафт ва як савор рухсат мефармуд. Ҳамин тариқ ҳамаро бозгардонида танҳо ба саҳрои мазкура рафта ба ғоре дархазида инони асп бар гардани худ ниҳода, рӯ ба қибла оварда дар саҷда афтода бигристу гуфт: «Худовандо, ту барҳаққӣ ва ман дар ботилам ва ту Худои бениёзӣ ва бечунӣ ва ман мулки Дунёро ба ивази Охират ихтиёр кардам, ҳар чи маро бояд, дар Дунё деҳ ва ман дар Охират ҳеҷ намехохам илло оташи Дӯзах.

Чун Фиръавни лаъин ин муноҷот тамом кард, марде аз ғоиб падид омаду гуфт: «Шикояте аз шахсе дорам». Фиръавни лаъин гуфт: «Чи вақт дод хостанӣ ҳастӣ?» Гуфт: «Ин хусумат маро дарҳол афтодааст». Дар ин сухан буданд, ки оби рӯди Нил

[а] Қуръон: 43, 51.
[б] Қуръон: 43, 54.

баромад. Фиръавн шод гашту гуфт: «Эй чавон, ҳар ҳоҷате ки дорӣ, бигӯ!» Чавон гуфт: «Ҳар банда, ки аз ҳукми Худованд берун шуду худованд он бандаро некӯ дорад ва ин банда фармонбардории худованд накунад, ҷазои вай чӣ бошад?» Фиръавн гуфт: «Он банда дар рӯди Нил бояд ғарқ кард». Чавон гуфт: «Фардо ба дарбори ту маро роҳ набошад. Ҳоҷибон нагузоранд, ки пеши ту арза кунам. Маро хатте навишта бидеҳ, то бар ҳукми ту бар он банда ҳамон кунам». Гуфт: «Қаламу давот ва коғаз надорам». Чавон гуфт: «Ман коғазу даваоту қалам дорам». Гуфт: «Бидеҳ!» Пас Фиръавни лаъин дар он ғор шодон нишаста бар коғази ӯ навишт, ки банда, ки фармони худованди худ набарад ва худованд он бандаро некӯ дорад, боз нофармонӣ кунад, ӯро дар дарёи рӯди Нил ғарқ бояд кард». Ҳамчунин хатте навишта ба дасти чавон дода надонист, ки кист. Минбаъд аз назар ғоиб шуд. Ва он чавон Ҷабраил *алайҳиссалом* буд, ба ҳукми Худои таъоло омада.

Ва Фиръавн овозе шунид, ки рӯди Нилро дар фармони ту кардам, агар гӯй бозист, бистад ва агар хоҳӣ, равон кунӣ, равон шавад ва аз фармони ту берун нахоҳад шуд. Пас Фиръавни лаъин рӯй ба қавм ниҳод ва рӯди Нил дар фармон ҳамчунон буд. Агар гуфтӣ, ки боло шав, то аз кӯҳ боло шудӣ ва агар гуфтӣ, ки фурӯ шав, то зер шудӣ. Аз ин маъно кори вай қавӣ гашт ва даъвои дурӯғаш мухкамтар шуд. Гуфт: «Ё қавм, мулки Миср аз они нест ва ин рӯди Нил фармонбардор аст». Чун аҳли Миср ба-д-он ҳол диданд, шод шуда, саҷда карданд ва бар даъвои ӯ икрор карда бисутуданд, ки бешубҳа Худо аст, *иёзан биллоҳи минҳо.*

Чун Фиръавни лаъин ба кушки худ расид, ки вайро Алийинашшамсӣ хондандӣ. Дар он чашмаи оби равон буд, фармуд, то чаҳор сутун баровардаанд ва бар ҳар сутуне новдоне зарин карданд ва чунон сохтанд, ки оби чашма дар сутунҳо рафта, аз роҳи новдон дар кӯшк мерафт ва ба сӯи дигар берун мешуд. Худои таъоло ба канораи он ду дарахт биёфарид. Аз як дарахт руғани зард ва аз дигар дарахт руғани сурх ҳосил шуд. Аз ин дарахтҳо руған гирифта нигоҳ доштанд, то ба ҳар беморӣ ва чароҳате, ки руған бимолидандӣ, дарсоъат шифо ёфтандӣ ва далелу бурҳон бар даъвои ботилаш ин ду дарахт буданд. Бинамудани он дарахтҳо халқро аз роҳ бурдӣ.

Шабе дар хоб дид, ки он ҳар ду дарахт ба хаво шуда ва ҳама оламро ба зери худ карданд. Бомдод муаббирон ва мунаҷҷимону ҷодувонро ба ҳукми малик ҳузур оварданд. Гуфт: Таъбири хоби ман бикунед!» Гуфтанд: «Аз китобҳои нуҷумият дида мешавад, ки аз Бани Исроил шахсе падид ояд ва мамлакати ту ҳама ба дасти ӯ хароб шавад ва мулку мерос ва молу неъ-

мати ту ба он шахс қарор гирад». Фиръавн гуфт: «Он писар пайдо шудааст ё на?» Гуфтанд: «Дар ин се шабу рӯз аз пушти падар дар раҳми модар хоҳад омад».

Пас Фиръавни лаъин фармуд ҷамъе, ки аз худдому муваккилони Бани Исроил бошад, нагузоранд, ки ҳеҷ кас дар ин се шабу рӯз бо занони худ сӯҳбат кунад. Чун муваккилонро бар эшон гумошт, ҳеҷ кас қудрату заҳраи он надошт, ки пеши зани худ равад. То се шабу рӯз гузашт. Ҳаққ субҳонаҳу ва таъоло тақдире карда буд он писар ба рӯзи муайян таваллуд шуд. Шарҳаш ин ки Хотун ном зани Имрон наҷиби Фиръавнро, ки қабл аз ин як писар зоида буд, номи ӯ Ҳорун ва як духтар номи ӯ Марям, шавқи мучомаъат ва ҳирси мубошарат чунон афтод, ки сабру қарор дар дилаш намонд. Охираш тоб наовард, бархосту пой аз сархона берун оварда ба дари сарои Фиръавни лаъин омада, ба амри Худой, дарҳо кушода ёфту дарбононро хуфта дид, зеро ки Ҳаққ таъоло хоб бар эшон ғолиб карда буд. Хотун беҳарос ба хобгоҳи Фиръавн расид. Имронро дид, ки ба хидмати Фиръавн истода ва Фиръавн дар хоб шуда. Имронро низ зани худ дида орзуи хилват падид омад. Аз он ҷо баромад, ба зани худ ҷамъ шуд ва дар ҳамон соъат Мӯсо *алайҳиссалом* аз сулби падар ба раҳми модар омад. Хотун бархосту ба хонаи худ расид, чунон ки ҳеҷ кас ғайр аз Худо огоҳӣ надошт.

Чун рӯз шуд Фиръавни лаъин мунаҷҷимонро бихонду гуфт, ки он кӯдак аз сулби падар ба раҳми модар омада ё на? Мунаҷҷимон гуфтанд, ки қазо кори худ сохта, яъне он кӯдак имшаб ба раҳми модари худ даромадааст. Фармуд: «Ҳар фарзанде, ки аз қавми Бани Исроил пайдо шавад, агар писар бошад, бикушанд ва ҳафтод дирам ба падари фарзанд диҳанд». То кор ба-д-он ҳадд расид, ки падарон писарони худро пеши лаъин оварда, ба ҳукми вай аз дасти худ мекуштанд. Ва ба ҳар хонаи Бани Исроил қибтиеро муқаррар фармуд, ки агар фарзанди нарина таваллуд шавад, зинда нагзоранд.

Алқисса, чун муддати нӯҳ моҳ баромад, шиками модари Мӯсо (а) чунон намудӣ, гӯё бор надошт. Аммо аз вақти бор гирифтан модари Мӯсо (а) басе мутаҳаййир буд. Мегуфт: «Агар муваккилон ҳамл бубинанд ва фарзанд писар бизояд ҳамон соъат бикушанд». Муваккилон ҳасби фармудаи Фиръавн дар хонаҳои Бани Исроил даромадандӣ ва даст бар шиками эшон молиданди, қавлуҳу таъоло: **Юзаббиҳуна абноакум ва ястаҳюна нисоакум ва фӣ золикум балоум-мир-раббикум ъазим.**[а]

Ва ҳамчунин Бани Исроил чандин сол дар ин бало гирифтор буданд ва ранҷу алами Фиръавн мекашиданд ва саъбтар

[а] Қуръон: 2, 49.

аз ин бало набошад, ки писарони худро ба дасти худ бикушанд ва бар шиками занон мардони ғайри махрам дастҳо бимоланд. Чунончи Худои таъоло мефармояд, қавлуҳу таъоло: **Ясумунакум суа-л-ъазоби.**[б]

Яъне: мечашониданд шуморо азоби бад.

Ҳосили калом он ки модари Мӯсо (а) рӯзе нон мепухт, ногоҳ ба дарди зодан афтод. Дарсоъат фарзанде ба вуҷуд омад, чун моҳи тобон, бо малоҳати тамом, чунончи чашм аз нури ӯ хира мегашт. Дар ин ҳолат ногоҳ муваккилони Фиръавн даррасиданд, Хотун дармонду надонист, ки чи ҳила созад ва гуфт: «Ин фарзанди худро ба дасти худ бисӯзонам аз он беҳтар аст, ки аз пеши ман баранду бикушанд». Пас Мӯсо (а)-ро дасту по дар порча печида дар танӯри оташ андохт ва деге бар сари танӯр ниҳод. Муваккилони Фиръавн даст бар шиками вай молиданд, ҳеҷ асаре надиданд, равона шуданд. Модари Мӯсо (а) аз дарди фарзанд бигирист ва тапонча бар рӯи худ заду гуфт, ки ин чи буд, ки ман ба дасти худ кардам ва фарзанди худро худ сӯхтам. Борӣ, устухонҳое кош бидидаме марҳами дили маҷрӯҳ сохтӣ. Чун сари танӯр бикшод, Мӯсо (а)-ро дид, ки дар миёни оташ нишаста ва се себи сурх дар даст гирифта бозӣ мекунад. Чун модар бидид, мутааҷҷибу ҳайрон бимонду шукри Борӣ таъоло кард, ки фарзандро ба саломат ёфт.

Чун ӯро аз танӯр бароварда, бори дигар дар фикр афтода фурӯ монд, ки чӣ ҳила созад, ки муваккилон бори дигар омада писарро набаранду накушанд. Андешаҳо мекарду мегирист ва ҳеҷ чора дар хотираш наёмад. Ногоҳ аз гӯшаи хона овозе бишунид: қавлуҳу таъоло: **Ва авҳайно ило умми Мӯсо ан арзиъиҳи фа изо хифти ъалайҳи фа алқиҳи фӣ-л-ямми ва ло тахофи ва ло таҳзани инно роддуҳу илайки ва ҷоъилуҳу мина-л-мурсалин.**[в]

Яъне: эй модари Мӯсо, кӯдакро шир бидеҳ, пас агар хавфи талафи ӯ мекунӣ, дар рӯди Нил андоз ва матарс ва андӯҳу ғам махӯр, мо вайро саломат ба ту расонем ва ӯро аз ҷумлаи пайғамбарони мурсал гардонидем.

Модари Мӯсо (а) ин башорат шунида, шод гашту ба талаби дуредгаре рафт. Чун аз хона берун шуд, Ҷабраил (а) ба мисоли дуредгар мерафт. Гуфт: «Сандуқ метавонӣ сохт?» Гуфт: «Мӯҷиби хоҳиши дил бисозам». Пас ба хона оварда, сандуқе сохта берун рафт. Модари Мӯсо (а) дар он сандуқ ҷои нишастани Мӯсо (а) некӯ кард. Пас шир доду дар порчаи ҳарир печида дар сандуқ ниҳод ва қулф барзад.

Ва кавли дигар он аст, ки чун модари Мӯсо (а) шахси ду-

[б] Қуръон: 2, 49.

[в] Қуръон: 28, 7.

редгарро ба хонаи худ овард, касе аз ҳамсояи ӯ даруни хона омада, аз сирраш муттаliъ гашт. Бино бар он Хотун аз худ тарсида, марди ҳамсояро ҳафтод динор ришват дод, ки ин сирр нигоҳ дорад ва бо касе нагӯяд ва дуредгар низ ҳафтод динор музди кор гирифта, сандуқ сохта берун рафт. Ва он шахс ба хотир овард, ки ман пеши Фиръавн рафта сирраш бикушоям, то ҳафтод динори дигар аз ӯ биситонам ва вай маро ба чилди ин хидмат неъмати зиёда бахшад. Чун ба сарои Фиръавни лаъин рафта хост, ки ин ҳикоятро бигӯяд, забонаш лол гашт. Ва чун берун омад, забонаш кушода гашт. Дигар бор андарун рафтан хост, ки бигӯяд, забонаш баста шуд ва чун берун омад, забонаш кушода гашт. Чунин овардаанд, ки хафт бор хост, ки сирр фош кунад, ҳар ҳафт мартаба ин ҳол шуд ва бори ҳаштум берун омад ва ба дил имон ба Худои таъоло оварда сирри Мӯсо (а) нигоҳ дошт.

Филҷумла модари Мӯсо (а) сандуқро дар рӯди Нил андохт ва хоҳари Мӯсо (а) бар асари сандуқча шуда медид, ки чи мешавад, ба фармони Худои таъоло сандуқча болои об мерафт то аз он наҳре, ки ба ҷонибӣ сарои Фиръавн мерафт, равон шуда, дар кӯшки Фиръавн даррасид ва наздики панҷараҳои оҳанӣ шуд. Модари Мӯсо (а) духтарро васият карда буд, ки дар пайи сандуқ чунон равӣ, то хеҷ кас надонад, ки пайравии сандуқ мекунӣ. Қавлуҳу таъоло: **Ва қолат лиухтиҳи қуссиҳи фа басурат биҳи ъан ҷунубин ва ҳум ло яшъурун.**[а]

Касе надонад, ки ту хамроҳи сандуқ меравӣ.

Чун дар панҷараи оҳанӣ расид ва Ҷабраил (а) ба сӯи сарои Фиръавн равон кард. Чун ба ҳавзе, ки дар миёни хонаи ӯ буд, расид, Фиръавни лаъин бо Осия-хотун *разияллоҳу анҳо* бар тахт нишаста буд. Ногоҳ дар назараш омад. Хост, ки бигирад, аммо натавонист. Пас Осия-хотун бирафту даст ба сандуқ кард. Ногоҳ дарҳол ба дасташ омад, то пеши Фиръавни лаъин бурд. Ӯ бо тааҷҷуб шуда хост, ки бикшояд ва бубинад чӣ чиз аст. Чандон ҷаҳд кард, сари сандуқ кушодан натавонист. Он гоҳ Осия-хотун сандуқ пеши худ кашида ва ба дил **Бисмиллоҳи-р-раҳмоии-р-раҳим** гуфта, дарҳол сандуқ бикушод. Кӯдаке дид, тобон чун моҳи шаби чордаҳ, чунон ки ҳама сарои Фиръавн аз нури мубораки ӯ мунаввар гашта. Меҳри азим дар дили Фиръавн бичунбид. Худои таъоло Мӯсо (а)-ро малоҳате дода буд, ҳар ки бидидӣ, бар ӯ девона шудӣ. Осия-хотун гуфт: «Ин рушноии чашми ману ту хоҳад буд». Қавлуҳу таъоло: **Ва қолат имраату Фиръавна қуррату ъайнин лӣ ва лака ло тақтулуҳу ъасо ай-янфаъано ав наттахизаҳу валадав-ва ҳум ло яшъурун.**[б]

[а] Қуръон: 28, 11.

[б] Қуръон: 28, 9.

Яъне: ин фарзандро макуш, ки моро фарзанд нест, ӯро ба ҷои фарзанд дорем. Фиръавн ризо дод.

Пас он лаъин духтаре дошт, ки иллати барас буд, низ бинамад, дар он сандуқ нигоҳ кард. Дид, ки кӯдаке гиря мекунад ва об аз даҳонаш меафтад. Дарҳол ба канори худ гирифт. Худои таъоло аз баракати Мусо *алайҳиссалом* иллати ӯро дур сохт. Осия-хотун бо Фиръавн гуфт: «Дидай, он фарзанд чи гуна муборак аст?» Пас Фиръавн ӯро дар канор гирифт, меҳру муҳаббаташ зиёда гашт. Дарҳол фармуд, ки доя биёред, то ин кӯдакро шир диҳад. Ҳар дояро, ки меоварданд, ба шири ҳеҷ кас рағбат намекард ва нахӯрд. Чунончи Худои таъоло мефармояд: Қавлуҳу таъоло: **Ва ҳаррамно ъалайҳи-л-марозиъа мин қаблу.**[6]

Фиръавн ва Осия дармонданд. Хоҳари Мӯсо (а) дар он ҷо ҳозир буд, гуфт: «Ман шуморо дояи дигар нишон диҳам, ӯро биёред». Қавлуҳу таъоло: **Фа қолат ҳал адуллукум ъало аҳли байтин якфулунаҳу лакум ва ҳум лаҳу носиҳун.**[6]

Яъне: шуморо далолат кунам бар аҳли байте, ки парварад ва ба сиҳҳат нигоҳ дорад? Фиръавн гуфт: «Ӯро биёр!» Хоҳараш наздики модар давида рафта гуфт, ки эй модар, бахту давлати ту ёварӣ кард, ки аз баҳри шир додани додарам доя талаб мекунанд ва шири ҳеҷ кас намехӯрад, бархез! Модараш шод гашта рӯ ба сарои Фиръавн ниҳод. Чун наздики Мӯсо (а) расид, дид, ки доягони бисёр ҷамъ шудаанд, ҳар фард шири худро бар ӯ арз дорад. Пурсид, ки ба ҳеҷ кас даст диҳад? Гуфт: «Намедиҳад ва хӯрдани шир қабул намекунад». Чун модари Мӯсо (а) пеш рафта дар канор гирифт, дарсоъат шир бихӯрд ва хушҳол гашт. Модараш хост, ки наъра занад ва фарёд бароварад, Худои таъоло дилашро нигоҳ дошт. Чунончи гуфт: Қавлуҳу таъоло: **Ин кодат ла тубди биҳи лав ло ар-рабатно ъало қалбиҳо ли такуна мин-ал-муъминин.**[8]

Яъне: умми Мӯсо карӣб буд, ки аз ҷӯши муҳаббат роз изҳор мекунад, агар ман нигоҳ намедоштаме дили ӯро, то ки бошад аз муъмин, то ҳеҷ нагуфт.

Ҳомони палид он ҷо истода ҳама аҳвол мушоҳада мекард, гуфт: «Эй зан, магар ин кӯдак фарзанди туст?» Модари Мӯсо (а) гуфт: «Ин фарзанди ман нест, валекин шири ман ӯро хуш омадааст ва шири худ баҳри кӯдак, ки медиҳам бипазирад». Он гоҳ Фиръавн гуфт: «Ҳар моҳ ин дояро дувист динор бидиҳанд». Хотун ҳар моҳ улуфаи худ мегирифт ва фарзанди худро шир медод. Чунон ки Худои таъоло фармудааст: Қавлуҳу

---

[6] Қуръон: 28, 12.
[8] Қуръон: 28, 12.
[8] Қуръон: 28, 10.

таъоло: **Фа рададноҳу ило уммиҳи кай такарра ъайнуҳо ва ло таҳзана ва ли таълама анна ваъдаллоҳи ҳаққун.**[а]

Яъне: Мӯсо (а)-ро боз ба модараш додем, то чашми модараш рушан шуд ва ғам аз ӯ бирафт ва донист, ки ваъдаи Худо ҳақ аст.

Чун муддате баромад, рӯзе Фиръавнро дидори Мӯсо (а) хуш омада ва дар канор гирифту дар рӯяш нигарист. Хост, ки бӯса бигирад, Мӯсо (а) дасте дароз карда ришии Фиръавн гирифт ва аз дасти дигар муште сахт бар даҳони ӯ зад. Фиръавни лаъин дар хашм шуд. Гуфт: «Ин кӯдакро бикушанд, магар ин шахс ҳамон аст, ки мулк аз дасти ӯ хароб шавад». Дарҳол Осия-хотун пеш омаду гуфт: «Эй Фиръавн, намедонӣ, ки ин кӯдак аст. Феъли кӯдакон чунин бошад, ки ақлу тамиз надоранд. Аз қавми Бани Исроил нест, ки ӯро мекушӣ ва ту ҳама кӯдакони Бани Исроилро куштa». Ҳомон ду ташт, якеро пур аз оташ ва дигареро пур аз ёқут карда биёварду пеши Мӯсо (а) ниҳод ва гуфт: «Агар дар оташ даст ниҳад, то бидонам, ки кӯдаки дигар аст ва илло ҳамон кӯдак хоҳад буд». Мӯсо (а) хост, ки ташти ёқутро бигирад Ҷабраил (а) дарҳол дасти Мӯсо (а) гирифта ба сӯи оташ гардонид. Чун пораи оташ баргирифту дар даҳон ниҳод, забонаш бисӯхт ва ба забони муборакаш укда баргирифта ва шикаста шуд. Осия-хотун ба Фиръавн гуфт: «Дидай, ки ба нодонӣ оташ гирифта дар даҳон расонид». Фиръавн бори дигар ба канор гирифту рӯяш бибӯсид ва ба модараш супурд. Он укда бар забони Мӯсо (а) то вақти муноҷот бимонд. Қавлуҳу таъоло: **Ва-ҳлул ъуқдатан мин лисонӣ яфқаҳу қавлӣ.**[б]

Чун Мӯсо (а) бузург шуд, бар аспи савор мегашт, саворону чокарон бо вай ҳамерафтанд ва лақаби ӯ писари Фиръавн шуд ва Фиръавн дасташ гирифта пеши худ биншондӣ. Чун аксар ба забони Мӯсо (а) суханони ҳикмату илм бирафтӣ, лиҳоза Фиръавн ба дилу ҷон ба шунидан рағбат кардӣ ва дӯст гирифтӣ. Чунончи Худои таъоло мефармояд: Қавлуҳу таъоло: **Валаммо балаға, ашуддаҳу ва-ставо отайноҳу ҳукман ва ъилман ва казолика наҷзи-л-муҳсинин.**[в]

Яъне: ҳар гоҳ ба қувват расид, додем ӯро ҳикмату илм, ҳамчунин аҷри муҳсинонро бидиҳем.

Ва ба ривояте омадааст: Чун умраш ба бист сол расид, Фиръавн ба таҷаммул ӯро бо зане кадхудой карда дода буд ва аз он зан ду писар омаданд якеро Ҳарсун ва дигареро Бако ном доштанд ва андар ин тахминан сӣ сол бигзашт. *Валлоҳу аълам биссавоб.*

[а] Қуръон: 28, 13.
[б] Қуръон: 20, 27—28.
[в] Қуръон: 28, 14.

ҲИҶРАТ ФАРМУДАНИ ҲАЗРАТИ МӮСО АЛАЙҲИССАЛОМ АЗ МИСР БА МАДЯН НАЗДИ ШУЪАЙБ АЛАЙҲИССАЛОМ

Рӯзе Мӯсо *алайҳиссалом* дар вақти қайлула берун рафт ва ҳама халқ дар хонаҳо хуфта буданд, магар қибтие, ки солори матбахи Фиръавн буд. Сомирӣ ном мардеро аз қавми Бани Исроил ба кор гирифта буд. Чунон ки Худои таъоло мефармояд: Қавлуҳу таъоло: **Ва дахала-л-мадината ъало ҳини ғафлатин мин аҳлиҳо фа ваҷада фиҳо раҷулайни яқтатилони ҳаза мин шиъатихи ва ҳаза мин ъадуввиҳи.**[а]

Яъне: дохил шуд дар шаҳр вақте ки ғофил буданд бошандагони он шаҳр, ёфт ду ҷавонро меҷангиданд. Чун Мӯсо (а)-ро дид, фарёд кард, ки қибтӣ бар мо таъаддӣ мекунад ва кори хезумгарон мефармояд. Мӯсо (а) гуфт, ки ӯро раҳо кун! Гуфт: «Ин хезум ба матбахи падарат мебарам», яъне Фиръавн. Боз гуфт, ки вайро раҳо кун, дигареро бигир, аммо нашунид. Чун қибтӣ фармони Мӯсо (а) рад кард, муште сахт бар сина чунон зад, ки бар замин афтод ва рӯҳаш аз қолиб парид ва ҷон бидод. Қавлуҳу таъоло: **Фа ваказаҳу Мӯсо фа казо ъалайҳи.**[б]

Ва ин ҷо аз қибтиён ҳеҷ кас набуд. Мӯсо (а) ба Сомирӣ гуфт: «Бигрез, ки коре саъб афтод». Пас Сомирӣ гурехт. Мӯсо тарсиду гуфт: Қавлуҳу таъоло: **Ҳаза мин ъамали-ш-шайтони иннаҳу ъадуввун музиллун мубинун қола Рабби инни заламту нафсӣ фа-ғфир лӣ.**[в]

Яъне: кори дев аст, ба таҳқиқ, ки зулм кардам бар нафси худ, афв кун ту моро. Пас Худои таъоло афв кард. Чунончи мегӯянд: Қавлуҳу таъоло: **Фа ғафара лаҳу иннаҳу ҳува л-ғафуру-р-раҳим.**[г]

Яъне: бахшид Худои таъоло ӯро, ҳароина Худо бахшандаву мехрубон аст.

Чун қибтиён он ҷо расида, солори матбахро кушта ёфтанд, наздики Фиръавни лаъин шуда, хабар карданд. Фиръавн гуфт, ки таҳқиқ кушед, ки вайро кӣ куштааст, то қасос кунам. Фиръавн агарчи кофир буду ба дурӯғӣ даъвои худоӣ мекард, аммо дар баъзе вақоеъ аз адлу инсоф дод медодӣ ва мазлумонро эмин доштӣ. Пас он қибтиро дафн карданд. Сабоҳи он Мӯсо (а) берун омада дид, ки қибтии дигар бо марди Бани Исроил даровехта, ӯро мезанад, чунончи Худои таъоло мефармо-

---

[а] Қуръон: 28, 15.
[б] Қуръон: 28, 15.
[в] Қуръон: 28, 15—16.
[г] Қуръон: 28, 16.

ял: Қавлуҳу таъоло: **Фа асбаха фӣ-л-мадинати хоифан ятараққабу фа изо-л-лазӣ-стансараҳу би-л-амси ястасрихуҳу.**[а]

Мӯсо (а) қасди эшон кард. Сомирӣ пиндошт, ки Мӯсо (а) хоҳад зад, зеро ки зарби Мӯсо (а) дида буд. Рӯй ба Мӯсо кард ва гуфт: Ё Мӯсо, қавлуҳу таъоло: **А туриду ан тактуланӣ камо қаталта нафсан би-л-амси.**[б]

Яъне: эй Мӯсо, магар имрӯз ҳам маро куштан мехоҳӣ, чунончи дирӯз он қибтиро куштӣ ту дар ин замон, ҷабборӣ хоҳад буд. Чун қибтӣ аз Сомирӣ ин сухан бишнид дарҳол ба сарои Фиръавни лаъин рафту он ҳол бозгуфт. Чун Мӯсо (а) ба хона омад тарсид аз баҳри он ки агарчи Фиръавн золим буд, аммо магар фарзанди вай хун кардӣ, қасос аз вай гирифтӣ. Пас ба наздики модар омада, ин моҷароро гуфт. Ногоҳ марде даромаду гуфт: «Ё Мӯсо, қавлуҳу таъоло: **Инна-л-малаа яътамируна бика ли яқтулука фа-хруҷ иннӣ лака мина-н-носиҳин.**[в]

Яъне: Фиръавни лаъин мехоҳад, ки туро ба бадали он қибтӣ бикушад. Ва ин мард холазодаи Фиръавни лаъин дар ниҳон мусалмон шуда буд. Гуфт: «Ё Мӯсо (а), зудтар аз ин шаҳр берун рав, ки ман туро насиҳат мекунам. Мӯсо (а) тарсону ларзон аз пеши модар пой берун ниҳод, аммо модар надонист, ки куҷо меравад. Қавлуҳу таъоло: **Фа хараҷа минҳо хоифан ятараққабу қола рабби наҷҷинӣ мина-л-қавми-з-золимин.**[г]

Алҳосил, Мӯсо (а) бараҳна ҳафт шабонарӯз дар биёбон мерафт ва дар пояш обилаҳо баромада, зеро ки гоҳе побараҳна нарафта буд. Рӯ ба осмон карду гуфт: «Малико, аз ин қавми ситамгарон маро наҷот деҳ!» Қавлуҳу таъоло: **Ва ламмо таваҷҷаҳа тилқоа Мадяна қола ъасо раббӣ ан яҳдиянӣ савоа-с-сабил.**[д]

Яъне: вақте ки муваҷҷиҳ шуд ҷонибӣ Мадян, яъне ба ватани Шуъайб (а), гуфт: «Қариб аст, ки менамояд Парвардигор моро роҳи рост». Чун ба саводи шаҳри Мадян расид, қавмеро дид, ки ба чоҳе гирд омада буданд. Қавлуҳу таъоло: **Ва ламмо варада моа Мадяна ваҷада ъалайҳи умматан мина-н-носи яскуна.**[е]

Яъне: ҳар гоҳе, ки расид бар чоҳи Мадян, ёфт бар он гурӯҳе аз мардум, ки об мехӯронанд чаҳорпоёнро. Баъд аз об додан санге гарон бар сари чоҳ ниҳоданд ва мерафтанд. Мӯсо (а) наздики чоҳ омад ду духтаронро дид, ки бар сари чоҳ истода ва гӯсфандон чанд лоғар ҳамроҳ доранд. Қавлуҳу таъоло: **Ва ваҷада мин дуниҳиму-мраатайни тазудони.**[ж]

[а] Қуръон: 28, 18.
[б] Қуръон: 28, 19.
[в] Қуръон: 28, 20.
[г] Қуръон: 28, 21.
[д] Қуръон: 28, 22.
[е] Қуръон: 28, 23.
[ж] Қуръон: 28, 23.

Пурсид, ки дар ин чо бо гӯсфандон чӣ мекунед? Гуфтанд: Ин гӯсфандон барои об додан овардем. Аммо қувват надорем, ки сангӣ гарон аз чоҳ бардошта, аз далви гарон об баркашем, аз баҳри он ки чиҳил мард мебояд, ки сангро аз даҳони чоҳ бардорад. Ва ҳеҷ кас надорем санг бардорад. Чунончи, к а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ло наскӣ ҳатто юсдира-р-риъоу ва абуно шайхун кабир.**[6]

Яъне: падари мо нобино аст ва сахт заъиф тоқату қувват надорад, ки ба гӯсфандон об диҳад. То шубонон биёянду об баркашанд, мо интизорем.

Чун Мӯсо (а) ин сухан бишунид шафқат дар дилаш падид омаду он сангро аз чоҳ бардошт ва далви пуроб баркашиду гӯсфандони эшонро сероб гардонид. Чун духтарони Шуъайб (а) қуввату шуҷоъати вай бидиданд, аҷаб бимонданд ва Мӯсо (а) сахт дармондаю гурусна дар сояи дарахт бинишасту гуфт, чунонки қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Фа сақо лаҳумо сумма тавалло ила-з-зилли фа қола рабби инни лимо анзалта илаййа мин хайрин фақир.**[a]

Яъне: ё раб, пораи нони ҷавин бирасон, ки гурусна-ам.

Пас духтарон пеши падар шуданд ва гуфтанд: «Ё падар, имрӯз ҷавоне биёмаду сангро танҳо аз сари чоҳ баркашид ва аз далв об бароварда гӯсфандони моро сероб кард». Чун фазоилу маноқиби Мӯсо (а) бисёр гуфтанд, Шуъайб (а) гуфт: «Зуд раведу он ҷавонро наздики ман ored, то мукофоти вай бикунам. Аз духтаронаш яке бузург буд, Сайфура ном дошт ва хурдро Сағира ном буд. Пас Сайфура пеши Мӯсо (а) биёмад, чунонки қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Фа ҷоатҳу иҳдоҳумо тамши ъало-стиҳёин қолат инна абӣ ядъука ли ячзияка ачра мо сақайта лано.**[a]

Пас омад ӯро яке аз он ду духтар, ки мерафтӣ шармгин. Гуфт: «Хароина падарам мехонад туро барои он ки мукофот диҳад туро бар он чи ки сероб кардӣ ту гӯсфандони моро».

Мӯсо (а) аз ҳафт шабонарӯз гурусна буд, бархост. Духтар пеш-пеш мерафт, Мӯсо (а) ақиб. Гуфт: «Ё духтар, ту паси мо шав, зеро ки агар номаҳраме қаду пои занон бинад, дар Қиёмат уқубат ёбад». Духтар гуфт, ки ту роҳи хонаи мо намедонӣ. Мӯсо (а) гуфт: «Агар роҳ хато кунам, ту маро овоз кун!» Духтар донист, ки аз порсоӣ чунин гӯяд. Пас духтар аз ақиби Мӯсо (а) мерафт ва роҳ менамуд. Чун наздики Шуъайб (а) расид, шод гашту гуфт: «Ассалому алайка». Шуъайб (а) ҷавоби салом дода, пеши худ бинишонд ва дасташ гирифта аҳволаш пурсид. Мӯсо (а) он чи ҳақиқат аз Мисру Фиръавну

---

[6] Қуръон: 28, 23.
[a] Қуръон: 28, 24.
[a] Қуръон: 28, 25.

қибтӣ буд, ҳама бозгуфт. Шуъайб (а) фармуд: қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Қола ло тахаф наҷавта мина-л-қавми-з-золимин.**[а]

Яъне, гуфт: натарс аз он қавм, ки аз балои золимон рустӣ. Пас он духтар, ки Мӯсо (а)-ро хонда буд гуфт: қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Қолат иҳдоҳумо ё абатӣ-стаъҷирҳу инна хайра мани-стаъҷарта-л-қавийю-л-амин.**[б]

Яъне: падар, ин ҷавонро ба муздурӣ гир, ки аз ҳама муздурон беҳтар аст ва ду фазилат дорад: яке он ки қуввати бисёр дорад ва дигар он ки аз диёнату амонат ороста аст. Падар гуфт: «Қуввати вай аз об кашидан донистӣ ва диёнати вай бо чӣ дидӣ?» Духтар гуфтушунидро ҳама изҳор сохт. Шуъайб (а)-ро ин суҳан писанд омад ва рағбати ӯ беш гардид: қ а в л у ҳ у т а ъ о л о **Қола иннӣ уриду ан ункиҳака иҳдо-бнатайя ҳотайни.**[в]

Яъне: мехоҳам аз ин духтарон яке ба зании ту диҳам. Мӯсо (а) гуфт, ки ман ғарибу дарвешам ва дар дасти ман ҳеҷ нест, ки маҳри духтари ту бидиҳам. Гуфт: қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **ъало ан таъҷуранӣ самония ҳиҷаҷин фа ин атмамта ъашран фа мин ъиндика ва мо уриду ан ашуққа ъалайка сатаҷидуни иншоаллоҳу мина-с-солиҳин.**[г]

Яъне: ба ҳашт сол шубонии ман кун, то духтари ман маҳр гузорад. Пас агар ба даҳ соли тамом шубонӣ кунӣ, пас аз туст ва ту медонӣ. Ман намехоҳам, ки бар ту гарон кунам, қариб аст, ки ёбӣ маро агар Худо хоҳад аз некӯкорон. Мӯсо гуфт: қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Золика байнӣ ва байнака айямо-л-аҷалайни қазайту фало ъудвона ъалайя.**[д]

Яъне: дар миён ба ҳашт сол ихтиёр ба дасти ман аст, хоҳ ба ҳашт сол кунам хоҳ ба даҳ сол. Аммо набояд, ки аз қавли худ бозгардӣ.

Алқисса, маҳри духтар ба ваъдан шубонӣ гирифта никоҳ дод, то он ки ваъда баромад, манкуҳаш ӯро ҳалол буд. Ва ривоят аз Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* аст: **Уъту-л-аҷира аҷраҳу қабла ай-яҷаффа ъарақаҳу** — яъне: бидиҳед уҷрати муздур пеш аз он ки арақи пешонии ӯ хушк шавад, яъне ҳамон вақт вайро ҳалол гардад, зеро дар машаққат арақ бар рӯй, ки пайдо ояд, ҳаққи муздурӣ тамом карда. Ва акнун замона шуд, ки ҳазор қатраи арақ аз пешонии муздур хушк мешавад, то ҳам бар он ҳеҷ кас илтифот намекунад.

Алқисса, чун Шуъайб (а) духтарро ба Мӯсо (а) таслим карда бифармуд, то асое орад. Духтар асое оварда ба дасти падар дод. Гуфт: «Эй духтар, асои дигар биёр!» То ҳафт мартаба меовард ва мебурд. Боз асое овард, ки Ҷабраил (а) аз

[а] Қуръон: 28, 25.
[б] Қуръон: 28, 26.
[в] Қуръон: 28, 27.
[г] Қуръон: 28, 27.
[д] Қуръон: 28, 28.

Бихишт оварда ба Одам (а) дода буд ва ба таври мерос ба Шуъайб (а) расида. Гуфт: «Эй духтар, ин асо лоиқи пайғамбари мурсал аст». Пас асоро бигирифту дар замин истода кард. Гуфт: «Эй Мӯсо (а), агар ин асоро аз замин бардорӣ, аз они ту шуд». Чун Мӯсо (а) даст ба асо карду бардошт, Шуъайб (а) гуфт: «Худои таъоло туро шояд, ки пайғамбари мурсал намояд ва васияте аз ман бишнав, ки зинҳор гӯсфандонро фалон ҷо набарӣ, ки маъдани аждахост».

Пас гӯсфандонро ба сахро мебурду мечаронид. Иттифоко рӯзе гӯсфандон рӯй ба он водӣ ниҳоданд, ки маъдани аждахо буд. Мӯсо (а) хост, ки гӯсфандонро боздорад, аммо натавонист. Ночор бар сари пушта омада биншаст ва гӯсфандон мечаридаид. Хоб бар Мӯсо (а) ғалаба кард. Пас асо дар паҳлӯ ниҳода бихуфт ва ба асо гуфт, ки агар он аждахо аз маъдани худ барояд ва қасди гӯсфандон кунад, то набояд, ки гӯсфандонро қасри мӯй кунад ё бикушад. Чун замоне бигзашт, аждахои хунхор аз ҷои худ ҳаракат карда қасди гӯсфандон кард. Асои Мӯсо (а) ба сурати аждаҳои азим шуда он морро бикушт ва несту нобуд сохт. Чун Мӯсо (а) аз хоб бархост, аждаҳоро кушта дид, шод гашт ва дар тааҷҷуб монд. Боз ба гӯсфандон ба хона омада гуфт, ки он аждаҳо кушта шуд. Шуъайб *алайҳиссалом* якин донист, ки Мӯсо (а) аз пайғамбари мурсал аст.

Чун Мӯсо (а) чаҳор сол шубонӣ кард, панчум сол Шуъайб (а) гуфт: «Ё Мӯсо, имсол гӯсфандони мо ҳар қадар бачаи нар бизоянд, аз они ту бошад». Ба қазои илоҳӣ нар зоиданд. Соли дигар гуфт: «Ё Мӯсо, имсол ҳар қадар мода зоянд, хама аз они ту бошад». Ба тақдири қазо ҳама мода зоиданд. Соли сеюм гуфт: «Бӯзе, ки сиёҳ зояд ҳама ба ту диҳам». Он сол хама сиёҳ зоиданд. Соли чаҳорум гуфт: Ҳар кӣ имсол сафед бизоид, туро диҳам». Он сол ҳама сафед шуданд. Панчум сол гуфт: «Ҳар бузе, ки сиёҳу сафед, яъне аблақ бизояд, азони ту бошад». Дар ин сол ба ҳукми Худои таъоло ҳама аблақ шуданд. Минбаъд ба хукми Худои аззаву ҷалл гӯсфандони Мӯсо (а) дучанд шуд ва Мӯсо (а) даҳ сол шубонӣ кард. Пас Шуъайб (а) гуфт: «Ё Мӯсо, инак Сайфура ва гӯсфандон азони ту. Хоҳ дигар шубонӣ кун, хоҳ макун».

МУРОҶАЪАТ ФАРМУДАН ВА БА ДАРАҶАИ РИСОЛАТ РАСИДАНИ ҲАЗРАТИ МӮСО АЛАЙҲИССАЛОМ ВА ДАЪВАТ НАМУДАН ФИРЪАВНИ ЛАЪИНРО ҲАСБИ ИРШОДИ ҶАНОБИ БОРИ ТАЪОЛО ҶАЛЛА ЗИКРАҲУ

Пас Мӯсо (а)-ро рӯзе хоҳиши дидори модару бародар дар дил афтод, то аз Шуъайб (а) рухсат шуда, маъа аҳлу иёли худ ба сӯи Миср равон шуд. Ва мерафт, чун аз шаҳр баромад

ва дигар рӯз роҳ тай кард, шабе ҷой мақом карда, гӯсфандонро як ҷо намуда нигоҳ дошт. Дар он замон Сайфураро, ки ҳомила буд, ногоҳ дар торикию биёбон дарди зиҳ баромад. Казоро зулмате низ ҳувайдо шуд ва раъд ғурриду барқ бичаст ва борон фурӯ боридан гирифт, то сармои сахт рӯ намуда. Мӯсо (а) аз ғалабаи борон мутаҳайир шуд. Чақмоқ берун оварда ҳарчанд зад оташе барнаёмад. Аммо дармонда шуда бар замин андохт, дар хашм шуд. Он сангу оҳан дар сухан омаданд ва гуфтанд: «Ё Мӯсо (а), маро фармон нест, ки оташ туро бозdиҳам». Боз боде саҳмнок баромад ва олам бихурӯшиду сиёҳ гашт, чунон ки дар маҷмӯъи олам ҳеҷ кас бо ҷуфти худ дар он шаб ором нагирифт. Гӯё ҳама ҷаҳониён киштии дарё буданд. Пас Мӯсо *алайҳиссалом* битарсид ва ҳама тараф нигоҳ кард. Аз тарафи Тӯр рӯшноии оташ ба назар омад: Қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо қазо Мусо-л-аҷала ва сора биаҳлиҳи онаса мин ҷониби-т-Тури норан қола ли аҳлиҳи-мкусу иннӣ онасту нора-л-лаъаллӣ отикум минҳо би хабарин ав ҷазватин минан-нори лаъаллакум тасталун.**[а]

Пас ҳар гоҳ, ки тамом кард Мӯсо (а) муддати мавъудро мерафт маъа иёли худ. Ва дид ба тарафи Тӯр оташеро. Гуфт аҳли худро: «Дар ин ҷо мебошед. Ҳароина мебинам оташеро, шояд, ки хабаре аз он ё порае аз оташ биёранд, то шумо вуҷуди худро гарм кунед». Пас Мӯсо (а) ба дастурии Сайфура асо ба даст гирифта, рӯ ба кӯҳи Тӯр ниҳод. Чун бар сари кӯҳи Тӯр расида, дарахте сабз дид. Гӯянд: он дарахти унноб буд ва аз сар то бун нур дошт. Мӯсо (а) рушноии нур дида донист, ки оташ аст. Пас хор бар сари асо баста бар дарахт кард, ки оташ бигирад. Он нур аз шохе ба шохе мешуду дар хораш намегирифт. Мӯсо (а) мутаҳайир гашта фурӯ монд ва хост, ки баргардад. Ногоҳ нидое даррасид — қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо атоҳо нудия мин шотии-л-води-л-аймани фи-л-букъати-л-мубораками мина-ш-шаҷарати ан ё Мӯсо иннӣ аноллоҳу раббу-л-ъоламин.**[б]

Яъне: чун омад наздик, нидо карда шуд ӯро аз канори майдони муборак аз он дарахт: «Ё Мӯсо, ҳароина манам Худои таъоло парварандаи ҳама олам». Мӯсо (а) чун сухани Худо бишунид, ба саҷда даромад, зеро ки ба дилаш якин шуд, ки ин сухани Худост. Пас Мӯсо (а)-ро талаб фармуду гуфт — қавлуҳу таъоло: **Иннӣ ано раббука фахлаъ наълайка иннака би-л-води-л-мукаддаси Тува.**[в]

Яъне: ба таҳқиқ, ки манам парвардигори ту. Пас бикшо наълайни худро, ба таҳқиқ ту ба майдони пок ҳастӣ, ки по-

---

[а] Қуръон: 28, 29.
[б] Қуръон: 28, 30.
[в] Қуръон: 20, 12.

маш Туво аст, то дар он кадами ту бирасид. Мӯсо (а) наълайн берун кард. Дарсоъат ду каждум шуданд.

Овардаанд: ҳар гоҳ, ки Мӯсо (а) аз Сайфура дастурин худ хоста буд, Сайфура васияте карда, ки дар ин замин мору каждум бисёранд. Ба ҳушёрӣ бояд рафт. Мӯсо (а) фармуда буд, наълайн дар пою асо дар дасти ман аст, аз он чизе андеша надорам. Бино бар он Худои таъоло тақдир кард, ки наълайну асои ӯ мору каждум шаванд. Чун ҳарду наълайн каждум шуданд, Мӯсо (а) битарсид. Боз хитоб омад: **Ва мо тилка биямининка ё Мӯсо.**[б]

Яъне: ба дасти рост чӣ дорӣ? **Қола ҳия ъасоя атаваккау ъалайҳо ва аҳушшу биҳо ъало ғанамӣ ва лия фиҳо маорибу ухро.**[в]

Гуфт: «Асои ту чӣ кор ояд?» Гуфт: «Чун монда шавам, такя бар он кунам ва аз дарахтон барг фурӯ резаму ба гӯсфандон хӯрдан диҳам ва низ ба асо кор бисёр аст».

Ва Муҳаммад ибни имом Ҷаъфари Содиқ *имомулмуслимин* гӯяд, ки чун Мӯсо (а) такя бар асо заду гуфт, ки чун тангдил гардам, бар замин фурӯ барам, то дарахте гардад ва ҳафт шох бароварад ва ба ҳар шох, ки бароям, як иқлим аз замин бинам. Нидо омад — қавлуҳу таъоло: **Ва ан алқи ъасока фа ламмо раоҳо таҳтаззу кааннаҳо ҷоннув-валло мудбирав-ва лам юъаққиб.**[г]

Яъне: бияндоз асоро. Пас чун дид онро мечунбид, гӯё он аждаҳост, мерафт пушт гирдоянда ва аз пас наменигарист. Мӯсо (а) хост, ки бигрезад, нидо омад — қавлуҳу таъоло: **Е Мӯсо ақбил ва ло тахаф.**[д]

Яъне: пеш ой ва матарс. Худои таъоло як ҷо морро ёд кард — қавлуҳу таъоло: **Ҳайятун тасъо**[е] ва як ҷо **Суъбонун мубинун**[ж] ва ҷои дигар **Кааннаҳо ҷоннув-валло мудбирав-валам юъаққиб.**[з]

Яъне: он аст, ки ба дидор чун мор будӣ ва ба бузургӣ мисли суъбон ва нахустин чун парӣ менамуд. Чун мор мешудӣ, хафтоду ду пои фил ва ҳафсад дандон мувофиқи дандони фил баровардӣ-ва мӯйҳо бар гардан ҳамчун найза баромадӣ. Чун бар санг мезадӣ, дарсоъат санг хок мешудӣ. Фармон омад, ки ё Мӯсо, асоро бигир! Қавлуҳу таъоло: **Хузҳо ва ло тахаф сануъидуҳо сиратаҳо-л-уло.**[и]

Яъне: бигир ту ӯро ва матарс, ки қариб аст, ки гардонем ӯро ба сурати аввал. Чун гирифт, чӯбе бозгашт, нидо омад —

[б] Қуръон: 20, 17.
[в] Қуръон: 20, 18.
[г] Қуръон: 28, 31.
[д] Қуръон: 28, 31.
[е] Қуръон: 20, 20.
[ж] Қуръон: 7, 107.
[з] Қуръон: 28, 31.
[и] Қуръон: 20, 21.

қавлуҳу таъоло: **Аслук ядака фӣ ҷайбика тахруҷ байзоа мин ғайри суин.**[а]

Яъне: даст дар ҷайб кун, байза дар даст падид ояд софу рушан. Чун даст дар ҷайб карду баровард, ҳама ҷаҳон аз нураш мунаввар гашт ва бар нури офтоб ғалаба кард.

Ҳаққ таъоло ду муъҷиза ба Мӯсо (а) дода буд: яке **Асо**, ки ҳазор муъҷиза дошт, дигаре **Яди байзо**, ки аз вай нур тофтӣ, чунон ки халқ мутаҳаййир бимондӣ.

Пас фармон омад, ки ё Мӯсо, ба Миср бирав, Фиръавнро даъват кун. Гуфт: «Илоҳо, иёли ман дар биёбон танҳост». Ниндо омад, ки ҳуре фиристодаам тифлакро доягӣ намояд ва гургонро ҳукм кардаам, ки посбонии гӯсфандон кунанд ва дил аз гӯсфандону зан фориғ дор, ки нигаҳбон манам, валекин ту дар Миср шав. Пас Мӯсо (а) дуъо карда, чаҳор ҳоҷат хост — қавлуҳу таъоло: **Қола рабби-шраҳ лӣ садрӣ ва яссир ли амрӣ ва-ҳлул ъуқдатан мин лисонӣ яфқаҳу қавлӣ ваҷъал лӣ вазиран мин аҳли Ҳоруна ахӣ-шдуд биҳи азрӣ ва ашрикҳу фӣ амрӣ кай нусаббиҳака касиран ва назкурака касиран иннака кунта бино басиран.**[б]

Ё рабб, синаи ман дар корҳо рӯшан гардон, то ҳама чиз бидонам ва корҳои душвор ба ман осон кун ва уқда аз забони ман баргир, то касон бифаҳманд суханҳое, ки бигӯям. Ва бародарам Ҳорунро вазири ман гардон, то пушти ман ба вай қавӣ бошад ва дар пайғамбарӣ низ шарик гардонӣ, то як ҷо пайғом гузорем ва ҳар ду туро парастем, то ба гузоридани пайғом агар аз ман таксире ба вуқуъ ояд, ёрӣ кунад. Қавлуҳу таъоло: **Қола қад утийта сулака ё Мусо.**[в]

Яъне, гуфт: Эй Мӯсо, он чи ту хостӣ, додем, чунон ки дилат фароху рӯшан кардем, корҳои душвор низ ба ту осон гардонидем ва забонат фасиҳ намудем ва бародаратро вазири ту сохтем. Боз дархост намуд — қавлуҳу таъоло: **Қола раббӣ иннӣ қаталту минҳум нафсан фа ахофу ан яқтулун.**[г]

Яъне, гуфт: Эй Худо, ҳароина ман қатл кардам нафсеро аз эшон, пас метарсам, ки қатл кунанд маро. Пас хитоб омад — қавлуҳу таъоло: **Санашудду ъазудака би ахика ва наҷъалу лакумо султонан фа ло ясилуна илайкумо биоётино антумо ва мани-ттабаъакумо-л-ғолибун.**[д]

Яъне: ҳуҷҷату қуввати ту ба бародари ту гардонидам ва шуморо ғолиб намудам. Пас нарасанд қавми Фиръавн шуморо ва ҳар ки пайрави шумо бошад, голиб гардад. Мӯсо (а) ҳарчи аз дил хост, Эзид таъоло бидод. Аммо Муҳаммади Мустафо

[а] Қуръон: 28, 32.
[б] Қуръон: 20, 25—35.
[в] Қуръон: 20, 36.
[г] Қуръон: 28, 33.
[д] Қуръон: 28, 35.

саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллямро нахоста дод. Қавлуҳутаъоло: **А лам нашраҳ лака садрака ва вазаъно.**[в]

Яъне: Эй Муҳаммад (с), дили ту фароҳу кушода кардем, то илму ҳикмат дар ту ҷой ёбад, агарчи аз ман нахостӣ.

Ва Иброҳим (а) гуфт — қавлуҳутаъоло: **Раббано тақаббал минно иннака анта-с-самиъу-л-ъалим.**[г]

Малико, дуъои ман иҷобат фармой. Қавлуҳутаъоло: **Раббано-ғфир лӣ ва ли волидайя.**[д]

Яъне: ё рабб маро ва падару модари маро бибахш, хоҳ аз зиллат мамлуъ бошанд ё аз гуноҳ маъсум. Он чи хостан Иброҳим (а) буд, бидод. Аммо Муҳаммад (с)-ро нахоста бидод. Қавлуҳутаъоло: **Ли яғфира лакаллоҳу мо тақаддама мин занбика ва мо тааххара.**[е]

Яъне: Ё Муҳаммад, (с) биёмурзидем туро он чи гуноҳон кардӣ. Маъно он бошад, ки ё Муҳаммад (с), зиллати Одам (а)-ро он гоҳ биёмурзидем, ки туро шафиъ оварад, ё охиратро шафоъат кунӣ, хама ба шафоъати ту биёмурзидем.

Алҳосил, Мӯсо (а)-ро вазир аз хостааш Ҳорунро дод ва бе хоста ба Муҳаммад (с) чаҳор халифа иноят фармуд: Абубакру Умар ва Усмону Алӣ *ризвонуллоҳи алайҳим аҷмаъин.* Ва ҳама пайғамбарон хостанд, ёфтанд, магар нахоста Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ёфт.

Алкисса, ба Мӯсо (а) нидо омад, ки наздики Фиръавн шав, ӯро даъват кун. Қавлуҳутаъоло: **Изҳаб анта ва ахука би оётӣ ва ло таниё фӣ зикрӣ-зҳабо ило Фиръавна иннаҳу тағо фа қуло лаҳу қавлан лаййинан лаъаллаҳу ятазаккару ав яхшо.**[ж]

Яъне: биравед ба оёти мо ҳароина додем, дар ёди ман ҳар гоҳ биравед, ӯ нофармонӣ кунад, пас бигӯед: таҳқиқ мо ҳар ду расулем аз Парвардигори худ ва бигӯед ба Худой имон орад. Гар бар роҳи рост бозой ва даъвои ботил бигузорӣ, бо ту се кор кунем: яке ҷавонӣ ба ту бозднҳем ва дигар аз Шарқ то Ғарб подшох гардонем, савум умри ту дароз кунем, то дар он мулку неъмат пойдор бошӣ.

Пас боз талкин фармуд, ки бигӯед — қавлуҳутаъоло: **Фарсил маъано Бани Исроила ва ло туъаззибҳум.**[а]

Яъне: қавми Бани Исроилро ба мо биспор ва азоб надиҳӣ ту эшонро. Қавлуҳутаъоло: **Қад ҷиънока би оятим-мир раббика.**[б]

Яъне: овардем барои ту ояти Худои ту. Қавлуҳутаъоло: **Вассалому ъало ман-ит-табаъа-л-ҳудо.**[в]

Яъне: саломи Худо бар он кас аст, ки Худойро парастад.

[в] Қуръон: 94, 1—2.
[г] Қуръон: 2, 127.
[д] Қуръон: 14, 41.
[е] Қуръон: 48, 2.
[ж] Қуръон: 20, 42—44.
[а] Қуръон: 20, 47.
[б] Қуръон: 20, 47.
[в] Қуръон: 20, 47.

Қавлуҳу таъоло: **Инно қад уҳия илайно анна-л-ъазоба ъало ман каззаба ва тавалло.**[е]

Яъне: бигӯед, ки бо мо ваҳй чунон омад, ки азоби Худой бар он кас аст, ки рӯ бигардонад аз Худо ва расули ӯ. Қавлуҳу таъоло: **Фа қуло лаҳу қавлал-лаййинан лаъаллаҳу ятазаккару ав яхшо.**[ӫ]

Ва бигӯед ӯро сухани нарм, шояд ки ӯ ёд гирад ва битарсад. Пас Худои таъоло муноҷоти ӯ қабул карда, ҳама одоби пайғамбарӣ омӯзонида ва неъмат бар ӯ тамом карда, ба сӯи Миср рухсат фармуд.

Мӯсо (а) наздики Сайфура омада дид, ки писар оварда хурон гирди вай омада ва гургон шубонии гӯсфандон мекунанд. Худои таъолоро шукр кард. Аҳволи хеш изҳор намуда, Сайфура *разияллоҳу анҳо* гуфт: «Дар фармони Худои таъоло муқассир мабош. Зуд бирав пайғоми Худои таъоло бигзор!» Мӯсо (а) ҳар чизе ки дошта буд, пеши Сайфура гузошта,, ба чуз асо чизе нагирифт ва рӯй ба Миср ниҳод ва вакти намози хуфтан ба дарвозаи Миср расиду ба дари дарвозаи хеш омада дастак бизад. Хоҳараш берун омад ва гуфт: «Ту кистӣ, ки дари хона мезанӣ?» Гуфт: «Меҳмонам». Хоҳараш дарун рафта ба модари худ гуфт, ки меҳмоне омада. Модар гуфт: «Дари хона бикушо ва ӯро дастурӣ бидеҳ, то таъом бихӯрад». Мӯсо (а) ба хона омад ва ба гӯшаи суф бинишаст. Ҳоруну падараш Имрон омаданд. Аммо қавли асаҳҳ он аст, ки хоҳару падараш чаҳони фониро падруд фармуда буданд. Модараш пурсид ва нишонда буд. Пас чароғе пеш овард ва нони ҷавину намак дар пеши Мӯсо (а) ниҳод.

Мӯсо даст дар таъом кард, мехӯрд. Баъд аз соъате Ҳорун омаду пурсид, ки ин кадом шахс аст. Гуфт: «Меҳмон аст, ки алалфавр расидааст». Ҳорун ба наздики меҳмон омада ва нигаристу шиноҳт ва наъра бизад, бехуш гашт. Модари Мӯсо (а) низ шиноҳта дар пой афтода бехуш гашт. Мӯсо (а) бархосту модарро дар канор гирифт ва бӯса бар сараш доду бигрист. Чун ба ҳуш омад, аҳволаш бипурсид. Ҳорун гуфт: «Эй бародар, ба мо чунин расида, ки ту пеши Шуъайб (а) будаю духтари вай хостай. Мӯсо (а) гуфт: «Бале, ҳамчунин аст. Валекин муждаи дигар ба шумо бод, ки Худои таъоло маро пайғамбарӣ дод ва бевосита бо ман сухан гуфтааст». Чун Ҳорун (а) ин мужда бишунид, хушҳол гашту бар пой хост ва ба хидмати Мӯсо истод.

Он гоҳ Мӯсо фармуд: «Ё бародар, Худои таъоло туро низ дар пайғамбарӣ бо ман шарик кардааст, биё ки наздики Фиръавн равему ӯро даъват кунем. Ва Худои таъоло низ маро

[е] Қуръон: 20, 48.

[ӫ] Қуръон: 20, 44.

муъҷиза дод, ки агар ин асо бияфганам море шавад, то ҳарчи моро бояд бикунад. Ва дигар муъҷиза он аст, ки чун даст ба ҷайб фурӯ барам, аз ҳар ангуштҳо нуре тобад, ки бар нури офтоб ғалаба кунад». Ҳорун (а) шод гашту гуфт, ки қавми бани Исроил аз дасти таъаддии ин золим наҷот ёфт.

Дигар рӯз аз ибодат фориғ шуда, ҳар ду бархоста рӯй ба сарои Фиръавни лаъин ниҳоданд. Ва Фиръавн бар сари роҳи хеш дарахтҳои хурмо нишонда ва ба зери дарахте шерон баста буд, то ҳеҷ кас бе ҳукм гирди саройи ӯ нагардад. Чунончи аз тарси шерон ҳеҷ кас гирди саройи лаъин нагаштӣ. Чун Мӯсо ва Ҳорун *алайҳимоссалом* наздики он шерон рафтанд, ҳама сарнагун шуда, рӯй бар хок молида тавозуъ карданд. Мӯсо (а) даст фароз карда, ҳалқа дар саройи ӯ биҷунбонид, чунон ки тамоми кӯшкҳо ҷунбид ва овози **инни расулу рабби-л-ъоламин.**[е] ба гӯши Фиръавн расид ва парда бардошта Мӯсо (а)-ро дид.

Ва дар ривояте омадааст, ки ду сол ба дари Фиръавн бимонданд ва ба ҳочибон гуфтанд, ки мо Расулони Худоем. Эшон гуфтанд: «Магар девона ҳастед, Худои мо Фиръавн аст». Чун дигар рӯз омада гуфтанд, ки ба Фиръавн хабари мо расонед, эшон ангоштанд, ки девонаанд. Аҳаде илтифот ба сухани шон накард. Рӯзе Масхара, ки бо Фиръавн сухани ҳазлиёт гуфтӣ, ба дарбор ҳозир шуда гуфт, ки ачаб аст аз шахсе маҷнун, ки ба дарвозаи ту қариб ба ду сол аст мегӯяд, ки ӯро худоест ҷуз ту. Фиръавн дар хашм шуда ба ҳузур талабиду гуфт — кавлуху таъоло: **А лам нураббика фино валидан ва лабиста фино мин ъумурика синина.**[а]

Яъне: туро парвардам ба чои фарзанд ва солҳо пеши ман будӣ, чанд гоҳ аст, ки аз пеши ман рафтӣ. Қавлуҳу таъоло: **Ва фаъалта фаълатака-л-латӣ фаъалта ва анта мина-л-кофирин.**[б]

Яъне: он чи карда, ки якеро кушта гурехтӣ ва бознаёмадӣ. Мӯсо (а) гуфт: «Оре, ман онам». Қавлуҳу таъоло: **Қола фаъалтуҳо изав-ва-ано мин-аз-золлин.**[в]

Гуфт: «Ӯро ба хато бикуштам ва қотили бахаторо қасос лозим наёяд. Ва шумо маро ба қасос талаб кардед, лиҳаза бигрехтам. Чунончи — кавлуҳу таъоло: **Фа фарарту минкум ламмо хифтукум фа ваҳаба лӣ раббӣ ҳукман ва ҷаъаланӣ мин-ал-мурсалин.**[г]

Яъне: аз шумо битарсидам ва бигрехтам. Худой маро ҳикмат дод ва пайғамбар кард. Фиръавн гуфт: **Ва мо раббу-л-ъоламин.**[д]

[е] Қуръон: 43, 46.
[а] Қуръон: 26, 18.
[б] Қуръон: 26, 19.
[в] Қуръон: 26, 20.
[г] Қуръон: 26, 21.
[д] Қуръон: 26, 23.

Яъне: кист парварандаи оламин, ки туро фиристодааст? Гуфт — кавлуҳу таъоло: **Қола раббу-с-самовоти ва-л-арзи ва мо байнаҳумо кунтум мукинин.**[е]

Яъне, гуфт: Худои осмонҳо ва Замин ва он чи дар миёни ҳар ду аст, ҳамаро офарида, рӯзӣ диҳад. Гуфт — кавлуҳу таъоло: **Қола лиман ҳавлаҳу ало тастамиъун.**[ж]

Фиръавн чуласои худро гуфт: «Бишнавед, ки чӣ гӯяд». Пас Мӯсо (а) фармуд — кавлуҳу таъоло: **Қола раббукум ва раббу обоикуму-л-аввалин.**[з]

Яъне: Худои шумост ва падарони шумо, ки пеш аз шумо буданд. Фиръавн гуфт: — кавлуҳу таъоло: **Инна расулакуму-л-лазӣ урсила илайкум ла маҷнун.**[и]

Яъне: шуморо девона фиристодааст. Мӯсо *алайҳиссалом* гуфт — кавлуҳу таъоло: **Раббу-л-машриқи ва-л-мағриби ва мо байнаҳумо.**[к]

Яъне: Парвардигори Машриқу Мағриб ва ҳар чи андар ӯ ҳаст, ӯрост. Фиръавн гуфт: — кавлуҳу таъоло: **Лаин-иттахазта илоҳан ғайрӣ лааҷъаланнака мина-л-масҷунин.**[л]

Яъне: агар ту худои дигар бипарастӣ, ба зиндон даркунам. Мӯсо (а) гуфт, ки Худои таъоло маро пайғамбарӣ дод ва бар ту фиристод, то бигӯй: **Ло илоҳа иллаллоҳу Мӯсо расулуллохи.** Фиръавн гуфт: «Агар ин калима бигӯям, Худои ту маро чӣ диҳад?» Гуфт: «Се чиз — аввал ҷавонӣ, дуввум подшоҳӣ аз Шарқ то Ғарб, сеюм сад сол умри ту зиёда кунад, то дар ин неъмат буда, бо айше зиндагонӣ кунӣ ва дар рӯзи Қиёмат ҳисоби ту накунад». Мӯсо (а)-ро фармон буд, ки ба Фиръавн сухан бо нармӣ гӯяд. Лиҳоза он чи мегуфт, бо нармӣ мегуфт. Фиръавн гуфт: «Ё Мӯсо (а), имшаб маро фурсат деҳу бозгард, ки ман вазире дорам, аз ӯ машварат карда он чи маслаҳат аст, бигӯям».

Пас Мӯсо (а) ва Ҳорун (а) ба хона бозгаштанд. Пас Ҳомони палидро ба наздик талаб фармуду ҳикояти Мӯсо (а) тамом гуфт, ки маро ба ҳеҷ чиз рағбат нест илло ба ҷавонӣ. Ҳомони палид гуфт: «Чанд гоҳ аст, ки ту даъвои худой мекунӣ. Бори дигар икрори бандагӣ хоҳӣ кард, агар орзуи ҷавонӣ дорӣ, бубин имшаб аз сари нав ҷавон бикунам». Чун шаб даромад, Ҳомон даромада он чи лаълу ҷавоҳир дар ришн Фиръавн буд берун оварда, ришн Фиръавнро ҳизоб кард. Бомдод Фиръавни лаъин ришн худ дида пиндошт, ки боз ҷавон шуд. Чун бомдод Мӯсо (а) бозомад, Фиръавн гуфт: «Ё Мӯсо, муъҷизаи пай-

---

е Қуръон: 26, 24.
ж Қуръон: 26, 25.
з Қуръон: 26, 26.
и Қуръон: 26, 27.
к Қуръон: 26, 28.
л Қуръон: 26, 29.

гамбарии ту чист?» Мӯсо фармуд — қавлуҳу таъоло: **А ва лав чиътука бишайъим-мубин.**[а]

Яъне туро агар чизе бинамоям, то ту донӣ, ки ман пайғамбарам. Қавлуҳу таъоло: **Қола фаъти биҳи ин кунта мин-ас-содиқин.**[б]

Яъне гуфт: «Агар ростгӯ ҳастӣ, биёру бинамо». Қавлуҳу таъоло: **Фа алқо ъасоҳу фа изо ҳия суъбонум-мубин.**[в]

Мӯсо (а) асо аз даст бияндохт, ба фармони Худои таъоло море бузург шуда ва даҳон боз кард, ба ҳайъате ки ҳафтоду ду пой монанди пои пил ва ҳафтсад дандон ва ҳафт ҳазор мӯй бар қафо мисли тиру найза падид омад. Пас сар бароварда каф аз даҳон бияндохтӣ ва ҳар кучо оби даҳони вай расидӣ, дар он замин гиёҳ барнаёмадӣ ва он чӣ бар одамиён афтодӣ, иллати барас пайдо кардӣ. Боз рӯ ба сӯи Фиръавни лаъин ниҳод ва дар он ҳафт ҳазор одамӣ ва чаҳорпоён ба зери пои ӯ халок шуданд. Ва лаби зеринро зери тахти Фиръавн ва лаби болоро бар кунгураи кӯшк ниҳода хост, ки фурӯ барад.

Пас Фиръавн ба зери тахт дарафтоду гуфт: «Ё Мӯсо (а), барои даъвати мо омадӣ ё халоки мо мехоҳӣ?» Мӯсо (а) гуфт: «Барои даъват омадаам». Пас гуфт, ки зинҳор моро беш аз ин тоқат намондааст. Мӯсо (а) берун омада даст бар гардани аждаҳо ниҳод. Ҳамон соъат асо гашт. Пас Фиръавн аз зери тахт берун омада, ба чои хеш бинишаст. Мӯсо (а) даст аз чайб баркашида, яди байзо ӯро бинамуд. Қавлуҳу таъоло: **Ва назаъа ядаҳу фа изо ҳия байзоу ли-н-нозирина қола ли-л-малои ҳавлаҳу инна ҳаза ласоҳирун ъалимуй-юриду ай-юхричакум мин арзикум би сиҳриҳи фа мозо таъмурун.**[г]

Яъне: Фиръавн ёронро гуфт: «Ин чодуест, ки мехоҳад аз Миср берун кунад, шумо машварат намоед бар ман. Гуфтанд — қавлуҳу таъоло: **Арчиҳ ва ахоҳу ва-бъас фи-л-мадоини ҳоширина яътука би кулли саҳҳорин ъалим.**[д]

Яъне: ба подшоҳии ту чодувон бисёранд, ҳама чамъ кун, то бо ӯ ғолиб хоҳӣ шуд. Мӯсо (а)-ро ба ваъдаи чанд рӯз рухсат кард.

Мӯсо ба хона омада, бо тасбиҳу таҳлил машғул шуд. Пас аз ваъдаи Фиръавн шаш моҳ гузашт, ки тамоми соҳирон чамъ шуданд, то чаҳор ҳазор чодугар як чо гаштанд ва ҳар кас ба фанни худ устоде буд, ки дар рӯи замин назири худ надошт. Ва меҳтари чодувон нобино буд. Фиръавни лаъин аз эшон гуфт: «Аз чаҳорсад сол шуморо нону чома медиҳам. Маро як ҳоҷат аст, бояд ки ҳама илмею чодуе, ки дошта бошед, аз он Мӯсоро

[а] Қуръон: 26, 30.
[б] Қуръон: 26, 31.
[в] Қуръон: 26, 32.
[г] Қуръон: 26, 33—35.
[д] Қуръон: 26, 36—37.

илзом диҳед ва ӯро рад кунед, то неъмати бештар аз пештар диҳам. Ҳама ҷодувон ҷавоб доданд, ки ҳеҷ тафсире накунем, валекин олоту авзори бисёр бояд, ҳукм фармо, то изҳор кунем. Гуфт: «Дари хазина кушоед ва он чи эшон бихоҳанд, бигиранд, то аз ресмону симоб ва ғайра он чи хоста буданд, гирифтанд ва дар арзи шаш моҳ тилисмот рост карданд.

Мӯсо муддате дар ибодат машғул буд ва Фиръавни лаъин худро дар шуғли ҷоду дошт ва аз ҳар тараф лашкариёнро талаб фармуд. Чунончи, қавлуҳу таъоло: **Ва арсил фӣ-л-мадоини ҳоширин.**[а]

Яъне: расул дар Мадоин фиристода лашкарро талабида ва дувоздаҳ ҳазор савору пиёда ҳозир омада, баробари кӯшк чапу рост истоданд. Ва аз атрофи кӯшк чаҳор ҳазор фарсанг холӣ буд. Дар он майдон ҷодувон омада олотҳои тилисмро афгандаанд ва пеши Фиръавни лаъин омада гуфтанд. Қавлуҳу таъоло: **Инна лано лааҷран ин кунно наҳну-л-ғолибин.**[б]

Оё ҳароина ҳаст ҷиҳати моён аҷр, агар аз Мӯсо ғолиб шавем? Қавлуҳу таъоло: **Наъам ва иннакум ламина-л-муқаррабин.**[в]

Фиръавн гуфт: «Албатта, ман шуморо аз наздикон гардонам ва неъмату мол бисёр диҳам.

Пас Мӯсо (а) ва Ҳорун *алайҳиссалом* дар он майдон омаданд ва лашкару ҳашами Фиръавн бидиданд. Меҳтари ҷодувон гуфт: «Мӯсо (а) чи гуна мардест?» Гуфтанд: «Пашминапӯш аст ва наълайн дар по дорад ва асо дар даст». Боз ҳама ҷодувон гуфтанд: «Ё Мӯсо (а), қавлуҳу таъоло: **Иммо ан тулқия ва иммо ан накуна наҳну-л-мулқина.**[г]

Яъне аввал ту олати худ афганӣ ё мо? Дар он соат Ҷабраил (а) даррасиду гуфт: «Ё Мӯсо (а), бигзор ки аввал ҷодувон бигзоранд ва бияфгананд». Пас Мӯсо (а) гуфт — қавлуҳу таъоло: **Алқу мо антум мулқуна.**[д]

Яъне: аввал шумо бияфганед. Ҷодувон савганд ёд карданд. Қавлуҳу таъоло: **Қолу би ъиззати Фиръавна, Ва авҳайно ило инно ланаҳну-л-ғолибун.**[е]

Яъне: ба иззати Фиръавн, ки бар ту ғолибем. Пас олатҳои тилисмро дар вақти чоштгоҳ бияндохтанд. Чун офтоб битофт, ҳама олатҳои чаҳор ҳазор хирвор ба ҷунбиш даромаданд ва мору каждум гаштанд. Ҳеҷ сангу кӯлухе намонд, ки мор нашуд. Чунончи қавлуҳу таъоло: **Фа изо ҳиболуҳум ва ъисийюҳум юҳаййилу илайҳи мин сиҳриҳим.**[ж]

[а] Қуръон: 7, 111.
[б] Қуръон: 7, 113.
[в] Қуръон: 7, 114.
[г] Қуръон: 7, 115.
[д] Қуръон: 26, 43.
[е] Қуръон: 26, 44.
[ж] Қуръон: 20, 66.

Чунон донистанд, ки ҳама чӯбҳо моронанд ва оҳанги халқ кунанд ва ҳама халқро фурӯ баранд. Мӯсо ин аломат дида, битарсид. Қавлуҳу таъоло: **Фа авҷаса фӣ нафсиҳи хифатан.**[б]

Дар нафс хавф расид. Дарҳол нидо омад — қавлуҳу таъоло: **Ло тахаф иннака анта-л-аъло ва алқи мо фӣ яминика талқаф мо санаъу.**[в]

Ки эй Мӯсо (а), матарс, ки дасти ту болои дасти эшон аст. Харчи дар даст дорӣ, бияфган. Қавлуҳу таъоло: **Фа алқо Мӯсо ан алқи ъасоҳу фаизо ҳия талқафу мо яъфикун.**[г]

Пас бияндохт асоро бар замин, то фурӯ шуду аждаҳо гашта аз канорҳои майдон баромад, ки ҳафтод ҳазор сар дошт ва дар ҳар сари вай ҳафтод ҳазор даҳон падид омаду он чаҳор хазор хирвори саҳро ба дунбола ҷамъ карду ба як луқма фурӯ гирифт, то ҳама олатҳо дар шиками вай рафтанд. Аммо шиками вай бузург нашуд. Чун ҳамаро фурӯ бурд, рӯй ба кӯшки Фиръавн кард. Он низ тахти худ гузошта бигрехт. Чун мардумон Фиръавнро диданд, ки мегурезад, донистанд, ки вай бар ботил аст. Суъбони Мӯсо (а) лаби боло болои кӯшк ва лаби зерин зери кӯшк ниҳоду аз ҷой барканда дар ҳаво бияндохт ва хиштхои кӯшк нопадид гаштанд, чунон ки ҳеҷ асараш намонд. Пас рӯй ба кух ниҳод, он чи кулӯху санг буд, ҳамаро ба як бор фурӯ бурд. Қавлуҳу таъоло: **Фа вақаъа-л-ҳаққу ва батала мо кону яъмалун.**[д]

Пас зоҳир шуд ҳаққ ва ботил гашт он чи ки буданд, ки мекарданд. Қавлуҳу таъоло: **Фа ғулибу ҳунолика ва-нқалабу соғирин.**[е]

Ҷодувон ҳама мағлуб шуданд ва Мӯсо (а) ғолиб омад. Фармон расид, ки ё Мӯсо (а), асоро бигир, то мулк вайрон накунад ва агар соъате бигзорӣ, пас ҳама мисриёну ҷамъи халоиқро фурӯ барад. Пас Мӯсо (а) аждаҳоро бигрифт. Ба қудрати Худои таъоло ҳамон асо гашт. Ҳама ҷодувон ба меҳтари хеш гуфтанд, ки асои Мӯсо (а) аждаҳо шуд, ҳамаро фурӯ бурд ва боз даст бар гардани вай ниҳод, ҳамон чӯб гашт. Меҳтари ҷодувон гуфт: «Бидонед, ки Мӯсо (а) пайғамбари барҳаққи Худои таъоло — офаридгори ҳама ҷаҳониён аст. Акнун салоҳ он аст, ки ба Худои таъоло саҷда кунем». Пас имон оварда ба вахдоният иқрор карданд: **Фа улқия-с-саҳарату соҷидина қолу оманно би рабби-л-ъоламина рабби Мусо ва Ҳоруна.**[ж]

Яъне: ҳама соҳирон саҷда карданд ва ба нубуввати Мӯсо (а)

[б] Қуръон: 20, 67.
[в] Қуръон: 20, 68—69.
[г] Қуръон: 7, 117.
[д] Қуръон: 7, 118.
[е] Қуръон: 7, 119.
[ж] Қуръон: 26, 46—48.

бигардиданд. Пас Худои таъоло хиҷоб аз чашми эшон бардошт, то Тахтуссаро диданд. Чун сар аз сачда бардоштанд, Аршро муъояна карданд ва он чи дар олами кавну макон буд, диданд ва бигуфтанд: **Оманно би рабби-л-ъоламин.**[е]

Яъне: имон овардем ба Худое, ки ҳаждаҳ ҳазор олам офарида. Фиръавни лаъин гуфт, ки Худои шумо манам. Ҷодувон гуфтанд: «Рабби Мӯсо ва Ҳорун парвардигори моён аст». Пас малъун гуфт, ки он Худо шуморо чӣ хоҳад дод? Гуфтанд: **Ли яғфира лано хатоёно ва мо акраҳтано ъалайҳи мина-с-сиҳри.**[а]

Яъне: гуноҳон биёмурзад ва бахшад хатоҳои моро ва он чи ба икроҳи ту ҷоду овардем, ки ин ҳама куфр аст ва он Худой бар ҳақк ва ту бар ботил. Лаъин гуфт: **Фа лаукаттиъанна айдиякум ва арҷулакум мин хилофин ва лаусаллибаннакум фӣ ҷузуъи-н-нахли ва латаъламунна айюно ашадду ъазобан ва абқо.**[б]

Яъне: дасту пои шумо бибурам ва бар дор кунам ва ба азоби алим бикашам. Гуфтанд: **Фақзи мо анта қозин.**[в]

Яъне: он чи хоҳӣ, бикун, моро ҳеҷ боке нест, зеро ки он чи бойист, ба мо расид. Фиръавни лаъин гуфт, то ҷаллодон дасту пои эшон бубриданд ва бар дор карданд, аз сарҳои эшон овоз баромад: **Инно *ило* раббино мунқалибун.**[ж]

Яъне: мо ба сӯи Худои хеш бозгардем. Мӯсо ва Ҳорун *алайҳимоссалом* ба хона омада, даст ба дуъо мекушоданд, ки малико, Фиръавнро молу мулк додӣ ва лашкару умри дароз ва ҷисми тандуруст, лекин имон намеорад: **Раббано-тмис ъало амволиҳим ва-шдуд ъало қулубиҳим фало юъмину ҳатто яраву-л-ъазоба-л-алим.**[а]

Яъне: ҳама моли вай сангу сафол гардон ва дили вай сахт, пас имон нахоҳад овард, то ки набинад азобро. Нидо омад — қавлуҳу таъоло: **Қола қад уҷибат даъватукумо фа-стақимо ва ло таттабиъонни сабила-л-лазина ло яъламун.**[б]

Яъне: дуъои шумо иҷобат кардам, валекин рӯзи чанд дар пеш аст ва ваъда ҳанӯз нарасида.

То чиҳил сол Мӯсо ва Ҳорун *алайҳимоссалом* Фиръавнро ҳар рӯз даъват мекарданд ва гуфтанд: «Ё Фиръавн, ба Худои таъоло имон ор, ки офаридгори Замину Осмон аст ва он чи дар ӯ ҳаст». Фиръавни лаъин ба вазири худ гуфт — қавлуҳу таъоло: **Ё Ҳомону-бни лӣ сарҳан лаъаллӣ аблуғу-л-асбоба асбоба-с-самовоти фа-аттолиъа ило илоҳи Мӯсо ва иннӣ лаазуннуҳу козибан.**[в]

[е] Қуръон: 26, 47.
[а] Қуръон: 20, 73.
[б] Қуръон: 20, 71.
[в] Қуръон: 20, 72.
[ж] Қуръон: 7, 125.
[а] Қуръон: 10, 88.
[б] Қуръон: 10, 89.
[в] Қуръони 40, 36—37.

Яъне: эй Ҳомон, барои ман манораи баланд бино кунед, ки баландтар аз ҳама бошад, то ман бар он шуда бар осмон бирасам ва бубинам худои Мӯсо (а)-ро, зеро ки ҳароина гумон мебарам, ки ӯ дуруғгӯ аст.

Пас Ҳомон бифармуд, то хиштҳо таркиб дода, пухта карданд.

Ва гуфтаанд: аввал касе ки хишт кард, Ҳомон буд. Ва манораи баланд дар ҳаво баровардand ва чунон баланд сохтанд, ки устодони меъмор хишт бурдан наёростанд, ки ҳаво аз эшон бирабудӣ, то андар ҳафт сол манора тамом шуд. Чун зару неъмат харҷ шуда, манораро инсиром расонид, Ҷабраил (а)-ро ҳукм шуд, то паре бар вай зада бияфганад ва коркунонро ҳалок намояд ва қавме, ки хишт пухта буданд, онро бисӯзад ва қавме, ки гил карданд, дар зери замин фурӯ кунад. Ҷабраил (а) омаду ҳамчунон кард, ки аз он ҳеҷ касро нишоне намонд.

Чун бист сол баромад, рӯзе Осия-хотун *разияллоҳу анҳо* сарро шона мекард, шона аз дасти вай бияфтод. Гуфт: «Ё рабб, Фиръавнро нагунсор гардон». Фиръавн бишнид, гуфт: «Эй Осия, магар ба Мӯсо (а) ва Ҳорун (а) имон овардай?» Гуфт: «Дар ин ҳеҷ шакке нест, ки ман аз чиҳил сол ба Худои таъоло имон оварда мусалмон шуда, имони худро пинҳон доштам. Акнун чун ислом ошкоро шуда, ба самъи ту ҳам расид». Фиръавн гуфт: «Ту аз Худои Мӯсо (а) баргард, то хонаи зарин ба ту диҳам». Гуфт: «Худои таъоло маро дар Биҳишт хонаи зарин бино кардааст». Фиръавни лаъин гуфт: «Ман туро азоб кунам». Гуфт: «Ҳар чи хоҳӣ, бикун, ҳаргиз ва ҳароина аз дини Мӯсо (а) барнагардам». Фиръавни лаъин гуфт, то ҷомаҳо аз тани вай берун кунанд ва ҳар чаҳор дасту пои ӯ ба мехи оҳанӣ бар замин дӯзанд. Ҳамчунон карданд. Чун миҳнати дард ба дили Осия расид, рӯ ба сӯи Маликуларш оварду гуфт: «Ё Малико, Фиръавни лаъин бар ман таҳдид мекунад, то аз дини Мӯсо (а) баргашта шавам ва хонаи зарин мебахшад. Ман намехоҳам, маро аз азоби Фиръавн наҷот деҳ!» Қавлуҳу таъоло: **Из қолат рабби-бни лӣ ъиндака байтан фӣ-л-ҷаннати ва наҷҷинӣ мин Фиръавна ва ъамалиҳи.**[а]

Минбаъд Фиръавни лаъин гуфт: «Эй зан, аз дини Мӯсо (а) баргард, то аз азоби ман бираҳӣ». Осия гуфт: «Туро бо тани ман кор аст, бо дили ман нест». Минбаъд Фиръавни лаъин аз пеши вай бирафт. Пас сурати Мӯсо (а) ба назари ӯ омад, ки мегуфт: «Эй Осия, дари ҳафт осмон ба ту кушодаанд ва фариштагон ба назорат ту дар осмон истода, ҳоҷати худ бихоҳ!» Осия *разияллоҳу анҳо* дар он азоб гуфт: **Рабби-бни лӣ ъиндака бай-**

[а] Қуръон: 66, 11.

тан фӣ-л-ҷаннати ва наҷҷинӣ мин Фиръавна ва ъамалиҳи ва наҷҷинӣ мина-л-қавми-з-золимин.[в]

Яъне: Малико ба ҳамсоягии худ дар Биҳишт хона бино кун ва халос дех маро аз шарри Фиръавну амали вай ва бираҳон маро аз қавми золимон.

Чун нахустин Осияхотун, ки ба хонаи Фиръавн омада буд, гуфт, ки илоҳо, мақсуди ман тӯӣ, то дар хонаи лаъин омад. Ва гуфтаанд, ки чун Фиръавн дар ин ҳолат ба Осия *разияллоҳу анҳо* гуфт, ки аз дини Мӯсо (а) баргард, Осияхотун бихандиду гуфт: «Маро аз азоби ту ҳеҷ ранҷе нест». Фиръавни палид бифармуд, то гардуни оҳанӣ оварда ба рӯяш биниҳанд. Ҳамчунон карданд. Ҳаққ таъоло ҳиҷоб аз чашми Осия-хотун (*раз*) бардошт, то дар Биҳишт нигарист, қасрҳои хеш бидиду аз азоби Фиръавн ӯро ҳеҷ ранҷе нарасид. Пас фариштa себе аз Биҳишт овард, то ҷони Осия ба-д-он себ шуда, аз Дунё риҳлат кард.

Мӯсо ва Ҳорун *алайҳимоссалом* чиҳил сол Фиръавнро даъват мекард, аммо ҳеҷ фоида набахшид. Рӯзе Фиръавн гуфт: **Заруни ақтул Мусо валядъу раббаҳу.**[д]

Яъне: бигзоред маро, ки ман Мӯсоро бикушам ва бояд, ки бихонад парвардигори худро, то аз он боздорам. Ҳар гоҳ, ки чунин гуфт, касе ҳозир набуд, магар дуредгаре, ки сандуқи Мӯсо тайёр карда, пинҳонӣ ба Мӯсо имон оварда, номаш Харқил буд. Он марди муъмин имони худ падид карда гуфт, ки Мӯсо (а) расули барҳаққ ва фиристодаи маъбуди мутлақ аст, ҳаргизу ҳароина натавонӣ кушт. Ансаб он аст, ки ба ӯ имон орӣ. Бигуфту бадар рафт. Фиръавн ӯро ҳеҷ натавонист кард.

Пас мардумони Мисрро мегуфт — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **А тақтулуна раҷулан ай-якула раббияллоҳу.**[а]

Оё мекушед мардеро, барои он ки мегӯяд парвардигори ман Аллоҳ аст? Минбаъд ба Мӯсо (а) халқро даъват мекард. Чунончи қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва қола-л-лазӣ омана ё қавми иннӣ ахофу ъалайкум мисла явми-л-аҳзоби.**[б]

Яъне: гуфт марде аз қавми Фиръавн, ки мепӯшед имони худро, ки ҳароина метарсам бар шумо, монанди рӯзи лашкарҳо, ки такзиби расул карданд. Мурод рӯзи ҳалоки эшон аст. Чун даъват иҷобат накарданд, гуфт — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Уфаввизу амрӣ илаллоҳи инналлоҳа басирун билъибод.**[г]

Яъне: супурдам кори худ ба тарафи Аллоҳи таъоло, ҳароина Аллоҳ биност бо бандагон.

Алҳосил, Мӯсо (а) хост, ки аз сарои Фиръавн бадар равад, ки қибтиён қасди Мӯсо (а) карданд, бигиранду бикушанд. Ба

[в] Қуръон: 66, 11.
[д] Қуръон: 40, 26.
[а] Қуръон: 40, 28.
[б] Қуръон: 40, 30.
[г] Қуръон: 40, 44.

фармони Худои таъоло он шерон, ки беруни сарои он палид баста буданд, қасди қибтиён карда хамаро бидариданд. Боқимондагон давону хезон хабар ба Фиръавн расониданд. Он қавмҳо, ки наздики Фиръавн буданд, гуфтанд — қавлуҳу таъоло: **А тазару Мусо ва қавмаҳу лиюфсиду фӣ-л-арзи.**[а]

Исроилиён, яъне қавми Мӯсо (а) бисёр шуданд, мабодо ки аз эшон фасоде дар замин падид ояд. Он аст ансаб, ки моён аввалан тадбире шоиста ба кор барем. Фиръавн гуфт — қавлуҳу таъоло: **Сануқаттилу абноаҳум ва настаҳйи нисоаҳум ва инно фавқаҳум қоҳирун.**[б]

Қариб аст, ки катл кунем абнои эшонро ва зинда бидорем духтарони эшонро.

Пас бифармуд, ки фарзандони эшон бикушанд, то бисёр нагарданд. Ва мардонро бигӯянд, ки пеши занони худ нараванд, ки мо қоҳирему эшон мақҳур ва мо ғаббоpему эшон маҷбур ва мо дунёдоpему эшон мискин, аз мо чӣ хоҳанд кард. Пас Бани Исроил ин суханон шунида, пеши Мӯсо (а) омада гуфтанд: «Ё Мӯсо (а), агар ту наёмадӣ, моро азоб намекарданд. Акнун кори мо душвор аст». Мӯсо гуфт — қавлуҳу таъоло: **Ъасо раббукум ай юҳлика ъадуввакум ва ястахлифакум фӣ-л-арзи фа янзура кайфа таъмалун.**[в]

Яъне: халокии душмани шумост ва шумоён мустахлиф шавед дар замин ва мулку мероси ӯ ба шумо расад, ваъдаи Худои таъоло наздик аст. Пас Мӯсо (а) ҳар соле як оят эшонро бинамуд, қавлуҳу таъоло: **Ва лақад отайно Мусо тисъа оётин.**[а]

Ба таҳқиқ, ки додем Мӯсо (а)-ро нӯҳ оят. Ва ҳар гоҳ, ки ба намоиши оёт, яъне азоб эшонро тарсондӣ, хоҳиш кардандӣ, ки агар ин азоб аз мо боздорӣ, бо ту биравем. Пас нагаравидандӣ, чунончи Худои аззаву ҷалл гуфт — қавлуҳу таъоло: **Лаин кашафта ъанно-р-ричза лануъминанна лака ва ланурсиланна маъака Бани Исроила фа ламмо кашафно ъанҳуму-р-ричза ило аҷалин ҳум болиғуҳу изо ҳум янкусун.**[б]

Ҳар азобе дидандӣ, гуфтандӣ, ки агар ин азоб аз мо боздорӣ, то бигаравем ва Бани Исроилро бо ту супорем. Чун азоб аз эшон бозгаштӣ, то аҳди худро бишкастандӣ. То ҳар оят маротан баъди ухо ба ӯшон менамуд. Ҳар ояте аз якдигар бузургтар буд, чунон ки Худои таъоло гуфт — қавлуҳу таъоло: **Ва мо нуриҳим мин оятин илло ҳия акбару мин ухтиҳо ва ахазноҳум би-л-ъазоби лаъаллаҳум ярҷиъун.**[в]

Яъне: мо нанамоидем эшонро аз оят, магар он ки акбар аз

[а] Қуръон: 7, 127.
[б] Қуръон: 7, 127.
[в] Қуръон: 7, 129.
[а] Қуръон: 17, 101.
[б] Қуръон: 7, 134—135.
[в] Қуръон: 43, 48.

ухти хеш, яъне аз аввал меҳтару бузург мебуд. Ва гирифтем эшонро ба азоб, шояд ки эшон ручӯъ шаванд. Ва нӯҳ оят, ки ёд кард, нахустин ояти асо ва қаҳт буд, чунон ки — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва лақад ахазно ола Фиръавна би-с-синина ва нақсин-мина-с-самароти.**[е]

Яъне: ҳароина, ки гирифтем қавми Фиръавнро чанд сол, ҳоле ки нуқсоне буд аз самарот.

Алҳосил, аз ғазаби илоҳӣ се сол қаҳт бар аҳли Миср буд. Андар он сол хеч зироъату мевачот нашуда. Мардум аз гуруснагӣ мемурданд ва пеши Фиръавни лаъин омада зорию ибтиҳол карданд. Он лаъин ҳафтод ҳазор меҳмонсаро тайёр карда, ҳама халқро таъом додан гирифт. Чун очиз омад, мардум аз мутобаъати ӯ сар печидан мехостанд ва ҳама ба ҳучум омада фарёд карданд. Гуфт: «Ин ҳама аз шумии Мӯсо (а) аст. Шумо назди ӯ бираведа». Чунон ки — к а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва ин тусибҳум саййиатуй-яттаййару би Мусо ва ман маъаҳу.**[ё]

Ҳаргоҳ, ки мерасид ӯшонро бади, мегуфтӣ, ки аз шумии Мӯсо (а) ва қавми ӯ будааст.

Пас ҳама пеши Мӯсо (а) рафта тазарруъ ва зорӣ карданду гуфтанд: «Ё Мӯсо (а), Худои худро бигӯ, ки ин балои қаҳт аз мо бигардонад, то ба ту имон оварем. Мӯсо (а) дуъо кард, абре баромаду борон биборид, чунон ки сесад фарсанги замини Мисрро борон гирифт. Охир нагаравиданд. Боз Мӯсо (а) дуъо намуд, пас Худои таъоло азоби тӯфон фиристод. Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Фа арсално ъалайҳиму-т-туфона ва-л-ҷарода ва-л-қуммала ва-з-зафодиъа ва-д-дама оётим муфассалотин.**[а]

Яъне: фиристодем бар эшон тӯфон ва малах ва сапуш ва ғук ва хун ва балоҳои дигар. Пас гуфтанд, ки ё Мӯсо (а), дуъо кун, ки борон биистад, то ба ту имон оварем. Аз дуъои Мӯсо (а) борон бартараф шуд. Наботҳову дараҳҳою киштҳои гуногун аз замин баромад. Пас Мӯсо (а) гуфт, ки имон ored. Гуфтанд, ки ин неъмат аз мо бирабудӣ, ки Худои мо ҳар сол медод. Охир имон наёварданд.

Пас малахи бисёр омад, ҳама зироъат бихӯрд. Ва гуфтанд: «Ё Мӯсо (а), ин бало аз мо бигардон, то ба ту имон орем». Худои таъоло аз дуъои Мӯсо (а) боде фиристод, то ҳама малахрэ як ҷо карда, дар дарё андохт. Боз гуфтанд, ки ин бало аз шумии ту омада буд, бигардид ва низ имон наёварданд.

Пас аз дуъои Мӯсо (а) сапуш расид, то андомҳои эшон хӯрдан гирифт. Эшон бетоқат гашта, боз омада фарёд карданд, ки ё Мӯсо (а), дуъо кун, то ин бало аз мо дур шавад, пас имон орем. Он низ бартараф шуд. Гуфт, ки имон ored. Гуфтанд —

[е] Қуръон: 7, 130.
[ё] Қуръон: 7, 131.
[а] Қуръон: 7, 133.

қавлухуташъоло: **литасҳарано биҳо фа мо наҳну лака би муъминин.**[в]

Яъне: ту ҷодуӣ мекунӣ ва мо бар ин ҷодуии ту имон наёрем.

Пас ба дуъои Мӯсо (а) зифдаъ омад, чунон ки ҷои нишастани эшону хуфтану таъом хӯрдан холӣ намонда. Ҳама очиз шуданд, зеро ки агар як зифдаъ касе мекуштӣ, аз яке ҳазор шудӣ.

Пас пеши лаъин омада гуфтанд, ки аз дасти Мӯсо *алайҳиссалом* очиз ғаштем, ки ҳар ҳафта балое пеш меорад. Фиръавни лаъин гуфт: «Ҳама ҷодуии ӯст. Пеши вай биравед. Боз рафта гуфтанд: «Ё Мӯсо, ин бало аз мо бигардон, то ба ту имон орем». Аз дуъои Мӯсо (а) он ҳама бартараф шуд. Гуфт: «Имон оред!» Наёварданд. Боз обҳои эшон хун гашт, чунон ки қавми Бани Исроил мехӯрд, об буд ва ҳар гоҳ эшон мехӯрданд, хун мегаштӣ. Боз пеши Фиръавн рафтанду гуфтанд, ки оби мо ҳама хун гашт, аз об ҳам очизем. Лаъин гуфт: «Ҳама аз шумои Мӯсо (а) аст». Бори дигар наздики вай рафта гуфтанд, ки ин бало аз мо бигардон, то имон ба ту орем. Мӯсо (а) дуъо кард, ин низ бартараф шуд. Ҳамчунин ҳар бало, ки мерасид, ба узру хилаи имон пеши Мӯсо *алайҳиссалом* меомаданд ва бало дур мешуд, пас ба куфр ҳаристар мешуданд. Қавлухуташъоло: **Ва ламмо вақаъа ъалайҳиму-р-ричзу қолу ё Мусо-дъу лано раббака бимо ъаҳида ъиндака.**[а]

Боз Мӯсо ва Хорун *алайҳимоссалом* дуъо карданд. Қавлуҳуташъоло: **Раббано-тмис ъало амволиҳим.**[б]

Яъне: Эй Парвардигори ман, хостаи эшон ҳама санг гардон. Худои таъоло иҷобат фармуд. Чунон ки — қавлуҳуташъоло: **Қола қад уҷибат даъватукумо.**[в]

Яъне: ба таҳқиқ, ки иҷобат кардам дуъои шуморо. Худои таъоло ҳама хостаи эшон, яъне аз дираму динор ва меваҷот ҳамаро санг кард. Ҳатто ки хонаи мурғ аз мурғ ҷудо шудӣ, дар замин афтод ва санг шудӣ. Боз ҳама пеши Мӯсо *алайҳиссалом* омада, илтичо бурданду гуфтанд, ки агар аз ин бало раҳоӣ диҳӣ ва хостахои моро, ки санг гардидааст, ба ҳолати аслӣ дорӣ, лобудда аз ту ва аз Худои ту имон орем.

Охир Мӯсо *алайҳиссаломро* ба ҷодугарӣ мансуб карда, рӯгардон шуданд. Чун ин нӯҳ оят, ки яке асо, дувум яди байзо, савум қаҳт, чаҳорум тӯфон, панҷум ҷарод, шашум қамл, ҳафтум зафодиъ, ҳаштум хун, нӯҳум тамс аст, тамом шуд ва вуҷуди таблиғи ниҳо ва кашидани ранҷу бало имон наёварданд. Нидо омад: «Ё Мӯсо, *алайҳиссалом*, Бани Исроилро аз Миср ба торикии шаб бибар, чунон ки касе қибтӣ аз ин маъно огоҳ

[в] Қуръон: 7, 132.
[а] Қуръон: 7, 134.
[б] Қуръон: 10, 88.
[в] Қуръон: 10, 89.

нашавад ва бояд, ки ба лаби дарё мақом кунӣ, то аз дарё бигузаронем ва Фиръавнро маъа қавмаш ғарқ созем ва шуморо аз шарри эшон бираҳонем. Чунончи Худои таъоло мефармояд — қавлуҳу таъоло: **Ва авҳайно ило Мӯсо ан асри биъибоди иннакум муттабаъун.**[а]

Яъне: ваҳй омад ба сӯи Мӯсо *алайҳиссалом*, ки равон кун бандагони маро ба шаб. Ҳароина шумоёнро Фиръавн маъа лашкар таъокуб хоҳад намуд, ҳамон ҳин маъа чунудаш ғарқ хоҳам кард.

БЕРУН РАФТАНИ МӮСО АЛАЙҲИССАЛОМ МАЪА БАНИ ИСРОИЛ АЗ МИСР ВА ҒАРҚ ШУДАНИ ФИРЪАВН БО ҚАВМИ ХЕШ БА ДАРЁ

Дигар рӯз Бани Исроил ба дарбори Фиръавн омада зеварҳо ва ҷомаҳои баъорият хостанд. Фиръавни лаъин ба гумони баргаштан аз Мӯсо *алайҳиссалом* шод шуда гуфт: «Он чи мехоҳед, дар хазина рафта ҳама бардоред». Ӯшонро аз лаълу гавҳар ва пирояву зевар он чи матлуб буд, бурданд ва аз қавми қибтиёну Ҳомон низ зуруфоту зеварот ва ғайра гирифтанд. Ва дар додани зеваротн қавми қибтиён низ шакке наёварданд, зеро ки ҳар сол Бани Исроил аз эшон орият гирифта, барои намози ид ба майдон даррафтанд. Ҷумла Бани Исроил шашсад ҳазор мард ғайр аз занону хурдон оқилу болиғ буданд, ҳама тайёр шуданд. Ба казои илоҳӣ ҳамон рӯз ба хонаи қибтиён кӯдаке мурда буд ва эшон ба ғаму ғуссаи он буданду менолиданд ва ба хонаҳои худ мағмум буданд.

Чун шаб даромад, Мӯсо *алайҳиссалом* бо лашкари хеш аз Миср берун омаду рӯй ба дарёи Нил ниҳод ва Ҳорунро мукаддиман лашкари худ гардонид ва қавми Бани Исроилро фавҷ-фавҷу сабт-сабт гусел карда ва худ аз пас мерафт. Ва таърихи он шаб нӯҳуми моҳи мухаррам, рӯзи якшанбе буд. Чун шаб бигзашт, Фиръавни лаъинро хабар карданд, ки Мӯсо *алайҳиссалом* ва Бани Исроил тамоми неъматҳои мову шумо бурданду рафтанд. Фиръавн гуфт, ки коре бисозем, ки баробарашон рафта ҳамаро баста биёрему бикӯшем, ки чандин молу неъмати мо фиребо бурдаанд. Чун овози кӯси Фиръавни лаъин чаҳор фарсанг мерафт, онро куфтанд, то ҳама сипоҳу лашкар ба як бор савор шуда, шабонгоҳ ба дараш, ки рӯзи душанбе буд, ҳозир омаданд. Чунон ки қавлуҳу таъоло: **Фа арсала Фиръавну фӣ-л-мадоини ҳоширина инна ҳоулои лаширзиматун қалилуна ва иннаҳум лано лағоизуна ва инно лаҷамиъун ҳозирун.**[а]

Билҷумла, сипоҳон аз саводи шаҳрҳо гирд омаданд ва ӯ сад амир дошт. Бо ҳар амире ҳафсад марди ҷангӣ буданд ва Фиръ-

---

[а] Қуръон: 26, 52.

[а] Қуръон: 26, 53—56.

авни лаъин бо ҳафсад ҳазор аз ғуломи сиёҳпӯш ва худ ҳам ҷоман сиёҳ пӯшида, бар асп савор шуда ва Ҳомонро муқаддимаи лашкар карда, бо ҷамъияти тамом дар паси Мӯсо (а) мерафт, то наздики кавми Мӯсо (а) расид ва лашкари Мӯсо (а) то се шабонарӯз ба канорӣ дарё нишаста буданд. Фиръавни лаъинро ба он ҳашамату ҷалол дида, маҳобате дар дили эшон падид омад, то ин ки Фиръавн бо лашкари худ расид, ки моро тамом бикушад. Мӯсо (а) гуфт — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Калло инна маъия раббӣ саяҳдини.**[б]

Яъне: чунон ки моён гирифторем, Худои таъоло ёвару нигаҳдори мост. Аз Фиръавн тарсе надорем. Дарҳол Ҷабраил (а) омаду гуфт: «Ё Мӯсо (а), асо дар дарё бизан!» Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Фа авҳайно ило Мӯсо ани-зриб би ъасока-л-баҳр.**[в]

Яъне: асоро дар дарё зан! Чун бизад, дарё бишгофту дувоздаҳ роҳ падид омаду об дар ҳаво рафт ва ҳамчун тоққо гашту офтоб дар қаъри дарё тофт ва қаърро хушк гардонид. Чун Бани Исроил дувоздаҳ қавм буданд, ҳар қавме бо қабилаи худ аз роҳе бигузаштанд. Фиръавни лаъин ба канори дарё расиду дувоздаҳ роҳ дида, яқин донист, ки Мӯсо (а) пайғамбар аст, аммо мабодо тамоми лашкар ба Мӯсо (а) имон оранду ӯро бигузоранд, лиҳаза ҳилате андешида, бо лашкари худ гуфт: «Акнун яқин шуд, ки Мӯсо (а) ҷодугари азим будааст, зеро ки ба ҷодуии худ ба-д-ин маслаҳат дар миёни рӯди Нил роҳҳо кушода падид овардаст, ки халоиқ ба Худои ӯ имон оранд ва дар нубуввати ӯ қоил шаванд. Аммо ба дил метарсид, ки лашкариён андаруни дарё омаданду он об, ки дар ҳаво истодааст, шояд, ки бозояду эшонро ҳалок кунад. Лаҳзае фикр кард, ки дар дарё аспи худ ронад ё бозгардад. Пас хост, ки аз он ҷо рӯ бигардонад. Ҷабраил (а) бар аспи мода савор шуда буд, ҳозир гашт ва Фиръавн бар аспи нар савор буд. Ҷабраил (а) аз пеши Фиръавни лаъин аспи худро ба дарё бурд ва аспи Фиръавн аспи мода дида, худро ба дарё андохт, чунон ки Фиръавн инони асп мекашид, боздоштан натавонист. Фариштагон савор бинёмаданду тозиёнаҳо бар аспони лашкари Фиръавн зада ба дарё равон мекарданд. Чун фиръавниён андаруни дарё расиданд, Мӯсо (а) хост, ки асо ба дарё занаду роҳ ба Фиръавн надиҳад, ки нидо омад — к а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ватруки-л-баҳра раҳван иннаҳум ҷундум муғрақун.**[а]

Яъне: бигзор дарёро, ки эшон ғарқшавандаанд. Ҳамон об, ки дар ҳаво истода буд, бозомад, дарҳол ҳама ғарқ шуданд. Фиръавни лаъин гуфт: «Имон овардам ба худо ва расули ӯ». Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ҳатто изо адракаҳу-л-ғарақу қола оман-**

[б] Қуръон: 26, 62.
[в] Қуръон: 26, 63.
[а] Қуръон: 44, 24.

ту аннаҳу ло илоҳа илло-л-лазӣ оманат биҳи Бану Исроила ва ано мина-л-муслимин.[б]

Яъне: ман имон овардам ба-д-он зоти пок, ки Бани Исроил ба-д-ӯ имон овардаанд ва ман аз ҷумлаи мусалмононам. Чун лафзи имон ба забон овард, Ҷабраил (а) мушти гил дар даҳонаш ниҳода гуфт, ки эй малъун, акнун аз азоби Худои таъоло битарсидӣ, лиҳаза имон меорӣ, суде надорад. Пас Фиръавн бо қавму лашкари худ дар об ғарқ гашта, ҳалок шуд. Пас Мӯсо (а) ба қавми худ гуфт: «Фиръавни лаъин бо ҷамоъате тамом ба ҳукми Худои таъоло ғарқ шуд». Гуфтанд: «Ё Мӯсо (а), то ба чашми худҳо набинем, бовар надорем». Мӯсо (а) дуъо кард, то об қавми лаъинро ба-д-он тараф бурд, ки Бани Исроил буданд. Чунончи мавҷи дарё омаду фавҷи малъунро бар сар оварда бар кӯҳ мезад, то устухонҳо бар ҳам мешикасту дар ин азоб ҳанӯз чон дар қолаби эшон буд. Чун қавми Мӯсо (а) назора мекарданд, то Худои таъоло бар эшон миннат ниҳода, фармуд — қавлуҳу таъоло: **Ва ағрақно ола Фиръавна ва антум танзуруна.**[в]

Яъне: Фиръавнро бо оли ӯ ғарқ кардем, дар ҳоле ки назора медоштед. Ва яке аз қавми Мӯсо (а) дуъо карда буд, ки агар Худои таъоло моро тақарруб диҳад, мо ришп Фиръавнро зимоми асп созем. Он рӯз бар канораи дарё Фиръавни лаъинро бо риши сурх мурда ёфт. Ришаш буриду зимоми асп сохт. Ва Ҳомонро талаб карданд, наёфтанд. Нидо омад, ки ё Мӯсо (а) ба Миср бозрав, ки Ҳомонро ба балои дигар мубтало хоҳем сохт. Пас Мӯсо (а) ва Ҳорун (а) бо қавми хеш дар Миср, ба сарои Фиръавн манзил карданд ва қавми Бани Исроил дар хонаҳои худ сокин шуданд ва молу неъмати эшон ба дасти худҳо оварданд. Қавлуҳу таъоло: **Фа ахрақноҳум мин ҷаннотин ва ъуюнив-ва кунузив-ва мақомин каримин казолика ва аврасноҳо Бани Исроила.**[г]

Муфассирон гуфтаанд, ки хонаҳои Фиръавнро аз баҳри он карим гуфт, ки ҳафтод ҳазор меҳмонхона дошт. Ва Бани Исроилро вориси хонаҳо гардонида. Пас Ҳомон нобино гашта, лукмаи нон ба гадоии дарҳо меандухт. Рӯзе Мӯсо (а) муноҷот карду гуфт: «Худовандо, ту фармуда будӣ, ки Ҳомонро ҳалок кунӣ, ӯ ҳанӯз зинда аст». Нидо омад, ки ё Мӯсо, ӯро ба халқ мухтоҷ гардонидаам, ки аз хазор марг бадтар аст ва ӯро ҳар рӯз марги нав аст. Чун Мӯсо (а)-ро мамлакати Миср муслим гашту кофирон несту нобуд шуданд, пас пеши Сайфура *разилаллоҳу анҳо* рафт. Дид, ки ду духтар дар як шикам овардааст ва гӯсфандон ва ғайра ҳама саломатанд, балки музоъаф дар музоъ-

[б] Қуръон: 10, 90.
[в] Қуръон: 2, 50.
[г] Қуръон: 26, 57—59.

аф гардида. Пас шукри Бори таъоло намуда, иёли худро наздики модар оварда, муқим гашта, мунтазири ифои ваъдаи Худои таъоло буд. Ҳатто ки Худои таъоло ӯро барои муноҷот ба кӯҳи Тӯр хонд, то ваъдаи худ вафо кунад.

РАФТАНИ ҲАЗРАТИ МӮСО АЛАЙҲИССАЛОМ БА КӮҲИ ТӮРИ СИНИН ВА ПАРАСТИДАНИ ҚАВМАШ ГӮСОЛАРО

Чун Мӯсо (а) ба кӯҳи Тӯр рафта муноҷот кард, Худои таъоло фариштагон фиристод, то курсие аз Биҳишт оварда, ба чиҳати Мӯсо (а) бар кӯҳ ниҳоданд. Фармон омад, ки Мӯсо (а) наълайн аз по берун кун, ки ба чои мутабаррик қадами ту бирасад. Пас наълайн аз по кашида, бар он курсӣ нишаста муноҷот мекард, ки фармон омад, ё Мӯсо (а), бозгарду сӣ (рӯз) рӯза дор, ки ман китобе ба ту хоҳам фиристод, ки баёни шариъат ба ту аён кунад. Қавлуҳу таъоло: **Ва воъадио Мусо салосина лайлатан.**[6]

Яъне: ваъдаи Мӯсо (а) сӣ шабонарӯз шуд.

Чун аз он чо бозгашта пеши қавми худ рафту сӣ рӯзу шаб муттасил рӯза дошт ва ба қавми худ гуфт, ки маро Худои таъоло китобе хоҳад фиристод, то шуморо шариъат биёмӯзонам, Бани Исроил гуфтанд: «То ба чашми худхо набинем, бовар надорем». Мӯсо (а) гуфт, ки чандон пирону олимон ҳамроҳи мо биёед, то ба кӯҳи Тӯр рафта китобро бинамоем. Он гаҳ шасту нӯҳ кас пирону солиҳон ихтиёр карда гуфтанд, ки як каси дигар бояд то ҳафтод шаванд. Баъд Юшаъ ибни Нунро риши сафед гашта буд, ӯ ҳам қабул кард, то ҳафтод гаштанд. Пас ҳамаро бифармуд, то вуҷуди худҳоро таҳорат карданд ва чомаҳои сафед пӯшиданд. Чунон ки қавлуҳу таъоло: **Ва-хтора Мусо қавмаҳу сабъина раҷулан лимиқотино.**[а]

Яъне: ҳафтод кас аз қавм Мӯсо (а) ихтиёр кард, то ба рафоқати вай ба кӯҳи Тӯр рафтанд.

Мӯсо (а) даст ба-дарахте карда, барге фуруд оварда, ба даҳон ниҳода мехоид ва мунтазири овози лорайбӣ буд, ки фармон омад: «Ё Мӯсо (а), ман рӯза доштан гуфта будам, ту чаро рӯза ифтор кардӣ?» Гуфт: «Худовандо, ту нек медонӣ, ки сӣ рӯз сиём будам, аммо аз бӯи даҳон тарсидам — мабодо ки бӯй аз даҳон барояд». Нидо омад, ки ё Мӯсо (а) ба иззати ман, ки Худоям, бӯи нафаси рӯзадор маро хуштар аз бӯи мушк аст. Аммо чун ба иҷозат ифтор накардӣ, бозгард ва дах рӯзу шаби дигар рӯза дор. Аз ғурраи зилҳиҷҷа рӯза дошта буд, то даҳуми муҳаррам тамом шуд. Қавлуҳу таъоло: **Ва атмамноҳо би ъашрин фа тамма миқоту раббиҳи арбаъина лайлатан.**[б]

[б] Қуръон: 7, 142.

[а] Қуръон: 7, 155.

[б] Қуръон: 7, 142.

Яъне: дах рӯзи дигар рӯза дошт, то чиҳил рӯз гаштанд.

Чун ба муқобили он ҳафтод кас Худои таъоло чунин фармуд, ки дах рӯзи дигар рӯза дор, то китоб нузул гардад, эшон бовар надошта гуфтанд — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Лан нуъмина лака ҳатто нароллоҳа ҷаҳратан.**[в]

Яъне: имон наёрем аз гуфтаи ту, то Худойро ошкоро набинем.

Мӯсо (а) гуфт: «Шумо бо сухани Холиқу махлуқ фарқ намекунед, ки суханони махлуқ ғайр аз гӯш узвҳои дигар нашунавад. Ва суханони Холиқро инқитоъ ба гӯш нест». Ҳарчанд Мӯсо (а) гуфт, бар эшон фоида накард. Ногоҳ оташе даромад ва он ҳафтод тан пиру уламоро бисӯхт. Мӯсо (а) дилтанг шуда, ки Бани Исроилро чӣ ҷавоб хоҳам дод. Онҳо чи хоҳанд гуфт, ки қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Сумма баъаснокум мин баъди мавтикум.**[г]

Яъне: аз дуъои Мӯсо (а) хама зинда гаштанд.

Пас ба он ҷамъе дар Миср омада дах рӯзи дигар рӯза дошта, боз ба он пирон ба кӯҳи Тӯр расид ва хамаи пиронро гуфта, ки ман пеш меравам, шумо аз ақиби ман биёед. Чун дар пеш мерафт, нидо омад — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва мо аъҷалака ъан қавмика ё Мусо.**[д]

Яъне: чи шитобе мекуни ва қавмро мегузорӣ? Мӯсо (а) гуфт: «Ба ризои ту мешитобам ва қавм ҳам дар асари мо меоянд. Муфассирон накл кардаанд, ки Мӯсо дар он замон ба воситаи ҳафтод калима аз Ҳаққ шунид, то дар ишқ маст шуда ва завқ ёфта, пиндошт, ки ба ниҳоят расидааст. Аз мадҳушӣ фарёд бароварда: **Рабби ариниӣ анзуру илайка.**[е]

Яъне: эй Парвардигори ман, худро ба ман намо, то туро бубинам.

Фариштагони ҳафт осмон бонг баровардаид, ки писари Имрон каломи Ҳаққ бишнид ва тамаъ дар руъяти бечун карданд. Омад, ки ё Мӯсо (а) бар замин нигарӣ. Чун нигарист, то ба Таҳтуссаро ҳарчи махлуқот буданд, хама муъояна кард. Фарёд намуд: «Худовандо, ин ҳама махлуқотанд, маро дидори ҳуд бинамо». Нидо омад, ки бар осмон нигар. Чун нигарист, то ба Арш бидид. Гуфт: «Худовандо, сокинони осмон низ офаридаи туанд. Ман дидори ту мехоҳам». Дар ин ҳолат ҳафтод ҳазор фариштаи аз осмон ба суратҳои саҳмнок фуруд омада, гирд ба гирди Мӯсо *алайҳиссалом* мегаштанд ва мегуфтанд, ки **Ё ибна-н-нисои-л-ҳайзи татмаъу фӣ руъяти рабби-л-ъиззати.**

Яъне: писари занони ҳайзшаванда тамаи дидори Ҳаққ мекунӣ! Мӯсо *алайҳиссалом* тарсид ва бинишаст. Чун соъате баромад,

---

в Қуръон: 2, 55.
г Қуръон: 2, 56.
д Қуръон: 20, 83.
е Қуръон: 7, 143.

шавқаш ба ғоят расид ва аз миёни амвоҷи ишқ бонг баровард, ки **Ё Рабби аринӣ анзуру илайка.**

Боз ҳафтод ҳазор фариштан дигар ба шакли шерону гургон фуруд омаданду бо овози муҳиб бонг мекарданд. Чунон ки аввал фариштагон мегуфтанд, ӯшон низ гуфтанд.

Овардаанд, ки ҳафт навбат ҳамин шуд, ки Мӯсо *алайҳиссалом* мегуфт: **Рабби аринӣ анзуру илайка.**

Фариштагон мегуфтанд: **Ё ибнан-нисои-л-ҳайзи татмаъу фи руъяти рабби-л-ъиззати.**

Боз ҳафтод ҳазор шахс ба сурати хеш дида, пашминапӯш ва асоҳо дар даст ба мувофақати ӯ бонг мекарданд: Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Рабби арини анзуру илайка.**

Пас мутаҳайир гашт, ки ҳар як хоҳандаи дидори Ҳаққ таъолоанд. Мӯсо (а) дар миёни эшон гум гашта гуфт, ки Худовандо, ба ҷуз инон мӯсоёни дигар ҳастанд? Ҷавоб омад, ки ё Мӯсо (а), ту мағрур ба қадри мо шуда ва худро ба чизе мепиндорӣ, аммо намедонӣ, ки дар як соъат ҳамчун ту сад ҳазор пайдо кунам. Боз аз завқи ин ҳадис мадҳуш гашту завқи он зиёда шуд ва бонг баровард, ки қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Рабби аринӣ анзуру илайка.**[а]

Нидо омад: **Лан таронӣ.**[б]

Яъне: ту дар сарои фонӣ ба сифати фонӣ Худои боқиро натавонӣ дид, валекин назар дар кӯҳ кун, агар кӯҳ тоби таҷаллии мо орад, ту низ зудтар дидори мо бубинӣ. Пас Ҳаққ таъоло зарра аз таҷаллии худ бар кӯҳ андохт. Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Фа ламмо тачалло раббуҳу ли-л-ҷабали ҷаъалаҳу даккан ва харра Мусо саъиқан.**[в]

Яъне: дар назараи Мӯсо *алайҳиссалом* он кӯҳ зарра-зарра гашта, дар ҳаво рафт. Мӯсо (а) аз он азамату ҳайбат мадҳӯш гашта бияфтоду гуфт — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Фа ламмо афоқа кола субҳонака тубту илайка ва ано аввалу-л-муъминин.**[г]

Чун ба ҳуш боз омад, гуфт: «Худовандо, тавба кардам ва муътариф ба қусур гаштам, ки туро дар Дунё натавонанд дидан». Нидо омад: «Ё Мӯсо (а), қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Иннӣ стафайтука ъало-н-носи би рисолати ва би каломӣ фа хуз мо отайтука ва кун мина-ш-шокирин.**[д]

Яъне: эй Мӯсо (а), ман туро баргузидам бар дигарон ба рисолат ва ба ҳамкаломии худ. Пас бигир он чи ки додем туро ва шокир бош. Он гоҳ Ҷабраил *алайҳиссаломро* фармуд, то аз Биҳишт алвоҳи зумуррадӣ берун овард ва Қаламро фармуд,

---

[а] Қуръон: 7, 143.
[б] Қуръон: 7, 143.
[в] Қуръон: 7, 143.
[г] Қуръон: 7, 143.
[д] Қуръон: 7, 144.

то Тавротро аз он Лавҳ навишту чаҳор ҳазор фариштаро фармуд, то он Лавҳро бигирифтанду пеши Мӯсо *алайҳиссалом* оварданд. Чун дар он алвоҳ нигоҳ кард, ҳазор сурат дид, ки дар ҳар сурат ҳазор оят ба дарозии «Сурату-л-бақар» ва дар ҳар сяте ҳазор ваъдаю ҳазор ваъид ва ҳазор амру ҳазор наҳй мундариҷ аст. Ва дар аввали Таврот сифати уламою хукамою ибод навиштаанд. Мӯсо *алайҳиссалом* шод гашта буд: «Худовандо, эшон ҳама аз умматҳои ман бошанд?» Ҷавоб омад, ки на, дар уммати Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* хоҳанд буд, ки уммати ӯ беҳтарин аз умматони ту бошанд. Мӯсо (а) гуфт: **Алвақту вақтӣ ва-л-ъатоу ли ғайрӣ.**

Яъне: вақти ман аст ва бахшише ба дигарон? Нидо омад, ки ту Қалими манӣ ва ӯ аз дӯстони ман аст, калимон бо дӯстон чи гуна баробар бошанд? Мӯсо (а) гуфт: «Худовандо, эшонро аз уммати ман гардон». Нидо омад, ки ё Мӯсо (а), пайғамбарии ту он гаҳ тамом шавад, ки ба рисолати Муҳаммади Мустафо имон орӣ. Мӯсо (а) дар он замон ба ҳазрати Рисолат имон овард ва аз кӯҳи Тӯр бозгашт.

Фариштагон алвоҳи Таврот баргирифтанд ва ба рифоқати Мӯсо *алайҳиссалом* мерафтанд, то ба мусоҳибони Мӯсо (а) расид. Чун ҳамроҳиён аз партави нур сӯхта гашта буданд ва хокистар шуда, Мӯсо (а) дилтанг шуда гуфт: «Худовандо, қавми ман заъифонанд, бо ман хусумат хоҳанд кард, ки бузургону меҳтарони моро ҳалок кардӣ ва ағлаб, ки аз дини мо низ баргарданд. Пас сар ба саҷда ниҳоду дуъо кард. Худои таъоло боз эшонро зинда гардонид ва дар рӯи Мӯсо (а) нигаристанд. Чун аз нури таҷаллӣ рӯи муборак Мӯсо *алайҳиссалом* пурнур буд, лиҳаза чашмҳои эшон хира мегаштанд ва рӯи Мӯсо *алайҳиссаломро* дидан наметавонистанд. Пас Мӯсо (а) пироҳани хешро ниқоби рӯи худ сохта, аз партави нури вай ниқоб сӯхта гашт. Чун мардум рӯи Мӯсо *алайҳиссалом* дидан наметавонистанд, аз ин маънӣ ба чӯб ниқоб сохт. Чӯб ҳам бисӯхт. Боз аз оҳан сохт он низ бисӯхт. Пас дар ҳазрати Ҳаққ бинолид. Нидо омад, ки ё Мӯсо (а), аз хирқаҳои дарвешон ниқоби худ бисоз. Пас фармон кард. Он гаҳ мардум ба хидмати вай рафтан тавонистанд ва бо вай сухан мегуфтанд. Пас Мӯсо (а) бо он ҳафтод кас ва Таврот ба арсаи чиҳил рӯз ба Миср омад.

ЗИКРИ СОМИРӢ ВА ГӮСОЛАПАРАСТИИ ҚАВМИ БАНИ ИСРОИЛ

Дар қавми Бани Исроил заргаре буд, Сомирӣ ном ва насаби хоҳарзодагӣ бо Мӯсо *алайҳиссалом* дошт. Ва вақте Бани Исроил аз Фиръавни лаъин гурехта буданд, Сомирӣ тифл буд.

Чун ба канораи дарё рафтанд, Сомириро наёфтанд. Чандон ки талаби вай карданд, пайдо нашуд. Чун аз роҳ дур афтода, дар саҳро мегирист, Ҷабраил *алайҳиссалом* ӯро бар боли худ гирифта, муддати ҳашт моҳ нигоҳ дошта. То он замон, ки модару падараш дар Миср расиданд, ӯро ба дари падару модари ӯ нишонда бирафт. Ва Сомирӣ аз Ҷабраил *алайҳиссалом* улфат гирифта буд. Мегирист, падараш аз овози гиряи ӯ беруни хона омада дид, ки писари вай аст. Аз гиребон ӯро гирифта дар хонаи худ бурд ва модараш низ шодиҳо кард. Пас чанде Сомириро заргарӣ омӯхтанд.

Чун Мӯсо (а) Ҳорунро ба ниёбати худ гузошта, ба он ҳафтод кас рӯй ба кӯҳи Тӯр ниҳода буд, дар он замон фурсате ангошта, Сомирӣ Бани Исроилро чамъ карду гуфт, ки имрӯз бист рӯз шуда, ки Мӯсо (а) ҳафтод пире, ки ба рифоқати худ бурдааст. Худои Мӯсо *алайҳиссалом* ба ман хабар дод, ки онҳо халок шуданд. Агар мехоҳед, то Худои Мӯсо (а)-ро ба шумо бинамоям, то аҳволи эшон шуморо бигӯяд. Гуфтанд: «Раво бувад». Сомирӣ аз гил сурати ҷисми гӯсола сохта, бар замин ниҳоду бар қолаби он оташ андохт ва эшон ба таври рағбати худ ҳар як динори зари сурх ва зеваротн зарин оварда, дар оташ андохтанд. Зар об шуда дар он қолаб мерафт, то пур гашт. Сомирӣ оташ фурӯ нишонд. Қолабро баргирифт ва гӯсолаи зарин аз қолаб оварду пок гардонид.

Ба қавле дигар овардаанд, ки дар вақти ғарқ шудани Фиръавн Сомирӣ тифл набуд, балки ҷавонӣ дошт. Савореро дид, ки бар аспи хунак нишаста. Чун аспи вай қадам бардоштӣ, аз зери вай гиёҳе рустӣ. Донист, ки ин савор Ҷабраил (а) аст, ки ба мадади Мӯсо *алайҳиссалом* омада. Мушти гил аз зери суми аспаш баргирифту нигоҳ медошт, то он замоне, ки гӯсола сохт ва Бани Исроилро гуфт, ки биёед худойро саҷда кунед. Ҳама дар пай ӯ афтоданд, наздики гӯсола расиданд. Сомирӣ он мушти гил дар даҳони гӯсола андохт, то ба сухан даромад: к а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ъиҷлан ҷасадал-лаҳу хуворун.**[а]

Чун Бани Исроил овоз шуниданд, Сомирӣ гуфт: **Ҳаза илоҳукум ва илоҳу Мӯсо.**

Яъне: инак Худои шумо ва худои Мӯсо (а).

Қавми Бани Исроил ин маъно писандиду аксарӣ саҷда карда ба гӯсолапарастӣ машғул шуданд. Ва баъзе аз он дувоздаҳ сабт, ки имони комил доштанд, аз эшон ҳиҷрат намуда, ба кӯҳи Коф баромаданд ва он ҷо муқим гаштанд ва масҷидҳо бино ниҳоданду ибодатҳои Худои таъоло мекарданд ва сазовори неъматҳои гуногун шуданд.

Ва дар қисса омадааст, ки дар мсъроҷ Муҳаммади Мустафо

[а] Қуръон: 7, 148.

саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам нуре дид, гўё аз замин сутуни ламъоне баромада ба соқи Арш пайваста. Ҷабраил *алайҳиссаломро* пурсид, ки он нур чист? Гуфт: «Аз ҷамоъате Бани Исроил аст, ки аз мнёни гўсолапарастон ҳиҷрат карда, Худои аззаву ҷаллро тоъат мекунанд». Фармуд: «Ё Ҷабраил (а), маро пеши эшон бубар!» Пас Пайғамбари моро наздики эшон бурда фармуд, ки **Ҳаза набийюкуму-л-уммийю-л-ъарабийю-л-ҳошимийю-л-маккийю-л-маданӣ.**

Он қавм ҳама ба Муҳаммади расулуллоҳ (с) имон оварданд. Ҳазрати рисолатпаноҳ эшонро сураҳои Қуръон биёмўхт. Чунон ки эшон то рўзи Қиёмат бар дини Расулуллоҳ (с) хоҳанд буд.

Пас Мўсо (а) бо ҳафтод нпр аз кўҳи Қоф бозгардид ва Таврот овард. Қавми хешро дид, ки гўсолапараст шуда ва кофир гаштаанд. Азим дилтанг гашту қавми худро гуфт — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Биъсамо халафтумунӣ мин баъдӣ.**[б]

Яъне: ба дасти кӣ ихтиёр кардед? Пас минбаъд Мўсо (а) лавҳи Таврот андохта, риши Ҳорун (а) бигирифт. Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва алқо-л-алвоҳа ва аҳаза би раъси ахиҳи яҷурруху илайҳи.**[а]

Яъне: андохт лавҳи Таврот ва гирифт сару риши бародари худро ва мекашид ўро ба тарафи худ. Ҳорун (а) гуфт: «Эй писари модари ман, ришу сари мо бигзор, ки бегуноҳам, ки чанд қавмро зачр мекардам, намешунидаид ва балки кариб будаид, ки маро мекуштанд». Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Қола-бна ұмма инна-л-қавма-стазъафунӣ ва коду яқтулунанӣ фа ло тушмит бия-л-аъдоа ва ло таҷъалнӣ маъа-л-қавми-з-золимин.**[б]

Яъне: қавм маро заъиф шумурда, фармон намебурданд. Агар манъ зиёда мекардам қариб буданд, ки маро мекуштанд. Пас ба ранҷонидани ман душманонро шод магардон ва марн бо қавми золимон машмор.

Мўсо (а)-ро писари модар ба ин маънӣ гуфт, то шарм карда шафқат нигоҳ дорад. Чунон ки ҳар ду аз як модар буданд. Мўсо (а) Ҳорунро раҳо карда гуфт: «Он гўсола кӣ сохтааст?» Ҳорун гуфт: «Сомирӣ». Мўсо (а) Сомириро бихонд ва зачру таҳдид карду гуфт: «Ин фитна дар қавм чаро андохтӣ ва ин гўсоларо ба чӣ маъно сохта, қавмро гумроҳ кардӣ?» Ҷавоб дод — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Қола басурту би мо лам ябсуру биҳи фа қабазту қабзатан мин асари-р-расули фа набазтуҳо ва казолика саввалат лӣ нафасӣ.**[в]

Яъне: ман он дидам, ки эшон надидаанд. Қабза аз хоки зе-

б Қуръон: 7, 150.
а Қуръон: 7, 150.
б Қуръон: 7, 150.
в Қуръон: 20, 96.

ри сумм аспи Ҷабраил (а) баргирифтам ва нигох доштам. Чун дар даҳани гӯсола андохтам, дидам ба сухан омад.

Мӯсо (а) сар сӯи осмон карду гуфт: «Илоҳо, агар гӯсола Сомирӣ сохт, ӯро ба сухан кӣ овард?» Нидо омад: «Ё Мӯсо (а), ӯро ба сухан ман овардам». Мӯсо (а) фарёд бароварду гуфт — қавлуҳу таъоло: **Ин хия илло фитнатука тузиллу биҳо ман ташоу ва таҳдӣ ман ташоъ.**[в]

Яъне: фитна аз туст — касеро, ки хоҳӣ, берох кунӣ ва касеро, ки мехоҳӣ, роҳ намоӣ. Нидо омад: «Ё Мӯсо (а), қавми худро ба Ҳорун супурдӣ ва бидонистӣ, ки Ҳорун нигох доштан битавонад. Чаро ба ман наспурдӣ, то ба саломат боз ба ту супурдам?»

Чун нубувват ба Мустафо *алайҳиссалом* расид, умматро ба Худой супурд ва лочарам дар рӯзи Қиёмат фарзандони Одами Сафиюллоҳ саду бист саф аз Машриқ то Мағриб бошад. Ва умматӣ Расул *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* танҳо ҳафтод саф шаванд. Қавлуҳу таъоло: **Ва ъуризу ъало раббика саффан.**[а]

Нидо омад: «Ё Муҳаммад, *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам*, умматро ба ту супурдам. Он чи бузургу кӯдаканд, хама ба ту боздодам» Чунончи Саййиди олам *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* бонг бароварад ва гӯяд: «Ё малико, умматро дар ин арасот чи кунам? Маро ба Биҳишт бирасону дарачоти аъло дода аз дидори бечуни худ шод гардон! Пас бисёр, то фазлу карами ту пайдо шавад».

Пас Мӯсо (а) гуфт: «Малико, маро тавба ҳаст ё на?» Нидо омад, ки ҳаст, аммо эшонро қатл бояд кард, то тавбашон қабул бувад. Қавлуҳу таъоло: **Ан иқтулу анфусакум ав ихруҷу мин диёрикум.**[б]

Яъне: бо якдигар хештанро бикушанд ё чон худҳо гузошта, тиҳидаст бираванд ва ғурбат ихтиёр кунанд. Чуз он ду кор тавбаи эшон қабул нест. Мӯсо (а) Бани Исроилро чамъ карда ин ҳадис гуфт, ки якеро аз ин ҳар ду ихтиёр кунед. Гуфтанд: «Ба ғурбат натавонем рафт, ки моро бисёр миҳнату сахтӣ пеш ояд ва тоқати ғарибӣ надорем. Валекин бо якдигар куштан ихтиёр кардем». Фармон омад, ки ё Мӯсо (а), бигӯ чомаҳо беруи кардаю бараҳна шуда, бар дари сарои хеш истода, теғҳо кашида якдигарро бикушанд. Ба иззати ҷалоли ман, ки Худоям агар рӯй аз куштан бигардониданд ё охе бароранд, тавбаи эшон кабул набошад».

Чун ба чуз чон додан чора надоштанд, бомдод ҳафтод ҳазор мард барахна теғҳо баркашида падар писарро мекушту писар

в Қуръон: 7, 155.
а Қуръон: 18, 48.
б Қуръон: 4, 66.

падарро мезад ва бародар бародарро мекушту хеш ба хеш мезад. Ҳамчунин ҳар ҳама ҳафтод ҳазор кушта шуданд. Мӯсо (а) сар бараҳна карда берун омаду бигрист ва фарёд баровард гуфт — қавлуҳу таъоло: **Фа-ғфир лано ва-рҳамно ва анта хайру-л-ғофирин.**[в]

Яъне: Парвардигор, моро биёмурзу раҳмат кун ва бубахшо, ки ту беҳтарин аз омурзандагонӣ. Нидо омад, ки ё Мӯсо (а) тавбаи эшон қабул кардам. Мӯсо (а) башорат доду биёромид. Қавлуҳу таъоло: **Ва ламмо саката ъан Мӯсо-л-ғазабу ахаза-л-алвоҳа.**[г]

Яъне: ҳар гоҳ ғазаби Мӯсо (а) сокит шуда, гирифт лавҳҳоро.

Пас чаҳор лавҳи Таврот изҳор карду гуфт: «Ё қавм, шуморо китоб овардаам, ки аҳкоми Худо дар ин навиштаанд. Бигиреду бихонед». Гуфтанд: «Ё Мӯсо, агар бихонем, кор накунем ва агар бикунем, аз яке кор беш накунем». Фармуд, ки ҳам бихонеду ҳам амал кунед. Гуфтанд, ки натавонем. Дарҳол Ҷабраил (а) ба ҳукми Аззаву Ҷалл кӯҳе баровард монанди абр бар сари эшон бидошт. Мӯсо (а) гуфт: «Ё қавм, азоби Худои таъоло даррасид, боло бубинед». Диданд, ки болои сар балое паздик омад — қавлуҳу таъоло: **Ва из натақно-л-ҷабала фавқаҳум кааннаҳу зуллатун ва занну...**[а]

Чун кӯҳ болои эшон расид, Мӯсо (а) гуфт: «Имон оварда китоби Худои таъоло бипазиред». Баъзе гуфтанд: «Самиъно» ва баъзе гуфтанд, «самиъно ва ъасайно» яъне бишнавем, валекин ба-д-он кор накунем. Кӯҳ фурудтар омад, бар забари сари эшон биистод. Ҳар гоҳ, ки нишастандӣ, фурӯтар шудӣ ва ҳар гоҳ истодандӣ, ба ҳамон қадар боло шудӣ. Пас ҳама ба саҷда даромад, як нима рӯй бар хок ниҳода, дар як нима рӯй чашм бар кӯҳ менигаристанд, ки мабодо кӯҳ бар сар ояду ҳалок шаванд. Пас баъзе имон оварданду баъзе гуфтанд, ки имон овардем, аммо аз дил наовардаанд. Ҳаққ таъоло кӯҳ аз сари эшон бардошт ва Бани Исроил рӯй ба ибодат оварданд ва ҳукми Таврот қабул карданд ва баъзе ҳанӯз дар он гӯсола менигаристанд. Мӯсо (а) савганд ёд кард, ки гӯсоларо пора-пора карда ба дарё андозад — қавлуҳу таъоло: **Лануҳарриқаннаҳу сумма ланансифаннаҳу фӣ-л-ямми насфан.**[б]

Абдуллоҳ ибни Аббос *разияллоҳу анҳу* гуфтааст, ки дар он вақт Ҷабраил (а) омаду гуфт: «Ё Мӯсо (а), фалон гиёҳ биёру огаш дар вай зан, то ин гӯсола сӯхта гардад». Ва ба қавли дигар он аст, ки Ҷабраил (а) гуфт: «Ё Мӯсо (а), ин гӯсоларо аз

[а] Қуръон: 7, 155.
[б] Қуръон: 2, 93.
[в] Қуръон: 7, 154.
[г] Қуръон: 20, 97.
[а] Қуръон: 7, 171.

санг сонда зарра-зарра карда ба дарё андоз!» Пас Мӯсо (а) он гӯсоларо ба санг сонда, зарра-зарра намуда, ба дарёи Нил зндохт ва он қавме, ки имон биёварда буданд, ба сӯи дарё нигариста бирафтанд ва аз он об, ки зарраҳо буданд, мехӯрданд. Қавлуҳу таъоло: **Ва ушрибу фи қулубиҳиму-л-ъиҷла би куфриҳим.**[2]

Яъне: нӯшонида шуд ба дили эшон муҳаббати гӯсола ба сабаби куфри эшон. Ва гӯянд: ҳар кӣ аз он об бихӯрд, ҳафт андоми вай сиёҳ гашт ва аз ҳар сад ҳафтод тан буданд, кофир шуда бимурданд, ъиёзу **биллоҳи мин золика.**

ЗИКРИ ҚОРУН АЛАЙҲИЛЛАЪНА ВА ҲАЛОК ШУДАНИ ОН

Чун Мӯсо (а) қавми худро гуфт, ки он лавҳҳоро нусха кунед ва бихонеду ба-д-он кор кунед, ӯшон нусхаҳо сохтанд. Он гоҳ фармон омад, ки ё Мӯсо (а), бигӯ, ки ин Тавротро ба анвоъи зинатҳо бияроед. Мӯсо (а) гуфт: «Ё рабб, мо чизе надорем, ки Тавротро зинат диҳем». Ҷабраил (а) даррасид ва гуфт: «Ё Мӯсо (а), гиёхе ,ки гуфта будам туро, ки гӯсоларо аз ин гиёҳ бисӯзон, он гиёҳро ба ду қисм гиёҳи дигар ҳам биёмез, агар бар мис ниҳӣ, ба қудрати илоҳӣ зар гардад ва агар бар биринҷ ниҳӣ сим шавад». Пас Мӯсо (а) як рақъа навишта, ба Қорун дод, ки фалон гиёҳ биёр ва рақъаи дигар ба Юшаъ дод, ки фалон гиёҳ биёред ва дигар рақъа ба Колуб дод, ки фалон гиёҳ биёварад.

Ҳар се аз шаҳр берун рафтанд. Қорун ба Юшаъ гуфт, ки рақъаи худ ба ман намо, то бубинам, ки чӣ навиштаанд. Юшаъ рақъа менамуд, Қорунн лаъин зирак буд, хонда донист, ки он гиёҳ чист. Баъд аз соъате Колуб низ омада. Қорун рақъаи Колуб ҳам дида, ҳама кимиёгарӣ бидонист. Чун ҳар се гиёҳон ҳосил карданд, пеши Мӯсо (а) бурданд. Қорун ҳофизи Таврот буд. Он гаҳ бирафту дар пинҳон кимиё сохт ва зар мекарду ганҷ мениҳод, аммо ҳеҷ кас ба ҷуз Худо аз ҳоли вай хабар надошт. Ва ӯ писари амми Мӯсо (а) буд.

Овардаанд, ки Қорун аввал тавротхон буд. Охир ба сабаби мол ҷамъ кардан, ки закот надод ва бахилӣ кард, кофир шуд. Чунон ки Худои таъоло мефармояд — қавлуҳу таъоло: **Инна Қоруна кона мин қавми Мӯсо фабағо ъалайҳим.**[a]

Яъне: Қорун буд аз қавми Мӯсо (а), пас нофармонӣ кард бар эшон. Қорун писари Софин писари Фоҳаст ва ӯ писари Яъқуби пайғамбар буд. Чун мол бисёр буд, аз хешон бибуриду аз мол ғарра шуда, ба Мӯсо (а) ҳам осӣ гашт ва ба Худои

[2] Қуръон: 2, 93.

[a] Қуръон: 28, 76.

таъоло кофир шуд. Ва чандон амвол ҷамъ кард, ки ганҷхои ӯро Худои таъоло дар Қуръон ёд кардааст: Қавлуҳу таъоло: **Ва отайноҳу мина-л-кунузи мо инна мафотиҳаҳу латануу би-л-ъусбати ули-л-қуввати.**[б]

Яъне: дода будем ӯро аз хизонаҳо он қадар ки калидҳои он бардоштан натавонистанд ҷамоъате боқувват.

Абдуллоҳ ибни Аббос (*раз*) гӯяд, ки шаст марди кавӣ калидҳои ганҷи Корун мекашиданд. Ва ба қавли дигар гуфтаанд, ки ҳафт шутур калиди ганҷҳо мекашиданд ва ҳар калиде ним дирам санг буд. Ҳамия *разияллоҳу таъоло анҳу* гӯяд: «Дар Таврот хондаам, ки ҳафтод шутур бори калидҳо буданд, ҳар калиде алоҳида. Аз як калид дари ҳафтод хазина бикшодӣ, чунон ки яке ба яке наемондӣ. Он гоҳ қавми ӯ вайро гуфтанд, ки — қавлуҳу таъоло: **Ло тафраҳ инналлоҳа ло юҳиббу-л-фариҳин.**[а]

Яъне: ё Корун, ба мол шодӣ макун, ки Худои таъоло шодикунандагонро дӯст надорад. Қавлуҳу таъоло: **Ва-btаги фимо атокаллоҳу-д-дора-л-охирата ва ло танса насибака мина-д-дунё.**[а]

Яъне: талаб кун аз он чиз ки додааст туро Худои таъоло, хонаи оқибатро фаромӯш макун, ҳиссаи худ аз Дунё ва садақот ва закот деҳ ва хайрот ба муҳтоҷон бикун. Чунон ки Худои таъоло ба ту некӣ кардааст, ту ҳам бар бандагони Аззаву Ҷалл некӯӣ карда, аз амволи Дунё ба дасти мардум дар Охират бифрист. Чунон ки Худои таъоло мефармояд — қавлуҳу таъоло: **Аҳсин камо аҳсаналлоҳу илайка.**[б]

Қорун гуфт: **Иннамо утитуҳу ъало ъилмин ъиндӣ.**[в]

Яъне: ё Мӯсо (а), ба донишу илми хеш ин мол овардаам. Худои таъоло дар моли ман чи ҳаққ дорад. Лекин аз ғазаби Худо натарсида, чунончи — қавлуҳу таъоло: **А ва лам яълам анналлоҳа қад аҳлака мин қаблиҳи мина-л-қуруни ман ҳува ашадду минҳу қувватан ва аксару ҷамъан ва ло юсъалу ъан зунубиҳиму-л-муҷримун.**[г]

Яъне: оё надонист Корун, ки Худои таъоло бисёр қавмро халок кардааст, ки пеш аз ӯ қуввату неъмати бештар медоштанд ва дар рӯзи Қиёмат на савол пурсанду на ҷавоб ва бе пурсиш дар Дӯзах раванд гунаҳгорон.

Корун сар боз зада осӣ гашт ва кушке бунёд кард, ки дар баландӣ ҳаштод газ буд ва бар он кунгураҳои олӣ мураттаб сохт. Пас Корун Бани Исроилро даъват кард, то Бани Исроил ду гурӯҳ шуда, гурӯҳе мутобаъати Мӯсо (а) кардандӣ ва гу-

---

б Қуръон: 28, 76.
в Қуръон: 28, 76.
а Қуръон: 28, 77.
б Қуръон: 28, 77.
в Қуръон: 28, 78.
г Қуръон: 28, 78.

рӯхе ба Қорун фиску фуҷур ва фасод оғоз намуданӣ. То рӯзе тафарруҷ хост, зани хешро бо либосҳои гуногун биёросту ҳазор ғулому канизакро ҷомаҳои фохира дарпӯшонид ва дар камарашон камарбандҳои мурассаъ ба ҷавоҳир басту аз сарой берун омад. Қавлуҳу таъоло: **Фа харача ъало кавмиҳи фӣ зинатиҳи.**[б]

Яъне: худро хориҷ аз қавм ба зинат кард, ки пироҳан дарпӯшида ва точи мурассаъи мукаллал ба марворид болои сар дошта, то аз тармои офтоб ранҷе нарасад ва ғуломон чапу рост, пасу пеши ӯ мерафтанд. Ва дарвешони Бани Исроил дар ҳоли ӯ мушоҳада карданду забон ба калимоти ҳирс бикшуданд. Қавлуҳу таъоло: **Ё лайта лано мисла мо утия Қоруну иннаҳу лазу ҳаззин ъазимин.**[в]

Яъне: кошкӣ мо низ ба либоси Қорун будеме, то ба молу неъмат чандин ҳазз кардеме, ки бори дарвешӣ ва бенавоиро аз дили ҳазини худҳо берун кардеме. Мӯсо ва Ҳорун *аллайҳимоссалом* чун орзумандии эшон диданд, бонг барзаданду зачр карданд. Қавлуҳу таъоло: **Ва қола-л-лазина уту-л-ъилма вайлакум савобуллоҳи хайрул лиман омана ва ъамила солиҳан ва ло юлаққоҳо илло-с-собирун.**[а]

Яъне: гуфтанд онон ки дода шуда буданд илм, вой бар шумо, савоби Худои таъоло нектар аст барои касе, ки имон орад ва амали солиҳ бикунад, на омӯхта шавад ин сухан магар сабркунандагон. Пас Мӯсо (а)-ро ваҳӣ омад, ки Қоруиро бигӯй, ки закоти моли худ аз ҳазор динор як динор ба фақирон ва муҳточон диҳад, илло осӣ хоҳад шуд. Мӯсо (а) ба ӯ гуфт: То Қорун ба худ ҳисоб кард, маблағе зар шуд, дилаш ёрӣ намедод, гуфт: «Ё Мӯсо (а), надиҳам. Туро ба моли ман ҳеч коре нест». Мӯсо (а) гуфт, ки он қадар зарҳо, ки ба кимиё созӣ ва ба тайёрии зуруфот фурӯ мерезад, ба дарвешон деҳ!» Гуфт: «Агар ман закоти мол бидиҳам, Худо маро чи диҳад?» Гуфт: «Биҳишт». Қорун гуфт: «Биҳишт чӣ кор ояд?»

Пас Қорун хост, ки ҳилате созад, то Мӯсо (а) ҳиҷил гашта, аз вай закот наҳоҳад. Пас зане буд дар Бани Исроил соҳибҷамол, ба фасод машғул. Рӯзе дар пеши Қорун рафт. Қорун гуфт: «Ман туро ҳазор динор диҳам ва табақи зарину ҷомаҳои фохира бахшам, аз баҳри дили ман коре кун, ки ҷамоъати Бани Исроилро бигӯ, ки Мӯсо (а) аз ман ёрӣ дораду бо ман зино кардааст». Зан он гаҳ ба тамаъи мол қабул кард ва Қорун ҳазор динор ба вай доду ҷомаҳои хуб бахшид.

Рӯзе Мӯсо (а) бар сари минбар вазъ мефармудӣ, Бани Исроил ҳозир буданд. Қорун он занро дар он ҷо бибурд. Мӯсо

[б] Қуръон: 28, 79.
[в] Қуръон: 28, 79.
[а] Қуръон: 28, 80.

салотуллоҳи алайҳи суханони халолу ҳаром мегуфт, ки ҳар кӣ закот надиҳад, укубаташ хамин бувад ва ҳар кӣ зино кунад, дар Дунё ӯро сангсор кунанд ва дар Охират укубат хамчунон аст. Қорун аз миёни ҷамъ овоз дод, ки ё Мӯсо (а), агар ту зино карда бошӣ, хукм чи гуна аст? Гуфт: «Қатл ба ман лозим шавад». Ва Қорун гуфт: «Албатта зино кардай, инак гувох хозир аст». Қавлуху таъоло: **«Ё айюҳа-л-лазина оману ло такуну ка-л-лазина озав Мусо фабарраахуллоҳу миммо қолу.**[б]

Яъне: онон ки гаравидед, машавед монанди онон ки бухтон карданд Мӯсо (а)-ро. Пас пок кард ӯро Худои таъоло аз он чи мегуфтанд. Пас он занро пеш хонда гуфт: «Бигӯ, ки Мӯсо (а) ба ту чӣ кардааст». Зан хост, ки бигӯяд аз Мӯсо (а) ёрӣ дорам, Ҳаққ таъоло такаддус дили ӯ бигардонид ва қавми Қорун шод шуданд, ки хоҳад гуфт. Зан арз кард: «Ё қавм, бидонед, ки Мӯсо (а) пок аст ва ин бар вай дурӯғу бухтон карданд. Ман аз Худои таъоло тарсида бар пайғамбари ӯ бухтон наниҳодам». Мӯсо (а) ин сухан шунида, беҳуш гашт ва аз минбар биафтод. Ҷабраил (а) ӯро баргирифт ва гуфт: «Ё Мӯсо (а), Ҳаққ таъоло мегӯяд, ки заминро дар фармони ту кардаам, ҳар чӣ хоҳӣ, бар Қорун бигӯ ва бикун».

Гуфт: «Ё Қорун, аз Худо битарс!» Ҷавоб номаъкул дод. Мӯсо (а) асо бар замин заду гуфт: **«Ё арз хузиҳи».**

То тахти Қорун ва касоне, ки дар сарои Қорун буданд, то ба каъб фурӯ рафтанд. Фарёд бароварда аз Мӯсо *алайҳиссалом* зинҳор хостанд. Мӯсо (а) гарм шуда гуфт: «Ё замин, эшонро то зону фурӯ кун!». Овардаанд, ки ҳафтод маргаба зинҳору тавба мехостанду хашми Мӯсо (а) зиёдат мешуд. То ба душ фурӯ шуданд. Чун Ҳорун онҳоро ба ин ҳолат дид, гуфт: «Ё ахӣ, ин хама ва Қорун аз хешони туст». Боз ба чӯш шуда гуфт: **«Ё арз ханниҳи».**

То ба ҳалқ фурӯ рафтанд. Қорун гуфт: «Ё Мӯсо (а), тамаъ бар моли ман кардай, ки дарвешони Бани Исроилро бидиҳӣ?» Пас чое, ки моли ӯ ҷамъ буд, Ҷабраил (а) он ганчхо онарда, як чо карда пеши Қорун бурд. Мӯсо (а) гуфт: «Ё замин, Қоруиро бо молу ҳашамату кӯшк фурӯ гир!». Пас замин ӯро бо молу кӯшкҳо ва қавм ба хукми Худои таъоло фурӯ гирифт ва аз он қавм ҳеҷ кас намонд. Қавлуҳу таъоло: **Фа хасафно биҳи ва бидориҳи-л-арза.**[а]

Яъне: пас фурӯ бурдем ӯро дар замин, хонаи ӯро. Дарвешон он ҳол мушоҳада карда, фарёд баровардаид ва санои Ҳакк бигуфтанд. Қавлуҳу таъоло: **Лав ло ан-манналлоҳу ъалайно лахасафа бино вай кааннаҳу ло юфлиҳу-л-кофирун.**[б]

[б] Қуръон: 33, 69.
[а] Қуръон: 28, 81.
[б] Қуръон: 28, 82.

Яъне: агар фазли Худо дастгир нагаштӣ, ҳоли мо ҳамчун Қорун будӣ. Тааҷҷуб аст, ки кофиронро ифлоҳ намешавад. Қавлуҳу таъоло: **Тилка-д-дору-л-охирату начъалуҳо ли-л-лазина ло юридуна ъулувван фи-л-арзи ва ло фасодан.**[в]

Яъне: ин хона оқибат мекунем мо онро барои касон, ки намехоҳанд бартарӣ ба Дунё ва на фасод.

ЗИКРИ ОМИЛ — МАҚТУЛИ ИБНИ СУЛАЙМОН

Гӯянд, ки дар Бани Исроил шахсе, ки номи ӯ Омил буд, бо молу ҳашмат, валекин фарзанде надошт, магар бародарзодаи дарвеш, аммо тавоно ва боқувват буд. Мутавотир чашм ба моли амми худ дошт, ки вайро бикушад ва аз молу мероси вай худ тавонгар шавад. Аз ғояти тамаъ шабе пинҳон рафта, амми худро кушта, аз шаҳр берун бурда. Рафта дар миёни ду деҳ бияндохту бозомад ва мерос мавруси худ ёфта. Қотили амми худ талаб мекард ва мардумони дехро туҳмат медод. Чунончи қавлуҳу таъоло: **Ва из қаталтум нафсан фаддораътум фиҳо.**[а]

Яъне: чун қатл кардед қонеро, пас ихтилоф кардед дар он. Минбаъд пеши Мӯсо (а) омада гуфтанд: «Ё расулаллоҳ, дуъо кун, ки Худои таъоло аз қотили мақтул ҳаза хабар диҳад». Мӯсо (а) дуъо кард, дарҳол Ҷабраил (а) омаду гуфт: «Худои таъоло мефармояд, ки ман ғаммозро душман дорам, худ ғаммозӣ чи гуна кунам». Эшонро бифармо, то гове бикушанд ва забони гов бар он зананд ман ӯро зинда гардонам, то кушта худ бигӯяд, ки маро фалон куштааст.

Абдуллоҳ ибни Аббос *разияллоҳу анҳумо* гӯяд: «Ба куштани гов аз баҳри он фармуд, ки он қавм гов мепарастиданд». Ва Ҳаққ таъоло хост, ки эшон маъбуди хеш бикушанд, то бидонанд, ки кушта Худойро нашояд.

Алҳосил, Мӯсо (а) эшонро хабар карду гуфт — қавлуҳу таъоло: **Инналлоҳа яъмурукум ан тазбаҳу бақаратан.**[б]

Яъне: Худои таъоло мефармояд, ки говеро бикушед, то албатта нишоне аз қотили худ хоҳед ёфт. Гуфтанд — қавлуҳу таъоло: **А таттахизуно ҳузуван.**[в]

Яъне: гирифтӣ ту сухани моро ба ҳазл ва зарофат. Қавлуҳу таъоло: **Қола аъузу биллоҳи ан акуна мина-л-ҷоҳилин.**[г]

Яъне гуфт: паноҳ мегирам ба Худо он ки шавам ман аз ҷоҳилон. Қавлуҳу таъоло: **Қолу-дъу лано раббака юбаййина лано мо ҳия.**[д]

Яъне гуфтанд: Бихон парвардигори худро барои мо, ки баён

[а] Қуръон: 28, 83.
[б] Қуръон: 2, 67.
[в] Қуръон: 2, 67.
[г] Қуръон: 2, 67.
[д] Қуръон: 2, 68.

кунад, барои мо чист он гов. Мӯсо (а) фармуд — қавлуҳу таъоло: **Якулу иннаҳо бақаратун ло форизун ва ло бикрун ъавонун байна золика.**[е]

Яъне: Худои таъоло мегӯяд ба таҳқиқ, ки гов на пир бошаду на ҷавон, балки миёна бошад. Қавлуҳу таъоло: **Колу-дъу лано раббака юбаййина лано мо лавнуҳо.**[ж]

Яъне гуфтанд: Дуъо кун барои мо аз Парвардигори худ, ки баён кунад, барои мо, ки чӣ ранг дорад. Он гоҳ Мӯсо (а) боз дуъо хост. Фармон омад — қавлуҳу таъоло: **Иннаҳо бакаратун сафроу фокиъун лавнуҳо тасурру-н-нозирин.**[з]

Яъне: гови зард, чунон ки аз дидани ӯ чашми нозирин хира шавад. Гуфтанд: Солу рангаш маро маълум шуд. Иншоаллоҳ вайро биёрем, аммо сифати вай кун, то бидонам. Боз дуъо кард, фармон омад — қавлуҳу таъоло: **Ло залулун тусиру-л-арза ва ло тасқия-л-ҳарса.**[а]

Яъне: на барои киштукорӣ замин шигофта бошад ва на дар зироъат об дода. Саломат аз ранҷҳо ва айбҳо бувад. Он гаҳ ба талаби гов рафтанд. Ҷабраил (а) омаду гуфт: «Фалон кас дар Бани Исроил гове ба-д-ин сифат дорад. Баҳои гов он аст, ки пӯсти вай пур аз зар кунанд, то бихаранд.

ЗИКРИ ГОВ

Ки шахсе дар Бани Исроил аз чумлаи солиҳон буд ва писаре тифл дошт. Ва яке гӯсолаи ӯ буд. Рӯзе дар беша бурду ба Худо супурда гуфт: «Ё рабб, ман ин гӯсоларо аз бахри писари хеш ба ту супурдам, то ҷавон шавад, ӯро ба писари ман расонӣ». Пас он мард аз Дунё бирафт ва гӯсола бузургу бокувват гашт, чунон ки касе гирифтан натавонистӣ. Чун он тифл бузург шуд, бағоят накӯкор буд. Порсоию фармонбардории модари хеш мекард ва шабро се қисм карда буд: вақте мехуфтӣ ва як вақте намоз мекардӣ ва вақти дигар ба сари турбати падари хеш то субҳ зиёрат менамуд. Чун рӯз шудӣ, ба саҳро рафта, хезум оварда мефурӯхтӣ. Он ҳам се қисм карда: яке садақа ба дарвешон додӣ ва яке ба модари хеш ва қисмати дигар нафақаи худ кардӣ.

Рӯзе модараш гуфт, ки падарат дар фалон саҳро аз бахри ту гӯсола ба худо супурдааст. Дар он биёбон рав, Худои Иброҳиму Исмоил ва Исҳоқ *салотуллоҳи алайҳим аҷмаъинро* бихон, то он говро ба ту боздиҳад. Ва нишони он гов он аст, ки чун говро бубинӣ, пиндорӣ, ки шуъои офтоб аст. Пас он писар ба-д-он беша рафту гуфт: «Худовандо, он гов, ки падари

[е] Қуръон: 2, 68.
[ж] Қуръон: 2, 69.
[з] Қуръон: 2, 69.
[а] Қуръон: 2, 71.

ман ба ҳазрати Ту супурдааст, маро боздеҳ!» Ба ҳукми Худои таъоло дарҳол гов пеш омада, ба сухан гароиду гуфт: «Эй писари фармонбардори модару падари хеш, бар ман нишин, ки туро фармонбарам». Гуфт: «Модари ман нагуфтааст, ки бар ту савор шавам, аммо гуфтааст, ки гардани ту бигираму биоарам».

Пас он ҷавон говро гирифта, сӯи хона равон шуд. Дар ин асно Иблис дар пеши ӯ ба сурати шубоне омаду гуфт: «Эй ҷавон, ман марди шубонам, хостам, ки ба хона равам, зоди кумош, ки доштам бар пушти гове ниҳодам. Чун дар роҳ ба қазои ҳоҷат машғул шудам, гов аз ман бигурехт. Аммо қудрат надоштам, ки бигирам. Чи бошад, ки ҷони маро бозхарӣ, яъне маро ба-д-ин гов нишонӣ ва ба деҳ расонӣ, то музди гов ба ту диҳам». Ҷавон гуфт: «Бирав таваккул кун, бар Худо». Чун Худои таъоло яқини ту рост бинад, туро бе тӯшаю роҳила ба манзил расонад». Иблис гуфт: «Агар хоҳӣ, гов ба дасти ман бифурӯш». Гуфт: «Модарам чунин нафармудааст». Пас рӯ дар роҳ ниҳод. Ногоҳ мурғе аз зери шиками гов бипарид ва гов бирамида аз дасти ҷавон рафт. Ҷавон гуфт: «Ба ҳаққи номи Худои ман бозой». Гов бозомаду гуфт: «Донӣ, ки ин мард Иблис буд. Ӯ маро бирабуд, хост, ки бар ман нишинад. Чун номи Худо ба забон рондӣ, фариштаи омаду маро аз дасти Иблис халос дод».

Пас говро пеши модар бурд. Модар гуфт, ки эй писар, ту дарвешӣ ва ҳеҷ мол надорӣ, говро бифрӯш. Гуфт: «Ба чи қимат бифрӯшам?» Гуфт: «Се динор». Говро ба бозор бурд. Худои таъоло фариштаро фиристод, то он ҷавонро ба қимати гов огоҳ кунад. Фаришта гуфт, ки говро ба чи қимат мефурӯши? Гуфт: «Ба се динор мефурӯшам». Гуфт: «Ба шаш динор бифрӯш». Гуфт: «Модари ман шарт се динор кардааст. Агар динор ба вазни гов бидиҳӣ, бе ҳукми модари ҳуд нафрӯшам». Боз пеши модар омаду гуфт, ки баҳои гов шаш динор мешавад. Боз ҳамон фаришта омаду гуфт, ки ман дувоздаҳ динор медиҳам. Гуфт: «Бе машварати модар нафрӯшам». Боз пеши модар омаду гуфт, ки дувоздаҳ динор мешавад.

Модар гуфт: «Ё писар, магар он мард фаришта аст, меояд, туро қимати гов бознамояд?» Боз дар бозор омада дид ҳамон мард истодааст. Гуфт: «Ин говро мафрӯш. Пеши модари ҳуд бигӯ, ки ин говро нигоҳ дор, ки Мӯсо ибни Имрон биёяду ба сабаби зинда кардани мард, ки дар Бани Исроил кушта шуда, ин говро бихарад ва пӯсти гов ба зар пур карда, ба ту диҳад.

Чу Мӯсо (а) омаду говро ба-д-он сифат ёфт, ки мехост, пас говро кушта, пӯсти ӯро пур аз зар карда, ба-д-он пиразану писараш дода, забон бурида бар он кушта заданд. Он кушта дар-

хол зинда шуду бархост. Чунончи аз рагҳои кушта хун рехтан гирифт ва бо овози фасиҳ гуфт, ки маро мардуми деҳ накуштаанд, балки бародарзодаи ман ба тамаъи мероси мол куштааст. Ин бигуфту бияфтод ва бимурд. Мӯсо (а) фармуд, ки то он бародарзодаро касос карданд ва молаш ба дарвешон қисмат карда доданду мардуми деҳҳо эмин шуданд.

ЗИКРИ АВҶ ИБНИ АНАҚ ЛАЪНАТУЛЛОҲИ АЛАЙҲ

Ровиёни ахбор чунин ривоят кардаанд, ки Ҳаққ таъоло қавми Мӯсо (а)-ро ваъда карда буд замини Шом, ки «Арзи муқаддас» хонанд, ба эшон диҳад ва дар он замин Ҷабборон буданд ва мақоми аҷдоди Бани Исроил бештар дар Канъон буд. Ва чун дар Миср қарор гирифтанд, Худои таъоло эшонро бифармуд, то ба Шом раванд ва ба душманони Ҳаққ таъоло чиҳод кунанд. Мӯсо (а) ба эшон ваъдаи нусрат карда буд. Ваҳй омад, ки ё Мӯсо (а), дувоздаҳ кас аз дувоздаҳ сабт ба қавми хеш ихтиёр кун ва ба ҳар сабте якеро нақиб гардон, то ҳар яке бар сабте нақибӣ кунад ва ба ризои ман бошанд. Чунончи қавлуҳу таъоло: **Ва баъасно минҳуму-снайъашара нақибан.**[а]

Яъне: барангехтем мо аз эшон дувоздаҳ кас нақиб. Пас Мӯсо (а) ҳамон карда равон шуд. Чун Бани Исроил ба Канъон расиданд, Мӯсо (а) нақибонро дар атрофи Шом фиристод, то аҳвол боздошта, ба арз расонид. Чун бирафтанд, Авҷ ибни Анақро диданд, ки болои қад бисту се ҳазору сӣ арш дошт. Лиҳаза аз оби Нӯҳ амин буд.

Ва ровиён ривоят мекунанд, ки Авҷ даст ба дарё карда, моҳӣ аз қаъри бароварда, наздики чашмаи офтоб бидошта, бирён кардӣ ва се ҳазору понсад сол умр дошт. Аз Одам *алайҳиссалом* то ба давраи Мӯсо (а) бизист. Номи модараш Сайфура духтари Одам *алайҳиссалом* буд. Пас Авҷ ин нақибонро дида пурсид, ки аз куҷо омадед ва куҷо меравед. Ҳама аҳвол бигуфтанд. Пас эшонро дар шалвори хеш карда ба хонаи худ бурду занро гуфт: «Ин қавм ба ҳарби мо омадаанд». Пас эшонро бар замин ниҳоду хост, ки пой бар эшон молида реза-реза созад. Зан гуфт: «Бигзор, то бираванд ва аҳволи ту бозгӯянд».

Нақибон бирафтанду дар вилоят пароганда шуданд, то аҳвол маълум кунанд. Чун дувоздаҳ нақиб дар шаҳрҳо бигаштанду аҳволи шаҳр бар эшон маълум шуд ва ҳақиқати гаронию касрати он ҷо дар эшон падид омад, бағоят тарсиданд ва бо якдигар гуфтанд, ки он чи мо дидаем, ба Бани Исроил набояд гуфт, ки баддил хоҳанд шуд. Аммо пеши Мӯсо ва Ҳорун *алайҳимоссалом* хабар бояд кард, то он чи савоб бубинанд, ба так-

[а] Қуръон: 5, 12.

дим расонанд. Пас ба ҳузури Мӯсо (а) омаданду он чи дида буданд, бигуфтанд аз аҷоиби ангуру анор, ки як ангур чанд кас баргиранд ва донаи як анор чун берун ованд, даҳ касро дар пӯсти он ҷой буд. Ва як дона ангур пеши Мӯсо (а) оварда, чандин мани буд. Мӯсо (а) дар тааҷҷуб бимонд ва даҳ кас аз нақибон аҳд шикастанд. Аҳволи он ҷо ҳар чи дида буданд ва гирифтории хеш бигуфтанд ва дар он ҷо шудан наҳй карданд, магар ду кас: яке Юшаъ ва дигар Колуб.

Пас Бани Исроил хостанд, ки бозгарданд, Мӯсо (а) фармуд, ки ё қавм бознагардед ва ба он кор шавед. Гуфтанд: «Ё Мӯсо (а), қавлуҳу таъоло: **Инна фиҳо қавман ҷаббарина.**[б]

Яъне: андар он ҷо мардумонанд боқувват. Қавлуҳу таъоло: **Ва инно лан надхулаҳо ҳатто яхруҷу минҳо.**[а]

Яъне: мо дохил нашавем дар он ҷо, ҳатто ки эшон берун шаванд аз он ҷо. Қавлуҳу таъоло: **Фа ин яхруҷу минҳо фаинно дохилуна.**[б]

Яъне: чун аз он ҷо берун оянд, он гоҳ мо дар шавем. Қавлуҳу таъоло: **Қола раҷулони мина-л-лазина яхофуна анъамаллоҳу ъалайҳимо-дхулу ъалайҳиму-л-боба.**[в]

Яъне: ду мард дар миёни эшон гуфтанд, ки аз Худо метарсиданд ва Худои эшон раҳмат карда буд, яке Юшаъ ибни Нун ва дигаре Колуб ибни Юҳанно. Ва ҳарду бузургони нек буданд, ва дар Бани Исроил баъд аз Мӯсо ва Ҳорун *алайҳимоссалом* пайғамбар буданд. Гуфтанд: «Шумо биравед, ки ҳарчанд эшон қавианд, магар Худои таъоло шуморо фатҳ дихад, ки бо Мӯсо (а) ваъда кардааст, ки эшонро ҳалок кунад, чунончи Фиръавнро ҳалок кард. Қавлуҳу таъоло: **Ва ъалаллоҳи фа таваккалу ин кунтум муъминин.**[г]

Яъне: таваккул бар Худо кунед, агар ба Худои таъоло гаравидаед. Мӯсо (а) низ гуфт: «Худои аззаву ҷалл аҳд кардааст, биравед. Қавлуҳу таъоло: **Қолу ё Мусо инно лан надхулаҳо абадан мо дому фиҳо.**[д]

Гуфтанд: «Ё Мӯсо (а), мо он ҷо нашавем, то эшон бошанд дар он. Қавлуҳу таъоло: **Фа-зҳаб анта ва раббука фа котило инно ҳо ҳуно қоъидун.**[е]

Яъне: пас шав ту бо Худои хеш ва корзор кунед, ки мо ин ҷо нишастем. Мӯсо (а) хашм гирифту дуъо кард ва гуфт — қавлуҳу таъоло: **Рабби инни ло амлику ило нафсӣ ва ахӣ.**[ж]

[б] Қуръон: 5, 22.
[а] Қуръон: 5, 22.
[б] Қуръон: 5, 22.
[в] Қуръон: 5, 23.
[г] Қуръон: 5, 23.
[д] Қуръон: 5, 24.
[е] Қуръон: 5, 24.
[ж] Қуръон: 5, 25.

Яъне: ё Парвардигори ман, моро бар касе даст нест, магар бар тани хеш ва бародар Ҳорун. Пас Мӯсо ва Ҳорун *алайҳимоссалом* маъа асо ба сӯи Замини муқаддас равон шуданд, то ҳолати қавми он чо дарёбанд. Чун шаб омад, қавми Бани Исроил ҳама баргаштанд. Бомдодон худҳоро ҳамон чо диданд, ки кӯч карда буданд. Ва дигар шаб ҳамчунин иттифоқ афтод. Донистанд, ки Мӯсо (а) дуъои бад кардааст. Юшаъ ибни Нун гуфт: Ин чо сабр кунеду истиғфор намоед, то Худои таъоло Мӯсо (а)-ро боз ба шумо диҳад. Пас таваккал алаллоҳ намуда бар чой монданд.

Мӯсо (а) чун наздики шаҳри Авҷ расид, халқеро дид, ба сурат саҳмгину шакл мухиб. Чизе битарсид, аммо ҳофизи ҳақиқиро дар ҳифзи хеш хонд. Пештар чун назари Авҷ бар ӯ афтод хост, ки гирифта мисли мӯр бимолад. Гуфт: «Шояд ту сардори қавми Бани Исроил ҳастӣ ва қавми қибтиро ба дарё ғарқ намуда? Ин бигуфту ҳамла ба Мӯсо (а) овард. Чун қади Мӯсо (а) даҳ аршу асо низ даҳ буд ва дигар даҳ арш барчаста асо бар шатолинги ӯ барзад. Авҷ ба-д-он чуссаи азим аз заҳми асо бимурд. Ва чиҳил сол Бани Исроил дар Тия бимонданду лоши Авҷ дар биёбон фитода, гӯшту пӯсташ рехта, устухони пушташ мисли кӯҳҳо афтода монда. Пас Юшаъ ибни Нун ҳар гоҳ баъд аз чиҳил сол сипоҳ биёросту мулки чабборинро бикшод.ва ба Миср бозшуд, ӯстухони пушти Авҷ ибни Анақ ба Миср оварда ,пуле ба рӯди Нил баст. То муддати мадид халқе бар он убур кард.

Алҳосил, Мӯсо (а) Авҷро кушта шод шуда, боз ба сӯи лашкар омада дид, ки эшон ба чойгоҳи нахустинанд. Гуфт: «Худои таъоло нусратам дод Авҷро бикушам. Акнун шумо биёед, то шаҳри чабборин кушода, амри Ҳаққ ба чо оварда бошем». Гуфтанд: «Ё Мӯсо (а), аз Тия берун наметавонем омад». Ва ҳама қиссаи хеш гуфтанд. Мӯсо (а) андешида, фармуд, ки борҳо бардоред ва роҳи Шом пеш гиред. Ҳамаи шаб ва ҳама рӯз мерафтанд. Рӯзи дигар ҳамон чо меомаданд, ки буданд. Пас Мӯсо (а) аз дуъои худ пушаймон гашта, боз дархост намуд, ки ё Ғафур ва ё Раҳим, ту медонӣ, ки кавми мо мехоханд, ки ба Замини муқаддас раванд, дар он чӣ фармоӣ? Ндо омад — қавлуҳу таъоло: **Фа иннаҳо муҳарраматун ъалайҳим арбаъина санатан ятиҳуна фи-л-арзи.**[а]

Яъне: ба таҳқиқ, ки он замин ҳаром карда шуд бар эшон чиҳил сол ва дар Тия бошанд ба уқубат он, ки бар ту нарафтанд ва гуфтанд, ки ту бо Худои хеш бирав. Филчумла Мӯсо (а) бар ҳоли шопу набаромадани Худои таъоло, яъне мустахласи мулки Шом аз дасти чабборон андӯҳ бар андӯҳ гашт. Ни-

[а] Қуръон: 5, 26.

до омад — қавлуҳу таъоло: **Фало таъса ъала-л-қавми-л-фосиқин.**[б]

Яъне: дареғ махӯр бар ин қавм фосиқон. Пас андар он биёбон на об буду на таъом, мемонданд. Ва он биёбон маъруф аст миёни Миср у Фаластин. Морун ва аксари шаҳрҳо гирдогирди он биёбон аст ва дарозӣ дувоздаҳ фарсанг, паҳноии он шаш фарсанг. Худои аззаву ҷалл он биебонро бар эшон Тия карда, ҳарчанд баргаштандӣ, берун рафтан натавонистандӣ. Пас аз Мӯсо (а) таъом хостандӣ ва дар он биёбон ҷуз хорбун ҳеҷ набуд: на об, на ҳайвон ва на мурғ. Худои таъоло эшонро манн ва салво фиристод. Манн чизест ширин, мисли донаи кашниз, ба вақти шаб ба гирди лашкар меборидӣ ва вақти субҳ ҳар кас ҳасби қувват барчидӣ. Ва салво номи ҷонварест, монанди кабки сурх ва гӯшташ чун гӯшти кабк аст. Вақти аср наздики лашкаргоҳ мепариданди ва ба ҳини шом бар замин нишастандӣ, то Бани Исроил ба қадри ҳоҷати худ ба тирғӣ бигрифтандӣ ва кабоб карда бихӯрдандӣ. Гуфтанд: «Ё Мӯсо (а), моро соя мебояд, ки аз тамузи офтоб паноҳе гардад». Пас Мӯсо (а) дуъо кард, Худои таъоло саҳобро фиристод, то ҳар рӯз соябон бар сари эшон мебуд. Чунончи мефармояд — қавлуҳу таъоло: **Ва заллално ъалайкуму-л-ғамома ва анзално ъалайкуму-л манна ва-с-салво.**[а]

Яъне: соябон кардем бар шумо абрро ва нозил кардем бар шумо манн ва салво. Гуфтанд: «Ё Мӯсо (а), моро об бояд». Мӯсо (а) дуъо кард, Худои таъоло ба иҷобат мақрун фармуд. Гуфт, ки асоро бар санг зан. Гурӯҳе гуфтанд, ки он санг дар он биёбон буд. Тоифа бар онанд, ки он сангест, ки Мӯсо (а) аз Тӯри Сино ҳине ки ба шарафи муколамаи ҷаноби Борӣ расида буд, оварда. Чун дар сафару ҳазар будӣ, онро аз худ ҷудо насохтӣ ва ҳар гоҳ, ки муноҷот кардӣ, бар он санг истодӣ. Пас Мӯсо (а) асоро бар ҳамон санги муърифа ё санги дигар зад. Чунон ки Худои таъоло мефармояд — қавлуҳу таъоло: **Ва авҳайно ило Мӯсо изистасқоҳу қавмуҳу ан-изриб биъасока-л-ҳаҷара фа-нбаҷасат минҳу-снато ъашрата ъайнан.**[б]

Яъне: ваҳӣ кардем ба Мӯсо (а) ҳар гоҳ, ки талаби об намуд қавми ӯ, он ки бизан асои худро ба санг. Пас равон шуд дувоздаҳ наҳр. Бани Исроил дувоздаҳ сабт буданд ба як ҷо наёмехтандӣ ва аз як машраб об нахӯрдандӣ ва дар макони воҳид фуруд наёмадандӣ ва ҳамеша бо якдигар дар ҳамчунин корҳо адовату буғз доштандӣ. Чун Мӯсо (а) асоро бар санг зад, дувоздаҳ чашма берун омад ва ҳар сабт ҳар якро ихтиёр

[б] Қуръон: 5, 26.
[а] Қуръон: 2, 57.
[б] Қуръон: 7, 160.

кард. Чунончи қавлуҳу таъоло: **Қад ъалима куллу уносин машрабаҳум.**[а]

Ба таҳқиқ, ки донист ҳар одаме машраби худро. Пас Мӯсо (а) фармуд, ки аз манну салво чандон бигиред, ки якрӯзаро бас бувад. Эшон фармон набурданд. Баъзе ба андозаи як моҳ бар ин хавф, ки шояд бознаёяд, баргирифта, мустаҳаққи уқубат шуданд. Ва гӯянд, ки он чи захира карда буданд, кирмон бихӯрданд ва низ омадани он мавқуф шуд. Боз Мӯсо (а) ҳасби дархости эшон дуъо кард. Худои таъоло бозфиристод, то ҳасби ихтиёҷ бигрифтандӣ ва бихӯрданд. Чун муддате бар ин баромад, рӯзе муттафиқулкалима бигуфтанд — қавлуҳу таъоло: **Лан насбира ъало таъомин воҳидин фа-дъу лано раббака юхриҷ лано миммо тунбиту-л-арзу мин бақлиҳо ва қиссоиҳо ва фумиҳо ва ъадасиҳо ва басалиҳо.**[а]

Яъне: то кай сабр кунем бар таъоми воҳид. Пас дуъо кун аз Парвардигори худ, ки берун орад барои мо аз он чи пайдо кунад замин аз тарра ва хиёр ва сир ва масур ва пиёз. Мӯсо (а) фармуд — қавлуҳу таъоло: **А тастабдилуна-л-лазӣ ҳува адно би-л-лазӣ ҳува хайрун аҳбиту Мисран фа инна лакум мо саалтум.**[б]

Яъне: бадал кунед онро, ки камина аст ба он чизе ки он беҳтар аст, боз ба Миср шавед. Пас ба таҳқиқ, ки барои шумост он чи ки суол кунед. Ин сухан, ки Мӯсо (а) фармуд, ба тариқи ӣтоб буд ва илло бидуни ҳукми Худои таъоло кай ба Миср мераванд, зеро ки аз амалҳои ношоиста дар ғазаби Худо буданд — қавлуҳу таъоло: **Ва зурибат ъалайҳиму-з-зилляту ва-л-масканату ва боу би ғазабин мин-аллоҳи.**[в]

Яъне: навишта шуд бар эшон залилӣ ва мискинӣ ва мустаҳиққи ғазаб шуданд аз Худои таъоло.

Чун сӣ сол дар он водӣ бигзашт, Ҳорун бимурд ва Мӯсо (а) аз Дунё риҳлат фармуд. Аз паси он ба муддати чиҳил сол Бани Исроил ҳама бимурданд, магар Юшаъ ва Қолуб *алайҳиссалом* ва фарзандони Бани Исроил баъд аз омадан аз Миср таваллуд шуда буданд. Чунончи баъди Мӯсо (а) ба Юшаъ нубувват расид, фарзандони Бани Исроилро, ки зиёда аз чиҳил сол набуданд, ба ҳукми Худои таъоло аз Тия берун оварда. Ва Юшаъ аз сабти Юсуф ибни Яъқуб *алайҳиссалом* буд ва баъди Юшаъ пайғамбарӣ ба Қолуб ва Қолуб аз сабти Яҳудо ибни Яъқуб (а) буд. *Валлоҳу аълам.*

[а] Қуръон: 7, 160 ва 2, 60.
[а] Қуръон: 2, 61.
[б] Қуръон: 2, 61.
[в] Қуръон: 2, 61.

ЗИКРИ МУЛОҚӢ ШУДАНИ МӮСО ВА ХИЗР АЛАЙҲИМОССАЛОМ

Рӯзе Мӯсо (а) дар маҷлис нишаста буд ва баъзе бар онанд, ки ҳар гоҳ дар Тия буд ва абре сафед мисли соябон бар сараш мемонд, ваъз мефармуд. Погоҳ дар дил вай бигаравид, ки имрӯз аз ман бузургтар кадом олим бошад, зеро ки чиҳил шутур бор Таврот ҳифз дошт ва бевосита ба Ҳаққ таъоло сухан мегуфт.

Ва баъзе гӯянд, ки аз миёни қавм шахсе барҳосту гуфт: «Ё Расулаллоҳ, имрӯз касе аз ту олимтар набошад». Мӯсо (а) гуфт: «Бале, бидонам». Дарҳол итоб омад: «Ё Мӯсо (а), аксар бандагони мо аз ту олимтаранд, Чи донӣ, ки Ман илми худро куҷо ниҳодаам. Маро банда ҳаст дар Маҷмаъулбаҳрайн, аз ту донотар». Гуфт: «Худовандо, вайро ба ман намоӣ». Вахӣ омад, ки ё Мӯсо (а), ин банда Хизр аст ва бар канори Маҷмаъулбаҳрайн саҳроест, ки мурда он ҷо зинда шавад. Ӯро дар он ҷо биталаб. Мӯсо (а) Юшаъро ҳамроҳ карду мерафт ва мегуфт — қавлуҳу таъоло: **Ва из қола Мусо ли фатоҳу ло абраҳу ҳатто аблуға Маҷмаъалбаҳрайни ав амзия ҳукубан.**[а]

Яъне: ҳар гоҳ, ки гуфт Мӯсо (а) ҷавони худро, яъне Юшаъро: «Боз нагардам, то ки бирасам Маҷмаъулбаҳрайнро ё биравам солҳо». Пас баъди кашидани ранҷҳои сафар қатъи масофат намуда, ба Маҷмаъулбаҳрайн расид. Ва Маҷмаъулбаҳрайн обест ба ҳадди Форсу Рум, ки ҷониб ба Машриқ тааллуқ дорад. Зод эшонро моҳии намаксуда дар занбил буд. Юшаъ наздики он чашма рафт, ки моулҳаёт буд, яъне оби зиндагонӣ. Чун аз он чашма вузу сохт ва фориғ шуд, наздики занбил омад. Қатра аз он об, ки ба ангуштон рехтӣ, бар моҳии сӯхта намакзада афтода, дарҳол моҳӣ дар занбил зинда гашту дар об ҷаст. Чунончи — қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо балағо Маҷмаъа байниҳимо насиё ҳутаҳумо фа-ттахаза сабилаҳу фи-л-баҳри сарабан.**[б]

Пас ҳар гоҳ, ки расиданд ҷои мулоқот он ҳар ду фаромӯш карданд моҳии худро. Пас гирифт моҳӣ роҳи худро дар дарёи хушк. Юшаъ хост, ки ин ҳол ба Мӯсо (а) бозгӯяд. Дарҳол наздики Мӯсо (а) омада хуфта ёфт. Ва пас аз бедор шудани Мӯсо (а) ҳар ду равон шуданд ва ӯ сухани моҳӣ фаромӯш карда. То дигар рӯз памози пешин бигузориданд, андаке гуруснагӣ дар Мӯсо (а) асар кард. Юшаъро гуфт: «Он моҳиро биёр, бихӯрем». Чунон ки қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо ҷоваза қола ли фатоҳу отино ғадоано лақад лақино мин сафарино ҳазо насабо.**[в]

[а] Қуръон: 18, 60.
[б] Қуръон: 18, 61.
[в] Қуръон: 18, 62.

Чун гузаштанд аз он ҷо, гуфт ҷавони худро: «Бидех маро таъоми субҳ, ҳароина пайвастам аз ин сафари худ ранҷро». Юшаъро ёд омад: қавлуҳу таъоло: **Қола а раайта из авайно ила-с-сахрати фа инни насийту-л-ҳута ва мо ансониху иллаш-шайтону ан узкураҳу ва-ттахаза сабилаҳу фи-л-баҳри ъаҷабан.**[а]

Яъне гуфт: «Оё дидӣ ту ҳар гоҳ ҷой гирифтем сӯи санг?» Пас фаромӯш кардам моҳиро ва на фаромӯшӣ дод маро магар шайтон, он ки зикраш кунам. Ва гирифт роҳи худро дар дарё аҷаб. Мӯсо (а) гуфт: «Мо Хизрро он ҷо биталабем». Чунон ки қавлуҳу таъоло: **Қола золика мо кунно набғи.**[б]

Яъне гуфт: «Он аст он чи ки мо мехостем». Қавлуҳу таъоло: **Фа-ртаддо ъало ссориҳимо қасасан фа вачадо ъабдам-мин ъибодино отайноҳу раҳматам-мин ъиндино ва ъаллямноҳу мин ладунно ъилман.**[а]

Пас бозомаданд бар нишони пои худҳо, яъне нақши по муъоянакунон. Пас ёфтанд бандаро аз бандагони мо, ки дода будем ӯро раҳмат аз наздики худ. Омӯзонида будем ӯро аз наздики худ илм. Чун ба-д-он ҷо расиданд, моҳиро диданд, ки дар об гоҳе берун меомадӣ ва гоҳе фурӯ шудӣ. Мӯсо (а) дар он замон худро дар дарё андохт ва фурӯ шуд, то гунбаде дид, ки аз об муаллақ истода ва Хизр (а) он ҷо намоз мекард. Ва дар он миён ду дарё буданд, ки ба ҳам наомехтандӣ. Чун Хизр (а) аз намоз фориғ шуд, Мӯсо (а) бар вай салом кард. Чун якдигар нишастанд, ки сухан гӯянд, мурғе биёмаду минқор ба дарё зада, қатраи об бигирифт ва бирафт. Хизр (а) гуфт: «Ё Мӯсо (а), туро дар дил омада, ки ту аз ҳама аҳли замин ба илм донотарӣ ва ҳол он ки илми аввалу охири фарзандони Одами Сафиюллоҳ (а) наздики Худои аззаву ҷалл камтар аз он аст, ки ин мурғ аз ҷайби дарё қатра бигирифт. Қавлуҳу таъоло: **Қола лаҳу Мусо ҳал аттабиъука ъало ан туъаллимани мимо ъуллимта рушдан.**[б]

Яъне: гуфт Мӯсо (а): «Ман туро мутобаъат кунам илме, ки Ҳаққ таъоло туро омӯхтааст, маро биёмӯзон». Хизр (а) фармуд — қавлуҳу таъоло: **Иннака лан тастатиъа маъия сабран ва кайфа тасбиру ъало мо лам туҳит биҳи хубран.**[а]

Яъне гуфт: Ба таҳқиқ, ки ту бо ман ҳаргиз сабр натавонӣ кард ва чӣ гуна сабр хоҳӣ кард он чизро, ки на дарёфт кардӣ ту онро. Зеро ки ҷумла кори ман дар ботин аст. Ва ту медонӣ, ки дар ҳал кардан аз қабили мушкилот аст. Қавлуҳу таъ-

---

[а] Қуръон: 18, 63.
[б] Қуръон: 18, 64.
[а] Қуръон: 18, 64—65
[б] Қуръон: 18, 66.
[а] Қуръон: 18, 67—68.

о л о: **Кола сатачидуни иншоаллоху собиран ва ло аъсӣ лака амран.**[е]

Яъне гуфт Мӯсо (а): «Албатта, ёбӣ ту моро, агар хоҳад Худои таъоло, сабркунанда ва нофармонӣ накунам барои ту дар ҳеҷ кор». К а в л у х у т а ъ о л о: **Қола фа ин-иттабаътанӣ фало тасъалнӣ ъан шайъин ҳатто уҳдиса лака минҳу зикран.**[д]

Яъне гуфт Хизр (а): «Пас агар пайравӣ кунӣ ту моро, пас мапурс моро аз касе чизе, то он замон, ки шурӯъ кунам барои ту аз о н зикр. Пас ҳар ду равон шуданд. Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Фа-нталақо ҳатто изо ракибо фи-с-сафинати харақаҳо.**[е]

Яъне: пас ҳар ду мерафтанд, то он ки ҳар гоҳ савор шуданд ба киштӣ, бидарид Хизр (а) он киштиро. Мӯсо (а) бонг бароварда — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Қола ахрақтаҳо литуғрика аҳлаҳо.**[а]

Яъне: гуфт: «Даридӣ ту он киштиро, ки ғарқ кунӣ мардумонро?» Хизр (а) фармуд — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **А лам ақул иннака лан тастатиъа маъия сабран.**[б]

Гуфт: «Оё нагуфта будам ман туро, ки бо мо сабр натавонӣ кард?» Мӯсо (а) фармуд — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ло туохизнӣ би мо насийту ва ло турҳиқни мин амрӣ ъусран.**[в]

Яъне: магир ту бо ман ба он чиз ки фаромӯш кардам онро ва маяфган аз кори ман тангӣ, яъне душворӣ. Боз ҳар ду равон шуданд — қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **фа-нталақо ҳатто изо лақиё ғуломан фа каталаҳу қола а қаталта нафсан закийятан би ғайри нафсин лақад ҷиъта шайъан нукран.**[г]

Яъне: пас равон шуданд ҳар ду, то он ки мулоқӣ шуд бо эшон писаре. Пас қатл кард ӯро. Пас Мӯсо (а) гуфт: «Оё қатл кардӣ ту нафси покро бе бадали чоне. Албатта овардӣ ту чизе калон, яъне харакате номаъқул кардӣ. Хизр (а) фармуд — к а в л у ҳ у т а ъ о л о: **А лам ақул лака иннака лан тастатиъа маъия сабран.**[д]

Оё нагуфта будам туро, ки ба таҳқиқ ту сабр натавонӣ кард бо мо. Мӯсо (а) гуфт: «Ё Хизр (а), аз ин пас чизе напурсам. Агар пурсидам аз чизе, ту ба ман мабош». Чунонки қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Қола ин саалтука ъан шайъин баъдаҳо фа ло тусоҳибнӣ.**[е]

Яъне: гуфт: Агар бипурсам ман туро касе, чиз баъд аз ин ба суҳбати худ мадор. Пас ба деҳе расиданд.

Абдуллоҳ ибни Аббос (*раз*) ривоят кунад, ки он деҳ кавми лаимон буд. Ҳарчанд ки талаби таъом карданд, касе намедод.

[а] Қуръон: 18, 71.
[б] Қуръон: 18, 72.
[в] Қуръон: 18, 73.
[г] Қуръон: 18, 74.
[д] Қуръон: 18, 75.
[е] Қуръон: 18, 76.

Хизр (а) гуфт: «Бинё кор кунем ва аз дастранчи худ чизе бихӯрем, яъне девори харобаро иморат кунем». Пас гил рост карда, девори муҳкам сохтанд. Ба қавли дигар омадааст, ки он девор сад газ боло ва шаш газ паҳно дошт. Аммо кач шуда буд, ки бияфтод. Хизр (а) даст бар он девор молида рост намуд — к а қ а в л и ҳ и т а ъ о л о: **Фа вачадо фиҳо чидоран юриду ан янқазза фа ақомаҳу.**[ж]

Яъне: пас ёфтанд дар он деҳ девор, ки худ майл ба афтодан дошт. Пас рост кард онро, Мӯсо (а) гуфт: «Чун девор рост кардӣ, аввал музд муқаррар боистӣ кард, то чизе медоданд, ки ман гуруснаам». Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Қола лав шиъта латтахазта ъалайҳи аҷран.**[а]

Яъне: агар хостӣ ту, албатта, гирифтӣ бар он муздурӣ. Гуфт: «Ё Мӯсо (а), аҳди худ фарӯмӯш кардӣ». Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Қола ҳаза фироқу байнӣ ва байника саунаббиука битаъвили мо лам тастатиъ ъалайҳи сабран.**[б]

Яъне: Хизр (а) гуфт: «Дар миёни ман ва ту ҳеч ахд намонд ва чудой афтод. Акнун хабар диҳам туро аз он чиз, ки натавонӣ сабр кардан бар он. Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Аммо-с-сафинату фа конат лимасокина яъмалуна фи-л-баҳри фа арадту ан аъибаҳо ва кона вароаҳум маликун яъхузу кулла сафинатин ғасбан.**[в]

Яъне: пас киштӣ, ки буд барои фақирон, миҳнат карданд дар дарё, пас ирода карда, ки айб андозам дар он, зеро ки буд паси ӯшон подшоҳе, ки ба зӯру ҷабр мегирифтӣ ҳар киштиро. Лиҳаза хостем, ки он киштӣ ба сабаби сӯрох аз он золим раҳо ёфта ба дарвешон бошад. Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва амма-л-ғулому фа кона абавоҳу муъминайни фа хашийно ан юрҳиқаҳумо туғёнан ва куфран фаарадно ан юбдилараҳумо раббуҳумо хайран минҳу закотан ва акраба руҳман.**[г]

Ай: пас кӯдак, пас буданд падару модари ӯ муъмин. Тарсидам он гаҳ гирифтор кунад эшонро ба саркашӣ ва куфр. Пас хостам, ки ҷазо диҳад Худои таъоло эшонро бехтар аз покизагӣ ва наздик кунад бо меҳрубонӣ. Бино бар он куштам, то падару модараш ва халқ аз куфри ӯ эмин шаванд ва Худои таъоло эшонро духтар диҳад, ки аз насли он духтар ҳафтод пайғамбар дар вуҷуд оянд. Қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва амма-л-ҷидору факона лиғуломайни ятимайни фи-л-мадинати...**[д]

Гуфт: «Ё Мӯсо (а), бидон, ки ин девор аз они ду ятим аст, ки падари эшон солиҳ буд ва хӯи нек дошт, ки қарз ба мардум медодӣ ва ҳаргиз такозо накардӣ ва ба хубтар вақте бозситон-

---

ж Қуръон: 18, 77.
а Қуръон: 18, 77.
б Қуръон: 18, 78.
в Қуръон: 18, 79.
г Қуръон: 18, 80—81.
д Қуръон: 18, 82.

дӣ ва ҳаргиз суд нагирифтӣ ва ҳеҷ хиёнате ба халқи Худо нанамудӣ. Худои таъоло ба-д-ин сабаб ӯро накӯкор хонд. Ва баъзе гуфтаанд, ки қабрҳои харобро низ иморат кардӣ ва он солиҳ дар зери девор ганҷ ниҳода буд ва ман тарсидам, ки мабодо бияфтад ва он ганҷ зоҳир гардаду дигарон ӯро бибаранд ва ятимони ӯ маҳрум бимонанд.

Пас Хизр *алайҳиссалом* гуфт: «Ё Мӯсо (а), ту мепиндорӣ, ки ба илми ту Худоро бандагон нестанд. Бандаҳои Худои аззаву ҷалл чунон ҳастанд, ки илми ману ту дар ҷанби илми эшон мисли хардал бошад. Пас азми муфорақат карданд. Хизр (а) гуфт: «Ё Мӯсо (а), ду панд аз ман гӯш дор: аввал тозарӯю хушхӯй дар халқ бошӣ, то ҷоҳу иззат ёбӣ ва туршрӯй ҳаргиз мабош. Ҳаққ таъоло туршрӯро дӯст надорад. Ва дигар аз ҳеҷ кас ҳоҷат аз баҳри худ ё аз баҳри дигарон ба ҷуз аз Худои таъоло маҳоҳ, то ҷоҳ қабул ёбӣ». Ин бигуфту нопадид гашт.

ЗИКРИ ВАФОТИ МӮСО ВА ҲОРУН АЛАЙҲИМОССАЛОМ

Чун Мӯсо (а) аз пеши Хизр (а) бозгашта пеши қавм рафт, гуфтанд: «Илме, ки омӯхтай, моро бигӯ, то бидонем», Мӯсо (а) гуфт: «Ё қавм, дар ин илм чизе нест, ки ба кори шумо ояд ва ин илм ҷуз пайғамбаронро нашояд». Чун сӣ сол дар водӣ бигзашт, ба Мӯсо (а) ваҳй омад, ки Ҳорунро фалон вақт ва рӯз пеши худ хоҳем талабид. Мӯсо (а) интизори он рӯз буд. Чун рӯзи мавъуд расид, Ҳорун (а)-ро гуфт: «Бархез, то аз Тиҳ берун шавем». Ҳар ду бародар аз қавм берун шуданд, то ба боғе рафтанд, обаш равон ва ду тахте бар канораи оби ҷӯй ниҳода. Ҳорун (а) бар он тахт нишасту гуфт: «Ё Мӯсо (а), чӣ некӯ ҷою хуш мақоме аст». Ки Малакулмавт биёмаду ҷони Ҳорун (а) пеши Мӯсо (а) қабз кард. Мӯсо (а) бихурӯшиду бигрист.

Ва аксар бар онанд, ки Худои таъоло Ҳорун (а)-ро ба он тахт бар осмон бурд. Ва баъзе гӯянд, ки ба ҳукми Худои таъоло маъа тахт фурӯ шуд.

Пас Мӯсо (а) пеши қавм рафту гуфт: «Ҳорун (а) аз Дунё рафт». Бани Исроил бар Мӯсо (а) туҳмат ниҳода гуфтанд, ки Ҳорун (а)-ро ту кушта. Гуфт: «Ман накуштаам». Гуфтанд: «Наъши Ҳорун ба мо бинамо!» Мӯсо (а) дуъо кард, то Худои таъоло наъши Ҳорун (а)-ро аз осмон фурӯ фиристод ё аз замин бурун овард. Эшон аз сар то қадам диданд, ки ҳеҷ захме ба ӯ нарасид, то ҳам қабул накарданд ва аз дил қарор нагирифтанд, зеро ки Ҳорун (а)-ро бағоят дӯст медоштанд. Гуфтанд: «Ҳорун (а)-ро ту кушта, то Ҳаққ таъоло Ҳорун (а)-ро зинда гардонид». Гуфт: «Ё қавм, ба ҳукми Худои таъоло мурдаам. Мӯсо (а) маро накуштааст». Ин бигуфту ҷон дода нопадид шуд.

Пас Мӯсо (а) ва қавм боз дар Тиҳ омаданд ва Юшаъро халифаи худ сохт. Чун се сол бар ин бигзашт ногоҳ Малакулмавт пеши Мӯсо (а) омада, Мӯсо (а) аз ӯ пурсид: «Ё Малакулмавт, ба зиёрати ман омада ё ба қабзи рӯҳ?» Гуфт: «Ба қабзи рӯҳи ту». Гуфт: «Ё Азроил (а), аз кадом роҳ ҷони ман баровариӣ?» Гуфт: «Аз роҳи даҳан». Гуфт: «Аз ин даҳан ба Худои таъоло сухан гуфтаам». Гуфт: «Аз роҳи чашм». Гуфт: «Тақаллии нур ба-д-он нур дидаам». Гуфт: «Аз роҳи пой». Гуфт: «Ба-д-ин пой ба кӯҳи Тӯр рафтаам». Малакулмавт гуфт: «Пас чӣ кунам?» Мӯсои Калимуллоҳ (а) ба хашм омаду гуфт, ки ё Азроил (а), чандин ҳазор калимаю сухан бевосита бо Ҳаққ гуфтам ва воситае дар миён набуд. Ба иззати он Худой, ки маро рисолат дод, ҷонро бевосита супорам.

Малакулмавт бирафту гуфт: «Худовандо, ту медонӣ, ки калими ту ҷонро ба ман таслим намекунад. Хитоб омад, ки ё Мӯсо (а), намехоҳӣ назди ман ой? Гуфт: «Малико, хоҳам, магар дар орзуи онам, ки як бори дигар ба-д-он мақоми муқаддас бо ту муноҷот кунам ва хитоби ту бишунавам, ки ҳазор ҷони ман фидои хитоби ту бод. Пас ҳасбалиршод аз ҷаноби Борӣ боз бар кӯҳи Тӯр рафту гуфт: «Малико, духтаронро ба ту месупорам, ки эшонро дар дин бидорӣ ва аз ҳаром нигоҳ дошта, рӯзии ҳалол диҳӣ». Дигар дар дили Мӯсо (а) расид, ки фарзандони хурд дорам, бекасанд.

Аз Ҳаққ таъоло нидо омад, ки ё Мӯсо (а), асо бар замин зан. Чун зад, бишгофта дарё падид омад. Хитоб расид, ки ё Мӯсо (а) бар дарё зан. Чун бизад, санги сиёҳ падид омад. Фармон шуд, ки асоро бар ин санг зан. Чун бизад санг ду пора гашта, кирме аз санг берун омад, барге сабз дар даҳон гирифта. Худои аззаву ҷаллро тасбиҳ карду мегуфт: **Субҳона тарони ва тасмаъу каломӣ ва таърифу маконӣ ва тарзуқунӣ фӣ қалби ҳақари.**

Яъне: Худо, туӣ, ки маро мебинӣ ва сухани ман мешунавӣ ва ҷои ман медонӣ ва рӯзии ман андаруни санг мерасонӣ ва аз илми қадим фурӯ нагузорӣ. Хитоб омад, ки ё Мӯсо (а) кирмро дар Тахтуссаро, дар қаъри дарё, дар миёни санги хоро фаромӯш намекунам ва аз замоири хотираш огоҳам, фарзандони туро чун фаромӯш кунам? Мӯсо (а) хушдил шуда бозгашт.

Дар аснои роҳ дид, ки ҳафт кас гӯре бикандиданд. Пеши эшон рафта пурсид, ки ин гӯр аз баҳри кист? Гуфтанд: «Аз баҳри дӯсти Худост. Агар ту низ мадад кунӣ, савоб ёбӣ». Чун кабр тамом шуд, эшон гуфтанд: «Он ки соҳиби гӯр аст, қади ӯ ба қади туст. Боре ихтиёр кун, то бубинем, ки баробари қади ӯ шавад ё на?» Мӯсо (а) дар гӯр бихуспиду гуфт: «Чӣ некӯ гӯр аст. Кошкӣ маро будӣ». Ҷабраил (а) себе аз Биҳишт биёварду

баробари рӯяш ниҳод. Мӯсо (а) онро бӯгду чон ба Ҳакк таслим кард. Фариштагон ӯро бишустанду аз ҳуллаи Биҳишт кафан карданд ва намоз гузориданд ва ҳамон ҷо дафн карда, турбатро нопадид карданд. Лиҳаза ҳеч кас надонад, ки қабри Мӯсо (а) кучост.

Ва баъзе бар онанд, ки ҳар гоҳ Малакулмавт барои қабзи рӯҳи Мӯсо (а) омад, Мӯсо (а) ба хашмнокӣ тапонча бар рӯяш чунон зад, ки чашме берун шуд, то бозгашту гуфт: «Малико, ту донӣ ки Мӯсо (а) як чашми маро кӯр кард. Агар он рутбат, ки ӯ, ки калим аст, набудӣ, ҳар ду чашмаш кӯр кардаме». Нидо омад, ки бо Мӯсо мадоро кун ва бигӯ, ки агар зиндагонӣ мехоҳад, то бар пушти гов дасти худ бимоладу бубинад, ки зери дасти ӯ чанд тори мӯ омад. Ба ададн он мӯ соле зиндагонӣ боз диҳам. Чун ин пайғом овард, Мӯсо (а) гуфт: «Оқибат бибояд мурд?» Гуфт: «Бале». Гуфт: «Акнун бигир, зеро ки якбор мурдан аст». Ва умри шариф саду панҷоҳсола буд. Пас қобизи арвоҳ кори худ кард. Ва баъзе бар онанд, ки мулки ҷабборин Мӯсо *алайҳиссалом* фатҳ намуда, чон ба Ҳакқ таслим кард. *Валлоҳу аълам биссавоб.*

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ЮШАЪ ИБНИ НУН ВА БЕРУН ОМАДАНИ БАНИ ИСРОИЛ АЗ ТИЯ ВА ФАТҲ КАРДАНИ МУЛКИ ҶАББОРОН ВА ҚИССАИ БАЛЪАМИ БОЪУР

Чунин гӯянд: Аз паси марги Мӯсо (а) ҳафт сол андар Тия бимонданд, то чиҳил сол тамом шуд. Худои таъоло Юшаъ (а)-ро пайғамбарӣ дод. Бифармуд, ки Бани Исроилро аз Тия берун оварда, ба мулки Шом рафта бо ҷабборон ҳарб кунаду он мамлакатро бикушояд ва аз он пас ба Миср бозшавад. Модари Юшаъ (а) хоҳари Мӯсо (а), ки номи ӯ Марям буд, чунончи ҳар гоҳ Мӯсо (а)-ро ба тобут карда ба дарё андохта буданд, ин хохар бар лаби дарё аз паси тобут мерафт, зикри ин боло гузашт.

Алҳосил, Юшаъ (а) лашкар бикашид, то ба шаҳре бирасиду ба ҳарб он шаҳрро биситид. То ба шаҳри Илиё чунин бигзоштанду бирафтанд. Ва пас ба шаҳри Балқо расиданд ва он шаҳр бузургтару бо ҳисор ва тахтгоҳи подшоҳ буд ва сипоҳи бисёру раъияти бешумор ва маскани хоб доштанд. Подшоҳ худ мутаваҷҷиҳ ба мудофаъаташон гардид. Ҳарчанд, ки доди шуҷоъат дод, коре наёмад, ночор қалъагӣ шуд ва Юшаъ муҳосара кард. Охираш тадбире андешида ба назди Балъами Боъур, ки яке аз обидони огоҳу мақбули даргоҳ буд, расида илтимосу истимдод намуд, ки дуъое фармо, то ин сипоҳ бозгардад. Ӯ гуфт, ки ин сипоҳ аз тарафи Худои ман аст. Ман ба-д-эшон

дуъо накунам. Шумо ба дини Мӯсо (а), ки набии мурсал аст, бигаравед. Гуфт, ки мо ҳаргиз дини ӯ қабул накунем ва агар дуъо накунӣ, туро бар дор кашем.

Абдуллоҳ ибни Аббос (*раз*) ривоят кунад, ки ӯ чизе пурсид, аммо ичобат накард. Пас занашро, ки хусни лосонӣ дошту Балъами Боъур бар ӯ фирефта буд, хоста бисёр зару моли бешумор дод, то зани ӯ ки раҳзани имон буд, ӯро ба-д-он овард, ки дуъо кунад ва пайравии ҳаво намояд ва низ қадре аз сиёсати малик андешида қабул кард. Ин хабар ба ояти Қуръон мувофиқтар аст — қавлуҳу таъоло: **Ва-тлу ъалайҳим набаа-л-лазӣ отайноҳу оётино фа-нсалаха минҳо фа-атбаъаҳу-ш-шайтону фа кона мина-л-ғовин.**[а]

Бихон бар эшон қиссаи он кас, ки додем ӯро нишониҳои худ. Пас пайравии худ намуд Шайтон ва буд аз гумроҳон. Чун Балъам аз Худо ҳам метарсид, бинобар хила андешида гуфт, ки занони норпистон, ки аз чаҳордаҳ сол зиёда набошад, ба лашкаргоҳи Юшаъ (а) бифиристед, то ағлаб, ки фавҷи ӯ ба сурати эшон фирефта шуда, муртакиби зино шаванд. Ва ба сабаби шумияти зино ҳазимат ёбанд. Подшоҳ ин маъно писандида ва занони фохираи хубсурату некуманзар талаб карда ба лашкаргоҳаш фиристод. Аммо ба фазли Ҳофизи ҳақиқӣ аз он маҳфуз шуданд.

Пас зани Балъами Боъур пеши ӯ омад, ки агар дуъо накунӣ, маро талоқ деҳ. Ночор Балъам хост, ки дар ҳуҷра рафта, дохил шуда дуъо кунад. Дид, ки ду шер дар савмаъа қасди ӯ карданд. Боз пеши зан омаду гуфт, ки эй зан, бигзор ман аз Худо шарм дорам ва омадани пайғамбарон салоҳ аст. Зан гуфт: «То дуъо накунӣ, сухани ту нашунавам». Боз бархоста, рӯй ба савмаъа ниҳод. Дид, ки ду мор оҳанги вай карданд. Бозомаду гуфт: «Эй зан, аз Худо битарс, ки дуъои бад пайғамбаронро некӯ набувад». Зан гуфт: «Хила магиру баҳона маёр. Агар натавонӣ, маро талоқ деҳ!» Ночор бархоста аз ҳисор берун омада, бар ҳаре савор шуд. Рӯ ба сӯи куҳе ниҳод, ки савмаъаи дигари ӯ буд. Чун аз ҳисор берун омада, қадре масофат қатъ намуд, хар бистод. Ҳарчанд, ки харро ба тозиёна зад, нарафт. Хост, ки фуруд ояд.

Ва дар тафсир чунон аст, ки Худои таъоло харро ба ӯ ба сухан овард, то хар гуфт: «Боз гард, ки андар оташ мешавӣ». Битарсиду бозгашт. Иблис ба роҳ андар пеш омаду гуфт: «Чаро бозгаштӣ?» Гуфт: «Харам бо ман дар сухан омаду аз дуъо кардан манъ кард ва худ ҳам донам, ки кори шаниъ аст». Гуфт, ки ин кори Иблис аст ва илло хар ҳаргиз бо касе сухан нагӯяд. Савоб он аст, ки дуъо кунӣ ва ин сипоҳро бигардонӣ. Пас

[а] Қуръон: 7, 175.

он гоҳ ту ин қавмро ба Худо хонӣ, то ба ту бигараванд ва фармонбари ту шаванд ва ту Худойро ба пайғамбарӣ хонӣ, то дуъои ту қабул кунад ва пайғамбарӣ диҳад. Пас пайғамбари эшон бошӣ ва ин хоста, ки додаанд ва зани некӯкор ба дасти ту бошад». Балъам инчунин суханҳо шунида, азм дуруст карда боз рӯ ба сӯи кухҳ ниҳод. Хар пештар нарафт. Балъам аз хар фуруд омада, пиёда бар сари кухҳ шуд ва дуъо кард.

Он рӯз Бани Исроилро ҳазимат рӯ дод. Пас Юшаъ мутаҳаййир шуда, аз асп фуруд омаду рӯй бар хок ниҳоду гуфт: «Ё рабб, Бани Исроил ба-д-ин умед шаш моҳ бар дари ин ҳисор сабр карданд, ки мулки ҷабборон фатҳ карда, амри ту ба ҷо оваранд. Ва он чи ки матоъу моли эшон ёбанд, ба ғорат баранду бисӯзанд. Ва имрӯз, ки тохт карданд, бидуни иҷозати ту набуд. Магар хазимат насиб шуд, ин ҳам бидуни ҳукми ту нест». Пас ваҳй омад: «Ё Юшаъ (а) андар миёни эшон бандаест мақбулу номи гиромии худ ба ӯ додаам. Ва ӯ бар баракати он номи ман сипоҳро бозгардонад». Юшаъ дуъо кард, ки ин номи бузург аз ӯ биситон. Худои таъоло номи бузург маъа тақво аз сари ӯ баркашид. Пас Юшаъ аз кор огоҳ шуд, сар аз сучуд баргирифт ва ба Бани Исроил шуд. Эшонро аз ин маъно огоҳ гардонид. Бори дигар ҳамла карда муҳосир шуданд. Балъми Боъур бори дигар дуъо кард, аммо иҷобат нашуд..

Пас дигар рӯз, ки одина буд, Юшаъ (а) маъа Бани Исроил ба ҳарб омад. Ба хукми Худои таъоло замин биларзиду бораи ҳисор бияфтод. Далерон аз ҳар ду тараф корзор мекарданд, ки шаб наздик омад. Юшаъ (а) битарсид, зеро ки дар Таврот таъзизи шанбе аст ва дар он рӯз корзор ва ғайра кор кардан манъ буд. Агар имрӯз фатҳ нашавад, то фардо ҷабборон ҳамла карда аз ҷо хоҳанд бурд. Пас рӯ ба осмон оварду дуъо кард. Худои таъоло дуъояш мустаҷоб карда, офтобро аз ҳаракат боздошта, ду соъат рӯз афзуи кард. Дар ин арса ба қавми ҷабборин шикасти дуруст афтод. Бани Исроил бо фатҳ дамсоз гашта, сачдаи шукр ба ҷо оварданд.

Ва дар Таврот ғанимат ҳалол набуд. Ҷумла якҷо карда оташ ӯро доданд, магар чизе насӯхт, зеро ки хукми эшон чунин буд: он чи ки дар ғанимат ёфтандӣ, дар оташ андохтандӣ ва чизе агар боқӣ будӣ ё касе чизе бидуздидӣ, оташ дарнагирифтӣ. Ва аломати нопазирӣ ҳам ҳамин буд. Пас ба номи ҳар яке куръа заданд, то номи дузд баромад. Пас моли дуздида оварда, ба оташ дардоданд, то оташ ҳама чизро бисӯхт.

Он гоҳ Балъами Боъур пеш омад ва Юшаъ (а)-ро икром карду гуфт: «Дар хаққи ту дуъо кардам», Юшаъ гуфт: «Ман низ дуъо кардам, то Худои таъоло имон аз ту биситад. Валекин мар туро башорат бод ки се ҳоҷати ту раво хоҳад буд».

Балъами Боъур дилтанг шуда, пеши зани худ рафт, ки эй зан, ман бо ту гуфта будам, ки дар ҳаққи пайғамбарон дуъои бад набояд кард. Худои таъоло имон биситид. Зан гуфт: «Сесад сол, ки ранҷ бурдӣ, туро ҳеҷ надод?» Гуфт: «Се ҳочат раво хоҳад кард». Зан гуфт: «Акнун як дуъо маро деҳ ва ду дуъо пеши худ нигаҳ дор». Гуфт: «Ин ҳар се ҳочат ба рӯзи Қиёмат бихоҳам, то моро аз оташи Дӯзах озод кунад». Зан гуфт: «Як дуъо барои ман кун, ки маро ҷамоли некӯ диҳад». Агар чи Балъами Боъур гуфт, ки ҷамоли ту аз ҳама занон некӯтар аст, қабул накард. Биззарур дуъо кард, то ҳама хона аз ҷамолаш рӯшанӣ гирифт. Чун лаънати Худо сурати Балъам табдил шуду ожанг ба пешониш падид омад, зани ӯ ҷавонеро ба хилват талабида, ба айш машғул шуд.

Рӯзе дид, ки зан бо марди бегона машғул аст, ба тайш омада, дуъо кард, то занаш ба шакли саги сиёҳ гашт ва фарзандони Балъами Боъур аз фироқи модар бигиристандӣ. Пас Бани Исроил ба мардуми шаҳрӣ бар вай гирд омаданд. Гуфтанд: «Ин ки модари фарзандон аст, раво набувад, ки ӯ аз саг бошад. Дуъое дар кори ӯ бикун, ки ба ҳоли аслаш шавад». Балъами Боъур гуфт: «Худоё, сурати зани ман ба ҳоли собиқ гардон». Дар ҳол хамон сурат пайдо шуд, ки буд. Пас эй мӯъминон, бидонед, ки Балъам бо вуҷуди будани мақбули даргоҳ, ба як нофармонии Худои таъоло, ки бинобар пайравии нафс ба вуқӯъ омад, кофир шуд. Пас ҳар кӣ мувофақати нафс накунад, чӣ ӯ дар Дӯзах чи гуна бошад? Чунончи Худои таъоло дар Қуръони маҷид фармудааст — қавлуҳу таъоло: **Ва наҳо-н-нафса ъани-л-ҳаво фа инна-л-ҷанната ҳия-л-маъво.**[а]

Пас Юшаъ мутобиқулҳом фармуд, ки акнун ба замин ба лиқо даршаведу сар ба сачда ниҳода аз Худои таъоло дуъо кунеду бигӯед: *ҳитта, ҳитта.* Ва ба луғати арабӣ маъноаш он буд, ки ҳитта ъанно хатоёно, яъне: ё рабб гуноҳони мо аз мо бияфган — қавлуҳу таъоло: **Ва из қулно-дхулу хазихи-л-қарята фа кулу минҳо ҳайсу шиътум рағадан ва-дхулу-л-боба суҷҷадан ва қулу ҳиттатун нағфир лакум хатоёкум ва саназиду-л-муҳсинин.**[б]

Яъне: чун гуфтем, ки дохил шавед дар ин деҳ, бпхӯред аз он ҳар ҷо ки хоҳед, бо фароғат ва-з дарвоза сачдакунон дохил шавед ва бигӯед: *ҳиттатун,* яъне: Ё рабб, гуноҳ аз мо бияфган, то бахшиш кунем аз бароп шумо гуноҳони шумо ва албатта зиёда диҳем некӯкоронро. Гурӯҳе, ки золим буданд, онро ба дил карда гуфтанд: ҳинтатун, яъне моро гандум бидеҳ, ки аз Тия беруи омадаем ва ба муқобалаи сачда сарҳоро бар замин аз рӯи ҳазлиёт ва фусус мефарсуданд — қақавлихи

[а] Қуръон: 79, 40—41.

[б] Қуръон: 2, 58.

таъоло: **Фа баддала-л-лазина заламу қавлан ғайра-л-лазӣ қила лаҳум.**[а]

Яъне: пас бадал карданд онон, ки зулм карданд қавлро сивои он, ки гуфта шуд ба эшон. Пас азоби тоъун бар эшон нозил шуд. Гӯянд: дар миёни ду поси рӯз қариб ҳафтод ҳазор кас бимурданд — какавлиҳи таъоло: **Фа анзално ъало-л-лазина заламу ричзан мина-с-самои бимо кону яфсуқун.**[а]

Яъне: пас нозил кардем бар эшон, ки зулм карданд, азобе аз осмон ба сабаби он ки буданд, фисқ карданд.

Ва баъзе гӯянд, ки Худои таъоло оташеро аз осмон фиристод, то он золимонро бисӯхт. Алҳосил, боз ҳама истиғфор карданд ва илҳоҳ пеш оварданд, Худои таъоло ба фазли хеш афв фармуд. Аксар бар онанд, ки ҳар гоҳ Бани Исроил дар Тия буданд, дар он ба васотат Мӯсо (а) фармуда буд, ки саҷдакунон ва ҳиттагӯён ба замини Шом биравед. Ағлаб, ки ин нофармонӣ ба ҳини ҳаёти Мӯсо (а) аз Бани Исроил содир шуда бошад. Пас Юшаъ (а) Бани Исроилро бар дари шаҳре фуруд овард, ки бисёр бутпараст он чо сукунат доштанд. Ҳарб кард ва он мулкро бикшод ва подшоҳи он шаҳрро бар дор кард. Минбаъд ба тарафи куҳистони Имод Сайсун, ки аз музофоти замини Шом буд, рӯ ниҳод ва мардумони он чо зинҳор хоста, ба Юшаъ (а) бигаравиданд ва дини Мӯсо (а) қабул карданд.

Пас ба сӯи кухи Арво ва Аслам равон шуд. Ҳокими он чо, ки номи ӯ Боруқ буд, зинҳор хоста, ислом овард. Аз он чо ба сӯи Мағриб бирафтанд. Дар он чо панҷ шаҳру панҷ подшоҳ буданд, ба иттифоқи якдигар ба харби Юшаъ (а) берун омаданд, ба фазли фаззоли ҳақиқӣ фатҳу нусрат қарини лашкари Юшаъ шуда ва эшон ҳазимат хӯрда ба ғоре дархазиданд. Ва лашкари нусратасар таъоқубқунон аксареро ба ҷаҳаннамобод фиристоданд ва подшоҳонро аз гор бароварда ба дор карданд.

Ва овардаанд, ки Худои таъоло шиканча фиристода буд ба ҳар марде, ки расидӣ бар чое, сард шудӣ. Гӯянд, ки он шиканча бисёр фавҷро бикушт, бинобар фатҳи азим бар Бани Исроил рӯ дод. Пас ба назму фасқи молию мулкӣ пардохт ва аҳкоми Таврот чорӣ кард. Баъди чанд рӯз Юшаъ (а) доъии аҷалро «лаббайка» иҷобат фармуд.

ҚИССАИ ҚОЛУБ ВА ХАРҚИЛ АЛАЙҲИМОССАЛОМ

Пас аз фавт шудани Юшаъ (а) нубувват ба Қолуб ва Харқил расид, то эшон ба тадбири Бани Исроил шуданд. Ва Харқил аз сабти Яҳуд ибни Яъқуб (а) буд ва Бани Исроил фар-

[а] Қуръон: 2, 59.

[а] Қуръон: 2, 59.

монбардору тобеъи эшон шуданд. Пас аз замоне чанд Колуб ҳам бимурд. Пас Харқил тадбири Бани Исроил мекард ва Бани Исроил баъд аз шаст сол ба Миср баргашта буданд. Аз он чумла чиҳил сол дар Тия бимонданд ва бист сол ба гирифтани чабборон ва ғайра гузашт. Ва аксаре аз эшон ба мулки Шом ва ғайра сукунат карда. Чунончи фарзандони эшон ҳанӯз дар он мулкҳо ҳастанд.

Баъди чанде вафот кардани Қолуб (а) нубувват ба Харқил расид. Ва муфассирон гуфтаанд, ки номи ӯ Золкифл низ буд ва ба дуъои ӯ мурдагон ҳам зинда шудаанд — қавлуҳу таъоло: **Ва-зкур Исмоъила ва-л-Ясаъа ва Золкифли ва куллун мина-л-ахёри.**[а]

Яъне: ёд кун Исмоил ва Алясаъ ва Золкифлро ва ҳар як аз беҳтарон буданд. Мусаббибуласбоб ӯро манзалати олӣ ва рутбаи маъолӣ иноят фармуда буд.

Қиссааш чунон аст, ки Харқил Бани Исроилро ба хукми Худои таъоло ба ҳарби кофирон хонд. Эшон ба хавфи марг қабул накарданд. Пас аз ғазаби илоҳӣ ба иллати тоъун аксаре бимурданд ва гурӯҳе иштидоди он дида, аз шаҳр берун омаданд, рӯ ба гурез ниҳод. Чун ба канораи шаҳр расиданд, ҳама бимурданд. Минбаъд мардумони шаҳр омада ба сабаби касрат ба гӯристон натавонистанд бурд. Ночор аз ҳар чор тараф деворе карда бидоштанд, то ба тоби офтоб ҳама наъшашон бигудохту гӯштҳо бирехт. Баъди муддате Харқил аз он сӯ даргузашту устухонашро пӯсида ёфт. Ба дилаш раҳм омад то дуъо кард, Худои таъоло ҳамаро зинда гардонид — қақавлиҳи таъоло: **А лам тара ила-л-лазина харачу мин диёриҳим ва ҳум улуфун хазара-л-мавти факола лаҳумуллоҳу муту сумма аҳёҳум.**[б]

Яъне: оё надидӣ ту сӯи онон, ки берун шуданд аз мулки худҳо ва эшон ҳазорон буданд ва битарсиданд мавтро. Пас гуфт Худои таъоло барои эшон, ки бимиред. Пас зинда кард эшонро. Пас эшон омаданд.

Гӯянд, ки ҳар ки насли эшон аст, ба вақти арақ аз тани ӯ бӯи мурда меояд. Баъди чанде Харқил низ реҳлат фармуд, то қавми Бани Исроил бутпараст шуданд ва дини Мӯсо *алайҳиссаломро* ба тоқи нисёнӣ гузошта. Чунин гӯянд, ки Худои таъоло баъди муддати мадид Илёс *алайҳиссалӯмро* пайғамбарӣ дод. *Валлоҳу аълам.*

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ИЛЁСИ НАБӢ АЛАЙҲИССАЛОМ

Овардаанд, ки баъди Харқил (а) муддате гузашта буд, ки Худои таъоло ба Бани Исроил пайғамбаре, ки ба ваъзу насиҳат аз наҳйи мункар боздорад, пайдо накарда буд. Ҳарчанд ки

[а] Қуръон: 38, 48.

[б] Қуръон: 2, 243.

баъзе аз уламое, ки оар дини Мӯсо (а) буданд, таҳрис ба некӣ ва худопарастӣ медоданд, пазиро намешуд. То рафта-рафта ҳама дар бутпарастӣ ва зинокорӣ ва феъли шаниъ муртакиб шуданд, магар қавме қалил, ки ба дини Мӯсо (а) мебуд, то Худои таъоло Илёс (а)-ро ба дараҷаи нубувват мабъус сохт. Дар он замон подшоҳе буд дар Шом, ки бутеро тайёр сохта номи он Баъл ниҳода мепарастид ва халкро ба парастиданаш мефармуд. Пас Илёс (а) халкро ба Худои таъоло хонда, аз Баъл парастидан наҳӣ кард. Қавлуҳу таъоло: **А тадъуна Баълан ва тазаруна аҳсана-л-холиқин.**[а]

Оё бихонед Баълро ва бигзоред нек Холикро? Боз фармуд — кавлуҳу таъоло: **Аллоҳу раббакум ва рабба обоикуму-л-аввалин.**[б]

Яъне: Аллоҳи таъоло парвардигори шумо ва парвардигори падарони шумо. Чунин холиқи чаббору молику ғаффорро бипарастед. Ва дар бутпарастӣ масруф шудан кори Бани Одам (а), ки бузургтарин махлуқ аст, набошад. Охир ӯшон бутпарастӣ нагзоштанд, балки такзиб карданд, какавлиҳи таъоло: **Фа каззабуҳу фа иннаҳум ламуҳзарун.**[в]

Пас такзиб карданд ӯро. Пас ба таҳқиқ эшон, албатта, ҳозир карда шаванд дар Қиёмат.

Илёс (а) аз фарзандони Ҳорун буд. Насаби ӯ ин аст: Илёс ибни Ёсин ибни Фахос ибни Ир ибни Ҳорун ибни Имрон. Ва гурӯҳе гуфтаанд, ки андар Бани Исроил зане буд, Баъл ном, ки бутони озарӣ ба ҷанби рухсораи моҳфараш ба чуз санге наменамуд, ӯро парастидандӣ. Пас Илёси пайғамбар (а) бодшоҳро бо халқ даъват кард. Бодшоҳ бигаравиду қавмаш нагаравиданд. Бодшоҳ ӯро вазири хеш сохта некӯ медошт. Чун рӯзгоре баромад, пушаймон шуда ба парастидани бут машғул шуд. Илёс (а) аз ӯ чудо шуда, дуъо кард, то ба хукми Худои таъоло боридани борон мавқуф шуд ва қаҳт хост. Ҳама талабгори ӯ шуданд ва гуфтанд: ин қаҳт аз шумни Илёс (а) аст. Ӯро гирифта бояд кушт.

Илёс (а) ба хонаи пиразан, ки муътақиди ӯ буд, даршуд. Пиразан писари худро, ки номи ӯ Алясаъ буд, ба хидматаш бидод ва се сол дар он мулк борон наборид ва мардумону аспон аксар бимурданд. Ва Илёс (а) Алясаъро ҳамроҳ гирифта шаҳр ба шаҳр, деҳ ба деҳ мегашт. Пас аз се сол дар мулк омада гуфт, ки се сол аст шумо ба тангӣ андаред ва ин ки шумо мепарастед бояд, ки ӯро биталабид, то шуморо аз пн балои чонкоҳ бираҳонад. Ва агар натавонад, бигзоред ва Холики арзу саморо бипарастед. Албатта шуморо аз ин балою ранҷ мухлисӣ

[а] Қуръон: 37, 125.
[б] Қуръон: 37, 126.
[в] Қуръон: 37, 127.

дихад. Он гоҳ он бутро берун карданд ва дуъою ҳочат хостанд. Аммо чизе ба кор наёмад. Пас Илёс (а) дуъо кард ҳамон шаб борон биёмад. Турраю гиёҳ аз замин падид омаду ӯшон ҳамчунон кофир монданд ва ба парастидани Баъл машғул. Илёс (а) он дуъо баҳри он кард, ки ваҳй омада буд, ки ё Илёс (а), бисёр халқи маро, ки мардуму мурғ ва мӯру чаҳорпоёнанд халок кардй. Гуфт: «Ё рабб, ҳалоки эшон ба дуъои ман буд, растагории эшон низ ба дуъои ман кун!»

Алҳосил, чун бутпарастй нагзоштанд Илёс (а) аз эшон бигрифта шуда, Алясаъро халифа карда берун рафт. Худои таъоло зиндагонии ӯро то дами сури нахустин дода, дар биёбон нихон кард. Чун ӯ шуд, Худои таъоло Алясаъро, ки халифаи ӯ буд, пайғамбарй дода. Алясаъи пайғамбар *алайҳиссалом* ба халқ даъват мекард, аммо касе қабул наменамуд. Ӯ низ чанд гоҳ дар миёни кавм буда, чони ширин ба Ҷонофарин супурд.

Ва дар ривояте омадааст, ки баъди Алясаъ ҳафтсад сол аҳаде набй ба қавми Бани Исроил мабъус нашуд, магар уламо, ки халқро панд медоданд. Аммо дар ҳеҷ кас муассир нашудй. Пас Худои таъоло Ҳанзаларо нубувват дод.

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ҲАНЗАЛА АЛАЙҲИССАЛОМ

Фармон омад, кй ё Ҳанзала (а), ба қавми Бани Исроил даъват кун то аз бутпарастй бозоянд ва аз ибодати бутон даст бидоранд. Ҳанзала (а) ҳар рӯз ба чаҳор дари шаҳр рафтй ва бонги баланд дар миёни Бани Исроил бигуфтй, ки ҳама бигӯед, ки Худо яке аст ва даст аз бутон бидоред, ки бутон ботиланд ва Иблиси лаъин шуморо фирефта аз роҳи рост бигардонид. Гуфтандй: «Ё Ҳанзала (а) мо Худойро дидаем. Инак мо ҳар якеро маъбуде додааст, ки мепарастем». Ҳанзала гуфт: «Ё кавм, падарону ҷаддони шумо бутонро напарастиданд ва шумо аз Худои таъоло наметарсед, ногоҳ азоб бар шумо ояд, чунон ки пеш аз шумо омада. Ва шумо токати азоби Худованд надоред».

Чандон ки панд дод ,суд накард, то ӯро душман гирифта ва кина дошта азми куштани вай карданд. Ва дар он шаҳр малике ном Тайфур ибни Тугёнус буд ва дувоздаҳ хазор ғулому ганҷҳои бешумор дошт ва неъмати бисёр дар таҳти фармони вай буд, гуфт, ки Ҳанзала (а)-ро биталабед, то вайро бикушам. Ҳар шаб Ҳанзала (а) бар боми қаср рафтй ва бо овози баланд бонг карда даъват намудй. Бани Исроилро аз ғалабаи бонги вай хоб набудй ва осоиш наёфтандй, то шабе гуфт: «Ё кавм, даст аз бутон бидоред, варна фардо Худои таъоло бало фиристад ва бар қавми шумо марги муфочот расад». Чун он кавм маргро фаромӯш карда буданд, суханаш бовар надош-

танд, зеро ки дар ҳафсад сол касе намурда буд ва эшон намедонистанд, ки марг чӣ бошад.

Ва чун рӯзи азоб расид, мардум ногоҳ мемурданд ва ба вақти чоштгоҳ бисёрн халқ фавт шуданд. Боқимондагон фарёдкунон пеши Тайфур омада гуфтанд, ки марги муфоҷот омад, ки бисёр кас бимурданд. Малики ҷоҳил гуфт, ки он марг нест. Чун Ҳанзала (а) намегузорад, ки шумо бихуспед, аз сабаби касрати бедорӣ хоб бар эшон ғалаба кардааст. Агар мехоҳед, ки бидонед, то сиҳҳое бар эшон занед, то бедор шаванд. Мардум сиҳҳо бар мурдагон заданд, ҳеҷ ҳаракате намекарданд ва барнамехостанд. Бори дигар пеши малик рафтанду аҳволи он хикоят гуфтанд. Маликро яқин шуд, ки мавт аст.

Ва малики лаъинро қасре буд, ки дувоздаҳ ҳазор бурҷ дошт. Бифармуд, то ба ҳар бурҷе ғуломе бо силоҳ бинишинад ва вақте ки марг ояд, бо вай ҷанг кунад ва нагузорад, ки то дар кӯшк ояд. Пас бифармуд, ки дари гумбади қаср муҳкамтар банданд. Минбаъд дари миёни хона аз оҳан сохта ва дар он гунбад ҷое аз санги мармар бароварда, тахте дар он ниҳоду неъмати бисёр дар он ҷо бурда, шамъҳо барафрӯхтанд, то бар он тахт нишасту гуфт: «Марг бо ман чӣ кунад ва дар ин чӣ гуна роҳ ёбад». Дар ин сухан буд, ки марде сахмнок ва азим дар миёни гунбад истода дид, тарсида наздик буд аз бим заҳраи палид бидарад.

Гуфт: **«Мо анта»**, яъне ту кистӣ? **Қола ано малаку-л-мавти**, яъне гуфт: «Ман Азроилам». Гуфт: «Ба чӣ кор омада?» Гуфт: «Ҷони ту биситонам». Тайфур гуфт: «Маро имрӯз муҳлат деҳ». Азроил (а) бозгардид, зеро ки зиндагонии вай як рӯзи дигар бокӣ буд. Малъун берун омад, ғуломонро биранҷонид, ки Малакулмавтро чаро раҳо кардед ва накуштед. Гуфтанд: «Ё малик, мо вайро надидем». Пас дар он гунбад сӯрохӣ дид, донист, ки аз он роҳ даромадааст. Пас бифармуд, то он сӯрохро банд карданд. Боз дар он ҷо рафта дарвозааш устувор бибаст, чунон ки ҳеҷ кас надонист, ки дари гунбад аз куҷост. Пас эмин шуда бар он тахт бинишаст. Чун нигоҳ кард, боз Малакулмавтро ҳамон ҷо истода дид. Гуфт: «Аз кадом роҳ расидӣ?» Малакулмавт ҳеҷ ҷавоб нанамуда, даст дароз карда ҷони вай бигирифт ва ҷони ғуломон дувоздаҳ хазорро дар лаҳза бигирифт. Пас на қаср монда на гунбад ва на малику на сағиру на кабир, ҳама кас бимурданд ва оби чоҳ хушк шуд.

Чун он ҳол пайдо гашт, Бани Исроил ҷамъ шуда диданд, ки на малику на халқ ва на об, ҳеҷ намонда, навмед шуда мутаҳайиир бозгаштанд. Пас Ҳанзала (а) пеши қавм рафу гуфт: «Агар шумо ба Худои таъоло имон оварда, ба рисолати ман икрор кунед, то ин азоб аз шумо бардошта шавад». Гуфтанд:

«Ин хама аз шумои туст. Хар гох ту дар миёни мо набудӣ, хеч азоб ба мо нарасидӣ. Аз бахри ту ин балою михнат бар сари мо воқеъ шуда. Хостанд, ки даст бар вай зада бикушанд. Ханзала (а) аз миёни эшон берун рафт. Худои таъоло море фиристод, ки дувоздах фарсанг тӯлу арзи он шахр буд, ба ихотаи худ оварда мухкам печидан гирифт. Макомоти эшон танг шуданд. Пас дуде аз чох баромада, аксареро халок кард.

Ва баъди чанд рӯз Ханзала (а) низ аз чахони фонӣ ба макоми ҷовидонӣ рихлат фармуд. Бани Исроил, ки ба Шом омада буданд ва неъмати амолика, ки аз подшохони Шом буд, мехӯрданд ва қавми амолика, ки хазимат хӯрда бар замини Мағриб рафта буданд, дигар бор касди Шом карданд, то аз Бани Исроил неъмату мамлакат бозгиранд. Ва мегуфтанд, ки мо дар ин билоди ғурбату миҳнат саргардон то кай хохем монд. Ба Шом рафта неъмати хеш ба даст орем ва кушта шавем. Қавми амолика ин тадбир мекарданд ва Бани Исроил аз он ғофил, хама рӯз ба фасод машғул буданд, то ба шумои фасодии эшон Худои таъоло пайғамбарӣ ва мамлакат аз эшон бозгирифт. Пас эшон оҷиз гашта хору залил шуданд.

Чун қавми амолика бинёмаданду бо Бани Исроил чанг карданд, тобути Сакина, ки Бани Исроилро сабаби иқбол буд, биситониданду қахр бар эшон карда, мол бардоштанд ва ба Мағриб бурданд. Бани Исроил хору мағлуб шуданд. На подшохе доштанд, ки ҳарб карда, аз бахри худҳо рӯзӣ ба хам расондандӣ ва на пайғамбаре буд, ки аз дуъои ӯ душман мақҳур гаштӣ. Хама оҷизу фурӯмонда гаштанд. Дар миёнашон ҳеҷ олиме хам набуд, ки масъала гуфтӣ. Хама дар зулмати ҷаҳл буданд.

Ва тобути Сакина, ки қавми амолика аз Бани Исроил ситида бурда буданд, оҳанин буд. Дар он қуфлҳо мухкам дода буданд. Ва гӯянд, ки он тобутро сар буд, мисли сари гурба ва ҳар киро ҳоҷате будӣ, пиромуни он тобут шуда дуъои ҳоҷат хости, то Худои таъоло ҳоҷаташ раво кардӣ. Ва ҳар гоҳ бо душманон муқобала шудандӣ, он тобутро пеш доштандӣ ва аз он бонге баромадӣ, чун бонги гурба. Худои таъоло аз он бонг ҳайбате андар дили душман афгандӣ. Ба ҳар ҳол аз он тобут дили эшонро осоишу оромиш будӣ ва аз андарунаш касе огоҳ набуд, ки чӣ чиз аст. Аммо муфассирон дар тавсифи ин оят гуфтаанд — қавлуҳу таъоло: **Фиҳи сакинатум-мир-раббикум ва бақийятун миммо тарака олу Мӯсо ва олу Ҳоруна.**[а]

Яъне: андар он тазкир аст аз Парвардигори шумо ва мо бақия аз он чи гузошт Мӯсо ва Хорун (а). Гуфтаанд, ки аз бақияи оли Мӯсо (а) асо буд ва аз бақияи оли Хорун (а) амома

[а] Қуръон: 2, 248.

ва аз он таранчабин, ки дар Тия меборид чизе ва он ду лавҳи шикаста, ки Мӯсо (а) бар замин зада буд, андарунаш мебуд.

Ва дар миёни Бани Исроил шахсе мискину мафлук ду зан дошт. Яке зан фарзанд зода буд ва дигаре фарзанд надошт, то рӯзе модари фарзандон бефарзандро гуфт, ки туро як фарзанд ҳам нест. Зан ҷавоб дод, ки Худои таъоло якеро фарзандон нохоста медиҳад ва дигареро аз хоҳиш ҳам намедиҳад. Валекин умед дорам, ки Худои таъоло туро нахоста додааст, маро ҳам хоҳад дод. Пас аз ғусса дар он шаб нахуфтид. Ҳама шаб намоз карда сар ба сучуд дошта, дуо хоста. Худои таъоло дуъои ӯ мустаҷоб гардонида фарзанди солиҳ арзонӣ кард. Номи вай Ишмуйил карданд, то бузург шуда ба чихилсолагӣ расид. Пас Ҷабраил *алайҳиссалом* ваҳӣ овард, Худои таъоло вайро пайғамбар кард.

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ИШМУЙИЛ АЛАЙҲИССАЛОМ

Чун Ишмуйили пайғамбар *алайҳиссалом* даъвати ошкоро карда, Бани Исроил бар вай ҷамъ омада имон оварданд ва ибодат мекарданду мегуфтанд, ки моро мебояд, ки ба қавми амолиқа ҳарб кунем ва тобути Сакина, ки аз мо бурдаанд, бозситонем. Чун қавми амолиқа бо Бани Исроил ҳарб карда, тобутро бурда бар оташ ниҳода буданд, оташ онро насӯхт, пора мекарданд шикаста намешуд. Гуфтанд, ки ин тобути Худои Бани Исроил аст ба ҷои нопок гузоштанд, то мардум бавл бар вай мекарданд. Ва ҳар кӣ бавл мекард, ранҷи носур мешуду бавосир ғалаба карда ба заҳмати он мемурд. Пас тобутро дар бутхона бурда зери бутон карданд, ҳама бутон сарнагун афтоданд. Чун оҷиз гаштанд, бар гардуне ниҳоданд ва ду гов бар он гардун баста, аз вилояти худ берун карданд. Фариштагон биёмаданд ва говонро меронданд, **кақавлиҳи таъоло: Таҳмилуҳу-л-малоикату.**[а]

Яъне: бардоранд он Сакинаро фариштагон.

ЗИКРИ ПОДШОҲ ШУДАНИ ТОЛУТ

Бани Исроил пеши Ишмуйил гирд омаданду гуфтанд, ки дуъо кун, то Худои таъоло моро малике диҳад, ки ба душманон ҷанг кунем, **кақавлиҳи таъоло: А лам тара ило-л-малаи мин Бани Исроила мин баъди Мусо из қолу ли набийи-л-лаҳуму-бъас лано маликан нуқотил фӣ сабилиллоҳи.**[б]

Яъне: оё надидӣ ту сардорон аз Бани Исроил аз паси Мӯсо (а), ҳар гоҳ ки гуфтанд пайғамбари худро: муқаррар кун ба-

[а] Қуръон: 2, 248.

[б] Қуръон: 2, 246.

рои мо подшоҳ, то ҷиҳод кунем дар роҳи Худо. Ҷавоб дод, к а қ а в л и ҳ и т а ъ о л о: **Қола ҳал ъасайтум ин кутиба ъалайкуму-л-қитолу алло туқотилу.**[в]

Яъне гуфт: оё қарибтаред, агар навишта шавад бар шумо ҷиҳод, ки намеҷангед шумо. Илтимос карданд, ки исён накунем, ҳар чи фармон бошад, ҳамон кунем, к а қ а в л и ҳ и т а ъ о л о: **Қолу ва мо лано алло нуқотила фи сабилиллоҳи ва қад ухрично мин диёрино ва абноино.**[г]

Яъне гуфтанд, ки чист моро ин ки ҷиҳод накунем дар роҳи Худо. Ҳолӣ ки берун карда шудаем аз хонаи худхо ва писарони худҳо. Чун Толут ном шахсе дар ин қавм галабонии сутурон мекард, рӯзе як сутур гум карда буд. Ва худованди сутур Толутро ранҷонида мегуфт, ки баҳои сутури ман деҳ. Ӯро чунин сарвате набуд, ки адо кунад. Ночор очиз гашта пеши пайғамбар рафт, то аз молики сутур шафиъ гардад. Пайғамбар (а) гуфт: «Чӣ ном дорӣ?» Гуфт: «Толут». Пайғамбар дар вай назару тааммул мекард, ки Ҷабраил (а) шох аз дарахти Бихишт оварда, гуфта буд, ки ҳар ки дар Бани Исроил ба андозаи он чӯб бошад, малики Бани Исроил гардад ва номи ӯ Толут хоҳад буд. Он шохро бароварда баробари қади Толут кард. Чун мувофақат афтод, бани Исроилро бихонду гуфт: к а в л у х у т а ъ о л о: **Инналлоҳа қад баъаса лакум Толута маликан.**[а]

Яъне: ҳароина Худои Таъоло Толутро малики шумо гардонид. Ҷавоб доданд, к а қ а в л и ҳ и т а ъ о л о: **Анно якуну лаҳу-л-мулку ъалайно ва наҳну аҳаққу би-л-мулки минҳу ва лам юъта саъатан мина-л-моли.**[б]

Яъне: чи гуна шавад ӯро подшоҳӣ бар моён, ҳолӣ, ки мо аз ӯ ҳақдортарем бо подшоҳӣ ва дода нашуд ӯро кушоиш аз мол, ки як сутур гум карда, баҳои он сутур наметавон дод. Ӯ лоиқи подшоҳӣ чӣ гуна бошад? Ишмуйил гуфт — к а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Инналлоҳа-стафоҳу ъалайкум ва зодаҳу бастатан фӣ-л-ъилми ва-л-ҷисми.**[в]

Яъне: ба таҳқиқ, ки баргузида ӯро Худои таъоло бар шумо ва зиёда кард ӯро кушодагӣ дар илму бадан. Бани Исроил ӯро ҳақир дониста, илтифоте накарданд. Гуфтанд: «Ё расулаллоҳ, нишони маликии ӯ чист, то мо мутеъи ӯ бошем?» Ишмуйил гуфт: «Нишони маликӣ он аст, танҳо рафта тобути Сакина оварда ба шумо намояд». К а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Қола лаҳум набиюҳум инна оята мулкиҳи ан яътиякуму-т-тобуту фиҳи Сакинатум мир-раббикум.**[г]

Яъне: гуфт мар эшонро пайғамбари эшон: ҳаройина нишони

[в] Қуръон: 2, 246.
[г] Қуръон: 2, 246.
[а] Қуръон: 2, 247.
[б] Қуръон: 2, 247.
[в] Қуръон: 2, 247.
[г] Қуръон: 2, 248.

подшоҳии ӯ он аст, ки биёрад ба шумо тобут, дар он таскин аст аз Парвардигори шумо. Пас Ишмуйил (а) рӯй ба Толут карду гуфт: «Маро яқин аст, ки малики Бани Исроил ту хоҳӣ буд. Ба саҳро рав, бошад, ки тобути Сакина биёварӣ!» Толут рӯй ба саҳро ниҳода мерафт, ногоҳ ду гов дид, ки гардун мекашиданд ва тобути Сакина бар он баста буд, аммо ҳеҷ кас бар гардун нест. Пас Толут бар он гардун нишаста, тобутро пеши Бани Исроил овард.

Ва баъзе гӯянд, ки ба вақти шаб ба фармони Худои таъоло фариштагон тобути Сокинаро ба дари хонааш оварда дода буданд. Ба ҳар ҳол чун ҳама қавм дида, мутаҳаййир гашта Толутро малики худ гардонида, ҳама мутеъи ӯ шуданд. Толут гуфт: «Ман шукри Худои таъло ба ҷо оварда азми ғазо кардам». Бани Исроил гуфтанд: «Мо низ ба хидмати ту биёем». Он гоҳ Ишмуйил (а) зарра ба Толут доду гуфт: «Ҳар киро, ки бар вуҷуди ӯ ин зарра рост ояд, Ҷолут ба дасти ӯ кушта хоҳад шуд».

ЗИКРИ КОРЗОР КАРДАНИ ТОЛУТ БО ПОДШОҲ ҶОЛУТ ВА КУШТА ШУДАНИ ҶОЛУТ БА ДАСТИ ДОВУД АЛАЙҲИССАЛОМ

Чун Толут аз Ишмуйил *алайҳиссалом* рухсат шуда маъа ғовиён, ки яксаду ҳаштод ҳазор буданд, ба ғазо равон шуд, пинҳон ин хабарро ба Ҷолут расониданд. Ӯ низ бо лашкар мустаъидди ҳарб гардид. Рӯзе Бани Исроил ҳасби дастур кӯч карда мерафтанд, дар он Толут гуфт — қавлуҳу таъоло: **Инналлоҳа мубталикум би наҳарин фа ман шариба минҳу фа лайса миннӣ... илло мани-ғтарафа ғурфатан би ядиҳи.**[а]

Ба таҳқиқ ки озмоянда аст Худои таъоло шуморо ба як нахр. Пас ҳар кӣ бинӯшад аз он, аз мо нест ва ҳар кӣ нахӯрд, опро, пас ба таҳқиқ, ки ӯ аз мост. Магар ҳар кӣ муште об бардорад аз дасти худ. Чун баъди қатъи биёбон дар миёни Фаластин расиданд, нахре ёфтанд, ки обаш бағояти сафо ба оби зиндагонӣ баробарӣ кардӣ. Ва Бани Исроил ба оташи таъаттуш дарсӯхта буданд, бо вуҷуди мамониъат бинӯшиданд, магар андаке нахӯрданд. кақавлиҳи таъоло: **Фа шарибу минҳу илло қалилан минҳум.**[б]

Яъне: пас ҳама қавм об нӯшиданд, магар қадре. Он касоне, ки фармон набурданд ва об зиёда хӯрданд, ташнатар гашта, ҳарчанд ки об хӯрданӣ, ташнагӣ ғолиб шудӣ. Ночор эшонро видоъ кард. Ва баъзе гӯянд, ки забонҳои эшон баромаду шикамҳо омосид, хатто ки бимурданд. Ва онон ки ҳасбалҳукм як

[а] Қуръон: 2, 249.

[б] Қуръон: 2, 249.

катра об бардошта хӯрда буданд, сер шуданд ва миҷумла чаҳор ҳазор кас ҳамроҳи Толут бимонданд. Баъзе аз он гуфтанд, ки ё Толут, моро қуввате намонда, ки бо Ҷолут баробарӣ кунем, зеро ки мо қалилем ва эшон бисёр. Ва баъзе аз он гуфтанд: «Агарчи мо андак, Худои таъоло нусрат хоҳад кард — Қақавлиҳи таъоло: **Фа ламмо ҷовазаҳу ҳува ва-л-лазина оману маъаҳу қолу ло тоқата лано-л-явма би Ҷолута ва ҷунудиҳи қола-л-лазина язуннуна аннаҳум мулоқу-ллоҳи кам мин фиатин қалилатин ғалабат фиатан касиратан би изниллоҳи валлоҳу маъа-с-собирин.**[а]

Яъне: ҳар гоҳ убур кард Толут ва онон ки имон оварда буданд, ба ӯ гуфтанд: «Тоқат намедорем имрӯз бо Ҷолут ва лашкари ӯ». Ва гуфтанд онон ки медонистанд, ки эшон мулоқоткунандаанд бо Худои таъоло: «Бисёр шудааст, ки ҷамоъати қалил ғолиб омадаанд бар ҷамоъати касир ба ҳукми Худои таъоло ва Худо бо сабркунандагон аст». Пас аз он чаҳор ҳазор тан ва сесаду сездаҳ тан бимонданд. Чун муқобил шуданд, Толутту ҷунудаш гуфтанд: — **қавлуҳу таъоло: Раббано африғ ъалайно сабран ва саббит акдомано ва-нсурно ъала-л-қавми-л-кофирин**[б]

Яъне: эй парвардигори мо, бияндоз бар мо сабр ва қадами моро собит дор ва нусрат деҳ моро бар қавми кофирон. Ҷолут чун бингарид, аҷаб омад аз далерии эшон ва низ нангаш омад, ки бо сад ҳазор марди ҷаррор бо сесаду сездаҳ мард ҳарб кунад. Ночор ба сӯи Толут пайғом фиристод, ки сипоҳ, ки ту дорӣ, аз он қабил нестанд, ки ба муқобили мо дароянд. Беҳтар он аст, ки аз ин иродаи ботил бигзарӣ ва сар ба тоъати фармони ман ниҳӣ ва илло барра нашав ва корзор бинамо.

Толут ба сипохи худ фармуд, ки кадом аст, ки пеши Ҷолут равад ва доди шуҷоъат дода, ба фатҳ дамсоз гардад. Ва ба Ҷолут ҷавоб фиристод, ки ман аз баҳри Худо корзор менамоям. Худои ман, ки қавӣ ва азиз аст, маро ғолиб бар ту хоҳад кард ва пиндор, ки сипоҳи ман калиланд ва ҳашоми ту касир. Пас ногоҳ марде азим, ба ҳайбату шукӯҳ аз лашкари Ҷолут бо сипоҳи тамом бар аспе раҳшдор нишаста ва амуде ва теғе дар даст гирифта баромаду бо овози баланд гуфт, ки манам Ҷолут, аз Бани Исроил касе ҳаст, ки бо ман муборазат кунад. Толут нигоҳ қавми Бани Исроил карду гуфт: «Аз миёни шумо кист, ки бо вай ҷанг кунаду бикушад, то ним аз подшоҳӣ ӯро бидиҳам ва духтари бочамол дорам, зани ӯ гардонам. Ҳеҷ кас ҷавоб надод. Толут дармонд, ки Ҷолути лаъин ҳамла мебурд ва аз Бани Исроил касе дар муқобалаи ӯ намешуд. Хост, ки хештанро бар он лаъин занад.

[а] Қуръон: 2, 249.

[б] Қуръон: 2, 250.

Ногоҳ аз чарогоҳ марди қавӣ кулоҳе бар сар ниҳода ва суф пӯшида ва чӯбе дар даст гирифта пеши Толут омада, салом карду гуфт, ки ё Толут ман ба Ҷолут ҳарб кунам. Гуфт: «Аз кадом қавм ҳастӣ?» Гуфт: «Аз Бани Исроил». Пас номаш пурсид. Гуфт: номи ман Довуд (а) аст ва низ ду бародар дар ин лашкар дорам. Он гаҳ Толут пурсид, ки ту гоҳ ҳарбе кардаӣ? Гуфт: «Аксар бо сибоъ ҳарб кардаам» Бародарони Довуд гуфтанд, ки ин нодон он чӣ мегӯяд, аз нодонӣ аст, ки гоҳи ҳарб надид. Ва Ҷолути палид ҳарбҳо бисёр карда ва ҷангҳо дидааст, аммо ӯ чӣ гуна ҳарб тавон кард. То аз силоҳхона зиреҳ, ки Ишмуйил (а) дода буд (ва баъзе гӯянд, ки Толут дар хоб дида буд, ки ҳар киро зиреҳи ӯ мувофиқ ояд, Ҷолут ба дасти ӯ кушта хоҳад шуд) ба ҳар ҳол берун оварданд ва ҷумла лашкар дарпӯшиданд, бар тани ҳеч кас рост нашуд. Чун Довуд (а) пӯшид, бар тани ӯ рост омад. Толут гуфт: «Ё Довуд (а), ба ҷанг бирав, ки Ҷолут ба дасти ту ҳалок хоҳад шуд. Пас Толут аҳди муваккал карда, Довуд (а) зиреҳ пӯшида, дар масофи Ҷолут рафт Ва сангеро, ки ба вақти омадан ба лашкаргоҳи Толут ба сухан омада гуфта буд, ки моро бигир, ба кори ту хоҳем омад, ман аз он сангам ки бар қавми Лут борида будам, дар даст гирифта рӯ ба ҷанг ниҳод.

Ҷолут гуфт: «Ё Бани Исроил, ба ҷанг омодай?» Гуфт: «Оре». Гуфт: «Бо ман аз кадом силоҳ ҷанг хоҳӣ кард?» Гуфт: «Бо ин санг». Ҷолут гуфт: «Ба подшоҳон ҷанг аз санг набояд». Довуд (а) гуфт: «Ту сагӣ ва сагонро ба ҷуз санг чӣ бояд?» Ҷолут гуфт: «Дареғам ояд, ки туро бикушам, зеро ки ҷавони заъифӣ». Довуд (а) гуфт, ки қувват аз Худои таъоло қавӣ дорам, ки маро бидод. Ин гуфту сангро бар вай андохт.

Ба қавле дигар гуфтанд, ки дар фалохан санг ниҳода гирди сари муборак гардонида бияндохт, то бар синаи Ҷолут расида ва ба ҷаҳаннамобод восил карда, ду пора гашта — як пора ба лашкари маймана афтод, ҳамаро бикушт ва пора бар қалби лашкар афтод ва ҳама ба якдигар дар ҳам шуда, баъзе кушта шуданд ва баъзе бигрехтанд. Қавлуҳу таъоло: **Фа ҳазамуҳум би изн-иллоҳи ва қатала Довуду Ҷолута**[а].

Яъне: пас шикаст доданд Бани Исроил эшонро ба ҳукми Худои таъоло ва қатл кард Довуд (а) Ҷолутро.

Алҳосил, чун Бани Исроил ин ҳол бидиданд, мутаҳаййир шуданд ва таъаҷҷуб мекарданд. Толут гуфт: «Ё Довуд қуввати тамом дорӣ, ки танҳо Ҷолутро бо қавм ҳалок кардӣ». Довуд (а) гуфт: «Ҳама қувват аз Худои таъоло аст. Ба ҳукми аззаву ҷалла ҳалок шуданд. Агар нусрат аз Худои таъоло набудӣ ман эшонро ҳалок кардан натавонистаме. Ҷолутро Худои таъоло кушт».

[а] Қуръон: 2, 251.

ЗИКРИ ҚАСД КАРДАНИ ТОЛУТ ДОВУД АЛАЙҲИССАЛОМРО

Чун Толут аз ҷанги Ҷолут нусрат ёфта бозгашт, Бани Исроил гуфтанд: «Он чи ваъда кардай, вафо кун ва ниман подшоҳӣ ба Довуд (а) дода, духтари худ ба зании ӯ деҳ». Толут гуфт, ки духтари ман бочамол аст ва Довуд асфар аст, яъне кабудчашм аст. Вай тамоми айб дорад, чӣ гуна ба вай дихам. Довуд гуфт: «Хеҷ намехоҳам». Ва баъзе бар онанд, ки духтар ва подшоҳӣ ба ӯ дода, аммо чун дид, ки ҳама халқ ба ӯ мувофақати бисёр доранд, битарсид, ки мабодо ба иттифоқи якдигар маро бикушанд ва мусаллам подшоҳии ӯ гирад. Бинобар азми куштанаш кард. Пас Довуд (а) савмаъа сохта рӯй бар ибодат оварда ва Худои аззаву ҷаллро мепарастид. Ва обидону уламо рӯй ба-д-ӯ ниҳоданд, то ҳафтод кас обид пеши вай ҷамъ шуданд ва ибодат мекарданд. Бани Исроил ба Толут гуфтанд: «Чандин обид бар Довуд ҷамъ омадаанд, мабодо нусрати ин кунанд, то давлати ту намонаду халок шавӣ».

Толут бо лашкари худ қарибии кухе рафт, ки Довуд (а) бар он кӯҳ савмаъа сохта буд ва гирд ба гирд фурӯ гирифт, то Довуд (а)-ро бо обидон бикушад. Чун Толут шамшер баркашида хост, то дар савмаъа рафта ҳаман эшонро ҳалок кунад, хоб бар лашкар ғалаба кард, то ҳама дар хоб шуданд. Довуд (а) аз савмаъа баромада, ба лашкаргоҳи Толут расиду шамшери бараҳнаи Толутро баргирифта бар санг зада дуним карда бар шиками Толут ниҳоду шамъҳоро бикушт ва бар коғаз навишт, ки эй Толут, аз ин шамшер, ки бар санг задам агар ба шиками ту задаме ба фарёди ту кӣ расидӣ? Бархезу баргард ва қасди обидон макун, ки зиёни ту дар Дунё ва Охират аст.

Чун рӯз шуд Толут он шамшеру коғазу санг шигофта дида тарсида бархост ва боз гашта рӯй ба Байтулмуқаддас ниҳод. Довуд (а) боз дар савмаъаи худ рафт ва бо обидон дар ибодат машғул шуд.

Пас бори дигар Толут сипохро фиристод, ки биравед ва обидонро бикушед. Лашкараш шабхун карда обидонро куштанд, ҷило Довуд (а) ки он шаб иттифоқо аз савмаъа берун буд. Ва Толут хабар ёфт, ки обидон кушта шудаанд ва Довуд (а) зиндааст. Аз куштани обидон пушаймон гашт, ки мақсуди вай ба куштан Довуд (а) буд. Баъд аз он Толут битарсид ва фармуд, ки Довудро талаб кунед ва пеши ман ored то узри он бихоҳам ва духтарро ба вай бидҳам. Расулон ба талаби Довуд рафтанд, наёфтанд. Баъд аз талоши бисёр Довуд (а)-ро ёфта хабар карданд, ки Толут талаб мекунад, ки узр хоста некӯй намояд. Довуд (а) гуфт, ки гуноҳе накардааст, зеро ки чандин

обидонро ноҳакқ кушта ва хуни мусалмонон рехта ба қасди ҷони ман дошта. То ӯ ба ғазо наравад ва ивази ҳар обиде кофире накушад, ман пеши ӯ наравам. Расулон бозгашта пеши Толут рафта пайғоми Довуд (а) бигуфтанд.

Толут бар кирдори хеш пушаймон буд, аз фармони Довуд (а) ба ғазо рафт. Чун дар сафи ҷанг биистод, тире дар синаи Толут расид, ки аз пушт гузашт. Дарҳол ҷон доду лашкараш ба ҳазимат бигрехтанд. Довуд (а) аз куҳ хабар ёфта фуруд омад ва бар ҷои Толут нишаста, духтарашро зани худ кард ва аз баракати сабре, ки кард, пайғамбарӣ ва подшоҳӣ ёфт. Қавлуҳу таъоло: **Отоҳуллоҳу-л-мулка ва-л-ҳикмата**[a].

Яъне: дод ӯро Худои таъоло мулку ҳикмат, яъне пайғамбарӣ.

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ДОВУД АЛАЙҲИССАЛОТУ ВАССАЛОМ

Чун Довуд *алайҳиссаллом* ба тахти шоҳӣ бинишаст, Худои таъоло баъд аз чиҳил сол ӯро пайғамбарӣ дод. Чунон қуввате бахшид, ки ҳеч малики кофир ба ӯ муқобала натавонистандӣ кард, қақавлиҳи таъоло: **Вазкур ъабдано Довуда зо-л-айди иннаҳу аввобун**[b].

Яъне: ёд кун бандаи мо, ки Довуд (а) аст, соҳиби қувват ҳароина ӯ тасбиҳкунанда аст. Ва ҷои дигар фармуд — қавлуҳу таъоло: **Шададно мулкаҳу**[c].

Яъне: сахт кардем мо подшоҳӣ ӯро ва низ ӯро халифаи хеш хондааст — қақавлиҳи таъоло: **Ё Довуду инно ҷаъалнока халифатан фӣ-л-арзи фа-ҳкум байна-н-носи би-л-ҳаққи**[d].

Яъне: эй Довуд (а), ҳароина ман гардонидам туро халифа дар замин. Пас ҳукм кун дар миёни халқ бо ҳақ. Ва Худои таъоло ӯро ҳикмату илм ва ҳукмронӣ низ биёмӯхт. Қақавлиҳи таъоло: **Ва отайноҳу-л-ҳикмата ва фасла-л-хитоби**[e].

Яъне: додем ӯро ҳикмату адолат. Ва Ҳаққ таъоло ӯро чунон хуш овозе дода буд, ки Тавротро ба алҳон хондӣ, оби равон биистодӣ ва вуҳушу туюр ҷамъ шуда, овозаш истимоъ кардандӣ, барги сабзи дарахтон зард гаштӣ ва куҳҳо дар раъша омадандӣ ва бо ӯ тасбиҳ гуфтандӣ — қақавлиҳи таъоло: **Ё ҷиболу аввибӣ маъаҳу ва-т-тайра**[f].

Яъне: эй куҳҳо, тасбиҳ кунед ба ӯ ва эй ҷонварон, шумо низ тасбиҳ кунед. Аз хушовозии ӯ куҳ дар ҷунбиш омадӣ ва тамоми ҷонвар бехуш гаштӣ. Худои таъоло китоби Забур ӯро ба

---

[a] Қуръон: 2, 251.
[b] Қуръон: 38, 17.
[c] Қуръон: 38, 20.
[d] Қуръон: 38, 26.
[e] Қуръон: 38, ,20.
[f] Қуръон: 34, 10.

илҳом каромат фармуд. Ончунон илҳом, ки на аз Ҷабраил (а) ва на Микоил (а) буд.

Оварданд, ки дар китоби Забур нӯҳ амр буд ва нӯх наҳӣ ва нӯҳ ваъд ва нӯх ваъид фақат тариқи ибодат. Ва чун Довуд (а) Забур хондандӣ, халқ агар намурдандӣ, мадҳуш гаштандӣ ва аз чиҳил фарсанг то чиҳил фарсанг овози хонданаш мерафтӣ ва кофирон шунида, дарҳол ҷон бидодандӣ. Ва дигар муъҷизаи Довуд (а) он буд, ки Худои таъоло дар ангуштҳои вай ҳиркате пайдо карда буд, ки оҳан нарм шудӣ — к а к а в л и ҳ и т а ъ о л о: **Ва аланно лаҳу-л-ҳадида.**[а]

Яъне: нарм гардонидем барои ӯ оҳан, дар дасти вай мисли мум будӣ ва ҳар рӯзе бе оташ зирехе месохт. К а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва ъалламноҳу саньата лабусил-лакум ли туҳсинакум мин баъсикум.**[б]

Яъне: омӯзонидем ӯро сохтани либосӣ барои шумо, ҳаронна мазбутӣ аст шуморо аз хавфи корзори шумо.

Алҳосил тайёр намуда чаҳорсад дирам фурухтӣ ва дувист аз он ба дарвешон додӣ ва сад бар ақориб сарф кардӣ ва сад дирам кавми ибодати хеш намудӣ. Ва умри хеш ба се қисмат мунқасим карда буд: як рӯз ибодат кардӣ ва як рӯз додӣ халқ додӣ ва як рӯз ба шуғли хеш машғул будӣ.

ЗИКРИ ИБТИЛО ШУДАНИ ҲАЗРАТИ ДОВУД АЛАЙҲИССАЛОМ

Сабаби ибтило он буд, ки рӯзе китобҳо хондӣ, дар он фасл Иброҳим ва Исҳоқ ва Яъқуб *алайҳимуссалом* ба мутолаъа ёфта гуфт: «Эшонро чи тоъат буд, ки чандон манзалат ёфтанд?» Нидо омад, ки эшонро ба бало мубтало кардам, эшон сабр карданд, то ба-д-он манзалат расиданд. Довуд гуфт: «Худовандо маро низ ба бало мубтало кун, то ин фазилатҳо биёбам».

Ва баъзе гуфтаанд, ки сабаб ин аст, ки чун мамлакати Толут ёфта, малики Исроил гашт, гуфт: Ба Худо, ки миёни эшон адл кунам, магар «иншоаллоҳ» нагуфт. Дигар гуфтаанд, ки эътимод бар Толут карда дуъо мекард, ки Худовандо, бар гуноҳгорон раҳмат макун ва худро аз гуноҳ барӣ медонист. Ва дар сабаби ибтило сухан бисёр аст. Филҷумла Ҷабраил (а) омаду гуфт: «Худои таъоло туро офият дода буд. Чун ба хоҳиш бало хостӣ, омода бош!»

Ва гуфтаанд, ки рӯзе Довуд (а) дар хона нишаста буд, мурғе хубсурат аз равзан фурӯ парид. Фарзандон гуфтанд: «Ё падар, ин мурғро аз баҳри мо бигир». Чун Довуд (а) нигоҳ кард, мурғи некӯ ва ба ҷамол дид, ки дар ҳар паре рангҳои гуногун дошт, қасди гирифтани вай кард. Мурғ бар бом парид, ӯ дар

[а] Қуръон: 34, 10. [б] Қуръон: 21, 80.

пан мурғ ба бом рафт. Мурғ дар боғе парид, ӯ низ дар пеш расида пурсид, ки ин боғ аз они кист? Гуфтанд, ки Батшоъ ном зане аст ва ин боғ аз они ӯст. Пас Довуд (а) дар боғ нигарист. Гӯянд, ки Батшоъро барахна дар об дид, ки ғусл мекард ва Довуд (а) бар вай моил шуд, **валлоҳу аълам.** Батшоъ дарёфт, ки чашми Довуд (а) дар вай афтод, тани хешро печида монд тару ошиқ гашт. Довуд (а) аз бом фурӯ рафт, пурсид, ки ин мурғ аз кист? Гуфтанд: «Аз Батшоъ аст». Гуфт: «Батшоъ шавҳар дорад?» Авриё ном шахсе ӯро дар ақди никоҳи худ овардааст. Аммо ҳанӯз ба хонаи ӯ нарафтааст, дар ин наздикӣ хоҳад рафт. Пас Довуд (а) ӯро бихонду гуфт: Туро имсол ба ғазо бояд рафт ва инъоми бисёр кард, то Авриё розӣ шуд ва тарафи Рум ба ғазо рафт, ки душвортари мавзиъҳо буд, зеро ки ҳар ки ба ҷониби Рум рафтӣ, ҳаргиз наёмадӣ.

Пас Авриё дар он ҷо фатҳи бисёр кард ва қалъаҳо бикшод, то ба чое расид, ки он ҷоро Нотиқа хондандӣ. Аз он ҷо марде берун омада, мубориз талаб кард, Авриёро бикушт. Дарҳол дараҷаи шаҳодат ёфт. Пас лашкари Авриё ҷанг карда, эшонро ҳалок карданд ва бо ғанимати бисёр пеши Довуд (а) расиданду ҳоли Авриё гуфтанд. Довуд (а) таъзияти Авриё то як сол дошт.

Минбаъд хоҳиши Батшоъ карда Батшоъро ба ҳиболаи никоҳи худ овард. Довуд *алайҳиссалом* наваду нӯҳ зан дошт, Чун Батшоъ расид, сади тамом гашту аз вай фарзанде таваллуд шуд. Номи ӯ Сулаймон (а) карданд. Рӯзе Довуд (а) дар михроб нишаста дуъо мекард, ногоҳ девори михроб бишигофт ва ду шахс падид омаданд — к а қ а в л и ҳ и т а ъ о л о: **Ва ҳал атока набау-л-хасми из тасаввару-л-михроба. Из дахалу ъала Довуда фа фазиъа минҳум қолу ло тахаф хасмони бағо баъзуно ъало баъзин фа-ҳкум байнано би-л-ҳаққи ва ло туштит ваҳдино ило савои-с сирот**[а].

Яъне: ва оё омадааст туро хабари харҳашакунандагон ҳар гоҳ, ки аз болои девор фуруд омаданд дар ибодатхона, ҳар гоҳ, ки дохил шуданд бар Довуд (а), пас битарсид аз эшон. Гуфтанд: «Матарс, мо харҳашакунандагонем, ки зиёдатӣ кардааст баъзеи мо бар баъзе. Пас ҳукм кун дар миёни мо ба ҳаққ ва зиёдатӣ макуну ҳидоят кун моро сӯи роҳи рост». Довуд (а) гуфт: «Аҳволи худҳо бигӯед». Рофеъ гуфт — к а қ а в л и ҳ и т а ъ о л о: **Инна ҳаза ахӣ лаҳу тисъун ва тисъуна наъҷатан ва лия наъҷатун воҳидатун фа қола акфилниҳо ва ъаззанӣ фи-л-хитоби.**[б]

Яъне: ин бародари ман аст ва ӯро наваду нӯҳ дунба ва маро як дунба. Пас гуфт: «Он бародар, ки ҳаволаи мо кун дун-

[а] Қуръон: 38, 21—22 [б] Қуръон: 38, 23.

баи худро ва ғолиб мешавад бо ман ба сухан». Довуд (а) аз дигар пурсид, ки ӯ рост мегӯяд? Гуфт: «Оре, гуфтаам» Довуд (а) гуфт; ки зулмкарда ва ҳайфу ситам аст — каҷавлихи таъоло: **Қола лақад заламака би суоли наъҷатика ило ниъоҷиҳӣ.**[а]

Яъне: гуфт, ки зулм кард ӯ бар ту ба саволи дунбаи ту сӯи дунбаҳои худ. Ҳасмони якдигар табассум карданду гуфтанд: «Занони ту наваду нӯҳ буданд ва Авриё зане дошт. Аз вай ситида сади тамом кардӣ». Ин бигуфтанду нопадид гаштанд. Довуд (а) битарсид ва донист озмоиш аст — каҷавлиҳи таъоло: **Ва занна Довуду аннамо фатанноҳу.**[б]

Яъне: гумон бурд Довуд (а), ки чизе озмоиш намудем ӯро, Пас зор-зор бигристу сар ба саҷда ниҳод ва тавба кард. Аз бими Худои таъоло бинолид. На таъом хӯрдӣ ва на об. Чун сар аз саҷда бардошт, гиёҳ дид руста, ки аз болои сар гузашта. Охе бикард, гиёҳҳо аз тафи он хушк шуданд ва об аз чашм мерафт, чунон ки ҳар ду кафи даст пур аз оби чашму мегуфт: **Аллоҳумма арҳамнӣ варҳам ъало дамъӣ.**

Эй Худои таъоло, раҳмат кун бар ман ва бар ашки ман. Каҷавлиҳи таъоло: **Фастағфара раббаҳу ва харра рокиъан ва аноба. Фа ғафарно лаҳу золика.**[в]

Пас талаби омурзиш кард Парвардигори худро ва бияфтод очизикунон ва бозгашт ба Худо. Пас афв кардем ӯро ба сабаби ин тавба.

Дарҳол Ҷабраил *алайҳиссалом* омада гуфт: «Ба сари гӯри Авриё рафта аз вай маъофӣ бихоҳ!» Пас бар сари турбати Авриё рафта овоз кард. Авриё чавоб дод: «Лаббайка». Гуфт: «Кистӣ, ки маро аз хоб бедор гардонидӣ?» Гуфт: «Манам. Довуд» Авриё гуфт: «Ё Расулаллоҳ, чӣ кор дорӣ?» Гуфт: «Маъофӣ мехоҳам». Авриё гуфт: «Ту маро дар Биҳишт ҷой кардӣ, яъне дар чиҳод фиристодӣ, то шаҳид шудам, бинобар ин биҳил кардам». Довуд *алайҳиссалом* шод гашт. Аз он ҷо боз шуд.

Ҷабраил *алайҳиссалом* бозомаду гуфт: «Ё Довуд (а), Худо туро салом мерасонад ва мегӯяд: он чи кардӣ, муфассалан ба Авриё бигӯ, то аз ту хушнуд шавад ё на». Боз Авриёро овоз дод ва аҳволи худу занаш бозгуфта, маъофӣ хост. Авриё чавоб надод. Довуд (а) боз зорӣ кард ва мегирист. Авриё овоз дод, ки ё Довуд *алайҳиссалом,* зорӣ макун, ки ту он чи бо ман кардай, биҳил нахоҳам кард. Довуд *алайҳиссалом* боз гиряю зорӣ ва навҳа намуд. Нидо омад, ки навҳа макун, биҳил кардам. Гуфт: «Хасм розӣ нест». Боз нидо омад, ки рӯзи Қиёмат қасре аз ёкути сурх бино созам ва Авриёро бар он ошиқ гардонам ва

[а] Қуръон: 38, 24.
[б] Қуръон: 38, 24.
[в] Қуръон: 38, 24—25.

гӯям, ки ин ба он кас диҳам, ки хасмро биҳил кунад. Ва гӯянд, ки Худои таъоло он қасрро ҳамон дам ба Авриё намуд, то овоз дод, ки ё Довуд, туро биҳил кардам.

Пас Довуд *алайҳиссалом* бозгашта ба кухи Тур рафту фуруд омад. Бани Исроил бар ӯ ҷамъ шуда гуфтанд: «Ё Расулаллоҳ, туро чӣ расида буд, ки то чиҳил сол таъому об нахӯрдӣ ва зорӣ мекардӣ?» Гуфт: «Чун Худои таъоло маро халифаи хеш гардонид, фармуда буд, ки дар ҳавои нафс марав. Ман исён карда, дар паи ҳавои нафс рафтам. Аз ин сабаб ба бало мубтало шудам. Ва ба ривоят аз Ваҳб ибни Мунаббиҳ *разияллоҳу анҳу* омадааст, ки Довуд *салотуллоҳи алайҳи* аз пан хатият сӣ сол мегирист ва дар саҷда навҳа мекард ва ҳафт палос дар зер афгандӣ ва чаҳор хазор обдон дар хидмати ӯ будандӣ. Чунон бигристандӣ ки палос дар зери эшон тар шудӣ ва Сулаймон (а) биёмадӣ, рӯи падар ба ҷома пок кардӣ.

Имом Ҳасани Басрӣ *разияллоҳу анҳу* гӯяд: «Довуд алайҳиссалом баъд аз гуноҳ ба забони хушк намаки хокистар рехтӣ ва ба оби чашм тар карда бихӯрдӣ ва гуфтӣ, ки хӯроки соҳибтақсир ҳамчунин бошад. То ҳафтод сол бар ин баромад. Рӯзе ба Байтулмуқаддас рафт ва рӯ ба хок ниҳода мегирист. Дарҳол Ҷабраил *алайҳиссалом* биёмаду мужда доду гуфт — к а к а в л и ҳ и т а ъ о л о: **Фа ғафарно лаҳу золика ва инна лаҳу ъиндано лазулфо ва ҳусна маоб**[a].

Яъне: бахшидем ӯро барои он ки тавба намуд ва зорӣ мекард, ҳароина барои ӯ назди мо мартабаи қурбат аст. Пас Довуд *алайҳиссалом* дар Байтулмуқаддас бар минбар шуда, шукри Худои таъоло гуфт ва Забур мехонд. Дар миёни ғалабаи шавқ гуфт: «Ё рабб, тавбаи ман қабул кардӣ?» Аз осмон нидо мешунид, ки қабул кардам. Гуфт: «Малико, метарсам, ки хатои худ фаромӯш кунам. Бар аъзои ман нишоне бикун, то хато фаромӯш накунам». Худои таъоло нишони гуноҳ бар кафи дасти рост кард, то пайваста дар он нигаристӣ ва гуноҳи худ фаромӯш накардӣ ва истиғфор карда, бар минбар хутба хондӣ ва он дасти муборакро ба халқ намудӣ ва эшон бидидандӣ ва мегиристандӣ. Чун тавбаи вай пазируфт, боз ба ҳукмронӣ бинишаст.

Рӯзе ду деҳқон ба хидмати Довуд (а) омаданд. Яке гуфт, ки гӯсфандони ин кас кишти мо хӯрдаанд, дар миёни мо ҳукм кун. Пас муътамадон фармуд, то кимати кишту қимати гӯсфандон муқаррар карданд. Баҳои зироъат аз гӯсфандон зиёдат ёфт. Пас гӯсфандҳоро аз он кас ситонида ба худованди кишт дод. Худованди гӯсфандон гирёну нолон аз пеши Довуд *алайҳиссалом* берун рафт. Сулаймон *алайҳиссалом* ҳафтсола

[a] Қуръон. 38, 25.

буд, бар дари хона нишаста, ӯро гирён дида пурсид, ки чаро менолӣ? Гуфт: Довуди пайғамбар *алайҳиссалом* гӯсфандон аз ман ситонида ба молики кишт дод ва ҳама аҳвол ба Сулаймон *алайҳиссалом* бозгуфт. Сулаймон (а) бозгардонида гуфт: «Халифаи Худоро бигӯ агар дар ин ҳукм некутар тааммуле кунӣ беҳтар аз ин бошад». Он кас бозгашта ба хидмати Довуд *алайҳиссалом* омад ва он чи Сулаймон *алайҳиссалом* гуфта буд, гуфт. Довуд (а) фармуд: «Ин сухан туро кӣ омӯхт?» Гуфт: «Сулаймон (а)». Бифармуд, то Сулаймон *алайҳиссаломро* бихонданд. Чун ба хидмати падар омад, салом кард. Пурсид, ки Сулаймон, ин касро чаро бозгардонидӣ? Гуфт: Агар халифаи Худо дар ин кор тааммуле кунад, беҳтар бошад». Пас Довуд *алайҳиссалом* гуфт: «Ҳукми ин чи гуна бувад, ту бигӯ». Қавлуҳу таъоло: **Ва Довуда ва Сулаймона из яҳкумони фӣ-л-ҳарси из нафашат фиҳи ғанаму-л-қавми ва кунно лиҳукмиҳим шоҳидина ва фаҳҳамноҳо Сулаймона**[а].

Яъне: Довуд Сулаймон (а)-ро ҳидоят дод, ҳар гоҳ, ки ҳукм мекарданд ҳар ду дар кишт, вақте ки файсал ёфт дар он гӯсфандони як қавм ва будем барои ҳукми эшон гувоҳ. Пас фаҳмонидем онро ба Сулаймон. Сулаймон (а) фармуд гӯсфандонро як фасл ба деҳқон супорад, то он чи аз онҳо нафъе шавад, ба ивази кишти он бошад. Ва деҳқон то он замон кишти зироъати худ тайёр кунад, гӯсфандонро ба молик супорад, то бар якдигар ҳайфу ситам воқеъ нагардад.

Баъд аз ин Довуд *алайҳиссалом* бе машварати Сулаймон *алайҳиссалом* ҳеч ҳукм накардӣ, то рӯзе дар ғайбати Сулаймон *алайҳиссалом* пиразане дар хидмати Довуд *алайҳиссалом* рафту мегуфт: «Ё халифаи Худо, зане пиру заъифам ва иёл дорам. Чун анбоне аз орд бар сар дошта ба нёли хеш мсовардам, бод онро бирабуда дар замин андохт ва бирехт. Ҳама орд баякбор бурда. Иёли ман маҳруму бекут мондаанд. Доди ман аз бод биситон». Довуд (а) гуфт, ки ҳукми мо бар бод нест. Пас анбоне орд ба пиразан дода видоъ кард: Пиразан дуъо намуда бар сари худ ниҳода, роҳи хона гирифт.

Чун Сулаймон (а) ба дари хона истода буд, фармуд, ки ё зан, ба хусумат омада ё ба ҳоҷат? Гуфт: «Ба хусумат омадаам». Гуфт: «Чӣ гуна аст?» Пиразан ҳоли хеш бозгуфт. Сулаймон (а) фармуд, ки боз ба хидмати халифаи Худо раву бигӯ, ки ман қасос мехоҳам, на ато. Зан бозгашта ба хидмати Довуд (а) омаду гуфт: «Ман қасос мехоҳам, атое қабул намекунам». Фармуд: «Ё зан, дах анбон орд аз ман бибар, аммо бодро чӣ тур ҳукм кунам». Зан дах анбон орд ёфта, шод гашта роҳӣ шуд. Боз Сулаймон *алайҳиссалом* назар карду гуфт: «Ё зан,

[а] Қуръон: 21, 78—79.

ту ба сабаби қасос омада. Бозраву бигӯ, ки ато намехоҳам. Чун бозрафт, Довуд а) гуфт: «Туро кӣ бозмегардонад?» Гуфт: «Сулаймон (а)». Фармуд, то онро бихонданд. Чун ба хидмати падар расид, Довуд (а) гуфт: «Э писар, маро бар бод чӣ ҳукм аст?» Гуфт: Эй падар, агарчи ҳукм дар ин чо нест, валекин ба ҳукми Худо дуъо гӯй, комил аст, ҳарчи хоҳӣ дар вуҷуд ояд, тарки он фазл нест. Ва ман намехоҳам, ки ба рӯзи Қиёмат маъхуз бошӣ, ки боду пиразан дар Қиёмат ручӯъ шаванд. Пиразан гилан адли ту намояд, дар он чо ҷавоб хоҳӣ дод.

Пас Довуд (а) дуъо хост ва Сулаймон (а) омин кард, Худои таъоло бодро ба сурати одамӣ фиристод. Пиразан даъвои орд кард. Бод гуфт, ки ё Расулаллоҳ, ман он чи кардам, ба фармони Азза ва ҷалл кардам. Довуд (а) гуфт: «Чи гуна буд?» Гуфт, ки ба дарё сӯрохӣ дар киштӣ буд ва дар он қавме буд. Ва он қавм бар киштӣ назар карданд, ки агар аз ин варта халосӣ ёбанд, ҳама мол исори дарвешон кунанд. Аз ин маъно фармон омада, то орд аз пиразан гирифта сӯрохи киштӣ ба он орд масдуд кардам. Пас киштии он қавм аз ғарқ шудан халос ёфта, баъд аз чанд рӯз ба канораи дарё расид.

Довуд (а) хабар ёфт, ки киштии он қавм, ки ҳама мол назри дарвешон карда буданд, расид. Довуд касро фиристода он қавмро ба хидмати худ талаб намуд. Ниман моли эшонро онҳо ба дарвешон дода ва нимае ба сӣ пиразан. Ва пурсид, ки Худои таъоло чандин мукофот дар Дунё ба ту дод. Пиразан гуфт: «Ҳеҷ намедонам, аммо рӯзе дарвеше ба дари хонаам омада гуфт, ки аз роҳи дур гурусна омадаам, кист, ки аз баҳри Худо маро таъом диҳад. Якто нон медоштам, ба ӯ додам, бихӯрду гуфт: «Ҳанӯз гурусnаам». Гуфтам: «Ё ҷавон, бишин, то ба осиё рафта орд оварда, нон пухта ба ту диҳам. «Чун орд дар роҳ меовардам, ба-д-ин ҳол шуд. Ҷиҳати гурусnагии дарвеш мутафаккиру ғамнок шуда, пеши ту додхоҳ омадам». Пас Ҷабраил (а) омаду гуфт: «Ё Довуд (а), бигӯ: ин мол, ки ёфтӣ, мукофоти он якто нон буд, ки ба дарвеш додӣ ва дар рӯзи Қиёмат ҳафтод хоҳӣ ёфт».

Дигар нақл аст, ки Бани Исроил як рӯз ба хидмати Довуд (а) омада гуфтанд, ки моро аз подош бинамо, ки дар рӯзи Қиёмат хоҳад буд. Довуд (а) гуфт, ки фардо рӯзи ид аст, ба шумо бинамоям.

Овардаанд, ки дар миёни Бани Исроил раисе буд, молу неъмат дошт ва ӯро гове бағоят хубу ба лавн зард ва бо ёкут ороста ва шоххо ба ҷавоҳир пироста ва аз ҷомаҳои зарбофт музайян гардонида буд. Ва аз Бани Исроил зане обида писари солехе дошт, ба саҳро рафта савмаъа сохта, ҳар ду рӯ ба ибодат оварда буданд ва аз асбоби Дунё чизе надоштанд, ма-

гар бар дари савмаъа чашмаи оби равон ва дарахти анор, чунон ки ҳар рӯз ду анор бор овардӣ. Яке модар ва яке писар хӯрданди ва ба-д-он қаноъат карда, ҳафтод сол рӯи таъом надида буданд. Рӯзе писар гуфт: «Эй модар, дар бозори шахр неъмат бисёр аст, маро орзу мекунад». Модар гуфт: «Эй писар, ин ду анор, ки Худои таъоло бе ранчу миҳнат медиҳад, кифоят аст. Шукри Худо ба чо оварда, қаноъат бояд кард, мабодо ки ин ҳам аз муҳол талабӣ, аз даст равад». Чун нигоҳ карданд он ду анор ҳам нопадид гашт. Модар гуфт: «Эй писар, Худои таъоло чизе, ки моро каромат карда буд, чун носипосӣ кардем, бозгирифт».

Як рӯзу шаб гурусна буданд, ногоҳ гови мастур ба дари савмаъаи эшон бирасида, ба сухан омаду гуфт: «Маро бикушеду бихӯред, ки ман рӯзии ҳалоли шумоям». Модар гуфт: «Эй писар, ин гов мехоҳад, ки моро дар гуноҳ андозад». Пас говро биронд. Боз давида ба дари савмаъа омада худро ба замин афганда пой дароз карда, ҳалқ пеш дошта гуфт: «Э писар, маро куш, ки рӯзии ҳалоли шумоям». Чандон ки говро меронданди, боз меомадӣ. Рӯзи сеюм писар говро бикушту аз гушти вай кабоб сохта мехӯрданд. Чун се рӯз ба хонаи раис нарафта буд, лиҳаза саворонро мунодӣ карданд, ки ба талаби гов бираванд. Саворон ҳар тараф рафтанд. Иттифоқо зане аз Бани Исроил, ки ба хонаҳои мардум рафтӣ ва чизҳо фурӯхтӣ, ба тақдири Ҳаққ таъоло, он зан ба дари савмаъа бигузашт. Дид: хуни гов рехта ва аз гӯшт кабоб карда модару писар мехӯрданд. Чун чашми зани обида бар он зан афтод, биларзид. Пас он зан аз савмаъа бадар рафт. Модар ба писар гуфт, ки эй писар, чанд сол аст мо ба ибодат машғул шуда рӯзии ҳалол мехӯрдем. Сухани ман нашнидӣ ва гови мусалмоне кушта гӯшт бихӯрдӣ, то ба воситаи ҳаром Худои таъоло охири умри моро расво гардонид ва моро ба ғазабу сахтӣ бибаранду бикушанд».

Пас он зани даллола ба раис хабар дод. Ва раис ҳамон соат ба хидмати Довуд *алайҳиссалом* омаду хабари гов дод. Фармон шуд, ки хасмони раисро ҳозир кунанд. Баъд аз он муваккилони девсират давида модару писарро ҳозир карданд. Довуд *алайҳиссалом* пурсид, ки говро чаро куштед. Гуфтанд: Эй халифаи Худо, гов се маротиба ба дари савмаъа омада, худро ба замин андохту ба сухан омада гуфт, ки ман рӯзии ҳалоли шумоам, бикушеду бихӯред, мо гурусна будем, бихӯрдем». Раис гуфт: «Гов сухан нагӯяд». Довуд *алайҳиссалом* гуфт, ки ҳазор динор биситону даст аз эшон бардор. Нашунид. Боз гуфт пӯсти говро аз зар кунанд ва ба раис диҳанд. Ҷоҳил гуфт: «Намехоҳам, илло қасос».

Дарҳол Ҷабраил (а) даррасиду гуфт: «Ё Довуд (а), Худоят салом мерасонад ва мегӯяд, ки Бани Исроил аз ту аҳволи Қиёмат орзую дархост кардаанд, ки дар Дунё бубинед, фардо рӯзи ид аст. Эшонро бигӯ, ки ҳамон рӯз ба саҳро берун раванд, то ҳикматҳои Қиёмат ошкоро карда ба эшон намоям». Рузи ид тамоми Бани Исроил аз занону мардон, хурду бузург ҳама ба саҳро рафтанд. Довуд бар минбар нишаста Забурро ба илҳони хуш мехонд, то халқ мадҳуш шуданд. Ҷабраил (а) омада гуфт: «Ё халифаи Худо, раиси Бани Исроил он рӯзро ёд кунад, ки аз роҳи Шом ба Миср мерафт ба муздури фалон, ки ӯ понсад бор шутур дошт, он мардро бикушт ва ба ҳилат шутуронро аз роҳ бигардонид ва ба Миср рафта, бисёр нафъ ёфта, боз ба Шом омада, аз чандин мол мунъим гашт, ҳатто ки раиси Бани Исроил шуд ва бигӯ, ки акнун он мардро, ки ту кушта ва молаш ба тасарруф дароварда, ин зану писар аз ӯст ва моле, ки дар даст дорӣ, ҳама аз эшон аст».

Чун Довуд (а) ҳақиқат ба раис гуфт, ӯ мункир шуд, ки ман ҳаргиз касеро накуштаам ва на моли касе бурдаам. Дарҳол, забони ӯро Худои таъоло бигардонид, то аз забони худ гуфт, ки он рӯз гове ба даст доштам, гулӯи он мард буридам ва дастҳои ӯ гуфтанд, ки мо шутуронро бурдаем ва ҳама аъзояш гувоҳӣ доданд, ки ин феъл вай кардааст. Бани Исроил ӯро бидиданд. Довуд *алайҳиссалом* гуфт: Рӯзи Қиёмат корҳои мардум ҳамчунон хоҳад шуд — к а к а в л и ҳи т а ъ о л о: **Алявма нахтиму ъало афвоҳиҳим ва тукаллимуно айдиҳим ва ташҳаду арҷулуҳум бимо кону яксибун**[а].

Яъне: имрӯз муҳр кунем бар даҳонҳои эшон ва суханон кунанд бо мо дастҳои эшон ва гувоҳӣ диҳанд пойҳои эшон ба ҷабаби он ки буданд, ки касб карданд. Он гоҳ Довуд алайҳиссалом зани обида ва писарро гуфт, ки ҳукми маъбуди шумо гашт. Бархезеду қасоси қатл аз ӯ гирифта, молу мулки ӯ ки аз они шумост, гиред. Дарҳол писар бархосту сари раисро бибурид ва молу мулкаш ба тасарруфи худ оварда, бар мероси падар молик гашт. Нидо омад: «Ё Довуд (а), эшонро бигӯ, то шукри неъмат ва караму фазли ман кунанд».

Нақл аст: чун умри Довуд (а) ба охир расид, Ҷабраил (а) сандуқе пеши Довуд (а) оварду гуфт, ки писарони худро бигӯ, ки дар ин сандуқ чист? Ҳар кӣ рост бигӯяд, хилофати мамлакат ба вай дех. Пас ҳама Бани Исроилро ҷамъ карда, понздаҳ писарро, ки дошт ҳозир гардониду гуфт: «Ё фарзандон, бигӯед, ки дар ин сандуқ чист?» Ҳеч кас ҷавоб надод, магар Сулаймон (а) аз ҳама кӯчактар буд бар по хосту гуфт: «Агар дастурӣ бошад, ман бигӯям». Гуфт: «Ё ҷони падар, бигӯ!»

[а] Қуръон: 36, 65.

Гуфт: «Дар ин ангуштарӣ ва тозиёна ва хаттест». Баъд аз он сандуқ бикушоданд, сухани Сулаймон (а) мувофақат афтод. Ҷабраил (а) гуфт: «Ё Довуд, ангуштарӣ аз Биҳишт аст. Ҳар кӣ соҳиби ангуштарӣ шавад, ҳар чи бихоҳад, аз ангуштарӣ ҳосил ояд. Ва агар дар он бингарад, то ҳар чи дар олами хайру шар бошад аз Машриқ то Мағриб, бар ӯ зоҳир гардад. Ва ин тозиёна аз Дӯзах аст, то ки ҳар кӣ мутеъи соҳиби тозиёна набуд, бар ӯ азоб ояд. Чун соҳиби тозиёна ҳаракат бикунад ва даст бичунбонад, аз амри ӯ азоб гардад ва гуфтаанд, ки тозиёна набуд, дурбош буд. Касе ки аз фармони худованди сар печид, он дурбош вайро азоб кардӣ».

Овардаанд, ки касе ба даст нагирифтӣ, зеро ки онро аз Дӯзах оварда буданд. Ба нафси нафиси худ, бе муъованат одамӣ азоб мекардӣ. Пас Ҷабраил (а) гуфт: «Дар ин хат панҷ масъала навиштаам. Фарзандони худро бигӯ, ки бигӯянд, ки чист?». Довуд *алайҳиссалом* аз фарзандон пурсид, ҳеҷ кас ҷавоб надод, магар Сулаймон (а) дастурӣ хоста гуфт, ки навиштаанд: «Мақоми имон ва маҳаббату ақлу шарму қувват дар тан кучост?». Мақоми имону маҳаббат дар дил ва мақоми ақл дар сар ва мақоми шарм дар чашм, ва мақоми қувват дар устухон аст.

Пас падараш валиаҳди худ гардонида, Халифаи мамлакат сохт ва ангуштариро дар ангушти ӯ кард ва бар тахташ нишонида, тозиёна ба дасташ ниҳод. Пас Довуд (а) барҳоста рӯ ба ибодатхона кард. Чун қадами муборак бар остонаи савмаъа ниҳод, Малакулмавт даррасиду гуфт: «Ё Довуд (а) ба қабзи рӯҳ омадаам». Гуфт: «Чандонам муҳлат деҳ, ки ду ракъат намоз бигзорам». Гуфт: «Фармон нест». Пас бар остонаи савмаъа чони Довуд алайҳиссалом қабз кард. Сулаймон (а) омада бигрист ва падарро дафн карда, муддате таъзият дошт.

МИСҲ ГАРДИДАНИ ҚАВМЕ АЗ БАНИ ИСРОИЛ ДАР АҲДИ ҲАЗРАТИ ДОВУД АЛАЙҲИССАЛОМ

Овардаанд, ки гурӯҳе Бани Исроил ба канори дарё маскан доштандӣ, ҳар гоҳ ки Довуд (а) ба бало мубтало шуд, аксари аҳкоми Тавротро аз амал дур андохта, ба корҳои хилофи шаръ корбаст гардиданд. Чунончи дар Таврот шикор кардан ва ғайра корҳо дар рӯзи шанбе аз муҳаррамот буд, ихтиёр карданд. Чун Худои таъоло дид, ки дар нофармонӣ мустаъид шуданд, барои озмоиши эшон моҳиёнро ҳукм фармуд, то бар рӯзи шанбе моҳиён болои об баромада бозиву лаъб карданди ва дигар рӯз ғоиб мебудандӣ. Охираш дилшон ба чое намонда, ки бори хила андешида, наҳрҳо кандиданд, аммо моҳиён ба вақти шом аз наҳрҳо берун рафтанд. Ночор ба фиреби Шайтон қабли шом

банде муҳкам ниҳодандӣ, то ба рӯзи якшанбе ҳасби орзу гирифтандӣ ва бихӯрандӣ.

Чунончи Худои таъоло бино бар нофармои шудани қавми Бани Исроил дар Каломи маҷиди ёд фармудааст: қавлуҳу таъоло: **Ва-съалҳум ъан-ил-қарят-ил-латӣ конат ҳозират-ал-баҳри из яъдуна фӣ-с-сабти из таътиҳим ҳитонуҳум явма сабтиҳим шурраъав ва явма ло ясбитуна ло таътиҳим казолика наблуҳум бимо кону яфсуқун**[а].

Яъне; савол кун эшонро аз он дех, ки буд бар канори дарё, ҳар гоҳ нагде мекарданд рӯзи шанбе меомаданд эшонро моҳиён. Эшон рӯзи якшанбе кардандӣ зоҳир ва рӯзи якшанбе набудӣ, наёмадандӣ назди эшон ҳамчунин. Озмоиш мекардем эшонро ба сабаби он буд, ки фисқ карданд дар он дех. Се фарик шуданд: яке аз эшон шикор мекарданд ва яке аз он манъ мекарданд ва гурӯҳи манъкарда очиз шуда хомӯш нишастанд. Қавлиҳи таъоло: **Ва из қолат умматун минҳум лима таъизуна қавман Аллоҳу муҳликуҳум ав муъаззибуҳум ъазобан шадидан. Қолу маъзиратан ила раббикум ва лаъаллаҳум яттақун.**[в]

Яъне: ҳар гоҳ гуфт қавме аз эшон, ки чаро насиҳат кунед он қавмро, ки Худо ҳалоккунанда аст эшонро ё азобкунанда аст эшонро азоби сахт. Гуфтанд онон ки насиҳат мекарданд, барои ин ки узр хоҳем кард ба парвардигори шумо ва шояд, ки эшон битарсанд.

Ночор манъкунандагон мулоқоти эшон тарк карда, деворе дар миён сохтанд. Рӯзе ба вақти субҳ бархоста, овози кас нашниданд. Пас аз болои девор назар карда диданд, ки ҳама бузинагон шудаанд. Ва он бузинагон қаробати худҳоро нинохта, дар пои эшон сар ниҳода мегиристанд. Охираш ба бадтарин ҳол ба се рӯз бимурданд. Қавлиҳи таъоло: **Фалламо насу мо зуккиру биҳи анчайно-л-лазина янҳавна ъани-с-суъи ва ахазно-л-лазина заламу би ъазобин баисин бимо кону яфсуқуна. Фаламмо ъатав ъам мо нуҳу ъанҳо қулно лаҳум куну қирадатан хосиин.**[б]

Яъне: пас ҳар гоҳ ки фаромӯш карда шуданд, он чи насиҳат карда шуда буданд, ба он начот додем ононро, ки манъ карданд аз бадӣ ва бигрифтем эшонро, ки зулм мекарданд ба азоби сахт ба сабаби он чи ки буданд, фисқ карданд, пас саркашӣ карданд аз ои чи ки манъ карда буданд аз он. Гуфтем барои эшон шавед бузинагони залил.

Пас эй мӯъминон, бидонед, ки бино бар адли ҳукм қавми Бани Исроил мисх гардида бузинагон шуданд, ҳарчанд ки мо

[а] Қуръон: 7, 163.
[б] Қуръон: 7, 165—166.
[в] Қуръон: 7, 164.

дар ин замона ба баракати рисолати сайиди олам Мухаммад Мустафо (с) мисх ба гуноҳони худҳо намешавем, аммо дар киёмат ҷазои он кам аз зиллати мисх нахоҳад буд. **Ё Аллоҳ ваффақно ала-л-хайри ва саббатно ала-л-амр.**

ЗИКРИ ЛУҚМОНИ ҲАКИМ РАҲИМАҲУЛЛОҲ ВА ВАСИЯТИ Ӯ БО ПИСАР

Оварданд, ки баъди пайғамбар шудани Довуд (а) се сол гузашта буд, ки Худои таъоло Луқмонро ҳикмат арзонӣ фармуд. -Қавлиҳи таъоло: **Ва лақад отайно Луқмона-л ҳикмата**[а].

Яъне: ҳароина додем мо Луқмонро ҳикмат. Довудро аз ҳикматаш бисёр манфаат расидӣ. Ва мегӯянд: Рӯзе Довуд (а) ва Луқмони Ҳаким **алайҳирраҳма** бо ҳам пиншаста буданд, Довуд (а) зиреҳӣ мекард, магар Луқмони Ҳаким напурсид, зеро ки аз зеҳни расои худ медонист, ки муъҷиза аст. Ва гуфтаанд, ки Луқмон бандаи шахсе аз Бани Исроил ва қавме ҳабаш буд. Рӯзе ғуломе дигар, ки хоҷаашон Луқмон буд, чизе дуздида бихӯрд. Муниб ҳар дуро мутаҳҳам кард. Луқмон гуфт: «Ё хоҷа, мо ҳар дуро дар оби гарм карда, қай бикунон то ҳар ки аз мо хӯрда бошем, берун хоҳад омад.» Хоҷа ҳамон карда ғуломи дигарро, ки хӯрда буд, тадорук намуд ва аз ҳикмати Луқмон дар дилаш раҳме омад ва ӯро озод кард. Ва гӯянд: Ҳикмате, ки аз Луқмон аввал сар зад, ин буд.

Овардаанд, ки Луқмонро писаре буд, хост, ки ба тиҷорат дар мулки дигар равад, аз падар дастурӣ хост. Луқмон гуфт: «Аввал ҳар насиҳате, ки туро кунем ба амал орӣ». Гуфт: «Фармонбардорем». Луқмон фармуд: Қавлуҳу таъоло: **Ё бунайя ло тушрик биллоҳи инна-ш-ширка ла-зулмун ъазим.**[б]

Яъне: эй писараки ман, ширк макун ба Худой, ҳароина ширк ба таҳқиқ,ки зулми бузург аст. Боз гуфт: қавлуҳу таъоло: **Ё бунайя ақими-с-салота в-аъмур би-л-маъруфи в-анҳа ъани-л-мункари в-асбир ъала мо асобака инна золика мин ъазми-л-умур.**[в]

Яъне: эй писараки ман, қоим кун намозро ва ҳукм кун бехтаре ва манъ кун аз бадӣ ва сабр кун бар он чи ки туро расад. таҳқиқ, ки ин аз бузург корҳо аст. Боз фармуд: қавлуҳу таъоло: **Ва ло тусаъир хаддака ли-н-носи ва ло тамши фӣ-л-арзи мараҳан инналлоҳа ло юҳиббу кулла мухтолин фахур.**[г]

Магардон рухсораи худро барои мардум ва бар замин марав такаббуркунон, ҳароина Аллоҳ дӯст намедорад ҳар такаббуркунанда ва фахркунандаро. Қавлуҳу таъоло: **В-ақсид фӣ**

[а] Қуръон: 31, 12.
[б] Қуръон: 31, 13.
[в] Қуръон: 31, 17.
[г] Қуръон: 31, 18.

машйика в-ағзуз мин савтика инна анкара-л-асвоти ла-савту-л-хамир.[а]

Яъне: миёна роҳ гир дар рафтани худ ва нарм кун овози худро, таҳқиқ бисёр нописандидаи овозҳо, албатта овози хар аст.

Баъди фармудани ин васият гуфт: «Ҳар гоҳ ки асбоби сафар тайёр карда равон шавӣ, он ки пеши ман ойӣ». Пас писар сахтагии сафар тамом карда, пеши падар омад. Падар гуфт: «Эй писарак, дар ин наздикӣ туро биёбоне пеш ояд ва дар он биёбон ба канори чашма дарахте бинӣ, зинҳор ба сояи он дарахт фуруд маё! Ман умедворам, ки Худои таъоло туро аз он мухлика бираҳонад. Ва чун ба фалон қабила бирасӣ, ки дӯстони мананд, пеши ту оянд ва ба икрому таъзим баранд. Ва аннар миёни эшон зане бувад чавон, ҷамила ва молдор аст, бар ту арза кунанд, ҳаргиз ӯро ба занӣ макун! Ва ман аз фазли Худо умедворам, ки туро аз шарри вай эмин гардонад. Ва дигар марде ба фалон мақом аст ва муддате аст маблағ аз мо қарз гирифта, номи ӯ Қиён аст назди вай шав ва моле, ки бар ӯ хаст, биситон ва вақти шаб назди вай махусб! Эй писар, ин насихатхо нигаҳ дор. Ва дар ин раҳ марде ҳамсуҳбати ту хохад буд ва ба синну сол аз ту бузургтар бошад. Ҳар чи ӯ гӯяд, бояд ки бар он корбанд шавӣ».

Писараш қабул кард ва равон шуд. Чун ба-д-он биёбон расид, чашмае дид софу ширин ва дарахте соядор ба канори он ба по истода. Шахсе ба сурати машоих ба зери он нишаста. Аз тоби офтоб ташнагӣ бар ӯ ғолиб буд, хост, ки замоне биёсояд ва даме аз он об бинӯшад, ки васияти падараш ёд омад ва равон шуд. Пире, ки дар сояи он дарахт нишаста буд, гуфт: «Чаро мегузарӣ, гармои сахт аст, андаке биншин». Гуфт: «Надарам аз нишастан ин ҷо манъ фармудааст». Пир гуфт: «Бар ту савганд мениҳам, ки фуруд ойӣ. Вайро сухани падар ёд омад, ки гуфта буд: «Агар касе аз ту бузургтар ба ту расад, фармонбардории ӯ кун ва мухолифаи амри ӯ машав». Бинобар ин пеши пир омад ва салом карду биншаст, таъому об хӯрд ва бихуфт. Чун хобе бар ӯ муставлӣ шуд, море захрдор аз он дарахт ба зер омада, касди писар кард. Пир, ки бедор буд, бархост ва сари морро бибуррид ва пинҳон кард. Чун писар аз хоб бедор шуд, хама чизи худ саломат ёфт. Пир гуфт: «Кучо хоҳӣ рафт?» Гуфт: «Фалон ҷо». Он гоҳ гуфт: «Агар иҷозат диҳӣ, ман дар суҳбати ту бошам». Гуфт: «Бағояти карам аст».

Пас ба иттифоқи якдигар равон шуданд, то ба-д-он қабила, ки падараш гуфта буд, расиданд. Хама мардум чамъ омаданд ва гуфтанд, ки кистед ва аз кадом ҷо меоед? Писар гуфт, ки писари Лукмонам, ба тиҷорат меравам. Эшон вайро ба таъзи-

[а] Қуръон: 31, 18.

ми тамом ва икроми молокалом фуруд оварданд, ҳамвора мехмонӣ мекарданд. Рӯзе ба хӯрдани таом нишаста буданд, шахсе гуфт, ки зане некрӯй ва писандидахӯй ба ҳасбу насаб, чунонки бояд, ҳаст ва моле фаровон дорад, агар ба акди никоҳи худ оварӣ, ҳароина некӯ хоҳад буд. Писарро васияти падар ёд омад гуфт: «Нахоҳам». Пир гуфт: «Эҳ писар, эшон ба гумон ар› намоянд ва зани бо чамол ва мол аст, ӯро ба занӣ қабул кун». Писарро васияти падар ёд омад, ки аз ҳукми ҳамроҳ сар набояд печид. Лиҳаза онро ба акди никоҳи худ овард.

Пас яке аз он миён, ки бо ӯ дӯстӣ дошт, омада гуфт, ки кори бад кардӣ, зеро ки ин зан нӯҳ шавҳарро ба хилвати аввал куштааст. Писар ин сухан шунида, андӯҳгин биншаст. Пир гуфт: «Чаро ғамгин шудай?» Гуфт: «Ин зан нӯҳ шавҳарро ба хилвати аввал куштааст, ман аз марг метарсам». Пир гуфт: «Аз ин рӯ андеша ба хотир маёр ва он чи ман мефармоям, бар он амал фармо! Чун зан пеши ту ояд, гирди вай магард, навъе, ки тавонӣ назди ман биёй, то тадбираш карда хоҳам дод»

Чун шаб шуд занро пеши вай оварданд, баъди лаҳза гуфт: «Маро берун коре ҳаст». Пас берун шуд ва назди пир биёмад. Гуфт: «Мичмаре пуроташ кун ва назди ман биёр!» Писар он хамон кард. Пир сари он мор, ки дар зери дарахт кушта буд, бар он мичмар ниҳоду гуфт: «Ин мичмарро баргир ва зани худро бигӯ, ки бараҳна бар сари ин мичмар бинишинад ва фарчи худро дар бухори он биниҳад, баъди соъате мичмарро пеши ман ор». Писари Луқмон ҳамон кард. Пир дар он мичмар нигоҳ карда дид, ки ду мор дар он месӯзад. Пир гуфт: «Акнун назди он зан шав, ки он чи мардумонро мекуштанд, ин чонварон буданд». Минбаъд писари Луқмон назди вай рафт ва бомдод чашмрӯшан ва тандуруст барҳост ва берун омад. Аҳли байти зан чун диданд, шод гаштанд.

Баъди чанде писари Луқмон хост, ки пеши он мард рафта, моли падарашро бигирад. Пирро гуфт, ки ман ба канори дарё рафта, моли падарам ба касе ҳаст, биситонам. Пир гуфт: «Ман меоям». Писар гуфт: «Хуб аст». Пас ҳар ду ба канори дарё назди он мард расиданд. Мардумони он чо гуфтанд, ки ин мард дузду фосид аст Ту чаро наздикаш омадӣ. Охираш ҳар ду пеши он мард рафтанд. Писар гуфт: «Ман писари Лукмонам ва маро бар ту ҳаққе аст». Мард гуфт: «Бале ва марҳабо, имшаб назди ман бош, фардо ҳаққи ҳеш биситонӣ» Писар гуфт: «Падарам аз ин наҳй кардааст, ки шаб ин чо нахуспам». Пир гуфт: «Бибош, то бубинем, ки Худои таъоло чи тақдир кардааст». Писар чун каромати пир дида буд, бачооварии васияти падар ҳам, дар тобеъи амри ӯ донист, ночор ба-д-он бухъа тарҳи байт андохт.

Чун таъом бихӯрданд, то ба кӯшке, ки аз ҳикмат болои дарё тайёр сохта буд ва ҳар гоҳ ба давр омадӣ, он кӯшк пур аз об шудӣ, хуфтан он кӯшкро ба дарё бурдӣ, барои эшон бистаре бигустуронид. Чун писари Луқмон бихуспид, пир бедор буд. Ба вақти ду посн шаб об зиёда шудан гирифт, пир писари Луқмонро бедор кард, пас ба болотар рафтанд ва писарони дуздро, ки бар боло хуфта буданд, маъа тахт ба зер оварданд ва писарон ҳамчунон хуфта бимонданд. Пас об бинёмад ва писарони дуздро бибурд ва эшон ба ҷои писаронаш, ки болотар буд, бихуфтанд. Бомдод он дузд аз манзари кӯшк бинигарист, дид, ки эшон хуфтаанду писаронашро об бурдааст. Он марди маккор овоз дод ва гуфт, ки ман ба шумо макр карда будам, он макр бо ман кор кард. Эшон гуфтанд: «Ҳар кӣ чоҳ канда барои дигар, худ дар он афтад». Қақавлиҳи таъоло: **Ва ло яҳику-л-макру-с-сайиу илло би аҳлиҳи.**

Яъне: лоҳиқ намешавад макри бад, магар ба соҳиби худаш.

Аз ин ҷо берун омада, моли худро аз дузд гирифта ба хонаи зан омаданд ва занро маъа молу асосулбайти ӯ ҳамроҳ карда, равона сӯи макон шуданд. Чун наздики хонаи Луқмон омаданд, пир гуфт: «Туро чи соҳиб будам дар ин сафар?» Гуфт: «Неку соҳибе будӣ ва чандин балову машаққат ба баракати суҳбати ту аз ман бозгашт ва чандин молҳо ба дастам омад». Пир гуфт: «Агар мол ту ёфтӣ, моро аз он чи насиб хоҳад буд?» Писар гуфт: «Як нима аз ин молҳо ба ту ҳиба кардам, агар қабул фармой, дили маро дар он хушнудӣ бошад». Пир гуфт: «Қабул кардам, бахш карда бидеҳ! Писар гуфт: «Бахши ин мол ту бикун, маро қабул аст».

Пас пир занро ба андак чизе як сӯ ниҳода ва боқӣ молро сӯи дигар карда гуфт: «Аз ин ҳар ду якеро ихтиёр кун!» Писари Луқмон ҳиссаи андак, ки бо зан буд, бигрифта, ҳиссаи дигарро ба пир дода, равона шуд. Чун қадре масофат қатъ кард, боз пирро ба паси худ дид. Пир гуфт: «Ин ҳама мол, ки ба ман додӣ, аз бахри чи додӣ, магар аз ман тарсидӣ?» Писар гуфт: «Чаро аз ту тарсам, валекин ту дар ин сафар соҳибу мушфиқ ва носеҳи ман будӣ ва ман он чи ёфтам ба баракати суҳбати ту ёфтам. Бино бар он чи туро додам, ба хушдилӣ додам». Пир гуфт: «Он чи ба ман додӣ, биситон, Худои таъоло ҳама молу зан бар ту муборак гардонад. Бидон, ки ман на одамеам, ки маро бо молу зан ва ҳутоми дунявӣ майлеву шағафе бошад.» Писар гуфт: «Ба иззати он Худое, ки туро ва маро офаридааст, бигӯ ту кистӣ?» Пир гуфт: «Бидон, эй писар, ки ман амонати падари туам, ки бо мардум амонату шафқат ба ҷо орад. Худои таъоло маро фиристод, ки андар суҳбати ту бошам ва туро саломат ба падари ту расонам. Акнун чун саломат расидӣ, аз ту мураххас мешавам».

Пас писари Луқмон ҳама молро маъа зан гирифта, равон шуд ва ба хидмати падар расид ва он ҳикоятҳо ҳама пеши падар гуфт. Ва дар таърих андар ҳикмати Луқмон бисёр ҳадисҳо мекарданд ва дар ин китоб ҳамин қадар навишта шуд. *Валлоҳу аълам би-с-савоби вас-салому ала хайри-л-аном.*

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ СУЛАЙМОН АЛАЙҲИССАЛОТ ВАССАЛОМ

Чун Сулаймони пайғамбар (а) ба тахти подшоҳӣ нишаст ва мероси Довуд (а) ёфт ва ангуштарии салтанат бар ангушт ниход, халкро фармуд: к а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Ва вариса Сулаймону Довуда ва қола: Ё айюҳа-н-носу ъуллимно мантиқа-т-тайри ва утийно мин кулли шайъин инна ҳаза лаҳува-л-фазлу-л-мубин.**[а]

Яъне: ворис шуд Сулаймон (а) Довуд (а)-ро, яъне қонмақом шуд дар нубуввату подшоҳӣ ва гуфт: «Эй мардумон, омӯхта шудем забони ҷонварон ва дода шудем мо аз ҳар чиз, ҳарчанд инҳо албатта он аст бузургии зоҳир». Чунончи, вақти саворӣ мурғон гурӯҳ-гурӯҳ болои сари Сулаймон (а) ҷамъ омада, аз парҳои худ соя кардандӣ ва фавҷи одамӣ ба маймана ва фавҷи парӣён бар майсара ва лашкари девон дар пасу пушт ва ваҳшиёни биёбонӣ аз чапу рост ва пасу пеш мебуданд. К а к а в л и ҳ и т а ъ о л о: **Ва ҳушира ли Сулаймона ҷунудуҳу мина ҷинни ва-л-инси ва-т-тайри. Фаҳум юзаъун.**[б]

Яъне: ҷамъ карда шуд барои Сулаймон (а) лашкараш аз ҷинну инсону ҷонварон.

Пас эшон мисл ба мисл истода мешуданд ва тахти Сулаймон (а)-ро, ки ҳама лашкар бар он мерафтанд, бод ба Шом ва аз Шом ба Яман, ки ба масофати як моҳ аст, субҳу шом меовардӣ ва мебурдӣ. Ва чашмаи мис гудохта аз ҷонибӣ Яман ба хукми Худои таъоло зоҳир шуда буд, девон мисро гудохтаро аз он чашма бароварда, дегҳои калон ва дигар ачнос тайёр месохтанд. К а к а в л и ҳ и т а ъ о л о **Ва ли Сулаймона-р-риҳа гудувуҳо шаҳрув-ва равоҳуҳо шаҳрув-ва асална лаҳу ъайна-л-қитри ва мина-л-ҷинни ман яъмалу байна ядайҳи би изни раббиҳӣ.**[в]

Яъне: мусаххар кардем барои Сулаймон (а) бодро, сайри субҳи ӯ масофати як моҳ ва сайри шоми ӯ масофати як моҳ. Ва зоҳир кардем барои ӯ чашмаи мисро гудохта ва аз ҷиннон чунон буданд, ки хидмат мекарданд пеши ӯ ба ҳукми парвардигори ӯ. Ва ҷои дигар фармуда: қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Фасаххарно лаҳу-р-риҳа, таҷрӣ би амриҳи рухоан ҳайсу асоба.**[г]

Яъне: қайд кардем барои ӯ бодро, мерафтӣ ба ҳукми ӯ му-

[а] Қуръон: 27, 16.
[б] Қуръон: 27, 17.
[в] Қуръон: 34, 12.
[г] Қуръон: 38, 36.

лоим, ҳар ҷо ки мехостӣ. Овардаанд, ки ҳар ҷо дафина будӣ он замин ба овоз гуфтӣ: «Ё пайғамбари Худо, маро биканед, он чи ки дар зери ман аст, бигир ва ба кори худ бубар».

Алҳосил мефармуд, то девон ҳама ганҷ аз замин ва гавҳарро аз дарё ғаввосӣ карда, оварда маконе олӣ тартиб карданд. Қавлуҳу таъоло: **Ва-ш-шаётина кулла банноин ва ғаввосин.**[a]

Яъне: шайтонон имораткунанда ва ғаввосикунандаанд. Маконе, ки тайёр карданд, тӯлу арзи он дувоздаҳ фарсанг буд ва хиштҳои он ҳама аз зару нукра ва аз зумурраду ёқут мурассаъ карда буданд. Дар он макон ҳафтсад кӯшк барои ҳафтсад мард, сесад кӯшк ба ҷиҳати сесад зан тамом карданд. Муфассирин нақл кардаанд, ки ҳар шаб ба ҳама хона рафтӣ ва бар ҳама занону канизакон бихуспидӣ. Ва аз як сӯи он макон кӯшке ба дарозии чаҳор фарсанг ва дар миёни кӯшк тахте ба тӯли як фарсанг баровардаанд аз оҷу лаъл ва фирӯзаву марворид. Аз ҳар қисм мурғон тайёр карданд ва бар чаҳор гӯшаи тахт чаҳор дарахти азим сохтанд, ки танаи дарахтон аз зари сурх ва баргҳое аз зумурради сабз ва бар ҳар дарахте товусу тӯтӣ аз зар ва андаруни ҷонварон муҷавваф карда, ба мушку анбар оганда сохтанд. Ва гирдогирди тахтро аз хиштҳои зарин бастанд ва хӯшаҳои ангур аз лаълу ёқут даровехтанд. Ва дар пои тахт ба дасти рост ҳазор курсии зарин ва нукра бинҳоданд, то бузургони парӣ ва одамӣ нишастандӣ. Ва аз пасу пушт олимону ғуломон ва париёну девон меистодандӣ Ва дар ҳар ду ҷониби тахт ду шер аз зумуррад сохта буданд ва болои тахт амуде аз ёқут нихода ва бар он амуд кабӯтарони зарин нишаста буданд.

Ва гӯянд, ки девон тахт ва ҷонваронро ба тилисм ҷон сохта буданд. Ҳар гоҳ Сулаймон (а) пой бар тахт ниҳодӣ, дар ҳаракат омада мегардидӣ. Товусон ва каргасон парҳо боз кардандӣ ва аз шиками эшон мушку анбар мерехтӣ. Ва шерон сар ба замин ниҳодандӣ ва кабӯтарон зи сари амуд паридандӣ. Ва Сулаймон бар он тахт Таврот мехондӣ ва миёни эшон одамиён ҳукумат мегузориандӣ Ва тоҷи шоҳӣ бар сари Сулаймон (а) ниҳодандӣ ва ҷонварон гурӯҳ-гурӯҳ омада, дар ҳаво истодандӣ, то Сулаймон (а) бар тахт будӣ, аз парҳо соя афгандандӣ.

Он гоҳ Сулаймон (а) девонро бифармуд, то бисоти зарбофт бисохтанд ва ба канораи он бисот наҳрҳо равон карданд ва ҳазор михроб дар он хона буд, ки обидон намоз кардандӣ Ва абрро мефармуд, то об меовард ва дегҳоро пур мекард. Ва матбахи Сулаймон (а) ҳар рӯз ҳафтод ҳазор харвор намак ба кор рафтӣ. Аммо Сулаймон (а) аз ин таъом чизе нахӯрдӣ, бо вуҷуди он ки ҳар рӯз ҳафтсад харвор пари мурғ аз матбах берун шудӣ Ху-

[a] Қуръон: 38, 37.

дои аззаву ҷалла Сулаймон (а)-ро занбилбофӣ омӯхта буд. Ҳар рӯз занбиле бофта мефурӯхтӣ ва ҷав оварда аз дасти худ орд кардӣ ва худ пазонида дар Байтулмуқаддас рафтӣ ва дар ҳар шаб аз он яктои нони ҷавин бо дарвешон рӯза кушодӣ. Он гоҳ даст ба дуъо бардошта гуфтӣ: «Ё малико, бо дарвешон дарвешам ва бо маликон-малик ва бо пайғамбарон-пайғамбар, Маро биёмурз, бар ман раҳм кун, ки ман шукри ин неъмат чи гуна тавонам гузорид.»

ДАЪВАТ КАРДАНИ ҲАЗРАТИ СУЛАЙМОН АЛАЙҲИССАЛОМ ҶУМЛАИ МАХЛУҚРО

Ваҳб ибни Мунаббиҳ *разияллоҳу таъоло анҳу* гӯяд, ки чун мамлакат бар Сулаймон (а) қарор гирифт, дуъо кард, ки Худовандо маро орзу аст, то як рӯз меҳмонии ҳама ҷонварон кунам ва он чи дар олам аз одамӣ ва ҷину дев ва вуҳушу туюр ва малах ҳар чи офаридаи хушкиву дарёанд ба зиёфати худ ҳозир гардонам. Нидо омад, ки ё Сулаймон (а) рӯзидиҳандаи махлуқот манам, натавонӣ, ки ҳама махлуқот рӯзе таъом диҳӣ. Гуфт: «Худовандо, маро неъмати бисёр додай, ин ҳам аз ту бошад». Пас ичозат ёфт. Гуфтаанд, ки чоҳ меҳмонӣ саҳрое, ки наздики дарё буд, ихтиёр карда, то ҳашт моҳ девон дар он саҳро ҷорӯб заданд ва бисотҳо афганданд. Аз Машриқ ба Мағриб маъкулот ҳосил карданд. Пас девонро фармуд, то ҳафтсад ҳазор дег, ки ҳар дег ҳафтод газ боло ва ҳафтод газ паҳно буд ва таштҳое калон бисохтанд. Қавлуҳу таъоло: **Яъмалуна лаҳу мо яшоу мим-маҳориба ва тамосила ва ҷифонин ка-л-ҷавоби ва қудури-р-росиётин.**[а]

Яъне: тайёр мекарданд девон барои ӯ он чи мехост аз ҳарбот ва тасвирот ва таштҳо мисли толоб, дегҳо як ҷо дошта шуда.

Пас фармуд, то таъомҳо дар он саҳро пур карданд. Ва одамиёну девону ҳайвонотро ба-д-он саҳро мебурданд ва бодро фармуд, то бисотро баргирифт ва бар ҳаво болои дарё бидошт, то мардум назора кунанд. Ногоҳ моҳӣ аз дарё баромад ва гуфт: «Эй Сулаймон (а), маро нидо омадааст, ки имрӯз ту меҳмонии ман кунӣ, акнун гурусnaам». Сулаймон (а) гуфт: «Чандон сабр кун, то ҳама бандагони Худо биёянд, то ҳар чи хоҳӣ, бихӯрӣ, ҳатто ки сер шавӣ». Моҳӣ гуфт: «Чандон сабру тоқат надорам, ки ҷамиъи махлуқот ҳозир шаванд». Сулаймон (а) гуфт: «Агар сабр намекунӣ, то он чи тавонӣ бихӯр!» Баъд аз он он чи таъом дар он саҳро буд, ҳамаро бихӯрд. Пас фарёд кард, ки ё Сулаймон (а) маро таъом дех! Сулаймон (а) он ҳол дид, мутаҳайиир гашт ва гуфт: «Ё моҳӣ, ман ин таъом ба чиҳати халоиқ

[а] Қуръон: 34, 13.

сохта будам, ту ҳамаро як луқма кардӣ ва ҳанӯз мехоҳӣ». Гуфт: «Маро ҳар рӯз се луқма рӯзӣ будӣ, ту ки ин таъом сохта, як луқма хӯрдам ва ду луқмаи дигар бояд, то сер шавам ва кути ман тамом гардад. Имрӯз меҳмони ту шуда, гурусна мондам. Агар таъом намедорӣ махлуқотро чаро металабӣ?» Сулаймон (а) ин сухан шунида, мутаҳаййиру беҳуш гашт. Об ба рӯи Сулаймон (а) заданд, то аз беҳушӣ бозомада, сар ба сачда ниҳода бинолид ва гуфт: «Ё раб, тавба кардам, ки рӯзидиҳандаи ман ва чамиъи махлуқот тӯӣ ва ман дарвешам ва мискинам ва тавонгару тавоно тӯӣ».

Ва гӯянд: Он рӯз ҳама гурусна бимонданд. Чунин нақл карданд, ки ин моҳӣ он буд, ки замин ҳама бар пушти ӯст. Худованди таъоло он рӯз заминро дар ҳаво бидошт. Ва баъзе гӯянд, аз чумлаи моҳиёни дарё буд, бештари уламо бар онанд, ки Худои таъоло он таъомҳоро туъмаи як чонвар гардонид, то кудрати худ ва ачзу заъфи Сулаймон (а) ошкоро шавад.

ЗИКРИ МУЛОҚӢ ШУДАНИ ҲАЗРАТИ СУЛАЙМОН АЛАЙҲИССАЛОМ БО ПОДШОҲИ МӮРОН

Рӯзе бар тахте, ки девон аз баҳри Сулаймон (а) сохта буданд, биншаст ва ҳазор вазир дар хидматаш бар курсиҳо нишаста буданд ва бузургтари эшон Осаф ибни Ҳорон буд. Ва париёну шаётин гирд ба гирди эшон истода ва мурғон бар ҳаво пар зада. Бодро фармуд, то бисотро ба одати қадим баргирифт ва дар ҳаво чунон бурд, ки тасбеҳи фариштагон ба самъ даррасид. Фариштагон гуфтанд: «Ё худои таъоло, ин мамлакат, ки ба Сулаймон додӣ, ҳеч касро надода». Нидо омад, ки ё фариштагон, ба-д-он додаам, ки дар ӯ зарраи кибр нест. Агар як зарраи мағрурӣ доштӣ, ба иззату чалолӣ ман, ки Худоям, чандон ки бар ҳаво мепарад, ба замин фуруд бурдаме. Сулаймон (а) шунида, сар ба сачда ниҳод ва шукр кард, пас бодро фармуд то бисотро аз боло ба чое оварад, ки он чо макони мӯрчагон буд. Қавлиҳи таъоло: **Ҳатто изо атав ъало води-н-намли. Қолат намлатун: Ё айюҳа-н-намлу-дхулу масокинакум. Ло яхтиманнакум Сулаймону ва чунудуҳу ва ҳум ло яшъурун.**[а]

Яъне: то ки расиданд бар майдони мӯрчагон. Гуфт яке аз мӯрча бо мӯрчагон: «Дохил шавед дар хонаҳои худҳо намоланд Сулаймон ва лашкараш ва эшон намедонанд. Сулаймон (а) ин сухан аз меҳтари мӯрчагон шунида, ачаб дошт, ки ӯ ҳам бар раъияти хеш шафқате дорад, пас бихандид. Қавлуҳу таъоло: **Фатабассама зоҳикан**[б].

Яъне: пас табассум кард хандакунон. Пас мӯрро пеши худ хонда бар кафи даст ниҳод ва гуфт: «Ё мӯр, ба лашкари худ

[а] Қуръон: 27, 18.

[б] Қуръон: 27, 19.

чаро гуфтӣ, ки аз Сулаймон бигрезед, аз ман чи бадӣ ба шумо расидааст». Меҳтари мӯрон гуфт, ки лашкариёни шумо қасд надоранд, ки пой бар мӯрчагон афтанд, мабодо аз саҳв дар зери марокиб кушта шаванд. Боз Сулаймон (а) гуфт, ки туро бар раъияти худ чунин шафқате бошад. Гуфт: «Ҳароина ба ғами эшон ғамнок бошам ва ба шодии эшон шодам, то ғамхории эшон бар мо вочиб аст. Агар бар рӯи замин парад, ба маскан расонам.» Сулаймон (а) гуфт: «Чандон мӯр ҳама вақт дар зери ҳукми ту бошанд?» Гуфт: «Чиҳил ҳазор нақиб ва ҳар нақиброро чиҳил ҳазор сарҳанг аст». Гуфт: «Ё мӯр, чи подшоҳии ман беҳтар аст ё ту?» Гуфт: «Подшоҳии ман беҳтар аст, зеро ки бод ҳомили бисот аст ва бисот ҳомили тахт ва тахт ҳомили туст ва ту ҳомили ман». Сулаймон хандида гуфт: «Эй мӯр, ин дониши ту аз кучост?» Мӯр гуфт: «Илми Худо танҳо ба ту нарасидааст, моро низ насибе арзонӣ доштаанд. Агар иҷозат диҳӣ масъалае чанд бипурсам». Гуфт: «Бигӯ!» Гуфт: «Ё Сулаймон, аз Ҳақ таъоло хостӣ, к а қ а в л и ҳ и т а ъ о л о: **Рабби-ғфир лӣ-ва ҳаб лӣ мулкал-ло янбағӣ ли аҳадим-мин баъдӣ, иннака анта-л-ваҳҳоб**[а].

Яъне: ё Парвардигор, омурзиш кун маро ва бидеҳ барои мо мулк, на лоиқ бошад барои касе аз паси ман! Ҳароина ту биёр бахшишкунанда аз ин сухан будӣ, ҳасад меояд, пайғамбаронро ҳасад раво набувад, зеро агар Худо подшоҳии Дунё ба хар кӣ хоҳад, бидиҳад. Сулаймон (а) аз ин сухан хашм гирифт. Мӯрча гуфт, ки сухани рост талх бувад.

Боз гуфт: «Ё Сулаймон (а) ангуштаре, ки Худои таъоло ба ту арзонӣ карда, сирри он медонӣ?» Гуфт: «На». Гуфт: «Худои таъоло ба ту бознамояд, ки мулк аз Қоф то Қоф, ки ба ту додааст, қимати як сангпора дорад, то бидонӣ, ки дунё хеч кимат надорад». Боз гуфт: «Бодро, ки Худои таъоло дар фармони ту додааст, маънои он бидонӣ?» Гуфт: «На». Гуфт: «Ин ҳам Худои таъоло ба ту бознамояд, ки чун ту намонӣ, аз мулки Дунё ба дасти ту чуз бод намонад». Сулаймон (а) бигрист ва гуфт: «Рост мегӯӣ».

Мӯрча гуфт: «Ё Сулаймон (а), маънои номи худ медонӣ?». Гуфт: «На». Гуфт: «Маънои номи Сулаймон (а) он бошад, ки дил дар Дунё манеҳ, ки аҷал дар пай аст». Сулаймон (а) гуфт: «Ё мӯрча! Ту ҳакими бузургӣ, маро панде деҳ!». Гуфт: «Худои таъоло туро подшоҳӣ каромат кардааст, бояд ки бар раъият мушфиқтар бошӣ ва аз ҳоли эшон хабардор шуда, доли мазлумонро бидиҳӣ. Ман ба-д-ин заъифӣ, ки ҳастам, ҳар рӯз гирди раъияти хеш бигардам то ба касе агар ранҷу шикасте расида бошад, тадоруки он кунам»

[а] Қуръон: 38, 35.

Пас Сулаймон (а) дар тааҷҷуб бимонд, пас хост, ки аз он чо биравад. Мӯрча гуфт, ки меҳмони нахӯрда аз ин чо рафтан раво набошад, то он чи Худои таъоло рӯзии мо кардааст, имрӯз аз он меҳмонии ту кунам. Сулаймон (а) иҷозат дод. Мӯрча бирафт ва як пои малах ба хидмати Сулаймон овард. Сулаймон (а) бихандид ва гуфт: «Ё мӯрча, маро бо лашкар аз як пои малах меҳмонӣ чӣ тавр мекунӣ?» Гуфт: «Ё Сулаймон, пои малах андак мебинӣ, ба баракати Худои таъоло бубин!» Дар қисса чунин омадааст, ки он як пои малахро бипазонид, то чандон ки ҳама лашкар хӯрда сер шуданд, ҳанӯз боқӣ буд. Сулаймон (а) ин ҳол дида ба сачда афтод ва мегуфт: «Худовандо, азамату бузургӣ туро сазад, агар хоҳӣ камро бисёр гардонӣ ва бисёрро кам созӣ!»

ПАЙҒОМ ОВАРДАНИ ҲУДҲУД АЗ САБО — МУЛКИ МАЛИКА БАЛҚИС

Нақл аст, ки рӯзе Сулаймон (а) бар бисот нишаста буд ва чумла вузарову лашкари париёну девон ба хидматаш ва мурғони ҳар чинс болои сараш пар зада, ҳама лашкар ва Сулаймон (а)-ро соя карда, ҳозир буданд. Бодро фармуд, то бисотро бардорифт ва дар ҳаво бурд, он қадар ки тоби офтоб бар вай тофт. Сулаймон (а) боло бингарист, то чои Ҳудҳуд холӣ ёфт. Қакавлиҳи таъоло: **Ва тафаққада-т-тайра фақола мо лия ло ара-л-Ҳудҳуда ам кона мина-л-ғоибина лауъаззибаннаҳу ъазобан шадидан ав ла азбаҳаннаҳу ав ла яътиянни би султонин мубин**[а].

Яъне: тафаҳҳус карданд чонварони парандаро, пас гуфт: Чист моро, ки намебинем Ҳудҳудро, оё ҳаст аз ғоибин, ҳарина азоб хоҳам намуд ӯро азоби сахт, ё забҳ кунам ӯро, ё биёяд назди ман бо далели зоҳир.

Пас укобро фармуд, то Ҳудҳудро ҳозир кард. Гуфт: «Кучо рафта будӣ?» Ҳудҳуд гуфт: «Ба коре, ки рафта будам, хуччати он рӯшан дорам. Қакавлиҳи таъоло: **Фақола аҳатту бимо лам туҳит биҳи ва чиътука мин сабоин би набаъин якин.**[б]

Яъне: гуфт: иҳота кардам он чоеро, ки иҳота накардӣ ту ба он ва овардаам назди ту аз мулки Сабо хабари таҳқиқ. Гуфт: «Пештар ой ва бигӯй, то чи дидӣ». Ҳудҳуд гуфт: «Ё Расулаллоҳ, фалон вақт ки ту аз тахт фуруд омада будӣ, ман ба ҳаво паридам, ки ҳудҳуде аз дур намоён шуд, ки бар девори боғе нишаста, ба ҳукми чинсият назди ӯ рафтам. Чун чашм бар якдигар афтод, гуфт: Аз кучо меой? Гуфтам: Аз Шом ва аз пеши худованди хеш, ки Сулаймон *алайҳиссалом* аст, меоям. Гуфт: Сулаймон *алайҳиссалом* кист? Гуфтам: Подшоҳи чинну инс ва ву-

[а] Қуръон: 27, 21.

[б] Қуръон: 27, 22.

хушу туюр ва ҷамъи махлуқот аст. Он гаҳ ман аз ҳудҳуд пурсидам, ки ту аз куҷой? Гуфт: Аз ин шаҳрам. Гуфтам: Номи ин шаҳр чист? Гуфт: Ин шаҳрро Сабо хонанд. Гуфтам: Подшоҳ кист? Гуфт: Зане аст Балқис ном, ин мамлакат ҷумла аз они ӯст ва дувоздаҳ ҳазор сарҳанг дорад ва дувоздаҳ ҳазор савор дар зери фармони ҳар сарҳанг аст. Бо ман биё, то ба ту намоям. Гуфтам: Дер аст, ки аз ҳузури подшоҳ омадам, мабодо, ки ба об муҳтоҷ гардад ва маро наёбад ва азобу уқубат кунад.

Гуфта, ки Худои таъоло Ҳудҳудро ончунон ҳидоят дода буд, ки медонист, ки дар кадом замин об аст ва дар кадом замин нест, то бисоти Сулаймон (а) ҳар ҷо расидӣ, об аз Ҳудҳуд талаб кардандӣ, ҳар ҷо ки ӯ нишони об медодӣ, Сулаймон (а) ба девон фармудӣ, то он ҷо чоҳе канда, об баровардандӣ. Аз ин маъно гуфт: «Шояд, ки ба об муҳтоҷ шавад».

«Алҳосил он ҳудҳуд гуфт, ки агар ҳадиси Балқис бишнавад, шод гардад, биё то туро назди вай барам. Пас ҳамроҳи ӯ ба шаҳри Сабо рафта, Балқисро дидам, ки бар тахти азим аз зари сурх ва ёқуту забарҷад мурассаъ ва сӣ арш тӯлу арз ва чаҳор пояш яке аз ёқути сурх ва дигаре аз забрҷади сурх ва баъзе аз фирӯзаву баъзе аз лаъл аст, нишаста». Қавлиҳи таъоло: **Иннӣ ваҷатту имраатан тамликуҳум ва утиӣат мин кулли шаъив-ва лаҳо ъаршун ъазим**[а].

Яъне: таҳқиқ, ки ёфтам занеро, ки подшоҳӣ мекунад, эшонро дода шудааст аз ҳар чиз ва барои ӯ тахти азим аст, аммо дин надорад, офтобпараст аст ва шавҳар накарда. Сулаймон (а) гуфт: «Он чи ту гуфтӣ, донистам, валекин чи тавр донистӣ, ки дин надорад». Ва гуфт: қавлуҳу таъоло: **Ваҷаттуҳо ва қавмаҳо ясҷудуна ли-ш-шамси мин дуниллоҳи ва зайяна лаҳуму-ш-шайтону аъмолаҳум фасаддаҳум ъани-с-сабили фаҳум ло яҳтадун. Алло ясҷуду лиллохи-л-лазӣ юхриҷу-л-хабъа фӣ-с-самовоти ва-л-арзи ва яъламу мо тухфуна ва мо туълинун.**[б]

Яъне: ёфтам ӯро ва қавмашро сачда мекунанд офтобро сивои Худо ва зинат дода эшонро шайтон корҳои эшон. Пас банда кардааст эшонро аз роҳ, пас эшон роҳ намеёбанд, ки сачда кунанд Худойро, он Худо, ки берун орад чизҳои пӯшидаро дар осмонҳо ва замин ва медонад ҳар чи пӯшида кунед ва ҳар чи зоҳир кунед.

Боз гуфт: «Ё Расулаллоҳ, маро хилъате деҳ то фарзандонамро ёдгорӣ бошад». Сулаймон (а) гуфт: қавлуҳу таъоло: **Сананзуру а садақта ам кунтд мина-л-козибин.**[в]

Яъне: бингарам ва зоҳир гардад, ки ту рост мегӯӣ ё дурӯғ. Гуфт: «Иншоаллоҳ, ки пеши пайғамбари Худо дурӯғгӯ набо-

[а] Қуръон: 27, 23.
[б] Қуръон: 27, 24—25.
[в] Қуръон: 27, 27.

шам». Пас Сулаймон (а) тоҷ бар сарп вай ниҳод. Ҳудҳуд гуфт: «Беҳтар аз ин мехоҳам». Сулаймон (а) гуфт: «Кор ва қасос аз ту ва аз фарзандони ту гирифтам». Он гаҳ Сулаймон (а) гуфт; қавлуҳу таъоло: **Изҳаб бикитобӣ ҳаза фаалқиҳ илайҳим сумма тавалла ъанҳум фанзур мозо ярҷиъун.**[а]

Яъне; бибар китобати ман ва бипад аз он сӯӣ ӯ, пас бозой аз эшон, пас бубин, ки чи ҷавоб медиҳанд.

Пас давоту қалам хост ва бар коғаз навишта, номаро сар ба муҳр карда дод. Ӯ номаро дар минқор гирифта бипарид, то ба шаҳри Балқис рафт ва аз равзан фурӯ парида, номаро аз минқор бар синаи Балқис ниҳод. Чун бедор шуд, боз берун парид. Чун Балқис орандан нома мурғ дид ва номаро сар ба муҳр бар синаи хеш ёфт, бонг баровард. Қақавлиҳи таъоло: **Қолат ё айюҳа-л-малаъу инни улқия илайя китобун карим.**[б]

Яъне: ё сардорон, ба таҳқиқ, ки афганда шуд сӯи ман китоби бузург.

Пас номаро хонда, номи нависандаи нома ва мазмунаш боз гуфт: қавлуҳу таъоло: **Иннаҳу мин Сулаймона ва иннаҳу бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Алло таълу ъалайя ва-ътунӣ муслимин**[в].

Яъне: ин аст аз тарафи Сулаймон (а) ва ҳаронна ӯ бо номи Худои бахшишкунанда ва меҳрубон аст, он ки саркашӣ мекунед бар ман ва биёед назди мо мусулмон шуда.

Чун Балқис нома ба лафз таъзим карда, карим хонд, Худои таъоло ба сабаби он таъзим ӯро давлати ислом рӯзӣ кард ва чуфти пайғамбар гардонид, баъд аз он гуфт: **«Ё айюҳа-л-малаъу афтунӣ фӣ амрӣ мо кунту қотиъатан амран ҳатто ташҳадуни.**[г]

Яъне: эй ашроф, қавми маро ҷавоб дихед, дар коре ман файсал намекунам кореро, то шумо ҳозир шавед пеши ман.

Ҷавоб доданд: қавлуҳу таъоло: **Қолу наҳну улу қувватин ва улу баъсин шадидив-ва-л-амру илайки фа-нзурӣ мозо таъмурин.**[д]

Яъне: мо соҳиби қувватем ва соҳиби ҷанги сахтем ва ҳукм аст ба сӯи ту, пас бубин, ки чи ҳукм кунӣ.

Балқис гуфт: «Сулаймон (а) маро ба ислом мехонад ва мегӯяд, ки аз офтобпарастӣ безор шав, агар ман фармони ӯ набарам, бинёяд дар вилояти ман ва хароб кунад.» Қақавлиҳи таъоло: **Қолат инна-л-мулука изо дахалу қарятан афсадуҳо ва ҷаъалу аъиззата аҳлиҳо азиллатав-ва казолика яфъалун.**[е]

Яъне: ҳар гоҳ ки подшоҳон дохил шаванд ба касе, мулк ха-

[а] Қуръон: 27, 28.
[б] Қуръон: 27, 29.
[в] Қуръон: 27, 30—31.
[г] Қуръон: 27, 32.
[д] Қуръон: 27, 33.
[е] Қуръон: 27, 34.

роб кунанд онро ва залил мекунанд аъёни он мулкро ва хамчунин хоханд кард. Қавлуҳу таъоло: **Ва инни мурсилатун илайҳим биҳадийятин фа нозиратун бима ярҷиъу-л-мурсалун**[а].

Яъне: ҳаронна ман прсолкунандаам сӯи эшон тухфа, пас бубинем ба чи чиз бозоянд фиристодагон. Вазирон гуфтанд: «Чунон ки фармоӣ, айни маслахат аст». Он гоҳ расулонро бо ҳадсё ва таҳоиф ба хидмати Сулаймон (а) фиристоданд.

Бод Сулаймон (а)-ро хабар кард, ки Балқис расулонро бо туҳфаҳои хишти симин ва ҳафт хишти зарин ва ҳафт пардаи зарбафт фиристодааст. Сулаймон (а) бар тахт нишаста буд ва ҳазор вазир бар курсиҳои зарин нишаста буданд. Ва чинну шаётин ва париён гирдогирд бар по истода ва мурғон болои сар пар зада. Фармуд, то аз девори майдон, ки як хишт аз зару як хишт аз сим буд, ҳафт хишти зарин ва ҳафт хишти симин барканданд ва хафт пардаи зарбафт аз дарҳо фурӯ гирифтанд.

Чун расулони Балқис ба майдон расиданд ва он ҳашамату азамат ва мамлакат бидиданд, беҳуш гаштанд ва дармонданд, ки ин хиштҳо ба хидмати Сулаймон чи гуна гузаронем, ки девори майдон ҳама заринхиштҳо аст, ин чаҳордаҳ пеши ӯ чи қадр дорад. Чун ба-д-он мавзеъ, ки аз девор чаҳордаҳ хишт ва пардаҳои зарбафт баргирифта буданд, расиданд, донистанд, ки барои дузд гирифтан моёнро ҳила ангехта бошанд. Ба ҳар ҳол назар гардонида, шарти бандагӣ ба чо оварда, шукру сано гуфтанд. Пас Сулаймон алайҳиссалом гуфт: қавлуҳу таъоло; **Атумиддунани би молин фамо отониллоҳу хайрун миммо отекум, бал антум би ҳадийятикум тафраҳун.**[б]

Яъне: чи мадад диҳед моро ба мол, пас ҳар чи додааст мар Худои таъоло беҳтар аз он аст, ки додааст ба шумо, балки шумо ба моли худ хушнуд мешавед.

Пас фармуд: қавлуҳу таъоло: **Ирҷиъ илайҳим фа ла наътияннаҳум би ҷунудил-ло-қибала лаҳум биҳо ва ла нухриҷаннаҳум минҳо азиллатан ва ҳум соғирун.**[в]

Яъне: боз равед ба сӯи эшон, албатта меоем бар эшон бо лашкарн гарон. Муқобала накарда шавад бо он лашкар ва албатта берун кунем эшонро аз он шаҳр ва эшон залилу расво шаванд.

Пас расулон муроҷаъат карда пеши Балқис расида, сифати азамату шавкати Сулаймон *алайҳиссалом* гуфта, пайғом бигзориданд. Балқис гуфт: «Моро аз вай муъҷиза талаб бояд кард, то бар пайғамбарии худ далел орад». Пас ғуломе чанд мардона ба сурати канизакон биёроста ва канизаке чанд ба сурати ғуломон ҷомаҳои мардона пӯшонида ва пораи ёкути посуфта

[а] Қуръон: 27, 35.
[б] Қуръон: 27, 36.
[в] Қуръон: 27, 37.

ва модиёни бокира ва шишаи тихӣ бар расулон дод ва гуфт: «Инҳо ба хидмати Сулаймон (а) баред то фарқ кунад миёни канизакон ва ғуломон ва ёқути носуфтаро бе алмос ва оҳан сурох кунанд ва модиёнро аз кура чудо созад ва шиша пуроб кунад, аммо он об на аз осмон бошад ва на аз замин».

Пас расулон ба он пайғом ба хидмати Сулаймон (а) омаданд ва пайғомҳо як ба як арз карданд. Фармуд, то таште биёранд ва дасти ғуломону канизакон бишӯёнанд. Пас ҳар кӣ ғуломон буданд, ангуштҳои дастро ба шустан фаро пеш карданд ва канизакон кафи даст ба шустан дар пеш доштанд. Сулаймон (а) донист, касоне, ки ангуштҳо пеш карданд, гуломонанд ва онон, ки кафҳо пеш карданд, канизаконанд. Он гаҳ ёқутро ба хидмат бурданд. Қирмеро фармуд, то дар он ёқут сӯрох кард. Пас фармуд то модиён ва кураро паси пеш бастанд, алаф пеши онҳо ниҳоданд, модиён ба алаф сар пеш аз кура карданд. Сулаймон (а) гуфт: «Ин ки аввал сар пеш карданд модиёнанд ва дигарон кура». Пас фармуданд аспонро битохтанд ва аз араки аспон шишаҳо пур карданд.

Алҳосил, Сулаймон (а) ҳалли ишколҳои Балқис карда, расулонро хилъат дода, рухсат фармуд. Ва чун расулон пеши Балқис рафта, аҳвол бозгуфтанд, Балқис гуфт: «Савоб он аст, ки ман худ пеши Сулаймон (а) биравам». Пас сохтагии сафар тамом карда ҳафсад канизак бо лашкари азим номзад сохт, ки бо худ барад ва тахту матоъи худро дар кӯшке ниҳод, ҳафт дараш баста ба муътамадон супурд ва гуфт: «Зинҳор ки мухофизати ин матоъ ва тахт накӯ хоҳед кард, ки мадори мулки ман бар он аст». Пас рӯй ба хидмати Сулаймон (а) ниҳод Бод Сулаймон (а)-ро аз омадани Балқис хабар дод. Чун девон бо Сулаймон (а) гуфта буданд, ки Балқис мӯҳое бар соқ дорад ва ақли комил надорад, аз баҳри он ки модари ӯ аз ҷинну парнён буд, битарсиданд, ки назди Сулаймон *алайҳиссалом* дурӯғ ёшон ба фурӯғе наанчомад.

Алқисса, Сулаймон *алайҳиссалом* хост, то бидонад, ки ӯ бар пойи худ мӯй дорад ё на ва ақл комил аст ё на. Лиҳаза бифармуд, то ҳавзе ба раҳгузари кӯшк сохтанд ва ҷисре аз обгина бар он ҳавз бастанд ва моҳиву мурғи обӣ ба ҳикмат дар он ҷо гузоштанд. Чунон ки ҷиср зоҳир набошад ва ҳама об намояд, зеро ки чун Балқис дар он ҳавз расад, ба зарурат пойи барах на аз ҳавз бигзарад, то ҳақиқати мӯйҳои вай дониста шавад

Пас фармуд, ки қавлуҳу таъоло: **Ё айюҳа-л-малаъу аййукум яътинӣ би ъаршиҳо қабла ан яътунӣ муслимин.**[a]

Яъне: аз шумо кист, ки тахти Балқисро кабл аз он ки ӯ мусулмон шуда, пеши ман расад, биёрад. Деве ҳозир буд, арз на-

[a] Қуръон: 27, 38.

муд, ки кавлуҳу таъоло; **Қола ъифритум-мина-л-ҷинни ано отика биҳи қабла ан тақума мим-мақомика ва инни ъалайҳи ла қавиййун амин**[а].

Яъне: гуфт деве аз ҷинниён: Биёрам назди ту онро пеш аз он ки истода шавӣ аз ҷои худ ва ҳароина ман бар он зӯровару бо амонатам. Гуфт: «Аз ин зудтар хоҳам». Осаф бигуфт: «Чунон биёрам, ки чашм бар ҳам ниҳӣ ва боз кунӣ, балки аз ин ҳам зудтар орам, ки кавлуҳутаъоло: **Қола-л-лазӣ ъиндаҳу ъилмум-мина-л-китоби, ано отика биҳи қабла ан яртадда илайка тарфука**[б].

Яъне: гуфт касе, ки наздики ӯ буд илм аз китоб: Ман меорам ӯро назди ту пеш аз он ки бозояд сӯи ту нигоҳи ту. Ӯ Исми Аъзам медонист, ҳӯзат ёфта дар чашм задан тахти Балқис биёвард.

Пас Сулаймон *алайҳиссалом* фармуд, ки бадал кунед баъзе ҷавоҳиротро, то бубинем, ки шиносад ё на, ки кавлуҳу таъоло: **Қола наккиру лаҳо ъаршаҳо нанзур атаҳтадӣ ам такуну мина-л-лазина ло яҳтадун**[в].

Яъне, гуфт: бадал кунед барои ӯ тахтро, ки бубинем оё роҳ ёбад ё бишавад аз онон, ки роҳ намеёбанд.. Корпардозон ҳамчунон карданд.

Алқисса, чун Балқис ба канораи ҳавз расид, обгина дар назараш биёмад, пиндошт, ки ҳама об аст, по бараҳна кард. Сулаймон *алайҳиссалом* нигарист некӯтар ва хубтар дид, донист, ки девон дурӯғ гуфта буданд. Чун ӯ наздики кӯшк омад, гуфт: кавлуҳу таъоло: **Фаламмо ҷоат қила а ҳоказо ъаршук**[г].

Яъне; ҳар гоҳ, ки омад, гуфта шуд: Оё ин тахт азони туст? Агар чи ҷавоҳири тахти Балқис мубаддал гардонида буданд, гуфт, кавлуҳу таъоло: **Қаannаҳу ҳува.**[д]

Яъне: гӯё ки ҳамон аст.

Сулаймон *алайҳиссаломро* маълум шуд, ки ӯ оқила аст. Пас бар тахти худ рафта маълум кард, ки ҳамон тахт аст. Мутаҳаййир гашт, гуфт: кавлуҳу таъоло; **Рабби инни заламту нафсӣ ва асламту маъа Сулаймона лиллоҳи рабби-л-ъоламин**[е].

Яъне: ё раб, бештар бар чисми худ зулм кардам, имон овардам бо Сулаймон *алайҳиссалом* барои Худои оламиён. Пас Сулаймон *алайҳиссалом* Балқисро ба акди никоҳи худ оварда, бар сесад зан ва ҳафтсад ҳарам меҳтар гардонид ва кӯшке азим ба чиҳати вай тайёр сохт.

Рӯзе гуфт: «Ё расулаллоҳ, чун бар бисот менишинӣ ва бодро мефармоӣ, то гирди олам мегардонад, маро низ бо худ би-

---

[а] Қуръон: 27, 39.
[б] Қуръон: 27, 40.
[в] Қуръон: 27, 41.
[г] Қуръон: 27, 42.
[д] Қуръон: 27, 42.
[е] Қуръон: 27, 44.

бар ва ба фалон ҷазира, ки дар он ҷо аҷоибҳост, нишон медиҳанд ва то бубинам, ки чун аст». Пайғамбари Худо бодро фармуд, то бисотро баргирифт ва ба-д-он ҷазира, ки дар миёни ҳафт дарё буд, расид. Балқис мақоми хушу хӯрам аз сабзаву оби равон ёфт ва аспонро дид, ки парҳо доранд, чун аспон бисотро диданд, ба дарё парвоз карданд. Сулаймон *алайҳиссалом* ба девон гуфт, ки аспонро бигиред. Девон гуфтанд, ки ё расулаллоҳ, мо наметавонем гирифт, магар Самдун ном девест, ки аз ту осӣ шуда, ба қаъри дарё сукунат медорад. Агар пеши ӯ бигӯем, ки Сулаймон (а) бимурд, то аз мо нагурезад ва пеши мо ояд, то ӯро гирифта биёрем, яқин, ки ба дасти ӯ аспон гирифтор оянд. Фармуд, ки раво бошад.

Пас девон гирди олам ва ба дарё давида нидо карданд, ки Сулаймон (а) бимурд. Самдун шунида аз қаъри дарё ба хушхолӣ берун омад ва девон пеши ӯ ҷамъ шуда гуфтанд, ки акнун аз азоби Сулаймон *алайҳиссалом* рустем. Бояд ки дар он ҷо рафта мулки Сулаймон (а) бигирем, то Самдун густох шуда назди эшон омад. Дар соъат каманд андохта дасту пояш бастанд ва пеши Сулаймон (а) оварданд.

Сулаймон *алайҳиссалом* ба назари ғазаб ва ҳайбат бар рӯи Самдун нигоҳ кард, Самдун биларзид ва гуфт: «Ё Расул маро амон дех, минбаъд мутеъи ту шуда, ҳар чи фармоӣ бикунам». Сулаймон (а) гуфт: «Агар аз азоби мо халос мехоҳӣ фалон аспонро ба ҷиҳати ман гирифта биёр». Гуфт: «Ё Расулаллоҳ бехилат ба дасти ман нахоҳанд омад». Гуфт: «Чӣ ҳила мекунӣ?» Гуфт: «Аспон ба фалон чашма об мехӯранд, девонро ҳамроҳи ман бифирист, то оби он чашма бигардонида, ба ҷои об дар он чашма хамр андозанд, ки аспон хамр ба ҷои об хӯрда маст шаванд, то аз каманд гирифта ба хидмати ту биёрам».

Пас Самдунро раҳо карда бо девон фиристод, то чиҳил аспро ба ҳамон тариқ гирифта овард. Вақти намози пешин буд, Сулаймон (а) латофат ва хубии аспон медид, ҳатто ки вақти намоз фавт шудан гирифт. Дар ҳол Ҷабраил (а) ба итоб омад, ки ё Сулаймон (а) ба Дунё чунон машғул шудӣ, ки намоз аз ту фавт шавад. Сулаймон (а) дар саҷда афтода бигрист ва истиғфор карду гуфт: қавлуҳу таъоло: **Иннӣ аҳбабту ҳуббa-л-хайри ъан зикри раббӣ ҳатто таворат бил-ҳиҷоб**[а].

Яъне ҳароина ман дӯст медоштам муҳаббати молро аз ёди парвардигори худ, ҳатто, ки нуҳуфта шуд офтоб дар ҳиҷоб.

Гуфтаанд: Худои таъоло фариштагонро фармуд, то замоне офтоб баргардониданд ва Сулаймон *алайҳиссалом* намози пешинро бар вақт гузаронид.

Чунин овардаанд, ки Сулаймон (а) парҳои аспонро биканд

[а] Қуръон: 38, 32.

ва бар замин раҳо кард ва парҳои аспон бори дигар берун наёмада. Гӯянд, ки аспони тозӣ аз насли онҳоанд. Ва баъзе бар онанд, ки модиёнро ба чарогохи аспон сар дода буданд. Пас аспон омада ба модиён ҷуфт шуданд. Пас модиёни мазкур аз он насли аспон бачагон зоиданд. Он бачагонро тайёр карда ба ҳузури Сулаймон (а) оварда буданд.

РАФТАНИ СУЛАЙМОН АЛАЙҲИССАЛОМ БА ШАҲРИ САЙДУН БА АЗМИ ҶИҲОД ВА КУШТА ШУДАНИ ПОДШОҲИ ОН ҶО

Чун аз он фориғ шуд Самдунро пурсид, ки дигар аҷоибҳо чӣ дидай? Гуфт: «Вақте ба дарёи Мағриб ба ҷазира расидам ва дар он ҷазира шаҳре азим дидам, бораи ҳисораш аз санги хора тартиб карда, сад газ боло оварда дувоздаҳ бурҷ андар он бора сохтаанд ва ба ҳар бурҷе табле ва аламе ниҳода, дар миёни ҳисор майдоне сохта, дар он майдон кӯшке аз санги мармар бароварда ва дар миёни кӯшк манораи баланд бино карда, ду шери сангӣ дар он ҷо баста ва уқобе бузуг аз зар оростаанд ва ба мисли одамӣ ва ғайра суратҳо сохта. Чун дар кӯшк шудам, чаҳор ҳазор ҳуҷра дидам, ки канизакони боҷамол нишаста ва бар сафҳаи кӯшк парии моҳлико бар тахти азим бо духтари соҳибҷамол ва хубсурат нишастааст. Баъд аз соъате он духтар бархост ва он чаҳор ҳазор канизак ба хидматаш аз сарои хеш берун омаданд.

Пеши канизаке рафта пурсидам, ки ин шаҳр чӣ ном дорад ва ин парӣ ва ин духтар кист ва он таблҳову аламҳову манора ва шерону уқобҳо аз баҳри чӣ сохтаанд?» Канизак гуфт: «Ту аз кадом ҷаҳонӣ?» Ман гуфтам: «Аз олами дигарам». Гуфт; «Мо медонем, ки ҷаҳон ҳамин аст». Гуфтам, ки аз ин шаҳр ва тилисм маро хабар деҳ». Гуфт: «Ин шаҳрро Сайдун хонанд ва ин парӣ, ки ту мебинӣ, хотуни подшоҳи мост ва ин духтар аз насли ӯст ва ин тилисмҳо аз баҳри он сохтаанд, ки чун душманро бубинанд, дар бонг оянд. Пас подшоҳ бидонад, ки душман расид, то ба дафъи ӯ машғул шавад. Ва ин уқоб доъии мост, чун вақти ибодат мерасад, дар бонг меояд, то ҳама ҷамъ шуда, парастиши подшоҳ мекунем, *ъиёзан биллоҳи мин золик*. Ва ду шер ҳукми инсоф доранд. Чун дар ду кас хусумат афтад, пеши шерон раванд, ҳар ки ба ноҳақ бошад, ӯро бидаранд, аз ин маъно ҳеҷ кас дурӯғ ва бехисоб намекунад».

Самдун ин ҳикоят бигуфт. Сулаймон (а) фармуд, ки дар он ҷо рафта ба онҳо ҷиҳод кардан зарур аст. Пас бифармуд, то он чи аз лашкари одамӣ ва деву парӣ буд, бар бисот ҷамъ гаштанд. Бодро фармуд, то бисотро дар он ҷо барад. Чун бисот аз дур зоҳир гашт, таблҳо ва уқобу ғайра бонг карданд. Мардум

донистанд, ки душман расид. Ҳама силоҳ пӯшида, аз шахр берун омада диданд, ки бисоте аз ҳаво меояд, бо якдигар гуфтанд, ки подшоҳонро ҳаргиз надидаем, ки ба ҷуз аз замин ба ҳаво меоянд. Ин тааҷҷуб аст, зоҳиран подшоҳи азим хоҳад буд, пас ба харб омаданд.

Сулаймон *алайҳиссалом* девонро фармуд, ки аввал шумо ҷанг кунед. Девон ҳарб карданд, мардуми ҷазира бар девон ғалаба оварданд, баъд аз он париёнро фармуд. Эшон низ мағлуб шуданд, минбаъд одамиёнро фармуд, то одамиён ва париёну девон бар мардуми ҷазира ғолиб омаданд. Пас подшоҳи ҷазира худ баромада, қасди Сулаймон *алайҳиссалом* кард. Номи подшоҳи палид Анкуд буд. Чун ба мукобили пайғамбар омад, бодро фармуд, то мушти хок бар рӯи Анкуди палид андохт. Ногоҳ шере даромада Анкудро аз тани нопокаш бардошт ва бокӣ кофиронро Сулаймон *алайҳиссалом* баргирифтанд ва кушта ба дарё афганданд ва духтари Анкудро, ки соҳибҷамол буд, бо канизакон тамом бар бисот оварда, тамоми шахрро хароб карданд.

ЗИКРИ МУБТАЛО ШУДАНИ СУЛАЙМОН АЛАЙҲИССАЛОМ ДАР МИҲНАТУ РАНҶ БА САБАБИ БАЪЗЕ ТАҚСИР, КИ САҲВАН АЗ Ӯ БА ВУҚӮЪ ОМАДА

Чун малик муроҷаъат намуд, дар асноӣ роҳ Сулаймон *алайҳиссалом* ба духтар гуфт: «Имон ор!» Духтар гуфт: «Бад-он шарт мусулмон шавам, то маро аз дидори падарам боз надорӣ». Сулаймон *алайҳиссалом* фармуд, ки падаратро ба ҷаҳонамобод восил кардаанд, ҷи сон дидораш бубинӣ. Пас сари он палид пеши духтар оварданд. Чун сари бурида бидид, беҳуш гашт ва аз бехушӣ бозомада нолаву зорӣ мекард. Сулаймон *алайҳиссалом* чандон молу неъмат ба ӯ дод, ки васфаш натвон кард ва ҳар чанд дилдорӣ намуд, фоида надод. Охираш то ба мурури айём мусулмон шуд. Сулаймон *алайҳиссалом* ӯро низ дар никоҳ оварда дӯст медошт.

Рӯзе Иблиси лаъни ба сурати одамӣ пеши духтар рафт ва гуфт: «Ё духтар, чаро чизе насозӣ, ки аз мушоҳидаи падарат хуш гардонад ва равони падарат ҳам аз ту хушҳол шавад». Гуфт: «Чӣ созам?» Гуфт: «Сурати падарат бисоз, он суратро бипараст, чунон ки дар зиндагӣ мепарастидӣ. Ва ин розро аз Сулаймон пинҳон дор». Пас духтар ҳамон кард, то чиҳил рӯз баромад.

Ба қавле дигар омадааст: Чун Сулаймон (а) ба духтар гуфт, ки имон ор, гуфт: «Он гаҳ имон оварда зани ту шавам, ки ичозат диҳӣ сурате шакли падари хеш сохта, мӯниси ҷон карда ғами маҳҷурии падар аз он сурат дафъ созам». Чун дар

он замон сурат сохтан ҳаром набуда, Сулаймон (а) бағоят шефтаи рӯи ӯ буд, иҷозат дод. Пас он зан сурати падари хеш сохта ва пӯшида мепарастид. Аз ин маъно Сулаймон (а) ба бало мубтало гашт ва аз тахту мамлакат муддате дур шуд.

Ва низ гуфтаанд, ки сабаби ибтилои Сулаймон *алайҳиссалом* он буд, ки зан гуфт: «Рӯзи ид аст, қурбонӣ бояд кард ва малах мубоҳ аст, ба ман деҳ то қурбонӣ кунам». Сулаймон *алайҳиссалом* гуфт: «Малахро чӣ қадр бувад, шутуре қурбон кун!» Гуфт: «Албатта малахро қурбон кунам». Ғарази он дошт, ки вақте ки Сулаймон *алайҳиссалом* бо падари лаъини ӯ ҷанг мекард, малахон андар ҳаво меомаданд ва чашмҳои эшон бармеканданд ва духтар хост, ки мукофоти он рӯз кунад. Сулаймон *алайҳиссалом* иҷозат дод. Малахро бикушт.

Ва яке он ки зан пинҳонӣ бутпарастӣ мекард ва дигар малахе мазлумро ноҳақ кушт. Аз ин ду сабаб Сулаймон *алайҳиссалом* дар бало мубтало гашт, зеро ки ҳар зане, ки кори баде аз шавҳари худ пинҳоп бикунад, албатта шавҳараш ба шумии он аз хонумон дур шуда, ба фақр расад. Қавлуҳу таъоло: **Ва лақад фатанно Сулаймона ва алқайно ъало курсийиҳи ҷасадан, сумма аноба**[a].

Яъне: таҳқиқ, ки озмудем Сулаймон (а)-ро ва андохтем аз болои курсӣ, ӯ пас руҷӯъ кард ба ҳақ.

Алқисса, чун ҳазрати Сулаймон (а) дар истиҷо мерафт ангуштариро ба яке аз маҳрам супурдӣ, зеро ки Исми Аъзам бар он навишта буданд. Рӯзе ангуштариро ба Ямина, ки яке аз ходима буд, супурд. Ва Худои таъоло Истархи девро сурати Сулаймон (а) дод ва он дев ангуштариро аз Ямина гирифта дар ангушт карда, бар тахти Сулаймон *алайҳиссалом* нишаст, одамиву парӣ ва дев донистанд, ки Сулаймон *алайҳиссалом* аст. Хама ҷамъ шуданд ва туюр бар болои сараш пар зада бинстоданд. Пас Сулаймон *алайҳиссалом* аз таҳоратхона берун омада ба Ямина талаби ангуштарӣ кард. Гуфт, ки Сулаймон *алайҳиссалом* бурд. Чандон ки гуфт Сулаймон (а) манам, фонда накард. Пас наздики тахт рафта девро дид, ки бар тахт нишаста ва ангуштарӣ ба даст кардааст. Ва одамиёну париён ва девону ҷонварон ҳама мутеъи ӯ гаштаанд. Харчанд гуфт, ки Сулаймон ибни Довуд манам, берун карданд, ки ин девона аст.

Ва гуфтаанд, ки ибтилои Сулаймон (а)-ро сабабе дигар он аст, ки ҳазор зану ҳарам буданд. Рӯзе гуфт, ки имшаб пеши хазор зан биравам ва хазор писар як маротиба дар вуҷуд орам, то корҳои ҷиход ба хубӣ инсиром хохад ёфт ва нагуфт: «Иншоаллоҳ». Пас он шаб бо хазор зан нахуспид, ҳеҷ фарзанде дар вуҷуд наёмад, илло ним писаре аз батни як зан мутаваллид

[a] Қуръон: 38, 34.

шуд. Сулаймон *алайҳиссалом* бар нагуфтани «Иншоаллоҳ» нодим гашт.

Алҳосил, чун девону одамиён ва ғайра Сулаймон (а)-ро тамкин накарданд ва аз пеши тахт бironданд, аз шаҳр берун омада, дар Байтулмуқаддас рафт ва сари муборак ба сачда ниҳод, то се рӯз мегирист ва таъоме наёфт, пас бетоқат шуд ва аз масчид берун омад ва аз шахсе нон бихост.Ӯ илтифоте накард, боз дар шаҳр гашт, ки касе ба муздурӣ гирад. Аммо ҳеч кас коре нафармуд, то аз гуруснагӣ бетоқат шуда, бар дарё расид. Сайёдонро дид, ки моҳӣ мегиранд. Гуфт: «Маро ба муздурӣ гиред, то кор мекарда бошам». Сайёдон рӯзиёна ба ду моҳӣ ба муздурӣ гирифтанд. Тамоми рӯз то шаб гурусна кори эшон кард, ба вакти шаб ду моҳӣ ёфт. Як моҳиро фурӯхта, қурси чавин харид ва якеро бирён карда, ҳамроҳи нони чавин бихӯрд, то чихил шабонарӯз ҳамин тавр қут ҳосил намуд ва бо дарвешон мехӯрд ва хама шаб намоз мекардӣ ва тавбаву истиғфор менамудӣ ва дар он рӯзҳо, ки Истархи дев бар тахт нишаста, подшохӣ мекард, агарчи баъзе аз девон ин хол бидонистанд, аммо чизе нагуфтанд.

Осаф марди бузург буд, аз он рӯз мутараддиди аҳвол шуда медонист, ки ин Сулаймон *алайҳиссалом* нест, то пеши занони Сулаймон *алайҳиссалом* рафт ва гуфт: «Дар ин рӯзҳо Сулаймон *алайҳиссалом* пеши шумо омадааст?» Ямина гуфт: «Ё Осаф, магар Сулаймон (а) ба навъе дигар шуда бошад, ки дар ин чихил рӯз ангуштарӣ ба ман насупурда». Осаф гуфт: «Сабр кунед, ки ман ҳилате бисозам». Дарҳол берун рафт ва чиҳил марди тавротхонро пеши тахт бурд ва ҳар якеро чузви Таврот дод, то хама чузвҳо боз карда ба хондан машғул шуданд. Истархи дев токати шунидани каломи Худо наёварда аз тахт парида ба канорон кӯшк нишаст ва аз он чо ба дарё парида, ангуштариро дар қаъри дарё андохт ва бигрехт..

Алкисса, чун Сулаймон *алайҳиссалом* ба шогирдии сайёдон машғул буд, рӯзе монда шуда ба канораи дарё хуфта буд, море аз дарё берун омада шохе сабз аз дарахт ба даҳон гирифта, Сулаймон (а)-ро бод мекард. Ва духтари соҳибчамол ба канораи дарё ҳар рӯз падарро таъом меовардӣ. Он рӯз Сулаймон (а)-ро дид, хуфта ва море бод мекунад. Пас пеши падар рафта аҳвол боз намудӣ ва гуфт: «Маро ба занӣ ӯ деҳ!». Сайёд гуфт, ки ӯ шогирди мост, чи лоиқ бошад, ки шавҳари ту гардад. Духтар мегуфт, ки чуз вай шавҳаре дигар намехоҳам.

Пас падари он духтар пеши Сулаймон *алайҳиссалом* омада хуфта дид ва Сулаймон (а) аз овози пои ӯ бедор шуд. Сайёд гуфт, ки духтарро ба зании ту медиҳам. Гуфт: «Ман шогирди сайёдонам, маро маҳр набувад, ки ба духтари ту бидиҳам».

Гуфт: «Духтари ман аз ту маҳр намехоҳад». Боз гуфт: «Ту намедонӣ, ки рӯзиёнаи ман аз ду моҳӣ беш нест, духтаратро чи тавр бидорам?». Сайёд гуфт: «Нафақаи ӯ ба зиммаи ман аст». Пас Сулаймон (а) қабул карда, ба рафоқати ӯ ба хона рафта духтарашро ба никоҳи худ оварда, ба тавбаву истиғфор киём кард.

Алҳосил, чун Истарх ангуштарӣ ба дарё афганд, дар соъат моҳӣ фурӯ бурд ва моҳиён ҷамъ шуда мутеъ ва мункоди ӯ шуданд. Дигар рӯз сайёдон бо Сулаймон (а) ба гирифтани моҳӣ рафтанд. Охир он моҳӣ, ки ангуштарӣ фурӯ бурда буд, дар дом афтод. Сайёдон он моҳиро бо ду моҳии дигар ба Сулаймон (а) доданд, то ҳар серо ба хонаи худ бурда, ду моҳиро бифурӯхт ва як моҳиро ба духтари сайёд дод, ки бирён кун. Чун духтар моҳиро бурид, ангуштарӣ аз шикам берун омада, хона мунаввар гашт. Духтари сайёд бонг зада беҳуш шуд. Сулаймон *алайҳиссалом* он ҳол дида, ангуштариро баргирифт ва дар ангушти худ карда, дарҳол мурғон аз ҳаво омада болои сараш биистоданд. Ва париёну одамиён ҳозир омаданд ва бод бисотро биёварда ва Сулаймон (а) ба духтари сайёд гуфт: «Бидон, ки ман Сулаймон ибни Довудам». Ва аҳволи хеш ба шарҳу баст боз гуфт.

Ва одамиву деву парӣ ҷамъ шуда, рӯй бар кадами муборак молида таҳният мекарданд ва ҳадияҳо оварданд. Сулаймон *алайҳиссалом* духтари Анкуди лаъиниро пора-пора кард ва он чаҳор ҳазор канизакашро низ куштанд ва бисӯхтанд ва китобҳои ҷоду, ки рӯзи ҳазимати Анкуд Истархи дев оварда буд, ба сабаби он ҷоду Сулаймон *алайҳиссаломро* бихонида, ангуштарӣ ба даст оварда, муддате мамлакат ронд, онҳоро пора-пора карданд.

Баъзе мегӯянд, ки аз он порае дар Ҳиндустон монда. Чунончи ҳиндустониён ба-д-он ҷоду мекунанд. Сулаймон *алайҳиссалом* фармуд, ки Истархро биёред. Чун ба каъри дарё рафта буд, девон илтимос карданд, ки ӯ гурехтааст, бе ҳила натавонем гирифт. Агар иҷозат фармоӣ сухани дурӯғ гуфта, ӯро аз каъри дарё берун кунем, пас аз он ӯро гирифта хидмати ту биёрем. Сулаймон (а) иҷозат дод. Девон рафта фарёд баровардаанд, ки Сулаймон вафот ёфт. Истарх бо истимоъи ин хабар аз каър берун омада пеш нишаст ва шод шуд. Девон ӯро гирифта ба ҳузур оварданд ва чихил рӯз азоб карданд, баъд аз он дар миён доштанд, чунон ки Истарх дар миёни он сангҳо то акнун дар банд аст ва то рӯзи киёмат хоҳад буд.

Пас Сулаймон *алайҳиссалом* чанд соли дигар бар тахти шоҳӣ нишаст ва Байтулмуқаддасро, ки Довуд *алайҳиссалом* сохта буд, хост, ки онро бузург созад. Лиҳаза девонро фармуд,

пас ба мӯҷиби ишорат деворҳо аз санги рухом баровардand ва сутунҳои канораи кунгура чихил газ боло аз санги мармар бинҳоданд ва дарҳо аз обнус сохтанд. Як бобро номи Довуд *алайҳиссалом* ва якеро боби Тубо ва якеро боби Раҳмат ва якеро боби Набиюлорабӣ *алайҳиссалот ва-с-салом* ниҳоданд. Ва сақфашро аз чӯб соз карданд ва деворҳо зари гудохта бубандиданд ва дар миёни масҷид кандилҳо аз зару сим сохта, аз сақф даровехтанд ва дар миёни ҳар кандил гавҳари шабфурӯз бинҳоданд, то дар шабӣ муҳточи чароғ набошад ва гӯгирди сурхро ба мавқеи тачамбирҳо дарпайвастанд, то ба як фарсанг шуъоъи вай мерафт. Ва гӯгирди сурхро кимиё хонанд, Худои таъоло ба Сулаймон *алайҳиссалом* дода буд.

Рӯзе Сулаймон *алайҳиссалом* дар гунбаде, ки аз обгина сохта буданд бар асо такя карда истода буд, ногоҳ Малакулмавт хозир гашт. Сулаймон *алайҳиссалом* ӯро диду гуфт: «Ё Азроил, ба зиёрат омадаӣ ё ба қабзи рӯҳ?» Гуфт: «Барои қабзи ҷон». Гуфт: «Чандон мӯҳлатам деҳ, ки шарбати об бихӯрам». Гуфт: «Фармон нест». Ҳамчунон ки бар асо такя зада буд, ҷони муборакаш қабз кард. Ҳамчунон такя зада, то як сол бечон истода буд ва ба қавле ду моҳ. Ҳеч кас напиндошт, ки Сулаймон *алайҳиссалом* мурдааст. Ва девон ҳамчунон кор мекарданд, то кирмаке, ки онро Доббатуларз мегӯянд, дар чӯби асо афтода бихӯрд ва асо шикаста, Сулаймон (а) ба замин афтод, то маълум карданд, ки рехлат намуд. Пас бод тахтро бигрифту бибурд ва аз чашми халқ нопадид кард. Ва чинниён мутталиъ шуда, таассуфкунон бирафтанд.

Дар ин ҳам ҳикмати болиғаи ҳаким алалитлоқ буд, зеро ки чинниёт ба ғайбдонии худҳо нодон буданд, то халқ бидонад, ки агар бар ғайбдонӣ эшон қодир будандӣ, чаро аз мурдани Сулаймон *алайҳиссалом* хабардор шуда нарафтандӣ. Ва ҳикмате дигар он буд, ки агар чинниён хабардор шудандӣ, Байтулмуқаддас ба тамом нарасидӣ. Қавлуҳу таъоло: **Фаламмо қазайно ъалайҳи-л-мавта мо даллаҳум ъало мавтиҳи илло Доббат-ул-арзи таъкулу минсотаҳу фаламмо харра табайянати-л-ҷинну ал-лав кону яъламуна-л-ғайба мо лабису фӣ-л-ъазоби л муҳин**[а].

Пас ҳар гоҳ муқаррар кардем бар Сулаймон (а) мавтро, хабардор накардем эшонро бар мавти ӯ магар кирм, ки мехӯрд асои ӯро. Пас ҳар гоҳ бияфтод, донистанд чинниён. Агар буданд, ки медонистанд ғайбро, набудандӣ дар азоби залилкунанда.

Ин буд қиссаи ҳазрати Сулаймон *алайҳиссалом. Валлоҳу аъламу биссавоб.*

[а] Қуръон: 34, 14.

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ УЗАЙРИ ПАЙҒАМБАР САЛОТУЛЛОҲИ ВА САЛОМУҲУ АЛАЙҲИ

Овардаанд, ки подшоҳе кофир Бахтнаср ном буд, бар қавми Бани Исроил ғолиб омада, шаҳри Байтулмуқаддасро хароб карда, аксари Бани Исроилро гирифтор карда бибурд. Чун Узайр (а) аз Бани Исроил мабъус шуд, баъди муддате ба-д-он чониб гашткунон бирасид ва дид, ки он шаҳр вайрона афтодааст. Дар дилаш тааҷҷубе омад, ки ин шаҳр боз чи гуна обод гардад. Ҳамон соъат ба ҳукми Худои таъоло рӯҳи ӯ қабз гардид ва баъди муддате боз зинда кард. Чунончи дар Қуръони маҷид мефармояд: қавлуҳу таъоло: **Ав ка-л-лазӣ марра ъало қарятин ва ҳия ховиятун ъало ъурушиҳо. Қола анно юҳйӣ ҳазиҳи-ллоҳу баъда мавтиҳо, фаамотаҳу-ллоҳу миата ъомин, сумма баъасаҳу**[а].

Яъне: он кас, ки гузашт бар деҳе ва он дех афтода шуда буд бар сақфи худ, гуфт: Чи гуна зинда кунад ӯро Худои таъоло баъди мавти он. Пас мурда кард ӯро Худои таъоло сад сол, боз зинда кард ӯро. Ва асбоби хӯрданӣ, ки буд, ҳамчунон нихода бимонд ба ҳукми Худои таъоло тағйире наёфта ва хари саворияш ҳам бимурд ва устухонҳояш дар чояш афтода монд.

Чун Худои таъоло ӯро зинда кард, пурсид, ки: қавлуҳу таъоло: **Қола кам лабиста**[б].

Яъне, гуфт Худои таъоло: Чанд дер бимондӣ. Узайр (а) ҷавоб дод: қавлуҳу таъоло: **Қола лабисту явман ав баъза явмин**[в].

Яъне, гуфт: Бимондам як рӯз ё андаке аз рӯз. Нидо омад: қавлуҳу таъоло: **Қола бал лабиста миата ъомин. Фа-нзур ило таъомика ва шаробика лам ятасаннаҳ ва-нзур ило ҳиморика ва ли-наҷъалака оятан ли-н-носи ва-нзур ила-л-ъизоми кайфа нуншизуҳо сумма наксуҳо лаҳман.**[г]

Яъне, гуфт: Балки монда будӣ, ту сад сол, пас бубин ба тарафи хӯрданин худ ва нӯшиданин худ, ки пӯсида нашуд, бингар, сӯи хари худ, то ки гардонем туро нишоне барои одамиён ва назар кун сӯи устухонҳои пӯсида, чи гуна бардорем онро, боз мепӯшонем онро лаҳм.

Пас Узайр чизҳои хӯрданӣ ва нӯшиданӣ, ки бо худ дошт, бинигарид, ки ҳамчунон ниҳодааст ва чизе тағйир дар он роҳ наёфта ва дид, ки устухонҳои ҳимораш худ ба худ бо якдигар пайванд мешаванд ва дар оно фоно гӯштҳо пайдо шуд ва чирму пашм ба лавн чунон ки буд, ба ҳукми Худои таъоло, ҳамчунон шуд. Ва он деҳ дар муддати сад сол ба қудрати илоҳӣ обод

[а] Қуръон: 2, 259.
[б] Қуръон: 2, 259.
[в] Қуръон: 2, 259.
[г] Қуръон: 2, 259.

шуда буд. Чун Узайр *алайҳиссалом* он деҳ ободон дид ва ҳимораш рӯ ба рӯяш ба ҳукми Худои таъоло зинда гашт, ба сачда афтод аз он андеша, ки гуфта буд, ки ин деҳро Худои таъоло чи гуна обод созад, истиғфор кард. Қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо табайяна лаҳу, қола аъламу анна-ллоҳа ъало кулли шайъин қадир.**[а]

Пас ҳар гоҳ, ки зоҳир шуд ӯро, гуфт: «Медонам, ҳароина Худои таъоло бар ҳама чиз қодир аст, он чи хоҳад мекунад».

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ЗАКАРИЁИ ПАЙҒАМБАР АЛАЙҲИССАЛОТ ВАССАЛОМ

Закариё *алайҳиссалом* аз насли Довуд *алайҳиссалом* буд. Худои таъоло ӯро баргузида, дар миёни Бани Исроил пайғамбар сохт, чунончи Худои таъоло дар Қуръони маҷид қиссаи ӯ ёд карда: Қавлуҳу таъоло: **Зикру раҳмати раббика ъабдаҳу Закарё...**[б]

Яъне: ёд кардааст раҳмати Парвардигори ту бандаи худ Закариёро.

Чун Закариё *алайҳиссалом* пир гашт ва фарзанде надошт, сар ба сачда ниҳод ва гуфт: **Рабби инни ваҳана-л-ъазму минни ва-штаъала-р-раъсу шайбан ва лам акун би дуъоика рабби шақийян. Ва инни ҳифту-л-маволия мив-вароъй ва конат-имраати ъоқиран фа ҳаб лй мил-ладунка валийян. Ярисуни ва ярису мин оли Яъқуба ва-ҷъалҳу рабби разийян.**[в]

Яъне: ё парвардигори ман, ҳароина суст гардид устухонам ва шуъла зад сари пириро ва набудам дар дуъои ту, ё рабб ман бенасиб. Ҳар дуъое, ки кардаам, ичобат кардй ва хароина метарсам *аз пас ман ва ҳаст зани ман* оқира. Пас бибахш барои мо аз назди худ валй, яъне ворис зи нубувват, зеро ки метарсам аз хешон, ки пас аз марги ман дини худ бигардонанд. Агар фарзанде бубахшй, то ,меросгири ман ва Оли Яъқуб (а) бимонад. Ва бигардон ӯро, ё рабби ман, писандида.

Пас Худои таъоло дуъои Закариё ичобат кард. Қавлуҳу таъоло: **Ё Закарё инно нубашширука би-ғуломин исмуҳу Яҳё лам наҷъал лаҳу мин қаблу самийян. Қола рабби анно якуну лй ғуломун ва конат-и-мраатй ъоқиран. Ва қад балағту мина-л-кибари ъитийян. Қола казолика. Қола раббука ҳува ъалаййа ҳаййинун ва қад халақтука мин қаблу ва лам така шайъан. Қола рабби-ҷъал лй оятан. Қола оятука ал-ло тукаллима-н носа салоса лаёлин савийян**[г].

Яъне: эй Закариё башорат медиҳам туро ба фарзанд ва номаш Яҳё кардам. Ва накардем барои ӯ пеш аз ин ҳам ном.

[а] Қуръон: 2, 259.
[б] Қуръон: 19, 2.
[в] Қуръон: 19, 4—6.
[г] Қуръон: 19, 7—10.

Гуфт: Худовандо, чи гуна шавад барои ман писар, ки ҳаст зани ман нозоянда? Ва ҳароина расидаам дар ғояти пир. Гуфт: Ҳамчунин фармуд Рабби ту ва гуфт Рабби ту, ки он бар ман осон аст ва ҳароина пайдо кардам туро пеш аз он ки набудӣ ба чизе. Гуфт: Худоё, бикун барои мо нишоне. Гуфт Худои таъоло: Нишони ту он бошад, ки се шабонарӯз бо мардум сухан гуфтан натавонӣ.

Пас аз муддате Закариё *алайҳиссалом* се шабонарӯз сухан кардан натавонист. Баъд аз нӯҳ моҳ тавалуди Яҳё *алайҳиссалом* шуд, то чаҳор сол ҳаргиз берун нарафтӣ ва ба кӯдакон бозӣ накардӣ. Модараш гуфт: «Ё ҷони модар, чаро беруи рафта бо кӯдакон бозӣ намекунӣ?» Яҳё *алайҳиссалом* гуфт: «Ё модар, Худои таъоло маро аз баҳри бозӣ наёфаридааст; роҳе ки маро дар пеш кардааст бозиро нашояд».

Пас пайваста гиряву нола мекардӣ. Закариё гуфт: «Ё малико, аз ту фарзанде мехостам, то шод бошам, акнун аз гиристани ӯ маро ғам бар ғам меафзояд». Ҷабраил (а) омад ва гуфт: «Ё Закариё, Худои таъоло туро мефармояд, ки ту аз мо фарзанде шоиста хоста будӣ, то фармонбардори мо бошад, мо бандаи худро чунин мехоҳем, ки рӯз то шаб аз фироқи мо бигиряд ва аз азоби мо битарсад ва ба ҷуз аз мо ба ҳеҷ кас умед надорад».

Чун Закариё *алайҳиссалом* хамеша Бани Исроилро ваъзу панд мегуфт ва метарсид, ки мабодо Яҳё *алайҳиссалом* ҳозир шавад ва ин насиҳат бишнавад ва гиряи ӯ аз он ҳам бештар шавад, рӯзе Бани Исроил пеши Закариё ҷамъ буданд. Яҳё (а) дар кунче нишаста буд, пиндошт, ки Яҳё (а) ҳозир нест сифати дӯзах кард ва гуфт: қавлуҳу таъоло: **Инна ҷаҳаннама ламавъидуҳум аҷмаъин.**[6]

Яъне: ҷаҳаннам, бешакк, ҷои ваъдаи эшон аст куллуҳум. Кофирон ҳар чи ҳастанд дар оташи дӯзах бихуспанд.

Чун Яҳё бишунид оҳе бизад ва берун ҷаста бар кӯҳ рафт ва ҳафт шабонарӯз мегирист. Модараш дар ин рӯзҳо дар пайи фарзанд кӯҳ бар кӯҳ мегардид. Баъд аз ҳафт шабонарӯз ногоҳ чӯпоне нишон дод, ки ҳама рӯз бар кӯҳ медавад ва дар шаб ба фалон ғоре меравад. Модараш дар он ғор рафт то шаб бинишаст. Чун шаб даромад, Яҳё даррасид, модарро дид, хост, ки бигрезад. Модар ба гиряву зорӣ истода кард. Гуфт, ки ё писар, як соъат гиря фаромӯш кун. Гуфт: «Эй модар, гиряро фаромӯш чун кунам, ки ончунон дӯзахе бар роҳгузари мо хоҳад буд ва ҳамаро бар он роҳ гузаштанӣ аст». Пас модар ба шафоъати бисёр ба хона овард ва дар он замон умри ӯ ҳафтсола буд ва дар савмаъа рафта ба ибодат машғул шуд.

Бани Исроил боз рӯй ба фасод ниҳоданд, ҳарчанд, ки Зака-

[6] Қуръон: 15, 43.

риё хост, ки панду насиҳат карда аз фасод боздорад, аммо фоида надошт. Рӯзе бар ӯ хашм гирифта, қасди куштанаш карданд. Закариё бигрехт, эшон дар пеш давиданд, Закариё ба дарахте расид. Дарахт ба сухан омад ва гуфт: «Ё Закариё, ба дарунн ман биё!». Дарҳол дарахт бишкофт, Закариё андаруни дарахт рафт. Хасмон ба дарахт расида, ӯро надида мутаҳаййир шуданд, ки кучо рафт. Иблиси лаъин омада гуфт, ки андаруни дарахт рафтааст, инак ришгааш берун омадааст. Пас арра оварданд ва дарахтро аз сар шикофтанд, чун ба фарқи муборак расид, оҳе кард. Ҷабраил (а) даррасид ва гуфт: «Ё Закариё, Худои таъоло мефармояд, ки агар бори дигар оҳ куни, номат ба девони пайғамбарон чун бошад? Надонистӣ, ки паноҳи ҳама олам ва оламиён манам, ту паноҳи дарахт гирифтӣ, акнун дар бало сабр кун!» Закариё бори дигар дам наёруст, то чонн мубораки ӯ аз қолаб чудо шуд. Хабар ба Яҳё (а) пайғамбар расид, ки Закариё (а)-ро миёни дарахт аз арра ду ним кардаанд, гуфт: **Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун**[a].

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ЯҲЁИ ПАЙҒАМБАР АЛАЙҲИССАЛОТ ВАССАЛОМ

Чун Яҳё *алайҳиссалом* баъд аз вафоти падар хамчун дар савмаъа ба ибодат машғул мебуд, то муддате баромад. Дар миёни Бани Исроил **Малика** ном зане буд ва ӯ аз шавҳари аввал духтаре дошт. Шавҳаре, ки алҳол карда буд, хост, ки духтарро ба занӣ ба шавҳари худ диҳад ва хам Бани Исроил муслиҳи шавҳару зан буданд. Яҳё (а)-ро талаб намуданд, ки никоҳи духтар ҳасби шаръ карда диҳад. Гуфт: «Духтаронро никоҳ кардан раво набвад». Он зан бар хашм гирифт, пеши шавҳари худ рафта аҳвол бозгуфт. Шавҳари он лаъина подшоҳи шаҳр буд. Бифармуд, то ресмон дар гардани мубораки Яҳё (а) карда, назди вай бурданд.

Ҷабраил (а) даррасид ва гуфт: «Ё Яҳё (а), агар мехоҳӣ, то ҳамаро замин фурӯ барад». Ва Яҳё (а) гуфт: «Муқаддар аст, ки маро бикушанд?» Гуфт: «Бале». Пас Яҳё (а) гуфт: **Разино би қазои-ллоҳи таъоло.**

Яъне: розӣ шудем ба қазои Худои таъоло.

Алҳосил, Яҳё *алайҳиссаломро* дар сарои малика бурда сари мубораки ӯ аз тан чудо карданд. Чун сарашро аз арра буриданд, сар мегуфт: «Духтари занро дар никоҳ овардан нашояд». Фариштагони осмон бинолиданду гуфтанд: «Бори Худоё, Яҳё чи гуноҳ карда буд, ки вайро бикуштанд?» Нидо омад эй фариштагон, ман Яҳё (а)-ро дӯст медорам. Фариштагон арз

---

[a] Қуръон: 2, 156.

карданд, ки хар ки дӯст бошад, ӯро ба-д-ин навъ бикушӣ? Ин-до омад, ба сифати махлук мегӯянд, ки душманро мекушанд ва дӯстро бипарваранд, то аз душман мазаррат набинанд ва аз дӯст манфаъат ёбанд. Ман, ки Худоям, дӯстро мекушам ва душманро бипарварам, то ҷаҳониён бидонанд, ки моро на аз дӯст манфаъат аст ва на аз душман мазаррат.

Чун Яҳё *алайҳиссалом* ба Ҳакк пайваст, он зан, ки палид буд, духтари худро ба шавҳар дод ва бо коре бар бом рафт, бо-де даромад ва ӯро баргирифт ва ба сахро андохт. Он ҷо шере буд, ҳар гох, ки дид, дарҷаста гирифта пора-пора кард. Пас ма-лик ва қавм *лаъанаҳумуллоҳ* ҳалок шуданд.

Ин буд киссаи Яҳё *алайҳиссалом* валлоҳу аълам биссавоб.

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ҶИРҶИСИ ПАЙҒАМБАР АЛАЙҲИССАЛОТ ВАССАЛОМ

Ҷирҷиси пайғамбар *салотуллоҳи алайҳиро* дар рӯзи сешан-бе кофирони лаъин шаҳид карданд. Қиссааш чунин аст, ки ма-лике кофир аз шаҳри Фаластин, номи ӯ Додиёна буд, *лаъна-туллоҳи алайҳи.* Дар тафсир овардаанд, ки ҳафтод бор Ҷирҷис (а)-ро бикуштанд, ба ҳукми Худои таъоло ҳар бор зинда ме-шуд. Ва дар баъзе кутуби таворих чунин овардаанд, ки ҳазор бор Ҷирҷис (а)-ро бикуштанд, малики таъоло ва такаддус ба қудрати хеш зинда гардонид. Ва сабабаш ин буд, ки Додиёнаи палиди бутпараст пеш аз Исо (а) чандин сол бутро берун оварда ба зару ҷавоҳир мурассаъ карда ба мушку анбар муат-тар карда, сачда кардӣ ва ҳар ки сачда накардӣ, ӯро дар оташ андохтӣ.

Ҷаббори олам *ҷалла ва ъало* Ҷирҷис (а)-ро фармуд, ки мулки Додиёнаро ба ман бихон. Пайғамбар омад ва пеши ма-лики палид пайғом расонид ва гуфт: «Бутонро, ки ба ҷои маъ-буде парастед, худоиро нашояд». Гуфтанд: «Чаро?» Гуфт: «Зе-ро ки на шунаво ва на гӯё ва на биноанд ва Худой он аст, ки медонад ва мешнавад ва бар ҳама чизҳо кодир бошад ва тавоно дар ҳама ҷо аст ва офаринандаи ҳаман ашё ва камтарин халқи вай туй». Додиёна гуфт: «Ё Ҷирҷис! (а), агар туро Худое хаст, чаро асари неъмати Дунё бар ту зоҳир нест ва бар мо ва тобеъини мо асари неъмат падидор аст?» Ҷирҷис (а) гуфт: «Неъмати Дунё, ки бакоеро нашояд, чи кадр дорад. Ман умед-вори он неъматам, ки бакои давом бошад». Гуфт: «Он чӣ неъ-мат аст?» Гуфт: «Неъмати биҳишт аст, ки харгиз онро офатҳо нарасад».

Чун сухан дароз гашт. Додиёнаи палид бифармуд, то Ҷир-чис (а)-ро бигрифтанд ва бар дор карданд. Ва хиштҳову кулӯх-хо бар вай мерехтанд ва ба шонаҳои оҳанин гӯшту пӯсташ ме-

кандиданд, чунончи устухонҳо зоҳир мегашт. Баъд аз он месӯхтанд ва дар ҳолати сӯхтан мегуфт: «Ло илоҳа иллаллоҳ». То ҷон бидод, ҳамон соъат бар сурати некӯтару зеботар зинда шуд. Пас овоз дод, ки кофири лаъин, бигӯ: «Ло илоҳа иллаллоҳ». Пас аз он малъуни саг бифармуд, то шаш мехи оҳанӣ битофтанд ва ҳама мехҳо бар узви муборакаш мекӯфтанд ва як мех бар сари муборак заданд, ки мағз берун ҷӯшид ва мехе бар сина кӯфтанд ва мехҳо дар пояш дӯхтанд, то ҷони муборакаш берун шуд.

Пас Ҳаққ таъоло фариштаро фиристод, он мехҳоро аз вай баркашид. Ҷирҷис (а) боз зинда шуда бархост, чунон ки як мӯи аъзои ӯ наёзурда шуд. Лаъинро гуфт: «Бигӯ—Ло илоҳа иллаллоҳ». Малъун бифармуд, то деге биёварданд. Ҷирҷис (а)-ро дар он ниҳоданд ва гӯгирду равғани говмеш бар он карда, оташ дар зер доданд. Ва он дег дар ҷӯш омада. Чашмаи оби сард дар он дег падид омада, ки оташро сард намуд ва торе аз мӯи Ҷирҷис (а) наёзурд. Ба фармони Худои таъоло аз он дег ба саломат берун омада, бо некӯтарин сурате, ки пеш буд, мусаллам ҳамон шуд.

Он кофири малъун гуфт, ки ё Ҷирҷис, аз ин азобҳои мо ҳеҷ азобе ба ту мерасад? Гуфт: «Он ки ничунин осмонро бесутун муаллақ бидорад ва заминро бар сари об, агар аз азобҳои ту нигоҳ дорад ва ҳар азобе, ки ту мекунӣ аз мо дафъ кунад, аҷаб набвад. Ва ҳаргиз сояи раҳмати хеш аз ман барнадорад, ки фармонбарандаи ӯям».

Доднёнаи малъун битарсид, ки мабодо халқ бар вай ҷамъ шаванд ва мулки ӯ табоҳ гардад. Бифармуд, то вайро ба зиндон баранд ва чаҳор мехи оҳанӣ бар дасту пояш зада, чиҳил мард санги хора биёвардапд ва бар шиками муборак ниҳоданд. То шаб даромад, Худои таъоло фариштаро фиристод ва фармуд, ки он бандаро халос деҳ ва таъому шароб бибар, ки ӯ гурусна аст. Ва аз мо салом бирасон ва бигӯ, ки ба ризоӣ ҳафт сол ба бало мубтало хоҳӣ буд, охир шаҳид шавӣ. Фариштa он мехҳо аз вай баркашида, он сангро аз болои шикамаш бардошта, салом расонид ва паёме, ки оварда буд, гузаронид, таъому шароб дода бирафт.

Ҷирҷис *алайҳиссалом* пеш вақти субҳ назди палид биёмад. Кофир гуфт: «Ту Ҷирҷис ҳастӣ?» Гуфт: «Оре». Гуфт, ки туро аз он азоб кӣ берун овард? Гуфт: «Холиқи замину осмон». Бори дигар бифармуд, то бар сари вай арра кашиданд, то ду ним шуд. Пас пеши шерон афганданд. Шерон он пораҳоро саҷда карда, нигоҳ доштанд. Чун шаб даромад Аллоҳ таъоло боз зинда гардонида, фариштаро бо таъому шароб фиристод. Гуфт, кӣ Ҷирҷис (а)-ро саломи ман расонида бигӯ, ки кофирон ба идгоҳ фардо

хоҳанд рафт, ба эшон даъват кун. Ҷирҷис *алайҳиссалом* бомдод ба идгоҳ рафта эшонро бихонд. Гуфтанд: «Туро пора-пора карда, пеши шерон афганда будем». Гуфт: «Бале, Аллоҳ таъоло ба қудрати хеш маро зинда гардонид. Алҳол шумо чаро мусулмон нашавед?» Ҳама дар тааҷҷуб шуда гуфтанд, ки ин сифати ҷодуист, ки чашмҳои мо мебандад.

Пас он малъун бифармуд, то ҷодувони бисёр ҷамъ карданд, гуфт: «Шарри Ҷирҷис (а)-ро аз ман дафъ кунед, ман шуморо марҳамат карда, сарафроз кунам». Гуфтанд: «Ё малик, дил фориғ дор, акнун мо шарри вай аз ту дафъ кунем». Додиёнаи палид гуфт, ки нишоне аз ин сухан бар ман намоед, то бидонам, ки шумо баробарии вай тавонед кард. Меҳтари ҷодувон гуфт, то гове биёварданд. Ва боде ба гӯши гов дардамиданд, филхол гов ба ду ним шуда, ҳар яке аз ду нима алалипфпрод гове шуда ва ҳар дуро лубоде дар гардан ниҳоданд. Ва замин бишкофтанд ва тухм дар он пошиданд, дарҳол сабза баромад, ғаллаи кишта пухта шуда, пас дарав гирифта орд намуданд ва нон пазонида бихӯрданд.

Он малъун ин ҳама дида шод шуда бигуфт: «Ту метавонӣ, ки ба Ҷирҷис қаҳр кунӣ». Пас бифармуд то қадре об оварда чизе хонда бар он дам карда, ба Ҷирҷис (а) дод. Ва Ҷирҷис (а) дарҳол он кадаҳро дар даст карда дар дахон ниҳода, **бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим** гуфта бихӯрд. Меҳтари ҷоду гуфт: «Хештанро чи тавр мебинӣ?» Гуфт: «Бисёр ташна будам, оби зулолам додӣ, то бихӯрдам ва сер шудам». Меҳтари ҷоду гуфт: «Ин ки ман кардам, агар ғайри ту ба касе дигар кардамӣ, ҳанӯз осораш дар ҷаҳон намондӣ. Акнун донистам, ки баробарии ту натавонам кард».

Пас овозаи Ҷирҷис *алайҳиссалом* дар Бани Исроил афтод. Зане наздики Ҷирҷис *алайҳиссалом* омад ва гуфт: «Ё Расулаллоҳ, зане пиру дарвешам, гове доштам, ки маро маъишат аз ӯ буд, акнун он гов бимурд ва маро аз фақру дарвешӣ тоқате намонда, дуъо кун, то Худои таъоло гови маро зинда кунад». Фармуд, то устухонҳои он гов ҷамъ кун ва асои ман дар вай зада бигӯ, ки ба ҳукми Худои таъоло зинда шав. Пас пиразан ҳамчунон кард, то говаш зинда гашта, тамом фарбеҳ бархост.

Пас ҳикоят дар забони халқ афтод. Аз наздикии Додиёна шахсе буд, ки ҳеҷ кас аз вай муқаррабтар набуд. Рӯзе аз дил бедор гашт ва гуфт: «Ё қавм, ин аҷоибҳо аз ӯ дидед ҳанӯз ӯро ҷоду мегӯед, ҳеҷ ҷодуе марги худро дафъ натавонад кард». Гуфтанд: «Ё фалон, магар ҷодуи Ҷирҷис (а) туро аз роҳ бурдааст?» Гуфт: «На, балки маро роҳ намуда, дар соъат имон овард». Ва низ чаҳор ҳазор мард бар мувофикати ӯ имон оварда, мусулмон шуданд. Пас Додиёнаи палид бифармуд, то касо-

не, ки мусулмон шуда буданд, бигрифтанд ва ҳар якеро ба азобе бикуштанд.

Баъд аз он аз сипохи Додиёна шахсе биёмад ва гуфт: «Ё Чирчис (а), даъвои пайғамбарӣ мекунӣ, ҷиҳате ба ман намой!» Гуфт: «Чи мехоҳӣ?» Гуфт: «Чаҳор курсӣ аст, ҳар яке аз чӯби дарахтхои мухталиф, агар содиқӣ ва ростгӯй, Худои худро бигӯ, то ин курсиҳоро бо чинси онҳо дарахтон созад ва чунон ки шоху барг берун оварда, мева дарҳол пухта шавад, то бихӯрем». Ҷирчис *алайҳиссалом* гуфт: «Худои ман ғолибу азиз аст, инчунин кардан пеши ӯ душвор нест». Пас дуъо кард, ҳама чӯбхо, чунон ки хоста буд, дарахтҳо шуданд. Ҳама гуфтанд, ки ин азим ҷодуест.

Пас он саги малъун бифармуд, то гове азим, фарохшикам аз мис сохтанд ва нафту қатрону гӯгирд биёварду шиками гов пур карда, Ҷирчис *алайҳиссаломро* дар он шикам ниҳода оташ афрӯхтанд. Аллоҳ таъоло абри сиёҳро фармуд то абр омад ва раъд ғуридан ва барқ дурахшидан гирифт ва зулмоте азим барҳост, чунон ки чанд рӯз касе шабро аз рӯз нашнохт. Микоил (а)-ро бифармуд то он говро бар замин зад ва Ҷирчис аз миёни он саломат берун шуд, тори мӯи ӯ каср нашуда буд.

Бори дигар пеши кофирон омада гуфт: «Қудрати Худои ман дидед, акнун бигӯед: **Ло илоҳа иллаллоҳ**». Гуфтанд: «Ё Ҷирчис, дар гӯристон мурдагони мо бисёранд ва мо ба онҳо коре дорем, агар ту ин мурдагонро зинда кунӣ мо ба ту имон оварда аз ту шавем». Ҷирчис (а) гуфт: «Ин кор Худованди ман тавонад кард, аз бахри ин ҷиҳат, ки гуфтам». Ва фармуд, ки гӯрҳо ба ман намоед. Пас аз он гӯрҳо нишон доданд, ки устухони мурдагони он пӯсида ва рехта буд. Ҷирчис (а) дуъо кард, Худои таъоло иҷобат намуда, дувоздаҳ ҳазор танро зинда гардонид. Дар миёни эшон пире Навофил ном буд, Ҷирчис (а) гуфт: «Ё шайх, аз марг то ба-д-ин вақт чанд муддат аст?» Гуфт: «Чахор сад сол». Баъд аз он пиразане биёмад ва гуфт: «Писар дорам кӯру кару лол, дуъо карда ин фарзанди маро дуруст гардон». Ҷирчис писарро пеши худ хонд, оби даҳон дар чашми ӯ молид, дарҳол бино гашт ва дар гӯши вай дам кард, то шунаво шуд. Ва гуфт: «Забону пояш низ дуруст кун». Гуфт: «Ин ду заҳмат акнун бошад, то вақти дигар дуъо карда, дуруст хоҳам кард». Ин пиразан кофира буд, дарҳол имон оварда мусулмон шуд.

Пас Додиёнаи лаъин бифармуд, то Ҷирчис (а)-ро ба хонаи он пиразан ба зиндон карда, нону об аз вай боздоранд. Чун пиразан беруи рафта буд, сутуне аз чӯб дар сақфи хонаи вай монда буд. Пайғамбар дуъо кард он сутуни хушк сабз гашт ва шохҳо бароварда ва бехаш дар замин фурӯ шуд ва ҳар мева, ки дар олам аст, бар он дарахт зоҳир гашт. Пиразан дар хона омада

сутунро бар он шакл дид, мутахаййир гашт ва тачдидан икрор ба рубубият кард.

Хабар ба Додиёна расид, ки пиразан имон овард. Бифармуд то хонаи пиразан бикандиданд ва касли он дарахт карда, бар замин афганданд. Дарахт боз ба холи аввал гашт. Пас бифармуд, то боз бар замин афганданд ва аз мехҳои оханй дар замин фурӯ кӯфтанд ва гардуни оханин бар сари муборак ниходанд, то дар зери бори гарон Чирчис (а) кушта шуд. Пас баргирифта дар оташ сӯзонида, хокистарро ба дарё андохтанд. Чун аз он чо баргаштанд, овозе шуниданд, ки ё дарё Худои таъоло мефармояд, ки чисми покро нигох дор. Пас дарё мусаллам вучудро бар замин расонид.

Кофирон медиданд, ки Худои таъоло бо амри кун фаякун бори дигар зинда гардонид. Чирчис *алайҳиссалом* ҳамроҳи эшон бозгардид. Куффор гуфтанд, ки ё Чирчис, бути моро сачда кун ва ба чихати он гӯсфанде бикуш. Гуфт: «Ҳаргиз намекунам». Он палидон барғалат шуда донистанд, ки сачдаи буташон қабул кард. Ва низ малик Додиёна бовар намуда бӯса ба сару рӯи Чирчис (а) дод, гуфт: «Имшаб ба хонаи мо бош, ки азобу ранч аз мо бисёр дидй ва дар балову миҳнати мо мучоҳадаи бепоён кашидй, имшаб шаробу таъом бихӯр ва соъате биёсой».

Чирчис (а) он шаб ба хонаи Додиёна рафта намоз карда, Забурро ба овози худаш мехонд, ногох бар зани малик назари иноятп раббонй ва раҳмати *лам язал* даромада, яъне ба истимоъи каломи раббонй гирён шуда, дар дасти Чирчис (а) байъат карда имон оварда мусулмон шуд. Бомдод ғулғула дар шаҳр афтод, ки Чирчис (а) ба мол фирефта шуда, бутро сачда кард, *ъиёзан биллоҳ*.

Ногоҳ он пиразан бо писари худ биёмад ва гуфт, ки ин писари ман лангу лол аст, инро дуруст гардон. Чун Чирчис (а) он кӯдакро дид, гуфт: «Ё кӯдак!» У ба фармони Худои таъоло чавоб дод: «Лаббайка ё расулаллоҳ». Чирчис (а) фармуд, ки дар бутхона рав, бутонро бигӯ, ки Чирчис шуморо хондааст. Кӯдак бархост пойхояш дуруст гашта дар бутхона рафт ва дар он бутхона ҳафтод бут буданд ва мехтар ном Нофлун дошт. Кӯдак гуфт, ки шумо хамаро Чирчис—пайғамбари Худо металабад, ба фармони Худои таъоло бархезед. Хама нагунсор шуда берун омаданд ва Чирчис (а)-ро сачда карданд. Чирчис бар сари эшон пои мубораки худ бимолид ва бар замин зад, то тамоми бутон дар замин фурӯ рафтанд.

Зани малик Додиёна бар кӯдак назора мекард ва гуфт: «Ё кавм, бар худ бахшоед ва ба рахмати Худои таъоло бишитобед, яъне ба вай имон оред ва алон холи шумо мисли холи ин бутон хоҳад шуд». Додиёна гуфт: «Ё зан, хафтод сол аст ки ин мард

далоил ва обёту муъҷиза менамояд, ман ҳаргиз қабул на-мекунам, ту як рӯз дида ба ӯ гаравидай». Зан гуфт: «Ту аз шақовати худ чандин далоилу бароҳин дида, имон наёвардӣ». Пас Додиёна фармуд то занро берун оварда бар он дор кар-данд, ки Ҷирҷис (а)-ро карда буданд. Он саъодатманд *раҳма-туллоҳи алайҳо* бар дор ханда карда ҷон ба Ҳақ таслим на-

Пас Ҷирҷис (а) рӯи муборак ба осмон кард ва гуфт: «Ма-лико, ту донӣ, ҳафтод сол аст, ки ман дар балои зулми куффор *лаъанаҳумуллоҳ* чандин эҳтимол кардам, акнун тоқати сабр на-монда маро дарки шаҳодат рӯзӣ гардон ва азоби хеш бар эшон нисор кун ва касоне, ки ба ту имон оварданд, дар ҳифзу амони хеш нигоҳ дор». Чун аз дуъо фориғ гашт, оташе аз осмон падид омад ва раъд ғурридан ва барқ дурахшидан ги-рифт. Кофирон оташ дида шамшерҳо кашида, бар Ҷирҷис за-данд, то пайғамбар ба мӯҷиби хости худ дараҷаи шаҳодат ёфт ва он оташ бар он куффор борида, ҷумлаи кофирон *лаъанаҳу-муллоҳро* бисӯхт. Ва он рӯз сешанбе буд.

Қиссаи ҳазрати Ҷирҷис *салотуллоҳи ва саломуҳу алайҳи* та-мом гашт. *Валлоҳу аълам биссавоб.*

ҚИССАИ ҲАЗРАТИ ШАМЪУНИ ПАЙҒАМБАР АЛАЙҲИССАЛОМ

Чунин гуфтаанд, ки Шамъуни пайғамбар (а) марде порсо аз некмардон ва ҳақпарастон ва шуҷоъву қавӣ ва пурмӯй буд. Чу-нон ки дар ҳама андом мӯйҳои бисёр монанди мӯйҳои сар дошт. Худои таъоло ӯро қуввате азим дода буд. Чун шаҳри бузург ном А м у з и я ба лаби дарёи Рум буд, дар он шаҳр малике ном Ф у т й дошт, кӯшке ба болои дарё аз сутунҳои баланд сохта. Шамъун (а) ҳар сол чаҳор моҳ ба шаҳри Амузия ҷанг мекард. Чун аз омадани Шамъун (а) хабар меёфтанд, ҳар рӯз шаш ҳа-зор мард берун меомаданд ва Шамъун (а) танҳо ҳарб кардӣ ва ҳар рӯз ҳазор мардро бикуштӣ ва боқиро захму маҷрӯҳ кар-дӣ. Дар чаҳор моҳ ҳамчунин кардӣ боз ба шаҳри хеш омада, чаҳормоҳ тоъату ибодат менамудӣ ва чаҳор моҳи дигар таъом ба халқ додӣ ва ғайр аз ин коре дигар накардӣ. Чун ин чаҳор моҳ тамом гаштӣ, боз ба шаҳри Амузия ба ҷиҳати ҳарб рафтӣ ва Худои таъоло ӯро ҳар рӯз бар кофирон мусаллат кардӣ.

Пас кофирон бо кори хеш фурӯ монда ба тадбир оҷиз омаданд. Филҷумла Шамъунро зане буд порсо ва афифа. Рӯзе кофирон маслаҳат карданд, ки он занро аз мол бифиребанд. Пас малики Амузия касро фиристод, то наздики зани Шамъун (а) омада гуфт: «Агар дар кори мо тадбир кунӣ, ки мо Шамъун (а)-ро ҳа-лок тавонем кард, то малик туро зан карда тахту мулк ба ту диҳад ва ҳама хазоин туро бошад».

Пас зан ба тамаъи мол гуфт: «Ҳар чи малик хоҳад ҳамон кунам. Он шахс ба малик хабар дод. Фармуд то расанҳо биёранд ва наздики зан бурданд ва гуфтанд: «Ҳар гох, ки Шамъун (а) бихуспад ӯро аз ин расанҳо бибанд ва моро эълом кун, то ӯро бар шутур нишонда пеши малик барем». Пас он зан расанҳоро дар чое пинҳон кард то шаб даромад, Шамъун дар хоб шуд. Зан расанҳо оварда Шамъунро мустаҳкам бубаст. Чун аз хоб бедор гашт ва дасту по бизад, он расанҳо бигусаст. Гуфт: «Ё зан, маро кӣ баста буд?» Гуфт: «Ман баста будам» Гуфт: «Чаро?» Гуфт: «Қуввати ту озмудам, ки то кучо аст, дигар он ки низ бидонам, ки душман бар ту зафар ёбад ё на». Шамъун гуфт: «Хотири худ чамъ дор, ки ҳеч кас бар ман газанд расонидан натавонад».

Бори дигар ба ҳарб рафт. Малики Амузия бори дигар бар он зан касро фиристод, ки набастӣ. Гуфт: «Баста будам, лекин соҳибкувват ва зӯр аст, дасту по бичунбонида, расанҳо бигусаст. Пас малик мол фиристод ва занчире чанд низ дод ва гуфт: «Аз ин занчирҳо банд карда, моро хабар кун». Пас шабе он зан Шамъун (а)-ро хуфта дид, аз занчир банд кард. Чун бедор гашт ва дасту по бичунбонид, ҳама занчир ба худ бишкастанд. Зан маликро хабар фиристод, ки занчирҳо низ бигусехт.

Малик гуфта фиристод, ки акнун моро ҳеч банди бузургтар аз ин нест, ки пеши ту бифиристам, алҳол туро тадбире аз худ бояд кард. Зан гуфт: «Хотир чамъ доред, ман тадбире шоиста менамоям ва ба шумо хабар мерасонам». Пас зан хомӯш мебуд, рӯзе Шамъун (а) аз ҳарб омада, бо зани худ ба ҳам нишаста аз ҳар дар сухан дарпайваст. Ногоҳ зан гуфт: «Худои таъоло туро қуввати азим додааст ва ҳеч банд бар ту кор накунад, бигӯ, туро ба чи тавон баст, ки кушудан натавонӣ?!» Шамъун гуфт: «Муболаға барои чӣ мекунӣ ва туро аз ин ҳикоят чӣ кор аст?». Гуфт: «Мехоҳам, ки бидонам». Гуфт: «Мӯйҳое, ки тани ман аст, аз он бибояд баст, то маро тоқати гусастанаш набвад».

Шаб Шамъун(а) дар хоб шуд. Зани ӯ мӯйҳои андомашро сутурда аз он ришта рост карда, дасту пояш муҳкам барбаст. Шамъун(а) бедор шуда гуфт, ки маро бастай? Гуфт: «Бале, бастам, то қуввати ту биозмоям, ки душман бар ту зафар ёбад ё на». Гуфт: «То Худои таъоло нахоҳад, ҳеч кас бар ман газанде натавонад расонд, акнун биёву бандро бикшо». Зан гуфт: «Ҳар маротиба ба қуввати худ ҳамекушой, ин мартаба чӣ шуд, ки маро бихонӣ?» Гуфт: «Аз баҳри он ки агар ман бичунбам хама андоми ман барҳам-дарҳам шавад».

Чун зан бидонист, ки тоқат нест, хабар ба маликн Амузия расонид. Дарсоъат чаҳор ҳазор мард бо шутурон фиристод, то

дастҳои ӯ бурида ва чашмҳо кандида ва забон бароварда, бар шутур андохта бибаранд. Ва чун оварданд халқи Амузия ба назора берун омада, шодиҳо мекарданд, ки мо аз балои Шамъун бирастем. Ва чун Шамъун бедасту бепо ва бечашму безабон, мисли пораи гӯшт пеши малик бурданд, ҳар кас даъво мекард; касе мегуфт, ки падарамро куштааст ва касе мегуфт бародарамро кушта. Пас малик гуфт: «Тадбире бояд кард, то ба чӣ азоб, ки рамаке ҷони ӯ боқӣ аст, берун орам». Вазирону сарҳангон тадбире менамуданд ва ҳар кас тадбири худ мегуфт.

Охир бар он қарор гирифт, ки ӯро ба боми кӯшк бурданд ва ба дарё андохтанд. Халқ ба назораш ба боми ҳисор рафт. Чун Шамъунро ба дарё андохтанд, Худои таъоло фармуд, то Ҷабраил *алайҳиссалом* омад, Шамъунро дар ҳаво гирифт. Пас дасту пой ва чашму забон ба вай боз доданд. Пас Ҷабраил (а) гуфт: «Ё Шамъун (а), туро чандин қувват додаанд, ба ҳукми Худои таъоло бархез ва амудҳои кӯшк гирифта бичунбон ва ҳисорро баркан ва ба дарё андоз». Шамъун бархост ва амудҳои кӯшку ҳисорро баргирифт ва ҳамаро аз замин барканд. Ва он қавм ва аҳли кӯшк ва тамоми шаҳрро ба дарё андохт, чунонки аз ҳеҷ кофире ва иморате нишон намонда.

Пас сар ба сачда ниҳод ва тасбиҳу таҳлил карда, шукри Худои таъоло ба ҷо овард. Ҷабраил (а) гуфт: «Акнун Худои таъоло мефармояд, ки каре бояд кард». Гуфт: «Чӣ кунам?» Гуфт, ки занатро ҳеҷ нагӯй, ки аз нодонӣ ин кор кардааст.

Ин буд қиссаи Шамъуни пайғамбар *алайҳиссалом. Валлоҳу аълам биссавоб.*

ҚИССАИ ТАВАЛЛУД ШУДАНИ ҲАЗРАТИ МАРЯМ — МОДАРИ ҲАЗРАТИ ИСО АЛАЙҲИССАЛОМ

Овардаанд, ки дар замони Закариё аз Бани Исроил зане зоҳида Ҳина ном буд ва Имрон ном шавҳар дошт, чун аз шӯи худ бор гирифт, рӯзе дар Байтулмуқаддас ба тоъат машғул буд, гуфт: Бори Худоё, ин фарзанде, ки дар шиками ман аст, назри ту кардам, ки ӯро ба шуғли дунё нафармоям, то ибодати ту кунад, ки қ а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Из қолати-мраъату ъимрона рабби иннӣ назарту лака мо фӣ батнӣ муҳарраран фа тақаббал миннӣ иннака анта-с-самиъу-л-ъалим**[а].

Яъне: ҳар гоҳ ки гуфт зани Имрон: Ё парвардигори ман, ҳароина назр кардам туро он чи дар шиками ман аст озода аз хидмат, пас қабул кун аз ман, ҳароина ту ҳастӣ шунаво, доно.

Баъд аз нӯҳ моҳ Ҳинаро духтаре таваллуд гашт, дилтанг шуда гуфт: «Ин бадбахтиям нигаред, ки ман фарзандро муҳаррар кардам, умед он буд, ки Худои таъоло шоиста фарзанд рӯ-

[а] Қуръон: 3, 35.

вй кунад, то ӯро ба Масҷиди Ақсо фиристам, акнун духтар гашт, умеди ман ботил шуд». Пас рӯй ба осмон кард ва гуфт қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо вазаъатҳо қолат рабби иннӣ вазаътуҳо унсо валлоҳу аъламу бимо вазаъат ва лайса-з-закару ка-л-унсо ва иннӣ саммайтуҳо Маряма ва иннӣ уъизуҳо бика ва зуррийятаҳо мина-ш-шайтони-р-рақим.**[а]

Яъне: ҳар гоҳ ки вазъи ҳамл кард, гуфт: Ё раб, ман ҳароина зодам ӯро духтар ва Худо донотар аст он чи ки зоид ва нест мард мисли аврат ва ҳароина номи ӯ Марям ниҳодам ва таҳқиқ паноҳ додам ӯро ба ту ва авлоди ӯро аз шайтони рондашуда.

Нидо омад, агар чи закар нест, то ҳам қабул кардам, ки қавлуҳу таъоло: **Фатақаббалаҳо раббуҳо би қабулин ҳасанин ва анбатаҳо наботан ҳасанан ва каффалаҳо Закарийё.**[б]

Яъне: пас қабул кард ӯро ба қабули нек ва рӯёнид ӯро бо рӯёнидани нек ва тавфиз кард ӯро Закариё.

Пас чун Марям ҳафтсола шуд ва ба хидмат шоиста гашт, Ҳина Марям (а)-ро даст гирифта кӯзаву чорӯб бардошта, дар Байтулмуқаддас пеши Закариё (а) рафт ва салом карду гуфт: «Ё Расулаллоҳ, ман ин фарзандро дар шиками худ ба умеди он ки писар зояд, назр карда будам, ки хидмати масҷид кунад. Чун духтар зоид, Марям ном ниҳода ба хидмати ту овардам, то хидмати масҷид ба ҷо орад». Закариё ба он қавм, ки ҳозир буд, гуфт: «Ин духтарро кӣ парварад ва таъаҳҳудаш кӣ намояд?» Пас ҳар яке мехостанд, ки бигиранд, ҳатто ки ба низоъ анҷомид. Охир ба он сухан қарор ёфт, ки қаламҳои оҳанин, ки Таврот аз онон менавиштанд, дар об андозанд, қалами касе, ки ба сари об бимонад ва фурӯ наравад, ӯ кафили Марям бошад, ки қавлуҳу таъоло: **Из юлқуна ақломаҳум айюҳум якфулу Маряма ва мо кунта ладайҳим из яхтасимун.**[в]

Яъне: ҳар гоҳ ки меандохтанд қаламҳои худҳо бар ин ки кадом кас аст аз эшон, ки парварад Марямро ва набудӣ ту назди эшон ҳар гоҳ ки низоъ мекарданд.

Пас ташт пури об карда, қаламҳои оҳанӣ андохтанд ҳама қаламҳо дар об фурӯ рафт, илло қалами Закариё, ки бар сари об биистод. Он қалам гуфт: «Ё Расулаллоҳ, Худои таъоло ин сабияро ба ту арзонӣ дошт».

Закариё дар масҷид зовия дошт, Марямро дар он зовия ниҳода, қулф бар дарвозааш барзад, то се рӯз фаромӯш кард. Чун рӯзи чаҳорум ба хотираш гузашт, оҳе бикард ва бигуфт: «Ин чи буд, ки ман кардам, ки духтари бегуноҳро дар савмаъа на таъом, на шароб додам, тарсам, ки мурда бошад». Пас барҳоста дари савмаъа бикшод ва таъомҳои гуногун ва меваҳои муталавван дид, ки ниҳодаанд ва Марям дар намоз истода. Чун

[а] Қуръон: 3, 36. [б] Қуръон: 3, 37. [в] Қуръон: 3, 44.

аз намоз фориғ шуд, гуфт: «Ё Марям, ин таъому меваҳо дар ин гӯшаи дарбаста пеши ту кӣ овард?» Гуфт: қавлуҳу таъоло: **Ҳува мин ъиндиллоҳи, иналлоҳа ярзуқу май-яшоъу би ғайри ҳисоб**[а].

Яъне: инҳо аз назди Худои таъоло аст, ҳароина Худои таъоло рӯзӣ медиҳад ҳар киро хоҳад, беҳисоб. Ва Марям беҳисоб аз баҳри он гуфт, ки таъом аз биҳишт овард буданд, ки неъмати биҳиштро ҳисоб набуд.

Худои таъоло Марямро се шабонарӯз аз неъмати биҳишт бипарваронид, пас фариштагон гуфтанд: қавлуҳу таъоло: **Из қолати-л-малоикату ё Маряму инналлоҳа-стафоки ва таҳҳараки ва-стафоки ъало нисои-л-ъоламин.**[б]

Яъне: ҳар гоҳ ки гуфтанд фариштагон: Ё Марям ҳароина баргузид туро Худои таъоло ва пок гардонид туро ва баргузид туро бар занони олам.

Боз гуфтанд: қавлуҳу таъоло: **Ё Маряму-қнутӣ ли раббики васҷудӣ ва-ркаъӣ маъа-р-рокиъин.**[в]

Яъне: ё Марям, парвардигори хешро ибодат кун ва саҷдаву рукуъ кун бо рукуъкунандагон ва ин хитоб хос ба Марям буд *(раз)*.

ҚИССАИ ТАВАЛЛУД ШУДАНИ ҲАЗРАТИ ИСО ИБНИ МАРЯМ АЛАЙҲИССАЛОМ

Овардаанд, ки чун Марям *разияллоҳу анҳо* чаҳордаҳсола гашт ба ҳайз омад. Вақти таҳорат аз масҷид берун шуд, рӯ ба сари чашма ниҳод, ки онро Айнуссалво хондандӣ. Ғусл кард ва сар бишуста қасди ҷома пӯшидан дошт, ки ибодати шоиста кунад, аз пас марде дид, битарсид, ки мабодо қасди ӯ кунад ва гуфт: қавлуҳу таъоло: **Иннӣ аъузу би-р-раҳмони минка ин кунта тақийян.**[г]

Яъне: аз Худои таъоло паноҳ мехоҳам аз ту агар ҳастӣ муттақӣ.

Ва ба қавли дигар овардаанд, ки дар Бани Исроил марде ба фасод маъруф буд ва номаш Юсиф ва пешаи дуредгарӣ дошт, Марям пиндошт, ки ҳамон хоҳад буд, аз ин маъно битарсид. Ва ин мард Ҷабраил (а) буд, ба Марям гуфт: **Иннамо ано расулу раббики ли аҳаба лаки ғуломан закийян.**[д]

Яъне: хабар ин аст, ки ман фиристодаи Парвардигори туам, то ки бахшиш кунам туро фарзанди покиза.

Марям ин сухан шунида гуфт: **Анно якуну лӣ ғуломун ва лам ямсасни башарун ва лам аку бағийян**[е].

[а] Қуръон: 3, 37.
[б] Қуръон: 3, 42.
[в] Қуръон: 3, 43.
[г] Қуръон: 19, 19.
[д] Қуръон: 19, 19.
[е] Қуръон: 19, 20.

Яъне: чи гуна шавад барои мо писар, холе ки на дастандоз шуд маро касе ва наям бадкор. Ҷабраил (а) гуфт: қавлуху таъоло: **Қола казолики қола Раббуки ҳува ъалаййа ҳаййинув-ва ли нақъалаҳу оятан ли-н-носи ва раҳматам-минно ва кона амран мақзийян.**[6]

Яъне: гуфт Ҷабраил (а): чунон аст, ки гӯй, аммо Худои таъоло мегӯяд, ки бепадар фарзанд овардан бар ман осонтар аст, то ки кунем онро нишоне барои мардум ва раҳмат аст аз тарафи худ ва ҳаст кори муқаррар кардашуда.

Пас Ҷабраил (а)-ро фармон шуд, ки он атсаи Одам (а), ки ба ту супурдаам, онро ба Марям таслим кун. Пас атсаро Ҷабраил (а) ба гиребони Марям разияллоҳу анҳо дод. Ва баъзе бар онанд, ки Ҷабраил (а) боде ба Марям андар дамида буд. Ва гӯянд, ки чун атса ё бод аз Ҷабраил (а) ба гиребони Марям расид, ҳанӯз ба раҳм нарасида гуфт, ки Худо яке аст ва ман бандаи ӯям. Баъд аз он Марям аз канори чашма ба масҷид рафта, ба ибодат машғул шуд ва ҳама рӯзу шаб мегирист ва бо касе ҳоли худ намегуфт, ки бовар нахоҳад кард. Ва пайваста менолиду мегуфт, ки он чи маро пеш омадааст, дар олам касеро наёмада, ки бегуноҳ пеши мардум расво шудам ва модару падари ман расво шуданд. Баъд аз муддате Бани Исроил хабардор шуда, ӯро маломат мекарданд ва ӯ ҳеҷ ҷавоб намедод.

Чун нӯҳ моҳ баромад, асари ҳамл зоҳир гашт, хост, ки аз шаҳр берун рафта ба ҷое биравад, ки касе ӯро набинад. Пас рӯ ба биёбон ниҳода, дар саҳро мегашт, то ба зери дарахти хурмо, ки хушк шуда буд, расид. Қавлуху таъоло: **Фаҷоаҳо-л-махозу ила ҷизъи-н-нахлати. Қолат ё лайтанӣ митту қабла ҳаза ва кунту насям-мансийян.**[7]

Яъне: пас ҳаргоҳ ки бинёвард дард ӯро сӯи танаи дарахти хурмо, мегуфт: Кошки пеш аз он мурдаме, то аз дили халқ фаромӯш гаштаме, ки ин ҳол пеши ман наёмадӣ.

Баъд аз соъате писаре чун моҳи тобон аз вай ҷудо гашт ва дарахти хурмо сабз шуда, рутаби тоза падид овард. Худои таъоло ҳуронро аз Биҳишт фиристод, то хидмати ӯ карда, кӯдакро бар гирифта, дар чашмае, ки аз қудрати илоҳӣ ҳамон замон пайдо шуда буд, шуста дар гиребонаш печиданд.. Пас хитоб омад: қавлуҳу таъоло: **Фанодоҳо мин таҳтиҳо ал-ло таҳзанӣ қад ҷаъала раббуки таҳтаки сарийян**[8].

Пас нидо карданд аз зери ӯ: Ғам махӯр, ки хароина гардонидааст Парвардигори ту зери ту чашма.

Чун нигоҳ кард, писаре дид, гӯё моҳи шаби чахордаҳум баромада. Кӯдак овоз дод: «Ё Модар, касе нест, ки туро таҳният

---

[6] Қуръон: 19, 21.
[7] Қуръон: 19, 23.
[8] Қуръон: 19, 24.

кунад ё муборакбод гўяд, чашми ту равшан бод бар кудуми ман!» Марям (а) аз сухан гуфтани ў ачаб монд ва мехраш зиёда гашт. Чун аз вазъи ҳамл фориғ гашт, гурусна шуд, овозе шунид: қавлуҳу таъоло: **Ва ҳуззӣ илайки бичизъи-н-нахлати тусоқит ъалайки рутабан ҷаниййан**[б].

Яъне: бичунбон сўи худ танаи дарахти рутабро, бияфтад бар ту тоза.

Марям *разияллоҳу анҳо* нигоҳ кард бар дарахти хушк, хурмои тоза дид ва гуфт: «Ё малико, он вакт ки Закариё маро дар савмаъа бурда, куфл бар дар зада, рўзии ман беранҷ расонидӣ, ки вакт мефармой, ки дарахт бичунбонам, то рўзие ёбам. Ту кодирӣ, маро беранҷ бирасон». Нидо омад: «Ё Марям, дар он вакт ба дили ту чуз аз мо касе дўст набуд, акнун чун дилат ба фарзанд моил гашт, ҳароина ба касб ҳоҷат шуд. Аз дарахт хурмо бихўр ва аз чашма об биёшом. Ва чашми ту ба вилодати фарзанд рўшан бод, ки пайғамбари мо хоҳад буд». Қавлуҳу таъоло: **Фа кулӣ ва-шрабӣ ва қарри ъайнан**[в].

Яъне: пас бихўру бинўш ва сард кун чашмҳои худро ва агар касе туро бипурсад, ки ин фарзанд аз кучо овардӣ, бигў, ки ман назр кардаам, бо касе сухан нагўям. Қавлуҳу таъоло: **Фа ламмо тарайинна мина-л-башари аҳадан, фа кулӣ иннӣ назарту ли-р-раҳмони савман, фа лан укаллима-л-явма инсийян**.[г]

Яъне: агар бубинӣ ту аз одам касеро, пас бигў, ки ҳароина ман назр кардаам барои Худо рўзаро, ҳаргиз калима накунам имрўз бо касе аз одамӣ.

Пас Исо (а)-ро ба канор гирифта ба шаҳре омад. Бани Исроил чун диданд, маломат карданд ва гуфтанд, ки писар аз кучо овардӣ? Какавлиҳи таъоло: **Ё ухта Ҳоруна мо кона абуки-мраъа савъив-ва мо конат уммуки бағийян**.[д]

Яъне: эй ҳамшираи Ҳорун, падарат зонӣ набудааст ва модарат низ бадкора нест, ин писар чӣ тавр зоидӣ? Агарчи Марям хоҳари Ҳорун нест, аммо аз барои он гуфтанд, ки аз авлоди Ҳорун буд. Қавлуҳу таъоло: **Фа ашорат илайҳи**.[а]

Яъне: ишора кард ба сўи ў, яъне ишора кард, ки аз кўдак бипурсед. Қавлуҳу таъоло: **Колу кайфа нукаллиму ман кона фи-л-маҳди сабийян**.[б]

Яъне гуфтанд: Чи гуна сухан кунем ба тифле дар гаҳвора, ки он кўдак аст.

Баъд аз он шахсе наздикии гаҳвора омад ва гуфт: «Эй кўдак ту кистӣ ва падарат кист?» Ҳакк таъоло ва такаддус за-

---

[б] Куръон: 19, 25.
[в] Куръон: 19, 26.
[г] Куръон: 19, 26.
[д] Куръон: 19, 28.
[а] Куръон: 19, 29.
[б] Куръон. 19, 29.

бони Исо бикшод. Қавлуҳу таъоло: **Қола инний ъабдуллоҳи отония л-китоба ва ҷаъаланӣ набияв-ва ҷаъаланӣ муборакан айна мо кунту ва авсонӣ би-с-салоти ва-з-закоти мо думту ҳайян.**[а]

Яъне: ҳароина ман бандаи Худоям, додааст маро китоб ва пайғамбар гардонидааст маро ва гардонидааст маро муборак ҳар ҷо ки бошам ва ҳукм кардааст маро ба намозу закот то ба қайди ҳаёт: Қакавлиҳи таъоло: **Ва барра биволидатӣ ва лам яҷъалнӣ ҷабборан шақиййян.**[а]

Яъне: гардонид маро накӯкор ба модари ман ва мехрубон бар ӯ ва накардааст маро аз бадбахтон ва мутакаббирон. Қавлуҳу таъол: **Вас-салому ъалайя явма вулитту ва явма амуту ва явма убъасу ҳайян.**[б]

Яъне: саломи Худо бар ман бод он рӯз, ки пайдо шудам ва он рӯз, ки мирам ва он рӯз, ки бархезам зинда.

Чун Бани Исроил ин ҳама муъҷизот ба забони Исо бишниданд, мутаҳаййир бимонданд. Ва аз гуфтани ӯ донистанд, ки Исо (а) пайғамбари барҳақ аст ва сухани мардум — буҳтон. Он ки Марям *разияллоҳу анҳо* Исоро мепарварид ҳар рӯз, Бани Исроил қариби гаҳвора омада нишастандӣ ва Исо (а) дар гаҳвора Таврот хондӣ ва ҳама истимоъ кардандӣ, то ба хадди булуғ расид.. Фармон омад: «Ё Исо (а), Бани Исроилро даъват кун, то имон оранд!». Ҳарчанд Исо (а) даъват мекард, имон наёварда мегуфтанд, ки мо дини Мӯсо (а)-ро гузошта, сухани кӯдаки бепадар ҷӯбат накунем.

Исо (а) дилтанг шуда аз шаҳр берун рафт. Ҷамоъате козуронро дид, ки ҷома мешустанд. Гуфт, ки шумо ҷомаро покиза мекунед, чаро дилҳои худро покиза намекунед. Гуфтанд: «Дилҳои хеш ба чӣ покиза кунем?» Гуфт: «Бигӯед: **«Ло илоҳа иллалоҳ, Исо руҳуллоҳ»**. Қозурон калиман Исо (а) гуфта, ансори ӯ шуданд ва ҷомаҳо ба моликон дода, дар паи Исо (а) шуданд, то ба кавми сайёдон расиданд, ки ба канораи дарё моҳӣ мегирифтанд. Чун эшонро даъват кард, гуфтанд, ки ё Исо, ҳар пайғамбаре, ки ба мо омада, мӯъҷизаи худ намуда, муъҷизаи ту чист? Исо гуфт: Қавлуҳу таъоло: **Аннӣ ахлуқу лакум мина-т-тини каҳайати-т-тайри фа анфуху фиҳи фа якуну тайран би изниллоҳи ва убриу-л-акмаҳа ва-л-абраса ва уҳйи-л-мавто би изниллоҳ.**[а]

Яъне: ин ки тайёр кунам барои шумо аз хок монанди шакли ҷонвар, пас дам мекунам дар ӯ, пас мешавад ҷонвар, ба ҳукми Худои таъоло. Ва сиҳат кунам кӯри модарзод ва абрасро ва мурдаро зинда кунам, ба ҳукми Худои таъоло.

[а] Қуръон: 19, 30—31.
[а] Қуръон: 19, 32.
[б] Қуръон: 19, 33.
[а] Қуръон: 3, 49.

Сайёдон гуфтанд: Қавлуҳу таъоло: **Ё Ъиса-бна Марям хал ястатиъу раббука ай юназзила ъалайно моидатам-мина-с- самои**[б].

Яъне: ё Ибни Марям, оё метавонад Худои ту он ки нозил кунад бар мо хоне аз осмон? Қавлуҳу таъоло: **Қола-ттақуллоҳа ин кунтум муъминин.**[в]

Яъне: гуфт: Битарсед аз Худой, агар шумо муъминонед. **Қолу нуриду ан-наъкула минҳо ва татмаинна кулубуно ва наълама ан қад садақтано ва накуна ъалайҳо мина-ш-шоҳидин.**[г]

Яъне: гуфтанд: Мехоҳем, ки аз он таъом хӯрем, то дилҳои мо ором гирад ва бидонем, ки ту ростгӯй ва ба рисолати ту гувоҳ бошем.

Исо (а) дар саҳро рафта сар бараҳна кард ва дастҳо ба дуъо бардошту гуфт: «Худовандо, ту доной он чи эшон мехоҳанд, агар дар азал хукм ронда, ба эшон бифирист». Қавлуҳу таъоло: **Қола Ъиса-бну Маряма Аллоҳумма раббано анзил ъалайно моидатам-мина-с-самои такуну лано ъидал-ли аввалино ва охирино ва оятам минка ва-рзуқно ва анта хайру-р-розиқин.**[д]

Яъне: гуфт Исо ибни Марям: Ё Парвардигори мо, нозил кун бар мо хони монда ороста аз осмон, ки шавад барои мо иди аввал ва охир моро ва нишон аз ту ва ризқ деҳ моро ва ҳастӣ ту бехтар ризқдиҳанда.

Дарҳол Ҷабраил (а) омада гуфт: қавлуҳу таъоло: **Қола-ллоҳу инни муназзилуҳо ъалайкум фа май-якфур баъду минкум фа инни уъаззибуҳу ъазобал-ло уъаззибуҳу аҳадам-мина-л ъоламин.**[е]

Яъне: Худои таъоло мефармояд, ки ман нозил мекунам барои эшон он чи мехоҳанд, аммо баъд аз он хар кофире, ки имон наоварад, ӯро чунон азоб расонам, ки дар олам касро нарасонидаам.

Дарҳол дид, ки аз осмон хоне фурӯ меояд. Чун ба замин фурӯ мерасид, сарпӯш во карда диданд, ки панҷто нон, як моҳии бирён ва қадре тара ва наздики моҳӣ намакдоне ниҳода, он моҳӣ на устухон дошт ва на хор ва панҷ адад анор ва муште хурмо ва қадре зайтун дар хон аст. Ҳама Бани Исроил ҷамъ шуда меингаристанд ва намехӯрданд. Исо *алайҳиссаломро* мегуфтанд, ки ин моҳии бирёнро зинда кун, то дили мо бар пайғамбарии ту қарор гирад. Исо (а) бод дар моҳӣ дамид, дарҳол азими саҳмнок шуда барҷаст ва дар миёни қавм афтод ва ҳафтод касро заҳра таркида ҳалок шуданд. Бори дигар дуъо кард ва моҳӣ ҳамчунон бирён шуда.

[б] Қуръон: 5, 112. [в] Қуръон: 5, 112. [г] Қуръон: 5, 113. [д] Қуръон: 5, 114. [е] Қуръон: 5, 115.

Исо *алайҳиссалом* даст дароз карда, ба хӯрдан нишаст. Тавонгарон нахӯрданд, аммо дарвешон баъзе мувофақат карданд, хама тавонгар шуданд. Он касоне, ки бемор буданд, тандуруст ва касоне, ки нобино буданд, бино гаштанд. Чун шаб омад хонро бар қарор диданд, ки ҳеҷ кам нашуда буд, боз ба осмон бурданд. Тавонгароне, ки нахӯрда буданд пушаймон шуданд, ки таъом аз Биҳишт буд, чаро нахӯрдем.

Дигар рӯз фуруд омад тавонгарону дарвешон ҳафтод ҳазор кас ҷамъ шуданд, он як моҳӣ ва тара ва панҷ нон бихӯрданд, як зарра аз ӯ кам нашуд. Ва ҳар ки майл ба ширинӣ доштӣ, ширинӣ будӣ ва ҳар ки туршӣ хостӣ, туршӣ ёфтӣ ва ҳар ки майл ба шӯр доштӣ, намак будӣ. То се рӯз хон ба осмон мерафту меомад. Қасоне, ки дар он шаҳру вилоят буданд, ҳама бихӯрданду сер гаштанд. Аммо ба фармони Худои таъоло зарра аз ӯ кам нашуд.

Баъзе гуфтанд, ки то чиҳил рӯз он хон меомаду мерафт. Чун Бани Исроил ин ҳама муъҷиза бидиданд, баъзе имон оварданд ва баъзе, шукр накарда, хуку хирс гаштанд. Ва Исо (а) бо касоне, ки имон оварда буданд, гуфт, ки агар шумо ҳам имон намеовардед, хирсу хук мешудед.

Дар хабар аст, ки аз қавми мушрикон ҳафтсад кас мисх гардиданд ва муъминон аз дили софӣ ба ибодат машғул шуданд.

Чунин овардаанд, ки Исо (а) ба қавми муъминон ба сахро мерафт, ногоҳ рӯбоҳе пеш омад, Исо (а) гуфт: «Ё рӯбоҳ, аз кучоиву кучо меравӣ?» Гуфт: «Аз хонаи худ меоям ва боз ба хонаи дигар меравам». Исо гуфт: **Лайса макона ли Ибни Маряма.** Яъне: нест макон барои писари Марям.

Муъминон гуфтанд: «Ё расулаллоҳ, иҷозат деҳ то ба ҷиҳати ту хона созем». Исо (а) гуфт, ки мол надорем. Гуфтанд, ки моён зар медиҳем. Гуфт: «Он чо ки ман бигӯям, хона бисозед». Рӯзи дигар муъминон ба хидмати Исо (а) молҳо бисёр оварданд. Исо (а) гуфт, ки бо ман биёед, то ҷои хона намоям. Эшонро ба канораи дарё ба ҷои махуф, ки талотуми амвоҷ меомад, бурда гуфт, ки хонаи ман ин чо созед. Гуфтанд: «Ё расулаллоҳ, ин мавзеъ, ки ихтиёр мекунӣ, ҷои азим саҳмнок аст ва муҳлик, бинои хона чи гуна қарор гирад?» Гуфт: «Дунё низ дарёи махуф аст, ки мавҷ мезанад ва як ба як ҳамаро мерабояд, пас дар Дунё хона сохтан чи бақо бувад, хонаи охират бояд сохт, ки бақоӣ дорад».

Нақл аст, ки дар рӯзгори Исо (а) зане буд, некӯрӯй ва некхисол. Рӯзе танӯрро тофта хост, ки нон бипазад ва вакти намоз даромад, танӯри тофтаро бигзошту ба намоз машғул шуд. Пас аз намоз фориғ шуда, пеши танӯр рафт, тифли худро дар танӯр

дид афтода, бар оташ бозӣ мекунад. Кӯдакро аз танӯр баркашид, аҳвол ба шавҳари худ гуфт. Он мард ин ҳикоят пеши Исо (а) арз кард. Гуфт, ки зани худро пеш бинёр то аҳволаш бипурсам. Чун зан омад, Исо (а) савол кард, ки ту чи тоъат кардаӣ, ки Худои таъоло туро ин дараҷа каромат карда. Гуфт: «Худои *аззаву ҷалла* донотар аст, ки ман ба чаҳор хислат қиём медорам: аввал он ки дар неъмат шукирам, дуввум дар бало собирам, савум — он чи ки ризои ӯ бошад бинамоям, чаҳорум он ки кори Охират бар кори Дунё муқаддам дорам, агарчи кор аз даст биравад. Исо (а) гуфт: «Ин зан агар мард будӣ, Ҳаққ таъоло ба вай ваҳӣ фиристодӣ».

Оварданд, ки рӯзе Исо бар сари гӯре бигзашт, ки аз он гӯр нур медурахшид, дуъо кард дарҳол гӯр бишкофта, мурда берун омад, ки табаке аз нур бар сари вай ниҳодаанд. Гуфт: «Ин дараҷа ба чи амал ёфтӣ?» Гуфт: «Писаре солиҳ дар Дунё дорам, ӯ дар ҳаққи ман дуъо кард, Худои таъоло мустаҷоб фармуда, бар ман раҳмат намуд». Исо (а) гуфт: «Дуъои писарон дар ҳаққи модару падар муассир аст ва мурдагон фахри фарзанди солиҳ мекунанд». *Вассалом.*

ЗИКРИ ВАФОТИ ҲАЗРАТИ МАРЯМ РАЗИЯЛЛОҲУ ТАЪОЛО АНҲО ВА БАР ОСМОН РАФТАНИ ИСО АЛАЙҲИССАЛОМ

Овардаанд, ки Исо (а) модари худро аз Байтулмуқаддас ба Шом мебурд, ногоҳ дар роҳ бемор гашт. Чун Марям *разияллоҳу таъоло анҳо* дар он вақт ба ҷуз аз бехи гиёҳ чизе нахӯрдӣ, Исо (а) модари худро ба ҷое гузошта, ба талаби бехи гиёҳ рафт, ки Марям *разияллоҳу таъоло анҳо* дар саҳро вафот кард. Худои таъоло ҳуронро фиристод, то ҳуллаҳое аз Биҳишт оварда Марямро ғусл дода, ҳуллаҳоро дарпӯшонида дафн карданд. Чун Исо (а) даррасид, модари худ дар ҷое, ки дошта буд, наёфта, се навбат бонг кард, дар бонги савум овозе шунид, ки лаббайка, ё фарзанд. Исо (а) гуфт: «Ё модар, се маротиба овоз кардам, чаро ҷавоб надодӣ?» Гуфт: «Ба бонги аввал дар Фирдавси Аъло будам ва ба бонги дувум ба Сидратулмунтаҳо ва аз бонги савум ба Осмон омада, ҷавоб додам». Гуфт: Ё модар, ҳоли хеш бигӯй». Гуфт: «Касе, ки хушнудии Худои таъоло ёфта, ба Фирдавс расида муроди худ ёфта бошад, ҳоли ӯ чӣ мепурсӣ»?

Исо (а) аз он ҷо бо дили бирёну чашми гирён ба муфорақати модар бозгашт. Пас дар Байтулмуқаддас рафта халқро даъват мекард. Рӯзе ба фармони Худои таъоло бар минбар шуд ва гуфт: «Ё қавм, бидонед, ки таъзим рӯзи шанбе ба вақти Мӯсо (а) ба китоби Таврот буд, Худои таъоло онро мансух карда, ак-

нун аз китоби мо, ки Инҷил аст, кор кунед ва таъзим рӯзи якшанбе бидоред ва шариъати китоби ман бигиред».

Бани Исроилро ин сухан душвор омада дар дил кина гирифтанд ва мегуфтанд: «Ҳар кадом пайғамбар дар Бани Исроил шуда, шариъати Мӯсо (а)-ро мансух накарда. Ин кӯдаки бепадар китоби Мӯсо (а)-ро мансух мегардонад, ӯро ҳалок кунем, то шариъати Мӯсо (а) барқарор бимонад». Муъминони яҳудӣ гуфтанд, ки ё қавм, аз куштани Закариё ба шумо чӣ азоб пеш омада буд, фаромӯш карда, боз қасди куштани Исо *алайҳиссалом*, ки набии мурсал аст, доред, бояд, ки акнун аз Худои таъоло тарсед, қасди куштани ӯ накунед ва ба ӯ имон оред.

Чандон ки гуфтанд, гӯш накарда, фурсати вақт мечустанд, ки Исо (а)-ро танҳо ёфта бикушанд. Муъминон хабардорӣ ва мутобаъати пайғамбар намуда танҳо намегузоштанд. Зане аз ҳавориён гуфт: «Эй қавм, шумо ҳар рӯз дар пои одаме равед чи кардааст ва чи касе аст». Гуфтанд: «Исо (а) расули Худо мурдаро зинда мекунад ва ба фармони Худои таъоло нобиноро бино мегардонад». Зан гуфт: «Хушак (хушбахт) он шикаме, ки бори ӯ доштааст». Исои Рӯҳуллоҳ рӯй бар он зан кард ва гуфт: «Бигӯ: Хушак он кас, ки Қуръон бихонад».

Он зан ва қавми Бани Исроил гуфтанд: «Ё расулаллоҳ, Қуръон чист, ки номи Қуръон нашнидаем». Гуфт: «Қуръон номи китоб, бар пайғамбари охируззамон Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* нозил хоҳад шуд. Қ а в л ӯ ҳ у т а ъ о л о: **Из қола Ъиса-бну Маряма ё Бани Исроила инни расулуллоҳи илайкум мусаддиқал-лимо байна ядайя мина-т-Тавроти ва мубашширан би расулин яъти мин баъдӣ-смуҳу Аҳмаду**[a].

Яъне: ҳар гоҳ гуфт Исо ибни Марям (а): Ё Бани Исроил, ҳароина ман пайғамбари Худоям сӯи шумо тасдиққунанда он чи пеши ман аст аз Таврот ва башоратдиҳанда ба он пайғамбар, ки меояд дар паси ман, ки исми муборакаш Аҳмад аст, ки уммати ӯ Қуръонро ҳифз хонанд ва уммати пайғамбари дигар он китобро тамом ёд хондан натавонистанд.

Чун хабар ба ҷуҳудон расид, ки Исо *алайҳиссалом* шариъати дигар аз пайғамбари дигар мужда медиҳад, иттифоқ карданд, ки Исо (а)-ро бикушанд, вагарна қувват карда дини Мӯсо *алайҳиссаломро* ботил кунад. Раиси палидро бардоштанд ва мардум ҷамъ карда, қасди халоки Исо карданд. Ҳавориён аз дур бидиданд, ки ҷуҳудон қасд ба куштани Исо (а) медоранд, пеши Пайғамбар омаданд. Исо *алайҳиссалом* гуфт: «Эй қавм, матарсед, ки эшон бо мо ҳеҷ натавонанд кард. Шумоён панди ман нигоҳ дошта, бар дини хеш ва бар дини Муҳаммади Мус-

[a] Қуръон: 61, 6.

тафо *саллалоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* собитқадам буда, имон оред, то аз ҷумлаи растагорон бошед».

Алҳосил, Исо (а) бо ҳавориён дар хонаи Айнуссулук рафт, ҷуҳудон муҳосира карданд ва гирди хона гирифтанд. Дарҳол Ҷабраил (а) биёмад ва сақфи хона бишикофт, Исо (а)-ро баргирифт ва бар осмони чаҳорум бурд. Худои таъоло ӯро суҳбати фариштагон бахшида ҳоҷати таъому шароб зи ӯ баргирифт.

Маликиҷуҳудон Шуюғ ном дошт, ки дар он хона ба қасди куштани Исо (а) хазида буд, чандон ки талаб кард, наёфт Чун дер шуд, ҷуҳудон дар он хона даршуданд. Худои таъоло Шуюғро ба шакли Исо (а) гардонида буд, ҷуҳудон пиндоштанд, ки Исо аст, дар зарби шамшер гирифтанд, ҳарчанд фарёд мекард, ки ман Шуюғам, фонда надошт, балки мегуфтанд, ки Исо ба ҷоду шакли худро Шуюғ кардааст.

Пас аз куштани Шуюғ ҷуҳудон дар шубҳа афтоданд, ки агар Шуюғ аст Исо куҷо, агар ин Исо (а) аст, Шуюғ куҷо рафта. Эшон надонистанд, ки Исо (а)-ро ба чаҳорум осмон бурдаанд. Қавлуҳу таъоло: **Мо қаталуҳу ва мо салабуҳу ва локин шуббиҳа лаҳум**[а].

Яъне: қатл накарданд ӯро ва дар дор надоданд ӯро, лекин шакке шуд мар ӯ эшонро.

Ва асҳоби маърифат чунин гуфтаанд, ки Худои таъоло панҷоҳ сол Шуюғро аз он рӯ ба нозу неъмат бипарварид, ки медонист Исо ба дасти ҷуҳудон гирифтор гардад, то Шуюғро фидои ӯ карда Исоро халос кунад. Ва Фиръавнро чаҳорсад сол ба неъмат бипарварид, то ӯро фидои Мӯсо (а) карда, Мӯсо (а)-ро начот дод. Ва чаҳор ҳазор сол қурбони Ҳобилро дар Фирдавс нигоҳ дошт, фидои Исмоъил (а) карда, ӯро озод кард. Ва бандагони кофирону ҷуҳудон ва тарсоёнро муддате дар неъмат бипарвард ва ин қадри эшон нест, ки ба неъмат парварда шаванд. Лекин медонад, ки муъминон ба лаби Дӯзах дармонанд, эшонро фидои муъминон карда муъминонро аз оташи Дӯзах халос дихад.

Ва дар ахбор омадааст, ки дар он замон, ки малъуни Даҷҷол берун омада, халкро гумроҳ карда, кофир гардонад ва ҳазрати Имом Маҳдӣ бо ҷамоъати муъминон дар Байтулмуқаддас бошад. Исо *алайҳиссалом* берун омада, бо Даҷҷол ҳарб кунад ва бикушад ва тобеони худро ба дини Муҳаммадӣ хонад. Ва Исо (а) ҳам ба дини Муҳаммадӣ бошад. Ва ҳар кӣ ба ислом имон орад, ӯро амон диҳад ва ҳар ки имон наорад, ӯро бикушад, аз Шарқ то Ғарб ҳама оламро мусаххар гардонад ва мусулмон кунад ва тақвияти дини Муҳаммадӣ намояд, чунон ки як кофир дар ҷаҳон намонад ва олам ободон шуда, неъмат фа-

[а] Қуръон: 4, 157.

рох гардад ва адолатро ба ғоят расонад, ки гургу гавазн бо ҳам об бихӯранд ва золимонро мақҳур гардонад, то чиҳил сол оламро ба-д-ин минвол обод сохта, ӯ низ талхии ҷон кандан бичашад ва аз дунё берун равад, то мусалмонон ӯро наздики ҳучраи Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* дафн кунанд.

ЗИКРИ МУЛОҚӢ ШУДАНИ ҲАЗРАТИ ИСО БО САРИ ПӮСИДАИ ҶУМҶУМА

Дар ривояти Қаъбулаҳбор чунин оварда, ки рӯзе Исо (а) дар биёбоне аз биёбони Шом мерафт, устухони калла ёфт, бағоят пӯсида. Гуфт: «Худовандо, комрон тӯӣ ва доноӣ ва ҳар коре, ки аз ту мехоҳам барорӣ. Ин устухонро фармон дех, ки он чи суол кунам, ҷавоби он диҳад». Дар ин асно ндо омад, ки ё Исо, он чӣ мехоҳӣ, бипурс — ҷавобаш хоҳӣ ёфт. Пас Исо (а) гуфт: «Ё устухони пӯсида, ба фармони Худои *аззаву ҷалл* аз ман ҷавоб кун!» Устухон ба қудрати Худои таъоло боиг кард ва гуфт: **«Ашҳаду ал ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Ъисо расулуллоҳ.** Ё пайғамбар, аз ман суол кун, ҳар чи пурсӣ аз фармони Худои таъоло ҷавоби он диҳам». Гуфт: «Ту нарина будӣ ё модина, саъид будӣ ё шақӣ, аз хондагон будӣ ё рондагон, тавонгар будӣ ё дарвеш, некӯрӯй будӣ ё зишт, дарозқад будӣ ё кӯтоҳ, сахӣ будӣ ё бахил, номат чӣ буд?»

Гуфт: «Марди саъиду ғанӣ ва некӯрӯю қоматбаланд ва сахӣ будам ва мулке бар зери фармон доштам, номи ман Ҷумҷума будааст. Ва бисьёр маликон зери дасти ман буданд ва аз неъмати Дунё ҳеҷ камӣ надоштам ва ҳеҷ вақт аз лаҳву лаъб хато намекардам ва панҷ ҳазор ғуломи сурхқабо, қадболо, ростқирдор, чоннисор бо амудҳои симин ва камарбандҳои зарин ва панҷ ҳазор ғуломи сафедқабо ба шамшерҳои ҳиндӣ ба чапу рости ман будандӣ. Ва понсад ғуломи моҳрӯй бо ною тарона ва понсад ғулом бо чангу чағона пайваста ба хидматам истодандӣ. Ва ҳазор канизаки туркии хушовоз суруд гуфтандӣ, чунон ки мурғон ба ҳаво ба истиқболъ омаданди ва одамиён мадҳуш гаштандӣ. Ва ҳазор канизаки ҳамқаду ҳамранг рақс кардандӣ.

Ё пайғамбари Худо, агар тамоми сифати он мачлис кунам, туро аҷаб ояд. Ва чун ба сайдгоҳ рафтаме, ҳазор маркабе бо зинҳои зарин дар пеш мегаштандӣ ва чаҳор ҳазор ғуломи зархарид бо қабоҳои сафед ва тоҷи мукаллал ба зару ҷавоҳир, бозеву шоҳине бар даст карда ҳамроҳ будандӣ. Ва чаҳор ҳазор ғуломи заринкамар дар пеш ва чаҳор ҳазор ғуломи заринпӯш дар пас ва чаҳор ҳазор ғулом бо тиру камон ва силоҳ ба дасти рост ва чаҳор ҳазор ба дасти чап будандӣ. Ва даҳ ҳазор саг бо қилодҳои зарин ва даҳ ҳазор юз мебурданд.

Ё пайғамбар, агар тамоми сифати сайдгоҳ кунам, ки чи гуна буд, одамиён ҳайрон бимонанд ва ман подшоҳи Мағрибу Шом будам ва шумори лашкари ман вазирон душвор дониста оҷиз шудандӣ ва бо ҳазор малик ҳарб карда, бар онҳо зафар ёфтам. Ва агар сифати ин сози чангу масоф кунам, халоиқ дар бимонанд. Ва душманро заҳраи он набуд, ки бо ман хусумат карда, ба чанги ман омадӣ ва кина варзидӣ. Ва чаҳорсад сол подшоҳӣ ба коми дил кардам ва як рӯз ранҷе нарасид. Ва марде будам баландҳиммат ва беназир, бо ҷамолу камол ва хубӣ. Ҳар кас, ки дар ман нигоҳ кардӣ мутаҳайир бимондӣ. Ва дарвешонро дӯст доштам, ҳар рӯз ҳазор динор додаме ва ҳар рӯз гуруснаро таъом хӯронидаме ва ҳазор бараҳнаро ҷома пӯшонидаме ва албатта ёварии толибон кардаме. Валекин аз Худои *аззаву ҷалл* ношинос будаме, бут парастаме».

Исо *алайҳиссалом* гуфт: «Чанд сол аст, ки мурдӣ ва шарбати марг чӣ гуна чашидӣ ва ҳайбати панҷаи Малакулмавт чӣ гуна дидай?» Ҷумҷума гуфт: «Ё пайғамбари Худо, бидон, ки сад сол шуда аз Дунё рафтаам. Ба охири умр рӯзе дар гармоба нишаста будам, ки гармии гармоба асар кард, бархоста ба хона омадам ва ба бистари шоҳӣ бихуспидам, сустии андак бар ман падид омад ва ҳол баргашта тағйире дар ман зоҳир шуд. Вазирони давлатро бихонда гуфтам, ки маро чора созед ва ҳазор табиб доштам, ҳамаро талабидам, гуфтам, ки илочи ман бикунед, то чаҳор рӯз эшон дору карданд, дармонданд ва оҷиз гаштанд. Ҳеҷ доруе дар ман асар накард ва фоида надод.

Рӯзи панҷум ҳоли ман бигардид ва забонам сиёҳ гашт ва ларза дар андомам афтод, чашмонам аз дидан боздмонданд. Пас дар сакароти марг гашта, овозе шунидам, ки чони ӯро бардошта ба Дӯзах баред. Ва баъд аз соъате Малакулмавт ҳарбаи мухиб дар даст гирифта, ба сурати саҳмгин даромад. Сараш ба осмон ва пояш бар замини ҳафтум расида буд ва чанд рӯяш дидам азиму саҳмнок. Ҳарчанд илҳоҳу зорӣ кардам, фоида надод».

Исо (а) гуфт: «Аз Малакулмавт хеҷ пурсидӣ, ки он рӯйҳо чист?» Гуфт: «Бипурсидам. Ӯ гуфт: «Ба-д-ин рӯйҳое, ки дар пеш дорам, чонҳои муъминон ва уммати Мухаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам*ро қабз кунам ва хохам намуд ва рӯйҳое, ки чониби рост медорам чонҳои аҳли самовот бигирам. Ва ба-д-ин рӯйҳое, ки бар пушт дорам, чонҳои кофирону мушрикон қабз кунам». Исо *алайҳиссалом* гуфт: «Сакароти марг чи гуна чашидӣ?» Гуфт: «Малакулмавтро бо гурӯҳи фариштаҳо дидам, ки гурӯҳе ба оташи сӯзон ва гурӯҳе бо корду шамшерҳои бурро ва гурӯҳе бо амудҳои оташин омаданд ва бар андомҳои ман мезаданд ва ҳеҷ оташи сӯзон тезтар аз ӯ

надидам. Пас рагу решаи маиро гирифта, чон аз тани ман бе-рун мекашиданд.

Гуфтам: «Эй фариштагон, маро бигзоред, то чумлаи моле, ки дорам, ба шумо диҳам». Пас тапонча бар рӯи ман заданд, наздик буд, ки чумлаи андоми ман банд аз банд чудо гардад. Ва гуфтанд: «Эй бадбахти бешарм, намедонӣ, ки Ҳаққ таъоло мол-ро ба ивази гуноҳи куфр намепазирад».

Дигар бор гуфтам, ки даст аз ман бидоред, то ахлу фарзан-ди худро дар роҳи Ҳаққ фидо кунам. Гуфтанд: «Ҳайҳот-ҳайҳот, надонӣ Худои таъоло ришват напазирад». Он гоҳ чони ман аз ман бигрифтанду бирафтанд ва чон додан бар ман чу-нон душвор шуд, ки чун ҳазор шамшер бар ман заданд, пас ма-ро дар кафан гирифтанд ва ба лашкаргоҳи мурдагон бурда, дар гӯр хобониданд ва хок бар сари ман рехтанд, баъд аз он дар гӯр чон боздоданд.

Авал фариштагон, ки муваккалон дар Дунё буданд, омада гуфтанд, ки ҳар чи дар Дунё кардӣ бинавис ва чазои он бубин. Пас кафани хешро коғаз карда, ба дасти худ кирдорҳои худ на-виштам, ки фалон рӯз чунину чунон кардам. Ва он чи фаромӯш буд, ба ёд медоданд. Дар он ҳолат мегуфтам: «Во ҳасрато, во надомато, во туломило, во мусибато».

Пас он ду фариштa, ки эшонро Мункар ва Накир гӯянд, ба сурати зишт омаданд. Ба муҷарради муъоянаи эшон ақли ман зоил шуд ва мадҳуш гаштам, зеро ки ҳеҷ чонваре аз эшон зишт-тар надида будам. Ва аз омадану рафтан заминро мешкоф-танд. Он гаҳ Мункар ва Накир мани шакиро нишонданд ва пур-сиданд, ки «Худои ту кист?» Гуфтам: «Худои ман шумоед». Он гаҳ маро азоб карданд ва амуди оҳанин бар сари ман заданд, ки аз ҳавли он Тахтуссаро биларзид. Пас аз дин пурсиданд, ақлу хуш аз ман бирафт ва хотир табоҳ гашта, забонам аз кор шуд.

Гуфтанд: «Эй дурӯғгӯ, Худои ту кист?» Боз гуфтам: «Шу-моед». Як зарби дигар заданд. Гуфтам: «Оҳ дарего, кошки мо-дарам назодӣ, во ҳасрато, во надомато, кучо гурезам ва киро хонам, магар Худои таъоло Раҳмону Раҳим аст».

Ва донистам, ки ҳазор сол подшоҳии Дунё ба-д-он як суол наярзад. Сипас он бонг карданд, ки хашми Худои таъоло бар он касе бод, ки рӯзӣ аз Худо хӯраду дигареро парастад. Баъд аз соъате замин маро бигрифт, то ҳафт андомам бихурӯшид ва дар ҳам шикаст. Баъдаҳу гуфт: «Ё душмани Худой, бар пушти ман будӣ ва аз куфри ту душман медоштам. Акнун муроди ман ҳосил шуда, ки дар шиками ман омадӣ, ба иззату ҷамоли *азза-ву ҷалл*, ки амри ӯ зи ҳаққи эзидӣ аз ту бистонам».

Боз ду фариштаи сиёҳпӯши пурхашм биёмаданд, ки ҳаргиз

ба зиштии эшон ҳеҷ касро надида будам. Маро аз ин ҷо баргирифта наздики Арш бурданд, пиндоштам, ки ба ҷои раҳмат расидем, ногоҳ мунодӣ аз гӯшаи Арш овоз дод, ки ин шақиро ба Дӯзах баред. Ва наздики Арш чаҳор курсии гаронмоя ба зевар ороста дидам, ки бар як курсӣ Иброҳими Халилуллоҳ (а) ва ба як курсӣ Мӯсои Қалимуллоҳ (а) ва бар саввум курсӣ Муҳаммади Расулуллоҳ *салотуллоҳи алайҳим* ва бар курсии чаҳорум пирамардеро дидам хашмолуд ва забонаи оташ ба мутобаъати ӯ истода ва силсилаҳои дароз гирифта ва ғулаҳои сангин бардошта, номи ӯ Молик аст.

Маро дар пеши он пир бурданд, бонг бар ман зада, чунон ки аз бонгаш ҳафт андоми ман биларзид, бифармуд, ки ин бадбахтро дар ғул кашед. Пас қайди гарон бар ман ниҳоданд, то хафтод газ ғубор бар ман нишаст. Минбаъд пӯсти ман баркашиданд ва миёни мору каждум ҳамроҳи занҷири оҳанӣ ба дарозии ҳафтод газ баста, дар Дӯзах андохтанд. Ё рӯҳаллоҳ, як ҳалқа аз он занҷир бар рӯи замин афтад, хама аҳли замин халок шаванд. Ва мӯҳре бар забони ман ниҳоданд, то ҳеҷ овоз натавонистам кард».

Пас Исо гуфт: «Ё Ҷумҷума, шарҳи оташи Дӯзах бигӯ, ки чи гуна аст ва сифати оташ ва нишони ӯ чи тавр аст?» Гуфт: «Ё пайғамбари Худо, бидон, ки Дӯзах ҳафт табақ аст: аввал Ҳовия ва дувум Саъир, савум Сақар, чаҳорум Ҷаҳаннам, панҷум Ҷаҳим, шашум Натӣ, ҳафтум Ҳутама. Табақа аз табақа зеринтар аст. Ё пайғамбар, агар ту аҳли он ҷоро бубинӣ, бигӯӣ, ки бар онҳо сахт хашми Худо аст, зеро ки дар зеру боло ва қаблу баъд ва ямину ясори онҳо оташ аст ва гурусна мебошанд. Ва гоҳ ба сайре нарасанд ва хабари ғаму шодӣ набинанд ва дар заҳмате бошанд, ки ҳаргиз роҳат наёбанд ва дарунҳои эшон сиёҳ ва чашмҳо нобино ва ба ғам муқим шуда. Ба дили бирён ва чашми гирён бошанд. Ва ҳарчанд тавба кунанд, иҷобат нашавад ва пушаймонӣ суд надорад.

Ва бар эшон овозе меояд, ки ё аҳли Дӯзах шуморо таъом оташ аст ва ҳезуми Дӯзах шумоед. Боз маро пеши дарахти оташ бурданд, ки дар Дӯзах буд ва номи он дарахт Зақум аст.

Пас таъом хостам, аз дарахти мазкур бидоданд. Чун бихӯрдам, дар гулӯям бимонд, на берун омадӣ на фурӯ шудӣ. Он гах бонг кардам, ки маро обе диҳед, магар ин луқма фурӯ шавад. Тоси пур аз оби Ҷаҳаннам доданд. Чун бинӯшидам, ҷилд аз ман бирезид. Бонги саъб бар ман заданд, то боз пӯстҳо чунон ки аввал буд, ҳамчунон шуд. Ва поҳои ман дар оташ бекарор буданд, ба фарёд гуфтам: Ё қавм, маро чизе диҳед, то дар пой кунам, магар ки ин оташ аз ман бозгардад. Баъдаҳу наълайни оварда дар пои ман карданд ва гуфтанд, ки эй бадбахт, акнун

туро ҷазо бояд ёфт, ки Худои таъолоро нашнохтӣ ва аз азоби ӯ натарсидӣ ва аз хашми вай наандешидӣ ва аз офаридгори хеш шарм надоштӣ ва хидмати Парвардигор накардӣ ва шукри Худои таъоло нагзоридӣ ва даст ба моли мусулмонон дароз кардӣ ва аз ҳаром натарсидӣ, шикам аз ҳаром пур кардӣ ва мусулмононро ранҷонида, тапонча бар рӯи эшон задӣ, аз корҳои бад парҳез накардӣ.

Ё пайғамбари Худо, наълайн, ки дар пои ман карданд, аз сӯзу тапаш мағзи сарам биҷӯшид ва аз роҳи бинӣ беруи омад ва аз ҳуш бирафтам. Ё рӯҳаллоҳ, хӯрданни ман оташ буд. Он гаҳ маро ба кӯҳе бурданд, ки он кӯхро Сакарот хонанд. Ва дарозии он кӯҳ сӣ ҳазорсола роҳ буд ва ҳафтод чохи оташин дар он кӯҳ буд. Бештар азобе, ки карданд, дар он кӯҳ буд. Ва бар он морону каждумони бисёр буданд. Ҳар гоҳ ки яке аз эшон дандони худ ба ҳам задӣ, тароқи дандони ӯро аз садсола роҳ бишнидӣ. Ва ҳар гоҳ ки касе бигазидандӣ, вучудаш мисли хокистар шудӣ. Ва агар зарраи заҳри он ба Дунё расад, ҳама Дунё несту нобуд шавад.

Алҳосил, ҳар рӯз азоби кӯҳ сесад бор чун сакароти мавт бичашидам. Аз баҳри ин азоб он кӯҳро Сакарот хонанд. Ва ҳар киро бар он баранд, талхии Сакарот бичашад. Пас он гаҳ маро ба чӯе андохтанд, ки рӯяш дар Ҷаҳаннам сӯи қавми дӯзахиён дорад. Ва аз он чашма садсола роҳ меравад».

Исо (а) гуфт: «Он чӯйро чӣ хонанд?» Гуфт: «Онро Ғазбон хонанд, зеро ки ҳамеша хашмнок бувад. Ё рӯҳаллоҳ, ҳар кас, ки аз Худои таъоло битарсад ва аз гуноҳ эҳтироз намояд, аз он чӯй ба осонӣ гузарад».

Исо *алайҳиссалом* чун сифати чӯй бишунид, аз ҳуш бирафт, баъд аз он зор-зор бигрист ва ларза бар андоми муборак афтод. Пас аз он ба ҳуш омада гуфт: «Ё Ҷумҷума, бигӯ, ки дар он чӯй чи азоб дидӣ?» Гуфт: «Ё рӯҳаллоҳ, агар азоби он чӯй бидонӣ, бар ман раҳмат орӣ. Чун пой бар он чӯй ниҳодам хафтод пӯст, ки доштам аз гармии об ҳама сӯхта шуд. Пас Малик бонги азим бар ман зад, аз ҳайбати овозаш аз пой афтода, дар он чӯй ғарқ шудам. Ё рӯҳаллоҳ, чи сифати он чӯй кунам, ки азоби он аз ҳама азобҳо бештар аст, чунон ки устухонам бисӯхт ва гӯштам пора-пора гашт. Чун он азоб дидам, азобҳои аввал, ки бар ман буд, осон доштам.

Ё пайғамбар, агар сад сол сифати он чӯй бикунам, натавонам охир расонид. Боз аз он чӯй маро бароварда, дар чоҳе андохтанд, ки дарозии он сеҳазорсола роҳ аст. Он чоҳро Байтулаҳзон хонанд ва бар канораи чоҳ тобуте аз оташ ниҳода дидам, ки дарозии он тобут ҳазорсола роҳ буд. Маро дар он тобут нишонида, шаётине, ки андар ҷаҳон маро аз роҳ бурда, дар ғурур

медоштанд, бар ман муваккал карданд то чаҳор сол дар он тобут бидоштанд.

Ва имрӯз ногоҳ овозе аз қибали Арш шунидам, ки ин Ҷумҷумаро бар сари роҳи Исо *алайҳиссалом* бардоштед ва дар Дунё афганед, зеро ки дар Дунё бисёр ғулому канизак озод карда ва гуруснагонро таъоми сер дода ва бараҳнагонро порча пӯшонида ва бечорагонро раҳонида ва меҳмонро гиромӣ доштааст. Дар азал чунон ҳукм рондаем, ки Ҷумҷумаро аз азоби Охират бираҳонем».

Исо (а) гуфт: «Эй Ҷумҷума, ту аз кадом қавмӣ?» Гуфт: «Аз кавми Илёс (а) пайғамбар». Гуфт: «Ё Ҷумҷума, аз ман чӣ мехоҳӣ ва аз Худои таъоло чи ҳоҷат дорӣ?» Ҷумҷума гуфт: «Ё бунайяллохи, ал-амон, ал-амон, туро савганди Худои таъоло, аст, ки дар боби мани бечора шафоъат кун, то Худои таъоло маро ба ту бубахшад ва зинда карда боз ба Дунё фиристад. Хештанро бар бандагӣ бишнохта, Ҳаққ таъолоро аз дил нагзорам ва ҳаққи ту дар дунёву охират бар ман собит бошад».

Исо (а) бархост ва дуъо карда гуфт: «Худовандо, Парвардигоро, кибриёӣ туро расад ва бемислу бемонанд ва беваладу беволидайн ва Подшоҳи ҳама подшоҳон ва Худованди ҳама худовандонӣ ва шиканандаи ҳама мутакаббиронӣ. Ё илоҳӣ, ба ҳар коре дуъои ман иҷобат кардаӣ, акнун низ аз ту мехоҳам, ки ин дуъои мо иҷобат фармуда, бечораро ба Дунё бифиристӣ, то ҳаққи ибодати ту бигзорад ва ба ягонагӣ бишносад».

Нидо омад: «Ё Исо (а), дар азал чунин ҳукм рафтааст, ки ӯро бори дигар ба дуъои ту зинда карда, ба Дунё бифиристам ва тавбаи ӯ қабул карда, аз азоб бираҳонам, зеро ки дар Дунё саҳиву дӯстдори дарвешон буд».

Исо (а) ин нидо шунида, шодмон гашт ва табассум карда гуфт: «Эй устухонҳои пӯсида ва гӯштҳои пора-пора шуда ва мӯйҳои нобуду нест шуда, ба ҳукми Худои таъоло ҷамъ шавед». Он гоҳ ба кудрати Худои таъоло дар назари Исо (а) ҳама устухонҳои пӯсида ва гӯштхои резида ва аъзоҳои шикаста якҷо шуда, чисме мураккаб шуд ва бар ҳайъатеву шакле, ки буд, Ҷумҷума зинда гашт ва бар пой хеста, бо овози фасеҳ гуфт, ки **Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Исо расулуллоҳ.**

Яъне: гувоҳӣ медиҳам, ки Худо якест ва Исо пайғамбари барҳаққ аст ва Қиёмату Бихишту Дӯзах коиму барқароранд.

Баъд аз он Ҷумҷума ҳаштод сол дар Дунё зиндагонӣ карда, Худои таъолоро парастида, рӯз ба шаб ва шаб ба киём ба сар бурд. Ва ба ҳеҷ шуғли Дунё машғул нагашт. Пас бар ҷодаи мусулмонӣ бори дигар аз Дунё берун рафта, маъвои вай Бихишт гашт. Ва Ҳаққ таъоло гуноҳони вай афв кард ва ба

фазлу карами бенихояти худ ӯро биёмурзид. **Иннаҳу раҳимун карим.**

Яъне: ҳароина, ки ӯ меҳрубону бахшишкунанда аст.

Ва қиссаи Ҷумҷума тамом шуд. *Валлоҳу аълам биссавоб ва саллаллоҳу ало хайри-л-аном.*

ҚИССАИ БА РАҲМ ОМАДАНИ НУРИ ҲАЗРАТИ РИСОЛАТПАНОҲ МУҲАММАДИ МУСТАФО САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА АСҲОБИҲИ ВА САЛЛАМ

Ичмоъи уммат ва аҳли суннат ва аиммаи ислом чунин ривоят кардаанд, ки ҷаноби рисолатмаоб *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* бо забони файзи тарҷумон ва лисони муъҷизабаёни худ фармудааст: Ҳадиси шариф: *Аввалу мо халақаллоҳу нурӣ.*

Яъне: аввал он чи офарид Худои таъоло Нури ман буд. Пас аз он нур осмонҳо ва Замин ва ҷамиъи халқ аз Арш то Фарш ба зуҳур оварда.

Қиссаи Нур ва ҳикояти он дар аввали китоб мазкур шудааст, ба такрори он напардохта, қиссаи вилодати Ҳазрат (с), ки дар кутуб-ул-ахбор ривоят кардааст, бинависам.

Чунин овардаанд, ки чун Ҳаққ *ҷалла ҷалолуҳу ва амма наволуҳу* Одами Сафиюллохро биёфарид, Нури Мустафо *алайҳиссалом* дар пешонии ӯ ниҳода буд. Рӯшании рӯ ва хубии чехраи Одам *алайҳиссалом* аз он Нур буд, то он Нур ба пешонии Шис *алайҳиссалом,* писараш буд, расид. Ҳамчунин наслан баъди насл ба Исмоъили Забиҳуллоҳ накл карда, то ба Абдулманоф расида, бино бар ҳусну хубӣ шуҳраи офоқ шуда, мулаққаб ба лақаби Қамар шуда буд.

Ӯро чаҳор писар буданд: аввал Абушшамс ва дуюм Абулҳошим, савум Абумутталиб, чаҳорум Абунавфал. Ва Ҳошим ҷадди Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам,* Ва Мутталиб ҷадди Шофеъӣ буд. Ва Абушшамс падари Абуҷаҳли лаъин буд. Ва Навфал ловалад фавт намуд. Ва он Нури Мустафо ба Ҳошим омад. Бинобар баъди фавти падараш таъзиман ва такриман ба ҷои падараш нишонда, калиди хонаи Каъба ва ғайра умури риёсати он чо ба-д-ӯ тафвиз карданд. Ва дар он замон қаҳтии азим ба маккиён ва ғайра рӯй дода буд, чупон ки аксари мардум рӯзу шаб ба фоқа мегузарониданд. Чун Ҳошимро Худои таъоло ба баракати он нур тавонгарӣ дода буд, ҳама аҳли Маккаро таъом додӣ. Чун хон ниҳодандӣ, бифармудӣ, то нонро пора-пора карда, дар хон рехтандӣ, зеро ки касе аз кас вокиф нашавад, ки чи қадар хӯрд, аз ин ҷиҳат номаш карданд ва илло исмаш Умар буд.

Писаре аз вай таваллуд шуд, номаш Абдулмутталиб карданд. Чун ӯ зан кард, даҳ писар таваллуд шуданд. Пас назр кард, ки

агар Худои таъоло ӯро дах писар арзонӣ кунад, якеро қурбон кунад.

Ва ба ривояте дигар омадааст, ки чун мехтарии Маккаи муъаззама *зодаллоҳу шарафаҳо* ба Абдулмутталиб расид, хабар ёфт, ки Исмоъили Забиҳуллоҳ дар чоҳи Замзам ганче ниҳодаааст, хост, ки он ганч аз чоҳ берун орад. Бифармуд, то чохро баркандиданд. Пас оби чоҳ кам шуд, ганч ҳам наёфтанд, назр кард, ки агар ганч ёбад, чоҳро обод карда писареро қурбон кунад. Боз мекандиданд, то ба ҳукми Худои таъоло ганчи шойгон ва канзи намоён ба дасташ афтод, то аз он ганч дари Каъбаи Муъаззама сохтанд ва аз оҳану фӯлод чоҳи Замзамро иморат карданд.

Пас аз он фориғ шуда, коҳинонро ҷамъ карда, ҳоли хеш изҳор кард. Коҳинон ба иттифоқи якдигар гуфтанд, ки вафо кардани назр аз воҷибот аст, бояд ки ба номи писарон қуръа андозӣ. Ва ба номи ҳар писаре, ки барояд, ӯро қурбон созӣ. Пас ба ҳасби гуфтаи эшон қуръа андохтанд, номи Абдуллоҳ баромад ва ӯ сабаби он Нури Муҳаммадӣ аз ҳама бародарон хушрӯву хушманзар буд, модару падараш ва акрабояш аз дигар бародаронаш дӯст доштандӣ.

Чун ин хабар интишор ёфт, модару акрабояш ҷамъ шуда, пеши Абдулмутталиб рафтанд ва гуфтанд, ки мо Абдуллоҳро ба қурбон нагзорем. Ба истимоъи ин маъно Абдулмутталиб коҳинонро боз ҷамъ карда, истифтои он кард. Ҳама муттафиқулкалима бигуфтанд, ки чора тавонад буд, ки дах шутур садақаи ӯ диҳӣ. Пас Абдулмутталиб дах шутур хозир карда, ба қурбонгоҳ бурд ва дар он замон ҳукм чунон буд, ҳар ки садақаро ба қурбонгоҳ бурдӣ, ба тақдири қабулият оташе омада онро бисӯхт.

Пас ба сӯхтани он қурбон, ки Абдулмутталиб ба ивази Абдуллоҳ дода буд, наёмад, боз дах шутурон бар он мазид кард, то ҳам оташе наёмад. Ҳамчунин ҳар мартаба ба тазоюди дахдах шутур панҷсад шуданд. Пас ҳама қабоилу ашонр ва модару падараш ба гиря омада, илҳоҳу зорӣ ба даргоҳи Холиқи борӣ карданд. Он гоҳ оташе ба сурати дуди сапед аз тарафи осмон зоҳир шуд ва ҳама шутуронро бисӯхт. Ҳама шод шуданд ва садақаро доданд.

Аз ин рӯ он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* фармудааст: *Ано ибну-з-забиҳайн.*

Яъне: ман писари ду куштаам, ки яке Исмоъил *алайҳиссалом* ва дигаре Абдуллоҳ.

Алҳосил, зане хост, ном Омана бинти Ваҳб ибни Абдулманоф буд. Рӯзе Абдуллоҳ аз чое ба хонаи худ меомад, дар аснои роҳ назари киболи хоҳари Руқия ибни Навфали тарсо, ки аз молдорони араб буд, бар Абдуллоҳ афтод. Чун ҳикояти Нури

Муҳаммадӣ дар Инҷил хонда буд ва аломати он бар башараи Абдуллоҳ аён дид, пеши худ хонд ва гуфт: «Ту кистӣ?» Гуфт, ки ман Абдуллоҳ писари Абдулмутталибам. Гуфт: «Ту ҳамонӣ, ки падарат туро ба қурбонӣ назр карда буд?» Гуфт: «Бале». Гуфт: «Ман духтари хоҳари Руқияи тоҷирам, агар маро ба зании хеш қабул кунӣ сад шутур маъа бор бидиҳам». Ва намедонист, ки Абдуллоҳро зане дигар ҳаст. Абдуллоҳ гуфт, ки аз падарам пурсида биёям. Зан дастурӣ дод.

Чун ба хона рафт, Абдуллоҳро нишоте пайдо шуд, ба Омана ҷамъ гашт ва он Нур, ки назар ба асбоби зоҳирӣ Нури Муҳаммадӣ буд, гӯянд аз пешонаи Абдуллоҳ ба раҳми Омана нақл фармуд. Пас Абдуллоҳ аз хона берун омада, пеши он зан рафт. Чун он зан он Нури табаррукро ба пешонии ӯ надид, пурсид: «Шояд зане дигар дорӣ ва аз пеши ман рафта, бо ӯ ҷамъ шудӣ?» Гуфт: «Бале». Гуфт: «Акнун ҳоҷатам нест, зеро ки он чи ман хостам дигаре буд». Чун он зан ба сабаби он Нур фиреф-та шуда буд, ҳар гоҳе ки аз он Нур ӯро холӣ ёфт, бирамиду бигрехт.

Овардаанд, ки чун садафи шиками Омана аз дури ятими Нури Муҳаммадӣ бордор шуд, Абдуллоҳ вафот ёфт. Омана *(раз)* бева гашт, оҷизу фурӯмонда шуд. Ва қабли зодани он Ҳазрат, ки панҷоҳу ду рӯз боқӣ буд, Абраҳа ном подшоҳе ба мустаъсил кардани Маккаи муъаззама филони кӯҳтимсол ва лашкари гарон тохт оварда буд. Худои таъоло ба баракати таваллуд шудани он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* он хонаро дар ҳифзи хеш нигоҳ дошта буд.

Ва акнун дар ин мақом зикр намудани қиссаи Абраҳа ба таври ихтисор муносиб менамояд, бинобар қиссаи ӯ ба тариқи мухтасар навишта мешавад. *Валлоҳу аълам биссавоб.*

ЗИКРИ ПОДШОҲИИ АБРАҲА

Овардаанд, ки дар мулки Яман муддате ба қавми ҳабаш салтанат бимонд. Пас Абраҳа ном подшоҳе буд, чун дид, ки ҳар сол мардум аз атрофу ҷавониб ҷавқ-ҷавқ шуда ба зиёрати Маккаи муъаззама, яъне ба гузаронидани ҳаҷҷ меоянд, тухми ҳасад дар мазраъи дил кошта, хонае мавсум ба Байти Акдас тайёр сохта, хост, ки ҳама халқро аз ҳаҷҷ манъ карда, ба хонаи муҳдасаи худ ҷамъ орад ва ҳаҷҷ кунонад. Ҳарчанд ки ҷаҳди болиғ ва кӯшиши фаровон намуд, суратбасти ин маъно нагардид. Лиҳозо мехост, ки ҳила андешида, Маккаи муъаззамаро аз ҷой барканда ба дарё андозад.

Дар ин асно шахсе аз Қурайш бо ӯ дархӯрда, ходими хонаи муҳдасаи ӯ шуд. Шабе фурсати вақт ёфта, бар фарши он хонаҷо зарур карда ва шошидаи он чи ки тавонист молу асбоб

бардошта, рӯ ба гурез ниҳод. Ва фардои он Абраҳаи палид аз ҳаракати он Қурайш ба ғазаб омада ба хароб сохтани Маккаи мукаррама бо лашкари анбӯҳ ва филони кӯҳшукӯҳ равон шуд. Ба қавми арабро, ки фароҳаму монеъ шуданд, бикушт, то муттасили хонаи Каъба расида. Ва Қурайш хонаи худҳо гузошта, маъа қабоилу ашоир ба болои кӯҳҳо нуҳуфта, менигаристанд.

Фили маҳмуда, ки савораи хосси он палид буд, саворӣ намедод, ночор ба фили дигар савор шуда, хост, ки тохт оварда, Каъбаро аз ҷо барканад. Ногоҳ ҳазорон абобил, ки ҷонвари парандаанд, бо се санг мисли донаи адас, яке ба минқор ва ду дар чанг гирифта биёмаданд ва бар ҳар филе ва аспе ва шутуре ва марде, ки меандохтанд, мисли гӯлаи бундук аз аъзои ӯ берун ҳамон ҷо сард мешуд. Дар як лаҳза ба ҳукми Худои таъоло ҳама ба Ҷаҳаннамобод рафтанд. Ва Абраҳа ба мушоҳадаи ин ҳол гурехта, ба хонаи худ рафта, он нақли аҷибро баён мекард. Қазоро абобиле даррасид, Абраҳа гуфт, ки ҳамин қисм ҷонварон буданд, ногоҳ санге бар сари вай омада дохили Ҷаҳаннам кард.

Гуфтаанд, ки дар ҳар санге, номи он кас, ки аз он санг кушта шуд, навишта буданд. Чунончи ин қиссаро Худои таъоло ба Қуръони маҷид ёд фармудааст. Қавлуҳу таъоло: **А лам тара кайфа фаъала раббука биасҳоби-л-фил**[а].

Оё надидӣ, яъне надонистӣ, ки чи гуна кард Парвардигори ту бо соҳибони фил. Қавлуҳу таъоло: **А лам яҷъал кайдаҳум фӣ тазлил**[б].

Оё накард магар эшонро дар гумроҳӣ. Қавлуҳу таъоло: **Ва арсала ъалайҳим тайран абобил**[в].

Яъне: фиристод бар эшон ҷонварони паранда. Қавлуҳу таъоло: **Тармиҳим би ҳиҷоратим-мин сиҷҷил.**[г]

Барандохтанд он ҷонварон сангро аз резаҳо. **Фаҷаъалаҳум каъасфин маъкул.**[д]

Пас гардонид эшонро мисли донаи хӯрдашуда.

Ин буд қиссаи Абраҳа. *Валлоҳу аълам биссавоб ва илайҳил-марҷаъ ва-л-маоб.*

ЗИКРИ РАФТАНИ АБДУЛМУТТАЛИБ БА ТАҲНИЯТИ САЙФ ЗИЗЗАМОН, КИ БАЪДИ МУРДАНИ АБРАҲА БА ТАХТ НИШАСТА БУД.

Овардаанд, ки чун Сайф Зиззамон бар тахти шоҳӣ биншаст, қабоили араб ягон-ягон ба таҳнияти вай мерафтанд, ҳамаро гиромӣ медошт. Ва қавми Қурайшро, ки бино бар маҳфуз доштани Худои таъоло хонаи Каъбаро иззату ҳурматашон дар ми-

---

[а] Қуръон: 105, 1. [б] Қуръон: 105, 2. [в] Қуръон: 105, 3. [г] Қуръон: 105, 4. [д] Қуръон: 105, 5.

ёни халқ мутаҳаққиқ шуда буд, бар ҳама қавм фазл дошта, таъзимашон муқаддам медонист.

Чун баъд аз вилодати он Ҳазрат ду сол гузашта буд, ки Абдулмутталиб ба таҳнияти вай рафта, баъди адои санои Худованди мутлақ ба адои одоби шоҳӣ қиём намуда гуфт: «Эй подшоҳ, ба таҳнияти ту омадаам». Малик гуфт: «Ту кистӣ ва аз кадом қавмӣ?» Гуфт: «Манам Адулмутталиб ибни Ҳошим аз кавми Қурайшам». Малик ба истимоъи ин маънии азим мустазҳиру хушдил шуда, вайро бинавохт ва эъзозу икроми тамом карда, ба меҳмонхона фиристод. Ва як моҳ хидмати ӯ карда, баъд аз он пеши худ талабида гуфт, ки чандин сухан ба ту мегӯям ва зинҳор нигоҳ дошта ба касе нагӯй, ки ман дар он китоби макнун ва илми маҳзун, ки падарону ҷаддони мо, ки бар хештан ихтиёр кардаанд ва аз дигарон пӯшида дошта, чунон ёфтанд, ки аз бузургӣ чизе ёбӣ, яъне ашрафу афзал аз ҳама ҷаҳониён шавӣ, туро ва ҷумлаи акрабонатро фазле азим хоҳад буд.

Абдулмутталиб гуфт: «Эй подшоҳ, чи туеро сазад, ки маро ба сухан шод гардонидӣ, то ман ба-д-он хушдилу шод шудам, аммо шарҳи он фазилат бигӯ, то ба-д-он хушҳол шавам».

Гуфт: «Дар замини араб аз насли Исмоил (а) писаре дар вуҷуд ояд, ки дар миёни китфайни ӯ нишони нубувват бувад ва Пайғамбари охируззамон бошад. Ва шуморо аз осори Нури ӯ то қиёмат меҳтарӣ бувад ва ҳар гоҳ, ки дар вуҷуд ояд, модару падараш намонад ва ҷадду аммаш бипарваранд ва номаш Муҳаммад (а) бошад. Ва душманон ҳарчанд касди вай кунанд, Худои таъоло аз кайди онҳо нигоҳ дошта, пайғамбарӣ дода, китоб нузул гардонад. Ва ӯро ёрону авлиё дихад, ки ба вай азиз гарданд ва душманон залилу хор шаванд. Ва дар дини вай халқи ҳама ҷаҳониён гирифта, худойро парастанд. Ва ҳама девонро дур карда, бутонро бишкананд ва оташкадаҳо фурӯ нишонанд. Ва гуфтору кирдоре ҳама ҳикмату рост бувад ва ба ӯ Амри маъруф таҳрис намояд ва аз наҳйи мункар боздорад».

Абдулмутталиб шод шуда дар сачдаи шукри борӣ дарафтод. Пас бифармуд Абдулмутталибро ба хилъатхон гаронмоя рухсат кунанд ва сад шутур ва дах ғулом ва дах канизак ва дах ратл зари сурх ва дах ратл сим ва бисёр анбару мушк бар он афзуданд. Ва касоне, ки ба рафоқати вай буданд, ҳамаро ташрифхои гаронмоя доданд.

Пас Абдулмутталибро васият кард, ки вақте ки он писар ба вуҷуд ояд, хабари он ба ман расон, то маро маълум шавад. Ҳарчанд ки он Ҳазрат (а) дусола буд, магар Абдулмутталиб аз рӯи ҳикмати амалӣ ба подшоҳ нагуфта хушдил гардид, рӯ ба Каъба ниҳод. Овардаанд, ки Абдулмутталиб бисёр занон дошт ва аз хар зане писару духтар таваллуд шуда буданд. Пас

охир хобе дид, ки Фотима духтари аммаро дар никоҳи худ ор. Пас ҳафт шутури сурхмӯй ва чанде динор зари сурх маҳри вай карда, ба никоҳ оварда, ба хонаи худ бурд. Абутолиб — падари амирулмуъминин Алӣ (а) аз ӯ ҳосил гашт. *Вассалом.*

ЗИКРИ АБДУЛЛОҲ—ПАДАРИ ҲАЗРАТИ РИСОЛАТПАНОҲ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА АСҲОБИҲИ ВА САЛЛАМ ВА БАЪЗЕ МУЪҶИЗОТИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА САЛЛАМ, КИ ДАР ҲИНИ БУДАН БА ШИКАМИ МОДАР ВОҚЕЪ ШУДА БУД

Ровиёни хабар ва ҳокиёни сияр чунин ривоят кардаанд, ки донишмандон дар Таврот хонда медонистанд, ки чун Абдуллоҳ дар вуҷуд омад, аз ҷуббаи сафеди пашмини Яҳё ибни Закариё *алайҳиссалом*, ки пеши эшон буд, хун бичакад. Чун аз он ҷубба хун бичакид, донистанд, ки Абдуллоҳ зоида шуд. Пас аз ҳасад хун дар раги эшон ба ҷӯш омад, филҷумла баъзе донишмандони ҷуҳуд қасди куштани Адуллоҳ карда, ба Макка рафтанд, муддатҳо дар пай куштанаш бимонданд, охир дасте бар ӯ наёфта, хиҷил шуда, боз ба Шом рафтанд.

Ва Абдуллоҳ баъд аз бузург шудан чун аз Макка бӗрун омада саҳро рафтӣ, Нуре аз пушти вай берун омада, пораи он ба Шарқ ва пораи он ба Мағриб рафтӣ ва аз он ҷониб баъд аз соъате дар пушташ боз омадӣ. Абдуллоҳ ин ҳикоят ба падари худ гуфт: «Ӗ падар, ҳар гоҳ ки ба саҳро меравам, Нуре мебинам, ки аз пушти ман берун омада, порае ба Машриқ ва порае ба Мағриб меравад».

Абдулмутталиб гуфт: «Муддате ҳаст, ки ман низ хобе дида бӯдам, ки силсилаи Нур аз пушти ман берун омада ба чаҳор тараф мешуд: яке ба осмон ва яке ба замин ва яке ба Машриқ ва яке ба Мағриб мерафт. Пас бозомад ва дарахте сабз гашт ва ду касро дидам, бағоят некрӯй, муттасили он дарахт истода бӯданд. Якеро пурсидам, ки ту чи касӣ?» Гуфт: «Маро намедонӣ, ки ман пайғамбари Худоям». Аз ин ҳайбат ман аз хоб бедор гаштам. Дар ин хоб азбаски аҷаб бимонда, бомдод пеши коҳинон рафта пурсидам, гуфтанд, ки аз пушти ту шахсе берун ояд, ки дар ҷаҳон чи аз баниюлҷонн ва чи аз бани одам ба вай имон оранд. Ин воқеъа низ ҳамин хоҳад буд, ки аз пушти ман ба пушти ту накл карда бошад, дил хуш дор».

Чун ин хол дар ҳама ҷо шоеъ гашт ва дар забони мардум афтод, бори дигар оташи ҳасад дар дили донишмандони ҷуҳудон сар зад. Лиҳаза боз дар Шом бо якдигар савганд хӯрданд, ки то ба Макка рафта Абдуллоҳро накушанд, коре дигар накунанд. Пас дар Макка рафта дар камини Абдуллоҳ муддате бу-

данд. Рӯзе медиданд, ки Абдуллоҳ танҳо ба саҳро мерафт, ҳар яке ба қасди куштанаш шамшерҳо ба заҳр об дода, ба даст гирифта даромаданд.

Қазоро дар он ҷо Ваҳб ибни Абдулманоф — падари модари Пайғамбар (*раз*) буд, аз дур бидид, ки ҷуҳудон қасди Абдуллоҳ доранд, суръате тамом ба кор бурда, хост, ки Абдуллоҳро ёрӣ диҳад. Чун ба осмон нигарист, дид, ки халқе ба сурати одамиён шамшерҳо кашида меоянд, дар ҷой биистод. Пас дид, ки он ҷамъ фуруд омада, ҳама қавми ҷуҳудонро бикуштанд. Чун Ваҳб он ҳол мушоҳада карда буд, ба мақоми хеш бозомада, зани худро гуфт, ки пеши Абдулмутталиб бирав ва духтари худро бар ӯ арз кун, ки ба Абдуллоҳ бидиҳад. Пеш аз он, ки Абдуллоҳ дигар зан накардааст, зан ҳамон вақт пеши Абдулмутталиб бирафт ва гуфт: «Духтарамро, ки ном Омана аст ба писари ту, ки ба ном Абдуллоҳ аст, никоҳ карда бидеҳ!» Пас Абдулмутталиб ҳам қабул карда, ақди никоҳаш бо Абдуллоҳ мунъақид карда, ба хонаи худ овард. Занони Қурайш, ки орзуманд буданд, ҳама дардманду ранҷур гаштанд, аз ғусса бемор шуданд. .Чунон ки дар нақл омадааст, ки дувист зан дар он ранҷурӣ бимурданд.

Пас чандон зебу зинат ва порсоиву парҳезкорӣ ба Омана *разияллоҳу анҳо,* ки бонуи ҳама занони Қурайш буд, гашт, ки шарҳи он натвон кард. Ва Нури Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* аз миёни ду чашми Абдуллоҳ метофт, то ба таърихи дувоздаҳуми шаҳри Ҷамодиюссонӣ, шаби ҷумъа ба раҳми Омана омада, нақл кард.

Ҳақк *ҷалла ва ъало* Ризвонро бифармуд, то дарҳои Бихишт бикшод ва ҷумла бутон дар бутхона дарафтоданд ва тахти Иблиси лаъин нагунсор шуда, ба замин дарафтод. Ва он лаъин саросема гашта аз Машриқ то ба Мағриб рафта, пас ба домани кӯҳи Абӯқабис рафта бинолид ва ба овози нолиданаш ҷумла шаётин фароҳам омада, наздики лаъин рафта гуфтанд, ки ё меҳтари мо туро чи расид, шояд ҳодисае зоҳир гашта, ки чунин мегирӣ.

Иблис гуфт: «Аз ин бузургтар чӣ воқеа бошад, ки Муҳаммад (с), ки пайғамбаруззамон аст, чандин ҳазор сол зоҳир набуд, акнун замони вилодаташ омад ва қувваташ он бошад, ки Дунёро бигардонад ва ҳама халқро бар дини худ орад ва Лоту Уззоро ботил кунад ва халқе дар замин набошад, ки бар дини вай наёяд ва тавҳид нагӯяд. Ва Худои таъоло маро аз баҳри иззати вай лаънат карда, шайтонуррачим хонда. Акнун агар санг бар сар ва сар бар санг назанам, чи кунам».

Девон гуфтанд: «Хотир ҷамъ дор, ба ҳар ҳилаву ғадр, ки тавонем, бештар фарзанди Одамро ба доми худҳо дошта, ба ибо-

дати Лоту Уззо бидорем ва ҳаргиз ва ҳароина дар тавҳид нагзорем».

Иблис гуфт: «Шумо бар эшон чи гуна даст ёбед, ки эшон хислатҳои некӯ дошта, ба амри маъруф қоим бошанд ва худро аз наҳйи мункар боздоранд ва садақот диҳанд, хайрот кунанд ва силаи раҳмро риъоят намоянд».

Девон гуфтанд: «Боке нест, олимонро бо худкомӣ бифребем ва ҷоҳилонро ҷӯёи давлат кунем ва зоҳидонро ба воситаи зуҳд мағрур гардонем ва соҳиби тоъатро машғул ба риё гардонем». Лаъин гуфт, ки ҳар гоҳ эшон ба сабаби илм мустазҳир шавад, чи гуна бар эшон қодир шавед ва эшонро аз диншон баргардонед. Девон гуфтанд: «Мо ҳавои шаҳвату бухл бар эшон ғолиб карда, бедодиву зулм шиъор гардонем, то эшон аз роҳи рост баргардида, ба мутобаъати мо дароянд ва он чи бифармоем, дар он амал намоянд». Иблиси лаъин гуфт: «Акнун қадре ҷамъиятдилӣ ҳосил шуд».

Овардаанд, ки дар он замон дар замини Макка қаҳту тангӣ буд. Мардум аз тангии қаҳт оҷиз буданд. Чун хотун аз Нури Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ҳомила гашт, борон биборид ва замин сабз шуд ва дарахтон барг гирифтанд ва миҳнати тангӣ ба роҳати фарохе мубаддал гашт. Ва ҳеҷ ҷонвареву чорпое набуд, ки ба суҳан наояд ва Каъбаи Худои таъоло, ки амони ин ҷаҳону он ҷаҳон аст ва ҳама кӯҳҳову мурғон дар ошёнҳо ва вуҳуш дар байтҳо бо якдигар мегуфтанд ва башорати нуҷуми Муҳаммади *расуллуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* медоданд, ки замони пайғамбарии Абулқосим Муҳаммад *расуллуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* наздик расид.

Чун муддате баромад, падараш бимурд, то Замину Осмон овоз баровардаанд ва гуфтанд: «Ё Раб, пайғамбару маҳбуби ту ятим монд». Аз Ҳазрати Иззат хитоб омад, ки ҳофизу муъини вай манам, ӯро ба падар ҳоҷат чист. Пас Омана-хотун шабе хуфта ба хоб дид, гӯё касе аз Осмон фуруд омада ӯро гуфт: Ин фарзанд, ки дар шиками туст, меҳтару беҳтари ҳама ҷаҳон хоҳад буд, чун аз ту ҷудо шавад, номи ӯ Муҳаммад кун ва бигӯй: *Аъузуно би воҳидин мин шарри кулли ҳосидин.* Омана-хотун дигар ин хоб ба Абдулмутталиб гуфт. Абдулмутталиб таъбираш ба ваҷҳи аҳсан намуда, гуфт: «Зинҳор ин хобро бо касе дар миён нанихӣ». *Валлоҳу аълам биссавоб.*

ЗИКРИ РӮЗИ ВИЛОДАТИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ ТАСЛИМАН КАСИРАН КАСИРО.

Овардаанд: Рӯзе, ки он ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* таваллуд гашт, шаби рӯзи душанбе таърихи 12 шаҳри Рабиъулаввал буд. Ва Омана-хотун аҷоибҳое, ки дар шаб му-

шоҳада карда буданд, ба-д-ин вачҳ накл фармудааст, ки ҳар гоҳе, ки ман ба дарди зодан афтодам, танҳо ба хона будам. Ногоҳ бонги бузург аз осмон шунида, битарсидам ва мутаҳайир бимондам. Баъдаҳу чунон дидам, ки мурғе биёмад ва пари худ бар сари ман бимолид, то он тарс аз дили ман бирафт. Пас ширинӣ пеши ман ҳозир омад, бардошта бихӯрдам. Пас Нуре дидам, ки аз ман бар Осмон дармешуд, баъдаҳу занони баланду боло дидам. Ба дил гуфтам: «Магар духтарони Абдулманофанд». Ба дил хуш шуда гуфтам: «Маро фарёд расид, ки корам сахт шудааст». Пас дидам, ки духтарони Абдулманоф нестанд, балки ачнабиянд. Лекин ба наздики ман омада тамоният ва тасаллӣ доданд. Ман баъд донистам, ки Бибӣ Осия ва Марям *разиялоҳу анҳумо* ҳурон ҳамроҳ гирифта ба ҳукми Худои таъоло ба таҳниятам омадаанд. Овоз мешунидам, ки ин писарро аз чашми мардумон нигоҳ доред. Пас мардумонро дидам, ки ибрикҳои спмин ба даст гирифта, дар хаво истодаанд ва аракҳои хушбӯтар аз мушку анбар ба ман овардаанд. Ва мурғонро дидам, ки омадаанд, валекин надонистам аз кучо меоянд.

Пас андаруни ҳуҷраи ман омаданд ва минкорҳои эшон аз зумурради сабз ва парҳои эшон аз ёқути сурх буд. Ва чашмҳои ман ба дидани ҷонварон рӯшан гашт ва аз Машриқ ба Мағриб дидам, ки аламҳое ба пой карда, як алам ба ҷониби Машриқ ва аламе ба ҷониби Мағриб ва аламе бар боми Каъба заданд, то дарди сутург бар ман муставлӣ шуд. Ногоҳ овозе баровардаанд, ки Нури Султони хилватнишин аз олами хилват ба олами сурат нузул фармуд ва офтоби саъодат аз бурҷи иқбол тулӯъ карда ва сояи чатри хумоосо бар хоксорони охируззамон андохт.

Дарҳол он Ҳазрат таваллуд шуда, пешонии рӯшан бар замин нихода ба сачда даромад. Ва ангуштҳои дасти рост ба сӯи осмон боз кард, чунон ки касе муноҷот ба тазарруъ кунад. Баъдаҳу гуфт: *Ло илоҳа иллаллоҳ, ано Муҳаммадун расулуллоҳ.* Пас абре сапед дидам, ки гирд ба гирди ман омада, кӯдакро аз пеши ман бирабуд. Он шаб дар хонаи ман чароғ набуд, бо вуҷуди торикӣ хона ончунон мунаввар гашт, ки ришта дар сурохии сӯзан тавон кард. Пас овозе шунидам, ки Мухаммад (с)-ро гиред ба Машрику Магриб ва дарёҳо бароред, ки халоик ӯро ба ному сифат, ки хаст, донисга бошанд. Пас абри азим аз он рӯшантар биомад ва бонге барзад, ки Мухаммад (с)-ро бар арвоҳи мукаддасаи пайғамбарон арз кунед. Ва абре дигари некрӯй ба овози мунодӣ мегуфт, ки Мухаммад (с) ҳама ҷаҳонро бигрифт ва ҳеҷ халқ намонд, ки ба фармони Худои таъоло дар қабзи вай наёмад.

Пас дар аҳволи вай фурӯ мондам. Баъд аз он се мардро ди-

дам, ки нури офтоб аз рӯи эшон метофт. Ва яке аз эшон ибрике сим ва дигаре таште зарин ва солисе аз он порчаи ҳарире сапед ба дастҳои худҳо гирифта биёмаданд ва кӯдакро бозоварданд. Пас он ҳарирро боз карда, яке ангуштарӣ аз он берун оварда аз оби ибрик Муҳаммад (с)-ро бишустанд ва миёни ду китфаш аз он ангуштарӣ муҳре ниходанд ва боз дар он ҳарир печиданд.

Пас марде аз эшон дар зери сари хеш замоне гирифт ва сухани бисьёр дар гӯши вай бигуфт. Ман фаҳм накардам, ки чи гуфт. Ва дигаре аз он ҳар ду чашмаш бӯсида гуфт: «Ё Муҳаммад (с), башорат бод илме, ки Худои таъоло ба ҳама пайғамбарон додааст, тамоми он танҳо ба ту дода, дини ту барҳақ гардонид». Пас шахсе аз онҳо даҳон бар даҳонаш чунонки кабӯтар бачаи худро дона диҳад, ниҳода гуфт: «Ё расулаллоҳ ва ё хабибаллоҳ, башорат мар туро, ки ҳар ҳилму бурдборӣ, ки ҳаст, Худои таъоло ба ту дод».

Баъд аз он боз писарро чанд каси дигар аз пеши ман бурданд ва ман танҳо мондам ва дар ғаму фикр афтодам. Ҳамон лаҳза ӯро бозгардонидаид, рӯяш чун моҳи тобон метофт. Пас овозе шунидам, ки бигир ва ба тариқи хуб нигоҳ дор ва ғам махӯр, ки онро пеши Одам *алайҳиссалом* бурда будем. Ва Худои таъоло ҳофизу муъинну басит. Пас бар рӯяш бӯса дода гуфтанд, ки башорат бод мар туро, ки ҳар кас ба ту имон орад, дар маҳшар, дар зери ливои ту буда, аз зумран ту бошад.

Валлоҳу аълам биссавоби вассалому ало хайри халқиҳи Муҳаммадин ва олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин.

РИВОЯТИ АБДУЛМУТТАЛИБ, КИ БА ШАБИ ТАВАЛЛУДИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА САЛЛАМ ДИДА БУД

Чунин овардаанд, ки Абдулмутталиб ба шаби вилодати он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи васаллам* он чи ки дида буд ба-д-ин намат ба маърази тибён даровардa гуфтааст, ки ман он шаб дар Каъба будам. Чун нимаи шаб расид, овозе саҳмнок шунида, сӯи боло нигаристам, дидам, ки малоик такбир мегӯянд. Ва бутонро дидам, ки ҳама бар рӯй афтоданд. Ва овози дигаре шунидам, башорат бод, ки Муҳаммад (а) ба вучуд омада. Маълум кардам, ки Оби Раҳмат оварданд, то вайро бо он бишӯянд. Ва хонаи Каъбаро дидам, ки ба ҳаракат омад, пиндоштам, ки сачда кард. Дар хаёлам афтод магар, ки ба хоб мебинам, чашм бимолида бедор буда бархоста гуфтам бингарам, ки ин чи касе аст.

Пас аз боби Бани Шиб берун рафта, кӯхи Сафоро дидам, ки гардан бардошта ва кӯҳ ҳамчун барг меларзид, ман низ биларзидам. Пас аз ҳар сӯ овозе шунидам, ки эй Қурайш, чи афтод туро, ки метарсӣ. Ман аз ҳавлу ҳайбат ҷавоб кардан на-

тавонистам ва аз он баъд мекӯшидам, ки ба хонаи Омана чун равам, то ба ҳар вақте ба хонаи вай расида, мурғонро дидам, пар бар пар зада ба гирди хонаи Омана мегарданд. Ва абре болои хонаи вай истода буд. Пас беҳуш гаштам ва аз пой дар-афтодам.

Чун ба ҳуш бозомадам, кӯшидам ба ҳуҷраи Омана рафта, мушоҳада кунам, натавонистам. Лекин ба ҷиду ҷаҳди фаровон ва саъйи бепоён ба дари Омана расида, бӯи мушку анбару уд ёфтам. Ва дари ҳуҷраи Омана бикшодам ва аввал назари ман дар миёни ду чашми ӯ, ки ҷои Нури Муҳаммад (с) буд, афтод. Асари он нур надидам ва даст зада хостам, ки ҷома пора-пора кунам.

Гуфтам: «Ё Омана, хуфтай?» Гуфт: «Бедорам». Пурсидам, ки он Нур, ки дар миёни ду чашми ту буд, намебинам, чӣ шу-да? Омана гуфт: «Он Нур ба саҳлу осонӣ вазъ гардидааст». Гуфтам: «Кӯдакро биёр, то бубинам». Гуфт: «Ту имрӯз нато-вонӣ». Гуфтам: «Чаро?» Гуфт: «Дар он соъат, ки ба вуҷуд омад, шахсе омада гуфт: «Ё Омана, ин писарро то се рӯз ба касе ма-намой».

Пас шамшер баркашидам ва гуфтам, ки вайро биёр, вагар-на туро бикушам. Омана гуфт: «Ту ҳокимӣ, он кӯдак дар ҳуҷ-ра аст ва дар суфи сафед печидаам ва дар зери ҳарир дошта, агар хоҳӣ бирав бубин». Пас хостам, ки дари хона бикшоям ва биравам, марде дидам, ки аз он ҷо берун омад, ки ҳаргиз ман касеро ба ҳавлу ҳайбаттар аз ӯ надида будам. Овоз дод ва гуфт: «Куҷо хоҳӣ рафт?» Гуфтам: «Андар ин гӯша рафта писар-ро бубинам». Гуфт: «Бозгард, то фариштагон ба дидори вай фориғ нашаванд, Бани Одамро ба дидани вай роҳ нест».

Абдулмутталиб гуфт: «Ман биларзидам ва шамшер аз даст бияфтод, пас бирафтам, ки Қурайшро аз ин ҳол хабар кунам, забон дар даҳони ман баста шуд, чунон ки ҳафт рӯз сухан гуф-тан натавонистам».

Муҷоҳид *раҳматуллоҳи алайҳи гӯяд,* ки аз Аббос *разиял-лоҳу анҳумо* пурсидам, ки мурғон ва абр, ки бо якдигар омада буданд, чи хилқат буданд, ки худро ба-д-он сурат менамуданд. Гуфт: «Бале, омада буданд, аммо дар хилқати эшон ихтилоф бисёр аст».

Абдулмутталиб гуфт «Пас аз Осмону Замин овозе омад, ки эй маъшарулхалоиқ, инак Муҳаммад (с) — Ҳабиби Худо, хунук он хона, ки вай дар он хона бошад».

Ва дар нақл дуруст омадааст, ки он лаҳзае, ки Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* аз модар таваллуд шу-да, ҷумлаи бутони олам дарафтоданд ва оташкадаҳои габрон, ки дар Порс буд, фурӯ мурданд.

Овардаанд, ки вакте ки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* таваллуд шуда буданд, айвони шоҳии Нӯшервон дар тазалзул омада, аз буруҷҳое, ки дошт, дувоздаҳ бурҷ дарафтоданд. Нӯшервони Одил чиҳилу ду сол подшоҳӣ карда буд. Ва замони Исо *алайҳиссалом* шашсад сол ва замони Искандари Румӣ ҳашсад сол ва замони Довуд *алайҳиссалом* як ҳазору ҳаштсад сол ва замони Мӯсо (а) ду ҳазору ҳаштсад сол ва замони Иброҳим (а) се ҳазору ҳафтсад сол ва замони Нӯҳ (а) ҳазору яксаду нуҳ сол ва замони Ҳазрати Одам *алайҳиссалом* аз ибтидои нузул ба Замин шаш ҳазору яксаду шаст сол гузашта буд, ки баъси он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* шуда.

Курсиномаи он Ҳазрат (с) то Ҳазрати Одам *алайҳиссалом* аз аҳодиси мухтораи муҳаддисон ва ривоёти мутаҳаққиқаи ровиён, ки ёфта шуд, ин аст: Муҳаммади Мустафо Аҳмади Муҷтабӣ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим ибни Абдулманоф ибни Қусай ибни Килоб ибни Мурра ибни Каъб ибни Лавӣ ибни Ғолиб ибни Фаҳр ибни Молик ибни Назр ибни Каннона ибни Хазима ибни Мудрика ибни Ҳазрати Илёс (а) ибни Мазр ибни Низор ибни Муъиид ибни Аднон. То ин ҷо назди муҳаддисон мутаҳаққақ ва аз Аднон то ҳазрати Одам *алайҳиссалом* дар ривоёт ихтилофи бисёр аст.

Лекин дар баъзе ривоёт чунин овардаанд, ки Аднон ибни Ад ибни Авд ибни Ясаъ ибни Ямсаъ ибни Саломон ибни Ҳамл ибни Қайдор ибни ҳазрати Исмоъил (а) ибни ҳазрати Иброҳим (а) ибни таърихулмаъруф Озар ибни Ноҳур ибни Сорур ибни Роъвӣ ибни Қониъ ибни Обир ибни Шолих, ибни Арқаҳшод ибни Сом ибни ҳазрати Нӯҳ(а) ибни Малик ибни Манушалх ибни Ханух ибни Бору ибни ҳазрати Маҳлоил ибни Қайнон ибни Анӯш ибни ҳазрати Шис ибни ҳазрати Одам(а).

Ва курсиномаи волидаи шарифаи он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ин аст: Омана-хотун бинти Ваҳб ибни Абдулманоф ибни Заҳрат ибни Қилоб ибни Мурра. То бо Одам *алайҳиссалом* ҳасби мазкураи болост, ба такрори он напардохтам. *Валлоҳу аълам.*

ЗИКРИ ҲАЛИМА РАЗИЯЛЛОҲУ АНҲО, КИ ДОЯИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА АСҲОБИҲИ ВА САЛЛАМ БУД

Овардаанд, ки Ҳалима *(раз)* гуфт: «Дар он замон, ки ҳазрати Расолатпаноҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* аз модар ба вуҷуд омад, мардум дар қаҳт буданд. Хосса аҳли ман аз бекутӣ ва гуруснагӣ очиз буданд. Ман ҳар рӯз бо хоҳари худ дар саҳро рафта ба қадри имкон гиёҳ ҳосил кардаме ва

кутро аз он гиёҳ сохтаме ва шукри Худои таъоло ба ҷо овардаме. Ва низ дар он замон бордор будам ва машаккати гуруснагӣ бикашидам, то вақти вазъи ҳамли фарзанд омад, ӯро Маҳбар ном ниҳода, шир медодам.

Ва дар он вақт, ки қути зиёда мебоист, ҳеҷ намеёфтам, ки бихӯрам, то ба ҳадде ки ҳафт шабонарӯз бетаъом гузашт. Гоҳе аз гуруснагӣ беҳуш мешудам, то шабе хоб бар ман ғалаба кард. Чӯе дидам, ки обаш сафедтар аз шир ва хушбӯтар аз мушк аст. Шахсе пир гуфт: «Аз ин об чандон ки хоҳӣ — бихӯр, то шират бисёр гардад». Ва ман аз он бихӯрдам. Он гоҳ гуфт: «Ту маро медонӣ ва мешиносӣ?» Гуфтам: «На». Гуфт: «Ман шукри туам, ки ту дар ҳолати қаҳт ранҷ бурдӣ ва дар тангӣ шукри Худои таъоло ба ҷо овардӣ. Худои таъоло маро ба сурати одамӣ ба назди ту фиристодааст, то туро шод кунам». Пас гуфт: «Ба Макка рав, ки рӯзии ту он ҷо фарох гардад ва чандон ки тавонӣ, кори худ пинҳон дор». Пас даст бар синаи ман зад ва гуфт: «Бирав, ки рӯзии ту Худои таъоло фарох гардонад ва шир бештар кунонад».

Дарҳол аз хоб бедор гаштам, аз ҳама занони Бани Саъд, ки ман низ аз эшон будам, некӯтар шудам ва пистонҳои ман пур аз шир гашта мерехт, чунон ки об аз машк мерафт. Ва чун занони Бани Саъд ҳолу сурат маълум карданд, ҳама пеши ман ҷамъ шуданд. Савол карданд, ки мо ҳама аз ин қаҳт заъифу низор шудем ва наздики ҳалок расидем, ин қут чист? Ман эшонро ҳеҷ ҷавоб нагуфтам, зеро ки дар хоб насиҳат ёфта будам, ки роз ба касе нагӯям.

Дигар рӯз бар одати маъҳуд ба талаби гиёҳ шудам, ногоҳ овозе омад, ки кӯдаке аз Қурайш дар вуҷуд омадааст, хунук он кас аст, ки ӯро баргирад ва хунук он пистон, ки ӯро шир диҳад.

Занони Бани Саъд ин овоз шуниданд ва аз кӯҳ фуруд омада, пеши шавҳарони хеш рафта гуфтанд, ки инчунин овозе мешунавем. Пас қасди Макка карданд ва ман дар пои эшон бар хари лоғар мерафтам ва шавҳарам низ ҳамроҳи ман буд, охир ман дар рафтан заифиву сустӣ мекардам, зеро ки хари ман бисёр лоғар буд ва занони дигар пештар мешуданд. Ва ман низ дар пои эшон шуда, ба ҳар ҳайвоневу ҷамодеву ғоре, ки мерасидам, овозе мешунидам, ки ё Ҳалима, бар ту гуворанда бод.

То ба ғори савум расидам, шахсе коматбаланд асое дар даст ва нуре дар рӯяш метофт, аз ғор беруи омад, чунон ки чашми ман хира шуд. Пас наздики ман омада, даст бар шиками ман ниҳод ва гуфт: «Ё Ҳалима, ба саломат бош». Боз гуфт, ки Эзид таъоло разъати писари Қурайш бар ту муборак гардонида, ба саъодати дорайн фоиз кунад.

Пас шавҳари худро гуфтам, ки он чи ман мебинаму мешу-

навам, туро ҳеҷ маълум аст ё на? Гуфт: «Туро чи афтодааст, магар девона шудаӣ ва ман метарсам, ки занони қавми хеш пештар рафтанд, онҳоро ёбем ё на?»

Қариби Макка ду фарсанг монда буд, расидам. Ва занони Бани Єаъд ба Макка расида буданд, ман низ хару рахт гузошта, бо шавҳари худ дар Макка шудам. Занонро дидам, ки ҳар як бозмеоянд, пас мутараддид будам, ки маро бошад ё на. Ногоҳ Абдулмутталибро дидам, ки меояд ва бонг мекард, ки ё занони Бани Саъд, касе аз шумо ширдор ҳаст. Гуфтам, ки ман ширдор ҳастам. Абдулмутталиб гуфт: «Ту кистӣ?» Гуфтам: «Ман занеам аз Бани Саъд». Гуфт: «Номат чист?» Гуфтам: «Ҳалима *(раз)*». Пас гуфт: «Ё Ҳалима *(раз)*, ин феъли некӯст, ки Муҳаммад (с) — кӯдакеро шир диҳӣ.

Ва бар ҳама занони Бани Саъд арз кардам, ҳеҷ кадом қабул накард. Ва гӯянд, ки ӯ ятим аст ва аз ятимон чи роҳат расад. Ту вайро қабул кун ва шир бидеҳ, бошад, ки ба сабаби вай Худои таъоло бо ту каромат кунад». Гуфтам: «Бо шавҳари худ машварат кунам», Абдулмутталиб даровехт ва савганд доду гуфт: «Ба Худо, ки бозойӣ?» Гуфтам, ки меоям. Пас шавҳари худро аз он ҳол хабар кардам. Шавҳарам низ хушдил гашт ва гуфт: «Бишитоб ва зуд қабул кун, агар ин каромат аз ту фавт шавад, хуб нест, чунон ки ҳама занони Бани Саъд ба ятимии кӯдак бозгардиданд».

Ман низ мутараддид гашта ба хотир овардам, ки равам ё на ва хоҳарзодаи худ ҳамроҳ доштам. Гуфт: «Ё хола, ҳама занони Бани Саъд бенасиб баргаштанд, ту низ бенасиб хоҳӣ шуд». Ин сухани ӯ дар ман асар кард ва низ ба дил гуфтам, ки занони Бани Саъд ҳар яке бозгаштанд, ман навмед бознагардам, агарчи ятим аст, ӯро баргирам, ки он чи хоб дидаам, ботил нахоҳад буд.

Пас наздики Абдулмутталиб рафта гуфтам, ки он кӯдакро бар ман тафвиз кун. Аз ин мужда рӯи Абдулмутталиб рӯшан гашт ва дасти ман бигрифт ва ба хонаи Омана бурд. Дидам, ки Хотун чун маҳи тобон нишастааст ва Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* дар порча печида, зери ҳарири сафед дошт. Хостам, ки бедор кунам, пас даст бар синаи мубораки вай ниҳодам, бедор гашта лаби муборак ба ханда даркушуд ва чашм боз кард, нуре дидам, ки аз чашми муборакаш берун омада ба ҳаво шуд ва ба осмон пайваст. Пас бигрифтам ва пистони рост шӯида дар даҳони муборакаш ниҳодам. Пас пистони чап дар даҳанаш кардам, нахӯрд.

Ибни Аббос *разияллоҳу анҳу* гӯяд: «Аз баҳри он нахӯрд, ки Эзид таъоло вайро илҳом ба адл дода буд, то миёни хеш ва писари Ҳалима савият нигоҳ дорад». Ҳалима гӯяд, ки пис-

тони рости ман Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* буд ва пистони чап писарамро. Ва то замоне, ки аввал Муҳаммади Расулуллоҳ *алайҳиссалот вассалом* шир нахӯрдӣ, писарам ҳаргиз даҳон ба пистон наниҳодӣ.

Алҳосил, Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* бар китф бардошта, пеши шавҳарам рафтам. Шавҳарам ба диданаш дарҳол ба саҷда афтод ва шукр карду гуфт, ки ин замон фориғ бош, ки ҳеҷ кас аз моён тавонгартар нахоҳад буд. Ва чун шаб шуд, ба бутхона рафта бихуспидем, то чаҳор шаб он ҷо бимондам. Дар шаби панҷум дар хоб дидам, ки шахсе бо чехраи нуронӣ бар болини Муҳаммади Расулуллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* нишаста, ба рӯяш бӯса медод. Ман нарм-нарм шавҳарамро бедор карда гуфтам: «Бингар ин шахсро». Шавҳарам гуфт: «Хомӯш ва ин ҳол бо ҳеҷ кас магӯй!»

Чун рӯзи дигар мардумон азми хонаҳои хеш карданд, ман низ Оманаро видоъ карда, бар хари худ нишаста Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* гирифта равон шудам. Ва хари худро дидам, ки се мартаба ба тарафи Каъба саҷда карда, рӯ ба осмон ниҳод, чун боди сабо рафтан гирифт ва мардум дар рафтори хар тааҷҷуб ва мутаҳаййир шуда гуфтанд: «Ё Ҳалима (*раз*), ин ҳамон хар аст?» Гуфтам: «Бале». Пас ба сухан омад ва гуфт: «Бидонед, ки ман мурда будам, акнун зинда гаштам. Шумо аз ин ҳол ғофилед ва намедонед, ки бар пушти ман кист. Ман аз мадади толеъи саъиди худ ҳомили Сайидулмурсалин ва Хотамуннабиййин гардидаам, бинобар қуввати рафтори ман ҳамчунин аст».

Алҳосил, Ҳалима *разияллоҳу анҳо* гуфт, ки хари ман пеши ҳама харон рафтӣ ва ҳар манзиле, ки фуруд омадӣ, Эзид таъоло ва тақаддус гиёҳу сабза рӯёнидӣ, то ҳама харону чаҳорпоён бихӯрдандӣ. Чун ба ҳона расидам, аз баракати он Ҳазрат (с) гӯсфандони мо фарбеҳ шуданд ва аз гӯсфандони дигар бештар бача зоидандӣ ва бисёр шир доданди. Чунон ки, ҳама мардум гирд омада, гӯсфандони худро наздики гӯсфандони ман бубастандӣ. Пас гӯсфандони эшон низ бисёр шир медоданди. Ва гуфтаанд, ки ҳама аз баракати Ҳалима (*раз*) воқеъ шуд, зеро ки ӯ доян Хоҷаи коинот *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* буд.

Овардаанд, ки Худон таъоло дар дилҳои мардум чунон андохт, то ҳар кӣ Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* дидӣ, ба даст гирифтӣ.

Чун бузург шуд ва наздик расид, ки ба сухан дарояд, ногоҳ рӯзе овоз дод ва гуфт: **Аллоҳу акбар, Аллоҳу акбар, Алҳамду лиллоҳи рабби-л-ъоламин.** Халқ ба мушоҳадаи он ҳол ва аз он калимот ба таъаҷҷуб монданд.

Ҳалима (*раз*) гуфт: «Аҷоибҳо, ки аз вай зоҳир гашт, яке

ин буд ва дигаре то вай ҳаргиз ба бавл пок кардан муҳтоҷ нагаштам, дар тамоми рӯз як бор бавл кардӣ, то рӯзи дигар ҳамон вакт як бор бавл мекардӣ. Чун бузург шуд, ба саҳро рафта бо кӯдакон ҳаргиз бозӣ накардӣ ва агар рафтӣ, аз онон дур биншастӣ ва ба эшон наёмехтӣ. Ва ҳар гоҳе ки чаҳорсола шуд, рӯзе маро гуфт, ки ман бародаронро намебинам. Гуфтам, ки эшон ҳар рӯз пеши гӯсфандон мебошанд ва шаб ба хона меоянд. Бигрист ва гуфт: «Ман ин чо танҳо чи кунам, маро низ ба эшон бифирист». Гуфтам: «Эй чони модар, мехоҳӣ, ки берун равӣ?» Гуфт: «Бале». Пас Ҳалима *(раз)* гуфт: «Рӯзи дигар рӯған дар сараш молида ва шона карда ва хар ду чашмашро сурма намуда, пироҳани покиза пӯшонидам ва гарданбанде аз яманӣ доштам бар гарданаш бастам, то вайро ҳеҷ чашм захм нарасад».

Пас чӯбе ба даст гирифта, бо писаронам берун рафт, баъд аз он бо писаронам омаду рафт дошта хушдил мешуд. Рӯзе писари хешро дидам, давон ва сиришк аз чашми вай равон меомад ва фарёд мекард: «Ё модар, зуд Муҳаммад (с)-ро дарёб, тарсам, ки вайро мурда ёбӣ». Гуфтам: «Чӣ расидааст?» Гуфт, ки мо санги фалохин андохта бозӣ мекардем, ки марде биёмад ва ӯро аз миёни мо бурда, бар сари кӯҳе рафта, дар он чо бихобонид ва аз синан ӯ то зери ноф бишкофт, надонам дигар чи кард».

Ва аксаре бар онанд, ки ду чонвар ба шакли каргас, вакте ки писарони Ҳалима *(раз)* барои овардани таъом ба хона рафта буданд, омада, яке бо дигаре гуфт, ки ин ҳамон шахс аст? Гуфт: «Бале». Пас ҳар ду чонвар ба сӯи он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* мутаваччиҳ шуданд. Он Ҳазрат (с) аз тарси он чонварон бигрехт ва ҳар ду он чонвар наздики он Хазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* рафта, ҳар ду кифи он Ҳазрат *алайҳи-с-салот ва-с-салом* гирифта бар замин андохтанд ва аз минкорҳои худҳо шиками муборакашро чок карда, дили болиғро берун оварданд ва аз он хуне бастяро бияфганданд ва гуфтанд, ки ин хуни баста ва мурдор ҳиссаи Шайтон аст, ки дар дили ҳар кас мебошад, акнун васвасаи Шайтон бар дили муборакаш коре нахоҳад кард. Пас барф оварда шиками он Ҳазрат *алайҳи-с-салот ва-с-саломро* бишустанд ва дили муборакашро шуста андаруни сина карда бидӯхтанд ва сакинаро, ки аз кисми марҳам аст, бипошиданд ва аз мухри нубувват мухре ба-д-он сабт карда, синаро чунон ки буд карданд. Дар ин асно писарони Ҳалима расида, чунин ҳолат мушохада карда, саросема шуданд, ба модари хеш хабар карданд.

Алҳосил, Ҳалима *(раз)* гуфт, ки ман саросема шуда, рӯй ба-д-он чо ниҳодам, дидам, ки бар сари кӯҳ нишаста ва ба сӯи осмон нигариста, табассум мекард. Ман чашми ӯ бӯсида гуфтам:

«Ҷони ман фидои ту бод, ин ҳол чӣ буд, туро чӣ расида?»

Гуфт: «Хайр аст, ки бародарон барои таъом рафта будand, ногоҳ ду ҷонвар биёмаданд ва маро ба-д-ин ҷо оварданд, чунон маълум шуд, ки фариштаанд. Ман баъд бидидам, ки яке бар кафе офтобаи пуроб карда ва дигаре ташти мурассаъи зарин гирифта истодааст. Пас маро бияндохтанд, шиками ман аз сина то зери ноф бишкофтанд, чунон ки маро ҳеҷ аламеву дарде нарасида ва ҳар чи дар шиками ман буд, берун оварда дар он ташт ниҳода, ба-д-он об шуста боз ба ҷои хеш рӯ ниҳоданд. Пас шахсе дигар биёмад ва даст дар шиками ман карда дили ман берун оварда, хуне баста аз он барандохта, боз андарун ниҳода дуруст кард. Пас маро биншонда ҳуд ба осмон баршуд ва аз чашми ман ғоиб гашт ва ман сар ба саҷдаи шукри Парвардигор бурдам».

Бар сари ин ҳикоят мардум ҷамъ шуда мегуфтанд, ки вайро осебе расида набошад ё маразе пайдо шуда, пеши коҳинон бояд бурд, то азимате бихонанд ё давое бикунанд. Пас назди коҳинон бурданд. Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* аз аввал то охир он қиссаро бозгуфт. Коҳин аз истимоъи ин маънӣ бархоста Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* дар бар гирифт ва фарёд баровард, ки ин писарро зинда нагзоред, ки агар бузург шавад, ҳама бутонро бишканад ва ҷуз Ҳаққ нагӯяд ва дини шумо ботил кунад ва ба Худои *азза ва ҷалл* хонад, ки онро намедонед ва намебинед ва ба дине, ки хонад, намешиносед.

Ҳалима (*раз*) гуфт: «Ман чун суҳан бишнидам, дарҳол Муҳаммади Расулуллоҳ (с)-ро аз ӯ дур нишондам ва гуфтам: «Магар ту девона шудай, ки инчунин мегӯй? Агар ман чунин донистаме ҳаргиз пеши ту наёвардаме!» Пас Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва салламро* ба хона бурдам, то тамоми хона аз вай хушбӯ гашт. Пас маро гуфтанд, ки ин сирро ба Абдулмутталиб боздеҳ, ки аз уҳдаи амонат берун ой.

Пас бар ҳар нишаста ва Муҳаммади Расулуллоҳ (с)-ро пеш гирифта мерафтам, дар роҳ овозе шунидам, касе мегуфт, ки бар ту гуворанда бод. То ба бутҷои Макка ба амну амон расидам ва дидам гурӯҳе дар он ҷо фароҳам омада буданд. Дар он ҷо Муҳаммади Расулуллоҳ (с)-ро нишондам ва ба кори машғул шудам, ногоҳ овозе шунида, бознигариста Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* надидам. Гуфтам: «Эй мардумон, кӯдаки ман ин ҷо буд, чи шуд?» Гуфтанд: «Кадом кӯдак?» Гуфтам: «Муҳаммад (с) ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб». Гуфтанд, ки моён надидем.

Пас давону гирён мегуфтам, ки ҳоли ман аз баракати ӯ фарох гардид ва тавонгар шудам ва муддате ба шири хеш бипарваридам, акнун оварда будам, ки амонат боздиҳам, то аз

уҳда берун оям, вайро аз паси ман бирабуданд. Савганд ба Лоту Уззо мехӯрам, агар вайро наёбам худро аз кӯҳ барандохта пора-пора кунам.

Боз гуфтанд, ки ту ба мо бозӣ мекунӣ, мо бо ту ҳеҷ кӯдак надидем. Пас ман навмед гашта, даст бар сина ниҳода фарёд баровардам, гуфтам: «Во Муҳаммад (с), оҳ». Чандон навҳаву зорӣ кардам, ки мардумро бар ман гиря омад. Пас пире асое дар даст гирифта наздики ман омаду гуфт: «Эй духтар, туро чӣ афтодааст?» Гуфтам: «Писари ман гум шуда». Гуфт: «Писари ту буте, ки бурдааст, ман нишони ӯ бидиҳам, ту аз ӯ бихоҳ, албатта хоҳад дод». Бонге бар ӯ бизадам ва гуфтам, ки эй Шайтон, шармат нест магар туро қиссаи он шаб, ки он кӯдак дар вуҷуд омада буд, маълум нест, ки бар Лоту Уззо чӣ рафтааст? Гуфт, ки ман биравам ва дилро хоҳиш бикунам, то писаратро боздиҳад.

Пас он шайтон наздики Ҳубал рафта гуфт: «Ё Сайид, ҳамеша чиҳати ту бар Қурайш аст ва духтари Саъд мегӯяд, ки писараш ном Муҳаммад (с) гум шуда, агар вайро боз намой, то ин ваҳшат аз бутҳои Макка берун равад ва ғояти карам бар Қурайш бошад». Ва ман медидам, ки Ҳубал бар бутони дигар афтод ва овозе аз миёни эшон баромад, ки ё Ҳубал, акнун аз ин миён мо дур шавем, ки ҳалоки мо аз дасти ин писар хоҳад буд, номаш Муҳаммад (с) аст.

Пас шахсе нуронӣ падид омада, гуфт: «Эй Ҳалима (*раз*), ин писар дӯсти Худои таъоло аст, ҳаргиз зоеъ нашавад». Пас тарсидам, ки мабодо пеш аз расидани ман хабари гум шудани писар ба Абдулмутталиб расад, оҳанги вай кардам. Чун маро дид, гуфт: «Ё духтари Саъд, чаро музтариб шудай?» Гуфтам, ки Муҳаммад *алайҳи-с-салот ва-с-саломро* назди ту меовардам, дар бутҳо аз ман гум шуд.

Ба муҷарради истимоъи ин маънӣ Абдулмутталиб пиндошт, вайро касе кушта бошад. Дарҳол шамшер баркашид, ҳар гоҳе ки вай дар хашм шудӣ, ҳеҷ кас пеши вай рафтан наёрастӣ. Шамшери бараҳна дар даст карда бонг кард, ки ё Оли Толиб мин аҳли Қурайш. Ҷавоб доданд ва пурсиданд, ки ҳоли ту чист? Гуфт: «Писарам Муҳаммад (с) гум шудааст». Гуфтанд: «Замоне бинишин, ки мо ҳамроҳи ту ба ҳар чо ки биравӣ, биравем». Пас нишаста савганд хӯрд, то он Муҳаммад *алайҳи-с-салот ва-с-саломро* наёбам, нону об нахӯрам.

Мин баъди мувофиқати Абдулмутталиб аҳли араб берун шуданд. Ва сад кас аз Қурайш қасд карданд, ки дар Каъба рафта, илтиҷои он фарзанди саъодатманд кунанд. Абдулмутталиб ҳамаро бигзошта, рӯ ба хонаи Каъба ниҳод. Чун расид, сар дар остонаи Каъба ниҳода гуфт: *«Ё Раб, рад ъалайя валадӣ Муҳаммад» (с)*. Чун дар тазарруъу зорӣ басе муболағат кард,

ҳотифе овоз дод, ки ё Абдулмутталиб, басе махруш, ки Муҳаммад *алайҳи-с салот ва-с-салом* чунин Худованд дорад, ки вайро ҳеҷ кас зоеъ нагардонад. Абдулмутталиб гуфт: «Вай кучост?» Овоз омад, ки дар водии Тиҳома дар миёни дарахте нишастааст.

Пас Абдулмутталиб силоҳ пӯшида рӯй ба саҳро ниҳод. Ва Варқаву Навфал ва Масъуду Нақӣ дар пеш мерафтанд. Чун дар ин ҷо расиданд, Мустафо *алайҳи-с-салот ва-с-саломро* диданд, ки дар сояи дарахте нишастааст. Масъуд наздики вай рафта гуфт: «Ё писар, ту кистӣ?» Гуфт: *«Ахика аънӣ аху Масъуд»*. Пас Масъуд аз чавоби кӯдак аҷаб монд, бори дигар пурсид: «Ту кистӣ?» Гуфт: «Ман писари Сайиди арабам, номи ман Муҳаммад (с) ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб ибни Ҳошим». Масъуд бозгашт ва Абдулмутталибро башорат дод.

Чун наздики ҳазрати Сарвари коинот *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* расид, гуфт: «Ё писар, ту кистӣ?» Гуфт: «Манам Муҳаммад (с), аз писарони насли туам». Гуфт: «Маро насаби худ бигӯ, ки аз кадом писари ман ҳастӣ». Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* насаби хеш ба вай гуфт, ки манам Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ибни Абдуллоҳ. Пас Абдулмутталиб дар бари худ гирифта, савор шуда, ба Макка оварда, тавоф кард ва гуфт: *Аъузуно би воҳидин мин шарри кулли ҳосидин*. Чун дар Макка даромаданд ва ҳама Қурайш биёромиданд, Абдулмутталиб ба ман атои бисёр кард, то ба неъмати касир бозгаштам».

ЗИКРИ РАФТАНИ ОН ҲАЗРАТ АЛАЙҲИССАЛОТ ВАССАЛОМ БА ХОНАИ ЧАДДУ ХОЛ ҲАМРОҲИ МОДАРӢ ХЕШ ВА ПАДРУД ФАРМУДАН ЧАҲОНИ ФОНИРО ОМАНА-ХОТУН РАЗИЯЛЛОҲУ АНҲО БА ҲИНИ МУРОҶАЪАТ ДАР АСНОИ РОҲ ВА ФАВТ КАРДАНИ АБДУЛМУТТАЛИБ ВА РАФТАН ҲАМРОҲИ АБУТОЛИБ БА ТАРАФИ ШОМ ВА МУЛОҚӢ ШУДАН БО РОҲИБ САРХИШ ДАР АСНОИ РОҲ

Овардаанд: Чун Ҳалима *разияллоҳу анҳо* он Ҳазрат (с)-ро ҳаволаи Абдулмутталиб кард, Омана-хотун ӯро ҳамроҳ карда, ба хонаи бародари хеш рафта, ду сол сукунат варзида, боз мурочаъат ба Маккаи муъаззама намуд, дар аснои роҳ ба қазои илоҳӣ доъии аҷалро лаббайка иҷозати иҷобат фармуд. Дар он ҳин умри шарифи он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* ба ҳафт сол расида буд. Пас он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба Макка омада, назди Абдулмутталиб мебуд.

Чун синни шарифаш ба ҳашт солу ду моҳ расид, ки Абдул-

мутталиб ранҷур гашта, маъюс аз зиндагӣ шуда Абутолиб — писарашро бихонд ва гуфт: «Дар ҳаққи парвариши Рисолатпаноҳ васияти ман нигоҳ дорӣ ва ӯро риъоят карда мебошӣ». Абутолиб гуфт: «Дар ҳаққи вай васият макун, зеро ки ӯ бародарзодаи ман аст, фарзанди худ медонам». Он гаҳ Абдулмутталиб аз Дунё риҳлат намуд. Пас Муҳаммади Мустафо *алайҳи-с-салот ва-с-саломро* Абутолиб азизу дӯсттар медошт.

Чун дар он вақт навкарони Хадича ва Қурайш азми тиҷорат карда, ба Шом бо корвон мерафтанд ва Абутолиб низ азм мат кард. Муҳаммади расулуллоҳ миҳори шутур мекашид ва Абутолиб мехост, ки Пайғамбар (с) кӯдак аст, ба хона бозгардонад. Пайғамбар (с) гуфт: «Ё амм, маро ба касе месупорӣ ва танҳо кучо мегузорӣ?» Дили Абутолиб бисӯхт ва бигристу гуфт: «Ё чони амм, дил хуш дор, ки ман туро нагзорам». Пас даст гирифта ба шутур нишонд ва мерафт.

Чун корвон ба водии Шом расиданд, дар он водӣ савмаъаи роҳибе буд, вайро Сархиш гуфтандӣ. Ва наздики он савмаъа дарахте буд, ки корвон зери сояи он дарахт фӯруд омаданди. Сархиши роҳиб дар Таврот хонда буд, ки дар фалон вақт пайгамбаре аз Макка берун ояд ва инчунин нишонаҳову аломатҳо дорад. Сархиш дар интизор мебуд. Ҳар касе, ки аз Макка расидӣ, аз вай ахволҳои вай пурсидӣ, то он рӯз Абутолиб бо пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* ба он ҷо расид. Сархиши роҳиб дар савмаъа буд, болои бом омада дид, ки корвоне аз тарафи Макка меояд ва абре мисли соябон бар сарашон менамояд. Ва чандон ки корвон пештар рафтанд, абр низ бар сарашон меомад. Чун дар зери дарахт омаданд, дарахт сар бар замин ниҳод ва ба сояда рафтод. Роҳиб аз боми савмаъа фуруд омада, кас ба корвон гуфта фпристод, ки ман аҳли Маккаро дӯст медорам ва ҳар корвоне, ки ин ҷо мерасад, таъаҳҳуду дилдорӣ мекунам, шумо низ биёед, то меҳмон дошта, дилдорӣ намоям ва бояд ҳеҷ касро нагзоред ва ҳама биёед.

Абутолиб даъваташро иҷобат карда, Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* ба каси дигар зери он дарахт бигзошта ба савмаъаи роҳиб расид. Роҳиб бар дари савмаъа истода, ҳар якеро медид ва менишонд. Боз болои савмаъа рафта абрро ҳамон ҷо дид, боз фурӯ шуд, гуфт, ки шумо касеро пеши дарахт гузошта омадед? Гуфтанд: «Бале, муздуре ва тифле ҳастанд». Гуфт: «Эшонро низ биёред». Роҳиб боз ба боми савмаъа шуд, то касе рафта Пайғамбар *алайҳи-с-салот ва-с-саломро* оварда ва абри сараш соя зада меомад. Чун роҳиб он ҳол бидид, гуфт: «Валлоҳи, ки ин абр соя ғайр аз пайғамбар ба дигар наяфганад». Пас дар савмаъа рафта Муҳаммад *сал-*

лаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва салламро бинавохт ва таъом пеш овард.

Чун аз таъом фориғ шуданд, гуфт: «Ин писари кист?» Ишорат ба Абутолиб карданд. Роҳиб гуфт: «Маро чунон маълум мешавад, ки ин писарро модару падар нест, агар рост бигӯед то ман ҳақиқати вай ба шумо изҳор кунам». Абутолиб гуфт: «Е Сархиш, ин писари бародарзодаи ман ятим аст ва дар канори ман бузург шуда». Роҳиб гуфт: «Рост аст, эй шайх, ту аз ман бишнав, ки ин тифл пайғамбар (с) аст ва Хотамулан-биё хоҳад буд ва дар миёни ду китфи вай муҳри пайғамбарӣ бошад, зинҳор-зинҳор ӯро некӯ дорӣ ва ба Руму Шом набарӣ, ки дар он чо душмани вай бисёранд. Чунон ки чуҳудону тарсоён чӯёну хохони ӯянд, ки ҳалок кунанд».

Пас Сархиш дасти муборакаш бигрифту гуфт: «Ин Сайиди оламин аст ва бехтарини ҳама халоиқи осмону замин». Қурайшиён гуфтанд, ки ту ба чи рӯ медонӣ, ки ин пайғамбар аст. Гуфт: «Сифати ин писар дар Таврот хонда ва аломатҳое, ки навиштааст, имрӯз ба мушоҳадаам даромада». Гуфтанд: «Чӣ дидӣ?» Гуфт: «Чун шумо ӯро ба ақиби худҳо гузошта меомадед, дидам, ки чумла сангҳову дарахтҳо дар сучуд омаданд ва набоботу хайвоноту чамодот сачда накунанд, илло пайғамбаронро ва шумо низ ба якин бидонед, ки ин пайғамбари барҳакқ аст».

Андар ин сухан буданд, ки ҳафт кас аз дари савмаъа даромаданд. Роҳиб гуфт: «Шумо кистед ва аз кучо меоед ва кучо меравед?» Гуфтанд: «Мо аз Рум меоем. Подшохи Рум моро фармудааст, ки замони берун омадани Пайғамбари охируззамон хоҳад шуд ва аз Макка берун хоҳад омад. Бино бар он омадем, ки то вайро дарёбем ва бикушем». Роҳиб гуфт: «Ранҷи беҳуда ва беҳосил бар худ ихтиёр кардаед. Ва ин хабар ҳам таҳқиқ аст. Аммо коре, ки Ҳудои таъоло ва такаддус хоҳад, мекунад, касе мақдур надорад, ки вайро дафъ кунад». Пас он ҳафт касро ба Макка равон кард, ба Абутолиб гуфт, ки инро ба Шом мабар, ки чуҳудон ӯро заҳмат диҳанд. Абутолиб бозгардида ба Макка омада биёромид. *Валлоҳу аълам.*

ЗИКРИ ДИГАР БОР ШИГОФТАНИ СИНАИ МУБОРАКИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА САЛЛАМ ВА НИКОҲ КАРДАНИ ХАДИЧА-ХОТУН РАЗИЯЛЛОҲУ АНҲО ВА ДИГАР РИВОЕТЕ, КИ ҚАБЛ АЗ НИКОҲ БА ВУҚӮЪ ОМАДА

Ровиёни садоқатнишон ва нокилони ростбаён ин ҳикояту ривоятро ба-д-ин гуна ба маърази баён даровардаанд, ки чун Муҳаммади Мустафо Аҳмади Муҷтабӣ *саллаллоҳу алайҳи ва*

олиҳи ва саллам ба умри даҳ сол расид, рӯзе ба тариқи гулгашт ба майдон даромада буд, ногоҳ ду фариштa ба сурати одамӣ зоҳир шуданд.

Ва он Ҳазрат фармудааст, ки чеҳраашон нуронӣ буд, ҳамчунин шакл касеро гоҳе надида будам ва хушбӯҳое, ки дар вучудҳои ишон меомадӣ, гоҳе ба атриёт нашамидаам ва дар порчҳои ишон чунон сафое буд, шояд ки ба ҷаҳон чунин сафое ба порча набошад. Ва он ду кас ҳазрати Ҷабраил ва Микоил *алайҳимоссалом* буданд, ҳар ду китфи ман гирифта дар замин андохтанд, ки маро аз он чизе дарду алам нарасида, боз шикам ба наҳҷе чок карданд, ки чизе хун берун наёмада ва осебеву ранҷе нарасида. Ва яке аз он ду кас ба ташти зарин (об) меоварду дигаре андарунамро мешуст. Аз яке бо дигаре гуфт, ки дили ӯро чок карда, ҳасаду кинаву хуни баста аз дили ӯ берун оварда, ба раҳму шафқат пур карда бигзорад. Ва дар он даридану дӯхтан чизе осебе ба ман нарасида буд. Пас чизе ба ранги сими холис оварда, ба дили ман андохта, доруе хушк ба ранги сафед бар он пошиданд. Яке ангушти ман гирифта гуфт: «Бираву саломат бош!» Ва он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд, ки аз он таърих ба дили худ шафқату меҳрубонӣ аз хурду калон меёбам.

Ва гуфтаанд дар ин мартаба, ки чок карданд, наздики замони булуғияти он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи* буд ва сабабаш ин аст, ки ба ҳини шабоб хоҳиши мардум ба сӯи шаҳвату ғусса мешавад, бинобар бори дигар синааш чок карда, поку соф намуда, аз он маҳфуз доштанд.

Алҳосил, баъди чок кардани синаи мубораки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба самти макон ташриф-фармо шуда, бо Абутолиб он моҷароро дар миён ниҳод. Абутолиб насиҳат ба нуҳуфтани ин сирр карда, қадами муборакаш мутабаррик дониста, хидматаш мекарду мепарварид. Рӯзе гуфт: «Эй писар, мехоҳам, ки сухане гӯям, аммо аз ту шарм медорам, ки иззати ту дар чашми ман бисёр аст». Пайғамбар *алайҳи-с-салоту ва-с-салом* гуфт: «Ҳар чи хоҳӣ — бигӯ, фармонбардори туям».

Гуфт: «Медонӣ, ки падару модари ту бимурданду чизе нагзоштанд ва маро низ дастгоҳе нест, ки коре тавонам кард. Дар хотирам расидааст, ки Хадича (*раз*) духтари Хувайлид зане мунъим асту моли бисёр дорад ва муздурон мегираду уҷрат ба муносиб медиҳад. Дар ин амр чӣ мегӯӣ, агар туро наздики вай бараму муздурӣ бигирад, бошад ки Худои таъоло аз пеши вай рӯзӣ бидиҳад, то ман барои ту ба-д-он зане хоста чашми худ равшан кунам».

Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* гуфт: «Фармонбардорам, ҳар чи хоҳӣ бикун!». Пас дари сарои Хадича

(*раз*) рафта дар бизадаид, ғуломе берун омаду гуфт: «Чӣ ҳочат дорӣ?» Гуфт: «Хадича (*раз*)-ро бигӯ: Инак Абутолиб бар дар истода». Чун ғулом хабар кард, гуфт. «Дастурӣ деҳ, ки дарояд». Пас андарун рафтанд. Хадича (*раз*) бар тахт нишаста буду ҳафтод канизак бар по истода. Абутолибро гуфт: «Чандин ранҷ бурда, ба чӣ ҳочат омадай?» Гуфт: «Ин бародарзодаи ман ном Муҳаммад (с) ибни Абдуллоҳро ба муздурии худ кабул кун, то аз неъмати ту баҳра расад». Хадича (*раз*) гуфт: «Аз ин беҳтар чӣ бошад?!»

Ва ба ривояти дигар аз амирулмуъминин Абубакри Сиддик *разияллоҳи анҳу* ва ҳазрати Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* омадааст, ки Хадича *(раз)* аз хешони пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* буду шавҳараш мурда ва моли бисёр дошт ӣ ва ҳар сол корвоне ба тиҷорат ба Шом фиристодӣ ва ғуломе дошт, Майсара ном, ӯро озод карда, барои тиҷорати худ молҳои худ ба вай тафвиз карда буд. Ҷумла ғуломону гумоштагон дар фармони вай буданд. Рӯзе Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллампро* дид, ки дар зери болохонаи ӯ ташриф мебурд ва абре мисли соябон бар сари муборакаш буд. Лиҳозо Хадича (*раз*) он Ҳазрат (с)-ро талабида ба посбонии гӯсфанд муқаррар кард.

Паси андак замон гӯсфандони ӯ бештар аз пештар шуду шири бисёр медоданд ва Хадича (*раз*) ҳамеша муояна мекард, ки пайваста абр бар сари муборак соя менамуд ва бо ҳар дарахтеву ҷамоде, ки мерафт, мегуфтанд: «Ассалому алайкум ё расулаллоҳи (с)». Сивои ин ҳам аломат дида, бо худ гуфт, ки ин писар бузургтар ба Қурайш хоҳад буд. Ва чун ба диёнат машҳур буду дар ростгӯӣ маъруф, лиҳозо ҳама Муҳаммади Амин (с) гуфтандӣ.

Чун муддате баромаду умри муборак ба бисту се сол расид Хадича-хотун *(раз)* ба Пайғамбар (с) гуфт, ки имсол бо ғуломи ман ба тиҷорат Шом метавонӣ рафт? Ҳазрати Рисолатпаноҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* иҷобат фармуд.

Ва гурӯҳе гӯянд, ки ба муздурӣ гирифт ва баъзе гуфтаанд, ки анбози Майсара кард ва аксарӣ бар онанд, ки молику мухтор гардонид, ҷоман шавҳари хеш пӯшонида, ба тарафи Шом видоъ карду Майсараро ба таъкиди тамом фармуд, ки ҳар ҳолате ки дар роҳ ба вукӯъ ояду дар ин сафар рӯ намояд, бояд ки ба ҳусни ваҷҳ ба ёди хеш дорӣ ва ҳар гоҳе ки биёӣ, сари мӯе таҷовуз накарда ба ман боз намоӣ ва он чи он Ҳазрат *алайҳи-с-салоту ва-с-салом* намояд, монеъи он нашавӣ ва сар аз хатти мутобаати ӯ берун набарӣ.

Филҷумла дигар савдогарон, ки гумоштагони Хадича (*раз*) буданд, ҳамроҳи он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* равон шуданд. Чун аз Маккаи муъаззама берун омаданд,

бо кофилан Абӯсуфён, ки амми он Хазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* буд, дучор шуданд. Абусуфён бихандиду гуфт: «Хадича бисёр нодон аст, ки каси ба умри хеш гоҳе тиҷорат накарда роҳи расм ва хариду фурӯхт наомӯхта ӯро мухтор гардонида фиристодааст».

Алкиса, пештар равон шуданд ва корсозии роҳ мекарданду мерафтанд. Дар аснои роҳ ҳар гоҳ офтоб гарм шудӣ, бар сари Муҳаммади расулуллоҳ (с) абр соя кардӣ ва Майсара бидидӣ. То наздики Шом расид, муттасил ба савмаъа фуруд омаданд. Баҳираи роҳиб дар он савмаъа буд, нигоҳ мекард. Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва-олиҳи ва саллам*ро дид дар сояи дарахте хуфта. Чун баъд аз соъате офтоб бар чашми муборакаш тофт, дарахт каҷ шуд, соя бар Пайғамбар андохт. Роҳиб чун ин ҳол бидид, аз савмаъа берун омада, пеши корвониён рафта пурсид, ки ин ҷавони зери дарахт хуфта кист. Майсара гуфт: «Анбози ман аст». Роҳиб гуфт: «Зинҳор ки ӯро ба чашми анбозон ва бозоргон набинӣ, зеро ки ӯ пайғамбари Худост ва меҳтару беҳтар аз ҳама мавҷудот».

Пас роҳибу Майсара ба хидмати Муҳаммади Мустафо *салотуллоҳи ва саломуҳу алайҳи* рафтанд. Роҳиб пеш рафта бар пойи мубораки ӯ афтода бӯса доду гуфт, ки аломати пайғамбарии ту маро маълум гашт, умеди дастгирӣ медорам. Ва акнун тавақкуъ медорам, ки китфи мубораки худ бинамоӣ, зеро ки дар Инҷил хондаам, ки дар китфайни мубораки ту муҳри нубувват бошад. Пайғамбар китфи шарифи худро барахна кард. Чун чашм бар он муҳр бияфтод, меҳраш бияфзуду гуфт: «Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан ъабдуҳу ва расулуҳу». Боз гуфт, ки ту он касӣ, ки Исо *алайҳиссалом* башорати ту дода буд. Пас Майсарарро васият кард, ки Пайғамбарро (с) аз панҷаи ҷуҳудон некӯ нигоҳ дорӣ. Ӯ гуфт: «Ба чашм». Ва Абусуфёнро низ таъкиди болиғ кард. Абусуфён гуфт, ки ӯ бародарзодаи ман аст, албатта нигаҳбонии ӯ ба зиммаи ман хоҳад буд. Пас роҳиб меваҳои гуногун ва хӯришҳои букаламун аз ходимони худ барои он Ҳазрат фиристод, ҳамаро даъват карда таъомҳои лазиз бихӯронид. Пас аз он ҷо наҳзат карда мерафтанд, то бар сари ду роҳ, ки яке пурхатару дигаре баамну амон буд, расиданд. Аммо он Ҳазрат *алайҳи-с-салоту ва-с-салом* роҳи наздикеро, ки пурхатар буд, ихтиёр фармуд ва Абусуфён ба роҳи дигар дарафтод. Ва барои ҷаҳонорони он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам механдид, ки моли Хадича зоеъ хоҳад кард ва ҳалок ҳам хоҳад шуд.

Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва саллам* фармуд, ки Худои таъоло ҳофизу муъини ман аст. Ин бигуфту равон шуд. Чун як манзил роҳ тай намуд, ба мақоме, ки об набуд, манзил карданд. Майсара ба ҳузури он Ҳазрат омада арз кард, ки кофи-

ла аз беобӣ чуброн мешаванд. Ба истимоъи ин маънӣ он Хазрат *саллалоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* аз хайма берун омада мутаҳаййир шуда, ба зери дарахте сабз бистоду муноҷот мекард, ки Бори Худоё, бар ятиме Муҳаммад (с) тараҳҳум фармуда, ба фарёдаш расида, оби ширин иноят кун.

Дар ин асно он дарахт ба ҳукми Худои таъоло ба гуфтан даромада гуфт: «Ё Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам*, чанд қадам пештар бираву макоме ки қадами охири ту афтад, чоҳе бикан, то об хоҳӣ ёфт». Пас ҳамчунон кард. Ба ҳукми илоҳӣ оби ширину соф зоҳир шуд ва ҳама қофила осуда гаштанд.

Рӯзи дигар аз он ҷо равон шуда пештар рафтанд, диданд, ки шутурони бисёр бо захми бадан, ки кирмҳо дар он афтодаанд, бемор буданд. Шутурон он Хазрат *алайҳи-с-салоту ва-с-саломро* дида ба фарёду зорӣ омаданд, ки: «Ё Расулаллоҳ, Худои таъоло туро ба нёдати мо фиристодааст, бар моён раҳме фармо!» Он Ҳазрат ба овозашон ба ёди ятимии худ зор-зор бигирист ва аз шутур фуруд омада бар захмҳои ишон дасти муборак бигардонид, ҳамон буд, ки сиҳҳату тандуруст шуданд.

Пас аз он ҷо равон шуда ба арсаи қалил ба Шом расида матоъе, ки доштанд бифурӯхтанд ва суди бисёр ёфта муъоваза он матоъ харида мустаъидди муроҷаат гаштанд. Дар ин асно баъди бист рӯз Абусуфён ба Шом расида, бар ҳоли он Хазрат (с) мутааҷҷиб шуда, касеро гуфта фиристод, ки чанде биоромад, то ба мувофақати якдигар хоҳем рафт. Он Ҳазрат қабул нафармуда, аз он шаҳр ба самти Маккаи муъаззама наҳзат фармуд. Чун наздики Маккаи муъаззама расиданд, Майсара гуфт: «Ё Муҳаммад (с), чандин сол, ки аз баҳри Хадича бозаргонӣ мекунам ҳеҷ сол ҳамчунин суд надида. Агар хоҳӣ, ту пеши Хадича бирав, Хадича-хотун *(раз)*-ро бар саломатӣ ва суди бисёр башорат деҳ, то музди ин кор диҳад». Гуфт: «Раво бошад».

Пас пештар тартиб карда, Муҳаммади Расулуллоҳро (с) ба Макка равон кард. Хадича-хотун *(раз)* мунтазир нишаста, ба саҳро нигоҳ мекард. Ногоҳ шутурсавореро дид, аз аз дур меояд ва абру мурғон бар сараш соя андохта, пар дар пар заданд. Ва ҳайбату шиква ба башараи ӯ зоҳир буд, гуфт: «Аллоҳума отиҳи ило дорӣ». Чун шутурсавор бар дари сарои Хадича *(раз)* расид, ӯро хабар карданд, ки Мустафо (с) аз сафар омада. Бо худ гуфт, ки ҳамон савор аст, ки ман дида будам.

Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* вайро аз суди фохира ва саломатии қофила башорат дод. Хадича *(раз)* гуфт: «Бирав ва бо Майсара биё!» Муроди Хадича *(раз)* ин буд, ки он савор Муҳаммади Расулуллоҳ буд ё каси дигар. Чун аз Макка боз берун рафт, Хадича *(раз)* менигарист. Чун

бо Майсараву корвон бозгашт, Хадича (*раз*) мунтазир буд, Муҳаммади Расулуллоҳро (с) ба ҳамон ҳол дид ва дигар мардум ғофил буданд. Чун расиданд, Хадича-хотун Майсарароро аҳволи байъу фурӯхт ва суду зиён пурсид. Майсара гуфт: «Е сайида, ҳеч вақт мо инчунин осоншу роҳате, ки аз баракоти Муҳаммад (с) дидем, надидаем ва дар ҳаққи ӯ чӣ тавонем гуфт, ки чигуна марде аст».

Пас аҳволи таъзиму такрими роҳиб ва соянадоз будани абри саҳоб ва ҳақиқати рафтан ба саломат аз роҳи пурхатар ва берун омадани об аз чоҳ ва кайфияти саҷда кардани бототу чамодот ва қиссаи шутурон ва фоидаи тиҷорат як ба як баён намуд. Ба истимоъи ин маънӣ ва ба дидани ончунон рахмати яздонӣ Хадича-хотун аз як дил ҳазор дил гардида, ба таъзиму такрим даромада, муздурие, ки мукаррар буд, бист гуна бар он афзуд. Ғуломону тобеъони худро фармуд, ки ба хидмати бобаракати он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ҳозир буда, сари мӯ аз ҳукми ӯ берун наёянд ва ҳеч вақте аз таъаҳҳудаш сустию тасоҳул ба кор набаранд.

Чун муддате бар ин бигзашт, рӯзе Хадичатулкубро он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* гуфт, ки: «Эй Муҳаммад (с), манкуҳа медорӣ?» Фармуд, ки: «Не». Арз фармуд, ки агар мани оҷизаро ба никоҳи худ орӣ, то бақиятулумр ба хидмати ту сарфароз шуда, саъодати дорайн ва каромати кавнайн ҳосил намоям. Фармуд, ки бидуни иҷозати амми худ натавонам. Агар бихоҳӣ, то дархости ин маънӣ ба амм Абутолиб намуда, истимзоҷ ҳосил кун, зеро ки бидуни иҷозати шон мубодарат ба ин амр натвонам кард.

Пас Хадича *разияллоҳу анҳо* ҳадияҳои фаровону тухфаҳои бепоён назди Абутолиб фиристода, истидъои матлаби худ намуд. Чанд бор кисватҳои латиф ва ачносҳои назиф назди манкуҳаи Абутолиб фиристод. Абутолиб ба дарёфти ин маънӣ гуфт, ки умри мубораки он Ҳазрат (с) бағоят кам аст ва Хадича (*раз*) синну соли бисёр дорад, ин маънӣ ба чӣ навъ сурат метавонад буд. Чун хабар ба Хадича *разияллоҳу анҳо* расид, боз мол ва асбоб ба тамаъи молдиҳии Абутолиб ба таври ҳадия фиристод. Пас Абутолиб он Ҳазратро (с) талабида, изни никоҳ дод.

Пас он Ҳазрат (с) ба Хадича (*раз*) фармуд, ки чанд шурут аст, агар қабул кунӣ, то туро ба никоҳ қабул кунам. Гуфт: «Он шурут кадоманд?» Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Аввал, молҳое, ки дорӣ ба роҳи Худо ба муҳтоҷон бидиҳӣ ва дувум он ки ғуломонро озод кунӣ, савум, хӯрдану пӯшидану макони дарвешӣ ихтиёр кунӣ».

Хадичатулкубро (*раз*) хушдил гардида, қабул кард. Минбаъд молҳое, ки дошт, ба роҳи Худо ба муҳтоҷон дод ва кадре

аз он ба Абутолиб фиристод ва ғуломоне, ки буданд, ҳамаро ба ризои Худо озод кард ва макону либоси дарвешӣ ихтиёр намуд.

Ва дар баъзе ривоёт омадааст, ки Хадичатулкубро *разияллоҳу анҳо* ду каси Қурайшро, ки аз муътамадон буданд, талабида, гувоҳ намуда, ҳама молу асбоб ва нуқуду зуруф ҳавлаи он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуда, молику мухтор гардонида, гуфт, ки чизе мулкияту ҳақиқати ман дар ин чизҳо нест ва набуда. Агар он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* хоҳад, бидорад ё дар роҳи Худо сарф кунад ва ҳеҷ вақҳ даъвои ман нахоҳад буд.

Гуфтаанд, ки Абутолиб ба ҳасби ишорати Хадича-хотун (*раз*) пеши Варақа ибни Навфал — бародари аммгии Хадича (*раз*) буд, рафт ва ӯ ба ҷамоъате машғул ба айш буд. Абутолиб бо Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* он ҷо расида салом гуфт. Ҳама бархоста мақдам доштанд. Варақа чун Мустафоро (с) дид, гуфт: «Ман туро бисёр дӯст дорам, ҳар ҳоҷате, ки мехоҳӣ, аз ман бихоҳ!» Абутолиб гуфт: «Ман аз баҳри вай ба ҳоҷате омадаам». Варақа гуфт: «Бигӯ, чист?» Гуфт: «Мехоҳам, ки Хадича *(раз)*-ро ба Муҳаммад (с) диҳӣ». Варақа маст буд, гуфт: «Ё маъшари Қурайш, гувоҳ бошед, ки ман Хадичаро ба Муҳаммад ба занӣ додам». Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* гуфт: «Ман қабул кардам».

Алҳосил, он Ҳазрат чаҳорсад мисқоли зарин маҳри ӯ карда, ба никоҳи худ овард. Ва дар он замон он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* биступанҷсола ва уммулмуъминин Хадичатулкубро (*раз*) чиҳилсола буд. Рӯзи дигар бомдод Варақа аз хоби мастӣ бедор шуда, пеши Хадича (*раз*) омада хост, ки вайро ба дашном ранҷонад. Хадича-хотун (*раз*) гуфт: «Ё бародар, Муҳаммадро (с) чӣ айб дидӣ? Дар араб касе аз вай ба ҳасабу насаб шарифтар нест. Агар мол надорад, биҳамдиллоҳ, ки амонату саломҳият аз ҳама бештар дорад ва маро мол чандон аст, ки ҳеҷ орзуе надорам». Варақа гуфт: «Ба-д-ин никоҳ ризои ту ҳаст?» Гуфт: «Бале». Гуфт: «Ман низ розӣ гаштам». Пас аз дил хуш шуда бирафт.

Ва Хадича *разияллоҳу анҳо* дар хидмати Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* мебуд. Чун Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба нисбати некии азим даромад, қазоро бороне борида буд, ба девори Каъба халале расид. Қурайш мехостанд Каъбаро шикаста аз сари нав тайёр созанд, валекин аз азоби Худои таъоло метарсиданд. Дар ин тараддуд мебуданд, то рӯзе зане хост, ки дар Каъба уд бисӯзад, оташ мебурд боде бархост ва оташ дар хонаи Каъба афтода, баъзе гӯшаро, ки коҳӣ буд, бисӯхт. Пас Қурайш иттифоқ

кард, ки Каъбаро шикаста, боз иморат кунанд, аммо аз азоб метарсиданд.

Валид ибни Муғира бузурги қавм буд, гуфт: «Худои таъоло нияти мо медонад, ки сабаби бозшигофтани Каъба мӯҷиби ободонӣ бошад, на харобӣ». Пас ҳама қабила чаҳор гурӯҳ шуданд, ки ҳар қабила рукнеро хароб кунад ва таъмир намояд. Пас баъди инқизои чаҳор рӯз омада аз даври девор мехостанд, ки деворро шикаста таъмир кунанд. Аммо касеро тавонат набуд, ки пештар мубодарат бар он амри сутург намояд. Рӯзи панҷум Валид ибни Муғира табаре гирифта бар девор шуда ва Бани Махдум бо вай рафт. Валид гуфт: «Худои таъоло бар нияти мо нек огоҳ аст ва медонад». Чунин гуфта аввал табаре зада, як рукнро хароб карда. Мардумон чун бинигаристанд, ки Валид деворро вайрон карда, фуруд омада, гуфтанд, ки имрӯз мо сабр кунем, агар имшаб Валидро офатеву балое нарасад, мо фардо ҷамъ шуда боқии се рукнро хароб кунем. Пас рӯзи дигар Валидро саломат дида, ҳар қабила ҷониби худро, ки муқаррар карда буданд, вайрон карданд ва ба андозаи қади як мард замин шигофтанд, то ба санг расиданд, аз он ҷо санг бароварда девори Каъба рост карданд, то аз офати сел бираҳиданду эмин шуданд.

Ва ба вақти бардоштани Ҳаҷаруласвад болои девор хилофе азим дар миёни қабоил афтод. Бани Ҳошим, Бани Умайя ва Бани Заҳра ва Бани Махдум ба якдигар хусумат карда. Аз ҳар қабила мардум мегуфтанд, ки мо албатта бардорем, зеро ки фазли ман аз фазли қавми дигар зиёда аст, то сухан дароз кашид. Ва муддате дар ин гуфтугӯй бигзашт, то ба ҷое расид, ки санг бар якдигар мезаданд ва мунозаъат карда, ваъдаи ҳарб менамуданд, ки фалон рӯз ҷанг кунанд. Пирон аз ҳадиси ҷанг метарсиданд.

Валид ибни Муғира низ қавмро аз хусумати ҷадал наҳӣ мекард ва аз ҳарб метарсонид ва гуфт: «Ман тариқе намоям, то хусумати якдигар дафъ шавад». Гуфтанд: «Чист?» Гуфт: «Фалон рӯз нахустин ҳар касе ки аз дари Ҳарами Каъба дарояд, ӯро ҳоким бикушеду он чи ӯ фармояд, ба-д-он ҳукм розӣ шавед». Пас бар ҳамин сухан ризо доданд. Ногоҳ Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* диданд, ки аз пеши ишон дар Ҳарам омад. Қавм фарёд баровардаанд, ки Муҳаммади Амин (с) биёмад. Пас он чи ӯ ҳукм кунад бар он розием.

Ҳоҷаи олам ридои муборак аз дӯш баргирифту бар замин густуронида, Ҳаҷаруласвадро дар миёни он ниҳоду чаҳор касро аз чаҳор қабила фармуд, ки ҳар яке гӯшаи ридо бигиреду пеши девор баред, то ҳама дар мутаҳаррик мусовӣ бошед. Дар ин ҳукм розӣ шуда ҳар чаҳор гурӯҳе гӯшаҳои чодар гирифта, наздики макоме, ки дештанӣ буд, бурда гуфтанд: «Акнун касе

бояд, ки Ҳаҷаруласвадро танҳо бардорад ва бинихад». Чун аз ҳукми Сайиди олам розӣ буданд, ҳама ба иттифоқ гуфтанд, ки Муҳаммади Амин (с) ба вазъ аз ҳама авлотар аст. Пас Сайиди олам *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* Ҳаҷаруласвадро танҳо бигирифту ба девори Каъба ниҳод. Чун девор тамом шуд, сақфу дараш тайёр нашуда буд, зеро ки дар Макка чӯб муяссар намешуд ва наҷҷорон низ набуд.

Чун Нуҷошӣ — маликн Ҳабашро азм буд, ки калисо созад, бино бар ин чӯби бисёру олатҳои бешумор ва наҷҷорони устод дар киштӣ нишонда, ба Шом мефиристод. Ногоҳ киштӣ дар дарё ғарқ шуд ва дурудгарону мардумони дигар ҳар як бар дарахтеву чӯбе нишаста буданд, мавҷи дарё ишонро наздики Макка расонид. Чун маккиёнро маълум шуд, Абутолибро бо мардумони дигар барои харидани чӯб ба канори дарё фиристоданд. Вакилони Нуҷошӣ гуфтанд: «То хабари ин маънӣ ба малик нарасонем, ба фурӯхтани чӯбҳо қодир нестем».

Пас нома ба ҷониби подшоҳ аз ҳоли худ навиштанд, ҷавоб навишт, ки тамоми чӯбҳову дурудгаронро ба Каъба бареду дар он ҷо кор фармоед ва мол, ки ба он ҷиҳат фиристодаем, бар Каъба сарф кунед. Вакилони Нуҷошӣ ба фармони ӯ икдом намуда, сақфи хонаи Каъбаро бисохтанд. *Валлоҳу аълам биссавоб.*

ЗИКРИ ШАКЛУ ХАЙЪАТ ВА АҲВОЛУ АСМОИ АЗВОҶИ МУТАҲҲАРОТ ВА БАЪЗЕ ХАСОИЛИ ПИСАНДИДАИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА АСҲОБИҲИ ВА САЛЛАМ

Чунин овардаанд, ки қади мубораки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* миёна ва ранги гандуму кушода-пешонӣ ва сабукабрӯ, ки ҳар ду омехта набуданд, балки қадре фосил дар миён буд ва дар миёни абрӯ раге менамуд, ки ба вақти ғусса ба ҷунбиш меомадӣ ва бинии мубораказ дарозу баланд ва болои он нуре медурахшид ва рухсораи муборак баробару мулоиму кушода ва даҳану дандонҳои равшану соф ва дар дандонҳои боло қадре шикоф. Ва дар сару рӯяш аз ҳама ҷиҳат бист мӯй сафед шуда ва мӯйҳои на печида, на рост, балки шиканҳо ба андозаи миёна.

Ва чеҳраи шарифаш ҳамчун моҳи чаҳордаҳ мстсфт ва миёни ҳар ду китфайн пораи гӯшти мисли байзаи кабутар ва нақшҳои рангорангу «Муҳаммад Расулуллоҳ» (с) бар ӯ навишта буд. Ва баъди фавти он Ҳазрат *алайҳи-с-салоту ва-с-салом* он нақш бардошта буданд. Ва синаи бекинааш кушода ва аз сина то ноф хатте бориктар аз мӯй буд ва бар бозуву китфу сина мӯйҳое буданд. Ва устухони китфу оринҷу зону бузург ва банди даст дарозу китфҳои ҳар ду дасту по пургӯшту нарм

буд. Ва ҷисми муборак азбаски покизаву латифу муътадилу нуроӣ менамуд.

Ва ҳар гоҳе ки хомӯш биншастӣ, ҳайбату шукӯҳ аз башараи шариф аён будӣ ва вақте ки сухан гуфтӣ, назокату латофат намоён шудӣ ва ҳар кӣ аз дур нигаристӣ, ҷамолу тозагӣ ёфтӣ ва ҳар кӣ аз наздик мушоҳада кардӣ, малоҳату ширинӣ ҳосил кардӣ. Ва он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* гоҳе аз гуруснагиву ташнагӣ шиквапарвоз нашудӣ, балки ҳар гоҳ гуруснагиву атш ғолиб шудӣ, ба чоҳи Замзам ташриф бурда, ба об иктифо кардӣ. Ва чизе ки ба қафо мебудӣ ҳамчун қабл аз назар меомадӣ ва ба торикии шаб ҳамчун рӯзи равшан медидӣ.

Ва аз баракати луоби даҳанаш оби шӯр ширин мешудӣ ва агар касе тифл он луоб бичашидӣ, ҳама рӯз хоҳиши шираш набудӣ. Ва дар бағали муборакаш мӯй набуд ва сояи ҷисми муборакаш бар замин наяфтодӣ ва овози он Ҳазрат (с) аз овози дигарон дуртар рафтӣ ва аз дигарон дур сухане мешунидӣ. Ва ҳар гоҳе ки бихуфтӣ, чашми зоҳирбинаш ғунудаву чашми дил кушуда, бинобар интизори ваҳй мебуд.

Ва аз сиҳан мубораки ӯ бӯи мушку анбар ба ҳадде фош гаштӣ, ки агар ба кӯчаву бозор ташриф бурдӣ, халқ бидонистӣ, ки он Ҳазрат ташриффармо шудаанд, зеро ки ҳама кас бӯи анбару мушк меёфтӣ. Ва вақте ки ба ҷои зарур рафтӣ, аҳаде нишони ҷои зарураш мушоҳада накардӣ, зеро ки замин фурӯ мебурдӣ ва бӯи уду атр аз он макон мешамидӣ. Ва вақти таваллуд бадани латифаш аз наҷосат поку соф буд.

Ва хатнаи он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба шиками модар шуда буд. Ва дар маҳд сухан мефармуд ва агар ишора ба моҳ кардӣ, дарҳол моҳ мутаваҷҷеҳ шудӣ. Ва ҳамеша абр бар сари муборакаш монанди чатр сояафкан мебудӣ ва агар наздики дарахте иттифоқи гузаштан мешудӣ, он дарахт каҷ шуда соя бар фарқи муборак меандохтӣ. Ва бар порчаи он Ҳазрат (с) чилурӣ нашудӣ ва магасе низ нанишастӣ ва ҳар гаҳе бар асб ё шутур ва ғайриҳи савор шудӣ ишон ғонту бавл накарандӣ. Ва Эзиди пок дар олами арвоҳ қабли ҳама махлуқ пайдо карда фармуд, ки **Аласту би раббикум?**

Яъне: наям ман Парвардигори шумо?

Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба ҷавоби он гуфт: «Бало».

Яъне: ҳастӣ ту Парвардигори ман. Ва Меъроҷу савории Бурок ва рафтан ба осмону расидан назди қобақавсайн ва аз дидори илоҳӣ мушарраф шудан махсуси он Ҳазрат (с) аст. Ҳеҷ набӣ ба-д-он манзалату қаробат фоиз нашуда. Ва хушнудию ғазаби он Ҳазрат *алайҳиссалом* мутобиқи аҳкоми қуръонӣ буд ва пайваста рухсори муборакаш бошшош менамуд. Дар амре,

ки ризои Ҳакк набуд, ғафлат варзидӣ ва ба саховату шуҷоъат аз ҳама ғолиб буд. Чунончи, гоҳе соил аз дари ӯ махрум нарафтӣ ва агар чизе мавҷуд набудӣ, узрхоҳӣ намуда дили ӯ хуш фармудӣ.

Ва зудтар сухан нагуфтӣ, балки тааммулу тадриҷ ба возеҳу шукуфтагии тамом баён фармудӣ. Ва агар ғариб ё ҷоҳил ба пурсидани масоили дини сухани дуруҷшту сахт гуфтӣ ва ё илҳоҳу зорӣ намудӣ, худ саброо кор фармудӣ ва дили ӯро озор нарасондӣ ва хулки карим дар он ғоят буд, ки ҳар кӣ ба сухбати гиромияш нишастӣ, ҳаргизу ҳаройина зудтар хотири ӯ ба бархостан майл накардӣ ва дар ростгӯиву ифои ваъда ва бурдборию шафқат аз ҳама халоиқ фоиқ буд. Ва сивои чиҳод гоҳе касеро ба дасти мубораки худ озоре нарасондӣ ва даъвати доъӣ, хоҳ ғанӣ бошад, хоҳ фақир, хоҳ озод, хоҳ ғулом, қабул фармудӣ. Ва ҳадияҳои мардум қабул фармуда ба ивази он чизе мисли он ё бехтар аз он медодӣ.

Ва асҳоб *разияллоҳу анҳумро* дӯсттар дошта, дилдорӣ мефармудӣ. Ва пайваста хайру офият бипурсидӣ. Ва агар касе дар он ҷо бемор шудӣ ё дар сафар рафтӣ, иёдаташ намудӣ ва дуъои хайр фармудӣ. Ва агар касе мусалмон бимурдӣ «Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун» гуфтӣ ва бар ҷанозаи ӯ ҳозир шуда, дуъои омурзиш ба даргоҳи Худои таъоло мехостӣ ва боқимондагонашро таъзият фармудӣ. Ва дар ҳар ҳол ҳабргири ҳамсоя будӣ ва ҳар гоҳ, ки бо мусалмон дучор шудӣ, худ пештар «саломун алайкум» гуфтӣ ва узри мардум зудтар қабул фармудӣ ва меҳмононро бинавохтӣ. Ва вакте ки савор шудӣ, пиёдагонро ҳамроҳи худ набурдӣ, агар саворӣ будӣ ба ишон додӣ ва бар тақдири набудани саворӣ пештар равона фармудӣ. Ва ҳар кӣ хидматаш кардӣ, андешаи нангу ор ба хотир наёварда, ба изои хидматаш хидмат кардӣ, хоҳ каниз будӣ, хоҳ ғулом. Ва чизеву либосе, ки хӯрдиву пӯшидӣ, дигаронро бихӯронидиву бипӯшонидӣ. Ва аксар асҳоби кибор(ро) дар ҳар корҳо шарик будӣ ва ба ҳар чамоъате, ки расидӣ, ба чое, ки холӣ ёфтӣ, бинишастӣ ва таманнои маснаду садр нафармудӣ ва дар нишастану бархостан зикри Худои таъоло кардӣ. Ва ҳар ки бадӣ кардӣ, бо ӯ некӣ фармудӣ ва фақирону ғарибонро дӯсттар дошта, ба чашми ҳақорат нанигаристӣ. Ва ба дасти мубораки худ кафшу порчаи худ бидӯхтӣ.

Ва аксар ба тарафи Каъба мутаваҷҷиҳ шуда менишастӣ ва намози бисёру хутбаи андак мехондӣ. Ва аз синаи муборакаш дар ҳолати намоз овозе мисли ҷӯши дег берун омадӣ ва дар киём намоз чунон дарозе кардӣ, ки аксар пои муборакаш меомосидӣ. Ва намози шоро дар аввали вакт гузорида бихуфтӣ ва боқӣ будани нисфи шаб ё чизе каму беш аз он бедор гаштӣ ва

намози таҳаҷҷуд ба шаш салому гоҳе каму беш аз он гузаронидӣ. Ва вақти субҳ ду ракъат намоз ба кам қироат хонда, берун рафта намози субҳ бо ҷамоъат адо менамудӣ.

Ва ба рӯзи душанбеву чумъа ва ҳар моҳ ба рӯзи ошуро ва дар моҳи шаъбон рӯза медоштӣ ва ҳаёву шарми бештар аз дӯшизагон буд. Ва гоҳе хуштабъӣ ҳам фармудӣ, магар сивои сухани рост набуд. Чунончи, боре шахсе ба ҳузур омада гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), маро савор кунонед». Ӯ фармуд, ки бар бачаи ноқа савор хоҳам кунонид. Гуфт: «Ё Ҳазрат, чӣ гуна бачаи ноқа савории ман хоҳад шуд?» Ҷавоб фармуд, ки намеояд шутур магар ноқа, яъне шутур низ бачаи ноқа аст.

Ва рӯзе зане ба хидмати шариф омада гуфт: «Ё Ҳазрат, шавҳари ман бемор аст, мехоҳад, ки туро бубинад». Фармуд, ки шавҳари ту он кас аст, ки дар чашми ӯ сафедӣ аст? Ва муроди он Ҳазрат аз сафедӣ сафедии каноран дида буд. Ва он зан донист, ки сафедие, ки рушании чашм дур созад, ҳамон аст. Пас ба хонаи хеш рафта он моҷароро бо шавҳари худ гуфт. Шавҳараш фармуд, ки сафедӣ дар чашми ҳама олам аст.

Ва рӯзе зане пир омада арз кард, ки ё Ҳазрат, ба ҳаққи ман дуъои хайр фармо, ки Аллоҳ таъоло ба фазлу карами хеш Биҳишти барин ҷон ман кунад. Фармуд, ки пирон дар биҳишт дохил нахоҳанд шуд. Пас он зан гирякунон аз он ҷо берун шуд. Он Ҳазрат фармуд, ки эй ҳозирин, он зани пирро бигӯед, ки аҳаде дар ҳолати пирӣ ба Биҳишт дохил нахоҳад шуд, балки аз сари нав ҷавонӣ ёфта дохили ҷаннат хоҳанд гардид.

Ва он Ҳазрат *алайҳиссалом* аксар пироҳани сабзранг ва ба рӯзи чумъа чодари сурх бипӯшидӣ ва ҳар рӯз ба намоз дастори ҳафтдастӣ ва рӯзи чумъаву идайн чаҳордастӣ ба сари муборак бубастӣ. Ва он Ҳазрат *алайҳиссалом* фармудааст, ки ракъате бо дастор гузаронидан беҳтар аз ҳазор ракъате, ки бе дастор адо кунад. Ва аксар куртаву чодар пӯшида, намоз мехондӣ ва гоҳе бар як ҳам кифоят кардӣ. Ва ҳар шаб сурма дар чашми рост се бору дар чашми чап ду бор медодӣ, гоҳе дар ҳолати рӯза низ сурмаро ба истеъмол даровардӣ ва руған низ ба сару риш мемолидӣ.

Ва аз ғолияву аз атриёт бисёр хуш будӣ ва аз бӯи бад нохуш. Ва наълайну мӯзаро аксар ба истеъмол даровардӣ. Ва ҳар коре, ки кардӣ, аз тарафи рост шурӯъ кардӣ, ҳатто ки вузуъ ва мисвок ва духули масҷид ва наълайн дар пой кардан аз тарафи рост «бисмиллоҳ» гуфта оғоз мекардӣ. Ва ангуштарини симин гоҳе ба дасти рост ва гоҳе ба дасти чап, ба ангушти хинсир медоштӣ ва нигинаш низ симин буду дар он се лафз — аввал лафзи «Аллоҳ», дуюм лафзи «Расул», савум лафзи «Муҳаммад» (с) навишта буд.

Ва дар чиҳод аксар зирех пӯшидӣ ва шамшер ҳамоил кардӣ. Ва бистари хобгоҳ аз чарм ва пӯсти хурмо буд ва дар таклиф нафармудӣ ва ба шиддати гуруснагӣ санг бар шикам бастӣ. Ва Худои таъоло калиди хазоини замин ба ӯ дода буд, лекин қабул нафармуда, охиратро ихтиёр кард. Ва агар диноре ё дираме бино бар наёмадани касе соил ба хона будӣ, то он шаб дар хона ташриффармо нашудӣ. Ва нон бо гӯшти мурғ ё сирка аксар мехӯрдию дӯст доштӣ ва лаҳми гӯспанд бо харбузаву рутаб ва маска бо хурмо ва фақат хурмо низ тановул фармудӣ ва шаҳду ширириро дӯст медоштӣ.

Ва он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам*ро дувоздаҳ амм буданд: Ҳорис, Абутолиб, Зубайр, Амир Ҳамза *разияллоҳу анҳу*, Абулаҳаб, Айдоқ, Мақсум, Зирор, Ҳазрати Аббос *разияллоҳу анҳу*, Қашам Абдулкаъба, Ҳачал. Ва аммаи он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* шаш буданд: Умм Ҳалим, Убара, Отика, Сафия, Равӣ, Амима. Ва аз ишон касе имон наёварда магар Ҳазрати Аббос ва ҳазрати Амир Ҳамза ва ҳазрати Сафия *разияллоҳу таъоло анҳум*.

Овардаанд, ки Хадича-хотун (*раз*) қабли панҷ сол аз ҳичрати он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фавт карда, ба Ҷаннат-ул-муъалло мадфун гашт. Пас он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* Савда-хотун (*раз*) бинти Робиъаро ба никоҳи худ даровард. Чун ӯ заифа шуд, Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* хост, ки талоқ диҳад Ба истимоъи ин маънӣ Савда-хотун *разияллоҳу анҳо* рӯзи навбати худро ба Оиша *разияллоҳу анҳо* бахшиду гуфт: «Ё Расулаллоҳ, орзуи чизе ба дили ман намондааст, магар таманнои ман ҳамин аст, ки ба Қиёмат ба зумраи завҷагони ту бошам». Вафоташ дар санаи панҷоҳу чаҳори ҳичрӣ шуд.

Ва Ҳазрати Оишаи сиддиқа *разияллоҳу анҳо* бинти Абубакри Сиддиқ (*раз*) қабли се сол аз ҳичрати аввал, моҳи шаввол ба умри шашсолагӣ ба Маккаи муъаззама никоҳ карда, ба умри нӯҳ сол ҳамбистар шуд. Ва ҳар гоҳ ки он Ҳазрат вафот ёфт, Оишаи сиддиқа (*раз*) ҳаждаҳсола буд. Ӯ низ дар ҳаждаҳуми рамазон-ул-мубораки санаи панҷоҳу ҳашти ҳичрӣ ба Мадинаи мунаввара вафот карда дар Ҷаннат-ул-буқайъа мадфун гардид.

Ва Ҳафса бинти Умари Форуқро (*раз*) никоҳ карда, боре талоқи рачъӣ дода буд, охируламр ба ҳукми илоҳӣ ба шафқати Умар *разияллоҳу анҳу* ручӯъ намуд. Он хотун ба шаҳри шаъбон-ул-муаззами санаи чиҳилу панҷи ҳичрӣ вафот ёфт.

Ва Зайнаб бинти Хазима манкуҳаи он Ҳазрат (с) шуда, баъди ду моҳ ё се моҳ ба ҳини хаёти он Ҳазрат (с) ба моҳи рабиъуссонии санаи чаҳори ҳичрӣ доъии аҷалро лаббайка ичобат фармуд.

Ва Умм Салмо (*раз*) бинти Суҳайл ба мунокаҳати он Ҳазрат (с) даромада, дар санаи панҷоҳу нӯҳи ҳичрӣ сӯи Ҷаннат-ул-олия муроҷаат намуд.

Ва Зайнаб бинти Ҷаҳшро ки хоҳари бинти аммаи он Ҳазрат (с) буд, баъди талоқ додани Зайд ибни Ҳорис он Ҳазрат ба ақди никоҳ дароварда, дар санаи бистуми ҳичрӣ тоири рӯҳаш ба сӯи Ҷаннат-ул-маъво таярон карда. Ва ҳазрати Умм Ҳабиба (*раз*) бинти Абусуфёнро ба маҳри чаҳорсад динор ба никоҳи худ оварда буд. Ва Нуҷошӣ — подшоҳи Ҳабаш маҳри маркумро аз тарафи худ ба таври ҳадия адо карда ва хотуни мастура дар санаи чиҳилу чаҳори ҳичрӣ вафот ёфта.

Ва ҳазрати Ҷувайрия бинти Ҳорисро никоҳ карда буд. Ӯ дар санаи панҷоҳу шаш вафот ёфт. Ва Ҳазрати Маймуна бинти Хориси Омирияро ба деҳи Сараф никоҳ карда буд ва дар он деҳ дар санаи панҷоҳу яки ҳичрӣ фавт намуда. Ва ҳазрати Сафия *разияллоҳу анҳо* бинти Ҳайро, ки аз авлоди Ҳорун *алайҳиссалом* ибни Имрон буд, ба ҷанги Хайбар гирифтор шуда омада буд, он Ҳазрат (с) ӯро озод карда озодияшро маҳр муқаррар намуда, ба никоҳи худ дароварда буд. Ӯ низ дар санаи панҷоҳу дуи ҳичрӣ аз ин дори фонӣ ба дори ҷовидонӣ риҳлат фармуда.

Ва ҳама азвоҷи мутаҳҳароти он Ҳазрат (с), ки буданд, ҳар якеро маҳр панҷсад дирам буд, магар онон, ки зикри маҳрашон ба боло гузашта. Ва ҳама азвоҷи мутаҳҳароти он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* сайиба буданд, магар уммулмуъминин ҳазрати Оишаи сиддиқа, ки дӯшиза буданд. Қуллуҳум ишон баъди вафоти он Ҳазрат (с) ба ҳини ҳаёт буданд, магар бибӣ Хадича ва бибӣ Зайнаб (*раз*), ки рӯ ба рӯи он Ҳазрат вафот ёфта буданд.

Ва аксареро, ки дар никоҳ оварда, баъзеро қабли духул ва баъзеро баъди духул талоқ дода ва баъзеро фақат пайғом намуда, боз қабул нафармуд. Бинобар наёфта шудани ривоёти муътабар ба зикри асмои ишон напардохтем. Ва авлоди амҷоди он Ҳазрат (с) ҳазрати Қосим ва Абдуллоҳ *разияллоҳу анҳумо*, ки лақабашон Таййиб ва Тоҳир буд ва бибӣ Зайнабу Рукияву бибӣ Умм Кулсуму бибӣ Фотимат-уз-Заҳроанд, ки аз батни уммулмӯъминин Хадичат-ул-Кубро (*раз*) буданд.

Ва ҳар ду писари он Ҳазрат қабли замонаи ислом фавт шуда буданд ва ҳар чаҳор духтар то ба замонаи ислом ба қайди ҳаёт буда, мусалмон шуданд. Ва ҳазрати Иброҳим (*раз*) ба Мадинаи мунаввара аз батни Марияи Қибтия таваллуд шуда буд, ду моҳ ба қайди ҳаёт буда, фавт намуд. Ва ҳама фарзандони олишон рӯ ба рӯи он Ҳазрат (с) мамот гардида буданд, магар Фотимат-уз-Заҳро (*раз*), ки баъди вафоти шаш моҳи он

Ҳазрат (с) тоири рӯҳи покаш фӣ Ҷаннат-ул-олия таярон намуда. Ва бибӣ Зайнаб (*раз*)-ро ба Абулъосу бибӣ Руқия (*раз*)-ро аз Утба ибни Абилаҳаб никоҳ шуда буд, магар Утба бибии мастураро ба вақти ғусса талоқ дода, пас ҳазрати Усмон *разияллоҳу анҳу* ба никоҳ дароварда. Ва бибӣ Умм Кулсумро низ Утба ибни Абилаҳаб никоҳ карда фавт намуда буд, баъди вафоти бибӣ Руқия ҳазрати Усмон (*раз*) ба никоҳи худ дароварда буд. Бино бар он лақабаш Зиннурайн шуд ва ҳар ду хотун рӯ ба рӯи ҳазрати Усмон *разияллоҳу анҳу* фавт гардиданд. Ва ҳазрати Фотимат-уз-Заҳро (*раз*) ба умри понздаҳ солу панҷ моҳ ё шашу ним моҳ аз ҳазрати Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* мунокаҳат шуда, дар он ҳин умри Шери Худо ба бисту як солу панҷ моҳ буд. *Валлоҳу аълам биссавоб.*

ХАБАРИ ШИГОФТА ШУДАНИ СИНАИ МУБОРАКИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ МАРТАБАИ СОЛИС ВА ВАҲӢ ОВАРДАНИ ҶАБРАИЛ АЛАЙҲИССАЛОМ

Ҳаргоҳ, ки замони нубуввату овони нузули ваҳӣ қариб расид, то барои танқияву тавқия синаи мубораки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* чок карданд. Шарҳаш чунон аст: Боре он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба иттифоқи Хадичат-ул-Кубро (*раз*) ба моҳи рамазон ба нияти як моҳ ба ғори Ҳиро эътикоф намуда буд.

Шабе барои дарёфтани шаб, ки чӣ қадар боқӣ буд, аз он ғор берун омада ба сӯи ситора менигарист, ки овозе «Ассалому алайкум» аз ғайб даррасид. Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармудааст, ки ман гумон бурдам, ки шояд гузори чиннон аз ин маком гардидааст. Нигоҳи ман тарсону ларзон ба андаруни ғор расида, Хадичат-ул-Кубро (*раз*)-ро аз ин маънӣ хабардор кардам. Хадича *разияллоҳу анҳо* фармуд, ки ин башорат аст. Зеро ки лафзи «ассалому алайк» аломати амну амон аст ва иттиҳоду дод аст, тарсе ба хотир маёред.

Боре дигар аз он ғор берун омада дидам, ки Ҷабраил *алайҳиссалом* ба тахт монанди офтоб нишаста ва паре ӯ ба Машриқу паре дигар ба Мағриб расидааст. Ба муҷарради муоянаи ин ҳол парешону ҳаросон ба сӯи ғор мутаваҷҷиҳ шудам. Дарҳол Ҷабраил (а) дар пеши ман истода суханони муҳаббатангезу калимоти садоқатомезе кард, ҳатто ки аз каломи ҳақиқатфарҷомаш дар дили ман дӯстиву вифоқ падид омад. Пас Ҷабраил (а) фармуд, ки ба фалон замон ва фалон макон бояд, ки танҳо ҳозир бошӣ.

• Дар сарчашмаҳои муътамад Утайба.

Алҳосил, дар он вақти мавъуда ба интизори мақдамаш бистодам. Чун чизе тарохӣ ба омадани Ҷабраил *алайҳиссалом* воқеъ шуд, хостам, ки бозгардам. Дар ин асно Ҷабраилу Микоил *алайҳимоссалом* ба азамату бузургии тамом аз сӯи осмон фуруд омада, ба заминам андохта, синаамро бишгофтанду диламро ба оби Замзам ба ташти зарин, шуста, чизе ки аз он берун оварданд, ба дарёфти ман нарасида. Ва боз диламро андаруни сина намуда дасту пойи ман гирифта, чунон ки касе тараферо нагун созад, нагун карданд. Баъд аз он муҳре ба пушти ман заданд, ҳатто ки асари зарби он ба дили ман нарасида. Ва дар он шигофтану дуруст кардан чизе ранҷу алам ба ман нарасида буд.

Ва ҳар гоҳ умри шариф чиҳил солу як рӯз гардид, ки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба ғори Ҳиро ба дараҷаи нубувват мушарраф шуда, ваҳй нозил гардид.

Ва он Ҳазрат (с) фармудааст, ки рӯзе ба ғори Ҳиро машғул будам, дидам, ки шахсе азбаски хуш шаклу нек ваъз дорад, зоҳир гардид. Ва гуфт, ки башорат бод туро, эй Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам,* ки Ҷабраилам. Худои таъоло маро пеши ту фиристодааст. Ва туро Пайғамбари охируззамон гардонида.

Ва дар ривояте дигар омадааст, ки фармуд он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам,* ки ҳар гоҳе ки ман ба сӯи саҳро мерафтам, овозе мешунидам, ки «Ё Муҳаммад» (с). Ва шахси нуроние медидам, ки ба тахти зарин миёни осмону замин муаллақ истода. Ва ман аз он овозу сурат тарсида мегурехтам. Чун ҳамчунин чанд бор ба вуқӯъ омада, пеши Варақа ибни Навфал, ки бародари амми Хадичат-ул-Кубро (*раз*) буд ва аз илми Тавроту Инчил азбаски маҳорат дошт, рафта, он суханро дар миён ниҳодам. Гуфт, ки ҳар гоҳ он овоз бар гӯши ту меояд, ҳаройина нагурехта ба ғаври тамом бишнавӣ, ки чӣ гӯяд. Чун рӯзи дигар он овоз шунидам, ба гуфтаи ӯ корбанд шуда гуфтам: «Лаббайка». Гуфт: «Ман Ҷабраилам ва ту набии уммати охируззамон ҳастӣ». Боз фармуд: «Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу». Мукаррар гуфт, ки бигӯ: «Алҳамду лиллоҳ» то охири сура.

Ва аз Алӣ *каррамаллоҳу вақҳаҳу* ривоят аст, ки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуда: қ о л а-н-н а б и й ю *саллаллоҳу алайҳи ва саллам*: «Аввалу мо унзила мина-л Қурони фотиҳат-ул-китоби».

Яъне: аввал чизе, ки нозил шуд аз Қуръон, сураи «Фотиҳа» буд. Ва сураи «Иқра бисми...» маҳз ва барои таълиму варзиши кироати Қуръон нозил шуда буд. Ва кайфияти нузули он сура ин буд, ки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* аввал чизе, ки аломати ваҳй зоҳир шуд, он ҷавобҳои рост

буд, ки дидан гирифт ва ҳар чавобе, ки дар шаб бидид, он мисли субҳи содиқ ба рӯз зоҳир гаштӣ.

Баъд аз он он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба ғори Ҳиро, ки муттасили Маккаи муъаззама воқеъ аст, маъа асбоби хӯрданиву пӯшиданӣ ташриффармо шуда, дар он маком тасбиҳу таҳлили Худои таъоло мекардӣ. Ва вақте ки асбоби хӯрду нӯш тамом гаштӣ, то ба давлатхона ташриф оварда, рӯзе ё чизе зиёда дар давлатхона буда, боз дар он ғор ташриф бурда.

Алҳосил, гоҳе як моҳ ва вақте кам аз он дар ғор мебудӣ. Рӯзе он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* барои вузӯ ва ғусл аз он ғор берун омада, ба канорае истода буд. Ногоҳ овозе бишнид, ки: «Ё Муҳаммад» *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам*. Ба истимоъи ин маънӣ сӯи боло нигоҳ карду касеро надид. Пас марран баъди аввалӣ ҳамон тавр овоз дусе бор баромад. Он Ҳазрат мутаҳайиру тарсон шуда, ба чапу рост назар мекард ва ногоҳ ба назараш дар омад, ки шахсе нуронӣ мисли офтоб тоҷе аз нур бар сар ниҳодаву либоси сабз пӯшида ба шакли одамӣ наздики он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* расиду гуфт: «Бихон!»

Ва дар баъзе ривоёт омадаст, ки ба дасти он кас порчае ҳарири сабз, ки дар он чизе навишта буд, пеши он Ҳазрат (с) оварда гуфт: «Бихон!» Фармуд, ки ман сурати ҳарф намешиносам ва хонда наям. Боз гуфт, ки «бихон» ва бо чолокии тамом бигрифта, чунон кашид, ки он Ҳазратро (с) таклифе тамом ва ранҷи молокалом шуда, арақ аз ҷисми муборак берун омад, ҳамчунин се бор намуд ва гуфт: — қавлуҳу таъоло: **Иқра бисми раббика-л-лазӣ халақа**[a] то панҷ оят, ҳатто ки ин оятҳо зеҳнишин шуда, ёд гирифт. Ва дар баъзе ривоёт омадааст, ки баъди таълими ин оятҳо пои худ ба замин заду чашмаш об аз он равон шуд. Пас он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллампро* тариқи таҳорату вузӯ ва истиҷо биёмӯхт ва сураи «Фотиҳа» ва тариқи хондани ду ракъат намоз низ таълим фармуд.

Баъд аз ин воқеъ Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба тарсу хавф ларзону тарсон ба давлатхона ташриф оварда Хадичат-ул-Кубро *разияллоҳу анҳоро* фармуд, ки ҳофе бар бадани ман бияндоз, то ин ларза аз ҷисми ман рафъ шавад. Чун соъате бар ин бигзашт, сукунатеву қароре ба ҷисми муборакаш падид гашт. Хадича *разияллоҳу анҳо* кайфияти он хоб ва моҳияти он тарс пурсид. Ҳазрат (с) он мочароро аз огоз то анҷом муфассал баён фармуд.

Хадича-хотун гуфт: «Ё Расулаллоҳ, матарс, ки бо ин хис-

---

[a] Қуръон: 96, 1.

латҳои хуб, ки ту дорӣ, аз напарастидани буту нахӯрдани шароб ва аз зино дур будану рост гуфтан ва амонат нигоҳ доштан ва саховату раҳмат кардан Худои таъоло девро бар ту мусаллат нагардонад ва ҳар чизе, ки дар хоб ё бедорӣ бубинӣ, маро хабар кун».

Рӯзе Расулуллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* дар хонаи Хадича *разияллоҳу анҳо* нишаста буд, ки Ҷабраил (а) худро ба ӯ арз кард. Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба Хадича *разияллоҳу анҳо* гуфт: «Он шахсе, ки пеши ман меояд, инак омада». Хадича-хотун *разияллоҳу анҳо* дар канори Расул (с) омаду гуфт: «Акнун сурати ӯ мебинӣ?» Гуфт: «Бале». Хадича *разияллоҳу анҳо* сари худро бараҳна кард, гуфт: «Акнун ӯро мебинӣ?» Гуфт: «Не». Гуфт: «Башорат бод мар туро, эй Муҳаммад (с), ки ӯ фариштаст, агар дев будӣ, аз мӯй шарм надоштӣ ва ғоиб нашудӣ».

Пас Хадича-хотун он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* пеши Варақа ибни Навфал, ки бародари аммгин ӯ буд ва дини ҳазрати Исо *алайҳиссалом* медошт ва китоби ибронию Таврот ва Инҷилро ба забони арабӣ тарҷама карда, бурда гуфт, ки ё бародар, ту дар ҳеҷ китобе номи Ҷабраил (а) ёфта? Варақа гуфт: «Туро бо номи Ҷабраил (а) чӣ кор аст?»

Хадича-хотун тамоми аҳволи Сайиди олам *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба вай бозгуфт. Варақа ҷавоб дод, ки Ҷабраил *алайҳиссалом* фариштаи бузург, аз парвардигор пеши пайғамбарон ваҳӣ меовард. Чунон ки пеши Мусо *алайҳиссалом* меомад. Агар аҳволи Муҳаммад ин аст, ки ту мегӯӣ, пас он Муҳаммади арабӣ ҳамон аст, ки дар китобҳои аввал хондаам ва сифати ӯ донистаам, ки аз араб берун ояд. Ҷабраил *алайҳиссалом* барои даъват фармудааст ё не? Хадича-хотун (*раз*) гуфт: «Иқра» омӯхтааст».

Варақа гуфт: «Агар ӯро ҳукми ба мардум даъват кардан мешуд, аввал касе, ки иҷобат кардӣ, ман будамӣ». Боз гуфт: «Хуш бошеду тарсе ба дил маёред, лекин рутбаи ин неъмати қавми мо надонистаанд, озори вай расонанд, ҳатто ки аз ин шаҳр берун кунанд. Чи хуш будӣ, ки агар дар он замон будаме, то мададу нусрати ту карда саъодати дорайн ҳосил кардаме».

Баъд аз чанд муддат Варақа ибни Навфал вафот кард. Баъди фавташ Ҳазрати рисолатпаноҳ ба хоб дид, ки Варақа ибни Навфал ҷомаи сафед пӯшидааст; дар таъбираш он Ҳазрат *алайҳи-с-салоту ва-с-салом* баён фармуд, ки ин аломати бихиштиён аст.

Баъд аз ин, қавлуҳу таъоло: **Ё айӯҳа-л-мудассиру, қум фа анзир**[а] нозил шуд.— Эй лиҳофпӯшанда, бархез барои

[а] Қуръон: 74, 1—2.

адои маросими нубувват, пас бигарсон халқро аз азоби Худо. Пас Хоҷаи олам *алайҳиссалом* ҷома аз бари худ андохту бархост. Хадича *разияллоҳу анҳо* гуфт: «Ё Мухаммад (с), чаро нахуспидӣ?» Гуфт: «Ё Хадича (*раз*), кори ман аз хуфтану осудан даргузарад, зеро ки Ҷабраил (а) бори дигар омаду ваҳӣ овард ва гуфт, ки халқро ба Худои таъоло бихон, то аз бутпарастӣ бозомада ибодати Худо кунанд. Акнун ман киро хонам, ки ҳеҷ кас аз гуфтаи ман эътибор нахоҳад кард».

Хадича-хотун (*раз*) гуфт: «Аввал имон бар ман арз кун, то имон оварам». Ҳазрати рисолатпаноҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* Хадича (*раз*)-ро талқин кард. Ӯ дар ин соат имон оварда мусалмон шуд.

Ва дар он замон Алӣ (*раз*) ибни Абутолиб ҳафтсола буд, ҳама рӯз хидмати пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* кардӣ, чун дид пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ва Хадича *разияллоҳу анҳо* намоз мегузориданд, гуфт: «Чӣ мекунед ва киро мепарастед?» Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд, ки Худои аззаву ҷаллро мепарастем. Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* гуфт: «Кадом Худо?» Гуфт: «Худои осмону замин, ки ман пайғамбари Вай бар ҷумлаи халонқам, агар ту низ мехоҳӣ, ки аз куфру залолат бираҳӣ, имон ор». Гуфт: «Ман бе иҷозати падар ҳеҷ кор накунам, аз ӯ иҷозат пурсида боз оям».

Пайғамбар (с) фармуд, ки зинҳор ин маънӣ ғайр аз Абутолиб дигаре нашнавад. Чун амирулмуъминин Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* аз хонаи Хадича-хотун (*раз*) берун омад, андеша кард, ки ҳар гоҳ ки Худои таъоло рӯзӣ диҳад, ба Абутолиб машварат накунад, ман барои дини ислом чаро бо падар машварат бикунам, бозгашт ва имон овард. Хоҷаи олам ӯро намоз омӯхт. Чун Хадича (*раз*) ва Алӣ (*раз*) мусулмон шуданд, пас Пайғамбар (с) дар шабҳо нахуспидӣ, ки ин роз ба кӣ гӯям. Дар хотири муборак гузашт, ки Абубакр марде муътабар ва бузургу оқил аст ва бо ман дӯстӣ дорад ва бо вай машварат бикунам. Ва дар хотир гузаронид, ки бомдод пеши Абубакр рафта, ин сирр макшуф намояд.

Амирулмуъминин Абубакри Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* низ ҳамон шаб мутараддид буд, ки ин бутпарастии мову падарони мо, ки мекунему кардаанд, ҳеҷ коре нест, зеро ки аз бутон на шарр ояду на хайр. Кошкӣ касе бошад, ки маро бо Худои таъоло роҳ намояд ва дар хотираш расид, ки Муҳаммади Амин (с), ки бародарзодаи Абутолиб марди оқил асту бо ман розҳо дорад ва бут намепарастад, фардо бираваму ин роз бо вай бигӯям, бошад ки маро роҳи дин ба даст намояд.

Бомдод азм кард, ки ба хонаи Пайғамбар (с) биравад ва

Ҳазрати Сайиди олам низ қасди хонаи Абубакр (*раз*) кард, то ин роз пеши ӯ ошкор кунад. Ногаҳ дар аснои роҳ ҳар ду ба ҳам расида, якдигарро салом гуфтанд. Хочаи олам гуфт: «Барои машварате қасди хонаи ту доштам». Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* гуфт, ки ман низ қасди хидмати ту доштам, ки дин ба ту бипурсам.

Сайиди олам гуфт: «Аввал ҳикояти худ бигӯ». Сиддиқ гуфт: «Аввал ту бифармо». Хочаи коинот *салоту-ллоҳи алайҳи ва-с-салом* кайфияти нузули Ҷабраил (а) бо ваҳйи Худои таъоло ва ҳақиқати хоб бозгуфт. Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* арз кард, ки акнун Худои таъоло бо ман некӣ хоста, Пайғамбари охируззамон ба хонадони мо мабъус фармудааст. Аввал имон бар ман арз кун. Расулуллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ҳақиқати имон ба вай фармуд, дарсоъат имон оварда ва вузӯ сохтану намоз гузоридан низ омӯхт ва ба исломи азим шод гашт. Пас модару падараш низ имон оварданд. Аввал касе, ки аз мардумони оқилу болиғ мусалмон шуд, Абубакри Сиддиқ (раз) буд.

Ва дар ҳадис омадааст, ки Ҳазрати Расолатпаноҳ (с) фармудааст: «Бар ҳар кас, ки имон арз кардам, або кард, илло Абубакр ки ҳеҷ або накард. Ва Зайд ибни Ҳорису Билоли ҳабашӣ (*раз*) баъди имон овардани Абубакр мусулмон шуданд. Чун мусулмониро аз тарси куффор пинҳон доштандӣ ва Абубакр (*раз*) ба дастури қадим дар масҷид рафтаву мардум низ бар одати пешин бар вай гирд омадандӣ ва Сиддиқ (*раз*) мардумро пинҳон даъват кардӣ, ҳар кас ки иҷобат намудӣ, онро ба хидмати Расулуллоҳ (с) бурдӣ, то имонро пеши ӯ зоҳир сохтӣ.

Аввал касе, ки ба даъвати Абубакри Сиддиқ (*раз*) иҷобат кард, Абдурраҳмон ибни Авф буд, баъд аз он Зубайр ибни Аввом ва баъд аз он Талҳа ва Саъд ибни Абиваққос ягон-ягон мусалмон шуданд. Ҳамчунон сию нӯҳ кас имон оварданд, аммо дин пинҳон медоштанд ва дар масҷид намоз мекарданд. То бар кӯҳи Ҳиро Расулуллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* Абутолибро даъват кард. Ӯ гуфт, ки дини падарони худро тарк наметавонем кард. Он чи Худои таъоло фармудааст, ту дар он киём кун, ҳеҷ касро нагзорам, ки туро заҳмат диҳад, ман муовини ту бошам.

Чун хабар ба Абуҷаҳл расид, гуфт: «Агар бидонистаме касеро, ки ба Муҳаммад (с) имон овардааст, сари ӯ ҳамчун мор бикӯфтаме ва агар Муҳаммад (с) дар масҷид чуз Ҳубал касе дигарро саҷда кунад, санге бар сараш чунон занам, ки мағзаш берун ояд».

Дар хабар аст, ки дар масҷид сесаду шаст бут ниҳода буданд, бузургтар аз хама Ҳубал буд ва Лоту Манот ғайр аз Каъба дар хонаи дигар буданд. Чун куффори Макка ин маъниро шуниданд, бисёр зулму беадабӣ бар он Ҳазрат *саллалло-*

ҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам намуданд ва мустаидди изои носазо шуданд, ҳатто ки он Ҳазрат *алайҳи-с-салоту ва-с-салом* маъа аҳли байт дар миёни шаъб дар муҳосараи куффор се сол сукунат карда, аз чустучӯву такопӯи бисёр берун шуда буданд.

Рӯзе ба ҳолати саҷда Уқба ибни Абимуғита ба гулӯи муборакаш порчае печида кашида мебурд, Абубакри Сиддиқ омада аз дасти ӯ халос намуд. Ва рӯзе дигар Абуҷаҳли лаънӣ омада сабаде хок бар сари муборакаш дарандохт.

Ва Оишаи сиддиқа *разияллоҳу анҳо* фармуда, ки рӯзе аз Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* пурсидам, ки ё Расулаллоҳ, кадом рӯз аз ҷанги Уҳуд зиёдатар сахти ба дасти касе кашидай? Фармуд, ки рӯзе ҷамоъате кофиронро ҳидоят мекардам, ишон тасдиқ накарда, анвоъи зулму изо ба-д-он дараҷа расониданд, ки хун аз пошнаи ман берун омад. Дар он ҳолати пурмаломат ба даргоҳи Раббулиззат ҳоли худ арз намудам. Аз ҷаноби Борӣ фариштa, ки муваккали кӯҳҳо аст, назди ман омада салом карду гуфт, ки озурдагии ту сабаби озурдагии тамоми малоика аст, агар ҳукм фармой, то ман ҳар ду кӯҳро, ки наздики Макка аст, як ҷо кунаму тамоми замини Маккаро барканда биандозам ва сивои аз ин онҷи ҳукм фармой, бар он корбанд шавам. Гуфтам, ки маро Худои таъоло барои раҳмати оламиён фиристодааст: қавлуҳу таъоло: **Ва мо арсалнока илло раҳматан ли-л-ъоламин.**[а]

Яъне: нафиристодаем туро, эй Муҳаммад (с), магар барои раҳмати оламиён. Чи гуна коре, ки ҳалокии қавм шавад, намоям?!

Алҳосил, чун куффори Макка лаъанаҳумуллоҳу тараққии ислом диданд, Утба ибни Рабиъаро ба хидмати он Ҳазрат *алайҳи-с-салоту ва-с-салом* фиристоданд. Утба омаду арз кард, ки эй бародарзодаи ман, ҳасабу насаби олӣ дорӣ, ба вуҷуди он коре ихтиёр кардӣ, ки модару падарони мо дар он куфр лозим ояд ва таън ба чадду обо мешавад ва ҳама мегӯянд, ки коҳине дар Қурайш зоҳир шудааст, аз ин маънӣ хиффати молокаломи хонадони мо мегардад. Ва агар ба сабаби шаҳват инчунин сухан мегӯӣ, то ҳар занеро, ки мехоҳӣ, ба ту тафвиз намоям ва агар барои моли Дунё фиребе ангехта бошӣ, то чандон мол ба ту диҳам, ки тавонгари лосонӣ шавӣ ва агар подшоҳӣ мақсуд дорӣ, подшоҳ гардонам ва агар ҳалале ба димоғ расида бошад, то ҳакими ҳозиқ муқаррар кунам.

Он Ҳазрат фармуд: қавлуҳу таъоло: **Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Ҳо мим. Танзилум мин-ар-раҳмони-р-раҳим. Китобун фуссилат оётуҳу Қуръонан ъарабиййал-ли қавмин яъламун.**[б]

[а] Қуръон: 21, 107.

[б] Қуръон: 41, 1—3.

Яъне: нозил шудааст аз бисёр мехрубоникунанда китобе, ки чудо-чудо карда шудааст оятҳои он китоб, ки Қуръон ба забони арабӣ барои дарёфтани қавме, ки намедонанд худоеро. Қавлуҳу таъоло: **Фаин аъразу фақул анзартукум соъиқатам мисла соъиқати Ъодин ва Самуда.**[*]

Пас агар рад гардонанд ишон, пас бигӯ, ки хабар додам ба шумо ба яке азоб, чунончи азоби Самуд ва Од.

Утба гуфт: «Сивои ин сухан чизе дигар ба ёди худ надорӣ?» Пас Утба ба сӯи қавми хеш омада гуфт, ки сухане азим, ки аз Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* шунидам, гоҳе аз касе нашунида будам. Акнун салоҳ дар он аст, ки шумо ба изову озори ӯ накӯшед ва ба ҳоли хешаш бигзоред ва агар бо ӯ чангу мухолафат кунед, чизе бехтар нахоҳад буд, зеро ки агар бар вай фатҳ ёбеду ғолиб шавед, чизе ба дасти шумо нахоҳад омад ва агар ӯ ба фатҳу нусрат дамсоз гардад, ҳама мулки шумо аз ӯ бошад. Мушрикон гуфтанд, ки ҷодуяш бар ту низ асар карда. Гуфт, ки он чи ба ақли ман омад, гуфтам, шумо мухторед он чи бехтар донед, бикунед.

Абдуллоҳ ибни Масъуд *разияллоҳу анҳу* мефармояд, ки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* Қурайшро гоҳе дуъои бад накарда, илло рӯзе, ки ба наздики Муъаззама намоз мехондӣ, ки Абуҷаҳли лаъин сабаде аз начосат пур карда аз дасти Уқба ибни Абимуғита ба души мубораки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба ҳолати саҷда андозида буд. Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* баъди фароғати намоз ба Ҳақк он малъунонро дуъои бад фармуд. Ибни Масъуд (*раз*) ба ҳалф мегӯяд, ки он куффорон, ки ба ҷанги Бадр ба ҳолати бад мурда буданд ва мардумон кашида дар чоҳҳо меандохтанд, ба чашми худ дидаам.

Ва дар ривоят аст, ки чун Абубакри Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* ба шарафи ислом мушарраф гашт, аз Расул (с) истимзоҷ карда ба Масҷиди Ҳаром рафта, хутба хонда даъвати ислом ошкоро карда буд. Дар он Утба ва ғайра мушрикон чунон зарбе сахт ба бозуи Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* расониданд, ки беҳуш шуд. Чун ба ҳуш омад, он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* пурсид, ки эй Абубакр, бисёр ранҷу меҳнат баркашидӣ. Гуфт: «Он чи ки ба ризои Худову Расул (с) бар ман мегузарад, ранҷе напиндорам, балки роҳати уқбо медонам, магар аз Утба, азбаски ранҷи азиме ба ман расидаву дарде шоиқа ба аъзоям сироят карда ва ҳама душмани дин механдиданд».

Он Ҳазрат *алайҳи-с-салоту ва-с-салом* дасти мубораки худ ба ҳама аъзояш гардонид. Ҳамон соат буд, дарду ранҷ дур шу-

---

[*] Қуръон: 41, 13.

да, сиҳҳат ёфт. Чун аз ибтидои нубувват панҷ сол шуду ситами куффору мазлумияти ислом ба ҳадд анҷомид Умари Форуқ ибни Хаттоб *разияллоҳу анҳу* ба дараҷаи имон мушарраф шуд, то ба ислом қуввату тақвият зиёда гашт. Ва кайфияти имон оварданаш аз Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* ривояте омадааст, ки Ҳазрати Умар *разияллоҳу анҳу* бо қуввату шуҷоат ва рутбаву ҳашамат миёни араб машҳуру маъруф буд. Ҳар гоҳе ки Амир Ҳамза *разияллоҳу анҳу* имон овард, Абуҷаҳл ва Валид ибни Муғира ва Абусуфён ва Хаттоб ва Абулаҳаб ва ғайра сардорони Қурайшро талабиду гуфт, ки Амир Ҳамза ба Муҳаммад (с) имон оварда суханоне, ки беҳудаву музахрафот мегӯяд, гоҳе аз касе нашунидаам.

Абулаҳаб гуфт, ки салоҳ дар он аст, ки аввалан сари Муҳаммад (с) бибуранд, сонпян тадоруки ёронаш карда хоҳад шуд. Абуҷаҳл ба истимоъи ин маънӣ гуфт: «Ба Лоту Уззо хар кӣ сари Муҳаммад бурида пеши ман орад, як шутур симу зар ва даҳ ғулому канизак ба ӯ бидиҳам». Амирулмуъминин Умар ибни Хаттоб (*раз*) гуфт, ки ин кори ман аст. Валид ибни Муғира гуфт, ки ба таъйидаш Бани Ҳошиманд, чи гуна ин кор тавонад шуд. Пас Умар ибни Хаттоб (*раз*) савганди Лоту Уззо ёд карда гуфт, ки агар Бани Ҳошим ба таъйидаш меоянд, зинда нахоҳам гузошт. Ин бигуфту теғро ҳамоил карда равон шуд.

Дар аснои роҳ ба аъробие дучор шуд. Пурсид, ки эй Умар, кучо меравӣ? Гуфт: «Ба куштани Муҳаммад (с) меравам». Гуфт, ки сухане (ки фардо) шунидай? Гуфт: «Не». Гуфт, ки Фотима (*раз*) — хоҳари ту бо Зайд — шавҳари хеш ба Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* имон овардааст. Гуфт: «Ба чи навъ медонам?» Гуфт: «Ҳар гоҳе, ки таъом хӯрдиву ишонро биталабӣ ва ишон ҳамроҳи ту таъом нахӯранд, то бидонӣ, ки мусалмон шудаанд».

Алҳосил, аз он ҷо равона шуда, сӯи хонаи хоҳари хеш мерафт, иттифоқан аъробии дигар дучор шуда гуфт: «Эй Умар, кучо меравӣ? Гуфт: «Ба овардани сари Муҳаммад (с) меравам». Аъробӣ гуфт: «Гӯсфанде, ки рӯ ба рӯи ту мечарад, бигир, то бидонам, ки бар он амри хатир қодир метавонӣ шуд». Умар (*раз*) дар паси он гӯсфанд чандон саъй кард, ки аъзояш арақ намуд, охируламр гирифтан натавониста шармандаву пушаймон шуд. Аъробӣ гуфт, ки ё Умар, гӯсфандро гирифтан натавонистӣ, сари Муҳаммад (с)-ро, ки шери Худост, чи гуна бибурӣ?

Алҳосил, аз он ҷо бо хичолати бисёру ғуссаи бешумор ба хонаи хоҳари хеш даррасида гуфт, ки чуъ бар ман ғолиб аст, чизе биёр, то бихӯрам. Филҳол хоҳараш таъом тайёр карда хозир намуд ва Умар *разияллоҳу анҳу* ба вақти хӯрдан хоҳари

худро барои хўрдан хамроҳи хеш биталабид, хоҳараш аз он сар печида ва або кард. Умар *разияллоҳу анҳу* яқин донист, ки мусалмон шудааст. Пас ба ғазаб омада мўи сараш гирифта бикашид ва хост, ки аз теғ бедареғ сарашро чудо созад. Пас Зайд, ки шавҳари ў буд, аз дасти Умар бираҳонид, аз узру ҳила ғазабашро фурў карда, таъом бихўронид. Чун шаб шуду Умар *разияллоҳу анҳу* бихуфт, хоҳараш ба хондани сураи «Тоҳо» машғул шуд. Чун ин оят бихонд: қавлуҳу таъоло: **Лаҳу мо фӣ-с-самовоти ва мо фӣ-л-арзи ва мо байнаҳумо ва мо таҳта-с-саро.**[а]

Яъне: барои ўст он чи дар осмонҳо ва он чи дар замин ва он чи дар миёни он хар ду ва он чи дар зери замин аст.

Чун ин оят ба гўши Умар *разияллоҳу анҳу* даррасид, филхол рағбаташ ба сўи ислом пайдо шуд. Пас аз хобгоҳ назди Фотима омада пурсид, ки чӣ мехонӣ? Гуфт: «Каломи Аллоҳ, ки бар Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* нозил шудааст».

Ва дар баъзе ривоёт омадааст, ки ба хавфи Умар *разияллоҳу анҳу* он коғаз, ки Каломи маҷид бар он навишта буд, дар танўр бияндохт, магар ба фазли илоҳӣ сўхта нашуд.

Гуфт: «Он чи ки мехонӣ, биёр ман низ бихонам». Фотима гуфт: «**Иннамо-л-мушрикуна начас**». Яъне: чуз ин нест, ки мушрикон начасанд, «Ва агар ту мехоҳӣ, ки каломи Худоро бихонӣ, пок гардида бихон». Пас Умар *разияллоҳу анҳу* пок шуда, Каломи маҷидро таъзиман ба дасти худ гирифта, хондан оғоз ниҳод, чун ба ғаври маънияш расид, зор-зор бигрист.

Алкисса, чун рўз шуд суханҳои Абуҷаҳл ва ғайра ёд омад. Пас шамшер ҳамоил карда ба иродаи кори мавҷуда равон шуд. Дар аснои роҳ бо касе аъробӣ мулоқот шуд, пурсид, ки кучо меравӣ? Гуфт, ки ба буридани сари Муҳаммад (с) меравам. Пас аз он чо равона шуда, ба сўи хонаи Амир Ҳамза *разияллоҳу анҳу* равона шуд. Дарҳол Ҷабраил *алайҳиссалом* ба ҳукми Худои таъоло нозил шуда, сухане чанд, ки аз он Умар *разияллоҳу анҳу* ислом қабул кунад, биомўхт.

Ва дар он ҳин пеши Набӣ аз ҳама чиҳат сию нўҳ кас ҷамъ буданд. Умар *разияллоҳу анҳу* ба дари Амир Ҳамза расида дастакӣ бизад. Пурсид, ки кистӣ? Гуфт, ки ман Умари Хатто бам.

Ба муҷарради истимоъи ин маънӣ Пайғамбар (с) бархоста, дар бикшода ҳасби таълими Ҷабраил (а) ба қуввати нубувват гаҷаи Умар гирифта бичунбонид ва такбир бихонда, даъвати ислом фармуд. Умар *разияллоҳу анҳу* дарҳол имон оварда гуфт, ки лаънати Худо бар ў бод, ки пеи изову озори ту бошад. Пас Набӣ калимаи шаҳодат талқин намуд. Умари Ҳаттоб *ра-*

[а] Қуръон: 20, 6.

эияллоҳу анҳу калима хонда ба дини ислом мушарраф шуд. Дарҳол Ҷабраил ваҳй овард: қавлуҳу таъоло: **Ё айуҳа-н-набийу ҳасбукаллоҳу ва ман иттабаъака мина-л-муъминин.**[а]

Яъне: эй Набӣ, кифоят аст туро Аллоҳ ва ҳар он ки имон ба ту овардаанд.

Ҳар гоҳе ки Умар *разияллоҳу анҳу* имон овард, аз олами сифлӣ то ба олами Малакут хурсандиҳо шуд. Филҷумла он Ҳазрат фармуд, ки ё Умар (*раз*), ҳар чо, ки ту рӯ оварӣ, албатта ғолиб хоҳӣ шуд. Умар *разияллоҳу анҳу* арз кард, ки ё Расулаллоҳ (с), акнун даъвати ислом ошкоро бикун ва ёронро бифармо, ки ба кӯчаву бозор рафта даъвати ислом намоянд. Акнун агар касе бодадабиву ношоистагӣ ба амал орад, гирифта биёранд ва ман ба Қурайш рафта хабари ин маънӣ расонам.

Минбаъд пеши Қурайш рафта гуфт, ки ё маъшари Қурайш, ман ислом қабул кардаам, агар касе ба ранҷрасонии он Ҳазрат (с) бикӯшад, зинда нахоҳам гузошт. Ё Абуҷаҳл, дини Муҳаммад (с) барҳақ асту дини шумо ботили мутлақ. Хаттоб гуфт: «Эй фарзанд, девона шудай! Ба дарёфтам меояд, ки ҷодуи Муҳаммад (с) бар ту коргар шуда, лиҳозо маъбудонам такзиб мекунӣ, ҳаргиз ва ҳаройина туро зинда нахоҳам гузошт».

Умар *разияллоҳу анҳу* гуфт: «Эй падар, суханони куфр бигузор ва ба Худову Расули ӯ (с) имон овар». Хаттоб ба истимоъи ин ҳикоёт ғазабнок шуда гуфт: «Маълум мешавад, ки алоқаи мавти ту қариб расидааст, бино бар ин чунин калимот мегӯӣ». Умар *разияллоҳу анҳу* филфавр шамшер аз ғилоф баркашид. Ба мушоҳадаи ин ҳол Абуҷаҳл бигрехт ва Хаттоб низ пеш ба гурехтан намуд, лекин натавониста, ба зери теғи Умар омад.

Чун ин маънӣ ба гӯши сокинони атрофу акнофи Макка расид, ба раъби Умар *разияллоҳу анҳу* миёни куффорон зилзилаи азим дарафтоду мусалмонон монанди биҳиштиён хушҳол шудаанд. Ва рӯзе ки ин воқеъа дар пеш омад ва дар Тоиф ва Макка касе набуд, ки даъвати ислом ба-д-ӯ нарасида, азону намоз ба ошкорову ҳувайдо шудан гирифт. Пас Усмон ибни Аффон, низ имон оварда мусалмон шуда.

Овардаанд, ки баъди нубувват он Ҳазрат (с) дах сол даъвати ислом ба Қурайш карда, чун дид, ки ишон нагаравиданд, маъюс шуда ба ҳидояти қавми дигар мутаваҷҷиҳ гардида, ба самти Тоиф ташриффармо шуд. Се кас сардорони он чой буданд, ба он Ҳазрат (с) бадсулукиҳо намуда, даъваташро ичо-

---

[а] Қуръон: 8, 64.

бат накарданд ва аз шаҳри худхо берун сохтанд. Пас он Ҳазрат (с) ба сӯи бозори Укоз ташриффармо шуда дар асноӣ роҳ ба мақоми Нахла манзил кард. Чун шаб бигзашт, он Ҳазрат (с) ба намоз машғул шуда, қироат ба ҷаҳр шурӯъ фармуд. Дар ин асно нӯҳ кас ҷинн аз шаҳри Насибин аз фирқаи Бану Шисон, ки аз умдатарин қабоили ҷинниёнанд, бино бар тафаҳҳуси касе, ки бино бар мабъуси ӯ роҳи осмон бар ҷиннон масдуд шуда буд, тафарруҷкунон ба тарафи Тиҳома гузашта, ба мақоми Нахла расида, Қуръони Шариф ба забони мубораки он Ҳазрат (с) шунида, якин донистанд, ки каломи илоҳӣ ҳамин аст ва ағлаб, ки ба сабаби таваллуди ин кас, ки Каломи маҷидро мехонад, ба осмон рафтани онон манъ шудааст. Баъд аз ин бар Қуръону Расул имон оварда ҳасбалиршоди Сайиди олам ба қавми худҳо рафта хабар карданд.

Пас Завбаъа ва Умар, ки сарвари ҷиннон буданд, аз шаҳри Насибину Найнаво маъа ҷиннон ҷавқ-ҷавқ равона шуданд. Ва ҷинноне, ки пештар омада буданд, пеш расида хабар расониданд, ки ҳама ҷиннон барои шунидани Каломи илоҳӣ ва дидани Ҷаноби киромӣ омада мунтазири фармони Воҷибулизъонанд.

Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд, ки беруни шаҳр ба вақти шаб дар навоҳии Шаъбулҷуҳун, ки муттасили Макка воқеъ аст, ҷамъ шавед. Пас он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* баъди намози ишо Абдуллоҳ ибни Масъудро ҳамроҳ гирифта муттасили шаъби мазкура расида медид, ки ҷиннон бо шавқи тамому шукуфтагии молокалом ба қадамбӯси он Ҳазрат (с) истодаанд. Пас Абдуллоҳ ибни Масъудро (*раз*) дар он ҷо гузошта, хатте доира аз чаҳор тарафи ӯ кашида фармуда, ки зинҳор аз ин доира берун нашавӣ. Пас пештар рафта медид, ки ҳама ҷиннон ба шаклҳои вуҳуш ва мухталифанд. Чун пештар расид, ҳама ҷиннон ба хидмати он Ҳазрат (с) ҷамъ шуда, тамоми шаб ба таълиму талқини аҳкоми намозу рӯза ва таҳорат ва ғайра машғул буданд.

Пас ҳама ҷиннон муттафиқулкалима ба арз расониданд, ки моёнро чизе тӯша таяммунан ва табаррукан иноят бифармо. Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд, ки тӯшае ба шумо чунон диҳам, ки наслан баъди насл ҳамеша ба кори шумо хоҳад омад. Гуфтанд: «Он чист?» Фармуд, ки устухон ё саргини гову меш ва ғайра афтода бошад, тӯша ҳамон тавонад буд. Ва акнун ки чизе мехӯред аз он ба дараҷаи авло ширинию лаззат дар он ёбед ва ин лаззат аз дуъои ман гардид. Ва дар баъзе ривоёт ангишт низ омадааст.

Боз арз намуданд, ки ё Расулаллоҳ, ҳама мардумон онро

хароб мекунанд. Фармуд, ки манъ карда хоҳад шуд, ки ин чизҳоро ба начосат наёлоянд. Аз он боз истиҷо аз устухону сагини хушк ва ангишт манъ фармуда.

Ва ду ҷинноӣ яке дигареро кушта буд, он Ҳазрат (с) мутобиқи ҳукми илоҳӣ инфисол фармуд ва ишон ҳам розӣ шуда ба ватани худҳо рафтанд. Ба-д-ин ваҷҳ бори дигар низ ба кӯҳи Ҳиро ҷинноти бошандаи аксари ҷазоир ҷамъ омада буданд ва дар он ҳин Пайғамбар (с) танҳо ташриф медоштанд. Ба вақти субҳ саҳоба аломати оташу дигар асбобе, ки гузошта рафта буданд, ёфтанд. Ва ин зикр ки кардам, мазкураш ба саҳиҳи мусаллам воқеъ аст.

ЗИКРИ МЕЪРОҶИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА АСҲОБИҲИ ВА САЛЛАМ

Ноқилони ростгуфтору ҳокиёни дурусткирдор дар меъроҷи он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба-д-ин ваҷҳ баён фармудаанд, ки чун умри шарифу синни латифи он Ҳазрат (с) ба панҷоҳ солу се моҳ расид, бинобар қуввати сайри олами Малакут ва дидани таҷаллиёти Лоҳут синаи бекинаи он Ҳазрат (с)-ро ба мартабаи робеъ чок карда буданд. Ба таърихи бисту ҳафтуми моҳи рачаб аз даргоҳи лам язалӣ ба Ҷабраил (а) фармони волошонғурур дарёфт, ки ё Ҷабраил (а), Ризвонро бигӯ, ки ороишу намоиши биҳиштҳо намояд ва ҳурону ғилмонро низ бифармо, ки зебу зинати худҳо бикунанд ва малоикоре, ки ба азоби қабр муайянанд ва ба Молик низ пайғом бидеҳ, ки имшаб аз азоби қабр даст бидоранд ва оташи Дӯзахро фурӯ нишонад.

Пас Ҷабраил (а) ба амри Ҷалилулқадр корбанд гардида, ҳукми Ҳоким ба маҳкум илайҳим расонид. Ва он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармудааст, ки ман дар миёни Ҳатим хуспида будам, ки Ҷабраилу Микоил *алайҳимоссалом* даромада, маро бедор карданд ва аз сина то ба нофам бишкофтанду диламро аз андарунӣ сина берун оварда, пок соф намуда, боз ба андарунам ниҳоданд.

Ва дар баъзе ривоёт омадааст, ки ҳамон шаб аз ҷаноби Раббулъоламин ҳукми маҳкам ба-д-ин гуна изз нифоз пазируфт, ки ё Ҷабраил, аз марғзори Биҳишт Бурокро маъа ҳафтод ҳазор фариштаи берун оварда, ба сӯи Маккаи муъаззама зуду шитобон бар ва дӯсти қурайшиямро ба даргоҳи маъолиям ҳозир кун! Ҷабраил (а) ба муҷиби иршоди ҷалолатбунёд ба давлатхонаи Уммҳонӣ, ки хоҳари ҳазрати Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* буд, расид. Ва он Ҳазрат (с) мефармояд, ки ман дар он шаб ба хонаи Уммҳонӣ баъди адои намози ишо хуспида будам. Ногоҳ Ҷабраил *алайҳиссалом* аз хобам бедор кард. Чун чашм

бикшодам, дидам, ки Ҷабраилу Микоил *алайҳимоссалом* ба болинам нишаста мегўянд, ки эй ҳабиби мақбул, бархез, ки имшаб шаби меъроҷ аст.

Филфавр бархостам. Минбаъд аз оби Замзам вузў кунониданд. Пас бар ҳасби гуфтаашон ду ракъат намоз гузоридам. Чун ба дари масҷид расидам, дидам, ки Буроқе аз дарозгўш калону аз уштур хурд ва даҳанаш монанди даҳани одамиву суринаш мисли сурини асп ва пойҳояш чун пойи шутуру синааш мисли синаи шер ва парҳояш монанди парҳои парандагон ва зину лагомаш мурассаъ аз ёқуту марворид буд. Пас дар савор шудан чизе коҳилӣ кардам. Ҳукми илоҳӣ даррасид, ки эй Ҷабраил (а), бипурс ҳабибамро, муҷиби таваккуф чӣ бошад? Гуфтам, ки имрўз Худои таъоло ба хилъат савории Буроқ сарфарозам фармуда, лекин дар андешаам, ки рўзи Қиёмат умматонам бараҳнаву гурусна бори исён бар гардан нихода аз қабри худҳо берун оянд, чӣ гуна панҷоҳ ҳазорсола роҳро, ки дар пеши Қиёмат аст ва сӣ ҳазорсола роҳи пули Сирот катъ намуда ба манзили мақсуд чӣ сон бирасанд.

Фармон расид, ки ғам махўр, барои ҳар яке уммати ту Буроқе бифиристам, то ба осонӣ тамоми қатъи масофат намуда, ба Биҳишт бирасанд.

Алҳосил, қасди саворӣ кардам, то Буроқ шамусӣ кардан гирифт. Ҷабраил гўфт: «Эй Буроқ, намедонӣ, ки Пайғамбари охируззамон (с) аст?» Буроқ гуфт: «Медонам, аммо илтимос медорам, ба шарте ки ба дарачаи иҷобат мақрун шавад». Фармуд, ки арз кун. Гуфт, ки Худойи таъоло Буроқи бисёр пайдо кардааст ва ҳама доғи Муҳаммадӣ (с) медорад. Умеди ман ҳамин аст, ки дар Қиёмат низ бар пушти ман саворӣ кунад, то бар ҳама Буроқ фахре азиму иззате часим насиби ман гардад.

Пас ваъда карда савор шудам. Дар чапу рост Ҷабраилу Микоил *алайҳимоссалом* ба рикоб бо ҳафтод ҳазор фариштаи ҳозир буданд. Чун аз Маккаи муъаззама аз оби Замзам ва мақоми Иброҳим (а) ба Байтулмуқаддас бирасидам, овозе аз чапу рост мешунидам, ки касе мегуфт: «Ё Муҳаммад (с) замоне бинст, аз ту саволе дорам». Ба чавобаш напардохта, даргузаштам. Пас дидам, ки ачузае худро ороста, ба зинату либоси гуногун пироста пеши ман омада гуфт: «Ё Муҳаммад, дар ман нигар!» Нанигариста аз ў ҳам даргузашта аз Ҷабраил (а) пурсидам, ки овози дасти росту чап ва ачуза ба он пироя кӣ буд, чӣ касонанд? Гуфт: «Овози дасти рост чуҳудон буд, агар чавоб медодӣ, уммати ту баъд аз ту ҳама чуҳуд шудандӣ. Ва аз тарафи чап овози тарсоён буд, агар чавоб медодӣ, ҳама уммати ту тарсо гаштандӣ. Ва ачуза Дунё буд, агар дар ў нигаристӣ, уммати ту ба талаби Дунё ҳалок шудандӣ».

Он гах се пиёла, яке пур аз шаробу дигаре пур аз шахл ва солисӣ пур аз шир пеши ман оварданд. Ман пиёлаи шир бардошта бихӯрдам. Пас Ҷабраил (а) гуфт: «Чи хуб кардӣ! Зеро ки мурод аз шир дини ислом аст».

Он гаҳ ба мавзеъе расидам. Ҷабраил (а) гуфт, ки фуруд омада ду ракъат намоз бигузор, ки кухи Тури Синин аст ва ин ҷо Худои таъоло бо Мӯсо (с) сухан гуфтааст. Ман фуруд омада, ду ракъат намоз бигузоридам. Ҷабраил (а) боз маро бар Бурок нишонида ва ба соъате дар ҷои дигар расонида гуфт: «Ин ҷо ҳам фуру омада, ду ракъат намоз бигзор, зеро ки ин ҷо Исо *алайҳиссалом* аз модар ба вуҷуд омада буд». Пас фуруд омада, ду ракъат намоз гузоридам ва баъд савор шуда, ба Байтулмуқаддас омадам. Фариштагон аз осмон фуруд омада гуфтанд: «Ассалому алайкум, ё набийял аввали вал-охири». Боз гуфтанд: қавлуҳу таъоло: **Субҳона-л-лазӣ асро биъабдиҳи лайлам мин-ал-масҷиди-л-ҳароми ила-л-масҷиди-л-ақсо-л-лазӣ боракно ҳавлаҳу ли нурияҳу мин оётино.**[а]

Яъне: бисёр пок аст он ки пӯшида мебарад бандаи худро дар шабе аз Масҷидулҳаром ба сӯи Масҷидулақсо, ҳамчунон Масҷидулақсо, ки баракат додем гирди ӯро.

Чун андаруни Масҷид расидам, ҷумла пайғамбаронро дидам, ки мегуфтанд: «Ассалому алайка, ё набийял аввали ва-л-охири». Пас ду ракъат намоз бигузоридам ва ҳама пайғамбарон иқтидои ман карданд. Ва аз Макка то Байтулмуқаддас масофат се моҳ буд, ба ду қадам даррасидам. Ва ҳар гоҳе, ки он Ҳазрат аз Масҷид берун меомад, пойи муборакаш бар сангe, ки наздики дарвоза буд, афтод. Арз кард, ки ё Расулаллоҳ (с) дар ин маком, ки ман бошам, ҳафтод ҳазор сол аст, ки қадами касе бар ман наяфтода, лекин дар ин вақт қадами муборақи ту бар ман расида. Акнун мехоҳам, ки бори дигар қадами аҳаде бар ман нарасад. Он Ҳазрат (с) дуъо кард, Аллоҳ таъоло мустаҷоб фармуда, он сангро муаллақ бардошт.

Алҳосил, аз он ҷо равона шуда, аҷоибу ғароиб мушоҳада-кунон ба дари осмони аввал даррасиданд. Ҷабраил (а) дастаке барзад. Фариштагон пурсиданд, ки кистӣ? Гуфт: «Манам Ҷабраил (а) ва ин Муҳаммад (с) расули раббулъоламин аст». Пас бикшоданду гуфтанд, ки марҳабо ё Расулаллоҳ (с). Чун андаруни осмон рафганд, меҳтар Исмоил (а), ки сардори фариштагон буд,бо ҳама малоика ба он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* муонақа кард. Чун пештар равон шуданд, Одам *алайҳиссалом* аз равзаи Ризвон ба истиқболаш омада, гуфт: «Марҳабо, ё набийяссолиҳин». То баъд аз он пеш шуда дид, ки мурге сафеди азнмушшон калоне, ҷисми ӯ сивоӣ

[а] Қуръон: 17, 1.

Худо дигаре надонад, пойе ба зери Аршу пойи дигар то ба Тахтуссаро ва бозуе ба Машрику бозуи дигар ба Мағриб расида ва сари ӯ аз ёкуту парҳояш аз нур ва вазифаи ӯ ҳамду сано Парвардигор аст.

Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Ба мушоҳадаи шакли азим аз Ҷабраил пурсидам, ки ин кадомӣ мурғ аст?» Гуфт, ки ин мурғ нест, балки фариштаест, ки ба шакли мурғ баромада ва ҳар гоҳе ки шаб охир шавад, парҳои худро меафшонад ва тасбиҳи ӯ ин аст, ки **«Субҳона-л-малик-ул-куддус-ул-кабир-ул-мутаъол, ло илоҳа илло ҳува-л-ҳайю-л-қайюм»**. Чун хурӯсони замин овозаш бишнаванд, ба овоз меоянд.

Аз он ҷо даргузашта ба фариштае расидам, ки нимаи вай аз оташ ва нимаи зери вай аз барф, ки на оташ барфро мегудохту на барф оташро мекушт. Ва тасбиҳ мегуфт. Аз Ҷабраил (а) пурсидам. Гуфт, ки фариштаст ва исми ӯ Меҳтари раъд, ки кори ӯ дар Дунё борону барф расонидан аст. Пас аз ӯ ҳам даргузашта, аз канораи дарёи азиме мерафтам, хатто ки ба макоме, ки мардум эироъат мекарданд. Ва ҳоле ки мекоштанд, мепӯхту медаравиданд ва ба бадалаи як дона хафсад дона меёфтанд. Он Ҳазрат (с) аз ҳоли ишон пурсид. Ҷабраил (а) фармуд, ки ишон ба роҳи Худо ба хидмати халқ саъйи мавфура ва баровардани ҳоҷати муҳтоҷон маҳз ба роҳи Худо аз дилу ҷон ва ҷаҳди тамому кӯшиши молокалом кардаанд. Бино бар он рӯзнашон баракате комил ва фоидаи шомил додаанд.

Пас аз замоне медидам, ки фариштагон сари ҷамоъатеро ба санг мекӯбанд ва боз дуруст созанд, ҳар соъате ҳамчунин мекӯфтанду дуруст мешуд. Пас аз Ҷабраил (а) ҳақиқати он пурсидам. Гуфт, ки ишон торики ҷамоъатанд ва соҳири намоз буданд. Пас ҷамоъате дидам, ки фариштагон мисли даввоб ба сӯи Дӯзах мебаранд ва аз ғояти гуруснагиву ташнагӣ хори зариъу заққум мехӯранд. Пурсидам, ки киёнанд. Фармуд, ки ишон закоту садақаву фитру қурбонӣ адо накардаанд ва бар ғарибону фақирон раҳм нахӯрда. Чун пештар рафтам, гурӯхе мардону занонро дидам, ки пешашон неъматҳои гуногуни ниходанду ба сӯи дигар гӯштҳои мурдору чизҳои наҷис афтода. Ишон бар он неъмат назар накарда, гӯшти наҷису мурдор мехӯранд. Ба дидани он мутаҳайир шудам. Ҷабраил (а) фармуд, ки ишон завчу завчаи худро гузошта, бар зинокорӣ машғул буданд ва касби ҳалол накарда, дуздиву роҳзанӣ ва фиреб намуда мехӯрданд. Ва гурӯхе дигар ба назарам омад, ки ба дори оташ бардоштаанду шӯру фарёд мекунанд. Ҷабраил *алайҳиссалом* гуфт, ки ин гурӯҳ ҳамонанд, ки дар Дунё ба либосӣ ва шакли мардум механдиданду таъну ташниъ мекарданд ва барои ран-

ҷидагӣ номи мардум хароб карда мехонданд. Ва гурӯҳеро дидам, ки бар гарданашон чунон боре ниҳодаанд, ки маҷоли сар гардонидан набуда ва бо вуҷуди он бори шоққаи ишон меафзуданд. Ҷабраил *алайҳиссалом* гуфт, ки ин гурӯҳ, хиёнат бо амонат карда. Ва гурӯҳе дидам, ки гӯшт аз баданашон бибуранд ва мехӯронанд, ки ишон шиквакор ва ғайбатшиъор буданд. Ва ҷамоъатеро дидам, ки аз миқрози оташ забонашон бибуриданд. Ҷабраил (а) фармуд, ки инҳо ба сабаби ҳутоми дунявӣ суханони кизбро ба хотири тавонгарон рост ва ростро кизб кардаанд. Ва баъзе аз он воъиз ҳам ҳастанд, ки ба халқ ба риё насиҳат мекарданд ва худҳо ба бадкорӣ муртакиб буданд.

Ва баъди замоне гурӯҳе рӯсиёҳу нилчашм, ки лаби забаринашон ба болову лаби зеринашон бар пояшон афтода ва хуну рим монанди наҷосат бар даҳанашон ҷориву равон аст ва мисли харон овозкунонанд. Гуфт, ки ишон шорибу сакарҳор буданд.

Пас дидам, ки ҷамоъатро забон кашида, ба сӯи сифл берун оварда ва шаклашон биъайниҳ сурати хинзир асту ба азоби оташ гирифтор. Ҷабраил (а) гуфт, ки ишон гувоҳӣ ба дурӯғ медоданд. Баъд аз он халқро дидам, ки шикамҳои ишон омосида мисоли гунбад аст ва рангашон зарду пову дасту гардан ба занҷир ва тавқи оташин баставу овехта ва мору каждум аз андаруни шикам ба назар меомаданд ва аз пурии шикам бархостан натавонистанду андаруни оташ мебуданд. Ҷабраил (а) гуфт, ки ин ҳоли рабву ришвахӯрон аст. Пас заноне, ки нофармонпи шавҳар мекарданд, дидам, ки рӯсиёҳ, нилчашму порчаи оташ пӯшида ва фариштагон ба гурзи оташ мезананд ва мисли саги мода мелоянд. Ва мунофиқонро дидам, ки ба ҳаво муаллақ овехтаанд ва малоикони бадшакл аз гуполи нор мезананд. Ва гурӯҳе ки нофармонии модару падар кардаанд ва беадабӣ бо ишон намуда, дар кӯҳи оташ сӯзону нолон дидам ва оташ онҳоро сахттар месӯзад. Чун пештар рафтам, майдоне азиму пури хушбӯ ва овозе аз он меомадӣ, ки ё илоҳӣ, ваъдае, ки кардӣ, вафо кун. Ҷабраил (а) гуфт: «Биҳишт аст». Ва Худои таъоло ба ҷавоби он мефармояд, ки ҳар кас ба Худо ва Расули ӯ имон оварда, аз бадиҳо бипарҳезад ва ба кори неке бинёмезад, ӯро ба ту хоҳам дод. Пас бигӯяд, ки розӣ шудам.

Ва ба майдоне дигар чун расидам, бӯи баду овози гиря шунидам. Ҷабраил (а) гуфт, ки ин бадбӯй Дӯзах аст. Ва овози занҷиру тавқи заққуму зариъ ва мору каждум ва ғайра меояд ва Дӯзах низ фарёд мекунад, ки ё илоҳӣ, ваъдае, ки кардай, вафо кун. Ва ба ҷавобаш аз даргоҳи Борӣ овозе меояд, ки хар кас, ки нофармонӣ кунад ва Расуламро такзиб намояд ва ба ширку бидъат масруф мемонад, ӯро ба ту хоҳам бахшид. Пас Дӯзах мегӯяд, ки розӣ шудам.

Чун ба дари осмони дуюм расидам, Ҷабраил (а) дастаке бизад. Фариштагон дар бикшода, ба таъзиму икром бибурданд ва мехтари ишон, ки номаш Қобил аст, пешам омада, муъонақа кард ва ҳама фариштагон низ муъонақа карданд ва гуфтанд, ки марҳабо ё Расулаллоҳ (с), ба қабули ту осмон рушан гардид.

Баъдаҳу пештар рафтам, ҳазрати Яҳё ва Исо *алайҳиссалом* омада ба таъзими тамом гуфтанд, ки марҳабо ё аха-с-солиҳин ва набийа-с-солиҳин. Боз чун аз он ҷо равон шудам, дидам, ки фариштае бо шакли муҳиб, ки ҳафтод ҳазор сару бар, ҳар саре ҳафтод ҳазор даҳан ва бар ҳар даҳан ҳафтод ҳазор забон дошт. Тарсида аз Ҷабраил (а) пурсидам, ки ин кист? Фармуд, ки мехтар Қосим аст, ки ҳар махлуқотро ба дасти ӯ рӯзӣ мерасад.

Пас то осмони савум расидам, Мехтар Моил даромада муъонақа кард ва гуфт: «Марҳабо, ё Расулаллоҳ (с)». Минбаъд бо Юсуф *алайҳиссалом* мулокот шуда гуфт: «Марҳабо, ё набийа-с-солиҳин».

Пас аз он ҷо ба осмони чаҳорум расида бо мехтар Маътоил муъонақа карда, пештар шудам. Мехтар Идрис (а)-ро дидам, гуфт: «Марҳабо, ё набийа-с-солиҳин». Чун қадре масофат қатъ шуд, дидам, ки фариштаи азимушшон ва аз ҳар ду тарафи ӯ малоика истода ва чаҳор даҳан дошту дасти рости ӯ ба Мағриб ва дасти чапи ӯ ба Машриқ ва Осмону Замин дар зери шитолангаш менамояд ва тахти азимушшон пеши ӯ ниҳода. Пурсидам, ки ин кадомин фариштаст. Гуфт: «Ё Расулаллоҳ, ҳаза мехтар Азроил (а) — қобизи арвоҳ аст». Пеши ӯ рафта гуфтам: «Ассалому алайка, ё Малакулмавт». Ҷавоби саломам надод. Дарҳол аз боргоҳи илоҳӣ ҳукми муҳкам даррасид, ки: «Эй Азроил (а), ба ҷавоби саломаш пардохта, он чи ки аз ту пурсад, ба хусни вақҳ ба ҷавобаш бипардоз, зеро ки ҳабиби ман аст».

Пас Азроил *алайҳиссалом* сари худро бардошта гуфт: «Алайкум-ус-салом, ё ҳабибаллоҳ». Ва муъонақа карда, азбаски ба таъзиму такрим ба наздики хеш бинишонду гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), аз он замоне, ки офарида шудаам, ба кори бузургу амри сутурги халқи Худо маъмур гардида, фурсате соъате намеёбам, ки бо касе сухане бигӯям ё бишнавам. Имрӯз ба ҳукми илоҳӣ аз ту сухане чанд намоям». Гуфтам, ки қабзи рӯҳ чи гуна менамоӣ. Гуфт: «Ё Расулаллоҳ, (с) дарахте, ки пеши ман бубинӣ ҷамъи махлуқот ба шумори баргҳояш ҳастанд ва номи ҳар яке ба барге навиштаанд. Ҳар гоҳе, ки аҷалаш фаро расад, қабл аз чиҳил рӯз барге, ки дар ӯ ном мундариҷ аст, зард гардида, ба рӯзи маргаш фурӯ резад ва агар он банда аз аҳли

раҳмат бошад, то малоикае, ки дар тарафи ростанд, ба раҳмат бифиристам ва агар аз аҳли лаънат бошад, то фариштагоне, ки ба тарафи чапанд мутаъайин ба ғазаб менамоям».

Боз пурсидам, ки моҳият ва ҳақиқати рӯҳҳо чи гуна аст? Фармуд: «Намедонам, ки рӯҳ чи чиз аст. Лекин вақти қабз вазне сангин ба кафам медоранд». Боз фармуд, ки сабаби чаҳор даҳан, ки дорӣ, чӣ бошад? Гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), аз даҳани пешинам, ки аз нур аст, рӯҳи муъминон қабз менамоям ва даҳани рост, ки аз ғазаб мураккаб аст, аз он рӯҳи гунаҳгорон берун кашам ва даҳани чап, ки аз қаҳр сириштаанд, аз он рӯҳи мунофиқонро меситонам ва даҳане, ки аз тарафи пушти ман аст, аз оташи Дӯзах омехта, аз он ҷонҳои кофирону мушрикон бигирам». Боз гуфт: «Ё Расулаллоҳ, башорате ба ту медиҳам. Рӯзе ки Худои таъоло маро офаридааст, аз он рӯз фармон ёфтаам, ки рӯҳи умматони ту ба он саҳлу осонӣ қабз кунам, чунон ки писар шири модар мехӯрад ва аз он заҳмате ба модараш нарасад». Боз пурсидам, ки гоҳе аз ин курсӣ бархостай? Гуфт: «Се навбат бархостани ман гардидааст: аввал, барои овардани хоки Одам *алайҳиссалом* ва дувум, барои қабзи рӯҳи Одам *алайҳиссалом* ва савум, барои қабзи рӯҳи ҳазрати Мӯсо *алайҳиссалом*.

Пас аз он ҷо мураххас шуда, ба осмони панҷум даррасидам. Меҳтар Омоил, ки сардафтари малоикаи он ҷо буд, маъа чумлаи фариштагон пеш омада муъонака кард. Чун пештар рафт, бо Ҳорун мулоқот шуда, гуфт: «Марҳабо, ё Расулаллоҳ (с) ва муъонақа низ кард. Ман баъд бо Мӯсо (а) мулокӣ гаштам. Гуфт: «Марҳабо ё набийа-с-солиҳин». Боз гуфт, ки ё Расулаллоҳ (с), он чи бар умматони ту фарз кард, тааммуле ба кор бурда кабул намой, зеро ки умри умматони ту бисёр кам ва азбаски заифу нотавонанд.

Чун аз ин ҷо пештар рафт, фариштае, ки аз хайбати шаклу таркибаш заҳра об мешуду паҳнои вуҷудаш яксола роҳ менамуд ва гурӯҳе фариштаи кариҳманзар ба хидматаш ҳозир буданд, ба назараш даромад. Пурсид, ки ё ахӣ Ҷабраил (а), ин кадомӣ фариштаст? Фармуд, ки меҳтар Молик — дорӯғаи Дӯзах аст. Пас он Ҳазрат пеши ӯ рафта гуфт, ки «Ассалому алайкум». Ба ҷавоби саломаш напардохт. Дархол хитоб расид, ки эй Молик, ҳаза Муҳаммад Мустафо, Хотаму анбиё (с), бар ту салом кард, чаро минбаъд ба ҷавоби саломаш напардохтӣ? Меҳтари Молик номи покаш шунида, ба таъзиму такрим бинишонду гуфт: «Марҳабо, ё Расулаллоҳ (с)».

Расули Худо (с) фармуд, ки эй Молик аз моҳияти Дӯзах баёне фармуда, огоҳам бикун. Гуфт: Ё Расулаллоҳ (с), медонам, ки токати дидану шунидан надорӣ». Дар ин асно фармон

омад, ки он чи ҳабиби ман бипурсад, ба хусни вачҳ ба чавобаш бипардоз. Он гоҳ фармуд: «Ё Расулаллоҳ (с), бидон, ки ҳафт Дӯзахро Худои таъоло ба ғазаби хеш сохта ва тӯлу арзи ҳар яке аз он мисоли Осмону Замин ва дар миёни ҳар Дӯзах азоби оташ гуногун аст. Ва андаруни ҳар яке майдоне чигарсӯз аз оташ тартиб додаанд ва дар миёни ҳар майдон ҳафтод хазор кӯҳ ва ҳар кӯҳ ҳафтод ҳазор дар ва дар ҳар дарвоза ҳафтод ҳазор шаҳр ва дар ҳар шаҳр ҳафтод ҳазор маҳалл ва дар ҳар маҳалл ҳафтод хазор ҳувайлӣ ва дар ҳар ҳувайлӣ ҳафтод ҳазор макон ва дар ҳар макон ҳафтод ҳазор гӯша ва дар ҳар гӯша ҳафтод ҳазор сандуқ ва дар ҳар сандуқ ҳафтод хазор мору каждум аз оташ сириштаанд, ки агар ахгаре аз он ба Дунё афтад, то ҳама махлуқ, ки аз ҳайвоноту набототу чамодот ва ғайраанд, сӯхтаву хокистар шаванд. Ва ҳамчунин маконоту майдон ва ғайра, ки мазкур шуда, андаруни хар яке Дӯзах аз барфу ях низ тартиб сохтаанд. Ва гармову сармо, ки дар Дунё мешавад, аз таъсири нафаси Дӯзах аст. Зеро ки ҳар сол ду бор нафаси худ ба сӯи Дунё мегузорад. Ва сиво аз ин ҳам баёни азобҳо бисёр кард.

Ба истимоъи ин маънӣ он Ҳазрат (с) андӯҳгин шуда, ба сӯи Осмони ҳафтум ташриф бурда, каррубиёнро, ки ба ибодати илоҳӣ машғул буданд, мушоҳадакунон пештар мерафт, ки Иброҳим *алайҳиссалом* омада гуфт: «Марҳабо, ё набийассолиҳин!» Чун аз он мақом болотар шуд, бидид, ки фаришгае нексурату хушшакл бар курсии азимушшон нишаста ва фаришгагони некхулқу хушманзар аз чапу рости ӯ истода. Ва аз хар чаҳор сӯяш нуре метобад ва рушанӣ медурахшад. Ҷабраил (а) фармуда: «Ё Расулаллоҳ (с), ин фариштa, ки мебинӣ, номи ӯ Ризвон — доруғаи Биҳишт аст». Пас он Ҳазрат (с) пеши ӯ рафта «Ассалому алайкум» фармуд. Ризвон филфавр ба чавоби саломаш пардохта, муъонақа намуда гуфт: «Марҳабо, ё Расулаллоҳ» (с).

Дар ин асно амри Ҷалилулқадр шарафи нифоз пазируфт, ки ё Ризвон, Молик ба суханони Дӯзах ҳабибамро ғамгин намудааст, бояд ки зикри Биҳишт карда, хушу хурсандаш созӣ. Ризвон гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), наъту-сифати ту Худои таъоло ба Қуръони мачид фармудааст ва умматони ту қабли умматони пайғамбарони дигар ба Биҳишт хоҳанд рафт. Ин бигуфта дасти муборакаш гирифта, сӯи Ҷаннат-ул-фирдавс мутаваччеҳ шуд.Чун меваҳои гуногуну хурсандиҳои букаламун он чо ба назари муборакаш даромада, хушу хуррам гардонид, овозе аз ғайб дар омад, ки ё Ҳабиби ман, барои умматони ту ин хама неъмат тайёр кунонидам ва ишон абадулобод дар ӯ муъаззазу мумтоз хоҳанд буд.

Пас он Ҳазрат (а) шукри Парвардигор ба ҷо оварда, пештар равона шуда, ба Байтулаксо, ки аз ёқуту марвориду зумурради сабз тартиб ёфтааст ва сездаҳ сутун аз ёқути сурху саҳнаш аз дурру зар буд, даррасид. Дар он маком баракати анҷом ду ракъат намоз бо фариштагон бигузаронид.

Дар ин асно се пиёла пур аз ширу шаробу шаҳд аз ҳузури Худои таъоло даррасид. Ва дар ривояте омадааст, ки яке пиёла пур аз об хам буд. Ҷабраил (а) фармуд: «Ё Расулаллоҳ (с), аз ин пиёлаҳо ҳар киро, ки бихоҳӣ, ихтиёр кун!» Он Ҳазрат (с) пиёлаи шир ихтиёр карду бинӯшид. Он гоҳ фариштагон офарин карданду гуфтанд: «Ё Ҳабибаллоҳ, агар об ихтиёр мекардӣ, ҳама умматони ту ба фиску фуҷур ғарқ будандӣ ва агар шаҳд ба ихтиёр меовардӣ, умматони ту ба хоҳиши Дунё мебудандӣ ва агар шароб нӯш мефармудӣ, ҷумла умматонат ба шаробу сукр моил мебудандӣ. Ва пиёлаи шир, ки ихтиёр кардӣ, умматонат аз офати Дунё наҷот ёфтанд, лекин кадре шир, ки бигзоштӣ, аз он андаке гунаҳгор ба умматони ту хоҳанд буд».

Пас хост, ки пиёла бардошта, шире, ки боқӣ буд, бихӯрад. Ҷабраил (а) гуфт, ки акнун агар бихӯрӣ, чизе муфидтар нахохад шуд. Пас он Ҳазрат (с) хеле андӯҳгин шуда, пештар равон гардида ба Сидратулмунтаҳо расид. Пас он Ҳазрат (с) ба мӯҷиби гуфтаи Ҷабраил (а) аз Бурок фуруд омада, бинистод ва ларза бар андоми муборакаш афтод.

Ҷабраил *алайҳиссалом* гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), мақоми ман то ба ин ҷо аст, пештар рафтанам фармон нест. Ва агар миқдори сари мӯ болотар бипарам, аз таҷаллии Ҷалолат пари ман бисӯзад». Фармуд: «Ё ахӣ Ҷабраил, маро танҳо мегузорӣ?» Ҷабраил (а) гуфт: «Ё Расулаллоҳ, малаке дигар аз ин ҷо хохад бурд ва тарсе ба хотири шариф маёр. Ва илтимосе, ки дорам, аз Худои таъоло дархост намуда, ҷавоби он ба ман биёр, зеро ки имшаб рӯзи бозорат аст». Гуфт: «Бигӯ». Гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), таманнои ман ҳамин аст, ки ба рӯзи Қиёмат бозуи худро болои Пули Сирот бигустураму умматонатро ба саломат убур намоям». Дар асно Исрофил *алайҳиссалом* бо тахти нуронӣ, ки онро Рафраф мегӯянд, аз ҳукми илоҳӣ даромад. Он Ҳазрат (с) ба он тахт савор шуда, ҳафтод ҳазор ҳиҷоб, ки аз ҷавоҳирот буду масофати ҳар як ҳиҷоб панҷсола роҳ аст, тай кард, ба мақоми Рафраф, ки манзилу маъвои Исрофил *алайҳиссалом* аст, аз он Букъа ҳафтод ҳазор ҳиҷоби нур тай кард ва ба зери Арш фонз гардид.

Б а й т:

Чу Рафраф шуд мушарраф аз вуҷудаш,
Гирифт аз дасти Рафраф Арш зудаш.

Пас хитоб омад, ки «ё Ҳабиб, пеш о!» Хост, ки наълайиро аз по беруи кунад, дарҳол Арш ба ҷунбидан омад. Ҳукм расид, ки ё Ҳабиби ман, бо наълайн биё, то Арши маҷид қарор гирад! Арз намуд, ки ё илоҳо, ба Мӯсо (а) ҳукм шуда буд, ки чиҳил рӯз рӯза дошта, наълайн аз по бароварда, болои Тури Синин биёяд. Пас дар ин мақом, ки аз Буқъа ҳазор дараҷа бартар аст ва фазилат афзун аст, чи гуна бо наълайн биёям. Ҷавоб омад, ки ё Ҳабиб, Мӯсо (а)-ро хоки он мақом ба пои худ олоидан мӯҷиби нозу фахр буд ва аз хоки наълайни ту Аршро сарфарозу мумтоз хоҳам намуд.

Алҳосил, он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* маъа наълайн бар болои Арши маҷид шуда дид, ки сӯи рости Арш сесаду дувоздаҳ минбар ниҳодаанд ва ба ҷониби чап минбари азимушшони мурассаъ ба зару ҷавоҳир сохта. Он Ҳазрат (с) ҳоли минбарҳо пурсид. Хитоб омад: Минбарҳое, ки ба тарафи рост муҳайёанд, барои пайғамбарони дигар ниҳодаам ва минбаре, ки ба сӯи чап аст, барои ту омода карда . Он гоҳ хасба-л-иршоди Раббулибод боз Рафраф омада, маро ба болои худ бардошта, то ба Ҳиҷоби Кибриё расонида ғоиб шуд.

Ва ман танҳо бимондам. Он гоҳ ваҳшате азим бар ман сироят кард. Ногоҳ овозе мисоли овози Абубакр ба гӯшам дарасид, ки мегуфт: «Ё Муҳаммад, таваккуф кун, ки бешак Парвардигори ту дар салот машғул аст». Аз ин маънӣ мутаажҷиб шудам, зеро ки овози Абубакр аз кучост. Лекин аз он овоз чизе тамоният ба хотирам падид омад, то арз кардам, ки ё Илоҳо, ту аз хонданн намоз пок ҳастӣ ва овози Абубакр аз кучо омад? Ҳукм шуд: «Ҳабиби ман, салоти ман бар ту ва умматони ту раҳмат аст ва овози Абубакр (*раз*) ба-д-ин маънӣ буд, ки ӯ ёри ғор ва анису вафодори туст. Агар ин ҷо овозаш бишнавӣ, то тамонияти тамому тасаллияти молокалом ба ту ҳосил ояд ва ваҳшат аз дили ту рабояд. Лиҳозо фариштаеро ба сурати Абубакр (*раз*) гардонида, овозаш мисли овози ёри ту намудем».

Ва баъзе бар онанд, чун битарсид, дарҳол қатрае об, ки ширинтар аз ангубину сардтар аз барф буд, бичакид ва илми аввалу охир аз он қатра бидонист ва низ рафъи хавф шуд.

Пас ҳафтод ҳазор ҳиҷоб, ки аз нур буд, гузашта ба Қобақавсайн расида, нури илоҳиро, ки ба зуҳур омада буд, дид ва ба сачда дарафтод ва гуфт: **Ат-таҳиййёту лиллоҳи ва-с-салавоту ва-т-тайибот.** Яъне: бандагӣ гуфтан аз ман барои Худованд аст ва бандагии бадану бандагии мол низ барои ӯст.

Худои таъоло фармуд: **Ассалому алайка, айуҳа-н-набийу ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.** Яъне: салом аст бар ту, ё набӣ ва раҳмату баракати ӯ низ бар ту.

Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* арз намуд: **Ассалому алайно ва ъало ибодиллоҳи-с-солиҳин.** Яъне: салом аст бар ману бар бандагони Худои таъоло, ки неканд.

Дар он мақом фариштагон гуфтанд: **Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу.** Яъне: гувоҳӣ медиҳем, ки нест касе маъбуди барҳақ, магар Худои таъоло ва гувоҳӣ медиҳем, ки Муҳаммад (с) бандаи ӯ ва фиристодаи ӯст. «Ваҳдаҳу ло шарика» бино бар набудани касе мушрик дар он ҷо нагуфтанд. Ва Худои таъоло фармуд, ки он чи ман ва туву фариштагон дар ин замон гуфтем, онро ҳар вақт ба қоидаи намоз бихонӣ.

Боз фармуд: «Ё Ҳабиби ман, аз Арш то Фарш ва он чи дар ӯ ҳаст, ба хотири ту офаридаам, он чи ки мехоҳӣ бихоҳ!» Пас он Ҳазрат (с) сар ба сачда ниҳода гуфт: «Каримо, умматони ман азбас ки заифу лоғаранд ва аз азоби ту метарсам, лихозо мехоҳам, ки хатиоту таксироти умматонамро тамому камол бахшида, аз азоби оташи Дӯзах бираҳонӣ». Худои таъоло фармуд, ки сулси гуноҳи умматонат бахшидам. Боз он Ҳазрат (с) сачдакунон арз кард, ки Раҳимо, ҷумла гуноҳи умматонамро бубахш! Хукм шуд, ки ду сулси гуноҳи умматони ту бахшидам. Боз истидъои афви ҷумла ҷаронми умматон кард. Хукм шуд, ки ҳар ки ба сидки дил калимаи тайиба бихонад ва ба мазмунаш эътикод намояд, агарчи гуноҳ карда бошад, ба фазлу карами хешаш бибахшам, ба шарте ки бо ман ширк наёварда бошад ва дар куфр нарасида.

Боз ҳукми илоҳӣ ба шарафу нифоз бипайваст, ки эй Ҳабиби курайшӣ, дар Дунё фақирӣ ихтиёр кардӣ, агар Дунё мехостӣ, то ҷамодоту набототу замин симу зар бикардаме ва Дунёро дор-ул-қарор сохтаме ва ёкуту зумурраду луълуву марҷон пайдо намудаме, то маъа умматони ҳуд абадулабад зиндагонӣ мекардӣ. Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* сари муборакро ба сачдаи Эзиди мутаъол ниҳода, муноҷот кардан гирифт, ки Худовандо, Дунё мурдору наҷис аст, маро ба таклифи Дунё оқибат манзур аст. Муқаррар иршод гардид, эй Ҳабиби ман, саволи Ҷабраил фаромӯш кардӣ? Ҷаноби Рисолатмаоб *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* арз намуд, ки ё илоҳо, ту донотарӣ ва саволаш ту хуб медонӣ. Ҳукм шуд, ки саволи Ҷабраил (а) барои асҳобу дӯстони ту қабул кардам.

Баъдаҳу он Ҳазрат (с) барои мағфирати умматон бисёр муноҷот кард. Хақтаъоло ба фазлу карами хеш кабул намуда, барои тамошои Биҳишт ҳукм фармуд. Он Ҳазрат (с) ҷумла неъмати Биҳишт мушоҳада карду маконоте, ки аз ҷиҳати аҳли байт ва асҳоби кибор тайёр шуда буд, чудо-чудо муояна карда, ҳамду санои Ҳакими алалитлоқ ба ҷо овард. Ва дар ин

асно хитоб омад, ки ё Ҳабиби ман, маконоти худу тобеъини худ дида, аз мо хушнуд шудӣ? Арз намуд, ки Худовандо, он чи ризои мавло аз ҳама авло, бандагонро чи маҷол, ки бар ҳукми Худованди неъмат норозӣ шаванд ва ҳарфзанӣ намоянд. Ҳукм шуд, ки ин ҳама неъмат бар душманони ту харом гардонидам. Боз он Ҳазрат (с) барои дидани Дӯзах мутаваҷҷиҳ шуда, ҳиддату ҳарорати табақот ва ҷӯшу гармии даракоти Дӯзах мулоҳаза мекард. Ин аст, ки аз табақаи аввал ба нисбати табақаи дигар ранҷу азоб камтар аст. Лекин андарунаш низ ҳафтод ҳазор дарёи оташини нопайдоканор ба ончунон ҷӯшу хурӯш равон буданд, ки агар андаке аз он дар Дунё расидӣ, аҳаде аз хилқати Дунё ҳайю қоим набудӣ.

Он Ҳазрат (с) аз Молик пурсид, ки ин табақа аз баҳри кадомӣ уммат тайёр гардидааст? Молик сарнагун шуда, ба ҷавобаш напардохт. Ҷабраил (а) фармуд, ки Молик ба шарму мулоҳазаи он Ҳазрат (с) арз наменамояд. Фармуд: «Баёни он соз, шояд ки имрӯз чизе тадоруки он метавонад шуд». Пас Молик ба гиряву зорӣ арз намуд, ки ин табақа барои уммати гунаҳгорон тайёр шудааст. Бояд ки умматони худро ба заҷру насиҳат аз гуноҳ боздорӣ ва илло ба рӯзи қиёмат маҷоли тахфифи азобу ранҷ маро нест ва нахоҳад буд.

Ба муҷарради истимоъи ин маънӣ, он Ҳазрат (с) дастор аз сари муборак андохта, селоби ашк монанди дидаи ғамдида равон карда, ба муноҷот машғул гардид, ки ё Илоҳӣ, азобе, ки дар Дӯзах аст, тоқати диданам нест. Чи гуна умматонам, ки заъифу паҳифанд, тоби он азоб бардоранд. Худовандо, ту ғафуру раҳимӣ. Хитоб омад, ки эй Ҳабиби ман, ғам махӯр, ки ба рӯзи Қиёмат ба шафоъати ту чандон бахшам, ки ту розӣ шавӣ.

Пас он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* гуфт: «Ба иззати зоти ту, ки ҳаргизу ҳаройина розӣ нашавам, ҳатто ки ҳар якеро аз умматонамро ба Биҳишт бубарам». Ба-д-ин вақт бо он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* навад ҳазор калимоти розу маънӣ ва наҳӣ аз ҷаноби Борӣ воқеъ шуд.

Боз хукми олӣ аз ҷаноби Борӣ даррасид, ки ҳар рӯз намоз панҷоҳ вақт ва ҳар сол рӯза шаш моҳ ба умматони ту фарз кардам. Он Ҳазрат (с) илҳоҳу зорӣ оғоз ниҳод, ки ё илоҳо, умматонам азбаски заъифу низоранд, ин қадар бори гарон натавонанд бардошт. Ҳукм шуд, ки бисту панҷ вақт намозу се моҳ рӯза фарз намудам. Он Ҳазрат (с) сари муборак бар саҷда ниҳода, дар дили таҷаллиманзили худ тафаккур намуда, ки агар дар шабу рӯз панҷ вақт намозу ҳар сол як моҳ рӯза будӣ, то аз умматонам ба хубӣ адову тамом мешудӣ. Ҳукм шуд, ки ё Ҳабиби ман, он чи ки дар дили худ ирода карда, қабул кардам ва дар савоби рӯзаи шашмоҳу намоз панҷоҳгона ҳоҳам бахшид.

Ва баъзе бар онанд, ки чун он Ҳазрат (с) аз даргоҳи Борӣ ба Байтулақсо ташриф овард, аз гуфтан Мӯсо (а) боз ба даргоҳи Раббулъоламин рафта, ба илҳоҳу зории бисёру навҳаву гиряи бешумор намоз панҷгонаву рӯза як моҳ кунонида буд.

Алҳосил, боз арз намуд, ки чун умматонам бипурсанд, ки барои мо аз даргоҳи Карим чӣ тӯҳфа овардӣ, ишонро башорат диҳам? Фармон шуд, ки аввал намози панҷгонаву рӯзаи якмоҳа ва сӣ ҳазор калимот аз кори диниву дунявӣ ба ишон бирасон. Ва сӣ ҳазор калимот, ки ба розу маънӣ гуфтаам, магӯ ва сӣ ҳазори дигар хоҳ бигӯ, хоҳ магӯ. Он Ҳазрат (с) қабул карда саҷдаи шукр ба ҷо оварда, гуфт: «Ё Илоҳо, он чи ки дидаму шунидам, ба кӣ гӯям ва кадом кас эътибор кунад?» Ҳукм шуд, ки аввал Абубакр (*раз*) суханатро рост хоҳад донист. Пас он Ҳазрат (с) сар ба саҷда ниҳода, аз даргоҳи Борӣ рухсат шуд. Ба Рафраф савор гардида, ба Сидратулмунтаҳо расид. Чун Ҷабраил (а) маъа Бурақ мунтазир буд, он Ҳазрат (с) аз Рафраф фуруд омада, бар Бурақ савор шуда, ба Байтулақсо расид.

Чун дар он ҷо ҷумлаи пайғамбарони мурсал ва ғайримурсал мунтазир буданд, он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва салламро* дида, муборакбодӣ дода, муъонақаву мусофаха карданд. Баъдаҳу Ҷабраил (а) азон гуфт ва он Ҳазрат (с) имомат намуд ва ҷумла анбиё *алайҳим-ус-салоту ва-с-салом* муқтадӣ шуданд. Минбаъд аз он ҷо рухсат шуда ба хонаи Уммҳонӣ ташриф овард ва Ҷабраил (а) муроҷаъат ба мақоми хеш фармуд. Он Ҳазрат (с) ба бистари худ омада дид, ки ҳанӯз гарм аст ва ҷое, ки вузӯ карда буданд, ҳанӯз об дар он ҷо равону рехта ва занҷири дари ҳуҷра меҷунбад.

БАЁН ФАРМУДАНИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА САЛЛАМ ҲАҚИҚАТИ МЕЪРОҶ ВА МУСАЛМОН ШУДАНИ ЯҲУДӢ ВА ҒАЙРА

Овардаанд, ки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* баъди фароғи намози фаҷр ҳикоёти меъроҷу ривоёти он аз Абубакри Сиддиқ (*раз*) ва саҳоба бо тасдиқ *разияллоҳу* анҳум баён мефармуд. Ва Сиддиқ ба муҷарради истимоъи каломи садоқатилтиём фармуд: «Садақта, ё Расулаллоҳ (с)!» Аз он рӯз лақабаш Сиддиқ (*раз*) шуд. Ва Абуҷаҳл ва ғайра кофирон гуфтанд, ки кизбу буҳтон бар вай кор оварда бошӣ, аз ин сабаб зиндиқ шуданд. Ва ҳар ки мувофиқи Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* тасдиқ кунад, бе шоибаву райб мисли он ҷаноби Сиддиқ хоҳад буд ва ҳар ки мункири меъроҷ аст, бе шубҳатеву шакке мутобиқи Абуҷаҳли лаъин аст.

Ва аз атрофи он маҳфили қудсимашокил яҳудӣ мегузашт,

шунида гуфт, ки дурӯғ мегӯяд. Пас аз он ҷо сӯи бозор рафта моҳии сутург харида ба мақоми хеш омада ба завҷаи худ гуфт, ки зуд ва ҷалд бирён кун, зеро ки ҷуъу гуруснагӣ бар ман ғолиб аст ва ман барои ғусл меравам. Ин бигуфту ба дарё рафт. Чун ба канори дарё расид, порчаҳои хеш ба ҷое гузошта, мутаваҷҷиҳ ба ғусл шуд. Ғута ба об зад, ҳамон буд, ки ба сурати зане ҷавон баромад. Ҳамон чун порчаи гузоштаи худ наёфт ва худро ба машрабе, ки ғусл мекард, надид, шарманда шуда, бараҳна ба танаи дарахте, ки муттасили оби машраб буд, худро бипӯшид. Дар ин асно ҷоҳиле бар асб савор шуда меомад ва ҳоли ӯ мушоҳада мекард. Наздикаш расида, дасти ӯ гирифта бар асби хеш савор карда, ба хонаи худ оварда ва никоҳ кард, ҳатто ки ҳафт сол хонадории он ҷавон кард. Ва се фарзанд зоид.

Рӯзе он зан бо занони ҳамсоя барои ғусл ба дарё даромаду порчаҳои худ ба канори дарё ниҳода, ба об рафт ва ғӯта хӯрда сар бароварда, то худро ба сурати аслӣ дар он машраб, ки аввал ғута зада буд, дид. Порчаҳои худро ниҳода, ба ҳамон вазъ, ки дошта буд, ёфт. Пас шукри Парвардигор ба ҷо оварда, мутааҷҷиб шуда, ба хонаи худ омада дид, ки моҳӣ ҳамчунон метапид ва зани ӯ дар коре, ки буд, машғул аст.

Гуфт, ки ҳанӯз моҳиро напӯхтаӣ? Занаш гуфт, ки акнун овардаӣ, замоне ҳам нагузашта чи гуна бипазам. Яҳудӣ донист, ки он чи Расули мақбул (с) ҳоли меъроҷ баён фармуд, шакку шубҳате дар ӯ нест. Шояд, ки ӯро дурӯғгӯ гуфта будам, бино бар ҳамчунин мочаро бар ман рафт.

Алқисса, яҳудро хоҳиши ислом падид омад. Дарҳол ба чаноби Рисолатмаоб (с) омада дид, ки он Ҳазрат (с) ҳамчунон зикри меъроҷ мефармуд. Арз намуд: «Ё Расулаллоҳ (с), меъроҷатро дурӯғ дониста будам, лиҳозо ~~таъ~~зири он ёфтам. Саҳобӣ *разияллоҳу анҳум* пурсиданд, ки чи гуна таъзир ёфтӣ? Яҳудӣ ҳақиқати хешро аз матлаъ то мақтаъ бозхонд. Ҷумла саҳобӣ *разияллоҳу анҳум* сачдаи шукри Ҳаким алалитлоқ ба ҷо оварда гуфтанд: «Ё Расулаллоҳ (с), ин муъҷиза хосс маҳз ба зоти поки туст, ки касе дигар ба ин иноятӣ кубро ва маҳорати узмо фонзу мунзал нашудааст».

Алҳосил, он яҳуд мусалмон шуд ва Абубакрро асар накард ва балки гуфта буд, ки ин ҳама суханон фиребсозиву нфтиропардозӣ аст. **Ва ман юзлиллоҳу фамо лаҳу мин ҳодин. Ва ман яҳдиллоҳу фамо лаҳу мин музиллин.**[а]

Яъне: Ҳар киро гумроҳ кунад Худои таъоло, пас нест хидояткунандае ӯро. Ва ҳар касеро, ки роҳ намояд Худои таъоло, пас нест гумроҳкунандае ӯро.

[а] Қуръон: 39, 36—37.

Филҷумла, ҳар гоҳе ки хабари меъроҷи шариф ба Маккаи муаззама интишор ёфт, аксари аҳли Макка иттифоқ карда, аз он Ҳазрат (с) аҳволи Байтулмуқаддас пурсиданд ва гуфтанд: «Агар ҳоли он тамому камол бифармой, то моён ба ту бигаравем ва имон оварда мусалмон шавем. Зеро ки мо аломатҳои Байтулмуқаддас ба хубтарин вачҳ медонем». Он Ҳазрат (с) ба додани нишони Байтулмуқаддас замоне мутааммилу мутафаккир шуд. Зеро ки аломати Байтулмуқаддас дарёфтан дар он вақт чизе эҳтиёҷ набуд. Дар ин асно Ҷабраил (а) Байтулмуқаддасро бар пари худ бардошта, пеши рӯи он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* овард, то ҳар чи ки пурсанд, ҷавоби он баён мекард. Қасоне, ки мунсифи мизоҷу саъодатманди азалӣ буданд, имон оварда гуфтанд: «Саддақно, ё Расулаллоҳ (с)!» Ва мардумоне, ки эидди ишон буданд, аз қудрати комилаи Парвардигори худ мункир шуда, гуфтанд, ки ҷисми сақили хокӣ бар осмон рафтан баъид аз қиёс аст.

Пас, эй муъминон, бидонед ва эй доништмандон дарёбед, ки соҳибони ҳайату танҷим ба далели ҳандаса собит кардаанд, ки ҷирми Офтоб аз кураи Замин азбаски зиёд аст, ба сабаби гардиши худ ва фалак масофати ҳазорон сол ба як ламҳа қатъ мекунад. Ҳар гоҳе ки инчунин сайри суръати офтоб индалақл муҳол нашуда, пас агар офтоби нубувват, ки аз нури босурури ӯ ҳама мавҷудот пайдо шуда, ба андаке шаб ба осмон даршуда ва аз болои Арш барояд, чи аҷаб хоҳад буд. Ва чун Шайтон, ки бадтарини халқ аст, ба як лаҳза аз Машриқ то ба Мағриб меравад, пас он кас, ки бехтарини ҳама мавҷудот аст, ба андаке шаб ба осмонҳо раваду эуд бозояд, назди хиради хурдабин чи муҳол менамояд. Ва Ҷабраил *алайҳиссалом* ва ғайра фариштагон борҳо аз Осмон дар лаҳзаву ламҳа ба Замин меоянду мераванд. Агар шахсе, ки яке аз ёрони ӯ аз ҳазорон фариштa бехтару афзал аст, дар суръати азмина аз Замин ба Осмон ташриффармо шаваду бозояд, чи гуна шаккеву шубҳате ба хотири хирадпарварду замири зиёгусар хутур кунад ва музмар намояд. Ҳамчунин ҳазорҳо далоилу бароҳин ба тасдиқи меъроҷи он Ҳазрат (с) намудаанд, чун дар ин рисолаи мастур тиволати калом набуда, бинобар ҳамин қадар басанд намуда шуд.

ЗИКРИ БАЪЗЕ ХАСОИСУ КАМОЛОТ ВА МУЪҶИЗОТИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА САЛЛАМ

Ровиёни ривоятсозу ҳокиёни ҳикоятпардоз чунин овардаанд, ки Абубакри Сиддиқ ибни Қаҳофа *разияллоҳу анҳумо* риъоят фармуда, ки рӯзе он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи*

ва саллам ба зулму тааддии Қурайш кора шуда, ба шохи дарахте шамшери худ овехта, ба зери он дарахт бихуфт. Ва дар ин асно яҳуд аз аъробӣ дар омада шамшер аз болои дарахт фуруд оварда хост, ки сари муборакашро чудо созад. Дар ин асно шохе аз дарахт барчаста саращро пора-пора карда ба азоби абадӣ фиристод.

Ва Абдуллоҳ ибни Аббос (*раз*) фармуда, ки Ракона ном аъробӣ, ки Рустами замону исфандиёртавон буд, посбонии гӯсфандон мекард. Рӯзе он Ҳазратро (с) дида гуфт: «Ё Муҳаммад (с), туӣ, ки маъбудонамро такзиб менамоӣ?» Фармуд: «Бале». Гуфт: «Ё Муҳаммад (с), Худои худро ба мадади хеш бихон ва бо ман кӯштӣ бикун, агар ғолиб ой бешакк ба ту имон ораму мусалмон шавам ва агар ман ғолиб оям, дини ту чизе нашуморам». Ин бигуфт ва он Ҳазрат (с) даргирифта, чунон қувват намуд, ки агар кӯҳе будӣ аз ҷой баркандӣ, магар мӯи он Ҳазратро (с) ҷунбише дода натавонист. Пас он Ҳазрат (с) ба панҷаи рисолат гирифта ба қуввати нубувват кашидаву ба болои сари худ оварда, ба замин андохт. Пас яҳуд рисолаташро якин донисга, ҳамон вақт мусалмон шуду калимаи шаҳодат биёмӯхт.

Ва ҳазрати Ҷобир *разияллоҳу анҳу* мегӯяд, ки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* сабуе самн ба модари Имом Молик *раҳматуллоҳи алайҳ* иноят фармуда буд, бо вучуде ки чиҳил сол харҷ намуда, кам нашуд, магар аз сабабе баъди имзои солҳои мазкура бишикаст.

Абуҳурайра *разияллоҳу анҳу* мефармояд, ки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* маро чандин хурмо бахшида буд ва ман онро ба зарфе ниҳода, қариб бист сол бихӯрдам ва аксар ба роҳи Худо додам, чизе аз он кам нашуд. Лекин вақти шаҳодати амирулмуъминин Усмон *разияллоҳу анҳу* баракат аз он соқит шуд.

Рӯзе ки фатҳи Макка шуд ва ба Масҷидулҳаром дохил шуд, аз тознёнае, ки ба дасти муборакаш буд, сӯи бутон, ки андарунӣ Каъба буданд, ишора ба задан кард ва ин оят бихонд: қавлуҳу таъоло: **Қул ҷоа-л-ҳаққу ва заҳақа-л-ботилу...**[а]

Яъне: ҳаққ омаду кизб бигрехт. Дарҳол ҳама сарнагун афтоданд.

Шахсе аз рӯи хуштабъию ҳазл таъом ба дасти чап мехӯрд. Фармуд, ки ба дасти рост бихӯр. Гуфт: «Наметавонам». Фармуд: «Нахоҳӣ тавонист». Пас он кас ба муддатулумри худ ба дасти рост хӯрдан натавонист.

Ва вақти нубувват ҷамодот «салому алайкум» гуфтандӣ ва

[а] Қуръон: 17, 81.

агар сангрезае ба дасти муборак бардоштӣ, дарҳол тасбеҳ гуфтӣ. Боре бар сутуне такя карда, хутба мехонд. Чун минбар тайёр шуд, тарки он сутун карда, ба минбар истода хутба мехонд. Филҳол он сутун овозу фарёд бароварда, нолидан гирифт ва гуфт, ки аз баракати пушти муборак маҳрум шудам. Ҳатто ки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* бо ӯ муъонақа кард, то шӯру фарёдаш мавқуф шуд.

Боре як ҳазору чаҳорсад лашкар ҳамроҳи он Ҳазрат (с) буданду ҳама об харҷ шуда буд. Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ангушти шаҳодат ба чое биниҳод, ҳамон буд чашмае об ҷорӣ шуд. Пас ҷумла лашкариён осуда шуданд.

Боре дар Ҷанги Аҳзоб аз нони чор осор ҷавъ ҳазорон ҷавонро хӯронида сер карда буд, он нон ҳамчунон мавҷуд монд. Боре ба лашкар асбоби хӯрданӣ тамом шуда буд, лекин андаке боқӣ буд. Он Ҳазрат (с) дуъо фармуд, Аллоҳ таъоло чунон баракат дод, ки ҳама лашкар аз он сер шуданд.

Боре дар Ҷанги Табук дар миёни сӣ ҳазор лашкар обе, ки кифояти як кас шавад, буд. Он Ҳазрат (с) тире дар он истода карда дод, то он қадар об аз он ҷӯш намуд, ки ҳама фавҷро серобӣ ҳосил шуд.

Рӯзе чанд кас ансорӣ омада гуфтанд, ки шутурони мо нофармонӣ мекунанд ва боре, ки бар ишон мениҳем, меандозанд ва фармонбардор намешаванд. Он Ҳазрат (с) пеши шутурон рафт, дарҳол ҳама шутурон бархоста сачда карданд ва он Ҳазрат (с) мӯи пешонии ишон гирифта, чизе бифармуд. Аз ҳамон таърих боз саркашӣ накарданд ва мутеъу тобеъи моликони худхо шуданд.

Боре шутур ба хидматаш ҳозир шуда, шикояти молики хеш намуд. Он Ҳазрат (с) ба моликаш фармуд, ки он шутурро ба қимати вочибе бо ман бифрӯш ва илло хабардорӣ ба хӯрданаш ба ҳусни вачҳ намой!

Рӯзе шутуре ба хидмати он Ҳазрат (с) омада арз намуд, ки дар чое, ки мебошам, мардумон он чо намозӣ ишо нагузоранд. Он Ҳазрат (с) ишонро талаб фармуда, тақайюди намоз фармуд.

Рӯзе аъробиеро даъват кард. Аъробӣ гуфт: «Ба пайғамбарии ту гувоҳ кадом аст?» Он Ҳазрат (с) дарахтеро, ки дар пешаш буд, бихонд. Ба ҳукми илоҳӣ дарахт се бор гуфт: **Ашҳаду ал-ло илоҳа иллаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу.**

Аъробӣ дарҳол имон овард.

Рӯзе барои ҳазрати Аббос (раз) ва фарзандонаш дуъо мефармуд, ҳама дару девор ва санг он чо омин-омин гуфтанд

ва аз писаре, ки ҳамон рӯз таваллуд шуда буд, он Ҳазрат (с) фармуд, ки ман кистам? Гуфт, ки Муҳаммад — расули Худо ҷалла ва ало ҳастӣ. Ва шахси лолу бесуханро пурсид, ки ман кадомам? Бетааммул гуфт, ки расули Худо ҳастӣ.

Писари мачнунро пеши он Ҳазрат (с) оварданд. Пас дасти мубораки худ бар ӯ бимолид, дарҳол сиҳҳати куллӣ ба-д-ӯ ҳосил шуд. Ва шахсе писареро оварду гуфт, ки акнун писарам чизе сухан нагӯяд, балки мисли лол менамояд. Он Ҳазрат қадре оби ғарғаран худ бинӯшонид, филҳол ба сухан омад ва донову олим шуд.

Шахсе ба марази истинқо қарибулҳалок буд. Пеши он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* омада истидъои дуъову шифо намуд. Пас Пайғамбар (с) қадре об аз даҳони мубораки худ ба қадре хок омехта, ба-д-ӯ дод ва он кас бар забони хеш ниҳод, филҳол сиҳат шуд.

Дар Ғазвани Хайбар чашми мубораки ҳазрати Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* ба дард омада буд. Он Ҳазрат (с) обе аз даҳани худ гирифта, мисоли сурма дар чашми ӯ молида, ба фазли Худои таъоло сиҳҳати куллӣ ба-д-ӯ расид.

Шахсеро чашм аз кор рафта буд. Он Ҳазрат (с) чизе хонда, бар он дам кард, филҳол дидан гирифт. Касеро по шикаста буд. Он Ҳазрат (с) даст бар ӯ молид, филҳол пайванд гардид.

Шахсеро, ки писаре мурда буд, гуфт: «Агар писарамро зинда кунӣ, ба ту имон орам». Он Ҳазрат (с) пеши қабраш рафта овоз дод, ки писар, ба ҳукми Худои таъоло бархез! Ҷавоб дод: «Лаббайка ва саъдайка, ё расулаллоҳ». Фармуд: «Эй писар, хоҳиши Дунё дорӣ?» Гуфт: «На, ё расулаллоҳ, аз Дунё охиратро бехтар ёфтам». Фармуд, ки падару модари ту имон оранд, агар хоҳӣ, берун омада бо ишон якҷо шавӣ. Гуфт, ки аз модару падар чизе ҳоҷат надорам.

Рӯзе Ҷобир *разияллоҳу анҳу* даъвати он Ҳазрат (с) карда, гӯсфандеро забҳ намуд. Писари Ҷобир писари дигарро ба таври бозӣ забҳ намуд. Чун модараш он ҳол мушоҳада кард, гиряқунон бидавид. Ва он писар ба сақфи бом даршуду модарашро ба сӯи бом мутаваҷҷиҳ дид ва битарсид ва аз сақф дараftода бимурд. Дар ин асно он Ҳазрат (с) ба хонааш даррасид. Пурсид, ки писарони ту куҷоанд? Ҷобир *разияллоҳу анҳу* андеша кард, ки агар хабари мурдани ҳар ду писар бигӯям, аҳлаб, ки таъом нахӯрад ва нохушӣ ба мизоҷи муборак дарояд. Арз кард, ки ба бозор барои тамошо рафта бошанд. Фармуд, ки биёред, то ҳамроҳи мо бихӯранд. Ночор Ҷобир (*раз*) ва завҷааш он моҷароро арз карданд. Он Ҳазрат (с) хеле мутаассиф шуда, пеши он ҳарду ташриф бурда, дуъо кард. Филҳол ҳар ду зинда гаштанд ва ба он Ҳазрат (с) таъом хӯрданд. Пас он

гӯсфандро, ки барои даъваташ забҳ карда буд, баъди хӯрдан устухонҳояшро ҷамъ карда, каломи плохӣ хонда бар он дам кард, ӯ низ филҳол зинда гашт.

Рӯзе Анас ибни Молик *разияллоҳу анҳу* арз кард, ки ё Расулаллоҳ (с), касоне, ки ғуломи ин даргоҳ ҳастанд, барояшон ҳама вақт дуъо кардан муносиб аст. Лекин ман мехоҳам, ки чиҳати ман барои Дунё дуъо фармоӣ. Он Ҳазрат (с) дуъо кард, ки илоҳо ба молу авлодаш баракате бидеҳ. Ҳазрати Анас (*раз*) мегӯяд, ки ман он қадар тавонгар шудам, ки давлатам гоҳе рӯ ба камӣ наоварда ва ҳар қадар айшу хушӣ, ки кардам, ҳанӯз касе накарда бошад. Ва авлодам аз сад кас зиёда гаштанд.

Барои Абдурраҳмон ибни Авф дуъои кушодарӯзӣ фармуд, рӯзияш чунон кушода шуд, ки ҳар ҷамодеву хокеро, ки бардоштӣ ва симу зар меёфтӣ, ҳатто ки баъди маргаш мутобиқи васият панҷоҳ ҳазор динор ҳам ба муҳтоҷон дода буданд ва ҳар чаҳор манкуҳаашро чаҳор лак динор расид ва дар зиндагонӣ низ давлати бешумор дар роҳи Худо сарф карда буд. Бинобар уммулмуъминин Ойиша *разияллоҳу анҳо* ӯро башорати Бихишт дода буд.

Рӯзе бар сари мубораки Умар *разияллоҳу анҳу* дасти шариф ниҳода, дуъо карда буд. Умар *разияллоҳу анҳу* то ба хаёти худ ҷавон буд.

Рӯзе бар рухсораи шахсе дасти муборак молида, филфавр нуронӣ шуд. Ва рӯзе бар орази шахсе дасти муборак бигардонид, ҳамон буд, ки чеҳраи ӯ мисли ойина шуд. Ҳамон рӯз бар чеҳраи Қитода дасти муборак молида буд, чунон сафоеву латофат пайдо шуд, ки халқ чеҳраи худро мисли ойина бар рухаш медид. Рӯзе оби ғарғара бар рухсораи Бибизайнаб *разияллоҳу анҳо* андохта буд. Аз он боз чунин ҳусайну хубсурат шуд, ки касе дар он аҳд ба ҳусну сурати ӯ нарасидӣ.

Рӯзе он Ҳазрат (с) барои рафъи беморӣ дасти мубораки худ бар бадани Утба *разияллоҳу анҳу* бигардонид, то аз бадани вай бӯи анбару абир меомад ва ҳарчанд, ки завчагонаш хушбӯҳои рангоранг мемолиданд, лекин бӯи он бар ҳама ғолиб буд.

Аз Анас ибни Молик (*раз*) ривоят аст, ки рӯзе он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба хонаи Фотима *разияллоҳу анҳо* ташриф бурда. Ҳасби гуфтаи хотуни мавсуфа донист, ки аз серӯза фоқа аст. Пас барои тасаллию тамонияти духтари худ фармуд, ки чаҳор рӯз чизе нахӯрдаам ва чаҳор санг, ки ба шиками муборакаш баста буд, Фотима *разияллоҳу анҳоро* намуд. Магар ба дарёфти гуруснагии фарзанди хеш андӯҳгин гардида, ба сӯи саҳро ташриффармо шуда дид, ки аъробие шутуреро об мехӯронид. Фармуд, ки ё аъробӣ, коре,

ки лоиқи ман бошад, бифармо ва муздурии он бидеҳ! Гуфт, ки аз чох об бардор ва дар ҳар далв се хурмо муздурӣ хоҳам дод. Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* қабул фармуда, ба обкашӣ машғул шуд. Чун далве бароварда, се хурмо учрати он гирифта, тановул фармуда, ҳиммати худро ба берун овардан масруф кард. Чун ҳашт далв бароварда, ба қазои илоҳӣ расани далв бигусехт ва далв фурӯ рафт. Аъробӣ пургазаб шуда, тамонча ба рухи он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* зад. Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* далвашро бароварда, бисту чаҳор хурмо муздурӣ гирифта, ба хонаи Фотима *разияллоҳу анҳо* омад.

Ва он аъробӣ ба мушоҳадаи ҳилму бурдбории он Ҳазрат (с) аз ҳаракати номаъқули худ нодиму пушаймон шуда, дарҳол дасти худ бибурида ба дардаш мубтало шуда беҳуш гашт. Чун ба ҳуш омад, бар дари хонаи Фотима *разияллоҳу анҳо* омада шӯру фарёд бароварда. Он Ҳазрат (с) Ҳасанайн *разияллоҳу анҳуморо* хурмо мехӯронид, ки овози фарёдаш даррасид. Пас он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ташриф берун оварда пурсид. Аъробӣ ҳоли худро ба шарҳу баст гузориш намуду узрҳо хост ва гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), узрро бипазир ва аз тақсирам даргузар, зеро ки ту раҳматун лил оламин ҳастӣ ва бар ҳоли ман раҳм оварда; дастамро, ки ба таъзир бурида шуда, дуруст бикун». Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* дасти буридаро як ҷо карда «бисмиллоҳ» хонда, дам кард, ба фазли Худои таъоло пайванд шуд. Ва дардаш низ зоил шуду филҳол имон овард.

Ривоят аст, ки рӯзе барои таъмири масҷиди Мадинаи мунаввара ба Абубакри Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* фармуда, ки чӯб даркор аст, куҷо ёфта шавад. Сиддиқ (*раз*) арз кард, ки ё Расулаллоҳ (с), дар Макка ба макони ман чӯбҳои умдаву хуб мавҷуд аст. Агар ба ҳеҷ ваҷҳ дар ин ҷо ояд, ба таъмири масҷид беҳтар шудан метавонад. Он Ҳазрат (с) дуъо фармуд, то он чӯбҳо парида ба Мадина омада, ба таъмири Масҷиди набавӣ (с) харҷ шуданд.

Усмон ибни Аффон *разияллоҳу анҳу* ривоят карда, ки касе яҳуди мардуд ба тиловати Таврот машғул буд, ки ному сифати он Ҳазрат (с) дар ӯ мундариҷ ёфт. Чунки дар он замон он Ҳазрат (с) даъвати ислом ошкоро мекард, ғайрати он хост, ки номи покашро аз он бибурад. Пас миқроз аз завҷаи худ хост. Чун миқроз овард, ному сифати он Ҳазрат (с) ҷое, ки мундариҷ буд, битарошид. Рӯзи дигар ҳамон ҷо ному сифат ёфта, ба ғазаб шуда, боз битарошид. Рӯзи сеюм ба тиловат бозёфт ба ғуссаву ғазаб шуда хост, ки ба одати маъҳуд битарошад, ки овозе аз ғайб даррасид, ки ё малъун, агар ҳазор бор

наъту номи муборакашро битарошӣ, ҳамчунон мавҷуд хоҳӣ ёфт, ҳаргизу ҳаройина маҳву мунъадим натавонӣ кард. Яҳуд битарсид, донист, ки расули содиқ аст, дарҳол аз Мадина ба Макка омада, ба шарафи дини ислом мушарраф шуд.

Абубакри Сиддиқ (*раз*) ривоят кардаанд, ки рӯзе он Ҳазрат (с) бо ҷамиъи ёрон нишаста буд. Дар ин асно яҳудӣ гӯшти гӯспанд кабоб кардаву заҳри ҳалоил дар ӯ омехта, пеши он Ҳазрат (с) оварду гуфт: «Бихӯр, барои ту ҳадия овардаам». Чун он Ҳазрат (с) майл ба тановул кард, то он кабоб ба сухан даромада гуфт, ки ё Расулаллоҳ, аз ин махӯр, зеро ки ба ман заҳри қотил омехтааст. Пас он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд, ки ё яҳуд, дар ин гӯшт заҳр додай? Гуфт: «Бале, магар ба чи гуна маълум кардай?» Фармуд, ки ин гӯшт хабарам кардааст. Гуфт: «Агар набии барҳақ ҳастӣ, ин гӯштро бихӯр, то ман имон орам». Он Ҳазрат (с) «бисмиллоҳ» гуфта, қадре бихӯрд ва боқӣ ба ёронаш тақсим фармуд. Ҳама ёрон «Бисмиллоҳ» гуфта, бихӯрданд, лекин касеро асаре накард. Пас аксари яҳудон ба дини ислом мушарраф шуд.

Ва ба ривояте омадааст, ки боре дувоздаҳ ҳазор мардум аз аҳли Яман ба гузоридани Ҳаҷҷ омада буданд, лекин Ҳубал ном буте бо зару ҷавоҳир мурассаъ буд, ба порчаи ҳарир печида, бо худ медоштанд ва мепарастиданд. Он Ҳазрат (с) ишонро даъвати ислом фармуд. Гуфтанд, ки бар пайғамбарии ту чи далел аст, ки имон орем? Он Ҳазрат (с) фармуд, ки агар Ҳубал гуваҳӣ диҳад, ба рисолати ман иқрор кунед ва имон оварда мусулмон шавед? Гуфтанд: «Инчунин агар ба вуқӯъ ояд, бешакку бешубҳа мусалмон шавем». Пас он Ҳазрат (с) Ҳубалро бихонд ва Ҳубал «Лаббайка, ё Расулаллоҳ (с)» гуфта, ба наздикаш рафта, ба адаби тамом биистод. Пас Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* чӯбе бар ӯ зад ва гуфт, ки ман кистам? Гуфт: **Анта расулуллоҳи ва ано ашҳаду ал-ло илоҳа илаллоҳ ва ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳ.**

Яъне: ту расули Худо (с) ҳастӣ ва ман гуваҳам, ки нест касе маъбуд, магар Худо ва гуваҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад расули Худо аст. Боз фармуд, ки ту кистӣ? Гуфт: «Ман сангам, лекин мардумон ба иғвои Шайтон ба маъбудиям гирифтаанд». Ба муҷарради истимоъи ин маънӣ ҷумла онҳо ба саҷда дарафтоданд ва тавбаву истиғфор карданд, ба шарафи ислом мушарраф шуданд.

Ҳар гоҳе ки он Ҳазрат (с) ба Мадинаи мунаввара ташриф бурда, ба хонаи Абиаюби Ансорӣ *разияллоҳу анҳу* сукунат фармуда. Чун Абиаюби Ансорӣ (*раз*) китъае замин дошт, ҳаргизу ҳаройина чизе дар он пайдо нашудӣ, ҳатто ки коҳу тара ҳам дар ӯ нарӯидӣ. Он ҳазрат муште гандум дар ӯ пошид. Ҳамон

буду рӯйид, хӯшаҳо баровардану пухта шудан ҳамон. Пас Абӯаюби Ансорӣ (*раз*) ҳамон замон бидаравид. Баъдаҳу дарахти бодинҷон, аз бехи ҳар дарахт гандум пайдо шуд.

Ба рӯзи никохи Фотиматуззахро уммулмуъминин Ойишаи Сиддика (*раз*) ба дегдоне оташ меафрӯхт. Ҳар гоҳе ки оташ ба шуъла задан даромад он Ҳазрат (с) дасти муборак дар он дегдон нихода баъди чанд соъат берун кард, аммо чизе зарар ба дасти муборакаш нарасид.

Рӯзе шахсе ансорӣ ба ҳузури он Ҳазрат (с) омада арз кард, ки ё ҳазрат, завҷагонам акимаанд, фарзанд намезоянд ва ҳама ба синни кабир расидаанд. Он Ҳазрат (с) дуъо фармуд, то ҳама завҷагонаш бордор шуданд.

Ба рохи Табук рӯзе ба лашкариён ҳима набуд, ки аз он оташ афрӯхта, нон бипазанд. Он Ҳазрат (с) фармуд, то сангхо оварда, ба ҷои ҳезум ба кор баранд ва сангҳо монанди ҳима бисӯхт ва ба мушоҳадаи ин муъҷиза аксари мунофик мувофик шуданд.

Ривоят аст, ки ҳазрати Абубакри Сиддикро (*раз*) ҳамроҳ гирифта, аксар ба ғори Савр ташриффармо мешуд ва дарандагону чарандагон омада, ба сухан меомаданд. Ва ҳар гоҳе ки аз Маккаи муъазама ҳиҷрат фармуда, ба Мадинаи мунаввара ташриф бурда, дар маконе, ки сукунат дошт, он макон ва чивораш пайваста мутайиб ва муаттар мебуд. Ва вақте ки вафоти он Ҳазрат (с) гардид, хушбӯ мавқуф шуда. Ба сабаби ин муъҷиза аксари Курайш ҳиҷрат фармуда, имон оварданд.

Боре аҳли Тоиф гуфта буданд, ки агар аз санге, ки рӯ ба рӯ аст, дарахте пайдо кунӣ, то имон оварем. Он Ҳазрат (с) пойи муборак бар он санг нихода дарҳол дарахте мевадор пайдо шуд. Ба дидани ин муъҷиза аксари аҳли Тоиф мусалмон шуданд.

Ба рӯзи Ҷанги Худайбия он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* имом Хасан *разияллоҳу анҳуро* бо овози баланд хонда буд, бо вуҷуди будани он мақом ба масофати чанд рӯза, ҷавоб дод, ки ё Расулаллох (с). Ва он овоз Фотима *разияллоҳу анҳо* шунида гуфт, ки ё падар, бисёр гуруснаам.

Ба рӯзи Ҷанги Хандак чунин рӯшание мисли офтоб аз кафи муборакаш зоҳир шуд, ки ба шуъоъ он аксари мардум ба роҳ омаданд.

Боре як насоро аз кавми Ҳазраҷ мактул шуда буд, аммо номи котилаш мафкуд. Он Ҳазрат (с) шохе аз дарахт оварда бар он мактул ниход, дарҳол зинда гашта, нишони котили хеш дод

Ҳар гоҳе, ки он Ҳазрат (с) ба мақоми Табук расид, гурӯҳеро дид, ки буте аз зар тайёр карда, ӯро мепарастиданд. Филхол дасти мубораки худ бар он бути зарин нихода фармуд, ки

ин бут чӯбин аст. Дарҳол чӯбин шуда ва аз он муъҷиза аксаре имон оварданд.

Ҳар гоҳе ки Бани Қурайза аз ҳукми Саъд ибни Маъоз катл шуданд, аз хуни мақтулон бӯи бад зоҳир гашт ва хама халқ оҷиз шуданд. Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* дуъо кард, то бороне борид, он заминро бишуст ва пок намуд

Боре он Ҳазрат (с) дар шаҳри Ҷидда мусофир шуда, ба сӯи Тоиф равон шуд, ҳол он ки масофати чандрӯза буд, ба як соъат даррасид.

Дар ривоят омадааст, ки чун он Ҳазрат (с) Ибни Язид ан-Наҳъиро даъват ба ислом кард, гуфт: «Агар маъбудонамро, ки сангин ҳастанд, зарин кунӣ, ба ту имон орам». Ба дуъои он Ҳазрат (с) ҳамчунон шуданд, пас ишон бигаравиданд.

Рӯзе Хотуни ҷаннат шикояти гуруснагии имомайн *разиялло ҳу анҳумо* карданд. Алҳол ба дуъои он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* хоне пур аз нону мохии бирён ва ғайра чизҳои хӯрданӣ аз осмон фуруд омад. Ҳама бихӯрданд ва он хон хамчунон пур буд. Боре гуфтанд, ки агар нону нонхӯриш дар муаллак пазонида диҳӣ, то ба ту имон орем. Он Ҳазрат (с) ба ҳукми Худои таъоло ҳамчунон кард.

Боре он Ҳазрат (с) ба Ҷидда ташриф медоштанд. Иттифоқо ғукони дарё ҳуҷум оварда, дар хонаҳои мардумон чунон ҷамъ шуданд, ки хӯру нӯш ба мардум танг гардид. Он Ҳазрат (с) дуъо кард, то ба ҳукми Худои таъоло дафъ шуданд. Ва ба дуъои хайри он Ҳазрат (с) нӯҳ кас ансорӣ, ки беморин барас ва ҷузом доштанд, ором ёфтанд.

Рӯзе он Ҳазрат (с) ба қавми Исо (а) даъват мекард, гуфтанд, ки Исо (а) ҷонваре парранда аз хок тайёр мекард, агар ту чунон муъҷиза бинамой, ба ту имон орем. Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* кадре хок бардошта, шакли парранда дарсохт ва «Бисмиллоҳ» хонда бар ӯ дам кард, ба ҳукми Худои таъоло зинда гашта бипарид.

Рӯзе он Ҳазрат (с) бо ёрон нишаста буд, ки марде Қурайш омада гуфт, ки ё Расулаллоҳ (с), назди Абуҷаҳл дах хазор динор ёфтанӣ ман аст, имрӯзу фардоро намуда ба лайта ва лаъалла намедиҳад. Зеро ки ӯ забардаст — ҳокими Макка асту ман ғариб, лиҳозо мукобалаи ӯ натавонам кард. Барои Худои худ ташриффармо шуда раҳонида дихед. Дарҳол он Ҳазрат (с) пеши Абуҷаҳл ташриф бурд. Ва Абуҷаҳл дар он вакт бо курайшиён нишаста буд, он Ҳазратро (с) дида, ба таъзим барҳост ва пурсид, ки ба чӣ ирода ташриф оварда. Фармуд, ки дах хазор ёфтанӣ ин ғариб аст, чаро намедиҳӣ? Абуҷаҳл филфавр ба адояш бипардохт. Пас он курайш имон овард. Чун он Ҳазрат (с) бозомад, завҷаи Абуҷаҳл пурсид, ки аз динор чӣ кардӣ?

Гуфт: «Қарзи он кас адо кардам». Гуфт: «Борҳо он кас пеши ту омада талабида, надодӣ, имрӯз чаро додӣ?» Гуфт: «Ба хотири Муҳаммад (с) додам» .Фармуд, ки Муҳаммад (с) душмани моён аст, хотири душман чӣ бояд кард? Гуфт: «Ҳар гоҳе ки Муҳаммад (с) меомад, ду аждаҳо дар ҳар ду бозуяш медидам, ки даҳони худ ба сӯям кушодаанд, ба хавфи он зуд чалд дода рухсат кардам».

Ва дар ривоят омадааст, ки Абуҷаҳл борҳо ба қурайшиён ва ғайра мегуфт, ки чун Муҳаммад (с) мебинам, тарсону ларзон мешавам, зеро ки ҳама шеру мор пешу пасу ямину ясораш ба назарам меоянд ва найзабардорон низ мебошанд ва мегӯянд: «ҳар кӣ бо Муҳаммад (с) беадабӣ кунад ё сухане номақбул гӯяд, зиндааш нагузорем», лекин ба адовати қалбӣ ин ҳама муъҷизаро ба ҷоду таъбир мекард.

Овардаанд, ки чун хабари нубувват ба атрофу ҷавониби мамолики араб ва ғайра интишор ёфт, мардумон аз ҳар чаҳор тараф ҷавқ-ҷавқ меомаданд. Иттифоқо рӯзе ҷамъе аъробӣ ба қасди имоноварӣ азми омадани ҳузураш карда, ба Макка расиданд. Дар аснои роҳ Абуҷаҳл ва бисёр қурайш ба ишон гуфтанд, ки ё ҷамоъати аъробӣ, бидуни муъҷиза ҳаргиз имон наёред. Гуфтанд: «Ба чӣ гуна муъҷиза биталабем?» Гуфтанд, ки ҳамроҳи мо биёед ва он чи ки талаб карданӣ аст, моён хоҳем намуду шумо бубинед».

Алҳосил, ба иттифоқи якдигар ба ҳузури он Ҳазрат (с) омада гуфтанд: «Ё Муҳаммад (с), аҳли арабу қавми аъробии бисёр ҷамъ омадаанд, агар муъҷиза бар онон менамоӣ, ҳама ба ту имон оранд». Он Ҳазрат (с) пурсид, ки кадом муъҷиза мехоҳанд? Гуфтанд, ки санге, ки ба майдон афтодааст, боядки ранги он санг мисли ранги гул сурх гардад ва дарахте зарин ба шаш шох аз он берун ояд ва дар ҳар шох сад садбарг ва аз гулҳо мамлуъ ва дар ҳар барг **«Ло илоҳа иллаллоҳ Муҳаммадун расулуллоҳ»** навишта бошад ва дар ҳар шох шаш қисм меваи ба зоиқа мисли ангуру рутаб ва ғайра гардад. Ва дар он чонваре сафед, ки минқораш аз зару пояш аз лаъл бошад ва ба забони фасеҳ мисли одамӣ сухан гӯяд. Он Ҳазрат (с) ба даргохи Холики арзу само муноҷот кард: **«Аллоҳума аътинӣ ҳазиҳи-л-муъҷизата».**

Яъне: Худоё бахш кун маро ин муъҷизаро.

Дарҳол Ҷабраил (а) даррасиду гуфт: «Он чи ки ту хостӣ, Худои таъоло қабул фармудааст. Бирав ва он чи ки хоҳанд, аз санг биталаб, ба фазли Худои таъоло ба зуҳур хоҳад омад». Пас он Ҳазрат (с) назди он санг ташриф бурда, ишорат фармуд. Ба мучарради ишора ҳамчунон ки хоста буданд, бираъйилъайн мушоҳада карда, ҳама аъробӣ имон оварданд ва ку-

райшон гуфтанд, ки ин ҳама ҷоду аст. Он Ҳазрат фармуд, ки ин ҷоду нест, балки қудрати комилаи илоҳӣ аст.

Рӯзе Абуҷаҳли лаъин гуфт, ки дар хонаи мо санге аст, агар аз он товусе аҷиб берун меорӣ, ба ту бигардам. Он Ҳазрат (с) дуоъ кард, то он санг шикофта, товусе, ки синаи зарину сари зумурраду бозуи ӯ луълуъи лоло дошт, берун омад. Пас Абуҷаҳл аз аҳди худ бигардида, кофиртар шуд.

Рӯзе Абуҷаҳл яҳудеро ҳамроҳ карда, ба вақти шаб ба хидмати Рисолатпаноҳ омада гуфт, ки агар алон муъҷиза ба ман намоӣ, беҳтар ва илло на, ба теғи бедареғ сари ту ҷудо созам. Фармуд: «Чӣ мехоҳӣ?» Яҳуд гуфт: «Эй Абуҷаҳл, ҷоду дар осмон намеравад, бигӯ, ки моҳро ду ним созад, то маълум хоҳад шуд, ки муъҷиза аст ё ҷоду». Пас ҳасби руфтаи Абуҷаҳл ангушти шаҳодат бардошта, ишора ба сӯи моҳтоб фармуд. Ҳамон замон ду ним шуд. Боз гуфт: «Чунон ки буд, боз як ҷо бикун!» Он Ҳазрат (с) бо ишораи дигар ҳамчунон кард, ки буд. Пас яҳудӣ имон овард ва Абуҷаҳли лаъинро кор накард, балки гуфт, ки ҷодуяш бисёр сахт аст.

Абубакри Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* ривоят карда, ки дар нуҳуми санаи ҳичрӣ Нуҷошӣ — подшоҳи Ҳабаш вафот ёфта буд. Он Ҳазрат (с) ҳасби гуфтаи Ҷабраил *алайҳиссалом* берунӣ масҷиди Мадина шуд, ба сӯи қибла рӯ оварда, фармуд, ки ёрон, Нуҷошии подшоҳ аз дорулфано ба дорулбақо риҳлат намудааст ва алон намози ҷаноза мегардад, биёед, то намоз гузорем! Пас ҳама саҳобӣ *разияллоҳу анҳум* бипистоданду намоз адо намуда, пурсиданд, ки ё Расулаллоҳ (с), бар ғоиб намози ҷаноза дуруст аст? Фармуд: «Ҳар гоҳе, ки Ҷабраил (а) аз вафоташ хабар кард, ҷанозааш ба назари ман меояд, бино бар ин намоз хондаам. Ва бар ғоиб дуруст нест». Боз гуфтанд, ки аз назари мо ғоиб буд, намози моён чи гуна дуруст шуд? Фармуд, ки аз иқтидои ман дуруст гардид.

Алғараз, муъҷизоте, ки аз он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба вуқӯъ омадааст, аз ҳеҷ набии мурсал ё ғайримурсал ба зуҳур наёмадааст. Ва каромоте, ки аз умматони он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба вуқӯъ омадааст ва меояду хоҳад омад, он низ муъҷизоти он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* аст.

ХАБАРИ ҲИҶРАТ ФАРМУДАНИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА САЛЛАМ

Овардаанд, ки чун хабари меъроҷ ба атрофу акнофи араб интишор ёфту аксари аҳли араб ва ғайра имон оварданд, ҳикду ҳасад ба дили кудуратманзили мушриконӣ араб шуълаан-

гезӣ кардан гирифт. Лиҳаза ба изорасонии он Ҳазрат (с) мустаъидду омода шуданд. Дар ин асно Ҷабраил (а) аз ҳазрати Раббулиззат даррасида фармуд, ки Худои таъоло баъди салому туҳфаи дуруд фармудааст, ки аксари ёрони худро ба сӯи Мадина бифирист. Он Ҳазрат (с) ҷумла ёрон, мисли Мусъаб ва Ибни Умм Мактум, Ибни Масъуд ва Аммор ва Билол ва Саъд ва ғайра сиву шаш кас саҳобӣ *разияллоҳу анҳумро* ба ҳузури хеш талабида, ҳамроҳи амиралмуъминин ҳазрати Ҳамза ва ҳазрати Умар *разияллоҳу анҳумо* ба сӯи Мадина равона фармуд ва мунтазири ваҳйи сонӣ мебуд.

Дар ин асно Абуҷаҳли лаъин бо кофирони Макка муттафиқ шуда, барои куштани он Ҳазрат (с) машварат мекард. Дар он ҳин Шайтон *алайҳиллаъна* ба сурати пире вориди вақти шон гардид, бонге дурушт ба қиёси марди бегонаи боғаммоз бар ӯ заданд. Гуфт: «Ё хоҷагон, ман марде сокини Наҷдам, мехоҳам, ки ба таъбири шумо ёр шавам ва молу касони бештар дорам». Пас Иблис *алайҳиллаънаро* ба миёни худҳо ҷой дода, шарики машварат карданд. Мишбаъд Абуҷаҳл пурсид, ки дар ҳаққи Муҳаммад (с) чӣ гуна таъбире соиб андешидӣ? Гуфт, ки эй Абулҳакам, дини падарони моро таҳзиб карда, дини дурӯғи худ ба ҷоду ҷорӣ кардан мехоҳад. Ту ҳокими Макка ҳастӣ ва хешовандон низ бисёр дорӣ. Агар ҳамаро ҷамъ карда сари Муҳаммад (с) бибурӣ, чӣ қабоҳате лозим ояд? Абуҷаҳл ин маъниӣ писандида бигуфт, ки эй ёрон, алон ёрони ӯ ба Мадина рафтаанд, кори ӯ тамом кардан мушкиле нахоҳад буд. Иблиси лаъин гуфт: «Ансаб он аст, ки ҳар гоҳ ба бистари хеш бихуспад, бояд ки шахсе танҳо рафта сари ӯ бурида биёрад, то фитна бедор нахоҳад шуд».

Алҳосил, ҷумла ёрон биписандиданд. Абуҷаҳл гуфт: «Эй ёрон, имшаб сари ӯ буридан заруру лобудд аст». Ин бигуфту бист каси ҷаррору хушёрро барои он кори сутург мукаррар кард. Дар ин асно Ҷабраил (а) даррасиду гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), имрӯз ба маҳфили Қурайш ҳамчунин гуфтугӯ шудааст, ки имшаб ба вакти хоб сари ту ҷудо созанд ва ҳукми Борӣ ба-д-ин гуна ҷорӣ шудааст, ки Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳуро* ба хобгоҳи хеш бихобонида, Абубакри Сиддиқ *разияллоҳу анҳуро* ҳамроҳ карда, аз Макка ҳиҷрат фармуда, ба Мадина ташриф бибарӣ. Албатта ахли Мадина ҳомию мададгори ту хоҳанд шуд. Ва низ истикомати ту дар он ҷо қарор хоҳад ёфт ва хама кори ислом ба анҷом инсиром хоҳад гардид.

Пас он моҷароро аз Абубакри Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* баён фармуда. Чун шаб омад Алии Муртазоро ба бистари худ хобонида бо Абубакри Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* аз Макка ҳиҷрат фармуд. Ин моҷаро ба таърихи ғурраи моҳи рабиъулаввал, ша-

би шанбе, баъди нубувват сездах сол ва баъди меъроч хашт мох вокеъ шуда буд. Дар он хин умри шарифаш панчоху се сол гашта.

Ва он бист кас, ки Абучахли лаъин муайян карда буд, хасби иғвову машварати Иблис, ки худро муширу мусоҳиби Абучаҳл намуда буд, ба гирди хонаи он Ҳазрат (с) хуфия мухосара намуданд. Аллоҳ таъоло хобро барояшон чунон мусаллат гардонид, ки ба рафтани он Ҳазрат (с) чизе маълум накарданд. Баъд аз замоне Иблис аз хоб бедор шуда гуфт, ки Муҳаммад гурехтааст. Пас он бист кас теғ оҳехта давон-давон ба хобгохи он Ҳазрат (с) рафта, Алӣ *каррамаллоҳу вачҳаҳуро* хуфта ёфта, пурсиданд, ки Муҳаммад кучо аст? Фармуд, ки намедонам ман. Пас маъюс шуда, пеши Абучаҳл омада, баён карданд. Иблис *алайҳиллаъна* гуфт, ки ман ба илми худ медонам, ки бо Абубакр (*раз*) ба сӯи Мадина гурехтааст. Ансаб он аст, ки таъокубкунон равон шавед, то ба ғори кӯҳи Атҳал, ки манзилу гурезгоҳи худ кардааст, биёбед. Пас ҳама Қурайш ба иттифоки якдигар ба хонаи Абубакр (*раз*) дархазида бичустанд, наёфта таъокубкунон ба сӯи Мадина равон шуданд. Пас Ҷабраил ҳозир шуда гуфт: «Ё Муҳаммад (с), курайшиён ба қасди ту меоянд, бояд ки дар ғори Атҳал пинҳон шавӣ». Он Ҳазрат (с) бо Абубакр (*раз*) дар ғор пинҳон шуда, дархол анкабуте луъоби даҳони худ бар он ғор танид ва кабутаре омада, болои он луъобтанид байза андохт ва Ҷабраил (а) хокистару хошок бар он бипошид.

Пас он бадхоҳон дар кӯҳи Атҳал даррасида *талошу* тафаҳҳус мекарданд. Иблис хост, ки ба сурати одамӣ баромада нишони он Ҳазрат (с) дар он ғор диҳад, Ҷабраил (с) уро аз пари худ кашида, ба дарёи муҳит андохт. Чун муттасили ғор расиданд, кабӯтаре аз он ғор бипарид. Чун кабутару байзаву луъоби танидан анкабут, ки хошоку хокистар дар он олуда буд, бидиданд, боз мурочаъат карданд. Ва он Ҳазрат (с) се рӯз дар он маком ташриф медошт. Ва гуфтаанд, ки ҳар вохе ки андарунӣ ғор рафтанд,он Ҳазрат (с) ба сачда дарафтоду Абубакри Сиддиқ медид, ки аз ҳар чор тарафи он ғор сурохҳои мору ғайра музиёни бисёр аст. Пас ҷомаву дастори хешро пора мекард ва дар сурохҳо мениҳод, хатто ки сивои шалвор ҷумла порчаҳо харҷ шуд. Магар бинобар набудани порча сурохие масдуд нашуда буд ва қазоро море захрдори хунхор хост, ки аз он сурох берун ояд. Ногоҳ назари Сиддиқ *разиаллоҳу анҳу* бар ӯ афтод, филҳол кафи пои муборакаи худро ба даҳани ғор ниҳода, омаданаш масдуд кард ва он мор пояшро бигазид ва заҳраш ғалаба карда ларза бар андомаш афтод, магар пои худро мисли коиму карор медошт. Чун он Ҳазрат (с)

аз намоз фориғ шуд, ба мушоҳадаи он ҳол сабаб пурсид аз Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* он моҷароро. Фармуд, ки пои худро аз даҳани сурох берун кашӣ Чун пой баркашиду роҳи сӯрох кушода шуд, он мор аз сӯрох берун омада гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), Абубакри Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* аз истеҳсоли саъодати кадамбӯсиат монеъам шуда, бино бар ин ба пояш газидам». Ин бигуфту имон оварда ва қадамбӯсӣ карда ба сӯрохи худ бозрафт.

Пас он Ҳазрат (с) се бор он захмро макида бузоқ баромадохт, Ҳаққ таъоло филфавр шифои комил бар ӯ арзонӣ кард. Рӯзи чаҳорум он Ҳазрат (с) аз ғор берун омада, ба иттифоқи Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* ба сӯи Мадина равон шуд. Дар ин асно Абуҷаҳл хатте пеши Сароқа Ҷаъшами Каъбонӣ ба-д-ин мазмун бинавишт, ки Муҳаммад ибни Абдуллоҳ аз ин чо гурехта меравад, бояд ки ба ҷустуҷӯяш буда, ҳар чо ки ёбед, гирифтор карда, пеши ман бифиристед. Пас Сароқаи Ҷаъшам ба талоши бисёру тафаҳҳуси бешумор дарёфта найзаи худро ба дасти рост бигардонида хост, ки пеши он Ҳазрат (с) ояду бигирад. Ба қазои илоҳӣ замин аспашро фурӯ гирифт. Сароқа донист, ки Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи* содику рост аст. Узр бихост ва икрор кард, ки ё Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам,* маро озод кун, туро нахоҳам гирифт, балки душманонатро аз роҳ навъе ки тавонам бигардонам. Он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи васаллам* фармуд: **«Ё арзу, халлиҳи»**, яъне: ё замин, бигзор ӯро! Пас замин ӯро бигузошт, то равон шуда ҳар киро аз душманони он Ҳазрат (с) меёфт, мегуфт, ки ман аз он тараф талош карда меоям, то ба гуфтаи ӯ мардум бозмегардиданд.

Чун он Ҳазрат ба Куроъ-ул-амим расид, Баридаи Асламӣ ном сардор он чо бо фавҷе касир ба истиқбол омада, маъа ҳамроҳиёни худ аз ҳафсад кас имон овард. Ва намози мағриб он рӯз бо як кас гузаронида буд, ба вақти ишо бо ҳафтсаду ду кас гузаронид. Пас аз он ҷо равона шуда, ба таърихи шонздаҳуми моҳи рабиъулаввал, рӯзи душанбе ба қарияи Қибо расида, мардумони он ҷоро даъвати ислом кард, то аксари мардумон бигаравиданд. То чаҳор рӯз дар он мақом сукунат карда, сипас Саъду Маъоз (*раз*) ва сардорони ансори аҳли Мадина *разияллоҳу анҳум* хабари он Ҳазрат (с) ёфта, ба истиқбол дар омаданд ва ҳазрати Умар ва Ҳамза ва ғайра саҳоба *разияллоҳу анҳум* ба ҳузури пурнур расида, ба саъодати мулозамат мустафид гардиданд.

Ва ба таърихи бистуми моҳи рабиъулаввал, ба рӯзи ҷумъа ба Мадинаи мунаввара дохил шуда, ба хонаи Абуаюб (*раз*) тарҳи байт андохта. *Вассалом.*

ХАБАРИ ҶАНГИ БАДР-УЛ-КУБРО

Чунин гӯянд, ки чун он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба Мадина ҳиҷрат кард, то як сол ҳеҷ ҳарбе пеш наёмада буд. Ба соли дигар Бадр-ул-кубро ва дар соли панҷум ҳарби Бадр-ус-суғро, ҳамчунин андар он дах сол, ки ба Макка икомат дошт, бисту панҷ ғазо ва ба ривояте бисту ҳафт ғазо, баъд аз нузули ин оят: к а в л у ҳ у т а ъ о л о: **Фа-қтулу-л-мушрикина ҳайсу вақаттумуҳум...**[a]

Яъне: қатл кунед мушриконро ҳар ҷо ки биёбед ишонро — вокеъ шуда буд.

Ва сабаби вокеъи Ҷанги Бадр он буд, ки рӯзе Расул (с) бо ёрони хеш нишаста буд, Ҷабраил (а) даррасид, хабар кард, ки ё Расулаллоҳ (с), корвони мушриконн Макка бо саркардагии Абусуфён ва Амр ибн-ул-Ос меоянд. Ёрони худро бифармо, то бар он корвон шабхун зананд ва ғанимат гиранд. Ва аз бисёрии мушрикон тарсеву хавфе наёранд, нусрати эзидӣ шомили ҳоли ишон хоҳад буд.

Пас талаб кард аз ҳама ҷиҳат ёрону мусалмонон сесад мардум ҷамъ шуданд, аз он ҷумла савори асб сездах тан ва савори шутур ҳафтод кас ва боқӣ пиёда буданд. Магар ҳеҷ кадом олоти ҳарб надоштанд. Пас ҳар яке чӯбе гарон, санге бар даст гирифта, ба дарёфти муждаи нусрат мустазҳир шуда, равон гардиданд. Чун наздики чоҳи Бадр расиданд, Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ду касро ҷиҳати хабардории корвонон пештар равон намуд. Диданд, ки ду кас яке аз дигаре мутолабаи зари вом мекард ва дигаре ваъда медод, ки фардо корвони Макка мерасад, моли худро аз ишон фурӯхта ба адои дайни ту мепардозам. Фиристодагон аз он ҷо бозгашта хабари расидани корвон рӯзи фардо ба Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* расониданд.

Рӯзи дигар корвони Макка бар канори чоҳи Бадр расида, шуниданд, ки ду кас шутурсавор фуруд омада, машки худхо пур карда бирафтанд ва аз касе калом накарданд. Чун корвони Макка тарсе аз он Ҳазрат (с) медоштанд, саргини шутуронро бишкаста, донаи хурмо ёфта яқин донистанд, ки саворони Мадина буданд, ки ҳеҷ шутур хурмо нахӯрад илло шутурони Мадина. Пас аз он ҷо бигзашта, кас ба Макка фиристоданд, ки Муҳаммад (с) бо ҷамъоате касир садди роҳи мо гардида, иродаи тохту тороҷ медод. Абуҷаҳл ба дарёфти ин вокеъаи шоққа мунодӣ дардод. Аз нидои мунодӣ аҳли Макка берун омаданд, магар Аббос *разияллоҳу анҳу*. Алқисса, бо Абуҷаҳл як ҳазору яксад савор ба кӯмаки корвон даррасиданд.

---

[a] Қуръон: 9, 5.

Пас Ҷабраил (а) хабари омадани Абуҷаҳл бо лашкари гарон расонид ва навиди нусрат дардод, ҳаман муъминон шодмон гаштанд.

Чун рӯзи дигар ҳар ду лашкар сафи ҷанг оростанд, ба чашми Абуҷаҳли лаъин лашкари нусратасар андак менамуд ва лашкари худро анбӯҳ дида, азбаски хушдил шуда гуфт: «Мо чандонем, ки бо Худои Муҳаммад (с) ҳам мукобала тавонем кард, гурӯҳе аз лашкарам ба ҷанги ӯ кофӣ аст». Пас он Ҳазрат (с) ба саҷда дарафтод, гуфт: «Худо ваъдаи нусрат, ки ба ман кардай, ба охир бирасон!»

Пас аввал аз лашкари Макка Утба ва Шайиба ва Валид ибни Муғира пеш омада, мубориз талаб карданд. Ва аз лашкари Муҳаммади расулаллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* Абдуллоҳ ибни Рӯвоҳа ва Авф ибни Ҳорис ва Масъуд ибни Ҳорис ба ҷанг пеш рафтанд. Бигуфтанд, ки аввал номҳои хеш бигӯед, то ҷанг кунед. Ва он се мусалмон номҳои хеш бигуфтанд. Мушрикон гуфтанд, ки шумо лоики куфуъи мо нестед. Пас ба овози баланд бонг заданд, ки ё Муҳаммад (с), дар ҷанги мо куфуъе бифирист! Хочаи коинот Ҳамза *разияллоҳу анҳу* ва Алӣ ва Убайда ибни Ҳорис *разияллоҳу анҳумро* бифиристод, то ишон ба ҷанг дарпайвастанд. Ҳамза (*раз*) Шайиба бикушт ва Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* Валид ибни Муғираро бикушт ва Утба пои Убайда *разияллоҳу анҳу* шикаста буд. Магар Убайда ба пои шикаста ба Утба ҳамла оварда ӯро бикушт. Пас Убайда ба хидмати ҳазрати Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* омад. Пайғамбар (с) ӯро башорати Биҳишт дод. Он гоҳ мушрикон тир андохта, чаҳор-панҷ муъминонро шаҳид карданд.

Пайғамбар дар саҷда афтода, нусрат хост. Худои аззаву ҷалл ҳазор фариштa бифиристод, то бо мушрикон ҳарб карда мекуштанд. Абдуллоҳ ибни Масъуд *разияллоҳу анҳу* Абуҷаҳли лаъинро афтода дида, бар синааш нишаста, корде даркашида хост, ки бикушад. Абуҷаҳл гуфт: «Эй шубони гӯсфандон, бар синаи ман нишастӣ ва маро куштан мехоҳӣ?» Абдуллоҳ гуфт: «Шукри Худои аззаву ҷалл, ки маро бар ту музаффар гардонид». Пас ба хории тамом сари ӯро аз тан ҷудо карда, ба хидмати ҳазрати Расулаллоҳ (с) овард. Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* саҷдаи шукр ба ҷо оварда ва бештари кофирон кушта шуданду баъзе асир гаштанд ва баъзе гурехта ба ҳазимат рафтанд.

Ривоят аз асҳоб *ризвонуллоҳи алайҳим* кардаанд: Он рӯз, ки касди куштани кофирон мекарданд пеш аз он ки бар ишон бирасанд, худ ба худ сарҳо бурида меафтоданд. Он гаҳ Пайғамбар (с) фармуд то пойҳои куштагон мегирифтанд ва дар

чоххо меандохтанд. Пайғамбар бар сари чоҳи куштагон истода гуфт: «Бадбахт, ақоиби мо шумо будед». Ёронро азоб омада гуфтанд: «Ё Расулаллоҳ (с), бо куштагон суҳан мегӯй?» Гуфт: «Бо мурдагон ҳар чи бигӯянд, бишнаванд, аммо ҷавоб натавонанд дод». Он гоҳ Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* бо ёрони ҳуд музаффару масрур гашта, ба Мадина бирафт. Ва сездаҳ тан аз мусалмонон шаҳид шуда буданд.

Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* бифармуд, то асҳоб асиронро ҳозир карданд. Чашми мубораки Сайиди олам бар Уқба афтод, ки дар масҷиди Маккаи муъаззама сабадеро бар рӯи мубораки Хочаи олам андохтаву дастор дар гардани муборак карда буд. Дар он замон Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* назр фармуда, ки агар ман Уқбаро бинёбам, ба хориву зорӣ бикушам. Алӣ (а)-ро бифармуд, ки назри моро вафо кун. Амирулмуъминин Алӣ (а) ба шораи олӣ ӯро гардан зада, ба Дӯзах фиристод.

Чун Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* зане дошт Савда ном ва вақти қатли асирон ба асирон гуфт: «Шумо агар ҳарб карда дар ҷанг куштa мешудед, то ин замон ба хориву зорӣ кушта намешудед». Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* аз ин маънӣ бар Савда хашм гирифт ва талоқ дод. Ӯ ба шафоъат пеши Ойиша-хотун *разияллоҳу анҳо* рафт, зеро ки ӯ медонист, ки шафоъати Ойиша *разияллоҳу анҳо* рад намешавад. Гуфт, ки ман зане пирам ва рӯзи навбати ҳуд ҳам туро додам, ба ҷиҳати ман шафоъате кун, бошад, ки Пайғамбар (с) боз дар никоҳи ҳуд оварад, то гуноҳам афв гардад. Пас Ойиша *разияллоҳу анҳо* аз хидмати Сайиди олам шафоъат талабида, то дигар мартаба Савдаро дар никоҳи ҳуд оварад. Пас Хочаи коинот *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба Аббос (*раз*), ки асир омада буд, гуфт, ки ҳудро боз бихар. Аббос (*раз*) гуфт, ки ман чизе надорам, ба чи чиз бозхарам. Фармуд, ки мусалмон шав то озод гардонам. Пас Аббос *разияллоҳу анҳу* мусалмон шуда ва ӯро моли бисёр ҳосил гашт.

ХАБАРИ БАДЗАНН ШУДАНИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА САЛЛАМ БАР ОЙИША-ХОТУН ВА ВАҲӢ ОМАДАН БА ПОКИИ ХОТУНИ МАВСУФА РАЗИЯЛЛОҲУ АНҲО

Овардаанд, ки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* боре Бибӣ Ойиша-хотунро дар хавдаче нишонда, ба ҷанги куффор рафта буд. Чун аз ғазо бозгашта, шабе Ойиша

разияллоҳу анҳо аз ҳавдач берун омада, барои вузӯ дар саҳро рафта буд. Ва одаташ он буд, ки чун аз ҳавдач ба саҳро берун рафтӣ, дари ҳавдач кушода доштӣ, то шутурбонон бидонистандӣ, ки Ойиша-хотун барои вузӯ рафта бошад ва чун дари ҳавдач омадӣ, никобро фурӯ гузоштӣ. Он шаб ба қазои илоҳӣ гулӯбандро ба вақти вузӯ кушода дошта буд. Чунон ниҳода, ба ҳавдач расида, парда фурӯ гузошта даст ба гардан карда, гулӯбанд наёфт, боз ба шитоб аз ҳавдач берун омада, парда андохта, ба талаби гулӯбанд ба саҳро рафт. Чун он шаб баски торик буд, соъате ба тачассус таваққуф афтода. Дар он вакт лашкар кӯч карда ва шутурбонон пеши ҳавдач рафта, парда фурӯгузошта диданд, пиндоштанд, ки Ойиша-хотун (*раз*) дар ҳавдач аст. Ҳавдачро бар шутуре нишонда кӯч карданд. Чун Ойиша *разияллоҳу анҳо* боз ба манзилгоҳ омада, дид ки ҳама мардумони лашкар кӯч карда рафтаанд, мутаҳайир шуда гуфт, ки дар пайи нишон биравам пиёда ба нишон натавонам расид. Савоб он аст, то Пайғамбар (с) аз он манзил ҳавдач нафиристад, ман ҳамин ҷо бибошам.

Ва Пайғамбар (с) Сафвон *разияллоҳу анҳуро* пасравии лашкар карда буд, то ҳар чизе, ки аз хозу хошок фаромӯш мекардандӣ, то дар вакти субҳ дар тамоми чой тафаҳҳусу тачассус менамудӣ ва он чи меёфтӣ, оварда ба моликаш супурдӣ. Он вакт ҳама ҷо тафаҳҳус карда, ба манзили фурудгоҳи Ҳазрат (с) расид. Ойиша *разияллоҳу анҳоро* аз дур бидид. Пас аз шутур фуруд омада, ба хидмати ҳазрати Ойиша (*раз*) рафта гуфт: «Ё сайида, чӣ нишастай?» Ойиша *разияллоҳу анҳо* ҳама ҳол ба Сафвон *разияллоҳу анҳу* бигуфт. Сафвон ӯро бар шутури худ нишонда,миҳор ба дасти хеш гирифта мерафт. Чун Расул (а) ба манзил нузул карда, пеши ҳавдач рафта Ойиша-хотунро надид, Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳуро* ба талаби Ойиша *разияллоҳу анҳо* фиристод.

Чун Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* савор шуда мерафт, дар рох дид, ки Сафвон (*раз*) бар шутури худ Ойишаро нишонда миҳор кашида меорад, наздикаш рафта ахвол пурсид. Ойиша-хотун ҳама аҳволро ба Амирулмуъминин Алӣ (а) бозгуфт. Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* ба таъчили тамом ба хидмати Сайиди олам рафта хабар дод. Баъд аз он Ойиша ва Сафвон расида аз Расул *алайҳи-с-салоту ва-с-салом* ахволи таваққуфи худ бигуфт. Ва Ойиша низ ахволи гум шудани гулӯбанд илтимос кард. Аммо овоза дар лашкар афтод, ки Ойиша-хотун аз ҳавдач гум шуда буд ва Сафвон ба шутури хеш нишонда оварда ва мунофикони палидчой тухмат ёфтанд.

Абдуллоҳ ибни Абилаҳаб *лаънатуллоҳи алайҳи* гуфт: «Ман медонам, занони Пайғамбар ҳама рӯзгор бадӣ мекунанд». Зи-

ҳи бадбахт дуруғгӯён, ки дар хаққи покзанон чунин дурӯғ гӯянд! Ва баъзе аз мунофиқон дар хотири палиди худ оварда гуфтанд, ки Ойиша (*раз*) аз лашкар гурехтааст. Аз он рӯз бозпас монда буд, ки бо Сафвон кори бад кунад. Ва Собит Абиҳассон *лаънатуллоҳи алайҳи* газофҳо ҷавда мекарду мегуфт, ки Ойиша ҷавону Сафвон аз Пайғамбар хубтару некурӯ аст, бинобар ин бо ӯ дарсохта, пас монда буд.

Чун Расулуллоҳ ба Мадина расид, тамоми аҳли Мадина гуфтугӯй карда забони таъну тӯҳмат бар Ойиша-хотуни пок мениҳоданд. Ва Мустаҳ ном аз хешовандони Абубакри Сиддик *разияллоҳу анҳу*, ки Ойиша (*раз*)-ро парвариш дода буд, мегуфт, ки аз солҳо Ойиша бо Сафвон (*раз*) аст. Ва хоҳари Зайнаб — манкухаи Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ба кизб мегуфт, ки ман борҳо Сафвонро бо Ойиша дидаам. Ва аксари мардум аз ҷаҳли хеш инчунин дурӯғҳо мегуфтанд.

Он гаҳ шахсе махфӣ ба хидмати Расулуллоҳ (с) рафта, аҳволи Ойиша-хотунро бо дурӯғе чанд омехта бигуфт ва Мустаҳро ба гувоҳӣ хонда. Зайнаб низ рашки занон оварда, маҳалли касд ёфта гуфт: «Хоҳари ман аксар Ойиша-хотунро (*раз*) бо Сафвон дидааст». Ва аксари мардумон инчунин дурӯғҳо мегуфтанд.

Расул хотиркуфта шуд, аммо ба рӯи Ойишаи сиддика (*раз*) хеч намегуфт. Чун ба хонаи Ойиша (*раз*) омадӣ, аз дур нишаста сухан нагуфтӣ. Ойиша (*раз*) мутараддид гашта, ки Пайғамбарро (с) чӣ шудааст. Ва падару модари Ойиша (*раз*) низ шунидандӣ, аммо ба рӯи духтар хеч нагуфтандӣ.

Рӯзе модари Мустаҳ гуфт: «Лаънат бар Мустаҳ бод». Ойиша-хотун пурсид: «Чаро бар писари худ лаънат мегӯӣ, ки ӯ аз мухочирон аст?» Умми Мустаҳ гуфт: «Хеч намедонӣ, ки дар хаққи ту ӯ ва баъзе мардум чӣ таъна мезананд, аҳвол чунину чунон мегӯянд».

Ойиша (раз) пеши модар мутағайир шуда рафт, дигар бигирист, ки бар ман чунин туҳмате бастаанд, ту маро огоҳ накардӣ.

Модараш истимолат карду гуфт: «Занеро, ки шавҳар аз заноии дигар дӯсттар медорад, мардум бар он зан ҳамчунон дурӯғҳо мебанданд. Эй ҷони модар, дили хеш хуш дор!». Ойиша *разияллоҳу анҳо* гуфт: «Аз муддате Пайғамбар *(с)* аз ман дил бардоштааст, чунонки пеш аз ин буд, он чиён нест, сабабаш хамин хоҳад буд». Модар ӯро дилхуш карда, боз ба хонаи Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фиристод.

Чун ба хона расид, Расулуллоҳ илтифоте накард. Ойишаро *(раз)* ғам бар ғам афзуд. Аз он ғусса ранҷуру бемор гашт. Ва Расул *(с)* дар он беморӣ вайро напурсид.. Аз ин маънӣ

ранҷурӣ зиёдат гашт. Рӯзе Пайғамбар *(с)* дар хонаи Ойиша *(раз)* рафт. Ойиша-хотун *(раз)* гуфт, ки ё Расулаллоҳ *(с)*, ман ранҷурам, ин ҷо тимори ман намешавад, ба хонаи падар хоҳам рафт. Фармуд: «Ту донӣ, хоҳ бирав, хоҳ марав». Пас Ойиша-хотун бо канизаки худ, ки Барира ном дошт, ба хонаи падар рафт ва панҷ рӯз нахуспид. Расулуллоҳ ба иёдати ӯ нарафт, аммо ҳар вақте, ки Барира ба хона омадӣ, Пайғамбар *(с)* мепурсидӣ, ки он бемор чун аст.

Рӯзе Пайғамбар *(с)* хона холӣ карда, амирулмуъминин Алӣ ва Усома ва Барира *разияллоҳу анҳумро* ҳозир гардонида гуфт: «Шумо дар Ойиша ҳеҷ хислатҳои бад мушоҳада кардед?». Савганд ёд карда гуфтанд, ки мо дар Ойиша-хотун бадӣ надидаем ва ин ҳадис, ки мардуми дурӯғгӯён мегӯянд, бӯҳтони азим аст. Дили мубораки Ҳоҷаи олам қадре биёромид ва ба иёдат ба хонаи Абубакри Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* рафта фармуд: «Ё Ойиша, туро ҳеҷ маълум аст, ки мардуми шаҳр бар ту чӣ тӯҳмат бастаанд, агар аз ту аз ин гуноҳон ки мегӯянд, ҳақиқат чизе воқеъ шуда бошад, тавба кун ва ба Худо бозгард ва то Худои таъоло туро афв кунад». Ойиша-хотун *разияллоҳу анҳу* ин суҳан шунида, бисёр бигирист ва Абубакр *разияллоҳу анҳу* низ бигирист ва об дар чашми мубораки он Ҳазрат (с) низ омада. Ойиша *разияллоҳу анҳо* гуфт: «Ё Расулаллоҳ, ман гуноҳе накардам, чи гуна тавба кунам? Худои таъоло бар аҳволи ман муттаliъ аст ва умед медорам, ки Худои таъоло аз баракати рисолати ту бароати зиммати ман кунад ва туро маълум гардонад».

Минбаъд он Ҳазрат (с) ба макони хеш ташриф овард ва дар ин асно Худои таъоло дар покии Ойиша *разияллоҳу анҳо* оят фиристод. Ҳамчунин ҳабдаҳ оят, ки ба сураи «Нур» воқеъ аст марратун баъда ула ва карратун баъда ухро дар покию таҳорати Ойиша-хотун *(раз)* нозил шуда.

Пас Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* Ойиша *разияллоҳу анҳоро* башорати оятҳо дод. Ойиша шукри Худо ба ҷо оварда гуфт: «Худои аззаву ҷалл маро аз хабари покӣ шод гардонида, ту ки расулӣ, ба ҳаққи ман занни бад кардӣ». Абубакри Сиддиқ *(раз)* бичасту даҳони Ойиша *разияллоҳу анҳо* бигирифт: инчунин итоб бар Расули Худо натавон кард. Ва Пайғамбар (с) фармуд: «Ё Сиддиқ *(раз)*, то ҳар чӣ ба хотири ӯ бирасад, бигӯяд, зеро ки дилаш аз баски озурдааст».

Баъд аз он ояте мунзал гашт, ки ё Муҳаммад, ҷамоъате ки бар Ойиша (*раз*) тӯҳмат бастаанд, онҳоро ба ҳар яке ҳадд бизан. Муҳаммад (с) ишонро талаб фармуд ва ояти Худойро бароятон хонда Абдуллоҳ ва Абиҳасан ва Мустаҳ ва духта-

ри Ҳачаш ва ғайра ҳар якеро ҳаштод тозиёна бизад ва Ойиша *разияллоҳу анҳоро* хушдил карда, ба хона бурд. Ба ин ҳикоят дар моҳи рамазон ё шаввол аз соли шашуми ҳичрат буд.

Баъд аз он Расул (с) ғазоҳои бисёр кард ва қатли кофирону мушрикон намуд ва аз мушрикон ранҷу заҳмати бисёр дид. Чунон ки дар ҷанги Уҳуд санг бар дандони муборак расида, дандони муборак шаҳид гашта буд. *Валлоҳу аълам биссавоб.*

ҚИССАИ ҶАНГИ УҲУД.

Овардаанд, ки чун мушрикони Макка ҳазимат ёфтанд ва бисёре аз он кушта шуданду баъзе асир гашта, ба фурӯхт рафтанд, бад-он боз сохтагии ҳарб карда маъа чамми ғафир ва лашкари касир ба иродаи тохт ба сӯи Мадина равон шуданд. Ҷабраил (а) хабари он бирасонид. Машварати Расул ба иттифоқи ёрон ба-д-он қарор ёфт, ки ҳар гоҳ кофирон ба Мадина дароянд, ба ишон дарзананд. Чун муттасили Мадина даромаданд, Расул (с) зиреҳу ғайра олоти ҳарб бипӯшид ва шамшер ба даст карда берун омад. Пас ҷумла саҳобӣ мустаъидди ҳарб шуда равон шуданд.

Чун ба кӯҳи Уҳуд даррасид, Абдуллоҳ ибни Зубайр бо ҳафтод нафар найзаандоз ба муҳофизати кӯҳи мазкур гузошта, пештар шуда, Зулфиқор ба ёрон арз кард, ки аз шумо кадом кас хоҳиши Зулфиқор дорад. Абубакру Усмон ва Ҳамзаву Алӣ ва ғайра *разияллоҳу анҳум* хостанд, надод. Пас ба дасти шахсе саҳобӣ дода фармуд, ки ин теғи душмантарош аст, ба ҳушёриву пурдонии тамом сари кофирон бибур! Пас он кас исоба аз мӯзаи худ берун оварда, бар сари хеш бубаст. Он гоҳ лашкари ислом бар куффор ҳамла оварда, фатҳёб шуданд ва кофирон мунҳазим гаштанд. Ва он ҳафтод кас, ки ба ҳифозати кӯҳ маъмур буданд, шикастагии куффор дида, бо вуҷуди мамониъати Абдуллоҳ ибни Зубайр барои ғанимат фуруд омаданд. Дар ин асно куффор фурсати вакт ёфта, бар он кӯҳ дар шуда, ба лашкари ислом ғолиб омаданд. Ва ҳафтод кас аз ислом мачрӯҳу кушта шуданд ва низ дандони мубораки Пайғамбар (с) ба захми тир шаҳид гашт ва бар рухсораи шарифаш ҷароҳате падид омада ва бар башараи муборакаш хун равон гардид. Ва шахсе саҳобӣ хун аз рӯи покаш аз дасторн хеш мегирифт.

Иблиси лаъин бар сари кӯҳ баромада овозе лардод, ки Муҳаммад (с) кушта шуд. Ба истимоъи ин маънӣ мушрикон шодмон гаштанд ва лашкари ислом чаҳор гурӯҳ гардид. Гурӯҳе шаҳид шуданд ва тоифае мачруҳу хаста гаштанд ва гу-

рӯхе ғозӣ шуданд, андаке роҳи фирор паймуданд. Ва агарчи хун аз рухсори шарифаш мерехт, аммо мисли моҳи шаби чордаҳум метобид. Умари Форуқ ва ғайра саҳобӣ *разияллоҳу анҳум* таҷассускунон ба хидмати Расул (с) даррасиданд, диданд, ки хун аз дандони шикаста ҷорӣ аст.

Пас Расулро (с) дар ҷое гузошта, Абубакр (*раз*) ва ғайра саҳобӣ тангҳои аспон муҳкам карда савор шуданд ва доди шуҷоъату шаҳомат дода, аксари кофиронро ба дорулбавор фиристоданд ва аксареро асир оварда, ба фурӯхт доданд ва аксаре роҳи ҳазимат паймуданд. Ва овози Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* аз фалак то малак мерасид. Ва Аббос (*раз*) лаҷоми аспи Расули мақбул *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* гирифта истода буд, ки Ҷабраил (а) омада гуфт: «Ё Расулаллоҳ фариштагон ба мадади ту омада, сарҳои куффор аз теғи бедареғ медаранд ва наъраи Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* чунон ҳайбату тарс бар дили куффор мусаллат гардонида, ки ҳар кофире овози наърааш бишнавад, заҳра таркида бимирад ва силаҳ аз дастҳои ишон фурӯ афтад. Ва нусрату фатҳ карини ёрони ту гардад ва хотири худ маранҷону шукри Борӣ ба ҷо ор!».

Пас он Ҳазрат (с) ҳамроҳи ёрони худ болои кӯхи Уҳуд баромаданд ва аз ҳар тарафи Расул (с) ҳамроҳиёну ёрон бинишастанд. Дар ин асно Холид бо ҷамоъате кофирон болои кухи мазкур баромада, қасди Пайғамбар карданд. Ёрони ҷаррори теғгузор мавҷуд буданд, ки маъа ҳарбаҳои ҷанг дарпайвастанд ва ба зери теғи бедарағ дароварда аксареро Ҷаҳаннамобод фиристоданду аксаре нанги фирор ба худ осон гирифтанд.

Баъди замоне Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* Абусуфёнро ба домани кӯҳ дида, Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* гуфт: «Ё Абусуфён, имрӯз фирӯзии моён аст, зеро ки онон ки аз мо шаҳид шуданд, ба Ҷаннатулмаъво такя заданду мурдагони шумо ба Асфалуссофилин сарнагун монда». Пас Абусуфён аз он ҷо баргашта ва Алӣ каррамаллоҳу вачҳаҳу низ ҳасби фармудаи он Ҳазрат (с) бар пушти Дулдул савор шуда, Зулфиқор ба даст гирифта равон шуд. Чун ба куштагон расида, дид, ки Ҳамза (*раз*) ва ғайра се кас шаҳид шуданду кофирон мусла карда. Гуфт: «Ё амм Ҳамза (*раз*), агар Худои таъоло маро бар кофирон ғолиб кунад, ҳафтод касро ба ивази ту мусла гардонам.

Пас шаҳидонро бароварда, намози ҷаноза гузаронданд ва ба хок дар карда. Баъдаҳу Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳуро* ба сӯи Мадина ба тумаъниинати мардуми он ҷо фиристод.

Чун Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* ба Мадинаи мунаввара расид, Фотима-хотун (*раз*) ва ғайра мастурот гирякунон пе-

ши Алӣ (а) омаданд, зеро ки овози Иблис, ки ба вақти захмӣ шудани Ҳазрат (с) дода буд, ба гӯши сокинони Мадина хам расида. Алӣ *каррамаллоҳу вачҳаҳу* фармуд, ки хотир чамъ доред, он Ҳазрат (с) зиндаву саломат аст ва бо фатҳу нусрат дамсоз гаштем. Пас аҳли байт ва ғайра биёромиданд.

Гӯянд, ки зане пир хабари шикаста шудани дандони мубораки он Ҳазрат (с) шунида, давону гирён ба сӯи ҳарбгоҳ равон шуда дид; ки ҷаноза меоранд. Пурсид, ки ин ҷанозаи кист? Гуфтанд, ки писари туст. Гуфт: «Фидои Расули Худо бод!». Чун пештар рафт, ҷанозаи дигар дид, гуфтанд, ки ин ҷанозаи бародари туст. Гуфт: «Фидои ҷони Расули мақбул (с) бод!» Дар ин асно, ки аз Расули мақбул (с) муроҷаъат ба сӯи Мадина карда дучор шуд ва бар пои муборакаш дарафтод ва шодиҳо карду гуфт: «Ё Расулаллоҳ ҳазор фарзанду бародари ман фидои дини ту бод!» Он Ҳазрат (с) ба дилдориаш вардохта ба Мадинаи мунаввара даррасида, ки ҳар яке бар куштаи худ таъзият мекунад. Расул (с) фармуд: «Агар Ҳамзаро (*раз*) касе будӣ, бар вай низ гиристӣ ва таъзият кардӣ». Чун он зан ин сухан аз забони сидқтарҷумони он Ҳазрат (с) шунид, писару бародари худро фаромӯш карда таъзияти Ҳамза карда. Пас ҳама занон таъзияти Ҳамза карданд. Акнун расми араб чунон аст, ки агар касе барои мурда таъзият кунад, оғоз ба номи Ҳамза (*раз*) намояд. *Валлоҳу аълам биссавоб.*

ХАБАРИ ҶАНГИ БАДР-УС-СУҒРО ВА ҒАЙРА

Гуфтаанд, ки ба Маккаи муъаззама қаҳтии азим даромад ва аз он аҳли Маккаро кор ба ҷону корд ба устухон расид. Пас ҳама муттафиқ шуда, Наъим ибни Масъудро ба хавфи ин ки Расул (с) касди ҳарб кунад, ба муздурӣ гирифта, ба Мадина фиристоданд. Наъим ба Мадина расида гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), набояд, ки имсол ба ҷанг берун оӣ, зеро ки дар соли гузашта аксари ёрон шаҳид шуданд ва кофирон ҷамъият бисёр карда». Расулуллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* аз гуфтаи ӯ гӯш накарда, маъа ёрон ба сӯи Макка равон шуда, Маккаро муҳосара кард. Аммо касе аз маккиён берун нашуда, магар қадре хуфиятан ҳозир шуда, ислом оварданд. Пас аз он ҷо муроҷаъат карда, ба Мадина ташриф овард.

Соли дуюм ба зиёрати Макка ва барои гузаронидани ҳаҷҷ бо ёрони хеш ба сӯи Макка раҳгузор шуд. Пас ҳама ёрон байъат карданд ва бо шутуру дунба, ки дар ҳаҷҷ барои қурбонӣ даркор аст, равон шуданд. Хабар расид, ки маккиён ба ҳарб садди роҳ шудаанд. Расул (с) фармуд, то ба роҳе дигар, ки

сахтгузар буд, мерафтанд, ҳатто ки ба Маккаи муъаззама муттасили хонаи Хадича-хотун (раз) расида, фурудгоҳ карданд. Чун маккиён хабар ёфтанд, хар яке ба ҳарб омода шуда, берун омаданд. Ва мусалмонон, ки эҳроми ҳаҷҷ баста буданд, хостанд, ки бо ишон муқобала шаванд. Чун мушрикон наздик омаданд, ба қазои илоҳӣ ҳайбате азиму руъбе часим ба муҷарради муъоянан лашкари ислом ба ишон асар кард ва бигрехтанд.

Пас ҳама ба иттифоқи якдигар Абумасъуди Сақофӣ ва Исмоил ибни Умарро ба дарёфти маркузи ботинии он Ҳазрат (с) ба расулӣ фиристоданд. Пурсид, ки ё Муҳаммад, ба чӣ ирода омадӣ? Фармуд, ки барои гузаронидани ҳаҷҷ ва омехтагии хешовандон. Абумасъуд бозгашта гуфт, ки шумо низ биравед ва ба таъзим ӯро биёред, зеро ки ба зиёрат омадааст ва бо касе сари харб надорад ва бигуфтанд, ки ту низ мувофақати ӯ кардӣ.

Пас Исмоил ибни Умарро фиристоданд. Чун даррасид, Пайғамбар (с) фармуд, ки Исмоил даромад. Муғира ибни Саъд, ки ба дасташ теғи бурон буд, бархоста дастурӣ талабид, ки агар ҳукм фармоӣ, сари ин қосид чудо кунам. Расули мақбул (с) монеъ омада, аз он бозгардонид. Исмоил пурсид, ки ин кадом аст? Фамуд, ки писари аммаи ту. Пас кайфияти ташриф-оварӣ ба Макка пурсид. Он Ҳазрат (с) фармуд: «Ба гузаронидани ҳаҷҷ». Гуфт, ки орзуи мо хамин аст, ки имсол бозгардӣ, зеро ки моён дар қаҳти шадид гирифторем, хидмату меҳмонат аз мо нахоҳад шуд. Ва шарте дигар ин аст, ҳар кӣ аз мо ба Мадина равад ва касони ту сӯи мо оянд, монеъу музоҳими якдигар нашавем.

Расул (с) қабул кард. Боз гуфт: «Бояд ки бар ин маънӣ' хатте навишта шавад». «Наъам» гуфта, ба навиштанаш ишора фармуд. Баъд хатти сулҳ навишта, Усмон *разияллоҳу анҳуро* маъа туҳафу ҳадоё ба ҳарами Каъба фиристод. Муҷовирон Усмони Ғаниро (*раз*) гуфтанд, ки зиёрати Каъба бикун. Усмони Ғанӣ гуфт: «Маъозаллоҳ, Расули Худо бозгардад ва ман зиёрат кунам».

Дар ин асно хабаре ба лашкари ислом афтод, ки Усмони Ғаниро (*раз*) бикуштанд. Ёрон хабар дуруст пиндошта, ба куштани Исмоил мустаъидд шуданд. Боз хабари зиндаву саломат будани Усмони Ғанӣ (*раз*) ёфтанд.

Ва гӯянд, ки Абуҷандал ном шахсе аз Макка ба хидмати Расули мақбул (с) омада мехост, ки имон орад, аммо падараш ва қавм нагузоштанд. Он кас ба Усмони Ғанӣ (*раз*) дар хуфия гуфт, ки ман мусалмон шудаам, маро бубар. Усмони Ғанӣ бинобар будани куффори бисёр ва ба лиҳози икрори сулҳ натавонист ӯро биёрад. Аммо баъд аз он бо ишораи Усмон

разияллоҳу анҳу сари падарашро чудо карда, бо чумлаи мусалмон дарпайваст. Баъдаҳу зане аз мушрикон ба хидмати Расули мақбул (с) омада, имон овард. Пас касони наздикаш он Ҳазрат (с) омада, арз карданд, ки ин муҳри ту ҳанӯз хушк нашуда, чаро ахди худ бишкастӣ. Он Ҳазрат (с) фармуд, ки аҳд бо мардон буд, на бо занон. Пас мунодӣ доданд, ки ҳама лашкар чамъ омаданд. Баъдаҳу ҳадияву хайрот ба масокин намуда, ба сӯи Мадина равон шуданд. *Валлоҳу аълам биссавоб.*

ҚИССАИ ҶАНГИ ХАЙБАР

Овардаанд, ки Пайғамбар *алайҳи-с-салоту ва-с-салом* дар санаи ҳафтуми ҳичрӣ барои гузаронидани ҳаҷҷ ба Маккаи муъаззама рафт ва мушрикони Макка ба ҳасби ваъдаи худҳо аз шаҳр берун шуданд. Пас он Ҳазрат (с) андаруни Макка даршуда, тавофи Каъбаву ҳаҷҷ ва умра ба ҷо овард. Чун аз маносику аркон фориғ шуд, муроҷаъат ба сӯи Мадина фармуд. Дар ин асно Ҷаъфари Тайёр аз наздики Бакри Нуҷошӣ омада муждаи исломаш дод. Баъдаҳу хабари мусолахати Порс даррасид. Паси он ба Мадинаи мунаввара равон шуда, ба сӯи Хайбар ба азми ҷиҳод берун омада, аз чуҳудони Хайбар низ чамоъате касир ба мукобалаи лашкари ислом саф заданд. Баъдаҳу ду кас — яке аз чуҳудону дигаре аз мусалмонон берун омаданд. Пас чуҳуд бар муъмин ҳамла овард, то он мусалмон барҷаста, душашро аз бори гарони сари нопокаш начот бахшид. Ҳамчунин ҳафт кас муборизи чуҳудро паёпай ба Ҷаҳаннамобод фиристода, худ ҳам шарбати шаҳодат чашид.

Баъдаҳу Алӣ *каррамаллоҳу вачҳаҳуро* талаб фармуда. Гуфтанд, ки дарде ба чашми ӯ омадааст. Он Ҳазрат (с) дуъо кард, дарҳол шифо ёфта, бар Дулдул савор шуда, Зулфикор ба даст гирифта ва дар маърака рафта наъра бизад, то чуҳуде Мачӯфи малъун берун омада, ҳамла ба Алӣ *каррамаллоҳу вачҳаҳу* овард. Шери Худо ба як ҳамла сараш аз тан чудо намуд. Ҳамчунин чанд кас чуҳудро ба Ҷаҳаннамобод фиристод. Пас шахсе чуҳуд, ки Рустами замону исфандиёртавон буд, шеъргӯёну фахркунон берун омада, ҳамла овард. Алӣ *каррамаллоҳу вачҳаҳу* ба дафъаш пардохта, чунон зарбе зад, ки аз сар то по ба аспу зирехаш дуним сохт. Ба муъоянан ин ҳол кофирон хазимат хӯрда, ба ҳисор даршуда, калъагӣ шуданд.

Пас амиралмуъминин Алӣ *каррамаллоҳу вачҳаҳу* ба дари ҳисор расида, дари ҳисор гирифта, қуввате кард, ки ҳама ҳисор ба тазалзул омад. Пас дарвозаро барканда аз паси пушт бияндохт. Баъдаҳу Алӣ *каррамаллоҳу вачҳаҳу* ба дил хаёл кард,

ки аз ман ба чӣ тавр ҳамчунин кори сутург ба зуҳур омад. Дар ин асно овозе даромад, ки ё Алӣ, Ҷабраилро ба қуввати ту фиристода будам. Он гаҳ лашкари ислом андаруни қалъа дархазида, қатли кофирон карданд ва аксариро асир оварданду ғанимати бисёр ёфтанд. Иттифоқан аз ҷумлаи асирон зани ҷамила даромад. Он Ҳазрат (с) ӯро ба никоҳи худ даровард. Пас он хотун *разияллоҳу анҳо* аз Расули мақбул (с) шафоъат намуда, ҷизяи он қавмро мавқуф кунонида, хатте ба мавқуфии ҷизя ба маҳри он Ҳазрат (с) нависонида дод, чунончи то ҳанӯз он ба дасти ишон мавҷуд аст. *Валлоҳу аълам биссавоб.*

ХАБАРИ ВАФОТ ЁФТАНИ ОН ҲАЗРАТ САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА АСҲОБИҲИ ВА САЛЛАМ

Овардаанд, ки ба таърихи ҳаштуми зилҳиҷҷа он Ҳазрат (с) бо ҷамъе ёрон дар Арафот расида, ду ракъат намоз адо кард. Дар ин асно Ҷабраил (а) ояти сафари охират овард: қ а в л у ҳу т а ъ о л о: **Ал-явма акмалту лакум динакум ва атмамту ъалайкум ниъматӣ ва разиту лакум-ул-ислома динан.**[а]

Яъне: имрӯз камол кардам барои шумо дини шумо ва тамом кардам бар шумо ниъмати ман ва розӣ шудам барои шумо дини исломро.

Пайғамбар (с) донист, ки сафари охират кариб аст. Ва Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* фармуд: «Эй ёрон, аз мазмуни ин оят маълум мешавад, ки ҷаноби Рисолатпаноҳ аз мнёни моён ташриффармо шуда, ба хузури мукаддас мутаваҷҷиҳ шавад». Ҷумла асҳоб *ризвонуллоҳи таъоло алайҳим аҷмаъин* об дар дида карда, навҳаву зорӣ оғоз карданд. Он Ҳазрат *алайҳиссалом* ба тасаллии дилашон пардохта, ба истиғфор машғул шуд. Пас, баъд аз адои ҳаҷҷ ва муъоянан маконоти ҷадду обои худ ба сӯи Мадина ташриффармо шуда, фармуданд, ки шояд ба соли дигар ба Маккаи муъаззама омаданам нашавад. Ва дарди паҳлӯ аз он мақом пайдо шуд, чунончи сездаҳ намоз ба иқтидои Абубакри Сиддиқ *разияллоҳу таъоло анҳу* гузаронид. Ҳар гоҳ ба Мадинаи мунаввара расид, аҳли Мадина ба истиқболаш омада, андаруни Мадина бурданд.

Алқисса, охири моҳи сафар, рӯзи чаҳоршанбе дарди сару бухор ба хонаи Маймуна-хотун пайдо шуд. Чун шиддати мараз зоҳир гашт, ҳама азвочи мутаҳҳарот барои бемордорӣ ба хонаи Маймуна-хотун ташриф оварданд. Он Ҳазрат *алайҳиссалом* фармуд, ки маслаҳати шумо чист: бигӯед, ки ба хонаи кадом хотун бимонам? Ҳама дониستанд, ки мурзии муборак чи-

---

[а] Қуръон: 5, 3.

ҳати будан ба хонаи Ойиша-хотун (*раз*) монл. Билмуттафиқ гуфтанд, ки ба хонаи Ойиша *разияллоҳу анҳо* ташриф бубаред. Он Ҳазрат (с) ба дӯши аҳли байт даст ниҳода, ба ҳуҷраи Ойиша-хотун (*раз*) даррафт ва сари муборак бар зонуи хотун ниҳода бихобид. Ойиша-хотун (*раз*) даст бар синаи муборак ниҳода гуфт: «Ё Расулаллоҳ, андоми муборак бисёр гарм аст». Пайғамбар (с) фармуд: «Ё Ойиша *разияллоҳу анҳо*, фармони Ҳақтаъоло чунин аст, ки дар моҳи рабиъулаввал аз дорулфано ба дорулбақо риҳлат намоям». Ҳазрати Ойиша оҳе сард аз дили пурдард баровард. Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Ё Ойиша *разияллоҳу анҳо*, ин шарбати мавг ҳамаро чашидани аст».

Боз рӯзи дуввум, ки ҷумъа буд, Билол (*раз*) ба дари ҳуҷраи Ойиша (*раз*) даромад ва овози баланд дод: **«Ассалоту раҳимакумуллоҳу-с-салот».** Чун овози Билол (*раз*) дар гӯши муборак расид, фармуд: «Ё Ойиша (*раз*), Билолро андарун талаб кун!» Ҳазрати Ойиша (*раз*) Билолро (*раз*) талаб кард. Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Эй Билол, дар масҷид боз бирав ва бонги намоз бидеҳ ва асҳобро (*раз*) бигӯ, ки ман заъифҳолам ва Абубакри Сиддикро бигӯ, ки имомат кунад».

Билол ба ҳукми Хочаи олам ба масҷид даромаду гуфт: «Эй Абубакри Сиддиқ *разияллоҳу анҳу*, фармони хочаи олам аст, ки ту имомат кунӣ!» Ҳама ёрон шунида дар гиряву зорӣ шуданд. Боз Расул (с) Билолро (*раз*) фармуд, ки ҳар чаҳор ёрро талабида биёр! Чун ёрон даруни ҳуҷра омаданд, ҳазрати Ризолатпаноҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* дасти рости худ бар китфи амирулмуъминин Умар ибни Хаттоб (*раз*) ва дасти чап бар китфи амирулмуъминин Усмон (*раз*) ниҳода, дар масҷид омад ва ба ҳазор ташвиш намоз адо карда, баъд аз намоз васият оғоз намуд, ки эй ёрону эй бародарон, мисли шумо ман Пайғамбар (с) будам ва он чи ваҳй ҳазрати Ҷабраил *алайҳиссалом* назди ман меовард, ба шумо мегуфтам ва он чи ҳалол буд, амр менамудаму он чи ҳаром буд, аз ӯ манъ мекардам.

Ҳама ёрон дар гиряву зорӣ шуда, ҷомаҳон худро пора-пора мекарданд ва бар сари худҳо хок андохтанду оҳ баровардаанд. Абубакри Сиддиқ *разияллоҳу анҳу* даст ба сина пеши Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* истода гуфт: «Ё Расулаллоҳ, ман дишаб хоб дидаам». Расул *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Хайр бод, бигӯ чи хоб дидаӣ?» Гуфт: «Чунон дидаам, ки чодар аз сари Ойиша (*раз*) бар ҳаво шуд». Пайғамбар *алайҳиссалом* фармуд: «Касе ки инчунин хоб бинад, домоди ӯ бимирад». Ва амирулмуъминин

Умари Хаттоб (*раз*) гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), ман низ дишаб хобе дидаам». Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Эй Умари Хаттоб (*раз*), бигӯ: чӣ хоб дидай?» Гуфт: «Чунон дидам, ки адли ман шикаста шуд». Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Эй Умар (*раз*) адли чумла ҷаҳон ман будам, чун аз ин ҷаҳон биравам, адли ту хоҳад шикаст». Ва амирулмуъминин Усмон (*раз*) гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), ман ҳам хобе дидаам». Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Эй Усмон (*раз*), чи хоб дидай, бигӯ?!» Усмон (*раз*) гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), чунин хоб дидаам, ки як варақ аз Қуръон ба ҳаво паридааст». Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Эй Усмон, миёни шумо монанди вараки Қуръон ман будам, пас аз ҷаҳон хоҳам рафт. Ҷабраил бар ман ваҳй овардӣ, баъд аз ман ваҳй нахоҳад омад». Амирулмуъминин Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), ман ҳам хобе дидаам». Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Чӣ хоб дидай, бигӯ?!» Гуфт: «Чунон дидаам, ки сипари ман шикастааст». Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Эй Алӣ (*раз*), сипари ту дар ҷаҳон ман будам, чун аз ин ҷаҳон биравам, сипари ту бишканад». Амирулмуъминин Ҳасан ва Ҳусайн *разияллоҳу анҳумо* гуфтанд: «Ё Расулаллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам*, имшаб моён ҳам хобе дидаем». Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Эй ҷигаргӯшаҳои ман, чӣ хоб дидаед, бигӯед?!» Гуфтанд: «Эй ҷадди ман, чунон дидаем, ки дарахте бузург бар замин афтода». Пайғамбар *алайҳиссалом* фармуд: «Фарзандони ман, миёни шумо дарахти бузург ман будам, ки аз ин ҷаҳон хоҳам рафт». Ҳазрати Ойиша гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), ман ҳам хобе дидаам». Пайғамбар *алайҳиссалом* фармуд: «Чӣ хоб дидай, бигӯ?!» Гуфт: «Чунон дидам, ки сутуни хонаи ман шикастааст». Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Ҳар зане, ки инчунин хоб бинад, шаҳвари ӯ бимирад».

Ва баъдаҳу ҳама ёрон дар гиря шуданду оҳ баровардand. Пайғамбар (с) фармуд, ки эй ёрон, заҳмати беморӣ ғолиб шуд, Билол (*раз*)-ро бигӯед, ки дар Мадина нидо диҳад, ки ду рӯз мондааст, ки Расулуллоҳ аз доруфано ба дорулбақо рихлат хоҳад фармуд. Агар касе даъвое дошта бошад, биёяду аз Дунё аз мо биситонад, то фардои қиёмат ҳаққи касе бар ман набошад. Билол (*раз*) аз ҳукми Сайиди олам дар масҷиди Мадина овози баланд дод, ҳеҷ кас ҷавоб надод, магар Аккоша ном марде ба ҷавобаш пардохта даъвои тознёна кард. Пас Билол (*раз*) ба ҳузури Пайғамбар (с) омада арз кард, ки ё Расулал-

лоҳ, Аккоша ном марде даъвои тозиёна мекунад. Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд, то ӯро андарун талаб карданд. Чун Аккоша омад, Ҳазрат (с) фармуд: «Эй Аккоша, чӣ даъво дорӣ?» Аккоша гуфт: «Ё Расулаллоҳ, рӯзе, ки бар ҷанги Уҳуд рафта будӣ, як тозиёна бар пушти ман расида».

Баъдаҳу Пайғамбар (с) фармуд: «Эй Билол, дар хонаи Фотима (*раз*) бираву тозиёнаи ҳафтманӣ биёр!» Билол (*раз*) ба фармони Хоҷаи олам рафт ва гуфт: «Ассалому алайкум ё хотуни ҷаннат!» Ҳазрати Фотима (*раз*) фармуд: «Алайкум-ус-салом ё Билол (*раз*), барои чӣ омадай?» Гуфт: «Хоҷаи олам (с) тозиёнаи ҳафтманӣ талабидаанд». Ҳазрати Фотима-хотун (*раз*) фармуд: «Билол (*раз*), дар ин вақт тозиёна киро хоҳад зад?» Гуфт: «Аккоша ном марде аст, бар Пайғамбар *алайҳиссалом* даъвои як тозиёна мекунад». Хотуни ҷаннат фармуд, ки бигир. Баъдаҳу Билол (*раз*) тозиёнаи ҳафтманӣ гирифта, пеши Хоҷаи олам омад.

Амирулмуъминин Абубакри Сиддик *разияллоҳу анҳу* гуфт: «Эй Аккоша, мубодалаи як тозиёна дах тозиёна дар пушти ман бизану Пайғамбарро (с) бубахш!» Аккоша гуфт: «Эй Абубакр (*раз*), ту бар ҷои худ бош!» Амирулмуъминин Умари Хаттоб (*раз*) гуфт: «Эй Аккоша, мубодалаи як тозиёна бист тозиёна маро бизану Пайғамбар (с)-ро бубахш!» Аккоша гуфт: «Эй Умар (*раз*), ту бар ҷои худ бош!» Амирулмуъминин Усмон (*раз*) гуфт: «Эй Аккоша, мубодалаи як тозиёна сӣ тозиёна бар пушти ман бизану Пайғамбар (с)-ро бубахш!» Аккоша гуфт: «Эй Усмон (*раз*), ту бар ҷои худ бош!» Амирулмуъминин Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* гуфт: «Эй Аккоша, барои як тозиёна чихил тозиёна бар пушти ман бизану Пайғамбар (с)-ро бубахш!» Аккоша гуфт: «Эй Алӣ (*раз*), ту ба ҷои худ бош!» Амирулмуъминин Ҳусайн ва Ҳасан *разияллоҳу анҳумо* фармуданд: «Эй Аккоша, мубодалаи як тозиёна моёнро панҷох тозиёна бизану Пайғамбар (с)-ро бубахш!» Аккоша гуфт: «Шумоён низ бар ҷои худ бошед!»

Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Эй Аккоша, тозиёна биситону чандон ки хоҳӣ, бизан!» Аккоша тозиёна гирифта гуфт: «Эй Хоҷаи олам, ман барахнапушт тозиёна хӯрда будаму ту пироҳан пӯшидай!» Пайғамбар (с) пироҳан бикшоду Аккоша ба ҷониби пушти муборак истода шуд ва мухри нубувват дида, ба суръати тамом бӯсида тозиёнаро аз даст андохт ва бар қадами мубораки Пайғамбар *алайҳиссалом* афтоду гуфт: «Эй сарвари анбиё, ман бар пушти ту ҳаргиз наметавонам зад ва маро чи кудратест, ки ман саге қамина аз асҳоби туам. Рӯзе, ки тозиёна бар пушти ман расида

буд, ҳамон рӯз бахшидаам. Маро матлуб ин буд, ки муҳри нубувватро бубинам, то аз оташи Дӯзах раҳоӣ ёбаму оташи Дӯзах бар ман ҳаром гардад». Ва Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Эй Аккоша, акнун аз оташ озод шудӣ!»

Чун дувуми таърихи шаҳри рабиъулаввал шуд, Ҳақтаъоло фармон кард, ки: «Эй Малакулмавт, ту пеши Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* бираву дасти баста истода шав ва ҳар чи Муҳаммад *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* гӯяд, бишнаву ҷавоб бидеҳ. Агар гӯяд, чон қабз кун!» Баъдаҳу Малакулмавт ба сурати аъробӣ пеши ҳуҷраи Рисолатпаноҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* омада, дастак зад.

Ва он рӯз душанбе буд, Алии Муртазо (*раз*) зуд ба хонаи худ рафту гуфт: «Эй Фотима (*раз*), бправу дидори падари худ ҳосил кун!» Ҳазрати Фотима (*раз*) чодар бар сар кашида, гиряву зорикунон ба хонаи падари худ омад.

Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фарзи бомдод адо карда буд, ки овози Малакулмавт шунида фармуд: «Эй Фотима, кадомӣ кас овоз медиҳад, дарёб!» Пас Фотима берун омада ва сурати Малакулмавт дида, беҳуш шуд. Баъд аз он пеши Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* омаду гуфт, ки марде ба сурати аъробӣ аст, Зулфиқор дар даст дорад. Хоҷаи олам фармуд: «Ъъробӣ нест, балки шахсе аст, ки занонро бешавҳар кунаду фарзандонро бепадар. Уро андарун талаб кун!» Чун Малакулмавт даруни ҳуҷра омада, дасти баста истода шуд, Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд, ки: «Эй бародар Азроил (а), пеши ман дасти баста чаро истодай?» Малакулмавт гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), фармони Ҳаққтаъоло бар ин навъ аст!» Пайғамбар алайҳиссалом фармуд: «Эй бародар, ба зиёрати ман омадай ё барои қабз кардани чон?» Малакулмавт гуфт: «Биҳишт барои дидори ту интизор аст ва ҳавзи Кавсар мавҷи гулоб мезанад ва товусону кумриёну андалибон чумла дар рақс омадаанд ва ҳурони Биҳиштро барои ту ороста кардаанд. Манам Малакулмавт барои қабзи чони ту омадаам». Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Ё ахӣ Азроил (а), соъате таваққуф кун, то ахӣ Ҷабраил (а) биёяд». Чун Ҷабраил *алайҳиссалом* омад, Пайғамбар (с) фармуд: «Эй Ҷабраил (а), фармон буд, ки умри ман навад сол аст, шасту се сол гузашта». Ҷабраил (а) гуфт: «Фармон ин аст, ки бисту ҳафт сол туро дар шаби меъроҷ гузаштааст».

Баъдаҳу Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд, ки эй Ҷабраил (а), баъд аз ман дар Дунё фурӯ хоҳӣ

омад ё на? Гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), баъди Шумо ҳеҷ вақт фурӯ нахоҳам омад, магар даҳ бор, ки даҳ гавҳар аз Дунё хоҳам бурд». Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Кадом даҳ гавҳар хоҳӣ бурд?» Ҷабраил *алайҳиссалом* гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), аввал бор гавҳари сабр аз Дунё хоҳам бурд, ки ҳеҷ дарвешро сабр нахоҳад монд. Дувум бор гавҳари шарм аз Дунё хоҳам бурд, ки ҳеҷ касро шарму ҳаё нахоҳад монд. Сеюм бор гавҳари меҳр аз Дунё хоҳам бурд, ки ҳеҷ касро меҳр нахоҳад монд. Чаҳорум бор гавҳари адл аз Дунё хоҳам бурд, ки подшоҳонро адлу инсоф нахоҳад монд. Панҷум бор гавҳари баракат аз Дунё хоҳам бурд, ки ба чизе баракат дар Дунё нахоҳад монд. Шашум бор гавҳари саховат аз Дунё хоҳам бурд, ки ҳеҷ кас фақиронро дӯст нахоҳад дошт. Ҳафтум бор гавҳари ростӣ аз Дунё хоҳам бурд, ки ҳеҷ касро ростӣ нахоҳад монд. Ҳаштум бор гавҳари халол аз Дунё хоҳам бурд, ки ҳеҷ кас ҳалолу ҳаромро нахоҳад шиноҳт. Нӯҳум бор гавҳари амал аз Дунё хоҳам бурд, ки олимон бар илм кор нахоҳанд кард. Даҳум гавҳари баракати Қуръони мачид аз Дунё хоҳам бурд, баъд аз он осори Қиёмат падид хоҳад шуд, Исрофил (с) сур хоҳад дамид».

Пас Пайғамбар (с) фармуд: «Ё ахӣ Ҷабраил (а), ҳоли умматони ман чӣ хоҳад шуд?» Ҷабраил (а) гуфт: «Фармони Ҳақтаъоло овардам, ки Муҳаммадро бигӯ, ки умматони худро ба ман биспорад, то ба рӯзи Қиёмат ба ӯ супорам». Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд: «Алҳамду лиллоҳ» — баъдаҳу фармуд: «Ё ахӣ Ҷабраил (а), маро ғусл кӣ хоҳад дод ва кафан кӣ пӯшонад ва имомат кӣ хоҳад кард ва дафн кучо хоҳам шуд?» Ҷабраил (а) ба даргоҳи Раббулиззат рафт ва бозомада гуфт: «Ё Расулаллоҳ (с), фармон ин аст, ки Абубакри Сиддиқ (*раз*) имомат кунаду ғусл диҳад ва Алии Муртазо кафан пӯшонад ва дар ҳуҷраи Оиша (*раз*) дафн шавӣ». Баъд аз он ҳама ёрон бархостанду гуфтанд: «Ё Расулаллоҳ (с), ту аз Дунёи фонӣ ба дори ҷовидонӣ риҳлат мефармой, моёнро чизе васият кун, ки кадре аз он итминони хотир бошад». Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд, ки: «Эй ёрон, ҳалолро халол донеду ҳаромро ҳаром ва молро закот диҳеду фақиронро маҳрум нагузоред ва ҳамсояҳоро маранҷонед ва бар занону фарзандону ятимон шафкат кунед!»

Пас ҳама ёрон рухсат шуданд, магар ҳазрати Фотима (*раз*) чудо намешуду мегуфт, ки ман чи гуна рухсат шавам. Имрӯз хидмати падар кунам, зеро ки аз дорулфано ба дорулбако риҳлат менамояд ва зор-зор мегирист, ҳазрати Алӣ *каррамаллоҳу ваҷҳаҳу* манъ мекард. Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи*

ea саллам фармуд: «Ё Алӣ (а), гиряи ишон аз ин аст, ки бепадар мешавад». Ва боз фармуд, ки эй чигаргӯшаи ман, баъд аз муддати шаш моҳ ба мо хоҳӣ омад. Ҳазрати Фотима (*раз*) чун ин сухан бишунид, шод шуду аз гиря бозмонд ва аз пеши падар бархост.

Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуд, ки эй Азроил, истода шаву ҳар қадар шиддат, ки ба қабзи ҷон аст, бар ман куну бар умматони ман макун, ки ишон қудрат надоранд ва бисёр заифу камқувватанд. Малакулмавт аҳд карду гуфт, ки ё Расулаллоҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам,* ҳар уммати ту, ки баъд аз намози фариза «Оятулкурсӣ» бихонад, ҷони ӯ чунон қабз кунам, ки тифли ширхора ба пистони модар шир бинӯшаду дар хоб равад, модараш пистони худ бикашаду тифлро маълум набошад.

Баъдаҳу Малакулмавт даст бар синаи муборак ниҳод ва Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* «оҳ» бароварад. Азроил (а) гуфт: «Ё Расулаллоҳ, чаро «оҳ» бароварди?» Фармуд ки эй Малакулмавт, ман донистам, ки ту кӯҳҳои Дунё бар синаи ман ниҳодӣ, тарсам, ки бар умматони ман ҳамчунин кунӣ!

Баъдаҳу ҳама ёрон бархостанду пурсиданд, ки ё Расулаллоҳ (с), аз ин ҷаҳон меравӣ, моёнро насиҳат кун! Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* фармуданд, ки аз бадӣ парҳез кунед ва кинаро аз дил бадар кунед. Боз ёрон пурсиданд, ки ё Расулаллоҳ (с), Қиёмат кай хоҳад омад? Пайғамбар *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ҷавоб надод, магар аз ангушти шаҳодат ишорат кард. Баъзе гумон бурданд, ки баъд аз як сол хоҳад шуд ва баъзе қиёс карданд, ки баъд аз ҳазор сол ва баъзе гуфтанд, ки ба ҷуз Худои таъоло касе надонад ва ҳама ёрон ҳамчунин гумон бурданд. Пас ҷони муборак ба Ҳақ таслим кард, ва **Қолу инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун.**[а]

Баъдаҳу ҳама ёрон ҷамъ шуданду зор-зор бигристанд. Абубакри Сиддик *разияллоҳу анҳу* ғусл дод, Алии Муртазо кафан пӯшонид ва ҳама ёрон омаданду намози ҷаноза адо карданд. Ва Ҷабраил *алайҳиссалом* тамоми фариштагони ҳафт осмон ҳамроҳ оварда, шарики намоз шуданд ва ба ҳуҷраи Ойиша *разияллоҳу анҳо* дафн карданд. Ва ҳасби васияти он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* хилофат ба Абубакри Сиддик *разияллоҳу анҳу* расид.

Илоҳо, ба ҳурмати ҷони поки Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* ҷумла муъминонро тавфиқи хайр марҳамат фармояд, омин сумма омин.

[а] Қуръон: 2, 156.

Таммат билхайр

Пас аз санои фаровону сипоси бепоёни Малики дайён ва наъти Набии охируззамони азимулхулқи алийюшшон *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам,* аммо баъд: Бар муштоқони таворихи анбиёву шойиқини сияр ва ахбори асфиё махфиву мухтачиб мабод, ки ин китоби мустатоб дар ҳолоти анбиё ва кавоифи асфиё, ал-мавсум ба «Қасас-ул-анбиё»-и форсӣ ба тасҳеҳи томму танқиҳи молокаломи Ҳофизу Мавлавӣ Абдулазиз ибни Мавлавӣ Фатҳ Муҳаммад Соҳиби марҳуми Дехлавӣ дар санаи 1320 ҳичрӣ-ин-набавӣ (с) ба иҳтимоми Алӣ Баҳой ва Шараф Алӣ — тоҷирони кутубу моликони матбаъаи Муҳаммадӣ воқеъи Бомбай ба хубии хатт матбӯъ гардид.

АЗ НАШРИЁТ

Ва инак хонандаи адабдӯст «Қасас-ул-анбиё»-ро дар даст дорад, ки он дар тӯли қуруни исломӣ қолибтарин ва хонотарин асари мардуми Машриқзамин буда ва ҳам акнун имконоти интишори чунин як китоб силсилаи гусастаи «Қасас»-хоширо аз дергоҳе то ба-д-ин рӯз ба ҳам мепайвандад. Тавре ки иттилоъ аст, дар гузашта маҳофили хоссаи «Қасас»-хонӣ доир буда аксаран ровиён онро шифоҳӣ қироат мекардаанд. «Қасас-ул-анбиё» бо номҳои «Аҳсан-ул-қасас», «Сияри шариф», «Қасас» тағйир пазируфта бошад ҳам, мазомини он дар асл як буд. Ва аммо бо унвони «Қасас-ул-анбиё» чандин асари дигаре таълиф ёфта, ки бо андаке тағйир он ҳама дар асл якест. Ин асар шомили маълумоти исломӣ роҷеъ ба Олам ва Одам, амри офариниш ё хилқат, таърихи башар аз огози хилқат то ахди Паёмбари ислом мебошад. Мазомини ин китоб ба тасфияи қалбу таквияти имон ва чорасозии умури динию дунявӣ ҳидоят менамоянд. Ҳама паёмбароне, ки киссаи эшон тасвир мешавад, ваҳйи Худованд бар ростиву дурустӣ ва некиву покӣ гирифтаанд ва талқин намудаанд.

«Қасас-ул-анбиё» қабл аз ҳама офаридаи зебои олами адаб аст. Онгуна ки дар асоси киссаву асотири Юнону Рими Қадим дар адабиёти Аврупо асарҳои зебои адабиву ҳунарӣ офарида шудаанд, дар адабиёти олами ислом низ дар асоси киссаҳои «Қасас-ул-анбиё», ки мабнӣ бар сура ва оёти Қуръони мачид нигошта шудаанд, асарҳои зиёде эҷод ёфтаанд. «Искандарнома»-хо, «Юсуф ва Зулайхо»-хо бевосита дар асоси киссаҳои ин китоб эҷод шуда ва ҳамчунин ишороте ба лахзаҳои алоҳидаи киссаҳои паёмбарон, ташбеҳу истиороти зиёдеро, ки дар адабиёти ҳазорсолаи форсу тоҷик истифода шудаанд, бе донистани ин китоб дарк нахоҳем кард. Масалан, агар киссаи ҳазрати Мӯсо (с)-ро ёд надошта бошем, маънии байтҳои зерини Хоҷа Ҳофизро дарк нахоҳем кард:

Ин ҳама шӯъбадаи хеш, ки мекард ин чо,
Сомирӣ пеши асову яди байзо мекард.

Ё ин ки бидуни огоҳӣ аз киссаи ҳазрати Сулаймон (а) бо маънии ин байт бегона хоҳем буд:

Эй Худҳуди сабо ба Сабо мефиристамат,
Бингар ки аз кучо бл кучо мефиристамат.

Ҳамчунин шеъре, газале ё достоне кам пайдо мешавад, ки дар он ба киссаҳои «Қасас» ишора нарафта бошад. Бад-ин чиҳат нашри ин китоб на танҳо барои ҳаводорони насри зебои классикӣ ихтисос мегирад, балки мактабиёну, донишҷӯён, муаллимон ва ҳаводорони назмро кӯмаки зиёд хоҳад расонд.

Аз ин рӯ ҷои таассуф аст, ки чунин китобе то ҳол рӯи чопро надида буд. Ва замони он расида, ки қиссаҳои ин китоб дар мактабҳо тадрис ёбад, чунон ки олими араб Абдулваҳҳоб Ан-Наҷҷор бо дархости машоихи қисми тахассуси Донишгоҳи Алазҳари Қоҳира солҳои 30-ум ба толибилмони бахши вазъу иршод аз «Қасас-ул-анбиё» дарс мегуфт. Ҳоло ҳам дар мамолики араб мухтасари ин қиссаҳоро дар шакли китобчаҳои алоҳида барои атфоли мактабӣ нашр менамоянд.

Нусхаи «Қасас-ул-анбиё», ки инак пешкаши хонандаи гиромӣ мегардад, ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф гардида, соли 1320 ҳичрӣ (1902 милодӣ) дар матбаъаи Муҳаммадӣ (Бамбай) ба табъ расидааст. Дар нусхаи мазкур ривоят аз забони имоми маъруф Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ оғоз меёбад.

Ва инак бар асари заҳмати тахиягарон ин китоби ҷолиб ба дастраси шумо қарор мегирад. Яке аз хидматҳои шоистаи тахиягарон он аст, ки аркоми сураву оёти Қуръони каримро, ки дар нусхаи асли «Қасас-ул-анбиё» ишора наёфтаанд, пайдо намуда, дар ҳошия ишора кардаанд. Тахиягарон дар ин кори заҳматталаб аз китоби хеле муътамад ва пуразриши «Ал-Муъҷам-ул-муфаҳрас ли алфоз-ил-Қуръон-ил-карим»-и Муҳаммад Фуод Абдулбокӣ (нашри Бейрут) истифода бурдаанд, ки онро донишманди мухтарам Абдуллохи Ориёнур лутфан дастрасашон намудаанд.

«Қасас-ул-анбиё» яке аз китобҳои аввалинест, ки муассисаи нашротии чавонон «Ориёно» ба дастраси шумо хонандаи азиз гузоштааст. Кормандони ин муассиса умед доранд, шумо онро бо хушӣ қабул хоҳед кард. Ҳамчунин ҳамкорихои ҳарчи бештари шуморо дар бахши табъу нашри китобҳои ҷолиб таманно доранд.

ЛУҒАТ

А

Аблақ — ало, спёху сафед.
Авсат — мобайн, миёна.
Аднотарин — пасттарин.
Алам — байрақ, ливо.
Алғиёс — фарёд, дод.
Амин — амонатдор, нигаҳдоранда, вакил.
Амм — амак.
Аммома — имома, салла дастор.
Амолиқ (амолиқа) — гурӯҳе аз арабҳо, ки дар сарҳади Фаластин дар замони қадим истиқомат доштанд.
Аморӣ — маҳмил, ҳавдач, каҷова, таҳти равон.
Амрад — бериш, соддарух, зебо.
Амуд — ба маънои асо.
Анбоз — ҳамроҳ, ҳамсафар.
Анбон — озуқахалта, саночак.
Ансор — мададгорон, ёридиҳандагон.
Арасот — майдони Қиёмат.
Арҳом — батнҳо.
Асмор — ҷамъи *самар;* сухан, ҳикоят.
Асос-ул-байт — бисоти хона.
Асфалуссофилин — табақаи пасттарини Дузах.
Аташ — ташнагӣ.
Афвоҳ — шӯхрат ёфтан, машҳур гаштан, овоза гаштан.
Афифа — зани пок, покдоман.
Ах — бародар.
Ағёр — ғайр, бегона, дигар.
Ақим — нозой, аз насл монда, бебахра.
Аҷр — мукофот, подош.
Аҷир — муздур, нӯкар, ятим.
Ақор — замину об, мулк; мулки ғайриманқул.

Б

Бадра — ҳамён.
Барас — пес; касалие, ки дар пӯсти бадан аз пайдо шудани доғҳои сафед пайдо шавад.
Барӣ — пок, соф, холӣ.
Башшош — хандон, кушодарӯй.
Баъс — фиристодан.
Бидъат — фикру ақида ва расму қоидаҳои нав, ки мухолифи таълимоти ҳукмрони дин аст.
Бизоат — чизи фурӯшӣ, мол.
Боб — дар, дарвоза.
Бундуқ — камон, милтиқ.
Бурқаъ — парда, чашмбанд.

В

Ваҳӣ — паём ва илҳом, ки Худо ба пайғамбарон мефиристад.
Вифоқ — мувофикат, созиш.
Вом — қарз, дайн.
Вусъ— қудрат имкон.
Вусқ — бовар, эътимод.

Г

Гоҳи ҳарб — майдони ҷанг.
Гупол — гурз.
Гӯй — тӯб, тӯби чавгон; чавгон.

Д

Давлатхона — боргоҳ, қаср, сарой.
Давол — тасмаи чармин.
Дайхим — тоҷ, афсар, кулоҳи мурассаъ.
Дале — зарфи чармини обкашӣ аз чоҳ; сатил.
Дахл — даромад.
Дорайн — ду сарой (Дунё ва Охират).
Дорулбавор — дузах; ҷаҳаннам.
Дунба — гусфанд, меш.
Дурбош — найзаи душоха.

З

Забҳ— сар буридан.
Занн — гумон, андеша.
Занб — дум.

Занбил — сабад.
Зарр — манъ, боздоштан.
Зиндиқ (зандиқ) — бедин, бехудо.
Зироъ — газ; ченакест, аз орнинҷ то нӯги ангушти миёна (тахминан 48 см).
Зифдаъ — курбока, ғук.
Зифоф — тӯй, тӯи арӯсӣ.
Зод — тӯша.
Зойир — зиёраткунанда.
Зуррият — насл, авлод.

И

Ибо (або) — худдорӣ кардан.
Ибтило — дучоршавӣ ба бало; имтиҳон.
Изз — иззат, шараф.
Изн — иҷозат рухсат.
Изо — иваз; ранҷ, азоб.
Илҳоҳ — илтимос, илтиҷо, дархост.
Имзо — гузаронидан.
Инод — хусумат, ситеза.
Инсиром — қатъ шудан, бурида шудан.
Инфисол — аз ҳам гусастан, ҷудой.
Инқизо — тамом шудан, гузаштан.
Исор — бахшидан, нисор кардан.
Истидъо — дархост, талаб, хоҳиш.
Истимзоҷ — фикру ақидан касеро пурсидан.
Истимолат — дилҷӯй кардан.
Истимоъ — шунидан.
Истинҷо — худро аз нақосату палидӣ пок кардан (баъди қазои ҳоҷат).
Истифто — фатво хостан.
Истиҳқоқ — мукофот, подош.
Ифо — вафо кардан.
Ифтиро — ғапбофӣ, туҳмату бӯҳтон.
Ишкол — мушкилӣ, муаммо.
Ишо — намози хуфтан.
Иштидод — шиддат, тундӣ, сахтӣ.
Иқтизо — талаб, дархост, хоҳиш.
Иҳтимом — ғамхорӣ.
Иҷобат — қабул кардан.

К

Кавнайн — ду кавн, ду ҷаҳон.
Кайд — макр, фиреб, ҳила.
Кайл — ченак, паймона.

Калим — ҳамсӯҳбат.
Каррубӣ — фариштa, малак, фариштаи мукарраб.
Каср — шикаст, норасой.
Каффора — садака ба ивази гунох.
Кобин — пул, мулки манқул ва ғайриманқуле, ки дар вақти никоҳ домод пардохтани онро ба арӯс ба зимман худ мегирад ва дар сурати занро талоқ додани шавҳар ё мурдани шавҳар, бояд ба зан дода шавад.
Кӯштӣ — гӯштин.

Л

Лавн — ранг.
Лайта ва *лаъалла* — кошкӣ ва шояд.
Ламъон — дурахшон, равшан.
Ламҳа — лаҳза.
Лаъб — бозӣ.
Лиҳоф — кӯрпа, болопӯш.
Лобудд — ногузир.

М

Мабъус — фиристода.
Мавфур — фаровон, зиёд.
Мавъиза(т) — насиҳат, панд, андарз.
Мавъуд — ваъда додашуда.
Мазбут — устувор, мустаҳкам.
Макин — макондор.
Манкуҳа — завҷа, зани никоҳӣ.
Мансух — аз эътибор соқитшуда, бекор кардашуда.
Марзӣ — мақбул, писандида.
Мардуд — рондашуда.
Масдуд— баста.
Мафлук — бадбахт, бечиз, муфлис.
Мафқуд — гумшуда.
Махзул — хору залил гардонидан.
Махуф — хавфнок, даҳшатангез.
Машраб — ҷои обхӯрӣ.
Машраба, Мишраба — зарфи об ва шароб.
Маъа — бо, ҳамроҳӣ.
Маъзул — аз амалу мансаб дур кардашуда.
Маъкулот — хӯрокворӣ.
Маъсият — рафтори ғайри шаръ.
Маъхуз— гирифтор, ба ҷавобгарӣ кашидашуда.

Маъҳуд — аҳдшуда, муқаррарӣ.
Маҳмум — ғамгин, андӯҳгин.
Маҳок — чуқурӣ, пастӣ.
Маҳфур — афвкардашуда, омурзидашуда.
Маҳар — қароргоҳ, ҷойгоҳ.
Маҳрун — карниншуда, наздикшуда, пайваста.
Маҳҳур — дучори хашм шуда; мағлуб.
Маҳд — гаҳвора.
Маҳҳуб — фурӯтан, боҳаё, фақир.
Маҳҳур— дурафтода, ҷудогашта.
Меърож — ба олами улвӣ боло рафтани Хазрати Мухаммад (с).
Мизоҷ — сиришт, ниҳод, хулқ.
Мисоқ —аҳду паймон.
Мисх, Масх — табдил додани сурате ба сурати дигари аз аввала хунуктару бадтар.
Миҳор, Маҳор — инони шутур.
Миҷмар — оташгирак.
Муаббир — таъбиркунандаи хоб.
Муаккад — мустаҳкам, устувор, катъӣ.
Муассир — таъсирбахш, таъсировар.
Мубарро — пок, бегуноҳ.
Мувозаъат — низоъ, хусумат.
Музайян — ороста, зебу зинат додашуда.
Музахрафот — суханони дурӯғу ботиле, ки ба шакли рост дароварда шудаанд.
Мукаллал — зебу зинат додашуда.
Муназзаҳ — пок.
Мундарис — кӯҳна, фарсуда, аз байн рафта.
Мунзал — нозилшуда.
Мунозиат — хусумат, низоъ, ситеза.
Мунокаҳат — никоҳ, издивоҷ.
Мунофиқ — одами дурӯя.
Мунсиф — боинсоф, бовиҷдон.
Мунъадим — несту нобудшаванда.
Мунъим — давлатманд.
Мунқасим — ба қисмҳо ҷудо кардашуда.
Мунқатиъ — бурида, қатъшуда.
Мунқод — мутеъ, фармонбардор.
Мунҳазим — мағлуб, фирорӣ, гуреза.
Муована (т) — дастгирӣ, мададгорӣ.
Мураққаъ — порчаҳои матоъҳои гуногуни бо ҳам дӯхташуда; курок.
Мусла — нокисулаъзо гардонидан.
Мусофаҳа — даст дода вохурӣ кардан.
Мустаъид (д) — тайёр, омода.

Мустаҳақ — мӯҳтоҷ, фақир, бенаво; лоиқ, сазовор.
Мустаҷоб — иҷобатшуда, қабулшуда.
Мутааммил — андешакунанда, фикркунанда.
Мутавозиъ — фурӯтан.
Мутавотир — пай дар пай, паи ҳам.
Мутанаффир — нафраткунанда, раманда.
Мутараддид — дудила.
Мутафарриқ — пароканда, аз ҳам ҷудошаванда, парешон.
Мутолаба — ҳаққи худро талаб кардан, талаб.
Мутталеъ — огоҳ, хабардор.
Муттасил — пайваст, ҳамшафат.
Муттақи — тақводор.
Муфорақат — ҷудой, фироқ.
Мушаҷҷар — навъи матоъ, ки нақшҳои дарахтшакл дорад; зинат додашуда.
Мушир — машваратчӣ, маслиҳатчӣ.
Мушокил — монанд, мушобеҳ.
Муширик — касе, ки ба ягонагии Худои таъоло бовар надорад.
Муъзиёт — зараррасонҳо, азиятрасонҳо.
Муъин — мададгор.
Муъоваза — ивоз.
Муъонақа — бағалгирӣ, оғӯш кардани якдигар ҳангоми мулоқот.
Муқаддар — тақдиркардашуда.
Муқассир — гунаҳгор.
Муқашшар — пӯст кандашуда, аз пӯст ҷудо кардашуда.
Муқтадӣ — иқтидо ва пайравикунанда.
Муҳозӣ — рӯ ба рӯ, муқобил.
Муҳр — уштурбача.
Муҷавваф — хушк кардашуда.

Н

Надим — пушаймон, хиҷил.
Насқ — муназзам кардан, ба тартиб даровардан.
Нафоз — таъсир, нуфуз.
Нафхаи сур — боде, ки Исрофил ном фариштa дар рӯзи Қиёмат ба шайпур дамида, бо овози он ҳаман мурдагон зинда мегарданд; рӯзи Қиёмат.
Наъам — ҳа, бале.
Наълайн — як ҷуфт кафш, пойафзол.
Наҳӣ — манъ кардан; *наҳйи мункар* — манъ кардан аз корҳои бад.
Нисён — фаромӯшӣ.
Ноқа — уштури мода.

О—П

Обгина — шиша, булӯр.
Ос — осиё.
Оқира — бефарзанд, нозоӣ.
Порча — либос.

Р

Рабв — суд, фоида.
Разъат — ширмакконӣ.
Расан — тор, таноб.
Рашҳа — катра, чакра, таровиш.
Ридо — либос, чома.
Рутаб — хурмо.
Руъб — тарс, воҳима, ҳарос.

С

Сабил — духтар.
Савмаъа — ибодатгоҳ, ҳуҷраи ибодат.
Сайиба — зани шавҳардида, бева.
Сакароти марг — ҷонканӣ, талвосаи ҳангоми марг.
Сакархор — майхора.
Салоба — сахт.
Салосилу ағлол — занҷиру завлонаҳо.
Саҳоб — абр.
Саҳоба, Саҳобӣ — ҳамсӯҳбатону ҳамроҳони ҳазрати Муҳаммад (с).
Сибоъ — ҳайвони ваҳшии дарранда.
Сивои — ба ғайр аз, ба ҷуз аз..
Ситабр — ғафс, кулуфт.
Соимуддаҳр — доимо рӯзадор.
Соиқа — оташи абр, барқ.
Соъ — зарф, паймонаи ғалла.
Сутур — маркаб, чорпои саворӣ ва боркаш.
Сутург — бузург, калон.
Сутӯҳ — дилтанг, очиз, дармонда.

Т

Тааллул — баҳонаҷӯӣ, ба таъхир андохтан.
Тааттуш — ташнагӣ.
Ташаҳҳуд — ӯҳдадорӣ, кореро ба зиммаи худ гирифтан.
Табла — сандуқча, қуттии чавоҳиргирӣ.
Тавбаи насуҳ — тавбаи бернё, тавбаи катъӣ, тавбаи самимӣ.
Тавил — дароз.

Тазарруъ — илтиҷо, илтимос кардан.
Тамс — нест шудан, барҳам хӯрдан.
Танг — тасма, аил.
Танқия — пок кардан.
Тара— сабзавоти хӯрокӣ.
Таранҷабин‖Таранҷубин — арабишудаи тарангубин буда, ширааст, ки аз шабнами ба рӯи хоршутур (янтоқ) афтодаву сахтшуда ҷамъ карда мешавад ва дар тиб, ҳалвопазӣ ба кор меравад.
Тарохӣ — сустӣ, камӣ.
Тафаввуқ — бартарӣ, афзалият.
Тафарруҷ — саёҳат, тамошо.
Тафаҳҳус — чизеро аз рӯи фаросат бо аломат ва осораш дарёфтан.
Тафвиз — ба ӯҳдаи касе супурдан, вогузорӣ.
Ташниъ — бадгӯӣ, сарзаниш.
Таяммунан — табаррукан.
Таъвил — тафсир кардан, шарҳ додан.
Таъзир — ҷазо додан, коҳиш кардан.
Таъйид — ёрӣ, мадад.
Таъҷил — шитоб, тез.
Тақайюд — вобастагӣ, ба қайд овардан.
Тақвия — қувват додан.
Таҳаҷҷуд — шабзиндадорӣ.
Таҷаммул — ҳашамат, шукӯҳ; ороиш.
Тимор — ғамхорӣ кардан.
Толоб —ҳавзи калон.
Тоғӣ — нофармон, саркаш.
Тумаънинат — осоиш.
Турфатулъайн — мижа задан, лаҳза.

У

Ушр — даҳяк.
Уқда — тутила, забонгир, ба душворӣ сухан гуфтан.

Ф

Фазаъ — тарс, бим, вахм, даҳшат.
Фазиҳат — расвоӣ, шармандагӣ, беобрӯӣ.
Фазла — пасмонда, саркут, нфлосӣ.
Фоиз — комёб, муваффак.
Фоиқ — боло, болотар; беҳтарин.
Фоқа — нодорӣ, камбағалӣ.

Х

Хардал — донаи бисёр хурди зардранг, ки мазаи тезу тунд дорад ва дар хўрокворй ва тиб кор фармуда мешавад.
Хатир — бузург.
Хол — таъо.
Хотам — нигин, мўхр.
Хунук — хушбахт.
Хурд — бача, кўдак.
Хутур — ба ёд омадан.

Ш

Шаиба — шакку шубха, гумон, офат, осеб.
Шамусй — саркашй, бадхўй.
Шаниъ — зишт, қабех.
Шафиъ — дастгир, паноҳдиҳанда.
Шафоъат — авф талабидан.
Шағаф — муҳаббат, шавқу ҳавас.
Шақ (қ) — шикоф, нима.
Шаҳна — доруға, посбон.
Ширк — ягонагии Худои таъолоро эътироф накардан.
Шитоланг — буҷулаки пой.
Шориб — шаробхўр.
Шоққа — душвор, мушкил, вазнин.

Э—F

Эътикоф — гўшанишинй барои ибодат.
Fавр — умқи маъно, диққат.
Fазва — разм дар роҳи дин, ҷанг, ҳарб.
Fаммозй — суханчинй.
Fилмон — ғулом; писарбачаи хизматгузор дар ҷаннат.
Fолия — таркиби сиёҳранге аз хушбўиҳои гуногун (мушк, анбар ва ғ.).

Қ

Камл — шабуш.
Қасаб — матои ҳарир.
Қилод — гарданбанд.
Қумош — газвори абрешимй.
Курун — шоххо.
Куъуд — нишастан.

Х

Хавдач — тахти равон.
Хаворӣён‖Хавориюн — 12 нафар шогирдони Исои пайғамбар (а).
Хадд — андоза; ҷазои ҷисмонӣ барои аз роҳи дин берун баромадан.
Хаз (з) — баҳра, насиба, ҳисса.
Хаза (ҳозо) — ин.
Хасбалҳукм — тибқи гуфта.
Хаҷла — хонаи ороста барои арӯсу домод, хонаи арӯс.
Хаҷҷом — ҷарроҳ, сартарош.
Хиба — бахшидан, тӯҳфа кардан.
Хибола — никох.
Хима — хезум.
Хирқат — сӯзиш, сӯхтан.
Хиҷоб — парда.
Хован — ӯғурча.
Хомун — саҳро, замини ҳамвор, водӣ.
Хофиз — ба маънии хазинадор.
Хулла — либос, ҷома.
Хутом — молу мулк.

Ҷ

Ҷабал — кӯҳ.
Ҷавз — чормағз.
Ҷавқ — гурӯҳ, тӯда.
Ҷад (д) — бобо.
Ҷазаъ — бесабрӣ, бетоқатӣ, бекарорӣ.
Ҷалд — чусту чолок.
Ҷамми ғафир — одами бисёр.
Ҷиср — кӯпрук.
Ҷубба — либоси рӯӣ; ҷома, кабо, ки остинҳои васеъ дорад.
Ҷузбиё — номи гиёҳ.
Ҷунуд — лашкар, сипоҳ.
Ҷурм — гунох, айб.
Ҷуъ — гуруснагӣ.

ИХТИСОРАҲО

а. — алайҳиссалом.
раз. — разияллоҳу анҳу.
раҳ. — раҳматуллоҳи алайҳ.
с. — саллаллоҳу алайҳи ва саллам.

ФЕҲРИСТИ МАЗОМИНИ «ҚАСАС-УЛ-АНБИЁ»-И ФОРСӢ

Ҳамду наът. Зикри пайдоиши Коинот ва Нури Муҳаммадӣ (с) 5
Зикри Азозил *алайҳиллаъна* 13
Зикри қабули тавбаи Одам *алайҳиссалом* 27
Қиссаи ҳазрати Шис *алайҳиссалом* 33
Қиссаи ҳазрати Идрис *алайҳиссалом* 34
Қиссаи ҳазрати Нӯҳ *алайҳиссалом* 36
Қиссаи ҳазрати Ҳуд *алайҳиссалом* 42
Қиссаи ҳазрати Солиҳи пайғамбар *алайҳиссалом* . . . 48
Қиссаи ҳазрати Иброҳими Халил *алайҳиссалом* 50
Қиссаи берун омадани ҳазрати Иброҳим *алайҳиссалом* аз оташ 58
Қиссаи маскан сохтани Иброҳим *алайҳиссалом* 61
Зикри боз омадани Иброҳим *алайҳиссалом* 66
Зикри Қурбон кардани ҳазрати Исмоил *алайҳиссалом* . . 68
Зикри бино кардани хонаи Каъбаро ҳазрати Иброҳим *алайҳиссалом* 71
Қиссаи ҳазрати Лути пайғамбар *алайҳиссалом* 76
Зикри вафоти ҳазрати Исмоил *алайҳиссалом* 80
Қиссаи Исҳоқ ва Яъқуб *алайҳимоссалом* 81
Қиссаи ҳазрати Юсуф *алайҳиссалом* 84
Қиссаи «Асҳоби Каҳф» 128
Қиссаи Шуъайби пайғамбар *алайҳиссалоту вассалом* . . 133
Қиссаи ҳазрати Юнуси пайғамбар *алайҳиссалом* 134
Қиссаи ҳазрати Аюби пайғамбар *алайҳиссалом* 139
Қиссаи Искандари Зулқарнайн *алайҳирраҳма* 145
Зикри Фиръавн *алайҳиллаъна* ва пайдоиши ҳазрати Мӯсо *алайҳиссалом* 154
Ҳиҷрат фармудани ҳазрати Мӯсо (а) аз Миср ва омадан ба Мадян назди Шуъайб *алайҳиссалом* 164
Муроҷаъат фармудан ва ба дараҷаи рисолат расидани ҳазрати Мӯсо ва даъват намудан Фиръавни лаъинро ҳасби иршоди ҷаноби Бори таъоло 168
Берун рафтани Мӯсо *алайҳиссалом* маъа Бани Исроил аз Миср ва ғарқ шудани Фиръавн бо қавми хеш ба дарё . . 185
Рафтани ҳазрати Мӯсо *алайҳиссалом* ба кӯҳи Тури Синин ва парастидани қавмаш гӯсоларо 188
Зикри Сомирӣ ва гӯсолапарастии қавми Бани Исроил . . 191
Зикри Қорун *алайҳиллаъна* ва ҳалок шудани он . . . 196
Зикри Омил—мақтули ибни Сулаймон 200
Зикри гов 201
Зикри Авҷ ибни Анақ *лаънатуллоҳи алайҳи* 203
Зикри мулоқӣ шудани Мӯсо ва Хизр *алайҳимоссалом* . . 208

Зикри вафоти Хорун ва Мӯсо *алайҳимоссалом* 212
Қиссаи ҳазрати Юшаъ *алайҳиссалом* 214
Қиссаи Колуб ва Харқил *алайҳимоссалом* 218
Қиссаи ҳазрати Илёси наби *алайҳиссалом* 219
Қиссаи ҳазрати Ҳанзала *алайҳиссалом* 221
Қиссаи ҳазрати Ишмуйил *алайҳиссалом*. Зикри подшоҳ шудани Толут 224
Зикри корзор кардани Толут бо подшоҳ Ҷолут ва кушта шудани Ҷолут ба дасти Довуд *алайҳиссалом* 226
Зикри қасд кардани Толут Довуд *алайҳиссаломро* . . . 229
Қиссаи ҳазрати Довуд *алайҳиссалоту вассалом* 230
Зикри ибтило шудани ҳазрати Довуд *алайҳиссалом* . . . 231
Мисҳ гардидани кавме аз Бани Исроил дар аҳди ҳазрати Довуд (а) 239
Зикри Лукмони Ҳаким ва васияти ӯ ба писар 241
Қиссаи ҳазрати Сулаймон *алайҳиссалоту вассалом* . . . 245
Даъват кардани ҳазрати Сулаймон *алайҳиссалом* ҷумла махлукро 247
Мулоқӣ шудани ҳазрати Сулаймон *алайҳиссалом* бо подшоҳи мӯрон 248
Пайғом овардани Ҳудҳуд аз Сабо — мулки малика Балқис . 250
Рафтани Сулаймон *алайҳиссалом* ба шаҳри Сайдун ба азми чиҳод ва кушта шудани подшоҳи он ҷо 257
Зикри мубтало шудани Сулаймон *алайҳиссалом* дар миҳнату ранҷ ба сабаби баъзе таксир, ки саҳван аз ӯ ба вуқӯъ омада 258
Қиссаи ҳазрати Узайри пайғамбар *салотуллоҳи ва саломуҳу алайҳи* 263
Қиссаи ҳазрати Закариёи пайғамбар *алайҳиссалоту вассалом* 264
Қиссаи ҳазрати Яҳёи пайғамбар *алайҳиссалоту вассалом* . 266
Қиссаи Ҷирҷиси пайғамбар *алайҳиссалоту вассалом* . . . 267
Қиссаи ҳазрати Шамъун *алайҳиссалом* 272
Қиссаи таваллуд шудани ҳазрати Марям—модари Исо *алайҳиссалом* 274
Қиссаи таваллуд шудани ҳазрати Исо ибни Марям *алайҳиссалом* 276
Зикри вафоти ҳазрати Марям *разияллоҳу таъоло анҳо* ва бар осмон рафтани Исо *алайҳиссалом* 282
Зикри мулоқӣ шудани ҳазрати Исо *алайҳиссалом* бо сари пӯсидаи Ҷумҷума 285
Қиссаи ба раҳм омадани Нури ҳазрати Рисолатпаноҳ Муҳаммади Мустафо *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* . 291
Зикри подшоҳии Абраҳа 293
Зикри рафтани Абдулмутталиб ба таҳнияти Сайф Зиззамон, ки баъди мурдани Абраҳа ба тахт нишаста буд 294
Зикри Абдуллоҳ — падари ҳазрати Рисолатпаноҳ *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ва баъзе муъҷизоти он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам*, ки дар ҳини будан шиками модар воқеъ шуда буд 296
Зикри вилодати он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* 298
Ҳолоти Абдулмутталиб, ки ба шаби таваллуди он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* дида буд . . . 300
Зикри Ҳалима *разияллоҳу анҳо*, ки дояи он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* буд 302
Зикри рафтани он Ҳазрат *алайҳиссалоту вассалом* ба хонаи

ҷадду хол ҳамроҳи модари хеш ва падруд фармудан ҷаҳонии фониро Омана-хотун *разияллоҳу анҳо* ба ҳини мурочаъат дар аснои роҳ ва вафот кардани Абдулмутталиб ва рафтан ҳамроҳи Абутолиб ба тарафи Шом ва мулоқӣ шудан бо роҳиби Сархиш дар аснои роҳ 309
Зикри дигар бор шигофтани синаи мубораки он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ва никоҳ кардан Хадичахотун *разияллоҳу анҳоро* ва дигар ривоёте, ки қабл аз никоҳ ба вуқӯъ омада 311
Зикри шаклу ҳайъат ва аҳволу асмои азвочи мутаҳҳарот ва баъзе хасоили писандидаи он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* 319
Хабари шигофта шудани синаи мубораки он Ҳазрат (с) мартабаи солис ва ваҳй овардани Ҷабраил *алайҳиссалом* . . 325
Зикри меъроҷи он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* 337
Баён фармудани он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* ҳақиқати меъроҷ ва мусалмон шудани яҳудӣ ва ғайра 349
Зикри баъзе хасоиси камолот ва муъҷизоти он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* 351
Хабари ҳиҷрат фармудани он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* 361
Хабари ҷанги Бадр-ул-кубро . . . . . [illegible]
Хабари бадзанн шудани он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам* бар Ойиша-хотун ва ваҳй омадан ба покии хотуни мавсуфа *разияллоҳу анҳо* 367
Қиссаи Ҷанги Уҳуд 371
Хабари Ҷанги Бадр-ус-суғро ва ғайра 373
Қиссаи Ҷанги Хайбар 375
Хабари вафот ёфтани он Ҳазрат *саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва асҳобиҳи ва саллам* 376
Хотимаи табъи китоб 383
Аз нашриёт 384
Луғат 386

«ҚАСАС-УЛ-АНБИЁ»

Мусаввир
Омельченко Л.

Муҳаррирони техникӣ *Исҳоқов И.*,
Любицкая Т.

Мусаҳҳеҳ *Неъматзода З.*

Ҳуруфчин *Олимов Р.*

Саҳифабанд *Хомидов А.*

БП № 97

Ба матбаа 5.04.91 супурда шуд. Ба чопаш 23.09.91 имзо шуд. Андоза 60×84¹/₁₆. Коғази чопии № 2. Хуруфи адабӣ. Чопи баръаста. Чузъи чопии шартӣ 23,25. Чузъи нашрию ҳисобӣ 26,75. Адади нашр 100.000 (бараориши аввал 50.000). Супориши № 4242. Нархаш шартномавӣ.

Вазорати матбуот ва иттилооти ИЧШС. Иттиҳодияи «Маркази умумииттифоқии китоби чавонон», «Ориёно», ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Матбааи аввалини Кумитаи давлатии Республикаи Тоҷикистон оид ба матбуот, ш. Душанбе, хиёбони Ленин, 37.